ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2018. №8. Қисми II

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2018. №8. Часть II

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2018. No.8. P. II

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2018

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Раҳмонзода Абдуҷаббор Азиз	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Юсуфзода Носирҷон Салимӣ	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айни*
Раҳматуллозода Сахидод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*
Назарзода Сайфиддин	*Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АИ ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва назарияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*
Абдуллозода Масрур Аҳмад	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АИ ҶТ*
Саидов Ҳалимҷон Азизович	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Хоҷаев Давлатбек	*Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2018. – №8. Қ. II. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0038/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: 10.**01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.***

Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.

Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҳойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2018

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафарализода Худжамурод Куддуси	*Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Рахмонзода Абдуджаббор Азиз	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета*
Юсуфзода Носирджон Салими	*Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни*
Рахматуллозода Сахидод	*Доктор филологических наук, профессор, директор Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Назарзода Сайфиддин	*Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки Академии наук Республики Таджикистан*
Исмоилов Шамсулло Исмоилович	*Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и теории языкознания Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде*
Абдуллозода Масрур Ахмад	*Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент АН РТ*
Саидов Халимджон Азизович	*Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета*
Мамадназаров Абдусалом	*Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета*
Нагзибекова Мехринисо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета*
Дустов Хамрохон Джумаевич	*Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета*

Вестник Таджикского национального университета. Серия филологичесих наук.
– 2018. – №8.Ч. II. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №0038/ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

© ТНУ, 2018

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 8 times a year.

CHIEF EDITOR:

Imomzoda Mukhammadyusuf Saidali	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Rahmonzoda Abdujabbor Aziz	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Yusufzoda Nosirjon Salimi	*Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini*
Khorkashev Sakhidod	*Doctor of Philology, Professor, Director of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Nazarzoda Saifiddin	*Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan*
Ismoilov Shamsullo Ismoilovich	*Doctor of Philology, Professor of the Tajik language and theory of linguistics of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda*
Abdullozoda Masrur Akhmad	*Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University*
Abdusattorov Abdushukur	*Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Tajik National University*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Saidov Khalimdzhon Azizovich	*Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University*
Mamadnazarov Abdusalom	*Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Khodzhaev Davlatbek	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University*
Dustov Khamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University*

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2018. – №8. P II. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.

The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2018

УДК: 891.550:491.550 (09)

АСОСҲОИ ТАЪРИХИИ ДАСТУРҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИРО УСТУВОР МЕБОЯД КАРД

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баррасиҳои забоншиносӣ ҳанӯз аз дастовардҳои юнониёни қадим оғоз гардидааст. Аз ин ҷост, ки илми забон решаҳои хеле қадим дошта, аз мақому манзалати ин илм дар низоми улум дарак медиҳад. Нахустин донишҳои забоншиносӣ дар заминаи дастури забон сурат гирифтааст ва грамматикаҳои меъёрӣ дар ҳар забон муҳим аст. Истилоҳи «грамматика» дар зинаҳои ибтидоии пайдоиши худ маънии саводи хондан ва навиштани хатро дошт. Аз ин ҷост, ки дастури забон – грамматика, чи дар Юнони бостон ва чи дар асрҳои қадиму миёна поя ва асоси омӯзишро ташкил дода, илми дуруст хондану навиштан маҳсуб меёфт. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳама гуна грамматика, хоҳ грамматикаи илмӣ бошад хоҳ таълимӣ, бояд савияи забонфаҳмӣ, сухандонӣ, нутқи шифоҳию хаттии соҳибони забонро боло бардорад, барои сиҳатии калом мадад расонад ва асолати забонеро, ки бо он грамматика таълиф шудааст, дошта бошад. Агар аз ҳамин дидгоҳ мо ба грамматикаҳои мактабиамон (хоҳ мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, хоҳ макотиби олӣ) ва грамматикаи илмиамон нигоҳ кунем, мебинем, ки дар онҳо асолати таърихии забони тоҷикӣ камтар аст. Аз ин ҷост, ки грамматикаҳои мо, ҳарчанд ки дар таҳияи онҳо бисёр донишмандони шинохтаи аҳди шӯравии тоҷик ва донишмандони забоншиноси имрӯзи тоҷик заҳмати зиёде кашидаанд, вале аз ҷониби доираи васеи мутахассисон, аҳли қалам ва хонандагон хуш пазируфта намешаванд, балки ба нуктагириҳою назариёти манфӣ дучор ҳам мешаванд. Ин ба назари мо ба ду иллати асосӣ вобаста аст: якум, дар тамоми грамматикаҳои мо (хоҳ мактабҳои ҳамагонию олӣ ва хоҳ илмӣ) аз осори мансуру манзуми классикӣ қариб ки маводе оварда намешавад. Маводе, ки чун шоҳид оварда мешавад, асосан, аз насри муосири адабиёти тоҷик мебошад. Пас, грамматикаҳои мо дастурест бар асоси насри адабиёти муосир ва барои азбаркунии қавонини нигориши насри муосир. Агар мо ба таълифоти донишмандони тоҷик, донишмандони шарқшиноси собиқ иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ назар кунем, мебинем, ки онҳо ташаккул ва таҳаввули забони адабии меъёрии тоҷикиро ба асрҳои IX-X нисбат медиҳанд, пас дар таълифи грамматикаи ба ном забони адабии тоҷик чаро ин таърихиятро сарфи назар мекунем?! Домани ин баҳс хеле густурда буда, мо онро ҳоло мавқуф гузошта, мухтасар сари иллати дуюм баъзе мулоҳизаҳоямонро иброз менамоем. Иллати дуюм ин аст, ки дар грамматикаҳои мо аз афкори забоншиносии гузаштаамон на ёд шудаасту на истифода, бештар такя ба назарияи забоншиносии рус ва аврупоӣ шудааст. Ва бояд дар навиштану таҳияи грамматикаи забони адабии тоҷик хоҳ грамматикаи таълимии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бошад, хоҳ олӣ аз анъанаи гузашта, яъне афкори забоншиносии донишмандони классикиамон истифода кунем, то ки таърихияту асолати илми забоншиносии худамонро таъмин намоем. Ин ҷо шояд ду андеша пеш ояд: якум ин, ки на ҳамаи андешаҳои гузаштагонамон дар шарҳи масъалаҳои забоншиносӣ қобили қабуланд. Дуруст аст, ки на ҳамаи онҳо аз диди имрӯзи забоншиносӣ саҳеҳу комиланд, аммо мо бояд ба хотири арзиши таърихиашон онҳоро таҳлилу таҳқиқ намуда, андешаҳои дурустро ҷудо сохта, истифода кунем ва моҳияти таърихии онҳоро нишон диҳем. Дуюм, шояд андешае пайдо шавад, ки афкори забоншиносии гузаштаи мо дар зери таъсиру нуфузи низоми грамматикаи забони арабӣ буд ва истифода аз он зарурат надорад. Аввал ин ки чаро таъсири назарияи забоншиносии рус ва аврупо ба забоншиносии мо ҳамагӣ дар ҳудуди ҳафтод сол аст, мо аз он то имрӯз баҳра мебарем, аммо афкори забоншиносие, ки таъсири он ба забоншиносии мо зиёда аз ҳазор сол аст, нодида мегирем. Дигар ин ки дар шаклгирии низоми грамматикаи забони арабӣ саҳми донишмандони ориёӣ хеле назаррас аст, ки дар ин замина то ҷое дар он таъсири андешаҳои онҳо низ дида мешавад. Ниҳоят, ҳанӯз аз асри X шуруъ гардида, дар паҳлуи грамматикаи забони арабӣ, рӯ овардан ба асолати забони форсии дарӣ, яъне тоҷикӣ, пайдо мешавад ва баъзе қонуну қоидаҳои дастури забони тоҷикӣ ошкор гардида, тавзеҳ дода мешаванд ва муҳиммии таълифи дастури забони тоҷикӣ ва таълими он ба миён гузошта мешавад. Дар ин бобат, махсусан, хизмати донишманди ҳамадон Абӯалӣ Сино ниҳоят бузург аст.

Абӯалӣ Сино таълими асосҳои дастури забонро хеле муҳим шуморида, дар рисолаи «Тадбири манзил» мегӯяд: «Дар мартабаи аввал бояд «Қуръон»-ро биомӯзанд (яъне дар

назар дорад маталлиминро) ва нишонаҳои динро ба ӯ талқин кунанд ва усули қавоиди забонро таълим намоянд» [3, с. 44].

Тавре ки аз ин қавли Абуалӣ Сино бармеояд, ӯ таълими асосҳои дастури забонро дар тарбияи солими наврасон аз омилҳои муҳим дониста, онро дар баробари ҳифзи китоби муқаддаси «Қуръон», донистани аркони дин муҳим меҳисобад. Воқеан, забон, ки яке аз нишонаҳои асосии шинохти халқу миллат аст, қонунҳои он, яъне илми марбути он низ ба ҳамон андоза муҳимму зарур мебошад.

Навиштаҷоти гуногуни то аҳди ислом ва мавҷудияти ду фарҳанги замони Сосониён бо исми «Oim-evak» ва «Фарҳанги паҳлавик» аз қадимӣ будани афкори забоншиносии ин мардумон дарак медиҳанд. Манбаъҳои дастрасеро, ки аз асри Х то асри ХХ дар боби забоншиносии тоҷик маълумот додаанд, ба эътибор гирем, барои равшан намудани манзараи забоншиносии тоҷик то замони собиқ Шӯравӣ маводи басанда дода метавонанд.

Дар осори илмии Абӯалӣ Сино оид ба аксари масоили марбути бахшҳои забоншиносии тоҷик шарҳу тавзеҳи ҷолиб дида мешавад. Масалан, Абӯалӣ Сино, ҳарчанд ки бо забони арабӣ бошад ҳам, оид ба илми савтиёт (ба таъбири Абӯалӣ Сино ҳуруф) рисолаи алоҳидае бо исми «Махориҷ-ул-ҳуруф ё асбоби ҳудус-ул-ҳуруф» таълиф намуда, оид ба махраҷи ҳосилшавии овозҳои нутқ маълумоти пуразише додааст. Чунончи, ӯ дар бораи ҳосилшавии овозҳои «ҳ» ва «ъ» чунин мегӯяд:

«Падид омадани «ҳо»-и ҳуттӣ монанди «ъайн» аст, ба ҷуз он ки кушодагии ғузруфи беном тангтар аст ва ҳаво аз гулӯ рост намегузарад, балки ба берун майл мекунад, то рутубатро бифишорад ва пеш бironад ва аз кашонда шудани аъзои рутубат ба пеш сурати «ҳо» падид меояд» [1, с. 232].

Мутахассиси фонетикаи таҷрибавӣ, профессори шодравон Т. Хаскашев дар мавриди ҳосилшавии ҳамин овозҳои нутқ чунин ибрози андеша кардааст: «Ковокии гулӯ пеш аз холигии даҳон ва бинӣ ба як конуси кӯтоҳи нисбатан кушод шабоҳат дорад. Дар болои ин конус ду сӯрох мавҷуд аст, ки ба ковокии бинӣ мераванд, вале метавонанд ба воситаи коми нарм (пардачаи ком) пӯшида шаванд. Қисми мобайни ин найча, ки онро ҳалқум меноманд, ба холигии даҳон ҳамроҳ мешавад. Дар қисми ақиби ин найча мушакҳое дида мешаванд, ки бо кашида шудани худ метавонанд ҳалқро ба пеш ҳаракат диҳанд ва овозҳоро (масалан, дар забони тоҷикӣ «ъ» «ҳ») ба вуҷуд оранд» [4, с. 176].

Тавре аз муқоисаи фавқ бармеояд, хулосаи профессор Т. Хаскашев ба андешаи Ибни Сино мувофиқ аст. Пас, чаро назари ин донишманд дар боби савтиёти дастурҳои забони тоҷикӣ инъикос наёбад. Барои тақвияти ин фикр шарҳи ин донишмандро боз дар бораи се овози садонок меорем. Ӯ мегӯяд: «Алиф»-и мусавват ва хоҳари ӯ «забар», ба гумони ман, махраҷи ин ду раҳо кардани ҳавост ба равонӣ ва бемуҳозамат. «Вов»-и мусавват ва хоҳараш «пеш», ба гумони ман, аз раҳо кардани ҳаво бо каме танг кардани махраҷва андак майле ба боло падид меояд. «Ё»-и мусавват ва хоҳари ӯ «зер» аз раҳо кардани ҳаво ва бо андак тангии махраҷва каме майл ба поин ҳодис мешавад. Амри ин се ҳарф ба ман душвор аст, аммо ин қадар ба яқин медонам, ки «алиф»-и мамдуди мусавват дар замоне бештар ё ду баробари замони «забар» воқеъ мешавад ва «забар» дар кӯчактарин замоне, ки дар он интиқол аз ҳарфе ба ҳарфи дигар мумкин бошад. Ва низ чунин аст нисбати «вов»-и мусавват ба «пеш» ва «ё»-и мусавват ба «зер» [1, с. 237].

Оид ба ҳосилшавии овозҳои нутқ ва узвҳои овозсоз дигар донишмандони гузаштаи мо низ изҳори назар кардаанд. Масалан, Носири Хусрав (асри XI) дар ин бобат андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Пас гӯем, ки қавл набошад мар аз мардум ба овоз ва овоз набошад мар аз берун ҷастани ҳаво аз миёни ду ҷисм. Ва то овозе кашида, яъне дароз набошад, сурати қавл ба ӯ нанишинад ва то ҳаво андар чизе, ки мар ӯро бигирад, боздошта нашавад ва аз он чиз мар ӯро ба фишурдан бар раҳгузоре танг берун гузаштан нашавад, овози дароз ки мар ҳаюлои қавлро шояд ба ҳосил наояд, чунон ки нафси мардум мар ҳаворо ба шуш андар кашад ва андар ҷавф (ковокӣ)-и он олат боздорандаш. Он гоҳ шуш мар бодро ба сина фаро афшорад ва мар гузаргоҳи он бодро, ки ҳалқум аст, чунонки хоҳад фарохтар ва тангтар ҳамекунад, то овози дароз ба берун омадани он ҳаво аз миёни шуш мар ӯро бар маҷрои ҳалқум ҳосил ҳамешавад, ки он мар пазируфтани қавлро бишояд» [3, с. 113].

Дар шарҳи дигаре, ки Носири Хусрав меорад, назари ӯ оид ба ҳосилшавии овозҳо ва узвҳои овозсоз боз равшантар ифода меёбад, чунончи: «… овоз ба ком андар афтад, нафс мар ӯро ба миёни кому дандонҳо ва лабҳову забон бибарад ба ҳарфҳои таркибкарда ва баъзеро аз он чун овози буридашуда ба роҳи бинӣ фурӯ гузорад ва баъзеро бо роҳи даҳон то мар ҳарфҳоро кушода ва бе кундиву айб падид оварад. Пас, гӯем: овози дароз ба масал чун хатест рост кашида» [3, с. 113].

Ҳамин гуна шарҳи фонетикиро мо дар осори илмии донишманди дигари асримиёна Хоҷа Насируддини Тусӣ ҳам дида метавонем. Дар «Меъёр-ул-ашъор» ном асараш оид ба овозҳои садоноку ҳамсадо чунин гуфтааст: «… ҳуруф дар асл ду навъ бувад: яке мусаввит (садонок), яке мусаммит (ҳамсадо). Ва мусаввит ё мақсур (кӯтоҳ) аст ё мамдуд (дароз). Ва мақсур ҳаракат бошад, монанди заммат, фатҳат ва касрат. Ва мамдуд ҳуруфи мад (д), ки ахвоти (шарики) он ҳаракат бошад… Ва ҳуруфи мусаммит боқии ҳуруф аст» [3, с. 94].

Чунин шарҳи фонетикиро мо дар ҳамаи осори ба улуми адабӣ бахшидаи донишмандони классикиамон мушоҳида менамоем. Ва муҳиммии ин масъала дар он аст, ки дар низоми улуми таълимии гузашта донистани ин ҷиҳатҳои савтиёти забони тоҷикӣ зарур шумурда мешудааст, чаро ки дар як дастури таълимие, ки донишманди асри XVI Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бо исми «Чаҳор гулзор» барои мубтадиён (навомӯзон) таълиф намудааст, дар бораи алифбо, ҳарфҳо ва номи онҳо маълумот дода шудааст. Масалан, дар гули аввали гулзори якум ӯ мегӯяд: «Бидон, ки асмои ҳуруфи таҳаҷҷиро устодони Аҷам ба се қисм тақсим сохтаанд: аввал – мастурӣ, дуюм – малфузӣ, сеюм – мактубӣ. Мастурӣ он аст, ки ба ду ҳарф навишта шавад ва он дувоздаҳ исм аст: бо, то, со, ҳо, хо, ро, зо, то (т-и иткӣ), зо (з-и изгӣ), фо, ҳо (ҳ-и ҳаваз), йо. Ин дувоздаҳ асмо ба талаффуз ошкоро намешаванд, балки ба ҳар яке аз ин асмо ба ҷойи «алиф» «ё»-и маҷҳул малфуз мегардад. Монанди: «бе» ва «те» ва «се» ва ғайра … Малфузӣ онро мегӯянд, ки ба се ҳарф марқум гардад ва охираш монанди аввал талаффуз наёяд ва он сездаҳ исм аст: алиф, ҷим, дол, зол, син, шин, сод, зод, ъайн, ғайн, қоф, гоф ва лом. Мактубӣ онро номанд, ки низ ба се ҳарф марқум шавад ва охираш аз қисми аввал бошад ва он се ҳарф аст: мим, нун ва вов» [6, с. 13].

Пас аз ин, - мегӯяд Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ин се қисмро ҷамъ кунем, 28 ҳарф мешавад, ки аз онҳо 20 ҳарф барои забони арабию тоҷикӣ муштараканд, 8 ҳарф хосси забони арабӣ буда, дар забони тоҷикӣ мустаъилан нест. Чаҳор ҳарфи дигар: «пе», «че», «же», «гоф» махсуси забони тоҷикӣ аст, ҳамроҳ намоем, каломи забони тоҷикӣ иборат аз бисту чаҳор ҳарф мешавад ва каломи арабӣ аз бисту ҳашт ҳарф.

Имрӯз, ки мо ба асолати забонамон, таърихияти он сахт эҳтиёҷдорем, бояд таърихияти дастурҳои забонамонро бо ишораю истифода аз ин манбаъҳои илмии гузаштагонамон устувору қавӣ созем.

Ҳамин гуна қайду тавзеҳот дар осори илмию таълимии гузашта доир ба масъалаҳои вожашиносӣ низ дида мешавад. Масалан, дар оғози «Луғати фурс»-и Асадии Тусӣ омадааст: «Номҳои осмон: **сипеҳр, чарх, гуразмон, гардун**. **Чарх**ро далели наҳиме бояд, ки маъруфтар аст, агар чархи сипеҳр гӯйӣ ва чархи осмон дуруст аст ва агар фалакчарх гӯйӣ ҳамин аст, аз он ки осмон ҳам он аст ва фалак ҳам он ва лекин ҳамаи чарх осмон нест» [3, с. 55].

Дар ин фарҳанг оид ба номҳои офтоб, бурҷҳои фалак, дигар саёраҳо, муродифоти онҳо қайдҳои ҷолиб оварда шудааст, ки барои бахши вожашиносӣ (Лексикология)-и забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ маводи муҳим дода метавонад.

Дар асари донишманди охири асри XI ва аввали асри XII Замахшарӣ «Муқаддимат-ул-адаб» оид ба вожаҳои арабӣ ва тарҷумаи онҳо ба хоразмӣ ва форсии тоҷикӣ луғати сезабона оварда шудааст, ки аз нигоҳи вожашиносии таърихӣ аҳамияти калон дорад.

Оид ба категорияҳои луғавии муродифот, ҳамшаклии вожаҳо, антонимҳо, сермаъноӣ аз як даста осори илмию таълимии гузашта маълумоти зарурӣ пайдо кардан мумкин аст. Масалан, дар асари донишманди асри XIII Насируддини Тусӣ «Асос-ул-иқтибос» оид ба муродифоти калимаҳо чунин шарҳе оварда шудааст, ки аз диди забоншиносии муосир хеле ҷолиби таваҷҷуҳ аст: «Гоҳ бошад, ки як лафз бар як маънӣ беш далолат накунад ва гоҳ бувад, ки як лафз бар маънии бисёр далолат кунад. Ва ҳамчунон гоҳ бувад, ки алфози бисёр бар як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб ё ғайри мутақориб далолат кунад. Ва чун ин вуҷуҳро ҳаср кунанд, аз чаҳор ваҷҳ холӣ набувад, ё эътибори лафзи бисёр кунад ба нисбат ба як маънӣ; ё маънии бисёр; ва ё эътибори як лафз кунад ба нисбат бо як маънӣ, ё маънии бисёр. Аммо қисми аввал, ки алфози бисёр ба як маънӣ далолат кунад, онро «асмои мутародифа» хонанд, монанди: далолати **инсон** ва **башар** бар мардум [3, с. 85].

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Насируддини Тӯсӣ калимаро ҳамчун воситаи ифодаи мафҳум дониста, ин тавр мегӯяд: «Возеъони луғат алфоз бар эзоҳи маънӣ ваҷҳ карданд, то уқало ба тавассути он ба маънӣ далолат созанд» [3, с. 80].

Бисёр қайду тавзеҳи масъалаҳои вожашиносиро дар «Ал-муъҷам»-и донишманди дигари асри XIII Шамси Қайси Розӣ дида метавонем. Масалан, ӯ андеша дорад, ки бояд бинои шеър бар вазни хушу лафзи ширин, иборати матин, қофияҳои дуруст, таркиби саҳл, маонии латиф ниҳода шавад, чунонки шеър ба фаҳмҳо наздик бошад… Ба таври сазовор паҳлуи ҳам омадани калима ва таркибҳо риоя шуда бошад, инчунин аз калимаҳои

бегонаву дури ғайри луғати фурс дар он мустаъмал нашавад, балки аз саҳеҳ ва машҳури луғати дарӣ ва он чи аз калимаҳои арабии мустаъмал, ки дар гуфтугӯ ва навиштаҷоти порсигӯёни фозил ҷорист, таркиб ёфта бошад» [5, с. 15]. Шамси Қайси Розӣ баъзан калимаҳоро аз ҷиҳати этимология низ шарҳ додааст. Масалан, ӯ ин байти Ҳоқониро:

Ҳаст ба пиромунаш тавфкунон осмон,
Оре, ба гирди қутб чарх занад осиёб

оварда менависад: «Ва гуфтаанд «осиёб», аслаш «особ» будааст, «ё» дарафзудаанд ва ба касрати истеъмол ба «о» тарҳ карда ва «осиё» мегӯянд ва бар ин ваҷҳ «осиёи бод» ва «дастосиё» гуфтан хато бошад аз баҳри он ки ҳамчунон бошад, ки гӯё «особи бод»-у «осодаст»-у «дастос»; ҳамчунон ки мегӯянд «харос» ва ногӯянд «харосиё». Ва ҳамчунин «дарё», асли он «дар об» будааст, яъне «даридаоб» ва ба касрати истеъмол «дарё» кардаанд» [5, с. 17].

Бахши вожашиносиро дар низоми улуми адабии асримиёна илми алоҳида номидаанд. Масалан, донишманди улуми адабии асри XIV Маҳмуди Омулӣ дар «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн» илми дуюмро дар низоми улуми адабӣ илми луғат номидааст. Маҳмуди Омулӣ илми луғатро аз маърифати маънии калима ва чигунагии ҳолату вазъи он медонад ва дар чандин фоида ин ҷиҳатҳои калимаро шарҳ додааст, ки хеле муфиданд.

Ин хел шарҳу эзоҳ дар осори илмию таълимии гузашта зиёд аст, ки онҳоро бояд дар таълифи бахши луғати китоби дарсӣ ба назар гирифт.

Илми сарфу наҳв ё грамматика дар низоми улуми асримиёнаи форсу тоҷик мақоми шоиста дошта ва бештар донишмандони файласуф ва улуми сегонаи адабӣ ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Масалан, Абӯалӣ Сино дар рисолаи мантиқи «Донишнома» вобаста ба қазияҳои мантиқӣ оид ба муҳимтарин мавзӯъҳои сарфу наҳв маълумот додааст. Наҳуст андешаи ин донишманди ҳамадонро дар бораи ҳиссаҳои нутқ меорем, ки мегӯяд «Ҳар лафзе муфрад ё ном бувад, ё куниш ё ҳарф. Ва ба тозӣ «ном»-ро «исм» хонанд ва мар «куниш»-ро наҳвиён «феъл» хонанд ва мантиқиён «калима» хонанд. Ва исму калима ҳардуро маънии тамом бувад, чунонки агар касе пурсад, ки «Киро дидӣ?» Гӯйӣ: «Зайдро», ҷавоб тамом бувад. Ва агар касе пурсад, ки «Зайд чӣ кард?» Гӯйӣ: «Бирафт», ҷавоб тамом бувад. Ва аммо ҳарфро маънии тамом набувад, чунон ки агар гӯянд: «Зайд куҷост?» Гӯйӣ: «Ба» ё гӯйӣ: «Бар», ё гӯйӣ: «Андар», ҳеҷҷавоб набувад, то нагӯйӣ: «Ба хона», ё «Андар масҷид», ё «Бар бом» [1, с. 34].

Дар тавзеҳи фавқ Абӯалӣ Сино муҳимтарин хусусиятҳои дастурии ҳиссаҳои нутқро нишон додааст, яъне дорои маънои луғавӣ будани ҳиссаҳои мустақил ва аз маънии луғавӣ маҳрум будани ҳиссаҳои ёридиҳанда.

Пас аз ин маълумоти мушаххас Абӯалӣ Сино тафовути исму феълро нишон доданӣ шуда, чунин мегӯяд: «Лекин фарқ миёни исму калима он аст, ки «исм» далел бувад бар маънӣ ва далел набувад бар кайии он маънӣ, чунон ки гӯйӣ: «мардум» ё «дӯстӣ». Ва аммо «калима» далел бувад бар маънӣ ва кайии он маънӣ, чунон ки гӯйӣ: «Бизад», ки далел бувад бар «задан» ва бар он ки андар замони гузашта бувад» [1, с. 34].

Дар шарҳи фавқ Абӯалӣ Сино ба ду ҷиҳати муҳимми феъл – категорияи замон ва шахс ишора кардааст, ки хеле наҷиб аст.

Доир ба таснифи ҳиссаҳои нутқ дар аксари осори илмию таълимии баъдӣ ҳам сухан рафтааст. Масалан, дар дастури таълимии «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI) дар бораи «исм» ва анвои он чунин шарҳу тавзеҳот оварда шудааст, ки мо баъзе лаҳзаҳои онро дар муқоиса бо «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» (нашри академӣ) меорем. Наҳуст оид ба таърифи исм, ки дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин омадааст: «Исм ҳиссаи нутқест, ки предмет ва мафҳумҳои предметонидашударо ифода менамояд» [2, с. 90].

Дар «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба «исм» чунин таъриф дода шудааст: «Исм калимаест, ки аз ӯ замон фаҳмида нашавад, аммо маъниаш мустақил бошад ва ақсоми «асмо» бисёр аст» [6, с. 13].

Пас аз ин таърифи муъҷаз Хоҷа Ҳасани Нисорӣ исмро дар забони форсии тоҷикӣ ба ҳашт қисм ба ин тариқа ҷудо кардааст: исми **зот, сифот, адад,** исми **ҷамъ,** исми **ҷинс,** исми **зарф,** исми **масдар,** исми **фоил.**

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» исм ба чунин гурӯҳҳои лексикӣ-грамматикӣ ҷудо карда шудааст: исмҳои **шахс** ва **ғайришахс**, **ҷинсу хос, ҷомеъ, конкрет, абстрак** (маънӣ).

Исми маънӣ дар «Грамматика...» чунин таъриф дода шудааст: «Исмҳои маънӣ мафҳумҳои амал, аломат ва ҳолатро номбар мекунанд: шуҳрат, шавкат, хониш, некӣ, тарс, тайёрӣ» [2, с. 93].

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ исми маъниро исми зот гуфта, чунин таъриф медиҳад:

«Исми зот исме аст, ки исм дораду ҷисм надорад, мисли: **хашм, ақл, ишқ, ҳаво, бӯ, ҷон** ва амсоли инҳо» [6, с. 52].

Исми ҷомеъ дар «Грамматика…» ин тавр таъриф дода шудааст: «Исми ҷомеъ дар шакли танҳо маънии бисёрии предметҳои ҳамҷинсро ифода мекунад» [2, с. 92].

Муаллифи «Чаҳор гулзор» исми ҷамъро чунин таъриф додааст: «Исми ҷамъ ин аст, ки воҳид ҳукми ҷамъ ва ҷамъ ҳукми воҳид дорад, чун **мардум, олам, ҷаҳон, фавҷ**» [6, с. 52].

Исми ҷинс дар «Грамматика…» ин хел таъриф дода шудааст: «Исмҳои ҷинс номи умумии предметҳои ҳамҷинс буда, ба кадом гурӯҳ мансуб будани онҳоро далолат мекунад: одам, дарахт, кӯл, дарё, сурат ва ғ.» [2, с. 91].

Исми ҷинсро Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ин тавр таъриф додааст: «Исми ҷинс ин аст, ки бар қалил ва касир итлоқ гардад ва ба иродаи худ рафтан натавонад, то ки касе набарад, чун қалам, давот, китоб, қоғаз ва ғайри он» [6, с. 53].

Исми ҷондор дар «Грамматика…» чунин шарҳ дода шудааст: «Ба гурӯҳи исмҳои ҷондор номҳои ифодакунандаи номи одамон, ҳайвонот ва ҷонварон дохил мешаванд: одам, коргар, деҳқон, гӯсфанд, оҳу, хирс, харгуш, моҳӣ, мӯрча ва ғ.» [2, с. 93].

Исми ҷондор дар «Чаҳор гулзор» бо истилоҳи «исми сифот» омада, чунин таъриф дода шудааст: «Ин навъи исм дорои рӯҳ буда, исм бо рӯҳаш аст, мисли ҳайвон, давоб (б) (исмҳои ҷунбанда мисли аспу хару гов), туюр (парандаҳо), мӯр, магас» [6, с. 52].

Дар «Грамматика…» як гурӯҳ исмҳо бо номи исмҳои конкрет ҷудо карда шуда ба ин тариқ таъриф дода шудааст: «Исмҳое, ки инсон ва предметҳои олами ҳастиро ифода менамоянд, конкрет ном доранд: модар, бародар, дарё, кӯҳ, дашт, хона, даст ва ғ.» [6, с. 92].

Чуноне ки аз ин муқоисаи хеле мухтасар бармеояд дар шарҳи ҳамин як дастуре, ки барои мубтадиён (навомӯзон ё синфҳои ибтидоӣ) навишта шудааст, баъзе таърифу тавзеҳот дақиқ, муъҷаз ва асоснок матраҳ шудаанд.

Бояд таъкид кард, ки дар «Чаҳор гулзор» якчанд навъи дигари исмҳо нишон дода шудаанд, ки дар «Грамматика…» онҳо ё нишон дода нашудаанд ё ба ҳиссаҳои дигари нутқ нисбат дода шудаанд. Масалан, исми аъдод, ки ба ин гурӯҳ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ калимаҳои «рӯз», «шаб», «моҳ», «сол» ва шумораҳои аз як то даҳ то сад ва ҳазорро дохил намудааст.

Ин ҷо як нуктаро таъкид кардан зарур аст, ки Хоҷа Ҳасани Нисорӣ шумора ва исмҳои ченаки замонро барои он исми адад гуфтааст, ки шумора аз рӯйи низоми грамматикаи забони арабӣ ҳиссаи нутқи алоҳида нест. Аммо дар мавриди калимаҳои «рӯз», «шаб», «моҳ», «сол» имрӯз ҳам назарҳо мухталиф аст. Ба назари мо, онҳо исмҳои ченаки замонанд ва «исм» гуфтани Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дуруст аст.

Дигар навъи исме, ки Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ҷудо кардааст, исми зарф аст. Исми зарф, мегӯяд Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, ба фатҳаи аввал ва сонӣ ба маънии «ованд» аст [6, с. 53]. Воқеан, «ованд» маънии ҷой ё чизеро дорад, ки ба он чизеро ҷо мекунанд. «Ованд» мувофиқи шарҳи «Ғиёс-ул-луғот» дар асл «обванд» буда, маънии зарфи обро доштааст. «Бо»-ро ба «вов» бадал кардаанд, баъд аз он ба ҷиҳати иҷтимои вовайн як «вов»-ро ҳазф кардаанд [3, с. 28]. Пас исми зарф исмҳое мебошанд, ки мафҳуми маконро мефаҳмонанд. Ба гунаи мисол исмҳои мафҳуми маконидоштаеро меорад, ки бо пасванд сохта шудаанд, мисли «қаламдон», «майкада», «гулистон», «лолазор», «хобгоҳ», «филхона» ва ғ. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Хоҷа Ҳасани Нисорӣ калимаи «хона»-ро ҳамчун ҷузъи фаъоли исмсоз ба қатори пасвандҳои исмсоз дохил кардааст ва дарвоқеъ, имрӯз бо ин ҷузъ зиёда аз 20 калима сохта мешавад.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ бо номи «исми масдар» як гурӯҳи калимаҳоро ҷудо кардааст, ки онҳо аслан масдаранд, мисли «омадан», «рафтан» ва дигар, ба қавли Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, исми масдари таркибӣ аст, ки он ду қисм аст: аввал он ки бо дар охири сиғаи мозии мутлақ (аз диди имрӯзи забоншиносӣ замони гузаштаи наздик ё одӣ-Д.Х.) илова кардани лафзи «ор» (аз диди имрӯз пасванди «-ор» Д.Х.) сохта мешавад, чун «гуфтор», «рафтор»; дигар он ки баъди сиғаи амр пасванди «-иш» ҳамроҳ мегардад, чун «дониш», «пӯшиш», «кӯшиш».

Ниҳоят, навъи ҳаштуми «исм»-ро Хоҷа Ҳасани Нисорӣ «исми фоъил» номидааст. Ӯ мегӯяд: «Исми фоил ду қисм аст: аввал-аслӣ, ки муштақ аз масдар бувад, чун «гӯйанда» аз «гуфтан», «раванда» аз «рафтан», «хӯранда» аз «хӯрдан», «нӯшанда» аз «нӯшидан»; дигар – исми фоили таркибӣ ва он ҳашт қисм аст» [6, с. 54].

Зимни исми фоили таркибӣ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ исмҳои сохтаро дар назар дошта, онҳоро вобаста ба таркиб, маъно ва маънии дастурии пасвандҳо ба ҳашт гурӯҳ ҷудо кардааст: дастгир, хидматгор, парҳезгор, ситамгар, оҳангар, давлатманд, хирадманд, хашмгин, андуҳгин, ҳавлнок, ғамнок, филбон, уштурбон, меҳрубон.

Тавре ки аз муқоисаи андешаҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар бораи як ҷиссаи нутқ маълум шуд, донишманди тавонои асри XVI дар як дастури таълимие, ки он ҳам барои навомӯзон таъйин шудааст, то чи андоза нозукиҳои дастурӣ ва луғавии исмҳоро нишон дода, ба ҳар гурӯҳи лексикӣ-грамматикӣ таърифи мушаххас ва содаю фаҳмо ва аз диди мантиқӣ дуруст додааст.

Ба назари мо, баъзе аз истилоҳ, таърифу тавзеҳи ин дастурро дар бахши сарф (морфология)-и китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, грамматикии илмӣ ворид кардан лозим аст.

Дар таҳияи умуман бахши сарфи грамматикаи забони адабии муосири тоҷикӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ истифода аз ин манбаъҳо зарур буда, ҳатто баъзе истилоҳу таърифе, ки донишмандони пешин додаанд, нисбат ба китобу дастурҳои имрӯз беҳтару саҳеҳтаранд.

Дар бахши калимасозӣ низ дар осори илмию таълимии гузашта шарҳу тавзеҳоти муҳим дида мешавад. Дар ин бобат, махсусан, донишманди улуми адабии асри XIII Шамси Қайси Розӣ маълумоти хеле густурда додааст. Ӯ мегӯяд: «… савоб он аст, ки дар ин фасл аз ҳуруфи тааҷҷӣ бар тартиби «алиф», «бо», «то», «пе», ҳар он чи дар луғати дарӣ мустаъмал аст, баршуморем ва завоиди муфраду мураккаби онро, ки ба авохири калимот лоиқ гардад ва дар ин луғат ба манзалати ҳуруфи тасриф ва калимоти адавот бошад, баён кунем ва маънию иллати илҳоқи ҳар як ба мавзеи хеш шарҳ диҳем, то аҳли табъро он чи аз он ҳуруфи равиро шояд, маълум гардад ва иштибоҳ намонад» [5, с. 168].

Пас аз ин изҳори матлаб, Шамси Қайси Розӣ аз рӯйи тартиби алифбо тамоми пасвандҳои калимасози забони тоҷикиро бо мисолҳо шарҳ додааст, чунончи: **ҳарфи фоил** ва **сифат** (доно, бино, шунаво, гӯё), дар охири баъзе калимот маънии сифат диҳад (зебо, шикебо); **ҳарфи нидо** ва **дуо** (худовандо, шоҳо, ҷоно, бимонадо, биравадо), **ҳарфи таъзим** ва **тааҷҷуб** (поко, офаридгоро, басо мол, ки фалон дорад); ҳарфи нисбат (фарохо, дарозо, паҳно, борико); **ҳарфи тахсис** (ӯро, шуморо, аспро, ҷомаро); **ҳарфи шакл** ва **ҳайат** (мардумосо, подшоҳосо); **ҳарфи ҷамъ** (зарҳо, гавҳарҳо); **ҳарфи ишбоъ** (ҷамоло, камоло); **ҳарфи «бе»**. Аз ҷинси «бе» ҳеҷҳарфи зоид, ки ба авохири калимот дарояд, нест, илло калимаи «об», ки дар бисёр мавозеъ мутакаррир мешавад, чунон ки гулоб, дӯлоб, кӯдоб, селоб, ғарқоб, гирдоб, заҳоб, сароб, буноб, шӯроб, поёноб, тезоб, кӯроб, зардоб, хуноб, симоб, сафедоб, хушоб, дӯшоб, қитъаоб; **ҳарфи тасғир** (ғуломча, боғча, сароча, олуча, сабуча, бодомча, токча); **ҳарфи «хе»** (санглох, девлох); **ҳарфи «дол»** (донишманд, ҳоҷатманд, ҳунарманд, дардманд); **ҳарфи фоил** (офаридгор, омӯзгор, комгор, хизматгор); **ҳарфи ҳирфот** ва **синоат** (заргар, косагар, тиргар); **ҳарфи масдар** (рафтор, гуфтор, кирдор, харидор, гирифтор, хостор); **ҳарфи шакл** ва **шабеҳ** (шармсор, нагунсор) ва ба маънии мавзеъ (кӯҳсор, шохсор); **ҳарфи тафзил** (гӯшвор, шоҳвор, ҷомавор, номавор, хонавор); **ҳарфи саҳобат** (пешавар, ҳунарвар, тоҷвар) ба ҳамин маънӣ (ранҷур, муздур, дастур); ҳарфи мағрас ва мабнат (киштзор, лолазор, гулзор); **ҳарфи шаклу ҳайат** (мардумдес, хонадес); **ҳарфи мушобаҳат** (лоҳват, ҳурват, подшоҳват); **ҳарфи тасғир** (мардак, писарак); **ҳарфи сифот** (саҳмнок, бурзнок, регнок); **ҳарфи адад** (дувум, савум, чаҳорум); **ҳарфи талаввун** (сурхбом, сиёҳфом); **ҳарфи сифату ҷамъу тааддияту изофату тақвият** (хандон, хезон, мардон, занон, аспон, дарахтон, саҳаргоҳон, бомдодон, ногаҳон, бегоҳон, мардона, шоҳона, бузургона); **ҳарфи зарф** (қаламдон, намакдон, обдон); **ҳарфи ҳифзу ҳаросат** (галабон, боғбон, дарбон); **ҳарфи масдар** (омадан, рафтан); ҳарфи мушобаҳат (мардумсон, дигарсон); **ҳарфи тахсис** (заррин, симин, амсолин, борин, панҷумин, ҳафтумин, шухгин); **ҳарфи «ҳо»** (нишона, забона, дандона, миёна); «**ҳо»-и тахсис** (чашма, пойа, тана, пушта, заррина, даҳа, ҳафта, бунафша, талха, сабза, сапеда); «**ҳо»-и сифат** (омада, рафта, нишаста, хуфта, карда, гуфта, кушта, афтода, зинда, якрӯза, яксола), **«ҳо»-и фоил** (донанда, гӯянда, кунанда); **«ҳо»-и лаёқату нисбат** (шоҳона, зиракона, мардона, занона); **ҳарфи нисбат** (ироқӣ, хуросонӣ, обӣ, оташӣ, рӯшноӣ, мардумӣ, оҳистагӣ, ҳамроҳӣ, ҳамшаҳрӣ); **ҳарфи лаёқату лузум** (доштанӣ, карданӣ, хӯрданӣ, бурданӣ).

Ба ҳамин тариқ, чунонки аз мисолҳои шоҳид овардаи муаллиф бармеояд, Шамси Қайси Розӣ дар маҷмӯъ оид ба 37 адад пасвандҳои шаклсозу маънофарин маълумот додааст: **-зор, -дор, -бор, -вор, -сор, -гар, -гор, -дон, -бон, -истон, -ор, -чӣ, -ӣ, -ҳо, -ак, -осо, -нок, -ин, -он, -ваш, -аш, -о, -манд, -ча, -гон, -ан, -сон, -а, -ур, -иш, -гун, -ум, -гин, -ват, -бом, -фом.**

Ҳамин гуна маълумоти муфассалро оид ба калимасозии пасвандию пешвандӣ ва навъи мураккаби калимасозиро мо дар «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-и Ҳусайни Инҷу (асри XVII), «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммад Ҳусайн ибни Халаф-ат-Табрезӣ (асри XVII) «Фарҳанги Рашидӣ»-и Абдуррашиди Татавӣ (асри XVII) ва дигарон низ дида метавонем. Масалан, таъриферо, ки муаллифи «Фарҳанги

Ҷаҳонгирӣ» дар бораи имло кардааст, дар ҳеҷнашри «Имлои забони тоҷикӣ» ё китобҳои дарсии забони тоҷикӣ чунин таърифи мушаххасу ихчамро дучор намешавем ва месазад, ки онро дар сарсухани луғати «Имлои забони тоҷикӣ» ҷо дод, чунончи «Имло дар урфи арбоби китобат иборат аст аз навиштани ҳуруфи муфрада ва мураккаба ба наҳҷе, ки асҳоби ин фан таъйин кардаанд» [3, с. 189].

Агар маълумотҳои ин сарчашмаҳоро оид ба калимасозӣ ҷамъ оварда, онҳоро аз диди забоншиносии муосир санҷидаю таҳлил намоем ва дар таълифи бахши калимасозии грамматикаи забонамон истифода кунем, ба назари мо, асолати грамматикаамон то андозае таъмин мегардад.

Ҳамин гуна қайду тавзеҳоти муфид ва муҳим дар манбаъҳои классикии зикргардида оид ба қисмати наҳви забонамон низ дида мешаванд, масалан, Абӯалӣ Сино дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» ба аломати асосии ибора ва ҷумла эътибор дода мегӯяд: «Бояд дониста ояд, ки лафз ду гуна бувад: якеро муфрад хонанд, чунон ки гӯйӣ: «Зайд» ва «Муҳаммад» ва чунон ки гӯйӣ: «Мардум» ва «доно» ва якеро мураккаб ва муаллаф хонанд, чунон ки гӯйӣ: «Мардум доност» ё «мардуми доно». Ва то ҳоли лафзҳои муфрад дониста наояд, ҳоли лафзҳои мураккаб дониста наояд» [1, с. 30].

Абӯалӣ Сино зимни истилоҳи лафзи «муфрад» калима ва зимни лафзи “мураккабу муаллаф» ибора ва ҷумларо дар назар дорад ва чун мисол ифодаҳои «мардуми доно» ва «мардум доност»-ро овардааст, ки яке ибора, дигаре ҷумла аст. Ӯ дар ҷойи дигар мегӯяд: «Зайд котиб буд», мақсуд аз «буд» ин ҷо тобеият ва робита аст [1, с. 61].

Дар таъкиди фавқи Абӯалӣ Сино ба аломати асосии ҷумла (ба истилоҳи ӯ «қавл») ишора шуда, маънии том ва ифодаи предикативияти (мухобироти) ҷумла, ки тавассути алоқаи мувофиқати хабар ба мубтадо сурат мегирад, нишон дода шудааст.

Оид ба ҷумлаи мураккаб низ Абӯалӣ Сино дар иртибот ба категорияҳои мантиқӣ шарҳу тавзеҳоти наҷибе дорад. Масалан, зимни шарҳи қазияҳои шартии муттасил ва мунфасил чунин мисол меорад: «Агар офтоб барояд, рӯз бувад». Аз рӯйи шарҳи мантиқии Абуалӣ Сино ҳиссаи «Агар офтоб барояд» муқаддам буда, «рӯз бувад» толӣ аст.

Дар илми наҳви муосири тоҷикӣ ҳиссаи «Агар офтоб барояд» ҷумлаи пайрави шартӣ буда, ҳиссаи «рӯз бувад» сарҷумла аст. Воқеан, аз нигоҳи мантиқи калом, аввал амали ҷумлаи пайрав (яъне муқаддам) аст ва баъд амали сарҷумла (яъне натиҷа) сар мезанад. Барои илми наҳв бошад, хусусияти созмонӣ ва муносибати наҳвӣ муҳим мебошад ва ҳиссае, ки аз нигоҳи сохтор мустақилият дорад, ҷумлаи асосӣ, яъне сарҷумла (поя) буда, ҳиссаи дуюм ҷумлаи пайрав (тобеъ) мебошад. Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки вобаста ба шарҳи мантиқӣ Абӯалӣ Сино ҳамин ҷиҳати наҳвии ҷумлаи мазкурро кушодааст, чунончи, ӯ мегӯяд: «Агар офтоб барояд, рӯз бувад» ду қазия аст: яке «Офтоб барояд», дигаре «рӯз бувад», лекин лафзи шарт муқаддамро аз қазиятӣ бибарад [1, с. 37].

Ҳамин гуна муҳокимаҳои мантиқӣ оид ба ҷумлаи сода ва анвои он дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав низ дида мешавад ва аз диди илми наҳв баррасӣ шудани воҳидҳои наҳв ва қонунҳои он яке аз суннатҳои гузаштаи мо буд.

Доир ба қонунҳои наҳв ва воҳидҳои он дар як даста осори илмии марбут ба гурӯҳбандии улум ва улуми сегонаи адабӣ шарҳу тавзеҳоти муфиде дода шудааст, ки аз диди имрӯзи илми наҳв хеле пурманфиатанд. Масалан, дар «Нафоис-ул-фунун фӣ-ароис-ул-уюн»-и Маҳмуди Омулӣ (асри XIV) дар низоми улуми адабӣ илми панҷум илми наҳв мебошад ва муаллиф дар бораи мақому ҷойгоҳи ин илм ва қонунҳою воҳидҳои он маълумоти густурдае овардааст. Донишманди асри XIX Воҷидалии Муҷмалӣ фасли дуюми боби 9-уми «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и худро «Дар баёни қавоиди наҳви форсӣ» номидааст.

Дар фаҳмиши Воҷидалии Муҷмалӣ вожаи «калом» муродифи истилоҳи «ҷумла» аст. Масалан, ӯ мегӯяд: «Калом дар истилоҳи наҳвиёт иборат аз он аст, ки ду калима ё зиёда аз он ба ҳам нисбате дошта бошад ба наҳҷе, ки мухотабро аз шунидани он ташаффӣ ҳосил ояд. Масалан, гӯем: «Инсон котиб аст». «Инсон» як калима аст ва «котиб» як калима ва калимаи «аст» ҳарфи робитаи мусбат аст, ки сифати китобати инсонро собит мекунад ва агар фақат калимаи «инсон» ё калимаи «котиб» гӯем, мухотабро ҳаргиз ташаффӣ ҳосил нахоҳад шуд» [3, с. 306].

Тавре ки аз иқтибоси фавқ бармеояд, таърифе, ки муаллифи «Матлаъ-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» дар шинохти «калом» овардааст, ба таърифе, ки имрӯз дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» оид ба ҷумла дода мешавад, комилан мувофиқ аст. Барои он ки ин матлаб боз бештар равшантар шавад, шарҳи Воҷидалии Муҷмалиро оид ба мубтадо ва хабар меорем, ки чунин аст: «Мубтадо исмест, ки муснадилайҳ бошад ва маънии муснадилайҳ» он аст, ки ба сӯйи он лафз лафзи дигареро мансуб карда бошанд ба наҷҳе, ки мухотабро ташаффии том ҳосил ояд. Масалан, гӯем, ки «Зайд қоим аст», лафзи «Зайд»

мубтадо аст ва лафзи «қоим» ба сӯйи Зайд мансуб аст. Ва хабар исми ӯро гӯянд, ки муснадбиҳ бошад ва мурод аз муснадбиҳ он аст, ки он лафз ба сӯйи лафзи дигар нисбат ба тариқе мазкур дошта бошад, чунон ки дар мисоли мазкур лафзи «қоим» хабар аст, ки ба сӯйи Зайд нисбат карда ва нисбате, ки дар миёни мубтадо ва хабар хоҳ аз рӯйи исбот, хоҳ аз рӯйи нафист, онро нисбати ҳукмия гӯянд» [3, с. 307].

Чуноне ки мебинем, Воҷидалии Муҷмалӣ аломати асосии ҷумла, ки ҳукм аст, таъкид кардааст. Ҷойи хушист, ки Воҷидалии Муҷмалӣ ҳодисаи чидашавии мубтадо ва хабарро ҳам таъкид кардааст, чунончи: «Ва гоҳе мубтадо мутааддид бошад ва хабар ҳам мутааддид, чунонки дар ин мисраъ зоҳир аст. Мисраъ: Нигоҳу чашми ӯ теғу сипоҳест.

«Нигоҳ» ва «чашм» мубтадо ва «теғу сипоҳе» хабар ва калимаи «аст» ҳарфи робитаи мусбата аст [3, с. 307].

Умуман, Воҷидалии Муҷмалӣ дар ин фасл оид ба муайянкунандаҳо, сифату мавсуф, шарту ҷазо, чидашавии аъзоҳои дигари ҷумла, ифодаи муайянию номуайянӣ, ҷумлаи саволӣ, ҷумлаи хабарӣ, ишоия, ҷумлаи исмия, феълия ва ҷумлаи мураккаби тобеъ маълумоти мухтасар овардааст. Аз ин миён; махсусан, шарҳи муаллиф дар бораи ҷумлаи муътариза барои назарияи ин хели ҷумла, ки дар забоншиносии муосири тоҷик мавриди баҳсҳои зиёде гардида буд, аҳамияти муҳим дорад. Чунончи, Воҷидалии Муҷмалӣ мегӯяд: «Савум, он ки дар миёни мубтадо ва хабар ҷумла воқеъ шавад ва онро ҷумлаи муътариза гӯянд, чунонки гӯем: Худованди таъолоҳ, ки Парвардигори олам аст, бар ман эҳсонҳо фармуда. Дар ин иборат мубтадо ва хабар ҳамин иборат аст: Худованди таъолоҳ бар ман эҳсонҳо фармуда; ки Парвардигори олам, аст, ин ҷумлаи муътариза аст» [3, с. 312].

Хулоса, имрӯз мо бояд ҳангоми навиштану таҳияи дастуру китобҳои дарсӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олӣ, грамматикаи илмӣ аз манбаъҳои классикӣ, ки намунае чанд аз онҳоро овардем, истифода намоем. Ин амал аз чанд ҷиҳат барои илми забоншиносии тоҷик ва таълими он муҳим аст. Аввал ин ки мо таърихияти илми забоншиносиамонро асоснок мекунем; дуюм, баъзе ноҷуриҳо ва костагиҳоро аз китобу дастурҳои таълимиамон дур месозем; сеюм, ҷавонону наврасонро ба асолати таърихии забоншиносиамон ошно месозем. Агар мо аз ин нуқтаи назар ҳамаи бахшҳои илми забоншиносиамон (фонетика, лексикология, морфология, калимасозӣ, наҳв) – ро таҷдиди назар кунем, бисёр истилоҳоти забоншиносиамон мушаххас, таърифу қоидаҳои дастури забонамон мукаммалу саҳеҳ гардида, нуктагириҳое, ки солиёни дароз дар атрофи илми забоншиносии муосири тоҷик давом дорад, аз байн хоҳад рафт.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯалӣ Сино. Осори мунтахаб.Ҷ.1. – Душанбе: Ирфон,1980. - С.29-139.
2. Абӯалӣ Сино. Осори мунтахаб.Ҷ.2. – Душанбе: Ирфон,1983. -С.228-245.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985.-365 с.
4. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 2017. -320 с.
5. Хаскашев Т. Н. Ибни Сино ва фонетикаи тавлидӣ / Т.Н. Хаскашев // Мушкилоти Ибни Сино. – Душанбе, 1980. - С.58- 64.
6. Шамс Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991.- 463 с.
7. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ.Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1998.-116 с.

АСОСҲОИ ТАЪРИХИИ ДАСТУРҲОИ ЗАБОНИ ТОҶИКИРО УСТУВОР МЕБОЯД КАРД

Дар мақола оид ба арзишу муҳтавои андешаҳои донишмандони асримиёнаи тоҷик, роҷеъ ба масъалаҳои марбути асосҳои дастури забони тоҷикӣ сухан рафта, муаллифи мақола истифода аз он андешаҳоро дар таҳияи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ зарур медонад. Ҳамчунин таъкид мешавад, ки дар танзими истилоҳоти забоншиносӣ ва низоми баъзе қоидаҳои грамматикӣ дар грамматикаи илмӣ аз назариёти донишмандони гузаштаи тоҷик истифода кардан ба манфиат аст. Ба ин мақсад муаллифи мақола аз осори илмии Абуалӣ Сино, Носири Хусрав, Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ, Маҳмуди Омулӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Ҳусайни Инҷу, Воҷидалии Муҷмалӣ ва дигарон намунаҳо оварда, таъкид менамояд, ки таҳлилу таҳқиқи осори онҳо барои устувору қавӣ гаштани асолату таърихияти асосҳои дастури забони тоҷикӣ заминаи муфид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: калима, грамматика, дастур, забон, манбаъ, луғат, сарф, калимасозӣ, маъно, сохт, наҳв, ҳиссаҳои нутқ.

НЕОБХОДИМО КОНСОЛИДИРОВАТЬ ИСТОРИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РУКОВОДСТВА ПО ГРАММАТИКИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Статья посвящена анализу и интерпретации вопросов составления грамматических руководств на основе научных взглядов и разработок таджикских ученых и мыслителей классического периода. Отмечается, что в истории таджикской лингвистической мысли особое место занимают взгляды мыслителей классического периода, таких как Абуали ибни Сино, Носири Хусрав, Замахшари, Хусайни Инджу, Ходжа Хасани Нисори, Воджидалии Муджмали и других их единомышленников. В трудах этих ученых и мыслителей мы можем обнаружить ценные идеи о правилах составления грамматических руководств с учетом практических и функциональных аспектов таджикского литературного языка.

Ключевые слова: слово, грамматика, язык, фонетика, источники, словообразование, значение, структура,

словари, части речи.

COMPILATION OF GRAMMAR GUIDES BASED ON THE CONCEPTS AND VIEWS OF TAJIK THINKERS OF THE CLASSICAL PERIOD

The article is devoted to the analysis and interpretation of compilation of grammatical guides on the basis of scientific views and developments of Tajik scientists and thinkers of the classical period. It is noted that in the history of Tajik linguistic thought a special place is occupied by the views of thinkers of the classical period as Abuali ibni Sino, Nosiri Khusraw, Zamakhshari, Husayni Inju, Khoja Hasani Nizori, Vozidali Mujmali and other schoolars. In the works of these scientists we can discover valuable ideas about the rules for compiling grammatical guides, taking into account the practical and functional aspects of the Tajik literary language.

Key words: word, grammar, language, phonetics, sources, word formation, meaning, structure, dictionaries, parts of speech.

Сведения об авторе: ***Ходжаев Д***. - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-55-84-38**

Information about the author: ***Khojaev D.*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 985-55-84-38**

УДК: 42.5 (575.3)

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НАУЧНОЙ ЛЕКСИКИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Саидов Х. А., Саидзода Ф.С., Талабова Т.
Таджикский национальный университет

В книгах, статьях, рефератах и учебниках, написанных на английском языке, преобладают в основном длинные предложения. В среднем они в 1,7 раза длиннее, чем в художественной литературе, так как в научных и технических текстах встречается значительно больше определений [7, с.14]. В отличие от художественной литературы, основная задача которой – создание образов, научная и техническая литература стремится как можно точнее описать и объяснить определенные факты. Поэтому в ней преобладают существительные, прилагательные и неличные формы глагола.

Описывая предметную ситуацию, английский язык часто выбирает иную, чем русский, отправную точку в описании, использует иной предикат или конфигурацию признаков. Для него, в частности, характерно преимущественное использование глагольных форм. Русскому языку, наоборот, свойственно более широкое использование опредмеченных действий и признаков, что проявляется в более частом, чем в английском, использовании существительных.

В отношении синтаксической структуры английские тексты научно-технического содержания отличаются своей конструктивной сложностью. Они богаты причастиями, инфинитивными и герундиальными оборотами, а также некоторыми другими чисто книжными конструкциями [7, с.15].

В английской научной литературе личные формы глагола очень часто употребляются в страдательном залоге. Основное внимание автора направлено на конкретные факты, которые надо описать и объяснить. Тем самым личность автора отодвигается на второй план, а названия предметов, процессов и т. п. выдвигаются на первое место и по твердому порядку слов, присущему английскому языку, становятся подлежащими. В научной и технической литературе страдательный залог более распространен, чем в художественной [6, с.15]. Например: «Человека запустили на орбиту вокруг Земли» - «The man was orbited around the Earth», «Реакция была особенно ярко выраженной, когда гидролиз был осуществлен при помощи трипсина» - «The test was especially pronounced when hydrolysis was effected by trypsin».

В русскоязычной научной литературе страдательный залог также используется довольно часто, но несколько реже, чем в английском.

В современной английской научной литературе принято вести изложение как от первого лица (In this paper I suggest…), так и от третьего лица. Часто применяются безличные и неопределенно-личные конструкции типа: it was decided, it has been found expedient, it is to be noted, it is necessary, it is important, care must be taken. В русском языке принято вести научное изложение либо от множественного числа первого лица («Мы провели изучение данного образца…»), либо используя безличные и неопределенно-личные конструкции («Было показано, что…», «В работах Д.И. Менделеева отмечалось…».

Для логического выделения отдельных смысловых элементов в английской научной и технической литературе часто используется нарушение твердого порядка слов (инверсия). Например: In Table 1 are listed the data obtained. Working under hard conditions were all the early students of this new field of metallurgy. Also of importance is the secondary effect. Considered in the next section are the most important conditions of the reaction.

К синтаксическим особенностям оформления научных текстов следует отнести синтаксическую полноту оформления высказывания, наличие аналитических конструкций, номинативность (именной характер морфологической части предложения), наличие пассивных форм, безличных, неопределенно-личных оборотов. Преобладает настоящее время глаголов, использование которого дает возможность представить излагаемые сведения как абсолютно объективные, находящиеся вне времени, как истину в последней инстанции. Присутствуют также многоступенчатые сложноподчиненные предложения, насыщенные терминами и так называемой «общенаучной лексикой». Все перечисленные лексико-синтаксические особенности научных и технических текстов служат одной цели - подчеркнуть объективность излагаемой в них информации.

Для научного стиля характерны разнообразные средства выражения пассивности по отношению к формальному подлежащему: специальные глагольные залоговые формы (пассив), глагольные конструкции с пассивным значением, безличные и неопределенно-личные предложения [2, с.167]. Также отмечается преобладание настоящего времени глагола, представляющего собой абсолютное настоящее. Его использование дает возможность представить сообщаемые сведения как абсолютно объективные, находящиеся вне времени, как истину в последней инстанции.

Логичность изложения в научном тексте обеспечена также высоким уровнем сложности и максимальным среди письменных текстов разнообразием синтаксических структур (разумеется, встречаются только структуры, находящиеся в рамках письменной литературной нормы) [2, с. 171].

Как известно, внутритекстовые средства связи классифицируются по разным признакам. Кроме традиционно-грамматических, несущих текстообразующую функцию, их можно разделить на логические, ассоциативные, образные, композиционно-структурные, стилистические и ритмико-образующие.

К традиционно-грамматическим признакам относятся встречающиеся в тексте союзы и союзные изречения: so far, although, yet, though, however, that is why, at least, for a while; местоимения: that, this, they, them; причастные обороты/деепричастные обороты: despite a steep fall in their currencies, more surprisingly, given its history of high inflation, given its low savings rate, reducing the chance of excessive inflows. Перечисленные грамматические средства внутритекстовых связей служат не только для связи между предложениями, но также и для связи между более крупными отрезками текста - СФЕ, абзацами.

Пространственно-временными параметрами сообщения являются следующие наречия: yet, while, still, by far, far from, которые сцепляют отдельные события, придавая им достоверность. Такую же функцию выполняют слова this year, by the end, in the fourth quarter, last month, last year, post year. К подобным формам внутритекстовых связей относятся и формы перечисления: the first, the second.

Перечисленные средства считаются логическими, потому что укладываются в логико-философские понятия – понятия последовательности, временных, пространственных, причинно-следственных отношений. Эти средства легко декодируются и поэтому не задерживают внимание читателя, разве только в тех случаях, когда выявляется несоответствие сцепленных представителей и самих средств внутритекстовых связей. Именно в логических средствах наблюдается пересечение грамматических и текстовых форм связи. Можно сказать, что в логических средствах наблюдается одновременная реализация двух функций: грамматической и текстообразующей.

Отвлеченность и обобщенность научной речи проявляются в особенностях функционирования разнообразных грамматических, в частности морфологических единиц, что обнаруживается в выборе категорий и форм, а также степени их частоты в тексте. Реализация закона экономии языковых средств в научном стиле речи приводит к использованию более кратких вариантных форм, в частности форм существительных мужского рода вместо форм женского рода: клавиш (вместо клавиша), манжет (вместо манжета).

Названия понятий в научном стиле преобладают над названием действий, это приводит к меньшему употреблению глаголов и большему употреблению существительных. При использовании глаголов заметна тенденция к их десемантизации, т.е. утрате лексического

значения, что отвечает требованию абстрактности, обобщенности научного стиля. Это проявляется в том, что большая часть глаголов в научном стиле функционирует в роли связочных: быть, являться, называться, считаться, стать, становиться, заключаться и т.д. Имеется значительная группа глаголов, выступающих в качестве компонентов глагольно-именных сочетаний, где главная смысловая нагрузка приходится на имя существительное, обозначающее действие, а глагол выполняет грамматическую роль (обозначая действия в самом широком смысле слова, передает грамматическое значение наклонения, лица и числа): приводить – к возникновению, к гибели, к нарушению; производить - расчеты, вычисления, наблюдения. Десемантизация глагола проявляется и в преобладании в научном тексте глаголов широкой, абстрактной семантики: существовать, происходить, иметь, появляться, изменяться и др.

Для научной речи характерно использование глагольных форм с ослабленными лексико-грамматическими значениями времени, лица, числа, что подтверждается синонимией структур предложения: перегонку производят – перегонка производится; можно вывести заключение – выводится заключение и пр.

Еще одна морфологическая особенность стиля научной прозы состоит в использовании настоящего вневременного (с качественным, признаковым значением), что необходимо для характеризации свойств и признаков исследуемых предметов и явлений: Ozone is one of allotrofic form of oxygen. Its molecule, in contrast to common O2 consists of three atoms, due to which it acquires specific physico-chemical characteristics, responsible for unique biological effects. Live plants produce from 60 to 240 mn tons gas annually; 0,5 to 7 mn tons are produced by dead leaves.

Формы лица глагола и личные местоимения в научном стиле также употребляются в соответствии с передачей отвлеченно-обобщающих значений. Практически не используются формы 2-го лица и местоимения ты, вы, так как они являются наиболее конкретными, мал процент форм 1-го лица единственного числа. Наиболее частотны в научной речи отвлеченные по значению формы 3-его лица и местоимения он, она, оно. Местоимение мы, кроме употребления в значении так называемого авторского мы, вместе с формой глагола часто выражает значение разной степени отвлеченности и обобщенности в значении «мы совокупности» (я и аудитория): Мы приходим к результату. Мы можем заключить.

Стремление к указанию на реальные объекты, к оперированию вещами приводит к преобладанию в английском научно-техническом стиле именных структур, к характерной для него номинативности. Дело не только в том, что в технических текстах много названий реальных предметов. Исследования показали, что в таких текстах номинализируются и описания процессов и действий. Вместо того чтобы сказать to clean after the welding, специалист говорит to do post-welding cleaning; если надо указать, что частица находится вблизи ядра, говорят it occupies a junta nuclear position; вместо The contents of the tank are discharged by a pump предпочтение отдают Discharge of the contents of the tank is effected by a pump. Съемная крышка в приборе существует не просто для того, чтобы его можно было легко чистить и ремонтировать, но for ease of maintenance and repair.

Стремление к номинативности приводит также к замене наречий предложно-именными сочетаниями. Так, accurately становится with accuracy, very easily - with the greatest ease или the easy way.

Упорно сопротивляются этой тенденции лишь усилительные наречия, которые выступают в научно-технических текстах в качестве основного модально-экспрессивного средства, не выглядящего чуждым элементом в серьезном изложении. Таковы наречия: clearly, completely, considerably, essentially, fairly, greatly, significantly, markedly, materially, perfectly, positively, reasonably, etc.

Свидетельством все той же антиглагольной тенденции научно-технического стиля является и широкое использование вместо глаголов отглагольных прилагательных с предлогами: to be attendant on, to be conducive to, to be destructive of, to be incidental to, to be responsive to, to be tolerant of, etc.

Разумеется, номинативный характер научно-технического стиля не означает, что в материалах этого стиля полностью отсутствуют полнозначные глаголы в личных формах [7, с. 109].

Глагольность в научном языке выступает не в форме самих глаголов, а в форме дериватов глагола. «Личные глаголы обычно обозначают конкретные действия. Отглагольные же существительные выражают отвлеченное понятие о действии» [8, с.122-124].

Без таких глаголов трудно себе представить связное изложение значительной длины, хотя по некоторым подсчетам число глагольных предикативных форм в научно-технических текстах вдвое меньше, чем в литературных произведениях того же объема. В языковедческих работах не раз отмечались такие особенности употребления глаголов в научно-техническом стиле английского языка, как значительное преобладание пассивных форм и форм простого настоящего времени, что, несомненно, связано с основными характеристиками и целями научного изложения.

Можно также отметить многочисленные случаи опущения в научно-технических материалах артикля, особенно определенного, там, где в текстах другого типа его употребление считается абсолютно обязательным: General view is that..., First uranium mine in the region was... .

Артикль часто отсутствует перед названиями конкретных деталей в ТУ, технических описаниях, инструкциях и т.п.: Armstrong Traps have long-live parts, valve and seat are heat treated crome steel, lever assembly and bucket arc stainless steel.

Это же явление наблюдается перед названиями научных областей: ...in such fields as work study, mechanical engineering, civil engineering, telecommunication, standardization, higher education, etc.

В лингвистических работах, исследующих специфику научно-технического стиля в современном английском языке, указывается и целый ряд более частных грамматических особенностей, как-то: широкое употребление множественного числа вещественных существительных (fats, oils, greases, steels, rare earths, sands, wools, gasolines, etc.), множественного числа в названиях инструментов (clippers, jointers, shears, dividers, compasses, trammels, etc.), использование предлога of для передачи видо-родовых отношений (the oxidizer of liquid oxygen, the fuel of kerosene), распространенность атрибутивных сочетаний со словами type, design, pattern, grade: Protective clothing and dry-chemical-type fire extinguisher should be readily available in the area.

Отмеченные лексико-грамматические особенности научно-технических материалов оказывают непосредственное влияние на коммуникативный характер таких материалов, которые должны быть воспроизведены при переводе [7, с. 109].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка :учеб. пособие / И.В. Арнольд. – 2-е изд., перераб. – М.: ФЛИНТА: Наука, 2012. – 376 с.
2. *Алексеева* Л.М. О специфике перевода научного текста / Л.М. *Алексеева* // Стереотипность и творчество в тексте: межвуз. сб. науч. тр. Перм. гос. ун-т. Пермь, *2002*. – 132 с.
3. Арнольд И. В. Стилистика: Современный английский язык. Учебное пособие для студентов пед. ин-тов по спец. «Иностр. яз» / И. В. Арнольд. - 3-е изд. - М.: Просвещение, 1990. - 300 с.
4. Ахманова Г. И., Богомолова О. И. Теория и практика английской научной речи. Монография / Г. И.Ахманова, О. И. Богомолова. -М.: Московского университета, 1987. – 240 с.
5. Глушко М.М. Функциональный стиль общественного языка и методы его исследования. Текст / М.М. Глушко и др. -М., 1974. - 160 с.
6. Пумпянский А.Л. Лексические закономерности научной и технической литературы / А.Л. Пумпянский. Англо-русские эквиваленты. Калининград, 1980. – 83 с.
7. Харченко К. В. Обороты английской научной речи в распоряжении старшеклассников / К.Харченко // Актуальные проблемы развития и лингвистического образования детей // Сборник научных статей. Орел, 2002. -С.122 – 124.

ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКИИ ЛЕКСИКАИ ИЛМӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллифон хусусиятҳои грамматикии лексикаи илмиро дар забони англисӣ дида баромадаанд. Барои услуби илмӣ воситаҳои гуногуни ифодаи бефаъолиятӣ нисбат ба мубтадо хос мебошад: шакли махсуси тарзи феълӣ (пассив), сохти феълӣ бо маънои пассив, ҷумлаҳои шахсӣ ва шахсии номуайян. Дар адабиёти илмии англисӣ тарзҳои шахсии феъл бештар дар тарзи мафъули феъл истифода бурда мешаванд. Муаллифон ба фактҳои мушаххасе, ки бояд тасвир ва фаҳмонида дода шавад, аҳамияти махсус додаанд. Дар адабиёти илмӣ ва техникӣ нисбат ба адабиёти бадеӣ тарзи мафъул хеле маъмул аст. Дар корҳои забоние, ки хусусияти усули илмӣ-техникиро дар забони муосири англисӣ таҳқиқ мекунанд, як қатор хусусиятҳои шахсии грамматикӣ ишорат карда шудаанд: истифодаи васеи шумораи ҷамъи исмҳои ҷинс, шумораи ҷамъ да номгӯи асбобҳо, истифодаи пешоянди ***of*** барои нишон додани муносибатҳои шаклӣ-ҷинсӣ ва маъмул будани пайвастагиҳои атрибутивӣ. Хусусиятҳои қайдкардашудаи лексикӣ-грамматикии маводҳои илмӣ-техникӣ ба хосияти коммуникативии чунин маводҳое, ки дар вақти тарҷума бояд хонда мешуданд, таъсири калон мерасонад.

Калидвожаҳо: грамматика, хусусият, сохти феълӣ, ҷумлаҳо, луғати илмӣ, феъли тарз, хусусиятҳои лексикӣ-грамматикӣ.

ГРАММАТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ НАУЧНОЙ ЛЕКСИКИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

В настоящей статье авторы рассматривают грамматические особенности научной лексики в английском языке. Для научного стиля характерны разнообразные средства выражения пассивности по отношению к формальному подлежащему: специальные глагольные залоговые формы (пассив), глагольные конструкции с

пассивным значением, безличные и неопределенно-личные предложения. В английской научной литературе личные формы глагола очень часто употребляются в страдательном залоге. Основное внимание автора направлено на конкретные факты, которые надо описать и объяснить. Тем самым личность автора отодвигается на второй план, а названия предметов, процессов и т. п. выдвигаются на первое место и по твердому порядку слов, присущему английскому языку, становятся подлежащими. В научной и технической литературе страдательный залог более распространен, чем в художественной. В лингвистических работах, исследующих специфику научно-технического стиля в современном английском языке, указывается целый ряд более частных грамматических особенностей: широкое употребление множественного числа вещественных существительных, множественного числа в названиях инструментов, использование предлога ***of*** для передачи видо-родовых отношений и распространенность атрибутивных сочетаний. Отмеченные лексико-грамматические особенности научно-технических материалов оказывают непосредственное влияние на коммуникативный характер таких материалов, которые должны быть воспроизведены при переводе.

Ключевые слова: грамматика, особенность, глагольные конструкции, предложения, научная лексика, залоговые формы, лексико-грамматические особенности.

GRAMMATICAL FEATURES OF SCIENTIFIC VOCABULARY IN THE ENGLISH LANGUAGE

In this article the author considers the grammatical features of scientific vocabulary in the English language. The scientific style is characterized by a variety of means of expressing passivity in relation to the formal subject: special verbal pledge forms (passive), verbal constructions with passive meaning, impersonal and indefinite-personal sentences. In the English scientific literature, personal forms of the verb are very often used in the passive voice. The main attention of the author is focused on the specific facts that need to be described and explained. Thus, the author's personality is relegated to the background, and the names of objects, processes, etc. are put forward in the first place and in the solid order of words inherent in the English language, become subject. In scientific and technical literature, passive voice is more common than in fiction. In linguistic works, exploring the specifics of scientific and technical style in modern English, a number of more specific grammatical features are indicated: the widespread use of plural real nouns, plural in the names of instruments, the use of the preposition of for the transmission of species-generic relations and the prevalence of attributive combinations. The noted lexical and grammatical features of scientific and technical materials have a direct impact on the communicative nature of such materials, which should be reproduced in translation.

Key words: grammar, feature, verbal constructions, sentences, scientific vocabulary, pledge forms, lexical and grammatical features.

Сведения об авторах: ***Саидов Халимджон Азизович*** – Таджикский национальный университет, профессор общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-55-22-54**
Саидзода Фарзона Сироджиддин – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры английского языка**,** факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **gulbarg2009@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-77-74-25**
Талабова Тахмина – Таджикский национальный университет, аспирант общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **m.talabov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-67-23-15**

Information about the authors: ***Saidov Khalimdzhon Azizovich*** - Tajik National University, professor of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 935-55-22-54**
Saidzoda Farzona Sirojiddin - Tajik National University, aspirant of the Department of English language, the faculty of Asian-European languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **gulbarg2009@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-77-74-25**
Talabova Tahmina - Tajik National University, aspirant of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. E-mail: **m.talabov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-67-23-15**

УДК: 491.550-3:297

КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ТОАТУ ИБОДАТИ ДИНӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Ҷумъаев М.О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони арабӣ дар байни мардуми аз тарафи арабҳо истилогардида, бахусус дар байни мардуми Мовароуннаҳру Хуросон, бештар ба шарофати забони дини Ислом буданаш нуфуз ёфт. Муҳаққиқон фасоҳати забони Қуръон ва ғановати луғавии забони арабиро яке аз сабабҳои таъсири забони арабӣ ба забонҳои мардуми халқҳои Шарқи мусулмон арзёбӣ кардаанд [2, с. 76]. Беҳуда нест, ки дар байни нахустин калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки ҳанӯз дар ибтидои паҳн гардидани дини Ислом ба забонҳои эронӣ ворид гардида буданд, қисми зиёдашон лексикаи динӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ин қабил вожаҳо мазмуну маъноҳои мухталифи диниро ифода намуда [11, с. 127], бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти динии мардум ба забонҳои эронӣ роҳ ёфта буданд [12, с. 144].

Дар асарҳои насрии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» як гурӯҳи калони истилоҳоти диниро **калимаҳои марбут ба фиқҳи исломӣ** ташкил медиҳанд. Маънои вожаи ***фиқҳ*** *«илму дониш доир ба аҳкоми дину шариати ислом, илми қонуншиносӣ дар шариати ислом»* мебошад [10, с. 437]:

*Шайхулислом гуфт, ки он вилоят на аз **фиқҳ** ёфта буд, ки аз он пиру суҳбати вай ёфта буд* [13, с. 221].

Вожаҳои марбут ба фиқҳи исломии асарҳои Ҷомиро боз ба зергурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст. Азбаски баррасии ин гуна калимаҳо аз доираи як мақолаи илмӣ берун аст, мо тасмим гирифтем, дар ин мақола танҳо дар бораи **калимаҳои марбут ба фиқҳи исломӣ, ки мафҳумҳои тоату ибодати диниро ифода менамоянд**, сухан ронем. Ин гуна вожаҳоро ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

а) вожаҳои марбут ба покиву назофат дар дини Ислом:

таҳорат *[9, с. 62]* – маънои *«тозаву пок шудан»*-ро дорад. Дар Ислом ҳам таҳорати рӯҳӣ, ки мусалмон ба воситаи тавбаву тазарруъ рӯҳи худро аз гуноҳ пок месозад ва ҳам таҳорати ҷисмонӣ ҷоиз аст, ки масулмон аз ҷисми худ нопокиҳоро бартараф менамояд. Таҳорат, қисми муҳимми фиқҳи исломӣ мебошад, ки дар он қавоиди риоя намудани покии ҷисм баён карда мешавад. Он ҳамчунин яке аз муҳимтарин шартҳои тоату ибодат дар Ислом мебошад. Бидуни риояи қавоиди тозагии бадан ва либос намоз хондан, тавофи Қаъба намудан ва рӯза доштан ҷоиз нест [1, с. 714-716];

нақосат *[9, с. 682]* – нопокӣ. Мувофиқи фиқҳи Ислом нақосат вазнину сабук мешавад. Чунин нақосатҳои табиии инсон ба монанди пешоб, ахлот, манӣ, наме, ки аз узви ҷинсии мард ҳангоми барангезиши ҷинсӣ бармеояд, қай, тарашшуҳоти баъди таваллуди зан, ҳайз ва дигар тарашшуҳоти зан, гӯшти аз ҷисми инсон гирифташуда ва хуни ҷоришуда, ҳамчунин гӯшти лоша, гӯшти хук, нӯшокиҳои спиртӣ, тамоми тарашшуҳоти табиии дигар ҳайвонот, ба истиснои парандагон ва хуни паранда ба ҷумлаи нақосати вазнин дохил мешаванд. Пешоб ва саргини чорвои хонагӣ, асп ва нақосати чунин парандаҳои соҳибчангол, ба монанди заған, уқоб, шоҳин, калхот аз ҷумлаи нақосати сабук ба ҳисоб мераванд. Нақосатҳо ҳамчунин сахт ва ҷоришаванда ба ҳисоб мераванд (масалан, гӯшти лоша – сахт, пешоб – ҷоришаванда). Аз ҷиҳати афтодан ба ҷисми инсон онҳо дидашаванда (масалан, ахлот) ва диданашаванда (масалан, пешоб) мешаванд. Ҷисм ва либоси мусалмон бояд аз нақосатҳо пок бошад. Агар яке аз анвои нақосат ба либос ё ҷойи намозгузорӣ афтода бошад, намоз хондан ҷоиз намешавад [1, с. 546-547];

истинҷо *[9, с. 416]* – тоза кардан аз нопокиҳо пас аз қазои ҳоҷати хурд ё калон. Дар ин ҳолат воситаи асосии поксозӣ об ба ҳисоб меравад [1, с. 316-317];

вузӯ *[9, с. 416]* – таҳорати хурде, ки бидуни он баъзе аҳкоми диниро анҷом додан мумкин нест: қариб тамоми анвои намоз ва маросими тавофи Каъба, даст расондан ба саҳифаҳои Қуръон пас аз вузӯ кардан анҷом дода мешаванд. Вожаи ***вузӯ*** дар ҳадис ба маънои *«тозагӣ ва зебоӣ»* оварда шудааст. Вузӯ ҷисм ва рӯҳи мусалмонро пок месозад [1, с. 116-162];

ҷанобат *[9, с. 694]* – ҳолати ҳаром шудан, ки ҳангоми он таҳорати мукаммал кардан лозим меояд. Ин ҳолат ҳангоми алоқаи ҷинсӣ, хориҷ шудани нутфа ва эҳтилом ба амал меояд. Дар ин ҳолат инсон *«ҷунуб»* номида мешавад. Дар ҳолати сар задани ҷанобат намоз хондан, тавофи Каъба, қироати Қуръон ва даст расондан ба он мумкин нест [1, с. 178];

ғусл *[9, с. 458]* – оббозӣ, ки дар он тамоми бадан мувофиқи қавоиди муқаррарнамудаи дини Ислом шуста мешавад. Чунин тарзи покшавӣ пас аз алоқаи ҷинсӣ, хориҷ гардидани нутфа, пас аз анҷоми давраи ҳайз ва пас аз анҷоми давраи таваллуд (нифос) барои ҳар мард ва зани мусалмон ҳатмӣ мебошад. Ғусл бояд бо оби тоза анҷом дода шавад ва пас аз ғусл бо сачоқи тар пок кардани бадан нодуруст мебошад [1, с. 168];

масҳ *[9, с. 662]* – маънои *«пок кардан, молиш додан»-ро* дорад. Бо кафи тари даст пок кардан ё молиш додани ягон қисми бадан ё ҷойи басташудаи он ***масҳ*** номида мешавад. Масҳи сар қисми таркибии ғусли сабук мебошад. Дар ҳолате ки ягон қисми бадан, ки ҳангоми ғусли хурд ё калон онро шустан лозим аст, захмӣ ва бастабандӣ шуда бошад, ин қисми баданро ба ҷойи шустан бо кафи дасти тар масҳ мекашанд. Ҳамчунин ҳангоми таҳорат ба ҷо йи шустани пой бо панҷаи тар тоза кардани пойафзорҳои чармин, ки пойро то буҷулак мепӯшонанд, масҳ номида мешавад. Дар чунин ҳолат пойафзор бояд ба пойи ботаҳорат пӯшида шуда бошад. Дар чунин ҳолат дар давоми 24 соат пойро нашуста пойафзори чармин масҳ кашида мешавад [1, с. 168];

ҳадас *[9, с. 589]* – ҳолатест, ки ҳангоми он таҳорати калон ё хурд бояд таҷдид карда шавад. Дар ин ҳолат намоз хондан ҷоиз нест. Ҳадас низ хурд (ҳадас-ул-асғар) ва калон (ҳадас-ул-акбар) мешавад. Ҷорӣ шудани хун, ё хориҷ шудани газ аз рӯда ва нақосати

табиӣ мисоли ҳадас-ул асғар мебошанд. Ҳайз ё ҳаром шудан ҳангоми алоқаи ҷинсӣ мисоли ҳадас-ул-акбар ба ҳисоб мераванд [1, с.755];

мисвок *[9, с. 708]* – чӯбча барои тоза кардани дандонҳо, ки аз шохчаҳои дарахти арақ (салвадори форсӣ) омода карда мешавад. Ин дарахт дар нимҷазираи Арабистон, Осиёи Ғарбӣ ва Ҷанубӣ ва Африқо мерӯяд. Дар таркиби ин чӯб моддаҳои фаъоли биологӣ ва минералҳои барои организм муфид, ҳамчунин моддаҳое, ки милки дандонҳоро устувор намуда, дандонҳоро аз кариес эмин медоранд, мавҷуданд [1, с. 483];

ҳаммом *[9, с. 458]* – гармоба, макони шустушӯйи тамоми ҷисм. Дар дини Ислом ба тозагии рӯҳӣ ва ҷисмонии инсон таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Пас аз алоқаи ҷинсӣ, ба анҷом расидани ҳайз ва тарашшуҳоти пас аз таваллуди занон ба марду зани мусалмон ҳаммом ва ғусл кардан зарур аст. Ҳатто бидуни ин эҳтиёҷот мунтазам ҳаммом кардан ва тоза нигоҳ доштани бадан дар Ислом амали савоб мебошад. Аз ин рӯ, дар шаҳру деҳот дар баробари масоҷид ҳамеша ҳаммом сохта мешуд ва мешавад [1, с. 786];

б) вожаҳое, ки ба намоз ва амалиёти марбут ба он тааллуқ доранд. Азбаски чунин калимаҳо дар фаъолияти ҳаррӯзаи мусалмонон ба кор бурда мешаванд, қисми зиёди онҳо оммафаҳму умумиистеъмоланд:

салот *[9, с. 560]* – намоз, аз ҷумла намози ҳаррӯзаи панҷвақта, ки адои он ҳатмӣ мебошад. Намоз яке аз панҷ рукни ислом ба ҳисоб меравад [1, с. 627-631];

қибла *[9, с. 259]* – самти тарафи хонаи Қаъба ё Масҷид-ул-ҳароми Макка, ки тамоми мусалмонон ҳангоми адои намоз ва дигар маросими саҷда рӯй ба он самт меоранд. Дар аввали паҳн гардидани Ислом мусулмонон ба самти Байт-ул-муқаддас намоз мегузориданд, аммо пас аз 17 моҳи ҳичрати паёмбар дар моҳи шаъбони соли 2-юми ҳичрӣ дар бораи аз Байт-ул- муқаддас ба самти Каъба тағйир додани қибла ба паёмбар ваҳй омад [1, с. 376-377];

хутба *[9, с. 687]* – хондани панду насиҳатҳои динӣ. Пас аз намози ҷумъа ва идайн хондани хутба ҳатмӣ мебошад. Ин анъана аз тарафи худи паёмбар ҷорӣ гардидааст [1, с. 840-841];

ваъз *[9, с. 503]* – насиҳат ба роҳи рост бо роҳи таблиғ (вазъ), ки аз тарафи воиз дар масҷид анҷом додан мешавад. Вазъ низ бештар ҳангоми адои намози ҷумъа ва идайн вобаста ба мавзӯъҳои мухталиф сурат мегирад [1, с. 142];

муқим *[9, с. 638]* – инсоне, ки бо нияти ба макони нав зиёда аз 15 рӯз (дар мазҳаби Ҳанафӣ) ё зиёда аз 3 рӯз (дар мазҳабҳои Шофеи, Моликӣ ва Ҳанбалӣ) ба роҳ баромадааст [1, с. 491];

муаззин *[9, с. 142; 8, с. 484]* – азонгӯй, даъваткунанда ба намоз [4, с. 708]. Муаззин бояд овози хубу баланд дошта бошад. Аввалин муаззин дар Ислом Билоли Ҳабашӣ будааст, ки бо хоҳиши паёмбар ин вазифаро иҷро мекардааст [1, с. 544];

қомат // иқомат *[9, с. 356]* – азони дуюм барои намоз бевосита пеш аз шурӯи он. Он ба монанди азони аввала буда, пас аз таъбири ***«Ҳаййа ала-л-фалоҳ»*** ду маротиба таъбири ***«Қад қомати-с-салот»*** илова карда мешавад, ки маънои ***«Намоз шурӯъ шуд»***-ро дорад [1, с. 270 -271];

фаҷр *[9, с. 577]* – субҳидам ё вақти қабл аз тулӯи офтоб, ки дар он намози ҳатмии субҳ хонда мешавад. Вақти намози субҳ аз лаҳзаи дар осмон пайдо шудани аввалин партави субҳ то тулӯи офтобро дар бар мегирад [1, с. 732];

ҷумъа *[9, с. 339]* – яке аз ҳафт рӯзи ҳафта, ки дар он намози ҷумъа анҷом дода мешавад. Маънои таҳтуллафзии ин калима *«ҷамъомад»* мебошад. Он рӯзи иртифои рӯҳӣ ва тоату ибодат мебошад. Мувофиқи ҳадиси набавӣ дар ин рӯз аввалин инсон – ҳазрати Одам офарида шудааст. Рӯзи қиёмат ҳам дар рӯзи ҷумъа фаро хоҳад расид [1, с. 199-201];

нафл *[9, с. 285]* – маросимҳои ғайриҳатмӣ ё намозҳои ғайриҳатмӣ барои тоату ибодат ба Аллоҳ. Адои намози нафл кори савоб мебошад, ки шахси мусалмонро боз ҳам ба Худо наздиктар мекунад. Намози нафл бояд дар вақте иҷро карда шавад, ки шахс қазои намози панҷвақта ё дигар уҳдадорӣ надошта бошад. Масалан, шахсе, ки закот насупоридааст, бояд намози нафл нахонад. Баъзе намозҳои нафл пеш ва пас аз адои намозҳои панҷвақта хонда мешаванд, ки онҳоро муаккада меноманд, яъне паёмбар ҳамеша чунин намозҳоро адо мекард. Аз ин рӯ, агар қазои намози панҷвақта бошад ҳам, чунин намозро гузоштан мумкин аст [1, с. 569-571];

ишроқ *[9, с. 35]* – намози нафл, ки пас аз тулӯи офтоб хонда мешавад [1, с. 327];

хавф *[9, с. 229]* – тарс, ваҳм, бим. Чунин ном дорад намозе, ки мусалмонон ҳангоми ягон ҳолати ниҳоӣ, масалан, ҳангоми анҷом додани амалиёти ҳарбӣ, таҳдиди ҳамла аз тарафи дуздон, ҳангоми хатари вулқон, заминларза обхезӣ ва ғайра мехонанд [1, с. 753-754];

таровеҳ *[9, с. 369]* – намози иловагии шабона, ки дар муддати моҳи рамазон адо карда мешавад. Маънои вожаи таровеҳ *«нишаста истироҳат кардан»* мебошад. Намози таровеҳ 20 ракъат буда, пас аз 4 ракъати он таваққуф карда, тасбеҳ хонда мешавад ва боз намоз давом дода мешавад [1, с. 690-691];

истисқо *[9, с. 149]* – намози нафл, ки ҳангоми хушксолӣ ба хотири боридани борон хонда мешавад [1, с. 317];

ҳоҷат *[9, с. 153]* – намози нафл, ки ҳангоми ягон душворӣ дар зиндагӣ бо нияти ёрӣ хостан аз Аллоҳ гузошта мешавад. Он пас аз намози хуфтан (ишоъ) гузошта шуда, аз 2, 4 ё 12 раъкат иборат буда метавонад. Пас аз адои чунин намоз барои бароварда шудани ҳоҷат ба Худованд зораву илтиҷо карда мешавад [1, с. 762-763];

ракъат *[9, с. 442]* – як даври намоз, ки аз ҳолати рост истодани намозхон (дар ин ҳолат сураҳои Қуръон хонда мешаванд), аз як таъзими миён (рукӯъ) ва ду таъзими замин (саҷда) иборат аст. Ҳар як намоз аз маҷмӯи ракъатҳо иборат аст [1, с. 599];

ният *[9, с. 330; 413; 489; 518; 653]* – азме, ки бевосита барои анҷом додани ягон амал, аз ҷумла барои гузоштани намоз, рӯза ва ғайра карда мешавад [1, с. 572-573];

қиём *[9, с. 285]* – ҳолати бар пой истодан. Яке аз рукнҳои намоз буда, дар намозҳои ҳатмии панҷвақта қиём барои шахсоне, ки имкони рост бар пой истодан доранд, фарз мебошад. Пас аз қиём рукни дигари намоз рукӯъ фаро мерасад [1, с. 409];

рукӯъ *[9, с. 426]* – таъзими миён, ки ҳангоми адои намоз ҳатмӣ мебошад. Рукӯъ низ яке аз қисмҳои зарурии намоз мебошад, ки пас аз қиём анҷом дода мешавад [1, с. 612];

саҷда *[9, с. 476]* – сар хам кардан, парастидан, дар намоз заминро саҷда кардан [1, с. 786];

саҷдаи шукр *[9, с. 652]* – саҷдаи замин ҳамчун нишондиҳандаи шукр бар Худованд барои аз фақру нодорӣ ва муҳтоҷӣ раҳо кардани инсон [1, с. 624];

ташаҳҳуд *[9, с. 408]* – хондани ниёиши «Ат-таҳиёт» ҳангоми қаъда дар ракъати дуюм ва охирони намоз дар ҳолати нишастан (қаъда). Ниёиш бо калимоти ***«Ат-Таҳиёту Лиллоҳи...»*** шурӯъ гардида, танҳо дар намози субҳгоҳӣ як маротиба хонда мешавад. Ташаҳҳуд аз фиристодани дуруд ба Аллоҳ, паёмбар, малоик ва дигар бандагони парҳезгори Худованд иборат мебошад. Матни ин ниёиш дар мазҳабҳои мухталиф фарқ мекунад, вале ҳамаи он аз ҳадисҳо гирифта шудаааст [1, с. 716-717];

такбир *[9, с. 644]* –таъбири ***«Аллоҳу акбар»***, ки маънои *«Худо бузург аст»-ро* дорад, баён доштани бузургии Худованд. Такбир ҳамеша аз тарафи мусулмонон, аз ҷумла дар намоз ва зикр ба кор бурда мешавад [1, с. 679];

дуо *[8, с. 332; 9, с. 85]* – илтиҷо, даъват, муроҷиат, имдод. Ҳангоме ки инсон заифию нотавонии худро дар назди Худованди муқтадир ҳис мекунад, ба Аллоҳ дуо карда, барои анҷоми кор ё бартараф кардани ягон нохушӣ ва ғ. ёрмандӣ металабад. Дуо маънои муҳаббати банда ба офаридгори худро дорад [1, с. 204]. ***Дуои хайр*** дархости некӯӣ ва хубӣ аст:

Абӯусмон хуррам шуд ва вайро ***дуое хайр*** *кард* [13, с. 232].

қазо *[9, с. 613]* – дар вақташ иҷро накардани ягон кор ва иҷрои он пас аз пайдо шудани вақти зарурӣ. Ба ин маъно ин вожа нисбат ба амалҳои мухталифи динӣ, масалан, нисбат ба намози ҳатмии панҷвақта ва рӯзаи моҳи рамазон, ки дар иҷрои он дар вақташ ғайриимкон аст, ба кор бурда мешавад [1, с. 359-361];

тиловат *[9, с. 556]* – маънои *«аз пайи чизе рафтан, тобеъ шудан, хондан»*-ро дорад. Ба маънои бо овози буррову фасеҳ ва мувофиқи қавоиди сарфу наҳви забони арабӣ (таҷвид) хондани Қуръон кор фармуда мешавад [1, с. 718];

ибодат *[9, с. 60]* – ба маънои *«парастиши Худо, иҷрои вазифаҳои фарзшуда (ҳатмӣ)-и динӣ»* меояд [4, с. 465];

тоат *[9, с. 62]* – *«фармонбардорӣ, итоат, тобеият, ибодат, парастиш»* мебошад [5, с. 367];

имомат – сарварӣ дар намоз, сарварӣ, пешвоӣ дар байни мусулмонон:

Гӯянд, ки моҳи рамазон ба Бағдод расид. Дар масҷиди Шунайзия вайро хилватхонае доданд ва ***имомат****и дарвешон ба вай тафвиз намуданд* [13, с. 289].

в) аз байни истилоҳоти марбут ба **фиқҳи исломӣ, ки мафҳумҳои хайру эҳсонро ифода менамоянд**, вожаҳои *закот [9, с. 194], садақа [9, с. 401], фақир [9, с. 32]* ба назар мерасанд.

Шахсе аз Шиблӣ пурсид, ки: Аз дувист дирам чанд дирам ***закот*** *бояд дод?* [9, с. 194]; *Чун Шайх Абӯабдурраҳмон мутаваллид шуд, ҳар мулке, ки дошт, бифурӯхт ва ба* ***садақа*** *бидод* [9, с. 401]; *Ва* ***фақир****и ҳақиқӣ фақрро неъмати хос донад аз Ҳақ, субҳонаҳу, ва бар он вазоифи шукр ҳамвора ба тақдим мерасонад* [9, с. 32-33].

Маънои луғавии ***закот*** *«тоза кардан, пок кардан»* мебошад. Ҳамчун истилоҳи фиқҳи исломӣ ҳамасола ба манфиати фақирону бенавоён ва бо нияти тоату ибодат ба Аллоҳ

бахшидани як қисми маблағи даромад (аз чил як ҳисса)-ро ифода менамояд. Закот яке аз рукнҳои панҷгонаи Ислом буда, пардохти он барои шахсе, ки молаш ба закот расидааст, ҳатмӣ мебошад [1, с. 218-222];

садақа – ба маънои хайру саховате, ки ба шахсони муҳтоҷ бо мақсади тоату ибодат ба Аллоҳ дода мешавад. Ба маънои нисбатан васеъ он ҳар гуна амали хайрест, ки аз барои Худо анҷом дода мешавад [1, с. 620-621];

фақир – маънои луғавиаш *«шахси эҳтиёҷманд, нодор, бенаво»* мебошад. Мувофиқи фиқҳи исломӣ фақир шахсест, ки миқдори закоти дар шариат муқарраргардидаро пардохта наметавонад [1, с. 732-733];

г) калимаҳои *савм* ва *ифтор* **истилоҳоти марбут ба рӯза**ро ифода менамоянд:

Ва гӯянд, ки чиҳил сол ***савм****и даҳр дошт* [9, с. 748]; *Ба он чӣ дар он мухолифати нафс ҳаст, аз ҷумлаи рӯзаву* ***ифтор*** *бингар ва онро пеша кун* [9, с. 143].

ғ) калимаҳое, ки ба **ҳаҷ ва аҳкоми он** дахл доранд: *умра [9, с. 761], ҳаҷ [9, с. 755], ҳоҷӣ [9, с. 235], мавсими ҳаҷ [9, с. 29835], тавоф [9, с. 267], арафа [9, с. 235], Арафот [9, с. 112], Мино [9, с. 234], видоъ [9, с. 234], тавофи видоъ [9, с. 491].*

д) вожаҳои марбут ба дафну мотам: *ҷаноза [9, с. 669], дафн [9, с. 670], майит [9, с. 365], кафан [9, с. 365], қабр [9, с. 192], турбат [9, с. 60].*

Аз таҳлилу баррасии калимаҳои ифодакунандаи тоату ибодати динӣ дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вожаҳои марбут ба тоату ибодати динӣ дар асарҳои Ҷомӣ мафҳумҳои мухталифро ифода мекунанд. Дар байни онҳо вожаҳои ифодакунандаи покиву назофат дар дини Ислом, намоз ва амалиёти марбут ба он, калимаҳое, ки мафҳумҳои хайру эҳсонро бозгӯ менамоянд, истилоҳоти марбут ба рӯза, ҳаҷ ва аҳкоми он ва калимаҳое, ки мафҳумҳои дафну мотамро ифода менамоянд, ба назар мерасанд. Қисми зиёди чунин калимаҳо дар ҳаёти ҳаррӯзаи мусалмонон, бахусус ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти динӣ ба кор мераванд ва оммафаҳм мебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Али-заде, А. Исламский энциклопедический словарь. – М.: Ансор, 2007. – 922 с.
2. Аль-Кадими, Махмуд Гази Чаллюб. Арабские заимствования в русском языке // Вестник Воронежского государственного университета. Серия лингвистика и межкультурная коммуникация. – Воронеж, 2010. – № 1. – С. 75-77.
3. Баранов, Х. К. Арабско-русский словарь / Х. К. Баранов. – М.: Русский язык, 1985. – 944 с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ; дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 962 с.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 2. – 948 с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 1. – 950 с.
7. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: тартибдиҳандагон С. Назарзода, А. Сангинов, Р. Ҳошим, Ҳ. Рауфзода; зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – Ҷ. 2. – 946 с.
8. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Осор. – Душанбе: Адиб, 1989. – 544 с.
9. Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс: таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо М. Оқилова, Б. Мирсаидов. – Душанбе, 2013. – 866 с.
10. Ҷумъаев, М. О. Лексикаи динӣ дар «Нафаҳотулунс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М. О. Ҷумъаев // Устод Садриддин Айнӣ ва асолати забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2009. -С. 123-136.
11. Ҷумъаев, М. О. Лексикаи динии ифодакунандаи принсипҳои асосии Ислом ва ному сифатҳои Худованд дар насри бадеии Ҷомӣ / М. О. Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 6. – С. 127-131.
12. تاریخ علوم و ادبیات ایران / تألیف دکتر ذبیح الله صفا. – تهران: انتشارات ابن سینا، 1345. – 219 ص.
13. نفحات الانس من حضرات القدس. تألیف نور الدین عبد الرحمان جامی. مقدمه تصحیح و تعلیقات دکتور محمد عبادی. – تهران، 1370. – 1214 ص.

КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ТОАТУ ИБОДАТИ ДИНӢ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ҶОМӢ

Дар мақола вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои тоату ибодати динӣ дар насри бадеии Абдурраҳмони Ҷомӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Фасоҳати забони Қуръон ва ғановати луғавии забони арабӣ яке аз сабабҳои таъсири забони арабӣ ба забонҳои мардуми халқҳои Шарқи мусулмон арзёбӣ гардида, дар истинод ба сарчашмаҳо зикр мегардад, ки қисми зиёди калимаҳои иқтибосии арабӣ, ки ҳанӯз дар ибтидои паҳн гардидани дини Ислом ба забонҳои эронӣ ворид гардида буданд, лексикаи динӣ ба ҳисоб мерафтанд ва ин гуна вожаҳо бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти динии мардум ба забонҳои эронӣ роҳ ёфтаанд. Таъкид карда мешавад, ки дар асарҳои насрии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ – «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон» як гурӯҳи калони истилоҳоти диниро калимаҳои марбут ба фиқҳи исломӣ ташкил медиҳанд. Вожаҳои марбут ба фиқҳи исломии асарҳои Ҷомиро боз ба якчанд гурӯҳҳо тасниф кардан мумкин аст. Дар байни вожаҳои марбут ба фиқҳи исломӣ, ки мафҳумҳои тоату ибодати динӣ мавқеи назаррас доранд. Муаллифи мақола калимаҳои ифодакунандаи тоату ибодати динӣ дар асарҳои зикршудаи Ҷомиро ба вожаҳои марбут ба покиву назофат дар дини Ислом, вожаҳое, ки ба намоз ва амалиёти марбут ба он тааллуқ доранд, калимаҳое, ки мафҳумҳои хайру эҳсонро ифода менамоянд, истилоҳоти марбут ба рӯзаи моҳи

рамазон, калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳаҷ ва аҳкоми он ва вожаҳои марбут ба дафну мотам гурӯҳбандӣ намуда, дар истинод ба луғатҳо ҳар як вожаро мавриди таҳлил қарор додааст. Аз таҳлилу баррасии калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои тоату ибодати динӣ хулоса бароварда мешавад, ки ин гуна калимаҳо дар асарҳои Ҷомӣ мафҳумҳои мухталифро ифода карда, қисми зиёдашон дар ҳаёти ҳаррӯзаи мусалмонон, бахусус ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти динӣ ба кор мераванд ва оммафаҳм мебошанд.

Калидвожа: забон, иқтибос, калима, мафҳум, дин, фиқҳ, Ислом, мусалмон, тоату ибодат, амалиёти динӣ, назофат, намоз, хайру эҳсон, рӯза, дафн, мотам.

ЛЕКСИКА СО ЗНАЧЕНИЕМ РЕЛИГИОЗНОГО ПОКЛОНЕНИЯ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ ДЖАМИ

В статье рассматривается лексика, обозначающая понятия религиозного поклонения в художественной прозе Абдурахмони Джами. Изысканность языка Корана и лексическое богатство арабского языка признаётся одной из весомых причин влияния арабского языка на языки народов мусульманского Востока, автор подчёркивает, что большая часть арабских заимствований – это те заимствования, которые в начале распространения Ислама на иранские языки, считались религиозной лексикой и использовались с целью удовлетворения духовных потребностей народа. Подчёркивается, что в прозе Абдурахмони Джами «Нафаҳот-ул-унс» и «Баҳористон» большую часть религиозных терминов составляет лексика, связанная с исламской теологией и богословием. Эту лексику, в свою очередь, можно подразделить ещё на несколько групп. Среди данной лексики особое значение имеют слова, связанные с религиозным поклонением. Автор статьи всю лексику, связанную с религиозным поклонением в вышеназванных произведениях Джами, подразделяет на лексику, связанную с чистотой души в Исламе, лексику, относящуюся к намазу и всем с ним связанным действиям, слова со значением понятий благодеяния и милости, термины, связанные с рамазаном, слова, обозначающие понятия хаджа и его предписаний, лексику, связанную с погребением и трауром, и опираясь на словари, подвергает анализу каждое слово. Анализ лексики со значением понятий религиозного поклонения показывает, что данная лексика в произведениях Джами выражает различные понятия и большинство из них используются в ежедневной жизни мусульман, в особенности во время совершения религиозных обрядов, и являются общедоступными и популярными.

Ключевые слова: язык, заимствование, слово, понятие, религия, богословие, Ислам, мусульманин, поклонение, религиозный обряд, чистота, намаз, благодеяние и милость, пост, погребение, траур.

LEXICON WITH THE MEANING OF RELIGIOUS WORSHIP IN THE ARTISTIC PROSE JAMI

The article deals with vocabulary denoting the concepts of religious worship in fiction by Abdurahmoni Jami. The refinement of the Qur'an language and the lexical richness of the Arabic language is recognized as one of the weighty reasons for the influence of the Arabic language on the languages of the Muslim East and relying on sources emphasizes that most of the Arabic borrowings are those borrowings that at the beginning of Islam spread to Iranian languages were considered religious vocabulary and were used in order to satisfy the spiritual consumption of the people. It is emphasized that in the prose of Abdurahmoni Jami "Nafakhot-ul-uns" and "Bakoriston" most of the religious terms are vocabulary related to Islamic theology and theology. This vocabulary, in turn, can be further divided into several groups. Among these words, words related to religious worship have a special meaning. The author of the article all vocabulary related to religious worship in the above-mentioned works of Jam divides vocabulary related to namaz and all related actions, words with the meaning of the concepts of beneficence and mercy, terms related to ramazan, words , denoting the concept of Hajj and his prescriptions, the vocabulary associated with the burial and mourning, and relying on the dictionaries analyzes each word. An analysis of the vocabulary with the meaning of the concepts of religious worship shows that this vocabulary in Jami's works expresses various concepts and most of them are used in the daily life of Muslims, especially during religious ceremonies and are widely available and popular.

Key words: language, borrowing, word, concept, religion, theology, Islam, Muslim, worship, religious rite, purity, namaz, blessing and mercy, fasting, burial, mourning.

Сведения об авторе: ***Джумаев Мехроб Одинаевич*** – Таджикский национальный университет, докторант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **mehriob@mail.ru**. Тел.: **(+992) 935-89-64-08**

Information about the author: ***Dzhumaev Mehrob Odinayevich*** - Tajik National University, doctoral candidate of the department of history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **mehriob@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-89-64-08**

УДК: 491.71+491.550-54

РАЗВИТИЕ РЕЧИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ СОЮЗОВ НА НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ФАКУЛЬТЕТАХ

Назаров А.
Таджикский национальный университет

Союзы служат для соединения слов или предложений, выполняя, таким образом в речи синтаксическую функцию. Изучение союзов представляет специфические трудности,поэтому

на нефилологических факультетах невозможно без элементарных сведений по синтаксису (об однородных членах, о предложении, о связи слов в предложении).

Хотя русский и таджикский языки существенно различаются по грамматическому строю, значения союзов и их употребление в рассматриваемых языках имеют очень много общего. Родство русского таджикского языков по происхождению проявляется и при сопоставлении союзов.

В русском языке	**В таджикском языке**
1.Враг, хоть и не велик, несчастье принесёт немалое, забывать это- большая ошибка (Низоми). 2.Или мольбой, или силой, или золотом. (т.е. любым способом стремиться выполнить своё желание) (тадж. посл.) 3. Виновником, оказывается, был этот самый старик с человеческим обликом, но с натурой зверя 4.В их старческих, но блестящих глазах видно было чувство законной гордости и величие 5. От куда- то из сада доносилось тихое, но отчётливое пение 6. (ветер)… доносил до ушей то сильный, то слабый звук грохота пушечный выстрелов 7.Это был старик маленького роста, тощий, иногда резкий и суровый, иногда мягкий и ласковый	1. Душман хӯрдаст балои бузург Ғафлат аз он ҳаст хатои бузург. (Низомӣ) 2. Ё ба зорӣ, ё ба зӯри, ё ба зар. 3. Гунахкор хамон муйсафеди одам сурат, оммо хайвонтабиат будааст… (Ҷ. Карим). 4. Дар чашмони пирона, вале дурахшандаи онҳо ҳисси ифтихори қонунунӣ, фараҳ, сарбаландӣ намудор буд (Р. Ҷалил). 5. Аз кадом як кунҷи боғ суруди паст, вале гӯё ба гӯш мерасид. (П. Толис). 6. Гуп- гупи гоҳ паст, гоҳ баланди рӯпарониҳоро ба гӯшоварда мерасонид (Ф.Ниёзӣ). 7. Ин пирамарде буд қадпаст, қатъию тунд, лоғар, гоҳе гоҳе мулоиму меҳрубон (Р. Ҷалил).

Разберем два примера: 1) Хлынул сильный дождь и сразу освежил хлопковые поля 2) Хлынул сильный дождь, и хлопковые поля сразу посвежели.

В первом примере союз **и** связывает два однородных члена предложения: сказуемые хлынул и освежил, а во втором примере – связывает два самостоятельных простых предложения (Хлынул сильный дождь. Хлопковые поля сразу посвежели.), организуя их в одно сложносочиненное предложение. Заметьте, что запятая ставится перед союзом и в сложносочиненном предложении.

По использованию в речи союзы делятся на две группы: 1) сочинительные и 2) подчинительные

1. Сочинительные союзы **и, а, но, да, или, либо, ни-ни, тоже, также, зато, то есть** употребляются тогда, когда нужно соединить отдельные слова в речи или связать два (или более) равноправных предложения. Например: Играют волны, ветер свищет, **и** мачта гнется **и** скрепит…(Лермонтов).

Первый союз **и** соединяет предложения: Ветер свищет. Мачта гнется и скрипит. Второй союз **и** соединяет два сказуемых: гнется **и** скрепит.

За семь верст комара искали, **а** комар на носу.

Ложку ищет, **а** она в руках.

Он под носом не видит.

Рукавицы ищет, а они за поясом. (Посл.)

За дождем не видно было **ни** моря, **ни** неба. (М. Горький, Старуха Изергиль)

Сочинительный союз **да** может выступать в двух значениях:

1) В значении союза **и**: День **да**(и) ночь - сутки прочь. (Посл.);
2) В значении союза **но**; Пиши, **да** (но) не спеши. (Посл.)
3) Корень учения горек, да плод его сладок. (Посл.)
4) Рыба мелка, да уха сладка. (Посл.)
5) Месяц светит, да свет его не греет. (Посл.)

2.Подчинительные союзы чтобы, что, когда, если, хотя, так как и др. употребляются для связи таких предложений, из которых одно поясняется другое. Например: 1) Уже было поздно и темно, **когда** я снова отворил окно и стал звать Максима Максимыча. (Лермонтов.) 2) Я хочу, **чтобы** к штыку приравняли перо (Маяк). В этих примерах союзы когда, чтоб присоединяют придаточные предложения. Перед подчинительным союзом всегда ставится запятая.

В обоих языках группа подчинительных союзов представлена очень широко. В нее входит большое количество союзов и союзных слов как простых, так и сложных, выражающих самые

разнообразные подчинительные отношения между главными и придаточными предложениями и составе сложноподчиненного предложения.
В русском и таджикском языках по значению выделяется восемь соответствующих друг другу групп подчинительных союзов.

1) Союзы причинные: так как, потому, что, от того что, в связи с тем что, ибо и др. 2) Союзы цели: чтобы, для того чтобы, с тем чтобы, дабы. 3) Союзы следствия: так что, (такой) – что 4) Союзы условные: если, если бы (б), раз, коль, ежели: 5) Союзы уступительные: хотя (хоть), хотя бы, несмотря на то, что; пусть пускай: 6) Союзы сравнительные: как, будто, словно, точно, подобно тому как 7) Союзы временные: когда в то время как, с тех пор как, как только, лишь только, пока, по мере того как, прежде чем и т. п. 8) Союзы изъяснительные: что, чтобы, будто бы, как.	1) Пайвандакҳои сабаб: ки, зеро, зеро, ки чунон ки аз баски, модом ки, чаро ки, ба сабаби он ки, аз сабаби он ки ва ғайра. 2) Пайвандакҳои мақсад: ки, то, то ки, то ин ки, барои он ки. 3) В таджикском языке с помощью союзов ки может быть осуществлено подчинение придаточного предложения следствия. 4) Пайвандакхои шартӣ: агар (гар). 5) Пайвандакхои тобеъкунандаи хилофиӣ: бо вуҷуди он ки, агарчи, гарчанде ки холо он ки 6) Пайвандаккҳои монандкунӣ: монанди он ки, ба мисли он ки, чунонки, гуё ки, барин, хамчун. 7) Пайвандакҳои замон: ки, вақте, ки баъд аз он ки, ҳаминки, ҳангоме ки, аз базе ки ва ғайрахо. 8) союз **ки.** Ман дидам **ки** дар хона касе нест.

Горькое дерево не станет сладким; Как бы ты за ним не ухаживал; Дарахти талх бо тарбия ширин намешава (тадж посл); Котёл, который не для меня кипит, пусть в нем (хоть) земля кипит; Деге, ки барои мана чушад, ба дарунаш хок чушад. (тадж. посл); Увидел, что он высоко пошёл, и ты высоким будь; Диди, ки баланд рафт, баланд бош (тадж. посл).

Средство для устранения события надо предусмотреть до свершения его, раскаяние бесполезно, после того, как время упущено.

Илочи воқеа қабл аз вуқуъ бояд кард,
Дареғ суд надорад, чу рафт кор аз даст (Саади).

Таблица основных значений подчинительных союзов

Таблица №1.

Значений подчинительных союзов	Наиболее употребительные подчинительные союзы
Пояснительные	Что, чтобы.
Временные	Когда, лишь, как только, едва, пока.
Причинные	Потому что, оттого что, так как, ибо.
Целевые	Чтобы (чтоб), дабы.
Условные	Если, если бы, когда бы, ежели, коли.
Уступительные	Хотя (хоть), хотя бы, пусть.
Сравнительные	Как, словно, как бы, как будто, точно.
Следствия	Так что.

Правописание союзов

1. ***Раздельно*** пишутся союзы **не то, то есть, при этом, однако же, будто, потому что, оттого что, так что, так как, как только, лишь только.**

2. ***Слитно*** пишутся союзы **чтобы, зато, тоже, также, оттого, потому, поэтому, причем, притом.**

Эти союзы нужно отличать от созвучных с ними наречий с частицами или союзами (также, и так), от местоимений с частицами (то же, что бы) и от местоимений с предлогами (за то, от того, по этому), которые пишутся р з д е л ь н о, в два слово.

Для того чтобы отличить союзы от созвучных с ними слов, рекомендуется произвести синтаксической разбор предложения. При этом необходимо помнить, что союз-это служебное слово, которое не отвечает на вопрос члена предложения и, следовательно, не является членом предложения. Напротив, местоимения и наречия всегда являются членами предложения.

Например: 1) Мересьев взглянул на компас (для чего?), чтобы передохнуть. (Пол). Здесь чтобы связывает придаточное предложение с главным, то есть является союзом. 2) Что бы мне прочитать? Здесь что отвечает на вопрос дополнения и является местоимением.

Союзы также, тоже, чтобы и созвучные им слова

Таблица №2

Пишите ***слитно*** союзы **также, тоже, чтобы**	Пишите ***раздельно*** наречие так с частицей **же**; местоимения то и **что** с частицами **же, бы**
1. Он хорошо играет, поёт **также** недурно. 2. Секунду он (Павел) молчал, мать смотрела на него **тоже** молча. (М.Горький.) 3. Я пришел, **чтобы** поговорить с вами о деле. (А.П. Чехов.)	1. Истина необходима человеку так же, как слепому трезвый поводырь. (М.Горький.) 2. То же слово, да не так бы молвить. (Посл.) 3. На что бы, казалось, нужна была Плюшкину такая бездна подобных изделий? (Гоголь.)

Разбирая эту таблицу, уясните следующее. 1) От союзов также, чтобы без нарушения смысла н е л ь з я отделить **же** и **бы** или перенести их в другое место предложения. Так, например, приведенное в таблице предложение я пришел домой, чтобы поговорить с вами о деле без **бы** теряет смысл. 2) От наречия так и местоимений то, что частицы же и бы можно совсем убрать или перенести в другое место фразы; смысл от этого нарушен не будет. Например: а) Истина необходима человеку так, как слепому трезвый поводырь (частица же убрана); б) На **что**, казалось **бы**, нужна была Плюшкину такая бездна подобных изделий? (частица **бы** перенесена в другое место). Кроме того, нужно помнить, что союзы **тоже, также**, и равны по смыслу и могут заменять друг друга, например: Я учусь, он **тоже** учится (он **также** учится; **и** он учится.)

Союзы, зато, оттого, потому, поэтому и др. и звучные им местоимения с предлогами

Таблица №3

Союзы пишите ***слитно***	Местоимения с предлогами пишите ***раздельно***
1. Зато (но) в углу своем надулся, увидя в этом страшный вред, его расчетливый сосед. (А.С.Пушкин.)	1. Берись за то, к чему ты сроден. (И.А.Крылов)
2. Оттого (потому) ли, что я провел ночь под его кровом, только Хорь гораздо ласковее вчерашнего обошелся со мной. (И.С.Тургенев.)	2. С кем поведешься, от того и наберешься. (Посл.)
3. До вчера ещё было много времени, и потому (поэтому) мы с Дерсу взяли свои винтовки и пошли в лес на разведку. (Арс.)	3. Мересьев полз по этому лесу восемнадцать суток. (Б.Н.Полевой.)
4. Собрание прошло активно, причем (притом) критиковали, невзирая на лица.	4. Притом заводе был организован вечерний техникум.

Союз **зато** близко по значению союзу, **но**: Он пишет медленно, зато (но) красиво. Союзы **оттого, потому, поэтому** сходны по смыслу: Вы отлично работали, поэтому (оттого, потому) вас премировали, союзы причем и притом близки по значению к выражению «вместе с тем». Чтобы не спутать союзы с созвучными местоимениями за то, от того, по тому, по этому, нужно проверять их путем замены одинаковыми по смыслу союзами, как это показано выше. Заменить подобным образом местоимения без нарушения смысла предложения нельзя. Указанные местоимения то, того, этому, том, чем, с предлогами стоят или при существительных (по этому лесу, при том заводе), или к ним легко можно подставить существительное: берись за то дело; от того человека и наберешься.

Союз итак и созвучное ему наречие так с союзом и

Таблица №4

Союз пишите ***слитно***	**Наречие с союзом** пишите ***раздельно***
Итак, соревнования закончились успешно.	Он много тренировался и так удачно пробежал, что никто не смог егообогнать.

Союз итак может быть заменен словами наконец, следовательно; к нему нельзя поставить вопроса. Наречие так отвечает на вопрос как? (Как пробежал?- Так удачно, что никто не смог его обогнать).

Если б я властелином судьбы своей стал- бы	Эй кош, ки ҷои орамидан будӣ,

всю её заново перелистал И, безжалостно вычеркнув скорбные строки, Головою от радости небо достал!	Ё ин раҳи дурро расидан будӣ. Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок Чун сабза умеди бардамидан будӣ **(О.Хайам).**

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Виноградов В.В. Русский язык / В.В. Виноградов. АН СССР. - М., - Л., 1949. - 497 с.
2. Современный русский язык / Под ред. В.А. Белошапковой. 1. Изд. - М., 1981; 2. Изд. - М., 1991; 3 изд. –М., 1998. - 410 с.
3. Потебня А.А. Из записок по русской грамматике, т. IV / А.А. Потебня. - М.-Л., 1941. - 147 с.
4. Земский А.М. Русский язык. Часть 1 / А.М. Земский, С.Е. Крючков, М.В. Светлаев. - М., 2003. - 338 с.
5. Я.И. Калонтаров. «Мудрость трёх народов» / Я.И. Калонтаров. - Душанбе: Адиб, 1989. - 427 с.
6. И.Б. Мошеев. Сопоставительная типология русского и таджикского языков (Морфология). - Душанбе, 1991. - 230 с.
7. Омар Хайям. Сто рубаи. - Душанбе: Ирфон, 1984. - 217 с.

ИНКИШОФИ НУТҚ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ПАЙВАНДАКҲО ДАР ФАКУЛТЕТҲОИ ҒАЙРИФИЛОЛОГӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф мушкилотро ҳангоми таълими «Пайвандакҳо» дар факултетҳои ғайрифиллогии макотиби олии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳангоми таълими қисмати «Пайвандакҳо» бояд қисмҳои муайяни ҳиссаҳои нутқро дар хотир нигоҳ дошт ва маънии синтаксисии пайвандакҳоро аниқ кард, ки барои алоқаи калимаҳои ҷудогона (аъзоҳои ҷумла) ва ҷумлаҳои пурра хизмат менамоянд. Нигориши дурусти пайвандакҳоро омӯхта, бояд бодиққат маълумотҳоро дуруст ба тартиб дароварда, онҳоро дар усулҳои амалӣ аз худ намуд. Пайвандакҳоеро, ки бояд якҷоя навишт, бе хатогӣ аз вобасташавии калимаҳо (зарфҳо ва ҷонишинҳо бо пешояндҳо ва ҳиссачаҳо) фарқ карда тавонист, ки бояд ҷудо навишта шаванд. То ки ин масъалаи муҳим коркарди дуруст гардад, муаллифи мақола ҷадвалҳоро пешниҳод намудааст, ки дар мақола оварда шудаанд. Муайянкунандаҳои чида дар забони тоҷикӣ бо пайвандакҳо пайваст карда мешаванд. Маълум аст, ки пайвандакҳо алоқаро на танҳо байни муайянкунандаҳои чида аз як тараф, инчунин калимаи муайянкунандаи онҳо аз тарафи дигар муқаррар месозанд. Дар робита бо ин машкҳои гуногун гузаронида шуда, дар рафти онҳо донишҷӯён пайвандакҳоро ҷудо карда, онҳоро аз дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо месозанд, аз рӯи фарқияти нигориши дурусти онҳо мушоҳида намуда, қоидаҳои мувофиқро ташаккул медиҳанд. Дар як вақт мушоҳидаҳо аз рӯи гузориши аломатҳои китобатӣ дар намунаҳои таҳқиқшаванда гузаронида мешаванд..

Калидвожаҳо: пайвандакҳои пайиҳам, пайвасткунанда, тобеъкунанда, пайвандакҳои сабаб, пайвандакҳои шартӣ, пайвандакҳои мақсад, тобеъкунандаи хилофӣ.

РАЗВИТИЕ РЕЧИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ СОЮЗОВ НА НЕФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ФАКУЛЬТЕТАХ

В данной статье автор рассматривает трудности при изучении «Союзов» на нефилологических факультетах. При изучении раздела «Союзы» нужно твёрдо запомнить определение части речи и уяснить синтаксическое значение союзов, которые служат для связи отдельных слов (членов предложения) и целых предложений. Изучая правописания союзов, следует внимательно разобрать и прочно усвоить данные в практические приёмы, как быстро и без ошибочно отличать союзы, которые пишутся слитно, от сочетания слов (наречий и местоимений с предлогами и частицами), пишущихся раздельно. Чтобы лучше отработать это важный вопрос, автором статьи предлагаются таблицы, помещенные в данной статье. Однородные определения в таджикском языке могут быть соединены союзами. Известно, что союзы устанавливают связь не только между однородными определениями, с одной стороны, и их определяемым словом, с другой. В связи с этим проводятся разнообразные упражнения, в ходе которых студенты выделяют союзы, ограничивая их от других частей речи, делают наблюдения над различием в правописании тех и других, формулируют соответствующие правила. Одновременно делаются наблюдения над постановкой знаков препинания в разбираемых примерах.

Ключевые слова: соединительные союзы, сочинительные, подчинительные, союзы причинные, союзы условные, союзы цели, уступительные.

THE DEVELOPMENT OF SPEECH IN THE STUDY OF UNIONS AT NON-PHILOLOGICAL FACULTIES

In this article, the author examines the difficulties in the study of "Unions" in non-philological faculties. When studying the section "Unions" you need to firmly remember the definition of the part of speech and understand the syntactic meaning of the unions, which serve to link individual words (sentence members) and whole sentences. Studying the spelling of unions, one should carefully disassemble and firmly grasp the data in practical methods, how quickly and without mistakenly distinguish unions that are written in one word, from a combination of words (adverbs and pronouns with prepositions and particles), written separately. In order to better work out this important issue, the author of the article suggests the tables in this article. Homogeneous definitions in Tajik language can be joined by unions. It is known that unions establish a connection not only between homogeneous definitions, on the one hand, and their definable word, on the other. In this regard, a variety of exercises are conducted in which students isolate alliances, restricting them from other parts of speech, make observations on the difference in the spelling of those and others, formulate appropriate rules. At the same time, observations are made on the formulation of punctuation marks in the examples being analyzed.

Key words: connecting unions, authoritative, subordinate, causal unions, conditional unions, goals unions, concessions.

Сведения об авторе: ***Назаров Ахмад*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры русского языка для нефилологических факультетов. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: **(+992) 985-04-77-89**

Information about the author: ***Nazarov Ahmad*** - Tajik National University, Associate Professor of the Russian Language Department for non-philological faculties. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 985-04-77-89**

УДК: 891.550:491.550

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ ФОРСИИ МИЁНА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИР

Шарипова Ф.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони форсии нав намунае аст аз забони форсии миёна, ки дар садаҳои VII ва IX мелодӣ сурат гирифтааст. Забоне, ки бо он осори забони порсии нав эҷод мешуд, аз лиҳози грамматикӣ чандон тағйир наёфтааст ва дар ҳамон зинаи инкишофи морфологии забони форсии миёна қарор дошт. Тафовути забони порсии дарӣ бо забони форсии миёна аз лиҳози сарфу наҳв чандон зиёд нест ва ин тафовут дар ҳазфи калимаҳо ва аз байн рафтани баъзе шаклҳои калимаҳо дида мешавад [7]. Масалан, дар форсии миёна луғоте ҷой доштааст, ки бо сокин шурӯъ мешудааст ва баъд дар давраи нав ин луғатҳо дар аввал бо алиф ё садонокҳо навишта мешуданд, чун ситодан, Стахр, Фросиёб, Сфандиёт. Ва луғоте низ дар форсии миёна ҷой доштааст, ки ҳарфи аввали он алиф будааст ва ин ҳарф ҳазф шудааст, чун ишкамб, уштур, адевор. Инчунин ҳарфи охири бархе аз луғот аз байн рафтааст: сумб, думб, хумб. Дар бархе аз феълҳои мураккаб ба монанди **авфтозан**, **авфроштан, авфканзан** ҷузъи **ав**, ки маънои “бар”-ро ифода мекард, ҳазф гардида, феълҳо сурати **афтодан, афроштан, афкандан**ро гирифтаанд.

Ҳарфҳои поёнии **āg, īg, ōg, ūg**, ки бозмондаи пасванди **ka**-и форсии бостонанд, дар порсӣ ҳазф шудаанд: **dānāg- доно, zānūg-зону, āwrzōg-орзу, parīg- парӣ**. Дар бархе аз калимаҳо ба монанди **борик, наздик, дук, торик** овози **k** боқӣ мондааст. Дар бархе аз калимаҳои форсии миёна, ки бо садонокҳои **ā, i, u** хатм мешудаанд, ин садонокҳо ҳазф гардидаанд: Хузой- Худо, газой-гадо. Овози s дар баъзе калимаҳои форсии миёна ба овози h табдил ёфтааст, чун: гос-гоҳ, вунос- гуноҳ, мос- моҳ. **W**-и оғозии форсии миёна дар порсии дарӣ ба ҳамсадои **b** бадал шудааст, чун wād- бод, wad- бад. Wi дар аввали калимаҳо ба **gu** бадал шудааст: wišād- гушод [6, с.10].

Аммо тағйироти куллиро таркиби луғавии забон аз сар гузаронид, зеро захираи луғавии пешин ба талаботи шароити нави таърихӣ ҷавобгӯ набуд [2]. Бархе аз луғоти форсии миёна тағйири маъно карданд ва бархеи дигари онҳо, ки ду ва зиёда маъноро ифода мекарданд, яке аз маъноҳояшонро аз даст доданд, чун калимаи nēv, ки маънои нав ва некро ифода мекардааст. Бархе аз феълҳои паҳлавӣ аз байн рафтанд, чун сиҳастан - “дидан ва салоҳ андешидан”, вушуфтан – пароканда кардан, минитан - “пиндоштан”, буржитан - “тараққӣ кардан”.

Дар таркиби луғавии забонамон калимаҳое аз забони форсии миёна боқӣ мондаанд, ки танҳо ҳамчун ҷузъи калимаҳои сохта ё таркибҳо боқӣ монда, маънои луғавии онҳо ба соҳибони забон чандон рушан нест ё бархе аз ин луғот дар гӯйишҳо боқӣ мондаанд. Калимаҳои мавриди назарро аз рӯйи корбурдашон ба чунин гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. **Вожаҳое, ки ҷузъи калимаҳои сохта буда**, решаи (калимаи сода) онҳо дар алоҳидагӣ имрӯз дар забони адабӣ корбаст намешаванд. Чунончи:

arzišn > аз **arj** –“баҳо, арҷ, арзиш” ва –**išn**- пасванде аст, ки исми масдар месозад ва дар форсӣ ба –**eš** “ش” табдил шудааст [12, с. 51]. Дар фарҳангҳои форсӣ вожаи арз ارز чунин маънидод шудааст: баҳо, қимат, арзиш [11, с. 13].

Гунаи дигари ин вожа - **арҷ** дар забони адабии муосир мустаъмал аст.

čār – 1) чора, васила, равиш, тадбир; 2) кӯмак, илоҷ [12, с. 115].

Ин вожа дар калимаҳои сохтаи **чора** ба маънои “илоҷ, тадбир, гузир” [5, с. 545] ва ночор – “ноилоҷ, ногузир” ва бечора –“хор, залил” боқӣ мондааст. Вожаи чор низ дар чунин шакли сода аз истеъмол баромадааст. Дар адабиёти классикӣ корбурди ин вожа ба назар мерасад:

*Рафту моро ҳама **бечорав**у дармонда бимонд,*

*Ман надонам, ки чи дармон кунам инрову чӣ **чор** (Фаррухӣ).*

Калимаи **беҳуда** – “он чи ҳақиқат надорад; бефоида, бенатиҷа”, аз пешванди **бе-** ва **ҳуда** иборат аст, ки дар забони муосир он тамоман аз истеъмол мондааст. Ин калима дар форсии миёна аз ду калимаи мустақил иборат аст: **hū** – хуб, дуруст, муносиб ва **dah/dāh**-додан, бахшидан, яъне самарабахш, фоида, суд; ҳақ, дуруст [12, с. 281]. Вожаи **ҳуда** дар адабиёти классикӣ корбаст мешудаст:

Меҳр ҷӯйӣ зи ману бемеҳрӣ,
*Ҳуда хоҳӣ зи ману **беҳудаӣ** (Рӯдакӣ).*

varz – 1) варз, кор; 2) муъҷиза; 3) неру [12, с.582]. Дар таркиби калимаи сохтаи **варзиш, варзида** ва калимаи мураккаби **кишоварз** меояд. Ин вожа низ бидуни вандҳо корбаст намешавад.

Дар луғатҳои форсӣ ба чунин маъниҳо омадааст:

۱)عمل، کار)۲ پیشه، حرفه، شغل)۳ حاصل ۴) زراعت، کشت[11, c. 13]

Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ин вожа ба манои варзида корбаст кардааст:

*Зи говону **варзу** зи говони шир*
Даҳу ду ҳазораш навишт он дабир (Фирдавсӣ).

2. **Калимаҳое, ки ҷузъи таркибҳоанд**. Маъмулан дар чунин таркибҳо маънои ҷузъи аввал маълум аст, аммо маънои ҷузъи дувум чандон рушан набуда, алоҳида ин гуна калимаҳо истифода намешаванд:

Bunak> buna+ak -1) буна, бор; 2) ҷо, маскан, урдугоҳ [12, с. 104]. Ин вожа дар таркиби **бору буна** ба ҳамин маънои бор корбурд дошта, берун аз таркиби мазкур имрӯз ба маънои бор корбурд надорад.

Вожаи буна дар фарҳанг чунин тафсир ёфтааст: 1) асбобу анҷом, рахти хона, мол; 2) муҳиммоти аскарӣ; 3) манзил, хона, ошёна [4, с. 212]. Дар Луғатномаи Деҳхудо بنه (буна) маъхуз аз паҳлавӣ дониста шуда, бор ва асбобу рахти хона таъриф шудааст [13].

Дар адабиёти классикӣ вожаи буна ба маънои бор корбурд доштааст:

*Сипаҳ баргирифту **буна** барниҳод,*
Зи Яздони некидеҳаш кард ёд (Фирдавсӣ).

Вожаи буна дар забони адабии муосир бештар ба маънои манзил корбурд дорад.

faš ‑ интиҳо ва дами ҳар чизе [12, с. 187]. Ин вожа дар таркиби **ришу фаш** меояд. Маънои “1) шамлаи салла, нӯги овезони салла, 2) ёли асп”[4, с. 428]; /فش/ fo(a)š- 1) кокул; 2) ёли асп [11].

Пашутан ҳаме рафт ба пеши сипоҳ,
Бурида фашу думи аспи сипоҳ (Фирдавсӣ).

mān – мон, маскан, хона, ҷо, хонавода [12, с. 355]. مان –хонаро гӯянд ва низ хону мони атбоъ аст; дар паҳлавӣ مان хона, масканро гӯянд, дар форсии бостон مانیا – “хона, сарой” [9]. Ин вожа дар таркиби **хону мон** имрӯз дар истеъмол аст, аммо алоҳида ин калима корбурд надорад. Дар адабиёти классикӣ ин калимаро адибон корбаст намудаанд:

*Ҳама подшоҳед бар **мони** хеш,*
Нигаҳбони марзу нигаҳбони кеш (Фирдавсӣ).

3. **Калимаҳое, ки имрӯз ба нидо ё калимаҳои тақлидӣ** мансуб дониста шудаанд:

vāy -1) бод, дам, нафас; 2) ҳаво, фазо; 3) тақдир [12, с. 578]. Дар фарҳангномаҳои форсӣ вожаи вой чунин шарҳу тафсир шудааст:

۱) برای بیان درد و رنج به کار می‌رود: وای، سرم درد می‌کند.
۲)برای بیان علاقه یا نفرت از چیزی به کار می‌رود: وای چه بچهٔ قشنگی دارید.
۳) افسوس : گر مسلمانی از این است که حافظ دارد / وای اگر از پس امروز بُوَد فردایی (حافظ: ۹۷۸)
۴) .(اسم) [قدیمی] فریاد؛ فغان
[قدیمی] افسوس و دریغ؛ حسرت
0 . 6) وایاوای: شور و غوغای مصیبت‌زدگان [11]

Дар забони авестоӣ vayōi, avōi, онро исми савт (нидо) номидаанд. Маккензи ин вожаро дар паҳлавӣ ғам ва андуҳ тафсир кардааст [9, с. 2846].

vak –қурбоққа, ғук, вазағ [12, с. 580]. Дар фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ вожаи **вак** ҷой надорад, аммо вожаи **вақ-вақ-**ро чунин шарҳ додаанд: калимаи тақлидии овози қурбоққа [5, с. 260]. Пас, ин калимаи тақлидӣ ҳам аз калимаи **вак** пайдо шудааст.

4. Калимаҳое, ки маънои пешинаашонро аз даст дода маънои нав касб кардаанд:

bālist – баландтарин, иртифоъ, авҷ, нуқтаи авҷи ситора, боло/ **bālišn** – боландагӣ, нуму, маснад, тахт, болиш [12]. Дар забони адабии муосир **болин/болиш** “ҷойи сар мондан ҳангоми хоб”. Дар мавриди маъхуз аз **bālist**-и форсии миёна будани ин вожа миёни

муҳаққиқон ихтилофи назар ҷой дорад. Аз ҷумла муҳаққиқи эронӣ Ҳасандӯст мефармояд: “Дар бораи иштиқоқи луғати ёдшудаи форсии миёна аз решаи bard “пӯшондан” аз ҳиндуаврупоии bhelgh “бод кардан”..., ки густураест аз решаи bhel” [9]. Аммо калимаеро дар форсии миёна мо ба маънои пӯшондан, бод кардан, ки ба bālist/ bālišn шабоҳат дошта бошад, пайдо накардем.

afkār/ -бекор, вомонда, дармонда, нотавон - аз вожаи apēkār: apē- пешванди бе ва kār- амал, ба маънои бекор, носудманд [12, с. 4]. Дар эронии бостон kāra аз решаи kar “кардан, анҷом додан” [9, с. 2085] аст. Дар гӯйиши мардуми шимоли Тоҷикистон “бекор” ба маънои беҳуда, носудманд истифода мешавад. Чунончи: Бекорб-а имрӯз аз хона баромадам. Дар гӯйиши ҷанубӣ дар шакли афгор/афкор/авгор омада маънои ғаму ғусса ва хастагиро ифода мекунад: “Бисйор афгор шидъм” [3, с. 70].

Дар фарҳанги решашиноҳтӣ баромади ин пасвандро аз вожаи kār/gār-форсии миёна гуфтаанд [9, с. 2328].

Пас, маълум мешавад вожаи афгор дар забони тоҷикӣ тағйири маъно (бекор) карда, имрӯз ба маънои хаста, азияткашида корбаст мешавад.

āhankār = āhangar - оҳангар, касе, ки бо оҳан кор мекунад [12]. Дар китоби грамматикаи забони адабии тоҷик -гар/-гор, ки маъхуз аз вожаи форсии миёна kār аст ва баъдан ба пасванди исмсоз табдил ёфтааст, чунин таъриф шудааст: “суффикси -гар дар исмсозӣ сермаҳсул буда, исмҳои шахс месозад, ки маънои гуногун доранд”[1, с. 111].

Вожаи **омӯзгор** низ дар форсии миёна аз шакли **āmōžkār**- “омӯзгор, омӯзанда” иборат буда, аз ду ҷузъ иборат аст: **ā-mōž-kār** [12, с. 18]

“Суффикси –гор дар забони ҳозираи тоҷик каммаҳсул буда, ба воситаи он аз ному асосҳои феъл исмҳои шахс сохта мешаванд” [1, с. 111]. Агарчи пасвандҳои -гару -гор аз рӯйи вижагии калимасозиашон аз ҳам фарқ кунанд ҳам, аз сайри таърихии пасвандҳо маълум мешавад, ки маншаи пайдоиши ҳар ду пасванд калимаи **kār-**и форсии миёна мебошад.

5. **Баъзе аз калимаҳои забони форсии миёна дар давраи аввали адабиёти классикӣ дар истеъмол буда,** баъдан аз истеъмол баромадаанд. Аз ҷумла:

āhanjišnih/āhixtan – оҳанҷидан, оҳехтан, бароҳехтан, берун кашидан, баркашидан [12]; ā- пешванди нафй, hixt- баркашидан ва an- пасванди масдарсоз [12].

Бароҳехт *шамшеру андар ниҳод,*
Ҳаме кард аз он размги Гуштосп ёд (Фирдавсӣ).

Вожаи awrang - авранг, шукӯҳ, мақом [12, с. 74]. Дар осори классикон ба ҳамин маъноҳои шукӯҳу ҷалол корбурд доштааст:

Бад-ӯ гуфт бе ту нахоҳам ҷаҳон,
*На **аврангу** не ганҷу тоҷи шаҳоб (Фирдавсӣ).*

čamītan>čam-īt-an – чамидан, тафреҳ кардан, бо ноз ва карашма рафтан, čam –čam-īšn –хиромон рафтан [12, с. 113], хиромидан [13]. Дар осори Фирдавсӣ, Манучеҳрӣ, Хоқонӣ, Низомиву Саъдӣ корбурди ин феъл ба назар мерасад.

*Назебад туро бо ҷавонон **чамид,***
Ки бар оразат гарди пирӣ дамид (Саъдӣ).

gāzar - гозар, рахтшӯй [12, с. 218]. Дар Фарҳангҳои тафсирӣ омадааст: гозур/гозар – либосшӯй, ҷомашӯй, шустагар, сапедкор, қасор [13]. Ин истилоҳи ифодакунандаи касб то давраи дувуми инкишофи забони адабӣ мустаъмал будааст:

*Яке **гозари** он хирад сандуқ дид,*
Бипӯид в-аз коргаҳ баркашид (Фирдавсӣ).

and –анд, чанд, баъзе, бархе, он қадар [12, с. 24]. Дар луғатҳои форсӣ омадааст: اند - шумораи маҷҳул аз се то нуҳ [11, с. 13].

Чу навмед гашт ӯ зи чархи баланд,
*Ки шуд солиёнаш ба ҳафтоду **анд** (Фирдавсӣ).*

6. **Иддае аз луғоти форсии миёна дар гуйишҳои забони тоҷикӣ** маҳфуз мондаанд. Соири луғоти зерин:

kafčak- кафча, қошуқ [12, с. 305]. کفچه –чумча, кафгир, камча, чумча [11]. Дар гӯйиши ҷанубӣ барои ифодаи қошуқ меояд [3, с. 323]. Дар забони адабӣ ҷойи “кафча”-ро вожаҳои қошуқ ва кафгир гирифтааст.

*Даст **кафча** макун ба пеши фалак,*
Ки фалак косае аст хоки анбор (Хоқонӣ).

Даст кафча кардан маънои дастро гирд кардан ба монанди кафлезро дорад. Бархе аз вожагони забони форсии миёна дар ҳамон шакли қадимиашон дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, дар забони паҳлавӣ феъли lištan – лесидан мавҷуд аст, ки дар гӯйиши ҷануби шарқӣ мустаъмал аст.

Вожаи **aškamb/škamb [12]** – "шикам" дар гӯйиши ҷанубӣ ҳоло ҳам дар ҳамин шакл дар истеъмол аст [3, с. 64].

Вожаи **hang** дар забони паҳлавӣ маънои "доноӣ, фаҳм"-ро ифода мекунад [12]. Ба ин маъно вожаи ҳангро дар фарҳангҳои тафсирии забони тоҷикӣ пайдо накардем. Дар "Фарҳанги Амид" чунин маъноҳои он омадаанд: 1) ҳушӯрӣ, доноӣ; 2) сангинӣ; 3) виқор, шавкат; 4) зӯр, қудрат; 5) қасд, оҳанг [11].

Дар ашъори Анварӣ "ҳанг" ба маънои ҳушёрӣ ва доноӣ омадааст:

*Эй ҳама сирати ту **ҳангу** субот,*
*Чӣ кунам бе суботу бе **ҳанг**ам.*

Фирдавсӣ бошад ин вожаро барои ифодаи сангинӣ ва вазнинӣ меорад:

*Зи **ҳанги** сипаҳдору чанги савор,*
Наёмад дуволи камар пойдор.

Дар гӯйиши ҷанубӣ ифодаи **hang/ang** ба маънои қувва, тавоноӣ мустаъмал аст. Чунончи: **Ҳанг** надоръм и кор-а бъкънъм [3, с.795].

šēp-шипондан, такон додан, ба ҳам задан, махлут кардан [12].

Вожаи šēp дар гӯйиши шимоли забони тоҷикӣ феъли афшондан, такиданро дорад: Гилем шипондан.

Хулоса, ҳар як вожа сайри такомули таърихии худро дорад ва донистани инкишофи таърихии таркиби луғавии забонамон имкон медиҳад, то ба умқи масоили вожагони забонамон сарфаҳм рафта, дар шарҳу тафсири ин луғот ба иштибоҳ роҳ надиҳем. Омӯзиши таърихии луғот нишон медиҳад, ки ягон вожа бадоҳатан, бидуни замина ва авомиле ба забони адабии тоҷикӣ ё гӯйишҳои забонамон роҳ намеёбад ва ҳар як вожа масири тӯлонии таърих ва таҳаввулу инкишофро аз сар гузаронидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.II. - Душанбе: Дониш, 1986. - 372 с.
2. Рипка Я. История персидской и таджикской литературы. - М.:Прогресс, 1970. - 439 с.
3. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ. - Душанбе: Пайванд, 2012. - 946с.
4. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - Москва:Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1,2. - 950с.
5. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - Ҷ.1,2. - 944 с.
6. آموزگار ژ. تفضلی. زبان پهلوی.- تهران :معین.- 1382.-46ص.
7. بهار م. سبکشناسی.ج 1.- تهران:امیر کبیر،1384.-462ص.
8. بهرامی ا. فرهنگ واژه های اوستا.- تهران،1349.-1663ص.
9. حسندوست م. فرهنگ ریشه شناختی زبان فارسی.- تهران،1393.-2954ص.
10. خانلری پ. تاریخ زبان فارسی.ج .1.- تهران: رامین،1377.-414 ص.؛ ج.2.- تهران: رامین،1377.-408 ص؛ ج 3.- تهران: رامین،1377.-490 ص.
11. عمید ح. فرهنگ فارسی عمید.- تهران،1489 .-1254 ص.
12. فرهوشی ب. فرهنگ زبان پهلوی.- تهران،1381 .- 674ص.
13. لغتنامهٔ دهخدا.- تهران،1445،ج 1-50.

ВИЖАГИҲОИ КОРБУРДИ БАРХЕ АЗ ВОЖАҲОИ ФОРСИИ МИЁНА ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба масъалаи гузариш аз низоми забони форсии миёна ба забони форсии нав бахшида шудааст. Ин тағйирот дар сатҳи морфологиву синтаксисӣ чандон назаррас нест, аммо тағйироти куллиро таркиби луғавии забон аз сар гузаронид, зеро захираи луғавии пешин ба талаботи шароити нави таърихӣ ҷавобгӯ набуд. Дар натиҷаи ин гузариш бархе аз луғоти форсии миёна тағйири маъно карданд ва бархеи дигари онҳо, ки ду ва зиёда маъноро ифода мекарданд, яке аз маъноҳояшонро аз даст доданд ва бархеи дигар аз онҳо умуман аз байн рафтанд. Дар таркиби луғавии забонамон калимаҳое аз забони форсии миёна боқӣ мондаанд, ки танҳо ҳамчун ҷузъи калимаҳои сохта ё таркибҳо боқӣ монда, маънои луғавии онҳо дар алоҳидагӣ ба соҳибони забон чандон рушан нест ё бархе аз ин луғот дар гӯйишҳо маҳфузанд. Инҳо вожаҳоеанд аз ҷузъи калимаҳои сохта: **арзиш>** аз **arj** –"баҳо, арҷ, арзиш" ва –**išn-** дар форсӣ –**eš** "ش" пасванде аст, ки исми масдар месозад, ё ҷузъи таркибҳоанд: **бору буна (**buna+ak -1) буна, бор; 2) ҷо, маскан, урудгоҳ); калимаҳое, ки имрӯз ба нидо ё калимаҳои тақлидӣ нисбат дода шудаанд: **vāy,** vak; калимаҳое, ки маънои пешинаашонро аз даст дода маънои нав касб кардаанд: **bālist, afkār**; калимаҳое, ки дар марҳилаи аввали забони адабӣ ҷой доштанд ва баъдан аз байн рафтанд: **āhanjišnih/āhixtan, čamītan>čam-īt-an**; калимаҳое, ки танҳо дар гӯйишҳо боқӣ мондаанд: kafčak, **hang, šēp.**

Калидвожаҳо: забони форсии миёна, забони форсии нав, калима, таркиби луғавӣ, маънои луғавӣ, гӯйиш.

ОСОБЕННОСТИ УПОТРЕБЛЕНИЯ НЕКОТОРЫХ СЛОВ СРЕДНЕПЕРСИДСКОГО ЯЗЫКА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена проблеме перехода системы среднеперсидского языка на новоперсидский. На уровне морфологии и синтаксиса эти изменения незначительны, но существенные изменения наблюдается в лексическом составе новоперсидского языка. В результате этого перехода некоторые слова изменились по значению, другие из них, имевшие два или более значения, утратили одно из значений, а некоторые и вовсе исчезли. Данную лексику можно подразделить на такие группы: слова, которые являются компонентами производных и составных форм: **арзиш>** от **arj** –"оценка, цена" и –**išn-** в персидском – **-eš** "ش" суффикс, который образует существительное, **бору буна (**buna+ak - груз, место жительства); слова, которые в современном языкознании относят к междометию:**vāy,** vak; слова, которые утратили ранние значения и приобрели новые значения: **bālist, afkār**;слова которые употреблялись в раннем периоде развития новоперсидского языка и в дальнешем развитии языка архаизировались: **āhanjišnih/āhixtan, čamītan>čam-īt-an**; слова которые сохранились только в диалектах таджикского языка: kafčak, **hang, šēp.**

Ключевы слова: среднеперсидский язык, новоперсидский язык, слово, лексический состав, лескическое значение, говор.

SPECIFICITY OF THE USE OF SOME WORDS OF MIDDLE PERSIAN LANGUAGE IN THE MODERN TAJIK LANGUAGE

The article is devoted to the problems of transition of the middle Persian words to new Persian words in the language. On the level of morphology these changes are slight, but these changes are seen in the lexical part of new Persian words. At the result of this transition some of words has changed, and the part of them which had two or more meanings has lost one of their meanings. In the lexicon of modern Tajik language, the middle Persian words are used only in derived or compound words, and the lexical meaning of these words separately is unclear to native speakers, or these words preserved in dialects. These vocabulary can be divided into the following groups: words that are components of derivative and compound forms: arzish> from arj - "assessment, price" and –išn- in Persian - -eš "ش" suffix, which forms the noun, bora buna (buna + ak - cargo, place of residence); words that in modern linguistics belong to interjection: vāy, vak; words that have lost their early meanings and acquired new meanings: bālist, afkār; words that were used in the early period of development of the new Persian language and in the further development of the language were archaic: āhanjišnih / āhixtan, čamītan>čam-īt-an; words that are preserved only in the dialects of the Tajik language: kafčak, hang, šēp.

Key words: middle Persian language, new Persian language, word, lexical composition, lexical meaning, dialect.

Сведение об авторе: ***Шарипова Ф.Х.*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **Farangis@mail.ru**

Information about the author: ***Sharipova F.Kh.*** - Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Language and Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **Farangis@mail.ru**

УДК: 491.550-3:891.550:82

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ИСМИ ШАХССОЗИ ИФОДАКУНАНДАИ КАСБУ ҲУНАР ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Бобомуродов Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шудани соли 2018, ки ҳадафи асосии он муаррифии шоистаи миллати тоҷик мебошад, дар навбати аввал, ба эҳёи ҳунарҳои миллӣ ва афзоиши дастранҷи шахсони эҷодкору соҳибистеъдоди кишварамон мусоидат хоҳад намуд. Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд [13].

Омӯзиш ва таҳқиқи забони осори шоирону нависандагон барои рушд ва инкишофи забони адабӣ, аз ҷумла истилоҳот, аз аҳамият холӣ нест. Хушбахтона, дар забони адабии муосири тоҷикӣ асару мақолаҳои зиёди илмӣ доир ба забони адибони классику муосир нашр шудаанд.

Ба назари мо, таҳқиқи лингвистии забони наср ҳам барои нишон додани ҳунари суханварии адибон ва ҳам барои муайян кардани ҳолати имрӯзаи забони адабӣ аҳамияти калон дорад.

Доир ба забони осори устод Садриддин Айнӣ асару мақолаҳои зиёд нашр шудаанд ва нашр шуда истодаанд. Дар ин хусус забоншинос Б. Камолиддинов ҳақ аст, ки мегӯяд: «Вақте ки асарҳои бадеии устод Айниро мутолиа мекунед, дар ҳар бобат: дар интихоби вожаҳо ва мавқеи корбурди онҳо, дар калимасозию таркиббандӣ, дар истифодаи

пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо, дар ибораороию ҷумлабандӣ, дар истифодаи санъатҳои лафзию маънавӣ таъсири судманди забони осори насру назми суннатиро пай мебаред [5, с.339].

Таркиби луғавии осори устод Айнӣ хеле ғанӣ мебошад. Устод барои ифодаи ҳама гуна андешаву матлаб аз хазинаи беинтиҳои халқ луғати дилхоҳашро пайдо мекунад ва онҳо дар осори Айнӣ бо ҳамаи паҳлуҳои маъноӣ ва рангорангиашон таҷаллӣ мекунанд. Нависанда аз ҳамаи манбаъ ва сарчашмаҳои забони адабӣ дар асарҳояш моҳирона истифода бурдааст.

Шодравон Шакурӣ М. дар хусуси «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ чунин менависад: «Ҳар як асари калони Айнӣ қадами муҳимме дар роҳи тозаҷӯӣ буд, адабиёти тоҷикро ба як пояи баланд мебурд ва ягон масъалаи муҳимми эҷодии онро ҳал мекард. «Ёддоштҳо» марҳалаи тозае дар роҳи ин навҷӯӣ ва навоварии устод Айнӣ буд» [20, с. 57].

Аз эҷодиёти адибони классику муосир бармеояд, ки адибони мо дар эҷодиёти худ доир ба ҳунарҳои аҷдодиамон маълумоти муфассал додаанд. Устод Айнӣ анъанаи аҷдодони хешро идома дода, дар асарҳояш доир ба касбу ҳунарҳои гуногуни мардуми тоҷик маълумот додааст, хусусан, дар асари «Ёддоштҳо».

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ калимаҳои ифодакунандаи касбу ҳунар дар шакли сода, сохта ва мураккаб истифода мешаванд. Мо дар мақолаи хеш танҳо дар бораи калимаҳои сохтае, ки исми шахс ва исми амалу кор сохтаанд, дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ маълумот медиҳем.

Пасванди **-гар** дар забони адабиёти классикӣ ва забони адабии муосири тоҷикӣ дар калимасозӣ фаъол аст. Ба воситаи ин пасванд адибони классику муосир калимаҳои нав сохта, забони асарашонро боз ҳам рангинтар кардаанд.

Профессор Хоҷаев Д. доир ба пасванди -гар дар осори илмии донишмандони асримиёна мавҷуд будани маълумоти мушаххаси дастуриро таъкид намуда, намунаеро аз он тавзеҳот дар асари хеш чунин овардааст: «Исми фоили таркибие, ки дар натиҷаи васл гардидани пасванди «гар» ҳосил мешавад, чун «ситамгар», «оҳангар», ба маънии ситамкунанда, оҳансозанда» [18, с. 225].

Муҳаққиқ Байзоев А. доир ба пасванди -гар чунин гуфтааст: «Суффикси –гар бо исмҳо ва гоҳо бо сифатҳо омада, исми ифодакунандаи касбу кор ва фаъолият месозад: тавонгар, гилгар, пайдогар ва ғ» [1, с. 118].

Забоншинос Низомова С. дар мақолаи хеш «Калимасозии пасванди -гар дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ мавқеи пасванди -гар-ро хеле хуб нишон додааст [7].

Дар “Ёддоштҳо” устод Айнӣ ба воситаи пасванди -гар калимаҳои зиёде сохтааст: Аз ҳама бештар карбос бофт, ӯ як қисми вайро ба **шуштагар** ба худ курта-лозимӣ дӯзонид, дигарашро абра ва остари кӯрпаву кӯрпача, болиш, дастархон ва дигар чизҳои даркории хона дӯзонда, ба читгар дода ранг кунонида гирифт [10, с.49].

Устод Айнӣ калимаи шуштагарро чунин шарҳ медиҳад: **Шуштагар** – пештар шахсеро мегуфтанд, ки карбос ва ё дигар матои нав бофташударо бо зарби чӯб дар об мешуст ва суфта мекард [10, с. 662]. Шустагар касест, ки ба пешаи шустагарӣ машғулӣ дорад [11, с.486].

Калимаи **шустагар** дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: **шустагар** 1. Гозур, либосшӯй, ҷомашӯй, он ки касбаш ҷомашӯӣ аст. 2. Он ки суфи дастбофро барои сафеду тозатар шудан мешӯяд [15, с. 659]. Калимаи **шустагар** аз сифати феълӣ ва пасванди –гар сохта шудааст.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, мо дар мақола баъзе исмҳои амалу корро низ дар асоси фарҳангҳо шарҳ хоҳем дод.

Исмҳои амал аз исми шахс ба воситаи пасванди –ӣ сохта мешаванд. Ба монанди: читгарӣ, шустагарӣ, оҳангарӣ ва ғайра.

Шустагарӣ пешаест, ки соҳибони вай карбос ва суфҳои хоми дағал ва зардчарангро шуста сафед ва суфта мекунанд [11, с.486].

Дар корхонаи шайх дах кӯра ва дах сандон буд, ки дар онҳо тахминан чил нафар одам кор мекард: баъзе аз онҳо дампахшкун, баъзеашон **гудозгар,** қолабгир, **сӯҳонгар**, бӯтасоз ва монанди инҳо барин кор мекарданд [10, с. 347].

Калимаи **гудозгар** аз феъли гудоз ва пасванди -гар таркиб ёфтааст. Ин вожа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: **гудозгар //гудозишгар** – он ки филизотро мегудозад, гудозанда [14, с. 332]. Гудозгар – шахсест, ки филизотро об мекунад.

Вожаи **сӯҳонгар** аз исми сӯҳон ва пасванди -гар таркиб ёфтааст. **Сӯҳон –** олати фӯлодии майдарах барои суда сайқал додани маснуоти оҳанӣ ва тез кардани асбоб (корд, арра ва ғ.) [15, с. 282]. Сӯҳон олатест, фӯлодии майдарахдор, ки бо вай чизҳои оҳанинро

тез кунанд ва соида сайқал диҳанд [11, с. 364]. Сӯҳонгар шахсест, ки чизҳои оҳаниро - корд, дос, қайчӣ ва монанди инҳоро тез мекунад.

Читгарҳо одатан ҳар чизро мувофиқи худаш нақш ва ранг мекарданд [10, с.49]. Ӯ барои **косагар**, ё читгар дар коғаз нақшаҳо мекашид ва атрофи ҳар гул ва нақшаҳоро сӯзан мезад [10, с.66]. **Ангиштгарон** дар он чорбоғ чандин кӯра сохта он дарахтҳоро ғалтонда сӯхта ангишт карда истода буданд [10, с. 92]. Мегуфтанд 10 кас ҳаст, ки ҳар кадоми онҳо ба Устодӯстбойи **каландгар** каландҳои 5-килограммӣ фармуда гирифтаанд [10, с. 46].

Забоншинос Низомова С. дар мавриди калимаҳои **каландгар, читгар, косагар ва ангиштагар** чунин меорад: «Калимаи ангиштгар имрӯз дар истифода нест. Дар забони адабии муосир калимаи ангишткан корбаст мешавад. Дар асрҳои гузашта ангиштро аз кундаи дарахт тайёр мекарданд. Кундаро нимсӯз намуда, ба ҷойи ангишт кор мефармуданд. Ҳоло ангишт ҳамчун кандании фоиданок маҳсуб меёбад, ки аз конҳои пухтарасидаи табиӣ ба мардум дастрас мешавад. Калимаҳои **каландгар, читгар, косагар** дар асрҳои XIX-XX ба гурӯҳи ҳунарҳои маъмули мардуми тоҷик шомил буданд. Калимаҳои мазкур имрӯз ба гурӯҳи калимаҳои архаистӣ гузаштаанд. Калимаи **каландгар** аз истифода баромада, ба ҷойи он калимаҳои каландсоз ва оҳангар серистифода шудаанд. Азбаски каланд аз маснуоти оҳан сохта мешавад, исми оҳангар серистеъмол аст. Калимаҳои **читгар** ва **косагар** низ аз истеъмол баромадаанд, гарчанде калимаҳои чит ва коса ҳамчун маҳсулоти ниёзи мардум истифода мегарданд. Дар замони гузашта читро бо таври дастӣ омода мекарданд. Косаро гарчанде кулолгарон месохтанд, мансуб ба чизи истеҳсолкардаашон устои косагар мегуфтанд [7, с.15].

Каландгар имрӯз касеро мегӯянд бо каланд заминро нарм мекунад.

Читгар шахсест, ки ба чит нақшу нигор мекунад, бофанда. **Читгарӣ** як навъ санъати гулпартоӣ тавассути қолибҳои чӯбин дар матои чит мебошад. Чит матои сабуки бофтаест, ки тору пуди он пурра аз ресмонҳои пахтагин иборат аст. Ин ҳунар дар гузашта дар шаҳрҳои тоҷикинишини Осиёи Марказӣ маъмул буд [6, с.166].

Коса – зарфи рӯзгор барои андохтан ва нигоҳ доштани таомҳои гуногун. Коса аз давраҳои асри санг маълум аст. Аввалҳо косаро аз лой дастӣ месохтанд, ки нисбатан дағал буд. Дар асри биринҷӣ бо пайдоиши чархи кулолӣ шакл ва нақшу нигори коса такмил ва косагарӣ ҳамчун касби махсус ташаккул ёфт [22, с.480]. Косагар шахсест, ки коса месозад.

Ин болохона рӯшноиро аз ҳавлии масҷидчае мегирифт, ки рӯйи ҳавлии он анбори **кулолгарон** ва ҷойи танӯру офтобаву кӯзаву хумчагузории онҳо буд [10, с.626]. Мо бегоҳӣ ба манзил рафтем, дар он ҷо тарфҳои доруҷойкардаро монанди офтобаҳои **кулолгарӣ** болои ҳам чида монданд [10, с.626].

Устод Айнӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» калимаи «кулолгар»-ро овардааст, аммо дар шарҳаш «нигоҳ кун ба кулол» гуфтааст. Кулол –касе, ки аз гил зарф сохта, дар хумдон мепазад [11, с.167].

Калимаи «кулолгар» дар ҳамин шакл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» истифода нашудааст. Дар фарҳанги зикршуда калимаи кулол оварда шуда, чунин шарҳ ёфтааст: Кулол- кӯзагар, косагар [16, с.571].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ калимаи кулолгар дида намешавад. Дар фарҳанги зикршуда калимаи **кулол** чунин оварда шудааст: **Кулол -** ҳунарманде, ки кӯзаву коса ва дигар зарфҳои сафолӣ месозад, кӯзагар; **лойи (хоки) кулол,** лойе, ки кулол аз он зарфҳои сафолӣ месозад [14, с. 632].

Дар китоби «Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон» калимаи кулолӣ ба ҷойи калимаи кулолгарӣ истифода шуда, чунин шарҳ ёфтааст: Кулолӣ аз ҳунарҳои суннатии маъруфи тоҷикон мебошад, ки ба истеҳсоли маснуоти гилӣ марбут аст. Пешаи кулолӣ дар гузашта бештар дар шаҳрҳои калон рушд ёфта, маҳсулоти сохтаи онҳо нисбатан босифат, хушнамуд ва зебо буданд. Дар деҳот зарфсозӣ ё кулолӣ, бештар ба зиммаи занҳо буд. Онҳо аз гилҳои маҳаллӣ бидуни дастгоҳ зарфҳо сохта, дар ҷойи соя хушконида, дар оташдонҳои наздиҳавлигӣ мепухтанд. Ба кори кулолӣ дар фаслҳои гарми сол машғул мешуданд. Хок ва гили онро кӯзагарон аз ҷойи махсус мегирифтанд. Ҳар гуна хоку гил барои зарфсозӣ мувофиқ набуд. Гилро аввал дар офтоб хушконида, бо кӯба мекӯфтанд, сипас бо об онро шӯрида, лой тайёр мекарданд [6, с.183-184].

Дар асари муҳаққиқ Ҳалимова С., ки ба вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ бахшида шудааст, калимаи **кулолгар** истифода нашудааст [19].

Асари забоншинос С. Низомова бо номи “Калимасозии сарфӣ дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ” соли 2010 чоп шудааст. Дар асари зикршуда низ калимаи **кулолгар** истифода нашудааст.

Тавре ки мебинем, дар мисолҳои дар боло зикршуда калимаи кулолгар истифода нашудааст. Ин истилоҳ дар шакли кулол ҳамчун исми шахс ва дар шакли кулолӣ ба

маънои кулолгарӣ истифода шудааст. Ба назари мо, калимаи кулолгар минбаъд дар шакли кулол истифода шавад, хубтар аст.

Шайх **рехтагарони** бедӯкону дастгаҳро ба домаш кашида, корхонаи худро ривоҷ медиҳад [10, с.346].

Вожаи **рехтагар** аз шакли сифати феълии рехта ва пасванди –гар таркиб ёфтааст. Ин калима дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: **Рехтагар** он, ки филизотро гудохта, ба қолибҳо рехта, асбоби гуногун месозад, оҳангудоз [15, с.162].

Рехтагар касест, ки бо пешаи рехтагарӣ машғулӣ дорад. Рехтагарӣ - пешаест, ки аҳли вай бо дар қолибҳо гудохта рехтани мис, биринҷӣ, руҳ зарфҳо ва асбобҳо месозад [11, с. 313].

Рехтагарӣ – яке аз пешаҳои суннатии тоҷикон мебошад.

Бештарини инҳо косиб, саис, аробакаш, машкоб, гилкор, **дуредгар** ва монанди инҳо буданд [10, с. 338]. Боре масҷиди деҳаи Маҳаллаи Боло ғалтидааст, аҳолии он ҷо ба талаби устои **дурудгар** баромадаанд ва бо дарак додани касе бобои падариам – Сайид Умархоҷаро барои таъмири масҷид ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурдаанд [10, с.7].

Дуредгар – устои чӯбтарош аст. Калимаи дуредгар дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳамчун калимаи рехта қабул шудааст.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ҳам калимаи **дуредгар** ва ҳам калимаи **дурудгарро** истифода кардааст. Дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ» калимаи дуредгар дар шакли дурезгар оварда шуда, чунин шарҳ ёфтааст: -устои чӯбтарош (дар забони ҳозира аз «дурудгар»-и куҳна сохта шудааст) [11, с.110].

Дуредгарӣ– навъи касбу ҳунари чӯбтарошӣ ва кандакории чӯб. Яке аз намудҳои қадимтарини ҳунармандӣ. Тараққиёти чандинҳазорсолаи дуредгарӣ боиси ба дараҷаи олии санъат расидани баъзе намудҳои он (асбобсозӣ, чӯбкории хона, панҷарасозӣ, сандуқсозӣ ва ғ.). ва сохтани асбобҳои мусиқӣ гардидааст. Ёдгориҳои меъмории асрҳои IX-XII аз Самарқанд, Бухоро, Хева, Панҷакент, Урганҷ ёфташуда, намунаи олии санъати дуредгарӣ мебошанд [22, с. 349].

– Аз ҷӯйи осиё, ки гузаштӣ, пули рӯд сар мешавад, ҳавлии калон рӯ ба рӯйи рӯд аст, ин ҳавлии Усто Бароти **ҳалвогар** аст [10, с.17].

Калимаи **ҳалвогар** аз исми ҳалво ва пасванди –гар сохта шудааст. Вожаи ҳалвогар дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар шакли ҳалвопаз истифода мешавад. Ҳалвогар касест, ки ба пухтани ҳалво машғул аст. Устод Айнӣ тарзи тайёр кардани ҳалворо пурра дар «Ёддоштҳо» овардааст, ки хеле ҷолиб аст.

Аммо ба **оҳангарон** ҳалқаҳои оҳанин созонда гирифта, **челонгар** оварда, он ҳалқаҳоро ба труба гузаронда мустаҳкам кунонданро ба гардан нагирифт [10, с. 454].

Оҳангарӣ аз касбҳои маъмулии тоҷикон мебошад, ки то ба имрӯз идома дорад. Устохона ё корхонаҳои оҳангарӣ дар замони истиқлолият дар аксари шаҳру деҳаҳои кишвар фаъолият доранд, ки ниёзи мардумро ба ашё ва маҳсулоти оҳанӣ таъмин месозанд. Оҳангарӣ дар гузашта аз чиҳилу як ҳунар иборат буда, ҳар яке аз дигаре фарқ доштааст, масалан, устои каландгар, мехгар, мисгар, дегрез, наълкӯб, кордсоз, қуфлсоз, сӯзангар ва амсоли инҳо. Ҳоло баъзе аз ин ҳунарҳо бинобар рушди технологияи металлургӣ аз байн рафта, истеҳсоли маҳсулоти дигари оҳанӣ ба уҳдаи оҳангарон мебошад. Дар ҳар устохона як усто ва 2-3 нафар шогирдон кор мекунанд. Устои калон дар назди кӯраи оташ истода, бо анбӯр оҳанро дар оташ сурх мекунад ва бо ёрии ҳамкорон ё шогирдон онро дар болои сандон бо путку хоиск зада, ба шакли дилхоҳ медарорад. Маҳсулоти сохтаи оҳангарон гуногун мебошанд. Аз ҷумла олоти меҳнат: каланд, бел, теша, хоркантеша, табар, искана, исканатабар, новатеша, ҷоду, токбур, болға, анбӯр, дос, оҳани ҷуфт, гулмех, наъл бо мехаш ва ғайра истеҳсол мешаванд [6, с. 180].

Калимаи **челонгар** аз исми челон ва пасванди –гар таркиб ёфтааст. Калимаи **челон** ин асбоби хурди оҳанӣ аз қабили занҷиру зулфин, ҳалқа. Челонгар – устои оҳангар, ки асбобҳои майдаи оҳанӣ месозад.

Ин Қорӣ Шарифи **кордгар** буд, ки ба мо гӯшт ваъда карда буд, аммо дар дасташ гӯшт набуд [10, с. 476]. Калимаи кордгар аз исми корд ва пасванди –гар сохта шудааст. Ин калима дар забони адабии муосир дар шакли кордсоз истифода мешавад.

Дар деҳаи ҳамсоя Йӯлдошбой ном як **савдогари** қалъачӣ буд, ӯ мавиз, ғӯлунг, карбос ва ҷомаҳои пахтадори ғиждувонӣ ғундошта ба Қазалӣ, Оқмасҷид, Оренбург ва дигар шаҳрҳои қазоқон ва Бошқирдон мебурд … [10, с.111]. Махдуми Гав то ҳол ҷаҳ-ҷаҳакбозиро аз ҷойи ёзидааш тамошо мекард, афтодани ҳамаи **бозингаронр**о дида ба пеши фӯтадорон омад ва ба онҳо фармуд, ки фӯтаро баробари китфашон доранд, то ки ӯ ҷаҳида гузарад [10, с.167].

Дар забони тоҷикӣ исмҳои ҷинс, агар бо пасванди ҷамъбандии –он омада номи маҳал ё деҳа сохта бошанд, ба исми хос мегузаранд. Ин қоида дар асарҳои устод Айнӣ, аз ҷумла, «Ёддоштҳо» истифода шудааст. Аслан, номи маҳалле, ки дар асар истифода шудааст, аз рӯйи касбу ҳунаре, ки дар ҳамон маҳал косибон фаъолият доштанд, монда шудааст: Аз токи **Заргарон**, аз растаи Заргарӣ, аз байни мадрасаҳои Мирзо Улуғбек ва Заргарӣ, аз гузаргоҳҳои Дегризӣ, **Мехчагарон**, Колобод ва дигарҳо гузашт…[10, с.178]. Ба тарафи ҷануб равон шуда, аз Регистон ва Токи **Тиргарон** гузашта ба растаи Наддофӣ расидем [10, с.230]. Бинобар ин, ӯ дар тобистони ҳамон сол дар мадрасачаи **Сӯзангарон**, ки дар маркази шаҳр воқеъ шудааст, кӯчида омад [10, с.411]. Азбаски ҳавлии падариам дар Ҷӯбор ва аз маркази шаҳр дур буд, вайро фурӯхта, аз ҳамсоягии Дониёрхоҷа, аз гузари **Собунгарон** як ҳавлича харидам….[10, с.426]. Дар соли 1896 дар Бухоро, дар гузари Сари Пули **Равғангарон** Ҳоҷӣ Зоҳид ном як бой мадрасачае бино кард [10, с.435].

Пасванди –чӣ

Дар ҳар як асари бадеӣ пасвандҳои исмсоз аз ҷиҳати миқдор ва тарзи истеъмол аз ҳам фарқ мекунанд. Дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ пасвади –чӣ нисбат ба пасванди –гар камтар истифода шудааст.

Профессор Саймиддинов Д. дар мақолаи худ «Корбурди пасванди –чӣ дар забони тоҷикӣ» доир ба пасванди -чӣ чунин мегӯяд: «Пасванди -чӣ пас аз солҳои 20-уми асри XX яке аз пасвандҳои фаъол дар вожасозии забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Ин пасванд дар забонҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикӣ ва форсӣ аз забонҳои туркӣ -чӣ (-чӣ) иқтибос шуда, таърихи иштиқоқи (калимасозии) он дар суннати хаттӣ ба осори давраи классик ва ё форсии дарӣ иртибот мегирад. Пасванди –чӣ дар забони тоҷикӣ ва ё форсӣ бо ифодаи он маъниҳое, ки дар забонҳои туркӣ дорад, ворид ва мавриди истифода қарор гирифтааст» [12, с.114].

Муҳаққиқ Ш. Рустамов доир ба пасванди –чӣ дар рисолаи хеш – «Исм» чунин гуфтааст: «Суффикси –чӣ яке аз суффиксҳои сермаҳсули забони адабии ҳозираи тоҷик мебошад. Ба воситаи суффикси –чӣ на танҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ, инчунин аз калимаҳои нав, аз ҷумла аз калимаҳои русиву интернатсионалӣ, ки ба таркиби забони тоҷикӣ дохил шудаанд, исми шахс сохта мешавад: тарктрчӣ, танкчӣ ва ғайра» [9, с. 127].

Дар як гӯшаи суфа як **нақорачӣ**, як **сурнайчӣ** ва ду дойрадаст нишаста менавохтанд ва дойрадастҳо гоҳо ҳар кадом ба танҳоӣ ғазалхонӣ мекарданд [10, с.10].

Нақорачӣ шахсест, ки нақора менавозад, мутриби навозандаи нақора. Ҳаминро бояд қайд намоем, ки дар забони тоҷикӣ нисбат ба калимаи нақорачӣ калимаи нақоранавоз серистеъмолтар аст. **Нақора** – яке аз созҳои зарбии мусиқӣ, ки танаи доирашакли дарунхолӣ дошта, ба як ё ду тарафи рӯяш пӯст кашида мешавад ва бо ду чӯбак менавозанд**;** табл, духул [14, с. 890].

Сурнайчӣ шахсест, ки сурнай менавозад. Ин калима ҳам монанди нақорачӣ дар забони тоҷикӣ дар шакли сурнайнавоз бештар истифода мешавад. **Сурнай -** нойи сур, сурной, ки дар тӯй, ҷашн ва идҳо ба ҳамроҳии созҳои дигар менавозанд [15, с. 273].

Дар он вақтҳо дар деҳаи мо **шикорчиён** бисёр буданд, ки милтиқи шохдори қадимӣ кор фармудаанд…[10, с.114].

Калимаи **шикорчӣ** аз исми шикор ва пасванди –чӣ таркиб ёфтааст. Шикорчӣ шахсест, ки бо милтиқ ё бо чизи дигар ҳайвони ваҳшӣ ё парандаро шикор мекунад.

Устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз пасвандҳои –бон, -гор калимаҳое сохтааст, ки касбу корро мефаҳмонад. Аммо бо пасвандҳои зикршуда дар асар калимаҳо кам истифода шудааст.

Ҳозир ман дар ғами онам, ки аз куҷо пул ёфта пули **осиёбонро** мегардонда бошам, – гуфт ва ба модарам чой фармуда, худ ба шунидани дарси акаам машғул гардид [10, с.27]. Ман он китобро барои поси хотираи **фурӯшгор** як варақ зада баромада ба ӯ гуфтам [10, с.146]. Зеро агар ба худ ранги **омӯзгориро** медодам, аҷаб набуд, ки ба нафсаш сахт расида аз омӯзиш саркашӣ кунад [10, с.152].

Дар асар устод Садриддин Айнӣ зиёда аз 50 калимаҳои исми шахссози ифодакунандаи касбу ҳунарро ба кор бурдааст, ки бештари ин калимаҳо то ҳол дар истеъмоланд. Калимаҳое, ки устод Айнӣ ба воситаи пасвандҳо сохтааст, ҷузъи асосиашон аз исм ва феъл таркиб ёфтааст. Хулоса, исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар як ҷузъи муҳимми таркиби луғавии асар буда, таҳқиқу баррасии он аз ҷиҳати сохторию маъноӣ дар инкишофи забони адабии муосири тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев А. Истилоҳот ва калимасозӣ дар «Донишнома»-и Абӯалӣ ибни Сино. Монография / А. Байзоев. –Душанбе, 2016. –195 с.

2. Бобомуродов Ш. Корбурди пасванди –гар дар ашъори Лоиқ / Ш. Бобомуродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои филологӣ. 2017.– №4/4. – С. 62-66.
3. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 1.- Душанбе, 2015.- 668 с.
4. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 1.- Душанбе, 2017.- 600 с.
5. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд / Б. Камолиддинов. –Душанбе, 2015.– 400 с.
6. Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон; мураттиб: Д. Раҳимов. – Душанбе: Эр-Граф, 2017. – 280 с.
7. Низомова С. Калимасозии пасванди-гар дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ / С. Низомова // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ.–2015.– №4/5. – С. 14-16.
8. Низомова С. Калимасозии сарфӣ дар “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ. Монография / С. Низомова.– Душанбе, 2010.– 178 с.
9. Рустамов Ш. Исм. Монография / Ш. Рустамов. –Душанбе, 1981.–215 с.
10. Садриддин Айнӣ. Ёддоштҳо (чаҳор қисм).–Душанбе, 2009.– 680 с.
11. Садриддин Айнӣ. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик.– Душанбе, 1976.– 563 с.
12. Саймиддинов Д. Пажӯҳишҳои забоншиносӣ / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Шарқи озод, 2013, -200 с.
13. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат аз 19.03.2018 [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj (санаи истифодабарӣ: 10.11.2018)
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.1. -Душанбе, 2008. – 950 с.
15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.Ҷ.1.- Душанбе, 2008. –945 с.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М, 1969. - Ҷ. 1. - 951 с.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М, 1969. - Ҷ. 2. - 949 с.
18. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI. Монография / Д. Хоҷаев. – Душанбе, 2013.– 344 с.
19. Ҳалимова С. Вожаю истилоҳоти пешаварӣ дар осори Сайидои Насафӣ. Монография / С. Ҳалимова.– Душанбе, 2014.- 152 с.
20. Шукурув М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ. Монография / М. Шукуров. –Душанбе, 1966.–250 с.
21. Энсиклопедияи советии тоҷик.Ҷ. 2.- Душанбе, 1980. - 640 с.
22. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ. 3. -Душанбе, 1981. - 640 с.

НАҚШИ ПАСВАНДҲОИ ИСМИ ШАХССОЗИ ИФОДАКУНАНДАИ КАСБУ ҲУНАР ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

Дар мақола доир ба пасвандҳои исми шахссози ифодакунандаи касбу ҳунар сухан меравад. Муаллиф хусусиятҳои пасвандҳои исми шахссози ифодакунандаи касбу ҳунарро дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ таҳлил карда, саҳми пасвандҳои ифодакунандаи касбу ҳунарро дар забони адабии муосири тоҷикӣ муайян кардааст. Калимаҳое, ки устод Айнӣ ба воситаи пасвандҳои исми шассози ифодакунандаи касбу ҳунар сохтааст, ҷузъи асосиашон исм ва феъланд. Бештари калимаҳое, ки нависандаи нозукбаён барои ифодаи касбу ҳунар истифода кардааст, то ҳол дар истеъмоланд. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ нақши пасвандҳо дар калимасозӣ муҳим аст. Пасвандҳо аз ҳиссаҳои мустақили нутқ калимаҳои нав месозанд. Дар сохтани исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар низ нақши пасвандҳо назаррас аст. Қисми зиёди пасвандҳои исмсоз аз замонҳои пешин то ҳол нақши калимасозиашонро нигоҳ доштаанд ва ҳоло ҳам калимаҳои зиёд месозанд. Дар исм пасвандҳои зиёде ҳастанд, ки аз ҳиссаҳои гунонгуи нутқ калима месозанд. Дар забони адабии муосири тоҷикӣ пасвандҳои исмсозро аз рӯйи маъно ба гурӯҳҳо чудо мекунанд. Масалан, пасвандҳои исми шахссоз, исми маконсоз ва исми предметсоз.

Калидвожа: калимасозӣ, калима, пасванд, забон, грамматика, исм, морфология, касб, ҳунар.

РОЛЬ СУФФИКСОВ ЛИЧНЫХ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ ОБОЗНАЧАЮЩИХ РЕМЕСЛА В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ

В статье речь идет о суффиксах личных существительных обозначающих профессии и ремесла. Автор анализируя свойства суффиксов личных существительных обозначающих ремесла на основе произведения Садриддина Айни «Воспоминания», определяет вклад суффиксов обозначающих профессии и ремесла. Основу слов, которые Садриддин Айни использовал посредством суффиксов личных существительных, обозначающих профессии и ремесла, составляют существительные и глаголы. Большинство слов, которые использовал этот тонкий знаток слова для выражения профессии и ремёсел, до сих пор находятся в употреблении. В современном таджикском литературном языке роль суффиксов в словообразовании очень велика. Суффиксы образуют из самостоятельных частей речи новые слова. Также велика роль суффиксов в построении имен существительных обозначающих профессии и ремесла. Большая часть суффиксов, образующих новые имена существительные сохранили свои словообразующие функции до наших дней. Также существует огромное количество суффиксов, которые из различных частей речи образуют новые слова. В современном таджикском литературном языке суффиксов образующих имена существительные по значению разделяют на несколько групп. Например, суффиксы образующие имена существительные со значением лица, суффиксы со значением места и суффиксы обозначающие предмет.

Ключевые слова: словообразование, слово, суффикс, язык, грамматика, существительное, морфология, профессия, ремесло.

THE ROLE OF SUFFIXES OF PERSONAL SUBSTITUTE INDICATORS OF CRAFTS IN THE MEMORIES OF SADRIDDIN AINI

The article deals with the suffixes of personal nouns denoting professions and crafts. The author, analyzing the properties of personal nouns denoting crafts denoting on the basis of Sadriddin Ayni’s Memoirs, determines the contribution of the suffixes denoting professions and crafts. The basis of the words that Sadriddin Aini used through the suffixes of personal nouns denoting professions and crafts are nouns and verbs. Most of the words that this subtle expert used to express his profession and craft are still in use. In modern Tajik literary language, the role of suffixes in word

formation is very large. Suffixes form new words from independent parts of speech. The role of suffixes in the construction of nouns denoting professions and crafts is also great. Most of the suffixes that make up the new nouns have retained their word-forming functions to this day. There is also a huge number of suffixes that form new words from different parts of speech. In the modern Tajik literary language, the suffixes forming nouns are divided into several groups according to their meaning. For example, suffixes form nouns with the meaning of a person, suffixes with the meaning of a place, and suffixes denoting a subject.

Key words: word formation, word, suffix, language, grammar, noun, morphology, profession, craft.

Сведения об авторе: ***Бобомуродов Ш.*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 935-88-51-47**

Information about the author: ***Bobomurodov Sh.*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Tel.: **(+992) 935-88-51-47**

УДК: 800 (575.3)

ВЗАИМООТНОШЕНИЯ В КОЛЛЕКТИВЕ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВА

Шарифова Г.Дж.
Институт языка литературы, востоковедения и письменного наследия им. А.Рудаки

Взаимоотношения в коллективах и их роль в экономическом и социальном развитии общества стали за последние годы предметом пристального внимания философов и социологов, экономистов и психологов, педагогов и юристов. Это поистине необъятная и благодарная тема имеет важное практическое значение в решении задач демократического строительства-создании материально-технической базы, совершенствовании общественных отношений и формировании нового человека.

Структура взаимоотношений в трудовых коллективах имеет самые различные аспекты – технические, технологические, экономические, организационные, правовые, нравственные и др. Соответственно, каждый из них характеризуется определенными нормами и правилами. В сложной системе взаимоотношений особенно велика роль нравственных норм и принципов поведения, роль нравственных отношений. Они, собственно, и составляют предмет этики взаимоотношений в коллективе [2, с.87].

Этика взаимоотношений в коллективе является составной частью современной этики, конкретизацией основных ее положений , норм и принципов демократической морали в жизнедеятельности коллективов. Моральный аспект отношений представляет собой систему более или менее устойчивых нравственных чувств и норм, оценок и ценностей, мотивов и действий, обычаев и традиций, принципов поведения, сложившихся в коллективе, в процессе совместной деятельности и регулирующих взаимоотношений людей [1, с.432].

Характер взаимоотношений в коллективе определяется всем комплексом выполняемых коллективом функций. В связи с этим этику взаимоотношений в коллективе нельзя представить как разновидность профессиональной этики, которая определяется в основном профессиональными особенностями выполняемой деятельности. Ее нельзя отождествить и со служебной этикой, которая применима, главным образом, к трудовым коллективам и предметом которой являются в основном нормы и принципы взаимоотношений между сотрудниками, занимающими различное служебное положения и имеющими неодинаковые и обязанности [3, с.76].

Структура нравственных отношений в коллективе включает несколько аспектов: отношений членов коллектива к выполнению своего общественного, гражданского долга; отношений к совместной деятельности; отношения к коллективу и друг к другу. Она может быть представлена взаимоотношениями членов коллектива вообще (отношениями «по горизонтали») и с руководителем коллектива в частности (отношениями «по вертикали»). Соответственно этим аспектам, мы покажем в данной работе этику взаимоотношений в коллективе.

Рассмотрим сначала роль нравственных чувств, предстающих в качестве эмоциональных отношений людей к совместной деятельности, друг к другу и коллективу в целом. Нравственные чувства- это, по существу, психологическая сторона нравственных норм и принципов взаимоотношений в коллективе [1, с.96].

Этика взаимоотношений в коллективе определяет отношения сотрудников между собой, начальника и подчиненных, а также сотрудников компании и клиентов.

Самым важным элементом этики взаимоотношений в коллективе являются отношения между подчиненными и начальником. Именно эти взаимоотношения определяют атмосферу в коллективе [4, с.87].

Взаимоотношения начальника и подчиненных

Для благоприятной атмосферы в коллективе начальник должен относиться к подчиненным так, как бы он хотел, чтобы его руководство относилось к нему. Кроме того, и подчиненные должны знать, как правильно относится к своему руководителю. Если в трудовом коллективе используется этика взаимоотношений, то подчиненные и начальство становятся союзниками в общем деле [12, с.86].

Попробуем разобраться с основными этическими нормами, которые необходимо использовать при общении с руководством.

- Подчиненные не должны пытаться руководить начальством и навязывать ему свое мнение. Все предложения и пожелания должны быть высказаны исключительно в тактичной форме.
- Задача подчиненных – это помощь руководству в создании дружелюбной атмосферы в коллективе.
- Если руководитель оказался в сложной ситуации, подчиненные обязаны всячески постараться помочь ему.
- Держите руководителя в курсе происходящего в коллективе.
- Не подхалимничайте, но всегда будьте преданы руководителю. Вы должны иметь свои принципы, тогда начальство сможет на вас положиться.
- Подчиненные не должны говорить с начальством категорическим тоном. В том случае, если вы будете всегда «поддакивать» руководителю, то приобретете славу льстеца, а если будете постоянно говорить «нет», то отношение к вам будет негативным.
- Не забывайте про строгую иерархию. Если нужно решить какой-то вопрос, то в первую очередь обращайтесь к непосредственному начальнику. Обращение к начальнику своего начальника является неэтичным [10, с.75].

Взаимоотношение сотрудников

Взаимоотношение коллег между собой тоже должно строиться по принципу «относитесь так, как бы хотели, чтобы относились к вам». Поэтому если вы не знаете, как себя повести в той или иной ситуации, следует поставить себя на место коллеги [8, с.12].

У коллег должны быть дружеские отношения между собой, потому что только в такой атмосфере работа выполняется быстрее и приятнее.

Выделим основные принципы этики взаимоотношений между коллегами.

- Вы не должны требовать к себе особенного отношения со стороны коллег.
- Относитесь к коллегам с уважением.
- Рассматривайте коллегу как личность, а не как средство для достижения ваших целей.
- Сотрудники должны четко знать свои обязательности, разделяя при этом права и ответственность.
- Если на одном предприятии существует несколько отделов, то сотрудники одного из них должны отвечать только за свой отдел и не должны перекладывать ответственность на других.
- Старайтесь относиться непредвзято к другим сотрудникам.
- Вы должны называть коллег по имени как можно чаще [9, с.54].
- Относитесь к коллегам доброжелательно, старайтесь почаще улыбаться.
- Вы никогда не должны обещать то, что не можете выполнить.
- Не смешивайте работу и личные отношения. Поэтому не стоит лезть в душу своим коллегам, а на работе обсуждайте только рабочие проблемы.
- Старайтесь вести себя тихо и спокойно. Не стоит быть слишком громким или вести себя вульгарно. Это не только отвлекает от работы ваших коллег, но создает вам нехорошую репутацию.
- Женщинам не стоит забывать, что следует надевать строгую одежду и носить скромную прическу. Мужчины должны относиться к женщинам-коллегам не только по законам делового этикета, но и по правилам отношений между женщинами и мужчиной. Это значит, что мужчины должны открывать перед женщиной дверь, пропускать ее вперед [6, с.87].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Головин Б.Г. Из курса лекций по лингвистической статистике / Б.Г. Головин, Горький, 1966. - 276 с.

2. Горбатов А.В. Деловая этика: учебное пособие / А.В. Горбатов, О.В. Елескина. ГОУ ВПО «Кемеровский государственный университет». – Кемерово: Кузбассвузиздат, 2007. - 142 с.
3. Колтунова М.В. Язык и деловое общение: Нормы, риторика, этикет. Учебное пособие для вузов / М.В. Колтунова. - М.: ОАО «НПО Экономика», 2000. - 271 с.
4. Кузин Ф.А. Культура делового общения: Практическое пособие. - 6-е изд., перераб. и доп / Ф.А. Кузин. - М.: Ось-89, 2007. - 320 с.
5. Кибанов А.Я. Этика деловых отношений. Учебник для студ. вузов / А.Я. Кибанов, Д.К.Захаров, В.Г. Коновалова. - М.: ИНФРА-М, 2009. - 368 с.
6. Образ человека в зеркале гуманизма: Мыслители и педагогика эпохи Возрождения о формировании личности (XIV - XVII вв.). Учебное пособие: авт.-сост.: Н. В. Ревякина, О. Ф. Кудрявцев. Ун-т рос. акад. образования; - М.: Изд-во УРАО, 1999. - 396 с.
7. Рахманин Л.В. Стилистика деловой речи и редактирование служебных документов / Л.В. Рахманин. - М., Высшая школа, Инфра-М, 2007. - 350 с.
8. Сидов Х.А. Система дипломатических терминов в таджикском и английском языках / Х.А. Сидов. - Душанбе, 2013. – 335 с.
9. Семенов А.К. Этика менеджмента. Учебное пособие / А.К. Семенов, Е.Л. Маслова. - 2-е изд. - М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и Ко», 2007. - 272 с.
10. Столяренко Л.Д. Психология делового общения и управления: Учебник / Л.Д. Столяренко. - Ростов на-Дону: Феникс, 2005. - 416 с.
11. Шайкевич А.Я. Опыт статистического выделения функциональных стилей / А.Я. Шайкевич // Вопр. языкознания. - 1968. - 328 с
12. Щерба Л.В. Языковая система и речевая деятельность / Л.В. Щерба. - Л., 1974. - 428 с.

МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛА ДАР КОЛЛЕКТИВ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР РУШДИ ҶОМЕА

Дар мақола таҳлили луғавӣ-маъноӣ ва муқоисавии ҷанбаи назариявӣ дар алоқамандӣ бо ташаккул ва таҳаввули услуби коргузории расмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ба андешаи муаллиф, мушкилоти ибтидоӣ, ки бо он муҳаққиқ зимни муқоиса ва таҳлили услуби коргузорӣ дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ рӯ ба рӯ мешавад, ин набудани дастури мукаммал оид ба коргузорӣ дар ин се забон аст. Дар баробари ин, дар мақола хусусиятҳои асосии ташакуллёбии услуби расмӣ-коргузорӣ дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва русӣ таҳлил карда шуда, усулҳои лексикӣ, таҳлили хусусиятҳои коргузорӣ дар се забон муқоиса шуда, мулоҳизаҳо ронда шудааст. Чуноне ки муаллиф менигорад, ҳадафи ба роҳ мондани услуби коргузорӣ – муайян кардани тафовут байн ин се забон аст, яъне ошкор намудани дар кадом шакл ва маънию мазмун, дар асосу заминаи маводи кадом забон ташаккул ёфтан ва синтаксиси контекстуалии шаклгирии ин аз рӯйи диди муқоисаи байнизабонҳо дида баромада шудаанд. Ҳамин тариқ, муаллиф дар мақолаи худ то ҳадди имкон кӯшидааст, ки моҳият ва мазмуни услуби коргузории расмиро бо такя ба маводҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони баландихтисос кушода, равшан намояд. Инчунин, муаллиф дар ин тадқиқот вижагиҳои хоссаи забонию таърихии услуби коргузорӣ, ҳаводиси таърихӣ, сарчашмаҳои луғавӣ ва корбурди онро мавриди омӯзиши муқоисаи илмӣ қарор дода, зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ дар заминаи тадқиқотҳои зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, фарҳангҳои тоҷикиву русӣ ва англисӣ, луғату қомусҳои муътамад ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули маводи мазкур, мазмун, моҳият, таърихи тавлид ва корбурди онҳоро ошкор намояд.

Калидвожаҳо: таҳлилу баррасӣ, хусусият, коргузорӣ, муҳаққиқ, расмӣ, муқоиса, забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, забон, вижагиҳо, хусусият, тадқиқот.

ВЗАИМООТНОШЕНИЯ В КОЛЛЕКТИВЕ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ОБЩЕСТВА

В статье рассмотрению подвергнуто словарно-семантический и сравнительный аспект теории в связи с формированием и преобразованием официально-делового стиля. По мнению автора, первычные трудности, с которыми столкнулся исследователь при сравнении и анализа официально-делового стиля в таджикском, русском и английском языках, является отсутствие совершенного руководства по делопроизводству в трех исследуемых языках. Вместе с тем, в статье анализируются основные особенности формирования официально-делового стиля в таджикском, английском и русском языках, производится сравнительный анализ лексических методов, особенности делопроизводства в трех сравниваемых языках, высказывается точка зрения исследователя птносительно данного вопроса.Как пишет автор, целью исследования стиля делопроизводства является определение отличия между тремя языками, то есть выявить в какой форме и значении, на основе материала какого языка оно формировалось, рассмотрено синтаксически-контекстуальное формообразование с точки зрения межъязыкового сравнения. Таким образом, автор в меру своих возможностей, опираясь на научно-исследовательские материалы высококвалифицированных исследователей, пытается раскрыть сущность и содержание официально-делового стиля. Также автор в исследовании, подвергая научному сравнительному изучению особые языковые, исторические свойства, исторические события, лексические источники и их употребления, предпринимает попытку на основе достоверных научных источников на базе множественных исследований отечественных и зарубежных исследователей, таджикско-английских и русских словарей, энциклопедий и интернет сайтов раскрыть процесс формирования и преобразования данного материала, содержание, сущность, историю зарождения и их употребление.

Ключевые слова: анализ и рассмотрение, особенность, делопроизводство, исследователь, официальный, сравнение, английский, русский, таджикский, язык, свойство, особенность, исследование.

RELATIONSHIPS IN COLLECTIVES AND THEIR ROLE IN THE DEVELOPMENT OF THE COMPANY

In the article, the dictionary-semantic and comparative aspect of the theory has been examined in connection with the formation and transformation of the official business style. In the author's opinion, the primary difficulties encountered by the researcher in comparing and analyzing the official-business style in Tajik, Russian and English languages is the lack of a perfect manual for office work in the three languages studied. At the same time, the article analyzes the main features of the formation of the official and business style in Tajik, English and Russian languages, comparative analysis of lexical

methods, peculiarities of office work in the three compared languages, expresses the point of view of the researcher versus this issue. As the author writes, the purpose of studying the style of record keeping is to determine the difference between the three languages, that is, to identify in what form and meaning, on the basis of the material of which language it was formed, the syntactic-contextual form-creation is considered from the point of view of interlingual comparison. Thus, the author, to the best of his ability, relying on the research materials of highly qualified researchers, tries to reveal the essence and content of the official business style.Also, the author in the study, subjecting scientific comparative study to special linguistic, historical properties, historical events, lexical sources and their uses, makes an attempt on the basis of reliable scientific sources on the basis of multiple studies of domestic and foreign researchers, Tajik-English and Russian dictionaries, encyclopedias and the Internet sites to reveal the process of formation and transformation of this material, content, essence, history of origin and their use.

Key words: analysis and consideration, feature, office work, researcher, official, comparison, English, Russian, Tajik, language, property, feature, study

Сведения об авторе: ***Шарифова Гулбаргби Джурахоновна*** - Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 21.
Тел.: **(+992) 987-69-64-66**

Information about the author: ***Sharifova Gulbargbi Dzhurahonovna*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki AS RT, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 21. Tel.: **(+992) 987-69-64-66**

УДК:491.550.3 (03)

ИСТИЛОҲОТИ ТОҶИКИАСЛИ СОҲАИ ВАРЗИШ

Шафоатов А.Н.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов

Истилоҳоти тоҷикӣ як қабати аз ҳама пурбори луғоти варзишро ташкил медиҳанд. Мутаассифона, таҳлилу баррасии этимологии истилоҳоти соҳаи мазкур дар забоншиносии тоҷик ба таври алоҳида объекти тадқиқи рисолаи илмие қарор нагирифтааст. Ҳол он ки дар ҷодаи варзиш тоҷикон ва ақвоми дигари ориёӣ дорои анъана ва таҷрибаи бой мебошанд. Машқҳои варзишӣ дар ибтидо дар шакли бозӣ ба зуҳур меоянд. «Бозиҳои серҳаракати ниёгони халқи тоҷик монанди қавмҳои дигар, вобаста ба он ки мардуми ин ё он минтақа ба чӣ кор бештар машғул шудааст, пайдо шудаанд» [7, с.5]. Мавзӯи мазкурро муҳаққиқон М.С. Андреев, А.А. Половцов ва дигарон аз нигоҳи этнографӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд [2], вале онҳо ба проблемаи баромади истилоҳоти соҳаи варзиш дахл накардаанд, чунки ин мушкилот ба тадқиқоти онҳо марбут набуд.

Бояд гуфт, ки тоҷикон ҳамеша ба варзиш чун ба як воситаи обутоб додани бадан ва омодагии ҳарбӣ муносибат мекунанд ва варзишро яке аз омилҳои беҳтарин дар роҳи камолоти ақлониву ҷисмонии худ меҳисобанд.

Чунонки аз мундариҷаи асарҳои бадеии адабиётамон, бахусус «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо бармеояд, адибони мо мусобиқаи варзишӣ, набардҳо ва қувваозмоиҳои тан ба тани паҳлавононро бо маҳорати хосса инъикос кардаанд ва ҳамзамон аз истилоҳоти соҳаи варзиши замони худ истифода намудаанд.

***Тир**ро то натарошӣ, нашавад рост ҳаме,*
Сарвро то напироӣ, воло нашавад [5, с.271].

*Мешунидам, ки **марди майдонӣ,***
Чун бидидам, ҳазорчандонӣ [1, с.290].

*Эй рострав,қазо ба **камони** ту чун **хаданг,***
*Бар **таркаши** ту чатри мурассаъ думи паланг!*
Ҳам маҳчаи ливои туро осмон гилоф,
*Ҳам лашкари улуви туро ломакон **куранг** [1, с.289].*

Дар **камонандозӣ** ба дараҷае расид, ки **камони** ӯро ҳеҷ яке аз зӯрозмоён натавонист кашад ва **пайкони тираш** то маркази дидаи душман ба ҷое намерасонид [1, с.249]. Хулоса, шаҳзода дар **русуми муҳориба** ва **қавоиди мубориза** ва ба ҳадде расид, ки нақлҳои Рустами Достон ва Исфандиёри Рӯинтанро тоза кард ва ҳикояти Бежани Шершикорро ба ёди рӯзгор оварда [1, с.249].

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ як зумра истилоҳоти соҳаи варзиш, ки ба намудҳои гуногуни сифату хисоли варзишгарон, воситаҳо ва асбобу анҷоми

варзиш дахл доранд, тазаккур ёфтааст. Дар асрҳои миёна мусобиқоти варзишӣ як воситаи дилхушии синфи ҳоким маҳсуб меёфт, аз ин ҷиҳат ташкилкунандагони он амирону ҳукмронони давр буданд ва пешрафти ин ришта барои нигоҳ доштани низоми ҳарбӣ, обутоби ҷисмонии сарбозон аз аҳамият холӣ набуд.

Дар мусобиқаҳои варзишӣ ба паҳлавонони ғолибгашта унвонҳо, инъомҳо ва мукофотҳои пулӣ медоданд, ки ин боиси ривоҷу равнақи соҳаҳои гуногуни варзиш мегардид.

Дар асари мазкур бештар аз 90 номгӯи истилоҳоти мутааллиқ ба соҳоти варзиш ба назар мерасад, ки онҳоро аз рӯйи семантика ба тариқи зайл тасниф кардан мумкин аст:

1) истилоҳоте, ки унвони анвои гуногуни варзишро ифода мекунанд: **шиновари, ғаввосӣ, оббозӣ, гӯштӣ, гӯштигирӣ, пиёдагардӣ, равандагӣ, шатранҷбозӣ, тирандозӣ, хокпилла, ҷаҳидан, камонандозӣ, тирандозӣ, ҷасту хез, қувваозмоӣ, чӯбдастӣ, сарпанҷтобӣ, пиёдадав, риёзати баданӣ, тарбияи баданӣ.**

2) истилоҳоте, ки шахсияти варзишгаронро вобаста ба шуғлашон ба ин ё он навъи варзиш муайян мекунанд: **шиновар, оббоз, гӯштигир, тирандоз, шогирд, устод, камонвар, тиргар, пиёдагард, шатранҷбоз, чӯбдастзан, аламдор** ва ҳоказо.

3) истилоҳоте, ки барои номгузории сифати варзишгарон ба кор бурда шудаанд: **паҳлавон, ҷаҳонпаҳлавон, забардаст, саромади паҳлавонон, шермард, қавипайкар, зӯр, ҳалқабаргӯш (мағлуб), ял, гурд, гав, далер** ва монанди инҳо.

4) истилоҳоте, ки номи асбобу анҷом ва воситаи варзишро ифода мекунанд: **гурз, гӯй, аспи сабуктак, аспи тозинажод, таковар. шамшер, тир, фалохун, камон, зеҳ, чиллаи камон, тунбон** ва амсоли инҳо.

5) истилоҳоте, ки ифодагари мафҳуми амалиёт ва усулҳои мухталифи варзишӣ мебошанд: **гирифтан, пешдастӣ кардан, ба ҳуҷум гузаштан, ҳуҷум овардан, зарба задан, торсакӣ задан, лангар андохтан, зафар ёфтан, талош, ба паҳлу ғалтидан, ғалтондан, линги камарӣ, овехтан, ба ҳам даровехтан, ғолиб омадан, барангехтан, тез кардан, гӯшмол додан, боло бардошта задан, се навбат гӯштӣ.**

6) истилоҳоте, ки унвони мафҳумҳои умумии соҳаи варзишро ифода мекунанд: **қавоиди зӯрозмоӣ, қоидаи гӯштигирӣ, тарбияи бадан, русуми муҳориба, риёзат** (машқ, тамрин). Мисол: «...ӯ қувваи **сарпанҷа**е дорад, ки ҳеҷ **забардасте** бар вай **зафар наёфта** ва **панҷаи ӯро натофта**» [1, с.17].

Мусобиқаи сарпанҷтобӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба унвони «қувваозмоии искандарӣ» маъруф мебошад, ки муодили байналмилалии он (англисӣ): **armwrestling** (амреслинг) аст. Дар айни замон қувваозмоии мазкур дар дастгоҳи махсус байни ду нафар сурат мегирад. Мисоли дигар: «**рафтору қувва** ва **равандагии** ӯ ба дараҷаест, ки аз Машҳад то Ҳиротро, ки 65 фарсанг (520 км) буда, роҳест дар камоли сахтӣ ва дуруштӣ, дар ду рӯз (пиёда) тай кардааст» [1, с.17]. Дар ин ҷумла сухан аз маҳорати равандагии Восифӣ меравад. Ин ҷо дар варзиши **роҳгардӣ** (дави босуръат не), яъне «спортивная ходьба», ҳамто надоштани ӯ таъкид карда шудааст. Ё ин ки **шиновар – оббозе** аст, ки дар толоб ва рӯду дарёҳои азим бемамониат шино карда, аз соҳил ба соҳил мегузарад ва мушкилоти мардумро тариқи обдонии хеш раво месозад. Восифӣ ҳамин ҳунарро дошт. С. Айнӣ дар «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» менависад: «Як бор дар Боғи Зоғон Фаридун Ҳусайн Мирзо фармуд, то ду дасти ӯро бо ду пояш баста дар ҳавз андохтанд. Ӯ дар ин ҳол аз вақти намози пешин то намози аср дар он ҳавз **оббозӣ** кард» [1, с.17]. Истилоҳи шиноварӣ бо муродифоти дигари худ оббозӣ, обдонӣ ва ғаввосӣ имрӯзҳо низ дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар гардиш мебошад. Чанд мисоли дигар: «Муҳаммади Молонӣ маҷбур шуд, ки қабул кунад ва ҳар ду **тунбони гӯштингирӣ** пӯшиданд ва дар **мубориза** кӯшиданд. Муҳаммади Молонӣ қарор дод, ки на худро ва на Паҳлавони оламро наяндозад ва **гӯштиро қоим дорад**. Чун **талошҳои муқаддимагӣ** ангехта **бо ҳам овехтанд**, Паҳлавони олам Муҳаммади Молониро **ғофил сохта, линги камарӣ** андохт, ки **ӯ бар паҳлу бар замин ғалтид**» [1, с.67-69].

Дар ин матн калима ва ибораҳои **тунбон, гӯштигирӣ**, **бо ҳам овехтан, талошҳои муқаддимагӣ, ғофил сохтан, линги камарӣ андохтан, бар паҳлу ғалтидан, қоим доштан** (якранг, мусовӣ) ва ғайра хусусияти истилоҳӣ касб кардаанд, зеро дар ҷараёни варзиш онҳо номи либоси махсуси гӯштигирӣ, усул ва роҳҳои махсуси ҳуҷум дар ин мусобиқа маҳсуб меёбанд, агарчи тавассути вожаҳои умумиистеъмолии тоҷикӣ сохта шудаанд.

Ҳатто, бо далелҳое рӯ ба рӯ мешавем, ки суханварон ҳам лақаби шоирии худро вобаста ба ягон соҳаи варзиш шуҳрат доштани худ интихоб намуданд. Чунончи, **Ғаввосӣ** шоирест, ки дар **обдонӣ** беҳамто, аз ин рӯ, аз лақабаш ҳам шоир будан ва ҳам шиновар-ғаввос буданаш муълум мешавад: «**Ғаввосӣ** коғазро аз сар гирифта, ба хондан даромад» [1, с.32].

Восифӣ барои қиёс намудани зӯри бозӯ ва қувватнокии паҳлавонони замонаш онҳоро бо паҳлавонони гузашта, амсоли **Рустами Достон, Соми Наримон, Исфандиёри Рӯинтан, Бежани Шершикор** аз роҳи ташбеҳу муболиғот муқоиса кардааст: «Ҳар касе, ки ба муқобили ман ояд, агарчи **Рустами Достон, Соми Наримон ва Исфандиёри замон** бошад ҳам, бо ҳамин **чӯбдаст** бо вай **ҷанг** хоҳам кард» [1, с.75].

Устод С.Айнӣ хулосаҳои худро оид ба машқи варзишгарон, кору кирдори онҳо дар асоси маводи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» натиҷагирӣ карда, чунин менависад: «Аз ин воқеаҳо якчанд ҳолатҳои хуб ва бадро хулоса кардан мумкин аст: дар он замонҳо нисбатан боло рафтани **риёзатҳои баданӣ** нишон дода шудаанд. Хусусан, **тарбияи баданӣ**, ки **паҳлавон** Абӯсаид ба хоҳарзодаи худ-Дарвеш дод, ибратангез аст…» [1, с.80].

Зӯрозмоиҳои тан ба танро, ки бештар бо куштор меанҷомиданд, устод С. Айнӣ аз сатҳи пасти тарбияи ҷавонон, ба авбошию шӯрапуштӣ шуғл доштани онон, беаҳамиятии ҳодимоти давлатӣ ва хусусан, Ҳусайн Бойқаро дониста, менависад: «Аҳвол аз хусусиятҳои ҷамъияти ҳамон давр буда, монанди инҳоро пешҳо дар Европа ба сифати **дуэль** ва **ҷангҳои якка ба яккаи ритсарҳо** дидаем» [1, с.80]. Ин ҳолат дар набардҳои **гладиаторон** дар Рими қадим ҳам дида мешуд.

Дар мисоли дигар дар замони Восифӣ (асрҳои 15-16) маълум будани бозиҳои қадимаи ориёӣ: нард ва **шатранҷро,** ки имрӯз ҳам мавриди истифодаанд, мушоҳида мекунем: «сеюм бозии Дӯстӣ ва Барноча буд, ки онҳо шеърҳои бисёреро дар бораи **нард ва шатранҷ** аз ёд медонистанд» [1, с.193].

Ҳатто, худи Восифӣ оид ба **шатранҷ** (шоҳмот) чистоне низ гуфтааст, ки дар он истилоҳоти варзишии **арса, ҷанг, корзор, саф, ямин, ясор**, **ҷаҳидан, лашкар, банд** ва ғайра фаровон истифода шудаанд:

*Эй дил, кадом **арсаи ҷанг асту корзор**!*
К-он ҷост субҳу шом ба якдигар ошкор?
*Аз ҳар тараф **ду саф** ба ҳам овардаанд рӯ,*
***Як подшоҳи Руму дигар шоҳи Зангубор**.*
*Доранд ҳар кадом **вазире,** ки рӯзи ҷанг*
Бошанд ҳар яке ба яке банд устувор?
Сафи нахустро**набвад **ҷанги рӯ ба рӯ,
*Гоҳ аз **ямин набард кунад, гоҳ аз ясор**?*
***Гардад вазир**, бадраҷа созанд ҳамраҳаш,*
*З-ин **саф**ҳар он, ки рафт, саломат ба-дон канор?*
***Аспе** чунон ки филсифат **ҷанг мекунад**,*
*Лекин **уреб меҷаҳад**, аз ҷо рамидавор?*
***Филони ҷангҷӯй** дар он арса гоҳи ҷанг,*
*Ҳар гаҳ**шаванд банд**, шавад ҷангро мадор [1, с.193].*

Агар ба умқи тасвиру ташбеҳ ва истиороту киноёти шоир дида дӯзем, маълум мешавад, ки таркибҳои **субҳу шом** (киноя аз донаҳои сафеду сиёҳи шатранҷ), **шоҳи Рум** (шоҳи донаҳои сафед), **шоҳи Зангубор** (шоҳи донаҳои сиёҳ), **ямину ясор** (тарафҳои росту чапи тахтаи шоҳмот), истилоҳоти соҳаи **шатранҷ** мебошанд. Манзури шоир аз ифодаҳои **шоҳ, вазир, асп, фил, аскар, хишт, кишт** донаҳои шоҳмот ва тарзи ҳаракати онҳост. Яъне амалиётест, ки дар рӯйи тахтаи иборат аз 32х2=64 **хишт** (хона) ба вуҷуд оварда мешавад.

Маводи ҷамъоваринамудаи мо далели он аст, ки бисёре аз истилоҳоти соҳаи варзиш баромади таърихӣ доранд ва дар даврaҳои гуногуни инкишофи забонҳои эронӣ мавриди корбарӣ қарор доштанд: **ял, гев, гурд, гурз, синон, камон, зеҳ, пайкон, таҳш, шил, кишт** ва ғайра.

Бархе аз истилоҳоти тоҷикӣ дар қаволиби сохтории калимасозии забонҳои эронӣ рехта шуда, маъноан дар риштаҳои мухталифи варзиш ба кор рафтаанд. Масалан, вожаҳои **гав** (паҳлавони далер), **гӯ//гӯй** (гирдаи чавгонбозӣ), **шоҳ** (таҳдид ба шоҳи ҳариф дар бозии шоҳмот), **шатранҷ** (шоҳмот), **мот//мат** (мағлубият дар бозии шоҳмот), **марс** (руст шудани донаҳо дар бозии нард) аз нигоҳи сохтор ва шакли грамматикии худ якрешагӣ (сода) буда, яке (гав) мафҳуми умумии ашхоси пурзӯрро дар бахши варзиш ва ҳарб ифода кунад, дигаре (гӯ//гӯй) чун асбоб ё воситаи бозӣ дар мавридӣ чавгонбозӣ (тӯбча, тӯбчаи чӯбин, тӯбчаи пашмин, шайба) фаҳмида мешавад, савумӣ ба соҳаи шоҳмоту чаҳорумӣ ба риштаи нард мутааллиқанд.

Як қисми истилоҳоти забони тоҷикӣ таърихан қадимаанд. Миёни онҳо садҳо истилоҳоти марбут ба соҳаи варзишро дучор омадан мумкин аст, ки шаклу мундариҷаи диахронии худро тағйир надода, дар замони мо низ мавриди истифодаанд.

Н.Турсунов бозиҳои серҳаракати тоҷикиро, ки анвои гуногуни варзишро ташкил медиҳанд, вобаста ба тақсим шудан ё нашудани бозингарон ба дастаҳо (командаҳо) ба ду

гурӯҳ ҷудо карда, дар рисолаи худ аз 80 навъи бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ ёдовар шудааст [8, с.8-10]. Мо низ навъҳои бозиро вобаста ба даставӣ ва ғайридаставӣ будани худи бозиҳо, ки онҳо ҳамзамон ба хелҳои гуногуни варзиш тааллуқ доранд ва истилоҳоти зиёдеро дар бар мегиранд, ба ду гурӯҳ ҷудо менамоем.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ. - Сталинобод, 1956. - 315 с.
2. Андреев М.С. Таджики долины Хуф / М.С. Андреев. - Сталинабад, 1958. – 287 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 1. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
4. Русско-таджикский словарь спортивных терминов (мураттиб Н.Турсунов). - Душанбе: Дониш, 1985. - 258 с.
5. Рустамов Ш. Исм / Ш.Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 256 с.
6. Серова В.Т. Плавание / В.Т. Серова. - М.: Физкультура и спорт, 1963. - 237 с.
7. Сулаймонов С. Становление арабской и таджикской философской терминологии (на базе философского наследия Ибн Сины): автореф. на соис. уч. степ. док. фил. наук / С.Сулаймонов. - Душанбе, 1997. - 53 с.
8. Турсунов Н.Н. Таджикские национальные подвижные игры Н.Н. Турсунов. - Душанбе: ДГПИ им. Т.Г.Шевченко, 1981. - 84 с.

ИСТИЛОҲОТИ ТОҶИКИАСЛИ СОҲАИ ВАРЗИШ

Дар мақолаи зерин муаллиф истилоҳоти тоҷикасли соҳаи варзишро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст. Истилоҳоти тоҷикӣ як қабати аз ҳама пурбори луғоти варзишро ташкил медиҳанд. Мутаассифона, таҳлилу баррасии этимологии истилоҳоти соҳаи мазкур дар забоншиносии тоҷик ба таври алоҳида объекти тадқиқи рисолаи илмие қарор нагирифтааст. Ҳол он ки дар ҷодаи варзиш тоҷикон ва ақвоми дигари ориёӣ дорои анъана ва таҷрибаи бой мебошанд. Машқҳои варзишӣ дар ибтидо дар шакли бозӣ ба зуҳур меоянд. «Мавзӯи мазкурро муҳаққиқони зиёде аз нигоҳи этнографӣ ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, вале онҳо ба проблемаи баромади истилоҳоти соҳаи варзиш дахл накардаанд, чунки ин мушкилот ба тадқиқоти онҳо марбут набуд. Бояд гуфт, ки тоҷикон ҳамеша ба варзиш чун ба як воситаи обутоб додани бадан ва омодагии ҳарбӣ муносибат мекунанд ва варзишро яке аз омилҳои беҳтарин дар роҳи камолоти ақлониву ҷисмонии худ меҳисобанд. Як қисми истилоҳоти забони тоҷикӣ таърихан қадимаанд. Миёни онҳо садҳо истилоҳоти марбут ба соҳаи варзишро дучор омадан мумкин аст, ки шаклу мундариҷаи диахронии худро тағйир надода, дар замони мо низ мавриди истифодаанд. Маводи ҷамъоваринамудаи мо далели он аст, ки бисёре аз истилоҳоти соҳаи варзиш баромади таърихӣ доранд ва дар даврaҳои гуногуни инкишофи забонҳои эронӣ мавриди корбарӣ қарор доштанд.

Калидвожаҳо: истилоҳоти марбут ба соҳаи варзиш, истилоҳоти тоҷикасли соҳаи варзиш, баромади таърихӣ, таҳлилу баррасии этимологии истилоҳот.

ИСКОННО ТАДЖИКСКАЯ СПОРТИВНАЯ ТЕРМИНОЛОГИЯ

В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению исконно таджикская спортивная терминология.Таджикская терминология составляет один из наполненных пластов спортивного словаря. К сожалению, этимологический анализ терминологии данной сферы в таджикском языкознании до сегодняшнего дня не стал объектом научного исследования, хотя таджики и другие представители арийских народов имеют свои традиции и богатый накопленный опыт в данном направлении. Спортивные занятия формировались в начале как игры. Данную тему рассматривали многие исследователи с этнографической точки зрения, но эти работы не коснулись проблемы происхождения спортивной терминологии, так как данная проблема не каслась их исследований. Нужно констатировать тот факт, что таджики относились к спорту как к средству закаливания организма и подготовки к военной службе. И считали спорт одним из лучних факторов при умственном и физическом совершенстве. Одна часть терминологии таджикского языка исторически очень древняя. Среди них встречаются сотни терминов относящиеся к спортивной сфере, которые не изменяя своей диахронической формы и содержания, используются и в наши дни. Материал собранный нами в ходе исследования свидетельсвует о том, что огромное количество спортивной терминологии имеют историческое происхождение и употреблялись в различные периоды развития иранских языков.

Ключевые слова: терминые спортивной сферы, исконно таджикская спортивная терминология, историческое происхождение, этимологический аналіз терминов.

EXCELLENT TAJIK SPORTS TERMINOLOGY

In this article, the author has examined and studied traditional Tajik sports terminology. Tajik terminology is one of the filled layers of the sports dictionary. Unfortunately, the etymological analysis of the terminology of this field in Tajik linguistics has not yet become an object of scientific research, although Tajiks and other representatives of the Aryan peoples have their own traditions and rich experience in this direction. Sports activities were formed at the beginning as games. This topic was considered by many researchers from an ethnographic point of view, but these works did not touch upon the problem of the origin of sports terminology, since this problem did not concern their research. It should be noted that the Tajiks treated sport as a means of hardening the body and preparing for military service. And they considered sport to be one of the best factors in mental and physical perfection. One part of the terminology of the Tajik language is historically very old. Among them are hundreds of terms related to the sports field, which are not changing their diachronic form and content, are used today. The material collected by us in the course of the study shows that a huge amount of sports terminology are of historical origin and were used in different periods of the development of Iranian languages.

Key words: sports terms, native Tajik sports terminology, historical origin, etymological analysis of terms.

Сведения об авторе: ***Шафоатов А.Н.*** **-** Таджикский физкультурный институт им. С.Рахимова, доцент. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Лучоб, 53. Тел.: **(+992) 985-07-44-19**

Information about the author: ***Shafoatov A.N.*** - Tajik Sports Institute named after S. Rakhimov, associate professor. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Luchob, 53. Tel.: **(+992) 985-07-44-19**

УДК: 4И (Англ)

К ВОПРОСУ О ЛЕКСИКО - СЕМАНТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЯХ СИНОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Рахимова Т.Р., Хошимова Н.М.
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Как известно, синонимия является одним из основных источников обогащения и развития языка при помощи выразительных средств, поэтому она представляет собой особый интерес для разработки проблем внутри языка, связанных с борьбой за культуру речи, с изучением языка и с задачами построения стилистики. В связи с этим изучение лексико-семантической, грамматической и синтаксической синонимии приобретает не только теоретическое, но и практическое значение. Знание синонимии дает нам возможность объяснить направление развития языка, пути и способы изменения различных его языковых сторон, а также облегчает доступ к богатствам выразительных средств речи, позволяет представить их в системе, что особенно необходимо при изучении английского языка. Что же касается основной сущности синонимии и синонимических отношений между словами, она издавна привлекла и привлекает внимание лингвистов, разрабатывающих проблемы семасиологии и лексикографии, поскольку решение этих проблем, в том числе синонимии, и ее изучения важно не только для семасиологии, но также и для лексикографии, литературоведения, методики преподавания иностранного языка [1, с.7-10].

Следует отметить, что при этом возрастает убеждённость, что путь к осмыслению феномена человека направлен не через естественные науки, а через естественные языки. Ведь еще В. Гумбольдт писал: «Изучение языка не заключает в себе конечной цели, а вместе со всеми прочими областями служит высшей и общей цели познания человечеством самого себя и своего отношения ко всему видимому и скрытому вокруг себя» [5, с.307-323].

Синонимия является важнейшим вопросом языкознания и одной из её областей – стилистики. Её обширная сфера становится причиной того, что это семантическое языковое явление изучается во всех взаимосвязанных пластах лингвистики, как на лексическом, так и на грамматическом уровне.

Проблема синтаксической синонимии уже много лет привлекает внимание исследователей-лингвистов. Следует отметить, что вопрос о синтаксической синонимии и вариативности для развития грамматического и лексикографического строя литературного языка имеет как теоретическую, так и практическую значимость. Например, английское слово embarrassed переводится как музтар, хиљил (смущённый), а также шарманда, шармсор (сконфуженный). Но помимо этих слов существует много слов или фраз, которые помогают нам передать тот же смысл, но с разными оттенками значения (то есть являются его синонимами).

Например: Awkward - носоз, нобоб, ноқулай, нороҳат (неудобный), душвор, вазнин (затруднительный), ногувор, хиҷолатовар (неловкий).

Например: He is an awkward with children – Ӯ худро дар байни кӯдакон ногувор ҳис мекунад (Он чувствует себя неловко с детьми).

Например: I was uncomfortable at first, but now I'm beginning to get in the groove – Аввалан ман худро дар хиҷолат ҳис менамудам, вале айни ҳол бошад одат кардам (Вначале я чувствовал себя неловко, но сейчас начинаю осваиваться).

Humiliated – хор (залил) кардашуда, таҳқирдида, хору зор, ҳақир, мусибатзада, бандавор(она), ҳақир(она) (униженный).

Humiliate oneself to such an extent — ба чунин ҳолати ногувор расидан (дойти до такого унижения).

Embarrassing - шармгии, шармин, серибо, изокаш, боҳаё (стеснительный).

Например: It was embarrassing to fail my English exam – Насупоридани имтиҳон аз фанни забони англисӣ барои ман шармандагӣ буд (Было бы стыдно провалить мой экзамен по английскому языку).

Awkward - нофорам, душвор, ногувор, хиҷолатовар (неудобный); душворӣ, мушкилӣ, сахтӣ (затруднительный), бесулуқай, нобоб, носоз, ноқулай, ноуҳдабаро (ёна) (неловкий).

Например: What an awkward position I'm now placed in! - Ба чӣ ҳолати ногувор ман рӯ ба рӯ шудам! (В каком же глупом положении я сейчас оказался!).

Humiliating – нанговар, хоркунанда (оскорбительный), таҳқиромез, дашномдиҳанда, зиллатовар, озордиҳанда (унизительный).

Shameful - шармандаовар (позорный), хиҷолатовар (постыдный), нанговар, бешармона, ҷанҷолӣ, ҷангара (скандальный).

Например: It was shameful of them to surrender – Тасмим шудан, барои онҳо шармандагӣ буд (С их стороны было позором сдаться).

Например: Mortifying - зиллатовар (оскорбительный), нанговар (унизительный).

Например: The interview turned out to be a mortifying experience – Суҳбат хиҷолатовар буд (Беседа оказалась унизительной).

Трудность выявления синтаксических синонимов заключается и в том, что более простые синонимические конструкции включаются в структуру более сложных единиц. Значение изучения данного вопроса заключается в том, что синонимика не опирается только на абстрактные модели, а зависит и от общих лексических содержаний этих моделей [3, с.13].

Изучение отношений слов, входящих в синонимические ряды, дает возможность проследить и описать внутриязыковые связи и взаимодействия между словами, которыми характеризуется лексико-семантический уровень языка.

Например: для обозначения действия, приводящего в состояние нервного напряжения, подъема в английском языке используют синонимический ряд agitate - барангехтан, шӯридан, disturb – ба ташвиш оварда расонидан, worry - безор кардан, ба љон расонидан, stir up - ташвиқ кардан [6, с.7-9].

В тексте синонимы выполняют две основных функции. Они позволяют избегать повторов, которые считаются стилистическим недостатком текста. Например, если автор научной статьи в предыдущей строке уже употребил слово investigation-тафтиш, тањќиќ, то в следующей он может написать study-таҳсил, омӯзиш, а потом – examination - имтиҳон. Поскольку синонимы обычно различаются по смыслу, наличие синонимических рядов позволяет каждый раз выбирать то слово, которое максимально точно соответствует тому, что человек хочет сказать.

Существует понятие «контекстные синонимы», т.е. слов, которые в том или ином тексте сближаются, поскольку относятся к одному предмету. Например «It was long- рӯй додан, воқеъ шудан, boring- парма кардан, безоркунандагӣ, ғамгинӣ, hot day-рӯзи бисёр гарм, рӯзи тафсон. При этом утверждается, что слова long - дароз, boring - дилгир, hot - гарм, тафсон в некотором смысле синонимичны. Однако понятие «контекстных синонимов» имеет весьма отдаленное отношение к общепринятому представлению о синонимии.

Проблемы изучения синонимии в различных языках также нашли отображения в работах ведущих учёных лингвистов: А.В. Щербы, Р.А. Будагова, В.Г. Гака, Б.А. Успенского, В.Н. Ярцевой, Ш. Балли, С. Ульмана, У. Вейнриха и других лингвистов. Вопросы исследования синонимов также рассмотрены в произведениях и статьях таких таджикских языковедов, как Р.Гаффаров, С.Аминов, Ш.Кабиров, Ю.Нурмахмадов, С.Джураева, М.Мирзоева и др.

Трудность выявления лексико-семантических, синтаксических синонимов заключается и в том, что более простые синонимические конструкции относятся к структуре более сложных единиц. Значение изучения данного вопроса заключается в том, что синонимия не опирается только на абстрактные конструкции, а зависит и от общего лексического содержания моделей.

Изучение отношений слов, входящих в синонимические ряды, дает возможность проследить и описать внутриязыковые связи и взаимодействия между словами, которыми характеризуется лексико-семантический уровень языка.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бархударов С.Г. О значении и задачах исследований в области терминологии. Лингвистические проблемы научно-технической терминологии / С.Г. Бархударов. - М.: Наука, 1970. - 230 с.
2. Бархударов Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.Н. Штеллинг. - М.: Изд-во Высшая школа, 1973. - 423 с.
3. Гальперин И.Р. Синтаксические выразительные средства английского языка / И.Р. Гальперин // Иностранные языки в школе 2009. - № 4. - С.32-34
4. Английские эквиваленты. Синонимы. Антонимы / Английские эквиваленты. Синонимы. Антонимы. - М.: Аст-Пресс, 1999. - 200 с.
5. Гумбольдт В. фон. Избранные труды по языкознанию / В. Фон Гумбольдт. - М., 1984. - 400 с.
6. Маҷидов Ҳ. Сермаъноии луғавӣ / Ҳ. Маҷидов // Маърифат, 1997. - № 9-12. - С.7-9.

РОҶЕЪ БА МОҲИЯТИ ХУСУСИЯТҲОИ ЛЕКСИКӢ-СЕМАНТИКИИ КАЛИМАҲОИ ҲАММАЪНО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар ин мақола муаллифон хусусиятҳои лексикӣ-семантикии навъҳои калимаҳои ҳаммаъноро дар асоси масолеҳи забони англисӣ ва тоҷикӣ муоина намудаанд. Муаллифони мақола дар асоси мисолҳои овардашудаи худ исбот менамоянд, ки истифодаи воҳидҳои лексикӣ чун калимаҳои ҳаммаъно дар натиҷаи муттаҳидии онҳо дида баромада мешавад. Бешубҳа ба мафҳуми "калимаҳои ҳаммаъно" таърифи якранг додан имконнопазир аст. Забоншиносони гуногун тариқи гузаронидани тадқиқотҳои худ, ки махсус компоненти асосие, ки ба мафҳуми "калимаҳои ҳаммаъно" ворид карда мешаванд, гуфта мегузаранд. Дар асоси омӯзиши мутаносибияти байни ибораҳою калимаҳои ҳаммаъно солҳои дароз диққати забоншиносонро ҷалб мекунад, зеро ҳал ва омӯзиши ин масъала на танҳо барои илми забоншиносӣ, балки ба соҳаи лексикография низ вобастагии калон дорад. Аз ин лиҳоз, муҳиммияти таҳқиқот дар он аст, ки калимаҳои ҳаммаъно қисми таркибии забонӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳсноки забоншиносии муосир ба ҳисоб меравад. Ин кор ба ҳалли мушкилоти таърифи он, моҳият ва хусусиятҳои асосии фарқкунандаи падидаи таҳти омӯзиш мусоидат менамояд. Гузашта аз ин, ҳадаф аз ин кор тавсифи ҳаматарафаи мафҳуми "калимаҳои ҳаммаъно" ҳамчун яке аз зерсистемаҳои забони муосири англисӣ буда, аз муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар воҳидҳои забонӣ, тавсифи хусусиятҳои истифодаи калимаҳои ҳаммаъно, роҳ ва усулҳои таълими он дар забони англисӣ мебошад.

Калидвожаҳо: луғатшиносӣ, лексикография, синонимҳо, забони англисӣ, забоншиносӣ.

К ВОПРОСУ О ЛЕКСИКО – СЕМАНТИЧЕСКИХ ОСОБЕННОСТЯХ СИНОНИМОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор рассматривает лексико – семантические особенности разновидностей синонимов на основе материала таджикского и английского языков. Автор статьи, проанализировав приведенные примеры, утверждает, что использование лексических единиц в качестве синонимов рассматривается как следствие общности их лексических и грамматических значений. Безусловно, понятию «синонимия практически невозможно дать однозначное определение. Различные исследователи выделяют наиболее значительный компонент, который соответственно включают в определение синонимии. Что же касается основной сущности синонимии и синонимических отношений между словами, то она издавна привлекала внимание лингвистов, разрабатывающих проблемы семасиологии и лексикографии, поскольку решение этих проблем, в том числе синонимии, и ее изучения важно не только для семасиологии, но также и для лексикографии, литературоведения, методики преподавания иностранного языка. Исходя из вышеизложенного, под синонимами понимаются слова, которые обладают общим лексическим значением, отличаются дифференциальным элементом значения, способным нейтрализоваться в определенных контекстах, или не имеют его. Понимание сущности синонимических отношений тесно связано с пониманием сущности и структуры языкового значения слова.

Ключевые слова: лексикология, лексикография, синонимия, синонимы, лингвистика, английский язык.

ON THE ESSENCE OF LEXICAL – SEMANTIC PECULIARITIES OF SYNONYMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Annotation: This article is devoted to the analyses of lexical – semantically features of the synonyms on the base of materials, shown the words and their synonyms in English. The author of the article on the bases of the examples notes that the usage of the lexical unit as a synonymy considered being the result of the units of lexical and grammatical meanings, certainly to the meaning of the synonymy is impossible to give an unambiguous determination, because there are different prescriptions to the options of the synonymy. Different scientist give their point of view to the main essence of the synonyms and synonymic relations. All the time synonyms between the words draws the attention of linguists since olden times, due to the solution of the synonyms and its learning is important not only for the semasiology, but also for lexicography, literary criticisms and the methods of teaching of foreign languages, because the solution of these problems surrounded to the all subjects. Outgoing to the all definitions, under the title synonymy is understood the words, that possesses the completely lexical meaning, the synonyms differ from its differential elements and its meaning, capable to be neutralized in a definite contexts. The notion of the essence synonymic relationship is closely connected with the conception of the essence and its structure of the meaning and linguistic of the word.

Key words: lexicology, lexicography, synonymy, synonyms, linguistics, English language.

Сведения об авторах: ***Рахимова Тахмина Рахматовна*** **-** Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, соискатель кафедры методики преподавания иностранного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **taxmina-2016@bk.ru**. Тел.: **(+992) 927-18-45-64**

Хошимова Наргис Мирхакимовна - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, доцент кафедры методики преподавания иностранного языка. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 927-15-14-59**

Information about the authors: ***Rakhimova Takhmina Rakhmatovna***- Khujand State University named after B.Gafurov, researcher the department of methods of teaching of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **taxmina-2016@bk.ru.**
Tel.: **(+992) 927-18-45-64**

Khoshimova Nargis Mirkhakimovna - Khujand State University named after B.Gafurov, Assosiate Professor of the department of methods of teaching of foreign languages. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, pr. Mavlyanbekova 1. E-mail: **nargis_zebo@mail.ru.** Tel.: **(+992) 927-15-14-59**

УДК: 491.550-54:372.800.2:004 (575.3)

РУШДИ ЗАБОНШИНОСИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Раҳимов Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносии компютерӣ ҳамчун илми муосир муддати начандон тӯлониро аз сар гузаронидааст. Ин илм дар нимаи дувуми асри XX дар баробари пайдоиш ва тараққӣ намудани технологияҳои муосир, яъне компютер, ба амал омада, зина ба зина рушд мекунад. Забоншиносии компютерӣ як бахши забоншиносии амалӣ ё худ татбиқӣ буда, бо мақсади истифодаи воситаҳои компютерӣ, барномаҳо, технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи тарҳрезии компютерии забоншиносӣ ба роҳ монда шудааст.

Бояд гуфт, ки технологияи муосир аз рӯзҳои аввали пайдоиш ва рушди худ дар ҷомеаи инсонӣ тағйироти куллиро ба миён овард. Технологияҳои муосир дар тӯли инкишофи худ оҳиста-оҳиста тамоми самти фаъолияти инсониро фатҳ намуда, дар ин самт кори инсонро даҳчанд осон гардонид. Масалан, дастрасии китобхонаи электронӣ, сомонаҳо, пайкараҳо ва дигар имконоте, ки технологияи иттилоотӣ ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои нафароне, ки хоҳиши истифодабарӣ аз ин махзани электрониро дар худ доранд имконоти беҳтаринро дар асри XXI фароҳам овардааст ва барои дастрас намудани захираҳои илмию методӣ инчунин, ташаккули ҷаҳонбинии онҳо кумаки худро пайваста мерасонад.

Дар марҳилаи начандон зиёди солҳои охир татбиқи усулҳои нави технологияи иттилоотӣ дар риштаҳои гуногуни тадқиқотӣ, махсусан дар соҳаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ фаровон мушоҳида мешавад. Чи тавре ки ба ҳамагон маълум аст, рушду пешравии ҳар як риштаи илм дар радифи омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, инкишофи сохтори дохилии он, унсурҳо ва меъёрҳои он, инчунин аз дараҷаи истифодабарии восита ва шеваҳои илмӣ низ, вобастагии зиёд дорад. Дар айни замон дар улуми муосири ҷаҳонӣ истифода аз шеваҳои риёзӣ, хоссатан шеваҳои оморӣ ва воситаҳои техникаи пешрафтаи компютерию коммуникатсионӣ дар риштаҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Технологияи муосири компютерӣ ва низомҳои коммуникатсионӣ дар маҳфуз доштан ва фавран дастрас намудани мероси ғании адабиёти тоҷику форс ва захираҳои интернетӣ ба забони тоҷикӣ имкониятҳои бағоят васеъ фароҳам меоварад. Ва бо ин гуна техника мавриди истифода қарор додани шеваҳои риёзӣ ва оморӣ барои таҳқиқ дар риштаҳои улуми филологӣ метавонад натиҷаҳои назаррас дар тасниф ва танзими дақиқи маводҳои гуногун диҳад.

Имрӯз башарият вобастаи таҳаввулоти азиме аст, ки онро инқилоби иттилоотӣ низ мегӯянд. Ин инқилоб қодир аст, ки ҳаёти инсон, кор, зист, тарзи андеша ва ҳатто муносибат ба худашро куллан тағйир диҳад. Тафовути он аз инқилобҳои технологии қаблӣ, ки ба моддиёт ва энергия такя мекарданд, дар он аст, ки ба тағйир додани мафҳумҳои бунёдии мо аз қабили вақт, фазо, масофа ва дониш асаргузор шудааст. Ин инқилоб, қабл аз ҳама, равандҳои иттилоотиро дар мадди аввал мегузорад. Ташкилдиҳандаи муҳимтарини ин равандҳо ҳама гуна технологияҳои иттилоотӣ, бавижа иртибот аз роҳи дур «telecommunication» мебошад. Технологияҳои иттилоотии замонавӣ ба пешрафти воситаҳои компютерӣ ва воситаҳои мухобирот такя мекунанд.

Айни ҳол ҷузъҳои иттилоот дар фаъолияти ҳамарӯзаи одамон густариш ёфта, теъдоди он бештар шудааст. Аз ин рӯ, вожаи «иттилоот» (information) дар даврони муосир маънии сеҳромезеро гирифтааст. Ин истилоҳ бо даҳҳо шаклу таркиб ва иборот ба фарҳангу забонҳои ҷаҳон ворид гаштааст. Табиати инқилоби иттилоотӣ то ҳоло пурра баррасӣ нашудааст, аммо маънои он беш аз пеш ошкор мегардад. Ин аст, ки пешравии технологияҳои иттилоотӣ ба пешравии ҷомеа овардааст ва мафҳуми ҷомеаи иттилоотиро эҷод кардааст. Ҷомеаи иттилоотӣ гуфта ҷомеаеро мегӯянд, ки ҳар як фардро зарур аст, ки аз фарҳанги ҷомеаи иттилоотӣ огоҳ бошад ва бевосита корбарӣ аз технологияи муосирро хуб донад ва тавонад.

Рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаи маориф дар кишварамон сахт алоқаманд аст. Забоншиносии компютерӣ ва ё забоншиносии иттилоотӣ дар системаи маориф дертар ворид гардида, дар соли 1992 дар мактабҳои олии Федератсияи Руссия ҳамчун фанни таълимӣ ҷорӣ карда мешавад [1]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забоншиносии компютерӣ ҳамчун самти алоҳидаи таълимӣ дертар ба миён омада, дар соли 2008 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳои олии кишвар мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор гирифтааст.

Инчунин, рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд мушкилиҳое, ки доир ба системаи хат ва нозукиҳои забонамон дар шабакаи интернет ҷой доштанд, мусоидат намуд. Алифбои тоҷикӣ аз соли 1998 дар асоси қоидаҳои нави имло аз 35 ҳарф иборат аст. Аз ин миқдор дар клавиатураи кунунии сирилик ҳарфҳои хосси забони тоҷикӣ Ҳҳ, Ҷҷ, Ғғ, Ққ, Ӯӯ, Ӣӣ бо назардошти истифодаи самаранок ва мувофиқ ҷойгир нашудаанд. Аз ин сабаб, бо усулҳои гуногун ин ҳарфҳо дар клавиатура ҷойгир шаванд ҳам, вале ҳангоми ба ҳуруфи дигар гузаштан, ҷойи ин аломатҳоро аломатҳои дигари гуногун мегиранд. Пуштибонӣ накардани алифбои тоҷикӣ дар системаҳои корбурди муосир, махсусан MS Windows, ба он оварда расонид, ки миқдори зиёди худкории ҳуруфоти тоҷикӣ пайдо гаштааст.

Ҳангоми истифодабарии маводҳои илмӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки бо забони тоҷикӣ ҳуруфчинӣ шудаанд, аз сабаби истифодабарии ҳуруфоти гуногун, ҳангоми мутолиаи онҳо ҳар як шахс ба мушкилӣ дучор мешавад. Масалан, агар муассиса ё корхонае, ки низоми ҳуруфи тоҷикии «*Times New Roman Tj*» - ро истифода баранд, ҳуҷҷатҳои лозимиро бо *A-Tojik* ҳуруфчинӣ карда, пешниҳод кунем, дар натиҷа матни додашуда шакли худро тағйир дода ба ҷойи ҳарфҳои Ҳҳ, Ҷҷ, Ғғ, Ққ, Ӯӯ, Ӣӣ нишонаи чоркунҷа ва ё ҳарфу аломатҳои дигар алифбоҳо мебарояд. Дар ин ҳолат кормандони корхона ё муассиса ҳангоми кор бо ҳуҷҷатҳо ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва вақти пурқиммати худро ба ҷустуҷӯи ҳуруфи лозима сарф менамоянд. Аммо ногуфта намонад, ки вақтҳои охир ин мушкилот бартараф шуда истодааст, чунки бисёриҳо ҳуруфҳои маъмулро ба монанди *Palatino Linotype, Times New Roman Tj ва Arial Tj*-ро истифода бурда истодаанд. Ҳангоми фиристодани ҳуҷҷатҳо ҳамроҳи он ирсол намудани системаи ҳуруфи лозимиро фаромӯш кардан лозим нест.

Имрӯз дар шабакаи Интернет зиёда аз 70 намуди шрифти худсохт мавҷуд аст, ки онҳо наметавонанд ба таври комил хусусиятҳои забони тоҷикиро ифода созанд. Захираҳои Интернетӣ ба забони тоҷикӣ асосан бо ҳуруфоти Palatino linotype таҳия гардида, дар дохили Тоҷикистон аксари муассисаву корхонаҳо дар муносибатҳои корӣ ҳуруфоти Times New RomanTj -ро истифода мебаранд.

Ҳарфҳои хосси забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун дар клавиатура ҷойгир карда мешаванд. Яке аз роҳҳои маъмули он бо истифодаи тугмаҳои Ctrl, Shift, Alt дар тугмаи ҳарфҳои ҳамшакли онҳо ҷойгир кардани ҳарфҳои тоҷикӣ мебошад [1, с.9].

Ба ғайр аз ин, дар ин самт як қатор корҳои омӯзишии дигар дар риштаи забоншиносӣ рафта истодаанд, ки бо амалӣ гаштани ин иқдом боз якчанд мушкилиҳои дигар ҳалли худро меёбанд. Масалан, дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон татбиқи баъзе хусусиятҳои забони тоҷикиро дар технологияҳои иттилоотӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд:

- ♦ таҳлили морфологии калимаҳои тоҷикӣ;
- ♦ бунёди морфологии калимаҳои тоҷикӣ;
- ♦ ба ҳиҷоҳо ҷудо намудани калимаҳо;
- ♦тарҷумаи дохилизабонии калимаҳои мураккаби тоҷикӣ;
- ♦ бамеъёрдарории баъзе калимаҳои мураккаб, ки тарҷумаи онҳо ба забонҳои дигар ғайриимкон аст;
- ♦ ба воситаи компютер овоз додан ва талаффузи калимаҳои тоҷикӣ;
- ♦ ба воситаи техногияҳои иттилоотӣ ёфтани ҳиҷоҳои заданоки калимаҳои тоҷикӣ;
- ♦ баъзе пешниҳодҳо барои такмили имлои забони тоҷикӣ ва мутобиқсозии махсусиятҳои забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотӣ;
- ♦ тавлиди компютерии луғатҳои басомадии калима ва воҳидҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ;
- ♦ таҳияи барномаи махсус оид ба вазни шеъри тоҷикӣ;
- ♦ татбиқи хусусиятҳои забони тоҷикӣ дар технологияҳои иттилоотӣ пеш аз ҳама, масъалаҳои зеринро тақозо менамояд:
- ♦ мутобиқ намудани махсусиятҳои сарфиву наҳвии забони тоҷикӣ бо имконоти технологияи иттилоотии муосир;
- ♦ бо усулҳои тарҳрезӣ нишон додани номувофиқатии имлои ҷории забони тоҷикӣ бо технологияи иттилоотӣ;
- ♦ номувофиқатии тартиби овозӣ бо алифбои ҷорӣ;
- ♦ шаклвайроншавии баъзе ҳарфҳо дар технологияҳои иттилоотӣ [1,3,5].

Масъалаи дигаре, ки забоншиносии компютерӣ дар бар мегирад, ин бунёд намудани пайкараи миллии забони тоҷикӣ мебошад. Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Дар хусуси он ки пайкара чӣ лозим аст ва ё пайкараи миллӣ чӣ гуна такмил меёбад, чунин посух гуфтан зарур аст, ки пайкараи миллӣ, пеш аз ҳама, барои таъмини

матнҳои гуногун дар тадқиқотҳои илмии самтҳои гуногуни забоншиносӣ ва илмҳои дигар ҳамчунин, барои ворид сохтани тағйироти бемайлони равандҳои забонӣ, ки дар даврaҳои на он қадар тӯлонӣ ба вуҷуд омадаанд, лозим аст.

Вазифаи дигари пайкара ин пешниҳоди маълумотҳое аст, ки он ба қисматҳои гуногуни забон вобаста мебошад. Пайкараи миллӣ матнҳои гуногунро аз даврaҳои рушду такомули забон дар шакли тайёр пешниҳод менамояд. Дар пайкара матнҳо дар шакли нусхаи асл оварда мешаванд.

Тафовути пайкараи миллӣ аз китобхонаи электронӣ дар он аст, ки агар китобхонаи электронӣ маҷмӯи матнҳои «шавқовар» ё «манфиатнок»-ро дар назар дошта бошад, пайкараи миллӣ тамоми матнҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо чун мавод барои омӯзиши забон истифода мешаванд.

Пайкараи миллии забони тоҷикӣ дар зинаи ибтидоӣ қарор дошта, танҳо кӯшишҳои баанҷомнарасида дар ин самт ҳанӯз дастоварди ҷиддӣ муаррифӣ шуда наметавонанд.

Бо ташаббуси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамкории Мактаби технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, дар сомонаи www.termcom.tj бори аввал Пайкараи миллии забони тоҷикӣ тарҳрезӣ ва бунёд гардид. Эҷоди пайкараи (корпуси) забони тоҷикӣ бар пояи на камтар аз 10 миллион вожаи матнҳои тоҷикӣ ба нақша гирифта шудааст [1, с.28].

Аз рӯйи сохтори пайкараҳои миллии забонҳои муқтадир дар он, пеш аз ҳама, матнҳое ҷойгир мешаванд, ки намоёнгари вижагиҳои забони фаъоли муосир бошанд. Бояд гуфт, ки ба пайкараи миллӣ матнҳое дохил мешаванд, ки қариб ҳама паҳлуҳо ва доираи фаъолияти забони муосирро дар бар мегиранд. Бавижа, намунаи матнҳои осори маъруфтарин ва маҳбубтарин адибони классики тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Ҳофиз, Румӣ ва монанди инҳо фаро гирифта мешавад. Насру назми жанрҳои гуногуни адабиёти муосир матни ба эфир паҳншудаи барномаҳои радио ва телевизиони тоҷик, матни рӯзномаҳо ва ахбор матни маҷаллаҳо, матнҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ, матнҳои таҳсилӣ, матнҳои расмӣ-идорӣ ва ҳуқуқӣ, матнҳои луғоту фарҳангҳои маъруфи тоҷикӣ ва дузабона, матнҳои маишӣ, номанигорӣ, муошират ва амсоли ин мебошанд. Забоншиносии пайкаравӣ як бахши забоншиносии компютерӣ буда, барои сохтан ва тартиб додани пайкараи миллии забони тоҷикӣ ва пайкараҳои адибони тоҷику форс саҳми беандоза калон дорад.

Барои ноил гардидан ба чунин як дастоварди бузург солҳои зиёд ва ва мутахассисони таҷрибаноке лозим меояд, то ки тавонанд пайкараи миллии забони тоҷикиро созмон диҳанд ва мавриди истифодаи умум қарор диҳанд.

Ҳамин тавр, забоншиносии компютерӣ аз ҳамаи риштаҳои илм дар ҷаҳони муосир аст, ки бо суръати қиёснопазир рушд намуда, густариш меёбад. Бинобар ин, барои муҳаққиқони соҳа зарур аст, ки дар ин ҷода мунтазам дар омӯзишу пажӯҳиш ва коркарди роҳу усулҳои нави тадқиқ доимӣ талош варзанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов З.Ҷ. Забоншиносии иттилоотӣ / З.Ҷ. Усмонов, Н.С. Одинаев, М.А. Исмоилов ва диг. - Душанбе: Ирфон, 2010. – 163 с.
2. Трофимова Г. Н. Языковой вкус интернет-эпохи в Росии функционирование русского языка в Интернете / Г. Н.Трофимова. Концептуально-сущностные доминанты. -М.: Рунд, 2008.– 300 с.
3. Уланова М.А. Особенности языка в Интернете / М.А. Уланова. - Аспект Пресс, 2014. – 240 с.
4. Зубов А. В. Информационные технологии в лингвистике. Учебное пособие для студ. лингв, фак-товвысш. учеб. заведений / А. В. Зубов, И.И.Зубова. -М.: Академия, 2004. - 208 с.
5. Culture of the Internet / Ed. by S. Kiesler. -Mahwah, New Jersey: Lawrence Erlbaum Associates, 1997. - 480 p.
6. Баранов А.Н. Введение в прикладную лингвистику / А.Н. Баранов. - М: Эдиториал УРСС, 2001. - 136 с.

РУШДИ ЗАБОНШИНОСИИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола сухан дар бораи забоншиносии компютерӣ ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, ки имрӯз яке аз масъалаҳои мубрам дар шароити муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инчунин масъалаи стандарткунонии ҳуруфоти хосси забони тоҷикӣ дар шабакаи Интернет ва ҷойгир намудани онҳо дар системаҳои операционӣ, бавижа системаи операционии Windows, ба шумор меравад. Рушд ва пайдоиши забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор масъалаҳои ҷойдошта дар самти забоншиносӣ мусоидат намуд. Бо истифода аз усулҳои муосири омӯзиш муҳаққиқон ба як қатор дастовардҳои назаррас дар самти забшоншиносӣ ноил гардиданд. Масъалаи дигаре, ки дар мақола дарҷ гардидааст, ин сохтани пайкараи миллии забони тоҷикӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт ба шумор меравад. Бояд зикр намуд, ки пайкара ин системаи иттилоотӣ буда, ба ҷамъоварии матнҳои электронӣ дар забонҳои гуногун асос ёфтааст. Пайкараи миллӣ дар забонҳои гуногун асарҳоро аз рӯйи сабк, жанр, услуб дар бар мегирад ва аз ҷониби забоншиносон (мутахассисони забоншиносии пайкаравӣ, ки дар соҳаи забоншиносии муосир тадқиқот мебаранд) барои тадқиқоти илмиву омузишӣ забон таҳия мешавад. Пайкараи миллии забони тоҷикӣ дар зинаи ибтидои қарор дошта ҳоло дар ин самт таҳқиқот аз тарафи мутахассисони ин соҳа рафта истодааст. Пайкараи миллӣ матнҳои гуногунро аз даврaҳои рушду такомули забон дар шакли тайёр пешниҳод менамояд. Дар пайкара матнҳо дар шакли нусхаи асл оварда мешаванд.

Ҳамин тариқ, тамоми ҷанбаҳои забони тоҷикӣ марҳила ба марҳила бо усулҳои нави таҳқиқ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешаванд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, ҳуруф, интернет, шабака, пайкара, компютер, технология, иттилоот.

РАЗВИТИЕ КОМПЬЮТЕРНОЙ ЛИНГВИСТИКИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются вопросы компьютерной лингвистики, которая является одним из важнейших направлений современного языкознания в Таджикистане. Наряду с этим рассмотрены вопросы стандартизации и спецификации таджикского языка в Интернете, а также его размещение в операционных системах, в том числе в операционной системе Windows. Развитие и появление компьютерной лингвистики в Республике Таджикистан способствовало возникновению ряда вопросов в области лингвистики. Использование современных методов обучения достигло значительных успехов. Другой рассматриваемой в данной статье проблемой, является создание корпуса таджикского языка и связанные с ним определенные трудности. Следует отметить, что корпус является информационной системой и основан на сборе электронных текстов на разных языках. Национальный корпус на разных языках составлен из примеров художественных текстов и разрабатывается лингвистами. Национальный корпус таджикского языка находится на начальной стадии, в настоящее время исследования ведутся специалистами в этой области. Национальный корпус представляет различные текстовые матриалы в форме подготовки. Таким образом, исследуются все аспекты таджикского языка, этап на этапом, этим новым методом.

Ключевые слова: лингвистика, шрифт, интернет, сеть, корпус, компьютер, технология, информация.

DEVELOPMENT OF COMPUTATIONAL LINGUISTICS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is a linguistically and internationally recognized country of the Republic of Tajikistan, which has long been an integral part of the world economy in Tajikistan.Also, the standard operating system of the Tajik language is the Internet of the operating system of Windows, and it is located in the operating system of the operating system of Windows.The development and originof computer literacy in the Republic of Tajikistan has contributed to a number of issues in the field of linguistics.Through the modern methods of education, the gentlemen have achieved a considerable achievement in the field of polarization.Another issue raised in the article is the creation of the Tajik national language and the current difficulties in this direction.It should be noted that the trailer is the information system and is based on the collection of electronic textbooks in multiple languages. The national monument of the Tajik national monastery is at the stage of the beginning, and now the research is carried out by the specialists in this field.The national monument presents different textual texts of development and language development in the form of preparations. In the monument texts aresent in original. Thus, all aspects of the Tajik language are reviewed and discussed at the stage of new research.

Key words: linguistic, letter, internet, network, monument , computer, technology, information.

Сведения об авторе: ***Рахимов Фарход*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **Farhod_Rahimov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-90-59-25**

Information about the author: ***Rakhimov Farhod*** - Tajik National University, postgraduate faculty of history and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.17. E-mail: **Farhod_Rahimov@mail.ru.** Tel.: **(+992) 907-90-59-25**

УДК: 491.159+42

КАТЕГОРИЯ РОДА ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ШУГНАНСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Иматшоева М.
Таджикский национальный университет

Род как грамматическая категория состоит в распределении слов по различным классам, ассоциируемым с мужским и женским полом, а также с отсутствием пола. Род как грамматическая категория практически присутствует во всех мировых языках. В некоторых из них различают мужской, женский и средний род, некоторые языки различают только мужской и женский род, а в других различают лишь одушевленные и неодушевленные объекты.

Категория грамматического рода в шугнано-рушанской группе языков свойственна существительному, прилагательному и глаголу и выражается морфологическим, синтаксическим и лексическим способами.

Категория рода в языках шугнано-рушанской группы рассматривается как одна из важнейших в грамматической структуре этих языков, обладающих сложным набором средств выражения, неоднородных по своей характеристике и месту в системе рассматриваемых языков, связанная со всеми основными уровнями языковой структуры (фонологической, морфологической, синтаксической и лексико-семантической). Эта категория в шугнано-рушанской языковой группе отнюдь не обнаруживается на данном этапе признаков отмирания, она не является реликтом, а напротив, продолжает выявляться во всех основных классах слов [9, с. 9].

Следует отметить, что одним из важнейших способов выражения категории рода в шугнано-рушанской языковой группе является фонологический способ, то есть тактика диссимиляции корневых гласных букв. Диссимиляция корневых гласных для мужского рода *у,* ӯ и *о,* а для женского рода *и, ā, а* и *ê.*

Диссимиляция звуков для выражения категория рода имени существительного в шугнано-рушанской языковой группе является одинаковой.

Например:

Мужской род	**Женский род**
Guj - козел	gij – коза
Kud – кабель	Kid – сука
Čuɣ - петух	čaɣ - курица
Nibos - внук	nibes – внучка
Šigbuç - теленок	Šigbiç – телка

В словах, выражающих родство, категория рода выражается посредством присоединения суффиксов unj, ej - для мужского рода enž,ež - для женского рода [1, с.11].

Xismunj – жених xismenž – невеста

Категория рода в именах собственных людей выражается путем добавления арабских суффиксов *бек*, *шо*, *али*, *мамад* к мужскому роду, а *begim*, *siltůn*, *bāxt*, *xotun*, *то* к женскому роду. Например:

Širinbek Širinmo

Davlatbek Davlatmo, Davlatbāxt

Nazaršo, Nazaršmo, Nazarsiltun, Nazafbaxt, Nazarxotun

Второй способ выражения категории рода в шугнанском языке является синтаксическим. В шугнанском языке некоторые неодушевленные имена существительные относятся либо к мужскому, либо к женскому роду и не имеют определенных морфологических признаков. Категория рода таких существительных выражается синтаксическим путем, т.е. прилагательное, местоимение и глагол связываются с существительным. Категория рода указательного местоимения, прилагательного и глагола соответствует категории рода имени существительного [11, с.170].

В шугнанском языке для выражения грамматического рода существительного употребляют указательные местоимения косвенных падежей всех трех степеней; близко –*mi*, середина – *di*, далеко – *wi*, для мужского рода и *mam, dam, wam*для женского рода.

Кроме этих указательных местоимения*yu* для мужского рода и *ya* для женского рода также употребляются в шугнанском языке. Например:

Mamvidirmtarmudak. В этом предложении указательное местоимение *mam* указывает на предмет вблизи говорящего и относится к женскому роду.

Категория рода большинства существительных в шугнанском языке выражается лексическим способом. Например:

Tat - папа	Nan – мама
Bob - дедушка	Mum - бабушка
Puç - сын	Rizin - дочка
Čor – муж	žin - жена
Virod - брат	yax – сестра

В таджикском языке отсутствует грамматическая категория рода, связанная с делением слов на классы по специальным морфологическим показателям, как в других языках. Но род выделяется у существительных, обозначающих лица мужского и женского пола по семантическому признаку [8, с.7].

Род одушевленных существительных в таджикском языке выражается различными способами:

1. Лексический способ. Для выражения категории рода используются специальные слова, которые одновременно указывают на род существительных и к каким разрядам относятся существительные. Например, слова*мард*, *зан*, *писар*, *духтар*называют людей; *нар*, *мода* называют животных; *хурусу мокиён*- птиц [3, с.96].

2. Способ словосложения. Слова, которые указывают на род имен существительных, употребляются как часть сложного слова.Категория рода определяется по основной части. Часть слова выполняет роль морфемы. Например:

Пирамард – старик, *тољикдухтар* – таджичка, *коргар* – рабочий, *коргарзан* – рабочая.

Тадж: Баъд кудумчимардак омад [7].

Следует отметить, что ряд существительных в таджикском языке появляются в двух формах, одна указывает на мужской род, другая - на женский. Это слова арабского происхождения и имеют суффиксы –а, -я. Муаллим – муаллима, котиб – котиба, шоир – шоира, мураббий – мураббия, мухбир – мухбира и.т.д. Например: Пас аз фурсате Бузургуммед, Шопур, Баён, мусикачиён, раќќосон ва раќќосањо, инчунин дигарон медароянд. (Дењоти)

В этом предложении слово *раќќос* относится к мужскому роду, а при добавлении суффикса – *а* слово относится к женскому роду.

Надо учесть, что имена существительные, оканчивающиеся на – *а* и –*ка* арабского происхождения вошли в лексикон таджикского языка и сохранились в той же форме и в том же значении.

Употребление категории рода является одним из наиболее дискуссионных вопросов в грамматике английского языка. Подавляющее большинство лингвистов придерживаются точки зрения, что эта категория существовала только в древнеанглийском периоде. Считается, что поскольку формальные показатели рода существительных исчезли к концу среднеанглийского периода и существительное больше согласуется с примыкающими к нему прилагательными и глаголами, то категория рода в английском языке больше не существует [6, с.68].

В древнеанглийском периоде категория рода имен существительных составляла трехчленную позицию: мужской, женский и средний род. Например:

Guma – man – муж. род; Broðor – brother- муж. род; brȳd – bride – жен. род; sweoster – sister- жен. род

Но грамматический род не всегда отражал биологический пол.

Например: wīf – wife - ср. р; wīfman – woman – муж. р; mīl – mile – жен.р; wist – feast – жен.р; leaf – permission – жен. р; hung – dog – муж. р; hungor – hunger – муж. р; wīngeard – vineyard – муж. р; manncynn – mankind – ср. р; scip – ship – ср. р

Следует отметить, что категория рода имен существительных исчезла к концу среднеанглийского периода. В современном английском языке имена существительные не имели категорию грамматического рода, т.е. все существительные, обозначающие неодушевлённые предметы, отвлеченные понятия, вещества и т.д., заменяются местоимением it. Существительные, обозначающие живые существа по смыслу, по естественному полу относятся либо к мужскому роду либо к женскому роду и заменяются, соответственно, местоимениями she - она для женского рода, he- для мужского рода.

Категория существительных в английском языке в большей степени имеет семантическое значение, чем грамматическое. Основанием для показателя рода служит деление существительных по признаку пола или его отсутствию.

1. Одушевленные существительные, которые обладают признаком пола (he, she)в английском языке выражаются лексическим способом.

Мужской род	**Женский род**
Aman – мужчина	awoman - женщина
A husband - муж	a wife - жена
A brother - брат	a sister - сестра
An uncle - дядя	an aunt - тетя
A king король	a queen - королева
A lord - лорд	a lady - леди
A nephew- племянник	a niece – племянница

2. В английском языке есть существительные, которые указывают на одушевленные существительные женского рода путем добавления суффиксов – ess, -ette, - ine.

Мужской род	**Женский род**
Aprince – принц	aprincess - принцесса
Anauthor – писатель	anauthoress - писательница
Asteward - стюард	astewardess - стюардесса
Awaiter - официант	awaitress – официантка
A bachelor - холостяк	a bachelorette-незамужняя женщина
A doctor – врач	a doctorine – женщина врач

3. Словообразовательные средства также используются при формировании составных слов для указания рода существительных, обозначающих в английском языке лицо как мужского, так и женского рода, например, afriend – друг\ подруга, apianist – пианист\ пианистка, anartist художник\ художница. В составных существительных такого типа (сложных существительных) в качестве первого компонента употребляются местоимения или существительное с характерным показателем мужского или женского рода [10, с.23].

Мужской род	**Женский род**
He-friendдруг	she-friend - подруга
Aboyfriend - возлюбленный	agirlfriend - возлюбленная
Amaletutor – мужчина преподаватель	afemaletutor - женщина преподаватель
Amanphysician – мужчина врач	awomanphysician – женщина врач

4. Средний род (it) в английском языке служит для обозначения не только неодушевленных предметов, но и существительных, обозначающих животных, птиц, рыб и насекомых. В случае, если половая принадлежность животного известна или значима в речевой ситуации, существительные такого рода приобретают характеристику мужского (he) или женского (she) рода.

Иногда в английском языке к неодушевленным существительным и животным, которые относятся к среднему роду (it) обращаются с помощью местоимений мужского или женского рода, обычно это означает особое личное отношение к объекту – так чаще говорят о любимых собаках, лошадях, а также автомобилях и яхтах.

Например:

My dog is not just a dog; she brings in tomy life the very essence of friendship, trustand joy. - Моя собака – не просто собака, она привносит в мою жизнь атмосферу настоящей дружбы, доверия и радости.

I love my car/ She is my greatest passion. Я люблю свою машину. Она величайшая моя страсть.

Существительное baby - младенец и child - ребенок в английском языке употребляются в среднем роде. Например:

When ever a new baby is born, friends and relative es always trytorec ognize in itany family characteristics. – Когда бы ни родился младенец, друзья и родственники всегда пытаются распознать в нем фамильные черты.

Следует отметить, что категория рода во всех трех языках в большей степени имеет семантическое значение, чем грамматическое. Но в некоторых случаях имена существительные в шугнанском, таджикском и английском языках изменяются не только по значению, но и по грамматическому правилу.

Категория рода имен существительных в сопоставляемых языках имеет большое сходство и различия. Например, в шугнанском и английском языках есть существительные, которые в женском роде изменяют корневой гласный, но в таджикском и английском языках такое явление не отмечалось. Например: Kud – собака мужского рода, kid – сука женского рода, корневой гласный u превратился в гласный i. Или при добавлении определенных суффиксов к именам существительным мужского рода они становятся женским родом. Такое явление можно встретить во всех трех сравниваемых языках. Например:

Шугн: Wamxismunjazmaskowyat. (муж.р) WixismenǯazMaskowyat. (жен. Р)

Тадж: Шоир шеър менависад. (муж.р) Шоира шеър менависад.(жен.р)

Англ: The waiter serves the guests. (муж.р) The waitress serves the guests.(жен.р)

В сопоставляемых языках при словосложении маркером женского или мужского рода выступает один из компонентов сложного слова. Таким компонентом для существительных в английском языке, обозначающих лиц мужского пола, выступает местоимение he или слово *male*, *boy*, *man*, *lord*, а для существительных, обозначающих лиц женского пола, местоимение *she* или слова *female*, *girl*, *woman*, *lady*, в таджикском языке – зан, духтар для женского рода, мард, писар, бача – для мужского рода, но в шугнанском языке такое явление не встречается. В шугнанском языке род некоторых существительных можно определить также указательными местоимениями, такое явление в таджикском языке отсутствует.

Итак, в шугнанском, таджикском и английском языках категория рода является скрытой. Сопоставительный анализ данной категории имен существительных в английском, таджикском и шугнанском языках обнаруживает их соотносительность, прежде всего, в плане семантики, а также частично в способах и средствах выражения свойственных им грамматических значений.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Бахтибеков Т. Грамматикаи забони шуѓнонї / Т. Бахтибеков. – Душанбе, 1979. – 75 с.
2. Грамматикаи забони адабии њозираи тољик [ГЗАЊТ]. Ќисми 1. – Душанбе: Дониш, 1985.-367 с.
3. Грамматикаи забони адабии њозираи тољик [ГЗАЊТ]. Ќисми 2.- Душанбе: Дониш, 1986,- 372 с.
4. А.Дењотї. Куллиёт. – Душанбе, 1982. – 220 с.
5. Забони адабии њозираи тољик. Ќ. 1. Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсї барои факултетњои филологияи мактабњои олї. – Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
6. Иванова И. П. История английского языка / И. П. Иванова, Л.П. Чахонян, Т.М.Бедяева. - СПб.: Авалонъ; Азбука, 2010. - 560 с.

7. Љ.Икромї. Духтари оташ. – Душанбе, 1983. – 270 с.
8. Исмаилова Х.Э. Сопоставительное изучение категории рода имен существительных русского языка студентами- таджиками: автореф. дис. … канд. филол. наук / Х.Э. Исмаилова. - М., 2003. – 28 с.
9. Карамшоев Д. Категория рода в памирских языках / Д. Карамшоев. – Душанбе, 1978. – 87 с.
10. Комянова Т. Грамматика английского языка. Теория и практика / Т.Комянова. – М., 2016. – 1022 с.
11. Пахалина Т.Н. Сравнительно-историческая морфология памирских языков / Т.Н. Пахалина. – М.: Наука, 1989. – 375 с.

КАТЕГОРИЯИ ҶИНСИЯТИ ИСМ ДАР ЗАБОНИ ШУҒНОНӢ, ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар баробари забоншиносии таърихӣ-муқоисавӣ вақтҳои охир забоншиносии контрастивӣ низ фаъолона рушд ёфта истодааст, ки дастовардҳои онро дар усулҳои тадриси забонҳои хориҷӣ, назарияи тарҷума, шарҳи матн ва дигар соҳаҳои илм истифода мебаранд. Дар айни замон ба омӯзиши муқоисавии забонҳои гуногун, махсусан забонҳое, ки ба як оилаи забонҳо марбутанд, вале гурӯҳи забонҳои гуногунсохтор ва азҳам бегонаро ташкил медиҳанд, таваҷҷуҳи зиёди илмию амалӣ равона гардидааст. Дар мақолаи мазкур категорияи ҷинсияти исм дар забонҳои шуғнонӣ, тоҷикӣ ва англисӣтаҳлил шудааст, зеро ба назар гирифтани хусусиятҳои категорияи грамматикии он ҳангоми омӯзонидани забонҳои шуғнонӣ ва тоҷикӣ ба донишҷӯёни хориҷӣ (асосан англисзабонҳо) хеле муҳим мебошад, то ки тавонанд бо калимаҳои ҳаммаъно дар забони модариашон гап зананд. Категорияи ҷинсият аломати махсуси сохтори грамматикии забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур категорияи грамматикии ҷинсияти исм баррасӣ гардида, таҳлили муқоисавии он дар асоси се забони муқоисашаванда ба роҳ монда шудааст. Категорияи ҷинсияти исм ба таври алоҳида дар забонҳои тоҷикӣ, шуғнонӣ ва англисӣ, инчунин аз ҷиҳати муқоисаи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣтаҳлилу баррасӣ шудааст, аммо категорияи мазкур бори аввал дар се забон (шуғнонӣ, тоҷикӣ ва англисӣ) мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: исм, категорияи ҷинсият, семантика, грамматика, ҷинси занона, мардона ва миёна.

КАТЕГОРИЯ РОДА ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ШУГНАНСКОМ, ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Наряду со сравнительно – историческим языкознанием, в последнее время активно развивается контрастивная лингвистика, чьи достижения используются в методике преподавания иностранных языков, теории перевода, интерпретации текста и других областях науки. В настоящее время огромный научный и практический интерес представляет сопоставительное изучение разных языков, в особенности языки, которые принадлежат к одной языковой семье, но разным и отдалённым друг от друга языковым группам. В данной статье мы обращаемся к описанию категории рода имен существительных в шугнанском, таджикском и английском языках, поскольку учет специфики данной грамматической категории является важным, в частности, при изучении таджикского и шугнанского языков иностранными студентами (англоязычными), которые могут обращаться к соответствующим аналогиям в своем родном языке и\ или студентами – таджиками при изучении иностранного языка. Категория рода является характерной чертой грамматического строя индоевропейских языков. В данной статье рассматривается категория рода имен существительных и даётся ее сопоставительный анализ на основе трех языков в аспекте сравнения. Категория рода имен существительных в отдельности в шугнанском, таджикском и английском языках и в сопоставительном плане в таджикском и английском языках подвергалась исследованию, но данная категория впервые исследуется в трех языках (шугнанском, таджикском и английском).

Ключевые слова: имя существительное, категория рода, семантика, грамматика, мужской, женский и средний род.

CATEGORY OF GENDER OF NOUN IN SHUGNI, TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Along with comparative- historical linguistic, contrasting linguistic is actively developing, which achievements are used in methods of teaching foreign languages, theory of translation, interpretation of texts and other fields of science. Currently, a huge scientific and practical interest represents comparative study of different languages, especially those languages which belong to the same family of languages but different and distant from each other group of languages. In the following article we pay attention to the description of the category of gender of noun in Shugni, Tajik and English languages, because the registration of the specificity of the following grammatical category is very important, mainly for teaching foreign students Tajik and Shugni languages or teaching Tajik students English language. Category of gender of noun is a specific feature of grammatical structure of Indo-European languages. In the following article category of gender of noun is considered and the comparative analysis is given on the basis of three compared languages. Category of gender of noun separately in Shugni, Tajik and English languages an in the comparative basis in Tajik and English languages was analysed but this category is analyzed in three languages (Shugni, Tajik and English for the first time.

Key words: noun, category of gender, semantic, grammar, masculine, feminine and neuter.

Сведения об авторе: ***Иматшоева М.Б.*** - Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. Тел.: **(+992) 93-955-48-47**

Information about the author: ***Imatshoeva M.B*** - Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-955-48-47**

УДК: 491.550+891.550-1

ИФОДАИ АЛОМАТ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ТОҶИКӢ

Қурбонов С.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таркиби луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун ташаккул ёфта, дар ин қабати забонӣ таъриху фарҳанги халқ ба таври мушаххас акси худро меёбад. Ифодаи аломат, бо вуҷуди умумият бо забони адабӣ, дар лаҳҷаҳо як қатор хусусиятҳоро дорост, ки омӯзиши ҷанбаҳои ташаккули онҳо муҳим ба шумор меравад [1, с.354]. Дар соҳаи лаҳҷашиносӣ лексикаи ифодагари аломат ба таври алоҳида мавриди тадқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст. Забоншиносон Неменова Р.Л. ва Розенфелд А.З. ҳангоми тадқиқи хусусиятҳои забонии баъзе лаҳҷаҳои ҷанубӣ ба калимаҳои ифодагари аломат низ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд [6;7]. Тадқиқ ва таснифи мукаммали калимаҳои сифатӣ дар асоси маводи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ аз ҷониби профессор Ҷӯраев Ғ. сурат гирифтааст [10]. Баъди аз чоп баромадани “Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ” [4] имкони баррасии ин гурӯҳи лексикӣ бештар гардид. Аз омӯзиши маводи мансуб ба лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ бармеояд, ки ин гурӯҳи лексикӣ дар таркиби луғавии забони гуфтугӯӣ мавқеи муҳим дорад.

Дар лаҳҷаҳои мазкур калимаҳои ифодагари аломати инсон фаъол ба назар мерасанд ва онҳо бо тобишҳои нозуки маъноӣ аз муодили адабии худ фарқ мекунанд. Ба таври мисол, калимаи ***нодон*** муродифоти зиёди луғавӣ дорад: **абох** (Войдара); **авла** (Қулқулӣ); **карпанг** (лаҳҷаи Рештӣ); **мазабър** (Ёл); **пакар** (шимоли Кӯлоб); **пук** (Хирманҷо); **пълелък** (Порвор); **фаҳ** (Сина); **галдир** (Файзобод; Қӯрғонча); **кавдон** (Ҷанубии Кӯлоб); **носипо** (Ховалинг); **фарт** (Ҷанубии Кӯлоб) ва ғ. Ин калимаҳо дар навбати худ вобаста ба маҳалли истифода ва мавқеи нутқ маъноҳои дигар низ доранд. Масалан, калимаи ***пакар*** дар лаҳҷаҳои Бойсун ба маънои **хаста шудан** низ корбаст мешавад; калимаи ***авла*** дар лаҳҷаи лангари Шоҳ шакли ба тағйироти фонетикӣ дучоршудаи ***обила*** мебошад; калимаи ***пук*** дар қисамати ғарбии Кӯлоб ба маънои ***коҳмайда*** ва дар Кулумбаи Поён ба маънои ***пири фартут*** меояд. Ин ҳадди охири маъниофарини калимаҳои мазкур намебошад. Дар лаҳҷаҳо вобаста ба табиати гӯйишҳо ва омилҳои дигари забонӣ калима тобишҳои нави маъноӣ пайдо мекунад.

Калимаи **хароб** (лоғар) муодили зиёди лаҳҷавӣ дорад: ***адашқа*** (Ховалинг)–ба маънои **одами хароби сиёҳи бадафт**; ***ирмонак; рикка***; ***тотаринг; муррук*** (Қӯрғонча); ***лок*** (Сарихосор); **чуркак** (Сина); ***чакал*** (вахёӣ-қаротегинӣ); ***чалфас*** (Навдонак) ва ғ. Бар замми ифодаи мафҳуми **хароб** (лоғар) калимаи ***чакал*** дар лаҳҷаҳои Қаротегинӣ ба маънои ***замини корами наздиҳавлигӣ***, калимаи ***чалфас*** дар аксари гӯйишҳои ҷанубӣ ба маъноҳои ноуҳдабаро, чиркин, беодоб ва ғ. истифода мешаванд.

Барои ифодаи калимаи фарбеҳ низ дар лаҳҷаҳо муродифоти зиёди лаҳҷавӣ корбаст шудаанд: **дабанг** (лаҳҷаҳои бойсунӣ); **дула** (Файзобод) – нисбати шахси фарбеҳи лундаи қадпаст; **манг** (Қӯрғонча); **фърачов** (Ёл, Пор); **ғелаҳак** (Хилмонӣ) –кӯдаки тануманд (фарбеҳ); **ғърсумба** (Ховалинг); **қърма** (Вахон); **ламбака** (Ғорон); **търсък** (Ҷанубии Кӯлоб); **фадул** (Сариғор); **фатул** (Ғарбии Кӯлоб) ва ғ.

Калимаҳои ифодагари аломати инсонро дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарё ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ вобаста ба маъно ба ду гурӯҳ– сифатҳои нек ва бади инсон ҷудо метавон кард. Дар лаҳҷаҳои мазкур барои ифодаи аломату хусусият ва хислати неки инсон калимаҳои зиёд истифода гардида, ба таври намуна овардани чанде аз онҳоро зарур донистем: **зика** (Токак) базеб, зебо, хушрӯй; **колавара** (Аскалон) молдор, бадавлат; **кулинг** (Доробӣ) ҷавонмарди чорпаҳлу; **лавҳур** (Кангурт) хушлафз, хушмуомила; **патимо** (Давлатобод) уҳдабаро, кордон; **рок** (Файзобод) чолок, чаққон, моҳир; **ройҷгон** (Поҷеи Боло) чобук, чолок, чақон; **фаланг** (Пилдон) ҳунарманд, чолок, чаққон; **фахма** (Даштичум) боодоб, гапгир; **ширгин** (Қӯрғонча) меҳрубон; **хелида** (Гурдхам) ҳамроз; **бърчинг//бурчунг** (Бедихо) хоксор, фурӯтан ва ғ.

Маводи гирдовардаамон аз он шаҳодат медиҳад, ки ифодаи аломатҳои манфии мансуби инсон дар лаҳҷаҳо мавқеи устувор доранд ва нисбат ба аломатҳои мусбии инсон онҳо зиёдтар корбаст мешаванд. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ муродифи адабии ин гурӯҳи луғавӣ камистеъмол мебошад. Барои намуна чанд мисол аз лаҳҷаҳои мавриди тадқиқ меорем: **аламон** (Дараи Турбат) роҳзан; **босаҳма** (Ғеш) муболиғ, воҳимагар; **алас** (Ховалинг) саросема; **бахтак** (Хумдон) айёр, маккор, шайтон; **бушранг** (Пв.) ноуҳдабаро; **галбарс** (Дараи Ниҳон) кундфаҳм, кудзеҳн; **панг** (Лахш) кундзеҳн, камфаҳм; **бъранг** (Кангурт) // **буранг** (Қӯрғонча) маиб (нисбат ба одам ва ҳайвон); **веҳстанг//вестанг** (Ёхсу) ҳимматпаст;

гавр (Шимолии Кӯлоб) габр, якрав; **гизала // газила // гизела** (Вахё̄-Қаротегинӣ, Шимолии Кӯлоб) бадҷаҳл, бадхашм; **гоҷала** (Яғоғлик) гоҷ, пургӯй; **кавда** (Ёл, Порвор) пургӯй; **качак** (Муминобод) сергап, пургӯй; **лақва** (Дараи Ниҳон) пургӯй, сергап; **ғаттод** (Дарбанд) бадҷаҳл, бадхашм; **ғумор** (Сина) ноуҳдабаро; **доғдиʹ** (Сина) бекорхӯҷа; **ирбат** (Қӯрғонча) безеб; **калпанг** (Анҷироб) ландаҳур; **лавда** (Бадахшон) бекорхӯҷа, ёвагард; **канос** (Ғорон) хасис, мумсик, чашмгурусна; **паторина** (Ёл, Пор.) хасис, мумсик, гурусначашм; **кулангиʹ** (Карш) ғӯладинг, зиштрӯй; **лавлавиʹ** (Сина) фиребгар, каззоб; **лавлода** (Сина) қаллоб, фиребгар; **лавло** (Ховалинг) танбал; **ҳапалак** (Гурдхам) муфтхӯр, коргурез; **ҳатул** (лаҳҷаҳои Қаротегинӣ) марди тануманди коҳил; **ҳорум** (Сина) танбал, муфтхӯр; **лоҳаз** (Қӯрғонча) танбал; **шапаланг** (Қӯрғонча) ноуҳдабаро; **муҳмал** (Бойсун) ноуҳдабаро; **лакка** (Қӯрғонча) сода, гаранг; **лода** (Шимолии Кӯлоб) гаправ, суханрав; **маланг** (Фатҳобод) бепарво, фориғбол; **папар** (Ёл, Порвор) девонаавзоъ; **пархата** (Вахё̄-Қаротегинӣ) девонавазъ; **сриʹ** (Хӯҷағалтон) девонаавзоъ; **фатела//фатила** (Ёхсу, Ховалинг) фориғбол, бепарво, даҳаняла; **фисмуқ** (Сина) мулоимхунук; **фис-фисак** (Сина) дамдузд, хапак; **ҳакари** (Қӯрғонча) худхоҳ, худсито; **ҳамхър** (Ярхаб) бахил, ҳасуд, нотавонбин; **ҳарина** (Ховалинг, Қӯрғонча) якрав; **чадък** (Самсолиқ) зиштрӯй, бадафт, безеб; **чуғӯл** (Сина) хабаркаш; **чъртък** (Ҷануб ва Шимолии Кӯлоб) маҳмадоно, сабукфикр ва ғ.

Барои ифодаи синну сол, қадду қомат ва дигар хусусиятҳои инсон дар лаҳҷаҳои мазкур калимаҳои хосса корбаст мешаванд: **буғ** (Майдонтерак) калонҷусса, калонсол; **буғдӣ** (Шимолии Кӯлоб) хурд, майда; **букриʹ** (Қӯрғонча) хамидақомат; кӯзапушт; калонсол; **алҳӯттиʹ // калкӯттиʹ** (Қӯрғонча) пири пир, фартут; **ашқар** (Шимолии Кӯлоб) қоматбаланд, қадбаланд; **балмариш** (Сина) ғӯлариш, серриш; **барзангиʹ** (Қӯрғонча) азимҷусса, бузургҷусса калон; **ғаба** (Қӯрғонча) серриш; **нарғъл** (Анҷироб, Ёл) // **нарғул** (Кангурт) // **норғӯл** (Сина) калонҷусса; **салт** (Учқӯл) муҷаррад; **санаф** (Шаҳри Барбар) заиф, суст, камқувват; **санд//сънд** (гурӯҳи Қаротегинӣ) безуриёт, бенасл; (Хирманҷо) фарзанди ғайримашруъ (ғайриқонунӣ); **сойил** (Даштиҷум) кӯр, нобино; **фух** (Тавилдара) суст, бемадор; **хилбич** (Бесимас) дардманд; **чағана** (Дуоба) бегона, ношинос; **четан** (Ярхаб) парзадарӯй, чӯтур, доғи нағзакдор; **чипак** (Ёхсу) газгӯшт, камгӯшт, қоқина, лоғарандом ва ғ.

Дар забони англисӣ герундий, таркибҳои махсуси масдарӣ ё герундиалие мавҷуданд, ки онҳоро дар забони тоҷикӣ дучор намеоем. Дар забони тоҷикӣ феълҳои каузативии навъи “хонондан, давондан, пӯшондан” бо суффикси – он- мавҷуд ҳастанд, ки дар забони англисӣ ба назар намерасад. Бинобар он, герундийи забони англисиро ба тоҷикӣ тарҷума кардан ва ба англисӣ баргардонидани феълҳои каузативии тоҷикӣ мушкилиҳо ба миён меоварад. Сифати феълии замони ҳозираи (participle I) забони англисӣ бо сифати феълии забони тоҷикӣ гоҳо мувофиқат мекунад ва гоҳо аз байн меравад. Мисол: Reading the book I came accross many new words – ин китобро хонда истода, ман ба бисёр калимаҳои ношинос дучор омадам. Дар ин ҷумла муродифот ба назар мерасад. Вале дар ҷумлаи Having read the book I gave it to my teacher – Ин китобро хонда онро ба муаллимам тақдим намудам, дар ин ҳолат дар байни сифати феълии ду забон муродифоти комили маънӣ дида намешавад.

Дар забони англисӣ тартиби калима дар ҷумла хосияти махсус дорад, яъне иваз кардани ҷойи аъзоҳои ҷумла дар аксари мавридҳо мумкин нест, зеро ин сабаби вайроншавии сохт ва маънои ҷумла мегардад, ҳол он ки дар тоҷикӣ чунин нест [6, с.35]. Ҳамин тариқ, аз рӯйи мансубияти худ ба ин ё он ҷабҳаи грамматика мушкилотро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1. Мушкилоти морфологӣ
2. Мушкилоти синтаксисӣ

Дар матнҳои илмию техникӣ, ки раванди донишандӯзӣ дорад, дар хусуси мафҳумҳову объектҳои маълуму номаълум хабар дода мешавад. Маълумӣ ё номаълумии предмете, ки дар бораи он дар гуфтори илмию техникӣ сухан меравад [1, с.45], тибқи нишонаҳои махсуси грамматикӣ амалӣ гардонида мешаванд. Ин нишонаҳоро артикл меноманд, ки дар забони англисӣ он ду навъ мешавад: 1) артикли муайянӣ; 2) артикли номуайянӣ. На танҳо интихоби онҳо дар ҷараёни гуфтор, балки тарҷумаи дурусти исми ин ё он артикл дошта низ, боиси мушкилот мешавад, ки ба он диққати махсус бояд дод.

Мушкилоти дуюми тарҷумаи воҳидҳои сатҳи морфологии забони англисӣ – ин тарзи мафъулии феъли ин забон аст. Мушкилоти ин ҳодиса чунин сар мезанад:

1. Дар забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ на танҳо феълҳои гузаранда, балки феълҳои монда низ дар шакли мафъул истифода шуда метавонанд, ки ин сабабгори мушкилоти тарҷума шуда метавонад.

2. Дар забони англисӣ дар матнҳои илмию техникӣ шакли мафъули феъл нисбат ба тоҷикӣ хеле фаровон истифода мегардад.

3. Мушкилоти сеюми воҳидҳои сатҳи морфологии забони англисӣ – ин дар матнҳои илмию техникӣ васеъ истифода шудани таркибҳои герундиалӣ, масдарӣ ва сифати феълӣ мебошад.

4. Мушкилоти дигаре, ки боиси тарҷумаҳои номуродиф мегарданд, - ин зиёд будани шаклҳои намудию замонии феъли англисӣ ва дорои маъноҳои хосса будани онҳо мебошад. Ин шаклҳо баъзан маъноҳои якхеларо ифода карда, тобишҳои нозуки семантикӣ доранд, ки ба тоҷикӣ ифода кардани онҳо осон нест [7, с.26]. Шаклҳои сиғаи ғайривоқеии феъл, ки онро **Oblique moods** мегӯянд, шаклҳои омонимии худро доро мебошанд. Он шаклҳои омонимӣ гоҳо маъноҳои мутлақо гуногун ва ҳатто ба ҳам мухолифро ифода менамоянд.

Барои тафовут гузоштан дар байни ин шаклҳои омонимӣ таҳлили созмонию семантикии гуфтор талаб карда мешавад. Ин таҳлил имконият медиҳад, ки тарҷума бехато ба анҷом расад. Ба мушкилоти синтаксисӣ, пеш аз ҳама, ибораҳои субстантивие дохил мешаванд, ки инҳо аз ду, се ё зиёда исмҳо таркиб ёфта, бо ҳам дар робитаи гуногуни семантикию синтаксисӣ қарор доранд. Мисол: Products decrease – пастшавии нархи маҳсулот; stainless steel top cover – сарпӯши болоӣ (и) аз пӯлоди зангногир (сохташуда). Гузашта аз ин, ҷумлаҳои бешахс, номуайяншахс ё умумишахс, инчунин ҷумлаҳои сертаркиби англисӣ дар ҷараёни тарҷума ба тоҷикӣ боиси мушкилотҳои гуногун мешаванд, ки ба ҳар яки онҳо дар ин ҷо яктогӣ мисол меорем: 1) It was claimed that the soil in this area remained radioactive. – Изҳор карда шуда буд, ки дар хоки ин мавзеъ радиоактив мондааст. 2) When you drop a stone into a pool of still water, the surface of the water is soon covered with circular waves. – Вақте ки шумо (кас) сангчаеро ба ҳавзи обаш ором мепартоед, дар рӯйи об бо зуддӣ мавҷҳои доирашакл пайдо мешаванд. English sentence, one must understand not only words that occur but the principles of their arrangement. – Барои фаҳмидани сохти ҳақиқии ҷумлаи англисӣ кас бояд, на танҳо калимаи истифодашударо фаҳмад, балки принсипҳои ҷобаҷошавии онҳоро донад. Азбаски роҳу воситаҳои ифодаи ҷузъҳои рематикӣ ва тематикии гуфтор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ басо фарқ мекунанд, онҳо низ боиси мушкилоти тарҷума мегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Комиссаров В.Н. Лингвистика перевода. Монография / В.Н. Комиссаров. - М.: Международные отношения, 1980. - 167 с.
2. Комиссаров В.Н. Теория перевода. Учебник / В.Н. Комиссаро. - М.: Высш. школа 1990. -253 с.
3. Латышев Л.К. Курс перевода: Эквивалентность перевода и способы ее достижения / Л.К.Латышев. - М: Международные отношения, 1981. - 248 с.
4. Парахина А.В. Пособие по переводу технических текстов с английского языка на русский. Учебное пособие / А.В.Парахина. - М.: Высшая школа,1972.
5. Рецкер Я.И. Теория перевода и переводческая практика / Я.И. Рецкер. -М.: Международные отношения,1974. - 216 с.
6. Усмонов К.У. Основы общей теорией перевода / К.У. Усмонов. - Х., 1999.
7. Усмонов К.У. Практика по двустороннему переводу / К.У. Усмонов, А.Б. Бойматов. - Хҷанд, 2002.

САМТҲОИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТ ДАР РАВАНДИ ТАРҶУМАИ МАТНҲОИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ

Дар мақолаи мазкур махсусиятҳои тарҷумаи матни илмӣ – техникӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Калима ва таркибҳое вуҷуд доранд, ки як хусусияти истилоҳро доро нестанд. Онҳо мафҳумҳо ва объектҳои соҳаи муайянро ифода накарда, балки танҳо дар як ҷабҳаи муошират истифода мешаванд. Онҳоро доираи маҳдуди мутахассисон интихоб кардаанд ва дар нутқи худ истифода мебаранд. Чунин лексика вожаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз терминҳо сохта шудаанд ва ҳангоми тавсифи робитаю муносибатҳое, ки дар байни мафҳумҳои терминологиро ифодакунанда мавҷуданд, истифода мешаванд. Мақолаи мазкур бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, ки дар тарҷумаи матнҳои илмӣ ва техникӣ мушкилоти ногузирро ба вуҷуд меоранд. Калимаҳои забони англисӣ, ки хусусияти махсуси таркиби худро дар ҷумлаҳо доранд ва дар забони тоҷикӣ дида намешаванд, баррасӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: матнҳои илмию техникӣ, мушкилоти тарҷума, роҳҳо, герундия, грамматика, мушкилоти морфологӣ, мушкилоти синтаксисӣ.

ПУТИ РЕШЕНИЯ ПРОБЛЕМ ПРИ ПЕРЕВОДЕ НАУЧНО-ТЕХНИЧЕСКИХ ТЕКСТОВ

В данной статье рассматриваются особенности перевода научно - технических текстов, а также проблемы повышения качества перевода научно - технических текстов и необходимость повышения качества переводимых текстов и устранения ошибок в переводе. Также в статье рассматриваются особенности перевода научно - технических текстов, которые оказывают влияние на процесс перевода. Так как в технических текстах содержится большое количество терминов, они являются более конкретными и менее информативными. Главная особенность перевода научно - технических текстов заключается в том, что он ориентирует переводчика на знание специализированной терминологии, и считается довольно хлопотным и кропотливым занятием, которое требует профессиональных знаний в конкретно взятой отрасли. В статье рассматриваются проблемы, которые приводят к несовместимым трудностям при переводе научно - технических текстов. Рассматривается формулировка слова английского языка, который имеет особую характеристику состава предложения, что не встречается в таджикском языке.

Ключевые слова: научно-технические тексты, трудности перевода, пути, герундий, грамматика, морфологические трудности, синтаксические трудности.

WAYS TO SOLVE PROBLEMS WHEN TRANSLATING SCIENTIFIC AND TECHNICAL TEXTS

This article discusses the features of the translation of scientific and technical texts, as well as the problems of improving the quality of translation of scientific and technical texts and the need to improve the quality of translated texts and eliminate errors in translation. The article also discusses the features of the translation of scientific and technical texts that influence the translation process. Since the technical texts contain a large number of terms, they are more specific and less informative. The main feature of the translation of scientific and technical texts is that it orients the translator to the knowledge of specialized terminology, and is considered quite troublesome and painstaking occupation, which requires professional knowledge in a particular industry. The article discusses the problems that lead to incompatible difficulties in translating scientific and technical texts. The wording of the word of the English language, which has a special characteristic of the composition of the sentence, which is not found in the Tajik language, is considered.

Key words: scientific and technical texts, translation difficulties, paths, gerund, grammar morphological difficulties, syntactic difficulties.

Сведения об авторе: ***Мухитдинова М.А.*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, ассистент кафедры английского языка**. Адрес:** 735700, Республика Таджикистан г.Худжанд 17-микрорайон дом 1. Тел.: **(+992) 92-801-19-66**

Information about the author: ***Mukhitdinova M.A.*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Assistant lecturer, Department of English Language. **Address:** 735700 Republic of Tajikistan, Khujand, 17-microdistrict building 1. Tel.: **(+992) 92-801-19-66**

УДК: 41:491.71-3

ОПТАТИВНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ С МОДАЛЬНЫМИ ГЛАГОЛАМИ В КИТАЙСКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ ПЕРЕДАЧА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Яо Цзян
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Модальные глаголы являются лексико-грамматическим средством выражения модальности. Посредством модальных глаголов получают свое выражение такие виды модальности, как возможность, необходимость, желание [1, с.50-51]. Модальные глаголы в китайском языке почти никогда не объединяются с существительными. Появляясь в предложении, они притягивают на себя все внимание и даже становятся сильнее грамматически, чем все остальные члены предложения.

К модальным глаголам（**能愿动词**）**(neng yuan dong ci)** в китайском языке относятся глаголы, выражающие субъективное отношение к действию, а также возможность, необходимость, способность, вероятность совершения действия. При помощи модальных глаголов говорящий выражает субъективно-модальные значения и оттенки. Так как в китайском языке модальные глаголы выражают не действия, а отношение к действию со стороны говорящего, то с их помощью говорящий показывает, что то или иное действие представляется ему возможным, необходимым, обязательным и т.д. [2, с.165 -166]. Модальные глаголы в китайском языке не имеют видовременных форм （**了**le、过 guo、**着** zhe）, при необходимости, суффиксы ставятся после основного глагола, они не удваиваются, после них не могут употребляться никакие служебные показатели, в то же время перед модальными глаголами возможно использование наречий степени (**很**(hěn)очень, **太**(tài) слишком, **非常**(fei chang)очень) или других модальных глаголов.

В китайском языке имеются специальные модальные глаголы для выражения оптативной модальности: **要** (yao) (помышлять, намереваться); **肯** (ken) (хотеть, быть склонным), **愿** (yuan) (желать), **想** (xiang) (думать, намереваться), **愿意** (yuan yi) (хотеть, желать), **希望** (xi wang) (желать), **打算**(da suan) (желать, хотеть), **盼望**(pan wang) (желать, надеятьяся),**渴望** (ke wang) (надеятьяся, жаждать)**敢** (gan) (сметь, решаться) **幻想**(huan xiang) (мечтать, желать) и др.

Для выражения категоричного желания, активного волевого стремления к осуществлению действия, употребляются конструкции с модальным глаголами **想**(xiang) (думать, намереваться, хотеть, хотеться), **要** (yao) (желать, хотеть, чаять), **打算**(da suan) (желать, хотеть) в структуре в повествовательных предложений. Например: **我就想快弄点儿**钱 (wo jiu xiang kuai nong dian qian). (**姜戎**. **狼**图腾, 27页, Jiang rong. Lang tu teng, 27 ye). -Я вот хочу побыстрее раздобыть немного денег [11, с.59]. **我真想看看狼是怎么抓住**獭子的. (wo zhen xiang kan kan lang shi zen me zhua zhu ta zi de) (**姜戎**. **狼**图腾, 208页, Jiang rong. Lang tu teng, 208 ye) - Очень

хочу посмотреть, как волк схватит его [11, с.412]. **我要去看他**! (wo yao qu kan ta) (**巴金**. **寒夜**, 317 页 - Ba jing, Han ye, 317 ye) -Я хочу сходить на могилу = буквально: Я хочу пойти (идти) видеть его [1, с.116]. **我要你懂得我**! (wo yao ni dong de wo) (张爱玲. 倾城之恋, 117页 - Zhang ai ling. Qing cheng zhi lian, 117 ye) -Я хочу, чтобы ты поняла меня! (Чжан Айлин. Любовь, разрушающая города, с.218). **我打算明天一早就去找**. (wo da suan ming tian yi zao jiu qu zao) (**姜戎**. **狼**图腾, 208页 - Jiang rong. Lang tu teng, 208 ye) - Я хочу завтра с утра пораньше пойти поискать [11, с.185]. **我正打算**给小狼做一个皮条嘴套,**不**让它嗥. (wo zheng da suan gei xiao lang zuo yi ge pi tiao zui tao, bu rang ta hao) (**姜戎**. **狼**图腾, 246页 - Jiang rong. Lang tu teng, 246 ye) -Я хочу сейчас сделать волчонку намордник, не позволяющий ему выть [11, с.467].

Для выражения менее категоричного желания, внутренней потребности лица к совершению действия употребляются также конструкции с модальным глаголами **要** (yao) (желать, хотеть, чаять) **想** (xiang) (думать, хотеть, намереваться) **打算**(da suan) (желать, хотеть), в повествовательных предложения. Например: **我都想**杀了它. (wo dou xiang sha le ta) (**姜戎**. **狼**图腾, 245页 - Jiang rong. Lang tu teng, 245 ye) -Мне тоже хочеться его убить! [11, с.465]. **他真想划一根火柴**检查一下自己的眼睛是否出了毛病. (ta zhen xiang hua yi gen huo cai jian cha yi xia zi ji de yan jing shi fou chu le mao bing) (**姜戎**. **狼**图腾, 112页 - Jiang rong. Lang tu teng, 112 ye) - Ему все время хотелось чиркнуть спичкой и проверить, в порядке его глаза или нет [11, с.251].

Для выражения более категоричного желания, внутренней потребности лица к совершению действия употребляются конструкции с модальным глаголами **盼望**(pan wang) (желать, надеятьяся),**渴望**(ke wang) (надеятьяся, жаждать) в повествовательных предложениях. Например: **我真盼望再能**见他一面. (wo zhen pan wang zai neng jian ta yi mian) (**老舍**. **我的一生**, 217页 - Lao she. Wo de yi sheng, 217 ye) -Мне действительно хотелось бы свидеться с ней (Лао шэ. Моя жизнь, с.21). **老**师,**我十二万分地盼望您早日启程来酒国**. (lao shi, wo shi er wan fen de pan wang nin zao ri qi cheng lai jiu gou) (**莫言**. **酒国**, 193页 - Mo yan. Jiu guo, 193 ye) -Наставник, очень надеюсь, что в ближайшее время Вы приедете в Цзюго [7, с.122]. **他渴望能早**见到她(**母**亲) (ta ke wang jian dao ta). (**巴金**. **寒夜**, 87页 - Ba jin. Han ye, 87 ye) - Надеясь увидеть мать (1, с.22). **她渴望看**见一个活人. (ta ke wang jian dao yi ge huo ren) (**巴金**. **寒夜**, 225页 - Ba jin. Han ye, 225 ye) -Хоть бы одно живое лицо увидеть [3, с.80].

Оптативные предложения с отрицательными формами модальных глаголов обычно образуют при помощи отрицательной частицы **不**(bu) (не). Часто отрицательные и утвердительные формы модальных глаголов не совпадают по значению. Когда модальный глагол **要**(yao) выражает желание, у него нет отрицательной формы. **不要** переводится не как «не собираюсь», а жестким запретом «нельзя».

Оптативные предложения, выражающие отрицание часто употребляются модальные глаголы с отрицательной частицей **不**(bu): **不想** (bu xiang) (не хотеть, не хотеться), **不愿** (bu yuan) (не хотеть, не хотеться, не желать), **不愿意** (bu yuan yi) (не хотеть, не хотеться, не желать), **不希望** (bu xi wang) (не хотеть, не хотеться, не желать), **不打算** (bu da suan) (не хотеть, не хотеться, не желать, не собираться), **不肯**(bu ken) (не хотеть, не хотеться) и др. Например: **我不想**让别人把我看成精神病. (wo bu xiang rang bie ren ba wo kan cheng jing shen bing) (**蔡骏**. **病毒**, 16页 - Cai Jun. Bing du, 16 ye) - Не хочу, чтобы меня принимали за душевнобольного [10]. **我不想去**. (wo bu xiang qu) (卫慧.**上海宝**贝, 55页 - Wei Hui. Shang hai bao bei, 55 ye) - Не хочу я никуда идти [2, с.78]. **他**们**不愿交**换关于果子的事. (ta men bu yuan jiao huan guan yu guo zi de shi) (**丁玲**.**太阳照在桑乾河上**, 227页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 227 ye) - Им уже не хотелось говорить о конфискации садов [5, с.198]. **我不愿表**现出自己的胆怯. (wo bu yuan biao xian chu zi ji de dan qie) (**蔡骏**. **病毒**, 108页 - Cai Jun. Bing du, 108 ye) - Но мне не хотелось выглядеть в глазах Розы трусом [10, с.137]. **她不愿意真有**这么回事. (ta bu yuan yi zhen you zhe me hui shi) (**丁玲**.**太阳照在桑乾河上**, 91页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 91 ye) - Ей не хотелось этому верить [5, с.86]. **被抛上天的小狼崽**,**似乎不愿意**这么早就去见腾格里. (bei pao shang tian de xiao lang zai, si hu bu yuan yi zhe me zao jiu qu jian teng ge li) (**姜戎**. **狼**图腾, 97页 - Jiang Rong. Lang tu ten, 97 ye) - Подброшенный волчонок как будто не желал так рано отправляться на Небо [11, с.238]. **我不希望她来上海**. (wo bu xi wang ta lai shang hai) (卫慧.**上海宝**贝, 53页 - Wei Hui. Shang hai bao bei, 53 ye) - Не хочу, чтобы она возвращалась в Шанхай [2, с.77].

他有许久没有见到黑妮了.他不希望看见她. (ta xu jiu mei you jian dao hei nv le. ta bu xi wang kan jian ta) (丁玲.太阳照在桑乾河上, 170页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 170 ye) - Он давно уже не видел Хэйни и даже не мечтал встретиться с нею [5, с.147]. 他并不打算回去. (ta bing bu da suan hui qu) (丁玲.太阳照在桑乾河上, 229页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 229 ye) - Возвращаться домой ему не хотелось [5, с.200]. 陈阵也不打算再加长铁链. (chen zhen ye bu da suan zai jia zhang tie lian) (姜戎. 狼图腾, 207页 - Jiang Rong. Lang tu ten, 207 ye) - Чень Чжэнь тоже больше не собирался удлинять цепь [11, с.432]. 他臊得脸都红了,硬是不肯承认. (ta sao de lian dou hong le, ying shi bu ken cheng ren) (丁玲.太阳照在桑乾河上, 306页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 306 ye) - Чжан покраснел но ни за что не хотел признаться в своей бедности [5, с.267]. 谁也不肯跟他们一块儿起大早. (shei ye bu ken gen ta men yi kuai er qi da zao) (姜戎. 狼图腾, 78页 - Jiang Rong. Lang tu ten, 78 ye) - Никто не хотел вместе с ними вставать рано [11, с.196].

В дополнение к отрицательной форме модальных глаголов в современном китайском языке существует также модальный глагол 懒得(lan de) (неохота), который прямо выражает отрицательную форму. Интерпретация модального глагола 懒得(lan de)(неохота) в современном китайском языке - надоело или неохотно что-то делать. Обычно, модальный глагол 懒得 (lan de) (неохота) можно заменить 不想(не хотеть),不愿意(не хотеть, не желать), их семантика очень близка. У модального глагола懒得(lan de)(неохота) есть свои уникальные грамматические особенности: 1. После модального глагола 懒得(lan de)(неохота) обязательно нужно поставить глагол,его нельзя использовать отдельно, получается такая конструкция: модальный глагол 懒得(lan de)(неохота) + VP; 2. Дополнение, стоящее после модального глагола懒得(lan de)(неохота), обязательно еще не произошедшее событие, не может выражать уже произошедшие события; 3. После модального глагола 懒得(lan de)(неохота)), можно использовать только утвердительную (положительную) форму глаголов, нельзя использовать отрицательную форму глаголов; 4. модальный глагол 懒得(lan de)(неохота) нельзя образовывать при помощи отрицательной частицы 不 (bu)(не); 5. модальный глагол 懒得(lan de)(неохота) и другие модальные глаголы неодинаковые, перед модальным глаголом懒得(lan de)(неохота) нельзя использовать наречий степени (很(hěn)очень, 太(tài) слишком,非常 (fei chang)очень) или других модальных глаголов; 6. Модальный глагол 懒得 (lan de) (неохота) не имеет видовременных форм （了le、过 guo、着 zhe）; 7. модальный глагол 懒得(lan de)(неохота) отличается от других модальных глаголов, его нельзя образовать повторением глагола - сказуемого в положительной и отрицательной формах, 懒得不懒得**lan de bu lande** нельзя сказать; 8. модальный глагол 懒得 (неохота) отличается от других модальных глаголов, если в предложении используется только модальный глагол 懒得(lan de)(неохота), тогда это предложение недействительно.

Модальный глагол 懒得(lan de) (неохота) представляет собой сложное слово, состоящее из корня+аффикса, аффикс 得 (de) не имеет никакого реального значения. Корень 懒(lan) (лень) может быть отражен как в физическом, так и в духовном аспектах. 懒得(lan de) (неохота) - это модальный глагол, выражающий субъективное желание. С семантической точки зрения, модальный глагол 懒得(неохота) - это отношение к будущим потребностям или действиям, которые должны быть завершены. Можно увидеть из следующего предложения, модальный глагол 懒得(неохота) имеет свои характеристики, которые отличают от других модальных глаголов. Например:今天天气严寒,我懒得出驾. (jin tian tian qi yan han, wo lan de chu jia) (苏童.我的帝王生涯, 45页 - Su Tong. Wo de di wang sheng ya, 45 ye) - В такую жуткую холодину мне неохота куда-либо ехать [9, с.66]. 我懒得向她作任何表白,只冷冷说了一句. (wo lan de xiang ta zuo ren he biao bai, zhi leng leng shuo le yi jiu) (苏童.我的帝王生涯, 87页 - Su Tong. Wo de di wang sheng ya, 87 ye) - Не хотелось перед ней объясняться, и я лишь холодно бросил [9, с.128]. 我懒得和巧舌如簧的伙计说话. (wo lan de he qiao she ru huang de huo ji shuo hua) (苏童.我的帝王生涯, 150页 - Su Tong. Wo de di wang sheng ya, 150 ye) - Вступать в разговоры с этим бойким официантом не хотелось [9, с.223]. 他看一看自己桌上也堆了厚厚的一堆,却懒得去看. (ta kan yi kan zi ji zhuo shang ye dui le hou hou de yi dui, lan de qu kan) (丁玲.太阳照在桑乾河上, 143页 - Ding Ling.Tai yang zhao zai sang gan he shang, 143 ye) - Целая кипа их лежала и на столе Жэня. Но ему не хотелось садиться за работу [5, с.126]. 哪儿草好往哪儿跑,懒得回家. (na er cao hao wang na er pao, lan de hui jia) (姜戎.

狼图腾, 65页 - Jiang Rong. Lang tu ten, 65 ye) - Они всегда бегут туда, где хорошая трава, и не хотят возвращаться домой [11, с.164]. 只要他不领头,猎手们就都懒得去. (zhi yao ta bu ling tou, lie shou men jiu dou lan de qu) (姜戎. 狼图腾, 108页 - Jiang Rong. Lang tu ten, 108 ye) - И он не руководит ими, то большинство людей идёт неохотно [11, с.258]. 环境习惯了,懒得换窝了. (huan jing xi guan le, lan de huan wo le) [6] - Человек - что собака, которая со временем привыкаем к определенным условиям и уже не желает менять свое логово [6].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Горелов В.И. Теоретическая грамматика китайскго языка / В.И. Горелов. – М.: Просвещение, 1989. – 318с.
2. Ван Сяоцзюнь. Модальные глаголы и частицы в русском и китайском языках / Ван Сяоцзюнь, И. А. Нагорный // Вестник ПГЛУ – 2010. – №1. – С. 165 – 168.
3. Ба Цзинь. Избранное / Ба Цзинь. - М.: Радуга, 1991. –400 с.
4. Вэй Хой. Крошка из Шанхая / Вэй Хой. - М.: Столица-Принт, 2006. –368 с.
5. Дин Лин. Солнце над рекой Сангань / Дин Лин. - М.: Иностранная литература, 1952. - 295 с.
6. Лю Чжэньюнь. Мобильник / Лю Чжэньюнь. - СПб.: Гиперион, 2016. - 288 с.
7. Мо Янь. Страна вина / Мо Янь. - СПб:. Амфора, 2012. –203 с.
8. Современная китайская проза. - М.: Известия, 1984. –240 с.
9. Су Тун. Последний император / Су Тун. - СПб.: Астрел, 2008. - 288 с.
10. Цай Цзюнь. Вирус / Цай Цзюнь. –М.: Книжный клуб 36.6, 2006. - 320 с.
11. Цзян Жун. Волчий тотем / Цзян Жун. - М.: Мир книги, 2007. - 631 с.
12. **巴金代表作 刘慧**贞编 **河南人民出版社**, 1989**年**. 一548页.
13. **病毒 蔡**骏 **作家出版社**, 2016**年**. 一248页.
14. **狼**图腾 **姜戎** 长江文艺出版社, 2014**年**. - 408页.
15. **酒国 莫言 上海文**艺出版社, 2008**年**. -297页.
16. **手机 刘震云** 长江文艺出版社, 2003**年**. - 238页.
17. **上海宝**贝 卫慧 **春**风文艺出版社, 1999**年**. - 266页.
18. **太阳照在桑乾河上 丁玲 人民文学出版社**, 1994**年**. - 344页.
19. **我的帝王生涯** 苏童上海文艺出版**社**, 2005**年**. - 189页.
20. 张爱玲小说 张爱玲 **浙江文**艺出版社，2002**年**. - 460页.

ҶУМЛАҲОИ ОПТАТИВӢ БО ФЕЪЛҲОИ МОДАЛӢ ДАР ЗАБОНИ ХИТОЙӢ ВА ИНТИҚОЛИ ОНҲО БА ЗАБОНИ РУСӢ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши ҷумлаҳои оптативӣ бо феълҳои модалӣ дар забони хитойӣ ва интиқоли онҳо ба забони русӣ бахшида шудааст. Пажӯҳиш аз ақоиди назариявии олимони барҷаста маншаъ мегирад. Лаҳзаи асосии пажӯҳиши мазкур аз ҷумлаҳои оптативӣ бо феълҳои модалӣ дар забони хитойӣ ва интиқоли онҳо ба забони русӣ иборат аст. Барои ифодаи қатъияти хоҳиш, саъю кӯшиши иродавӣ барои амалисозии амалиётҳо. Барои ифодаи хоҳиши на он қадар қотеъона, талаботи дохилии шахсият барои содирсозии амал. Ва ҷумлаҳои оптативӣ бо шаклҳои инкоркунандаи феълҳои модалӣ дар забони хитойӣ, аз ҷумла шакли инкоркунандаи феъли модалӣ истифода бурда мешавад “懒得(lan de) (набудани майлу хоҳиш) ”дар семантика ва грамматика, ҳамчун феъли модалӣ“懒得(lan de) (набудани майлу хоҳиш)” ҷумлаҳои оптативиро дар забони хитойӣ ифода менамояд. Ба сифати намуна асарҳои бадеӣ, ки ба қалами нависандагони хитойӣ таалуқ доранд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: модалнокӣ, забони хитойӣ, забони русӣ, ҷумлаҳои оптативӣ, феълҳои модалӣ, семантика, шаклҳои инкоркунанда.

ОПТАТИВНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ С МОДАЛЬНЫМИ ГЛАГОЛАМИ В КИТАЙСКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ ПЕРЕДАЧА НА РУССКИЙ ЯЗЫК

Данная статья посвящается исследованию «Оптативных предложений с модальными глаголами в китайском языке и их передачи на русский язык». Исследование основано на теоретических взглядах выдающихся ученых. Ключевым моментом в данном исследовании является ситуация оптативных предложений с модальными глаголами в китайском языке и их передачи на русский язык. Для выражения категоричного желания, активного волевого стремления к осуществлению действия. Для выражения менее категоричного желания, внутренней потребности лица к совершению действия. Для выражения более категоричного желания, внутренней потребности лица к совершению действия. И оптативные предложения с отрицательными формами модальных глаголов в китайском языке, в частности, анализируется отрицательная форма модального глагола “懒得(lan de) (неохота) ”в семантике и грамматике, как модальный глагол“懒得(lan de) (неохота)” выражает оптативные предложения в китайском языке. В качестве примеров анализируются художественные произведения, принадлежащие перу китайских писателей.

Ключевые слова: модальность, китайский язык, русский язык, оптативные предложения, модальные глаголы, семантика, отрицательные формы.

OPTATIVE OFFERS WITH MODAL VERBS IN THE CHINESE LANGUAGE AND THEIR TRANSFER INTO THE RUSSIAN LANGUAGE

This article is devoted to the study of “Optative sentences with modal verbs in Chinese and their transmission to Russian”. The study is based on the theoretical views of eminent scientists. The key point in this study is the situation of optative sentences with modal verbs in Chinese and their transmission to Russian. To express a categorical desire, active volitional desire to implement the action. To express a less categorical desire, the inner need of a person to commit an

action. To express a more categorical desire, the inner need of a person to commit an action. And optative sentences with negative forms of modal verbs in Chinese, in particular, analyze the negative form of the modal verb “懒得 (lan de) (reluctance)” in semantics and grammar, as the modal verb “懒得 (lan de) (reluctant)” expresses optative sentences in chinese. As examples, works of art written by Chinese writers are analyzed.

Key words: modality, Chinese, Russian, optative sentences, modal verbs, semantics, negative forms.

Сведения об авторе: ***Яо Цзян*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, аспирант кафедры теоретического и прикладного языкознания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. М. Турсунзаде, 30. E-mail: **bopotr2811@163.com.** Тел.:**(+992) 935-88-86-78**

Information about the author: ***Yao Jiang*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, graduate student of the department of theoretical and applied linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. M. Tursunzade, 30.
E-mail: **bopotr2811@163.com.** Tel.: **(+ 992) 935-88-86-78**

УДК: 491.550-3:891.550:82

ИСМҲОИ ХОССИ СОДА ВА СОХТА ДАР «ТАЪРИХИ СИСТОН»

Тағаймуродзода С.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Таърихи Систон» яке аз қадимтарин маъхазҳои таърих ва фарҳангу адаби тоҷику форс буда, барои муаррихон, адабиётшиносон, забоншиносон дар таҳқиқи масъалаҳои таърих ва забону адаби форсӣ-тоҷикии асрҳои IX-XI сарчашмаи муҳим маҳсуб меёбад. Ин асар аз зумраи куҳантарин осори таърихӣ, чун тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Ҳудуд-ул-олам мин ал-Машриқ илал Мағриб»-и муаллифи номаълум, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва амсоли онҳо ба шумор меравад, ки ба забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Асари мазкур барои пурғановат гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши муассир дошта, дар байни унсурҳои луғавию сарфӣ нақши исм ҳамчун ҳиссаи нутқ бештар ба назар мерасад. Бинобар ин, тасмим гирифта шуд, ки дар доираи ин мақола баррасии исмҳои хос аз нигоҳи сохтор мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Дар радифи хусусиятҳои мубрами грамматикии исмҳои хос муайян намудани таркиби морфологии ин гурӯҳи исмҳо аз мавзӯъҳои муҳимми сарф (морфология) ба шумор меравад. Пайдост, ки исмҳои хос барои ифодаву зикри ашё ва мафҳумоти рӯзмарраи зиндагӣ ва фарқ намудан аз исмҳои хамчинс воситаи асосианд. Исмҳои хос дар забон аз ҷиҳати теъдод ва ифодаи маъно гурӯҳи чашмраси исмҳоро фаро гирифтаанд. Ин гурӯҳи исмҳо аз ҷиҳати сохтор бо исмҳои ҷинс умумияте дошта бошад ҳам, аз ҷиҳати навишт, яъне қоидаи имло фарқ дорад.

Бояд гуфт, ки зимни таҳлили сохторӣ дар забоншиносӣ асосан бо роҳи калимасозӣ ташаккул ёфтани калимаҳои нав чи дар шакли сохта ва чи дар шакли мураккабот фаҳмида мешавад, ки доир ба ин ҷиҳат дар забоншиносӣ корҳои зиёди илмӣ аз ҷониби муҳаққиқон ба анҷом расидааст. Мо низ такя ба ҳамин осори илмии мавҷуда намуда андешаҳои худро дар асоси маводи «Таърихи Систон» баён медорем.

Калимасозӣ, тибқи андешаҳои муҳаққиқон яке аз сарчашмаҳои асосии такмили таркиби луғавии ҳар гуна забон ба ҳисоб меравад [7, с. 27]. Дар иртибот ба ҳамин андеша маълум мегардад, ки дар нигоштаҳои муҳаққиқон ва адабиёти мавҷудаи илмӣ вожаҳои забонро аз нигоҳи сохтор ба калимаҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора муқаррар кардаанд, ки мо низ ба ҳамин гурӯҳбандӣ такя менамоем.

Калимаҳои сода. Дар луғатҳои тафсирӣ ва истилоҳии забоншиносӣ, инчунин дар адабиёти таълимӣ вожаҳои содаро чунин шарҳ додаанд: «Калимаҳое, ки танҳо аз як реша таркиб ёфтаанд, вожаҳои сода мебошанд» [2, с. 45]. Аз ин ҷост, ки ба гурӯҳи вожаҳои сода асосан чунин исмҳои хосро мансуб донистан мумкин аст: 1) вожаҳо аслан тоҷикианд ва ба қатори вожаҳои умумиэронӣ дохил мешаванд: *Тур, Ҷамшед, Наван, Ушҳанг, Каюмарс, Эзад, Заҳҳок, Баҳром, Ҳинд, Беҳуро, Насрин, Афредун, Гаршосб, Наримон, Куранг, Зобул, Кобул, Хуросон, Куранг, Манучеҳр, Эраҷ, Нӯзар Сом, Эрон, Дастон, Рустам, Сиёвуш, Хусрав, Парвиз, Хурмуз, Анӯшервон,* Равин ва Чӯл*...; 2) вомвожаҳои арабӣ, ки пас аз забткориҳои араб бо баҳонаи ҷорӣ кардани дини ислом ба таркиби луғавии забони

* Ноҳияи Равин ва Ҷӯл дар китоб ҳама ҷо тавъам зикр мешавад. Номи ин ду ноҳият дар китобҳои маъруфи ҷуғрофии қадим зикр нашудааст. Гумон меравад, ки лафзи «Ҷӯл» дар асл бо «ҷим»-и сенуқта, яъне ҳарфи «ч» буда ва дар канори биёбон воқеъ будааст. Лафзи «чӯл» имрӯз ҳам дар Хуросон ба маънии биёбон ва саҳрои васеъ истифода мешавад (Аз тавзеҳоти устод М. Баҳор).

тоҷикӣ ворид гардидаанд: *Ҳилол, Мустафо, Аҷам, Ҳақ, Булқосим, Малик*, *Муҳаммад, Ҷабраил, Нӯҳ, Ё Раб, Сулаймон, Суҳайл, Мадина, Муъоз, Муслим, Бассом, Лайс, Бакр, Абдуманоф, Усмон, Шарқ, Магриб, Машриқ, Абдуллоҳ, Тоҳир, Шимол, Ҷануб***...** Ин қабил вожаҳои содаи арабӣ бештар ба гурӯҳи вомвожаҳои арабии маънавӣ мансубанд; 3) вомвожаҳои ибронӣ ё ба таври дигар яҳудии қадим: *Юсуф, Яҳё, Исмоил, Исроил, Исҳоқ,* Яъқуб**...** ва монанди инҳо мансубанд.

Исмҳои хосси содаро боз метавон ба зергурӯҳҳои вожаҳои ифодагари исмҳои хосси номи одамон, номи падар, лақабу тахаллуси онҳо [*Тур, Ҷамшед, Наван, Баҳром, Беҳуро, Насрин, Афредун, Гаршосб, Наримон, Манучеҳр, Эраҷ, Нӯзар Сом, Дастон, Хусрав, Парвиз*...], номҳои устуравӣ [*Ушҳанг, Каюмарс, Заҳҳок, Рустам, Сиёвуш, Хурмуз*...], ному лақаби ҳайвонот [*Рахш, Гаршосб, Куранг*...], номвожаҳои ҷуғрофӣ [*Ҳинд, Зобул, Кобул, Хуросон, Эрон, Аҷам,* Равин, Чӯл...], номҳои ҷурми осмонӣ ё истилоҳи соҳаи нуҷум [*Осмон, Хуршед, Савр, Асад, Зуҳал, Ақраб, Муштарӣ, Миррих, Саратон, Зуҳра, Аторуд, Замин*], номи мафҳумҳои динӣ ва мазҳабҳо [*Ислом, Эзад, Расул, Одам, Қуръон]*, номи самту уфуққо [*Шарқ, Магриб, Машриқ, Шимол, Ҷануб*].

Дар «Таърихи Систон» вожаҳои зиёди аз нигоҳи сохтор сода мавриди истифода қарор гирифтааст, ки барои тақвияти мулоҳизаҳои хеш чанд мисол меоварем: Систон бино карданд, то пайғомбари мо **Муҳаммад**и Мустафо [с] берун омад ба фармони **Эзад**-таъоло ва шариати **Ислом** овард, чаҳорҳазор сол буд шамсӣ [13]. Аммо аз бузургӣ ва фахри ӯй яке он буд, ки ба рӯзгори **Заҳҳок,** ки ҳанӯз чаҳордаҳсола беш набуд, яке аждаҳоро, ки чанди кӯҳе буд, танҳо бикушт ба фармони **Заҳҳок** ва пас аз он бо андак мардуми зовулӣ ва эронӣ бирафт ҳам ба фармони **Заҳҳок** ба ёрии **Баҳром**и Ҳиндӣ то бирафт ва **Беҳуро** бо ду бор ҳазор-ҳазор савор ва ҳазор пил бигрифту бикушт ва ҳиндувону он диёр ҳама эмин кард ва ба Сарандеб шуд ва **Насрин**ро он ҷо бигрифту бикушт ва перомуни дарёи **Муҳит** баргашт ва он ҷазираҳо ва аҷоибҳо бидиду аз он ҷо ба **Мағриб** шуд ва коркардҳо бисёр кард, то боз **Афредун** берун омад, писари амми вай ва **Заҳҳок**ро бибаст ва боз касе фиристоду Гаршосбро бихонд ва Гаршосб бирафт ва бо набераи хеш **Наримон** ибни Куранг ибни Гаршосб сӯйи **Афредун** шуд ва **Афредун** пазираи ӯ боз омад ва ӯро бар тахт нишонд ва Наримонро андар пеши тахт бар курсии заррин биншонд [13, с. 22]. Ман ӯро ёд кардам пеш аз офариниши осмон ва замин ва падари ӯ **Одам** он рӯз миёни гилу рӯҳ буд ва туву ӯ андар дараҷа бартаред ва ман нури ӯ ба ту пайваста кунам ва аз ту ба **Исмоил** [а] ва караму хайру бузургвориро фармудам, то бо ӯ ҳамроҳ бошанд. **Иброҳим** Сораро хабар кард бад-он чи Эзад-таъоло ӯро намуд ва Сора тамаъ андар нури пайёмбар [с] кард ва ҳамеша онро мутаваққеъ буд, то Ҳоҷар биёфт [13, с. 51]. **Илёс** аз ӯ биёмад, баъд аз он ки аз фарзанд навмед гашта буданд ва **Илёс** ҳамеша талбия кардани Ҳазрати **Расул** [а] мешунидӣ ва мегуфтӣ мардумонро, то Муххаро ба занӣ карду Мудрика аз ӯ биёмад ва ӯро Мудрика бад-он гуфтандӣ, ки бирасид ба дараҷае бузург аз шарафу фазл [13, с. 61].

Тавре гуфтем, таркиби морфологии исм як хел нест, он сода, сохта, мураккаб ва омехта (мураккаби пасванддор) мешавад. Дар ин ҷо усули ба исмҳои сода гузаштани исмҳои таърихан сохтаву мураккабро таҳлил намудан аҳамияти вижа дорад. Бисёр исмҳои сохта ва мураккаб дар таърихи инкишофи забон ба ҳодисаҳои гуногуни забонӣ дучор шуда, мувофиқи қоида ва қонунҳои он баъзан маъно ва таркиби овозиашон тағйир ёфта, **яклухтиву бутунии** худро ҳамчун калимаи сохта ва ё мураккаб гум карда, ба қатори вожаҳои рехта (сода) шомил мешаванд. Дар асари «Таърихи Систон» чунин исмҳои хос мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки ба қатори исмҳои содаи рехта шомил буда, асосан вожаҳои тоҷикии решагианд ё умумиэронианд: Ҷамшед, Ушҳанг, Каюмарс, Заҳҳок, Баҳром, Беҳуро, Афредун, Гаршосб, Зобул, Кобул, Хуросон, Куранг, Манучеҳр, Эраҷ, Эрон, Рустам, Сиёвуш, Хурмуз, Анӯшервон ва монанди инҳо. Барои мисол вожаи Рустамро мавриди таҳлили решашиносӣ агар қарор бидиҳем, чунин натиҷа ба дастмеояд: **Рустам** ♂ (ишора ба номи мардона. – Т.С.) Озодаи диловар, ёридиҳандаи диловар. Номи паҳлавони номии «Шоҳнома».

Ба ҳам пайваста «рус» ва «там». «Рус» аз вожаи эронии бостон «rad» – «раҳо, озод» ва низ аз вожаи эронии бостон «рас» ва порсии бостон «rasa» ва санскрит «rasčati» «ёридиҳанда, додгиранда» ва «**tam**–там» аз вожаи авастоии «taham – таҳам» – «далер, диловар» [Пашанг Зебон] [193]. Ҳамчунин, дар нигоштаҳои манбаъҳои дигар, аз ҷумла мувофиқи нигоштаи забоншинос А.Мирбобоев исми хосси Рустам бояд чунин тавзеҳ дода шавад: **Рустам** аз ҷузъҳои **rauca** – рӯз, равшанӣ ва **tau^{h}ma** – тухм, авлод, нажод таркиб ёфта, ба маънои роҳнамо, аз авлоди пешсафҳо ва монанди инҳо далолат мекунад [Муқ. Фил. эрон]. Ё исми хосси Ҷамшед дар фарҳангҳои решашиносӣ чунин арзёбӣ кардааст: **Ҷамшед** ♂ дурахшон ва равшан. Номи писари Таҳмурас ва сеюмин подшоҳи Пешдодӣ дар

«Шоҳнома». Баҳампайваста аз «Ҷам» ба маънои дурахшон. Аз вожаи авастоии «ҷима», дар санскрит «ҷом» ва дар паҳлавӣ «ҷам» – «дурахшон» [Зернависи «Бурҳон»] ва «шед», аз вожаи авастоии «хшаита» ва дар забони паҳлавӣ «шит» ва дар порсӣ «шид» – «равшан, дурахшон» [Готҳо 8, 32; Обон Яшт; Фарвардин Яшт] [152].

Исмҳои сохта. Манбаи дигари пайдо гардидани исмҳои хосси одамон дар ҳамон ҷузвҳои сода боқӣ мемонад. Чун қоидаи маъмули калимасозии сохта бо ба ҷузви содаи исмҳо пайвастани пешванду пасвандҳо номҳои сохта ба миён меоянд. Ҳамчун воситаҳои пурмаҳсул дар ташаккули исмҳои сохтаи асари «Таърихи Систон» пасвандҳои **-ӣ, -а, -ак, -истон, -зор, -манд** ба мушоҳида расиданд.

Пасванди -ӣ барои сохтани номи макони шахс ё нисбат ба макони ин ё он шахс омада, тахаллуси зан ва мардро ифода мекунад: *Сомонӣ, Рӯдакӣ, Саффорӣ, Авқӣ, Ансорӣ, Балхӣ, Сайёрӣ....*

Ва ин шеър андар маҷлиси амири Хуросон ва содот **Рӯдакӣ** бихондаст, ҳеч кас як байт ва як маънӣ аз ин ки дар ӯ гуфта буд, мункир нашуд, илло ҳама ба як забон гуфтанд, ки андар ӯ ҳар чи мадеҳ гӯӣ, муқассир бошӣ, ки марди тамом аст [13, с. 15]. Булмайяди **Балхӣ** ва Бушри Муқассим андар китоби «Аҷоиби барру баҳр» гӯянд, ки андар Систон аҷоибҳо будаст, ки ба ҳеч ҷой чунон нест [13, с. 61]. ...мардумон андар ин сол бисёр мол зуафоро бидоданд ва ***Сайёрӣ*** огоҳ кард аз ин ҳол Абдуллоҳи Тоҳирро ва нома набишт, то аз байтулмол сесад ҳазор дирам ба дарвешон доданд ва ***Сайёрӣ*** бидод тамом он моли Усмони Аффонро...[13, с. 183].

Дар ташаккули исми хос **пасванди -а** дар ду маврид вазифаи калимасозиро адо менамояд. Аввалан, ин пасванд аз исми ҷинс номи занона месозад. Сониян,**-а** аз исмҳои хосси мардона номҳои занона ба вуҷуд меорад: ***Ҳалима, Омина, Ҳамида***... Ва **Ҳалима** гӯяд, ки: Андар он сол қаҳтии бузург шуд ва бар ман ранҷи бисёр расида буд ва андар он шаб, ки Муҳаммад [с] бизод, ман ба хоб дидам, ки маро яке фаришта гирифта ва ба ҳаво бурд ва яке чашмаи об дидам, ки ҳаргиз чунон надида будам [13, с. 83]. Ва **Омина** некутару покизатари занони Қурайш буд [13, с. 75]. **Ҳамида**ро ба занӣ кард, Ҳамза Сайидушшуҳадо аз ӯ биёмад ва Ҳаҷал ибни Абдулмуталлиб ва Отика бинти Абдулмуталлиб [13, с. 72].

Пасванди -ак [-як] дар асарҳои забоншиносӣ барои сохтани исмҳои ҷинс дар ифодаи маъноҳои субъективӣ талқин шуда бошад ҳам, дар ташаккули исми хосси номи одамон бештар мушоҳида мешавад ва ҳамон маънои «навозиш»-ро дар номҳо фаҳмидан мумкин аст: ***Ниша*к, *Фаровак, Сиёмак*, *Бобак***...

Ҷарвоткан на аз ҷолиқи нав аст ва на аз куҳна ва Қарнин, ки на аз Хош аст ва на аз **Нишак,** аммо Савофӣ, ки онро қисмати дигар будӣ Қарнин ва Абар ва **Нишак** ва Ҷолиқи куҳан ва аз ҷумла Каши Саффор ва аз кӯраи Буст, Рарзон ва Сарвон [13, с. 44]. … Ардашер ибни ***Бобак*** ибни Сосон ибни ***Бобак*** ибни Сосон... [13, с. 191]. … ***Фаровак*** ибни ***Сиёмак*** ибни Мусо ибни Каюмарс [13, с. 192].

Пасванди -**истон** ба номи гурӯҳҳои этникӣ ва халқ ҳамроҳ гардида, номи кишвар ё сарзамини сокинонро ифода мекунад: ***Систон***, ***Сиҷистон, Туркистон, Ҳиндустон, Зобулистон, Қаҳистон, Тахористон, Бузистон, Лаволистон*** ва ғ.: Ва Абуннаҷм ҳазимат бирафт ва Бӯосим **Систон** фурӯ гирифт ба аҳду маншури Султон, то Абулаббоси Саффоҳ фармон ёфт ба Анбор сездаҳ рӯз гузашта аз зилҳиҷҷаи санаи сита ва салосин ва миа [яксаду сиву шаш [13, с. 153]. Алфа алфа дирҳам†, ***Сиҷистон*** ва Буст ва Рухад ва Кобул ва ***Зобулистон*** ва Навзод ва замини Довар ва Исфизор ва ***Хуҷистон*** [13, с. 41]. Ва Сафзор ва *Бузистон ва Лаволистон* ва Ғур Соми Наримон кард ва Кашмир Рустами Дастон кард ва хазоини хешу моли хеш он ҷо ниҳода буд [54]. Пас бирафту... ба ***Туркистон*** андар омад ва ба Рум шуд ва аз он ҷо ба ***Туркистон*** омад... [13, с. 170].

Пасванди -**истон** ба охири баъзе исмҳо ҳамроҳ шуда, бар ифодаи макон меояд, ки ин исмҳоро ба гурӯҳи исмҳои хос нисбат додан мумкин аст: Чун Заҳҳок маст гашт, ӯро ёд омад одати хеш, гуфт: ***Шабистон*** хоҳам, то он ҷо хуштар хӯрам, Гаршосб одати ӯ дониста буд, гуфт: Ин ҷо ***Севистон*** аст, на ***Шабистон*** [13, с. 39].

Пасванди **-зор.** Муаллифони китоби **«Забони адабии ҳозираи тоҷик»** (минбаъд «ЗАҲТ») дуруст таъкид мекунанд, ки «ин пасванд бо исм омада, макону фаровониро мефаҳмонад. Пасванди **«-зор»** асосан бо исмҳои ифодакунандаи растанию наботот меояд» [3, с.142]. Пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ таърихи тӯлонӣ дошта, ҳанӯз дар забони форсии миёна истифодаи он ба назар мерасад ва бо таъкиди профессор Д.Саймиддинов «дар сохтани чанд исми макон мушоҳида мешавад» [6, с.126]. Ин муаллиф дар идомаи андешаи хеш зикр мекунад, ки «пасванди мазкур макони доимӣ ва муваққатиро вобаста ба

† Дирҳам (дирам) – танга, сиккаи нукрагӣ; воҳиди вазн баробари 3,12 грам.

маънои ҷузъи номӣ ба таври баробар баён мекунад. Этимологияи пасванди **«-zār»** ва истифодаи он то ба давраи забонҳои эронии миёна равшан нест. Гумон меравад, ки **«-zār»** дар забони форсии миёна на ба таври мустақил, балки ҳамчун ҷузъи дувуми кадом як таркиби эронии бостон ворид шуда, баъдан дар ҳамин қолаб ба ҳайси пасванд дар сохтани вожаҳои нав истифода гардидааст» [6, с.126].

Пасванди мазкур дар «Таърихи Систон», асосан, бо исмҳои ифодакунандаи макон омада, мавзееро далолат мекунад: Ҳарӣ ва **Сафзор**у навоҳии Хуросон фурӯ гирифта ва тохтанҳо ҳамекард ва сипоҳсолорони Хуросону бузургон аз ӯ оҷиз шуда буданд [111]. … пас аз он ки ба тоат пеши вай омад ва ӯро аҳду маншур дод ва амали **Сафзор**у биёбонҳо ва курдон бад-ӯ дод ва худ ба Ҳирот қарор гирифт [112].

Пасванди **-манд.** Ин пасванд ба қатори пасвандҳои камфаъол мансуб буда, ба маънои фаровонӣ далолат мекунад: Ҳийрманд…

Ҳам ба Буст хазрое, ки бар дари девон аст, ба тарафи майдон бароварда ва моле андар он кард ва кӯшк дигар кард ва хам ба Буст бар лаби **Ҳийрманд** наздики пул ва ба Систон қасри Булҳасанӣ [267].

Ҳамин тариқ, дар асари «Таърихи Систон» исмҳои хосси сода, содаи рехта ва исмҳои хосси сохта мавриди корбурд қарор гирифта, ҷиҳати нишон додани вижагиҳои макон, номи одамон ва номвожаҳои ҷуғрофии таркиби луғавии забони асар хидмат намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Куллиёт, Ҷ.12. – Душанбе: Ирфон, 1976. - 770 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. - Д.: Дониш,1985. - 356 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – 464 с.
4. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ / М.Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – С.56-60.
5. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов.-Душанбе: Дониш, 1972.-79 с.
6. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов.-Душанбе: Пайванд, 2002.-320 с.
7. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.
8. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 106 с.
9. Хромов А.Л. Чаҳордаҳ мақола / А.Л. Хромов. – Душанбе, 2010. – 174 с.
10. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик: аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ / С.Ҳалимов // Масъалаҳои забон ва адабиёт. – Душанбе, 1975. Қисми 1/2. – С. 283-307.
11. Ҳалимов С. Забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1989. – 100 с.
12. Ҳомидов Д. Забони тоҷикӣ ва номшиносӣ / Д. Ҳомидов. – Душанбе: Сино, 2018. – 164 с.
13. Таърихи Систон. - Душанбе, 2012. - 550 с.

ИСМҲОИ ХОССИ «ТАЪРИХИ СИСТОН» АЗ НИГОҲИ СОХТОР

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба ҷиҳатҳои сохтории исмҳои хосси асари мавриди баррасӣ қарор дода, маълумот медиҳад ва исмҳои хосро аз нигоҳи сохтор ба зергурӯҳҳои сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ ё дар қолаби ибора чудо намуда, андешаҳои худро бештар доир ба вожаҳои сода ва сохта баён менамояд. Аз назари муаллиф исмҳои хосси сода танҳо аз як реша таркиб ёфта, ба ин гурӯҳи калимаҳо бештар вожаҳои аслан тоҷикӣ, вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ мансубанд. Баробари вожаҳои сода дар асар вожаҳои рехта мавҷуданд, ки рехташавии исмҳои хосси сохта ва мураккаб ба ин гурӯҳ шомиланд. Дар асоси ҳамин нигошта чанд калимаи рехтаи асарро меорад ва мавриди таҳлил қарор медиҳад ва бо ҳамин роҳ дараҷаи корбасти вожаҳои сода ва рехтаи асарро муайян мекунад.

Калидвожаҳо: вожаҳо, забон, сохтор, калимаҳо, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, қолаб, гурӯҳбандӣ, луғатҳо, тафсирӣ, истилоҳ, забоншиносӣ, реша, аслан тоҷикӣ, вожаҳои умумиэронӣ, зергурӯҳҳо, ифодагари исмҳо, моддӣ, маънавӣ, вомвожаҳо, арабӣ, таркиби луғавӣ, забони тоҷикӣ...

СТРУКТУРА СОБСТВЕННЫХ ИМЕН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В «ИСТОРИИ СИСТАНА»

В представленной статье автор, анализируя особенности собственных имен существительных, классифицируя их на простые, составные, сложные, выделяет их в составе словосочетаний и выражает свое собственное мнение относительно простых и связанных лексем. По мнению автора, простые собственные имена существительные состоят из одной корневой основы, в эту группу преимущественно входят исконно таджикские, заимствованные арабские и неарабские существительные. Наряду с простыми в произведении имеются связанные лексемы, которые вместе с составными и сложными именами существительными входят в эту группу. На основании вышеизложенного, автор в произведении приводит примеры связанных лексем, которые одновременно анализируются и таким образом, определяется степень употребительности простых и связанных лексем.

Ключевые слова: лексемы, язык, структура, простой, сложный, составной, классификация, словари, толкование, термин, лингвистика, корень, исконно таджикские, общеиранские лексемы, подгруппы, употребительность имен, материально, духовно, заимствования, арабский, словарный состав, таджикский язык.

STRUCTURAL ANALYSIS OF NOUN SELF IN THE WORK "TARIHI SISTAN»

In the present article the author analyzes the features of proper nouns, classifying them into simple, compound, complex, distinguishes them in the composition of phrases and expresses his own opinion about simple and related

lexemes. According to the author, simple proper nouns consist of one root base, this group mainly includes native Tajik, borrowed Arabic and non - Arabic nouns. Along with the simple in the work there are related lexemes, which together with compound and complex nouns are included in this group. On the basis of the above, the author in the work gives examples of related lexemes, which are simultaneously analyzed and thus determined by the degree of use of simple and related lexemes.

Key words: lexemes, language, structure, simple, complex, compound, classification, dictionaries, interpretation, term, linguistics, root, native Tajik, common Iranian lexemes, subgroups, usage of names, materially, spiritually, borrowings, Arabic, vocabulary, Tajik language.

Сведения об авторе: ***Тағаймуродзода Санифа Тағаймурод*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры истории языка и типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 988-34-41-33**

Information about the author: ***Tagaymurodzoda Sanifa Tagaymurod*** - Tajik National University, applicant for the department of the history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 988-34-41-33**

УДК: 491.550+891.550

СОХТИ ҶУМЛАҲОИ ДУТАРКИБАИ ТАФСИЛИИ НОМӢ ДАР «ҚОБУСНОМА»

Давлатов А.Н.
Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон

Ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилӣ яке аз гурӯҳи серистеъмоли ҷумлаҳои сода дар «Қобуснома» ба шумор меравад. Ба ин гурӯҳ ҷумлаҳои содае дохил мешаванд, ки дар таркиби онҳо ғайр аз сараъзоҳо аъзоҳои пайрав низ мавҷуданд. Ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилӣ дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: феълӣ ва номӣ[2, с. 206].

Дар забоншиносии тоҷик оиди тадқиқи паҳлуҳои дигари ҷумлаҳои сода забоншиносон А.А. Фрейман, А.Э. Бертелс, Д.Т. Тоҷиев, М.Н. Қосимова, Д. Хоҷаев рисолаҳои илмӣ ба анҷом расонидаанд [1, с.5].

Банда хостам ба воситаи ин мақола оид ба сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ ва мавқеи истифодабарии онҳо дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ибрози ақида карда бошам.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома» аз рӯйи иштироки аъзоҳои ҷумла ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд. Аз рӯйи маводҳои ҷамъшудаи ин ҷумлаҳо аз се аъзо то ҳафт аъзо мешаванд.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ аз ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ бо баъзе хусусиятҳояшон фарқ мекунанд, гурӯҳҳои ҷумлаҳои бисёраъзо низ бо хусусиятҳои худ ҷудо шуда меистанд.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ аз ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ аз рӯйи миқдори аъзоҳо ва сохторашон он қадар фарқияте надоранд [3, с. 64]. Аммо, агар дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ ҳам пуркунандаи бавосита ва ҳам пуркунандаи бевосита ояд, дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ фақат пуркунандаҳои бавосита иштирок карда метавонанд. Барои он ки хабарҳои номӣ ба худ пуркунандаҳои бевоситаро қабул намекунанд.

Инчунин, дар навбати худ ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номии шашаъзо ба панҷ гурӯҳ тақсим мешаванд [4, с.78]. Ногуфта намонад, ки гурӯҳҳои якум, дуюм, сеюм ва панҷуми ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ дар ҷумлаҳои номӣ низ ҳастанд, аммо дигар гурӯҳҳоро вонахӯрдаанд. Дар забони ин давра истифодабарии ҷумлаҳои номӣ маҳдудтар аст.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ багурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон панҷ муайянкунанда доранд:

Ва **сухани ин амир миёни мардуми шаҳри азим паҳн шуд [7, с. 89].**

2. Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву як пуркунанда доранд:

Сабаби бедор шудани ман дар аҳволи мамлакат ин мард буд [7, с. 105].

3. Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон се муайянкунандаву ду пуркунанда доранд:

Ва **душмани халқ ҳама шаҳрҳоро забт карда аст, аз ғарб [7, с. 123].**

4. Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон се муайянкунандаву ду ҳол доранд:

Ва миёнаҷои ин девор аз девори хона миқдори понздаҳ газ дурр аст [7, с. 110].

1. Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон ду муайянкунандаву ду пуркунанда ва як ҳол доранд:

Маро ин шуғл аз мардум нокуштан афтод [7, с. 65].

Истифодабарии ин гурӯҳҳо дар ҳамаи ин хели ҷумлаҳо баробар буда, танҳо гурӯҳи сеюм нисбат ба дигар гурӯҳҳо ду баробар зиёдтар вомехӯрад.

Ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номии ҳаштаъзо дар «Қобунома»-и Унсурулмаолии Кайковус хеле кам истифода шудаанд. Ин ҷумлаҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон панҷ муайянкунандаву як пуркунанда доранд:

Шинохтани қадри неъмати Эзид таъоло бандаро сарватманд кардааст [7, с. 78].

2) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву ду пуркунанда доранд:

Ва ба номи нек рафта, ҳаққи фарзандони ту бар он Худованд воҷиб бошад [7, с. 150].

3) Ҷумлаҳои содаи дутаркибае, ки дар таркибашон чор муайянкунандаву як пуркунандава як ҳол доранд:

Пас кори ҷавонмарди ин тоифа душвортар аст аз тоифаҳои дигар [7, с. 174] .

Чунонки аз мисолҳои боло маълум шуд, дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ мисли ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ иштирок ва миқдори муайянкунандаҳо ҷойи махсусеро доранд. Бояд қайд кард, ки дар ин хели ҷумлаҳо танҳо пуркунандаҳои бевосита иштирок карда наметавонанд. Барои он ки агар пуркунандаҳои бевосита иштирок кунанд, онҳо ба ҷумла тааллуқ надошта, балки ба ягон аъзои ҷумла вобастаанд, агар ин аъзоҳо бо масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода шуда бошанд.

Ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус сеаъзо, чораъзо, панҷаъзо, шашаъзо, ҳафтаъзо ва ҳаштаъзо мешаванд (**Расми якум**).

Тавре ки мо дидем, ҷумлаҳои тафсилии номии сеаъзо, чораъзо ва панҷаъзо дар «Қобуснома» нисбат ба ҷумлаҳои шашаъзо, ҳафтаъзо ва ҳаштаъзо бештар истифода шуда, аъзоҳои пайрав ва сараъзоҳоро ба худ қабул кардаанд.

Хелҳоиҷумлаҳоидутаркибаитафсилииномӣ аз рӯйи истеъмол дар «Қобуснома»

Расми якум



Дар забони «Қобуснома» -и Унсурулмаолии Кайковус таносуби ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ ва номӣ баробар нест, ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ 67,28% ва ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ 32% - ро ташкил мекунанд.



Расми дуюм

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои се, чор ва панҷаъзо дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии феълӣ ва ҳам дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номӣ серистеъмоланд.

Аммо иштироки аъзоҳои ҷумла бо баъзе хусусияташон дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии феълӣ ва номӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Аз рӯйи истеъмоли аъзоҳои пайрав дар ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилӣ дар ҷойи аввал муайянкунанда, баъд ҳол ва дар ҷойи сеюм пуркунанда меистад [4, с.98]. Барои он ки муайянкунанда дар таркиби ҳамаи аъзоҳои ҷумлаи бо исм, ҷонишин, масдар ва ҳиссаҳои нутқи исмшуда ифодаёфта омада метавонанд, хабарҳои феълие, ки бо феъҳои таркибии номӣ ифода шудаанд, муайянкунанда доштанашон низ мумкин аст. Аз ин рӯ, муайянкунанда бо хусусият, иштироку миқдораш дар ҷумла аз дигар аъзоҳои пайрав фарқ карда меистад.

Чи хеле ки ба мо маълум шуд, пуркунандаи ҷумла танҳо ба хабари ҷумла тобеъ шуда меояд ва аз ин сабаб дар ҷумла зиёда аз ду ва баъзан се пуркунанда иштирок карда наметавонад [8, с.56]. Қайд кардан ба маврид аст, ки агар дигар аъзоҳои ҷумла бо масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода гардида бошанд, онҳо пуркунанда дошта метавонанд ва он пуркунанда хабари ҷумла намебошад. Дар он ҳолат миқдори пуркунанда зиёд мешавад.

Миқдори ҳол бошад дар ду типи ҷумлаи тафсилӣ фарқ мекунад. Миқдори ҳол нисбат ба ҷумлаи тафсилии номӣ дар ҷумлаи тафсилии феълӣ зиёд аст, зеро аломати амал, замону макон ва монанди онро ифода мекунанд.

Хулоса, **ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ** дар«Қобуснома»- и Унсурулмаолии Кайковус ба таври васеъ истифода шуда, барои равшану возеҳ ифода кардани фикри муаллиф корбаст шудаанд.

Моҳирона мавриди истифодабарӣ қарор дода шудани аъзоҳои ҷумла ҳамчун ҷузъи номии “Қобуснома” аз он шаҳодат медиҳанд, ки эшон аз нозукиҳои тарзи ҷумласозӣ ва маъниофаринӣ баҳра бурда, тобишҳои нави маъноиро тавассути истифода бурдани хелҳои гуногуни ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номӣ корбаст намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ализода С. Сарфунаҳвизабониточикӣ. –Самарканд; – Душанбе, 1926. -220 с.
2. Давлатов А. Н. Ҷумлаҳоисодаияктаркиба дар «Қобуснома» / А. Н. Давлатов // Паёми ДМТ 4/3(203), - Душанбе: Сино, 2016. -36-39 с.
3. Давлатов А. Н. Ибораҳоиисмииизофӣ дар «Қобуснома» / А.Н. Давлатов. // Забон – рукнитоат. №9. – Душанбе , 2017. 250с.
4. Қосимова М. Н. Очеркҳооид ба синтаксисиҷумлаҳоисодаи насри асри Х1. / М. Н. Қосимова. -Душанбе: Ирфон, 1976. - 216с.
5. Мирзоев А.Ш. Грамматикаизабониадабииҳозираиточик / Ш.А.Мирзоевадиг. - Душанбе,1986.-266 с.
6. Ниёзмуҳаммадов Б. Забониадабииҳозираиточик / Б. Ниёзмуҳаммадов. -Душанбе, 1973. -254 с.
7. УнсурулмаолииКайковус. Қобуснома /К. Унсурулмаоли (дар таҳияиМирзоМуллоаҳмадов) – Душанбе: Суннатулло, 2007. -354 с.
8. Раҳматова С. Ҷумлаҳоичидааъзо дар забониадабииҳозираиточик / С. Раҳматова. -Душанбе,1991. -254 с.
9. Хоҷаев Д. Синтаксис вапунктуатсия/ Д.Хоҷаев, Ш.Кабиров. - Душанбе, 1991. -30 с.

СОХТИ ҶУМЛАҲОИ ДУТАРКИБАИ ТАФСИЛИИ НОМӢ ДАР«ҚОБУСНОМА»

Мақолаи зикрёфтаи муаллиф доир ба мавзӯи **“Сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»”** навишта шудааст. Муаллиф ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номиро аз рӯйи “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус мавриди таҳқиқ қарор додааст. Баррасии сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ муаллифро ба хулосае овардааст, ки ин хели ҷумлаҳои сода яке аз хелҳои

серистеъмолтарини насри асри XI ба шумор рафта дар ин асари адиб ҷойи намоёнеро ишғол мекунанд. Муаллиф дар мақола зикр кардааст, ки дар ин хели ҷумлаҳо танҳо пуркунандаҳои бевосита иштирок карда наметавонанд. Барои он ки агар пуркунандаҳои бевосита иштирок кунанд, онҳо ба тамоми ҷумла тааллуқ надошта, балки ба ягон аъзои ҷумла вобастаанд, бо шарте ки ин аъзо бо масдар, сифати феълӣ ва феъли ҳол ифода шуда бошанд. Инчунин, ӯ таносуби ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ ва номиро дар «Қобуснома» -и Унсурулмаолии Кайковус баробар надониста, хели ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии феълӣ 67,28% ва ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номиро 32% шуморидааст. Дар мақола муаллиф аз рӯйи таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷумлаҳои се, чор ва панҷаъзо дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии феълӣ ва ҳам дар ҷумлаҳои содаи дутаркибаи тафсилии номӣ серистеъмоланд. Ин хулосаи худро муаллифи мақола бо мисолҳои мушаххас аз осори нависанда тақвият додааст. Дар фарҷоми мақола хулосаҳои илмии

Калидвожаҳо: ҷумлаҳои содаи яктаркиба, синтаксис, адибони муосир, сохт, тарз, гурӯҳбандӣ, таҳлил, тарҷума кардан, васоит.

СТРУКТУРА ДВУХСОСТАВНЫХ РАСПРОСТРАНЕННЫХ ИМЕННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В «КАБУСНАМЕ» УНСУРАЛМАОЛИ КАЙКОВУСА

Статья «Структура двухсоставных распространенных именных предложений в «Кабуснаме» Унсуралмаоли Кайковуса» посвящена вопросам строения двухсоставных распространенных именных предложений в этом известном произведении. Автор в рамках одной статьи охватил анализом двухсоставные распространенные именные предложения, в результате он пришел к следующим выводам: данный вид предложений является одним из наиболее распространенных и широко употребительных видов простых предложений, занимающих видное место в «Кабуснаме» Унсураломаоли Кайковуса и характерных для стиля XI века. Автор доказывает, что втакого рода предложениях не могут принимать участие только прямые дополнения, так как если они примут участие в составе предложения, то окажутся связанными с каким-либо членом предложения, выраженным инфинитивом, причастием и деепричастием. Кроме того, им выявлено, что пропорция двухсоставных распространенных глагольных и именных предложений неравна. Разновидность двухсоставных распространенных глагольных предложений в произведении составляет 67,28%, а двухсоставных распространенных именных предложений – 32%. В статье автор на основании анализа показал, что простые двухсоставные распространенные глагольные и именные предложения с тремя, четырьмя и пятью членами предложения в «Кабуснаме» Унсураломаоли Кайковуса встречаются чаще. В конце статьи приводятся научные выводы и умозаключения автора.

Ключевые слова: простые однородных предложения, синтаксис, современные литераторы, структуры, способы, классификация, анализ, средства.

THE STRUCTURE OF THE TWO-PARTED COMMON NOMINAL SENTENCES IN" KABUSNAM "BY UNSURALMAIOLKAIKOUSUS

Article Davlatov A.N. "The structure of the two-fold common nominal sentences in the" Kabusnama "by UnsuralmaiolKaikovus" is devoted to the structure of two-parted common nominal sentences in this famous work. The author, within the framework of the article, covered the two-parted common nominal sentences, which led him to the following results: this type of proposal is one of the most widespread and widely used types of simple sentences that occupy a prominent place in the "Kabusnama" of UnsuralomaioliKaikousus and characterize the style of the X1 century. The author proves that in such proposals only direct additions can not take part, since if they take part in the composition of the proposal, they will be associated with some member of the sentence, expressed by an infinitive, participle and gerund. In addition, he found that the proportion of two-parted common verbal and nominal sentences is unequal. The variety of two-parted common verbal sentences in the work is 67.28%, and the two-parted common nominal sentences - 32%. In the article, the author on the basis of analysis has shown that simple two-compound widespread verbal and nominal sentences with three, four and five members of the sentence in the "Kabusnama" of Unsuralomaiol Kaikousus are encountered more often. At the end of the article are the scientific conclusions and conclusions of the author.

Key words: simple homogeneous sentences, syntax, modern writers, structures, methods, classification.

Сведение об авторе: ***Давлатов А.*** - Российско-Таджикский (Славянский) университет, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, М.Турсунзаде, 30.
Тел.: **(+992) 985-45-36-98**

Information about the author: ***Davlatov A.*** - Russian-Tajik (Slavic) University, assistant of the Tajik language department. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, M.Tursunzade, 30.
Tel.: **(+992) 985-45-36-98**

УДК: 41+491.550+42

ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ МЕСТОИМЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА ФРАНЦУЗСКИЙ ЯЗЫК

Назарова М.О.
Таджикский национальный университет

Отрицательные местоимения обозначают общее отрицание. В таджикском языке слово ***ҳеҷ*** является отрицательным местоимением. С этим местоимением сказуемое предложения формируется в отрицательной форме. Составные формы отрицательных местоимений формируются

из местоимения ***ҳеҷ*** (ничто), вопросительных местоимениий и слово **як** (один) или существительного: **ҳеҷ кӣ (никто), ҳеҷ чӣ (ничто), ҳеҷ кас (никто),** ҳеҷ **чиз (ничто), ҳеҷ гуна (никак), ҳеҷ кадом (ни один), ҳеҷ як (ни один).** Эти местоимения имеют особые свойства. К примеру, ҳеҷ кӣ (никто), **ҳеҷ кас** (никто) указывают на отсутствие человека, сочетания **ҳеҷ** чӣ, **ҳеҷ чиз** (ничто) **–** отсутствие неличных предметов. Отсутствие какого–нибудь признака предмета выражают сочетания **ҳеҷ гуна, ҳеҷ хел (никак)**, количество предмета – ҳ**еҷ як** (ни один): Бо сесад танга **ҳеҷ кас** ба сарбозӣ розӣ намешавад // С тремястами теньга никто не согласится на службу в армии [2, с.290].

Относительно грамматической синонимии неопределенного артикля «–е» и отрицательного местоимения ***ҳеҷ*** ученый–лингвист Р. Гаффаров отмечает, что «отрицательное местоимение «њель» в «Одамони ҷовид» (Вечные люди) употреблен для выражения неопределенности существительного. В романе он употреблен не только в предложениях с отрицательными сказуемыми, но и с предложениями, имеющими положительные сказуемые. В этом случае они наглядно выражают неопределенность: Шумо ҳеҷ китоб овардед // Вы принесли какую–нибудь книгу [2, с.269]. В этом предложении можно свободно заменить слово ***ҳеҷ*** с ***ягон***. Однако его замена словом ***як*** приводит к нейтрализации значения неопределенности» [9].

На самом деле, местоимение ***ҳеҷ*** и его составные формы употребляются для выражения неопределенности. Он употреблен в качестве синонима слово ***ягон***: ҳеҷ кас – ягон кас (никто). И в следующем примере использованы отрицательное составное местоимение ***ҳеҷ кас*** и неопределенное существительное ***о себе***, которые ярко выражают цель:

То ман зинда ҳастам, ба ҳурмати арвоҳи поки Дилором–хола, ба ту ***ҳеҷ кас осебе*** *расонида наметавонад, духтарам* [6, с.345].

Allons, maintenant ***personne*** *ne te* ***fera plus*** *de mal, ma fille! [13,с.435]*.

Переводчик верно передал отрицательное местоимение ***ҳеҷ кас – personne***. Неопределенное существительное ***о себе – fort a plus*** переведено дословным способом, и это является более правильным.

Беҳтар, ки ҷавоб дода фиристонем. Аз вай ***ҳеҷ чиз*** *намерӯяд* [6, с.220].

Il vaut mieux le libérer, de toute façon on ***ne*** *peut* ***rien*** *obtenir de lui* [13, с.281].

Шамсия духтари хуб аст, вай туро дӯст медорад ва ***ҳеҷ гоҳ*** *дар бораи ту ба падарам сухане намегӯяд* [6, с.203].

Chamsia est une brave fille. Elle t'aime beaucoup et elle ***ne*** *racontera* ***rien*** *à son père* [13, с.258].

Местоименная конструкция ***њеҷ чиз*** в вышеприведенном примере выражает понятие неопределенности и во французском языке она передана отрицательной частицей ***ne … rien. Rien – ҳеҷ чиз*** (ничто, ничего) для выражения отрицания может использоваться с частицей ***ne – не***. Во втором примере местоимение ***њеҷ гоњ (никогда)*** правильный перевод ***jamais***. Конструкция ***ne … rien*** также употребляется для выражения отрицания глагола. Выражение ***ҳеҷ гоҳ****…сухане намегӯяд* переведено как ***ne*** *racontera* ***rien*** (ничего не расскажет).

Лекин, чӣ гуфтам-а духтарам?! Ба ***ҳеҷ кас*** *налаққӣ? Замонаҳо нобоб шудагӣ* [6, с.467].

Mais souviens–toi de ce que je t'ai dit, ***n'en*** *parle à* ***personne****, nous vivons à une époque troublée…* [13, с.559].

Лекин Савсан ба ***њеҷ кадоми*** *онњо љавоб намедод, хомӯш буд* [6, с.89].

Savsane ***ne*** *répondait pas* ***à toutes*** *ces moqueries, elle gardait le silence...* [13, с.115].

В приведенных примерах употреблены местоименные конструкции ***ҳеҷ кас*** (никто) и ***ҳеҷ кадом*** (никогда), которые выражают неопределенность. Переводчик, переводя текст на французский язык, использовал отрицательные частицы и неопределенные местоимения: ***n'en*** *…* ***personne – ҳеҷ кас (никто*** и ***ne*** …. ***pas à toues*** (***personne – ягон кас, ягон нафар (никто), toutes – ҳама (все)).***

– Намедонед, ки барои ба мо тӯҳмат задан эшони раиси калон ва падарашон ҳам аз ***ҳеҷ чиз*** *даст намекашанд* [6, с.296].

Comment ne comprenez–vous pas que l'ichan, le raïs et le père du garçon sont prêts à tout pour nous empêcher d'agir, ils ne s'arrêteront devant ***aucune*** *médisance* [13, с.379].

Ҳеҷ *гап не, ба Асо худат гап зада, ҳодисаро мефаҳмонӣ* [6, с.227].

Ça ***ne*** *fait* ***rien****, tu parleras avec lui, tu lui raconteras tout* [13, с.289].

Как видим в приведенных примерах ***ҳеҷ чиз (ничто)*** заменили удачно словом ***аисипе***. Помимо этого, переведенная единица выражает неопределенность. Местоимение ***њель*** (2) также верно переведено отрицательной частицей ***ne… rien***.

– ***Ҳеҷ кас*** *ранҷонидагӣ не, шикамаш сер шудааст!* [6, с.479].

– ***Personne*** *ne l'a offensé. Il se donne tout simplement de l'importance* [13, с.565].

Сабр кун, вай, албатта, гуреза, пинҳон мегаштагист, дар ин ҷо, ту гуфтагистї , ки ***њеҷ кас*** *нест...* [6, с.100].

Attends! C'est qu'il est en fuite! Bien sûr, il se cache. Tu lui as sans doute dit qu'il n'y avait ***personne*** *ici?* [13, с.130].

В обоих продемонстрированных примерах неопределенность в таджикском языке выражена сочетанием ***њеҷ кас***, во французском – неопределенным словом ***personne***.

В таджикском языке категория неопределенности существительного выражается также лексическим способом. В лексическом выражении неопределенности большую роль играют числительное ***як*** (один) и местоимения «ягон» (какой–нибудь), «кадом як» (какой–то) [10, с.24].

В романе «Духтари оташ» единичность и неопределенность существительного выражаются посредством артикля «–е», иногда словами ***як, ягон, кадом, фалон, њељ*** и т.п. Относительно позиции слова ***як*** Ш. Рустамов отмечает, что «в этой функции ***як*** выступает в качестве синонима артикля –е. Существительное, употребившееся со словом ***як*** выражает не только единичность предмета, но и его неопределенность [Рустамов, Ш. Имя существительное (на таджикском языке), 83]. Одним из известных средств выражения неопределенности является слово ***як***. В нашем фактическом материале нами вычислен момент, когда одновременно употреблены артикль ***–е*** и слово **як**. Существительное, использованное вместе словом ***як***, обозначают не только единичность, но и неопределенность. В этом случае, по мнению Н. Маъсуми, происходит слияние художественного и разговорного стилей [7, с.178-179]. В следующем примере артикль ***«–е»*** слово ***як***, употребившись в составе сочетания ***як сӯрохие, кунҷе***, выражают неопределенность:

Чаҳор девор, ***як сӯрохие*** *дар қарибии шифт, камтар хасу хошок дар* ***кунҷе*** *барои хобидан, дигар ҳеҷ…* [6, с.370].

Quatre murs. ***Une petite ouverture*** *sous le plafond. Un tas de paille dans* ***un coin*** [13, с.458].

Вышеуказанные существительные переводчик передал следующим образом: ***як сӯрохие – une petite ouverture, кунље – un coin.*** Во французском переводе использованы неопределенный артикль женского рода ***une*** с существительным ***кунҷе*** (какой–нибудь угол) неопределенный артикль мужского рода ***ун***.

В выражении категории неопределенности существительного слово ***як*** часто употребляется в качестве элемента живого разговорного языка, в частности, в сказках и интересных рассказах. В этом случае он, полностью соответствуя общему содержанию предложения и глагольных наклонений, приобретает устойчивость в составе словосочетания. Следовательно, в подобных случаях нельзя его заменить артиклем «–е», в обратном случае народные словосочетания приобретают особый книжный характер, и его простота, и естественность нейтрализуются [Маъсумӣ , Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик]. Необходимо отметить, что в исследуемом произведении часто употребляется данное грамматическое средство вместе с именами существительного.

Аммо худашон бехабар аз он ки Шамсияро бо ***як*** *одами ношинос, ба як шахсе, ки вай ҳаргиз надидааст ва намешиносад...* [6, с.212].

Mais qui lui préparaient–ils, eux? Ils la donneraient en mariage a ***un*** *étranger qu'elle n'aurait jamais vu* [13, с.270].

Як *рӯз онҳо маро миёнагир карда таъна доданд...* [6, с.250–251].

Un *jour, ses amis vinrent me trouver* [13, с.319].

Неопределенность в таджикском языке выражается также словом **як,** которое во французском переводе заменяется неопределенным артиклем мужского рода ***ун***. Следует отметить, что во французском языке неопределенный артикль мужского рода ***ун*** действует в качестве нумератива ***як***.

...бо кунљи чашми сиёҳаш ба ман ***як*** *нигоҳи гарронае кард, ки дилам ҳатто аз он нигоҳ ҳаросида рафт* [6, с.250].

...elle me jeta ***un*** *coup d'œil en coin d'un air si provoquant, que je me sentis gêné* [13, с.318].

Як *духтари боаќлу ҳуш, донишманд, њунарманд ва соҳибҷамол ...* [6, с.236].

Il me faut ***une*** *jeune fille intelligente, belle et instruite, habile en toutes choses et pleine de sagesse...*[13, с.301].

Анализ фактического материала показал, что неопределенность во французском языке выражается различными неопределенными артиклями: если существительное мужского рода, то употребляется артикль мужского рода и если используется существительное женского рода, то артикль соответствующего рода. Например, в первом примере, если существительное

соединено с неопределенным артиклем мужского рода ***ин***, то во–втором с неопределенным артиклем женского рода ***ине***.

Як *дӯгу ҷазаба карда, халқро мешӯронанду амирро метарсонанд* [6, с.324].

On *fait du bruit, on éveille les passions, on fait peur à l'émir…* [13, с.407].

Фирӯза медонист, ки дар Когон ва дар Зираобод Ҳайдарқулино ким–чӣ тавр ***як ҷамъияте*** *доранд, вале аз корубори он, аз ҷамъ шудан ва маҷлисҳои он бехабар буд* [6, с.467].

Certes, Khaïdarkoul se rendait très souvent à Kagan et à Zirabad où avaient lieu ***certaines*** *réunions* [13, с.559].

Выражения ***як дӯгу ҷазаба*** (напугать как–то) и ***як ҷамъияте*** (одно (какое-то) общество) переведены следующим образом: ***як дӯгу ҷазаба (карда)*** – ***On fait du bruit,*** т.е. неопределенным местоимением **on** и словосочетанием ***faire du bruit*** в третьем лице, единственном числе настоящей времени**;** словосочетание ***як ҷамъияте – certaines*** (несколько).

Таким образом, отрицательные местоимения таджикского языка *ҳеҷ*, его составные формы и слово *як* имеют свои эквиваленты во французском языке.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Гак, В.Г. Теоретическая грамматика французского языка. Учебник / В.Г. Гак. – М.: Добросвет, 2004. – 862 с.
2. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил (дар асоси материали романи «Одамони ҷовид») / Р. Ғаффоров. – Душанбе: – 1966. -С. 104–118.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. Ҷ.2. – 368 с.
4. Джалолов, О.Дж. Категория множественного числа и некоторые вопросы современного таджикского языка / О.Дж. Джалолов.– Сталинабад: Академии наук Таджиской ССР, 1961. – 160 с.
5. Илия, Л.И. Пособие по теоретической грамматике французского языка / Л.И. Илия. – М., 1979. – 359 с.
6. Ҷ.Икромӣ, Духтари оташ: Роман. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 528 с.
7. Н.Маъсумӣ, Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. – Сталинобод, 1959. –294 с.
8. Рустамов, Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 156 с.
9. Рустамов, Ш. Имя существительное (на таджикском языке) / Ш. Рустамов. –Душанбе: Дониш, 1980. –220 с.
10. Халилов, А. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии тоҷик / А. Халилов. - Душанбе, 1964. - 93 с.
11. Damourette J. De mot à la pansée. Essai de grammaire de la langue française / J.Damourette, E.Pinchon. –P., 1951. – T.1. -468 p.
12. Dubois J. Grammaire structurale du français. Nom et pronom / J. Dubois. – Paris Librairie Larousse 1965. – 500 p.
13. Ikrami, Dj. La fille du feu.(roman traduit du russe par Antoinette Mazzi) Editions du Progrès. –Moscou, 1966. – 612 p.

ҶОНИШИНҲОИ ИНКОРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РОҲҲОИ ИСТИФОДАИ ОНҲО ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи ҷонишинҳои инкории забони тоҷикӣ ва роҳҳои истифодаи онҳо дар забони фаронсавӣ меравад. Дар ҳамаи забонҳои дунё, аз ҷумла ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони фаронсавӣ ҷонишинҳои инкорӣ инкори умумиро ифода мекунанд. Чунонки муаллиф қайд мекунад, дар забони тоҷикӣ шаклҳои таркибии ҷонишинҳои инкорӣ аз ҷонишини *ҳеҷ*, калимаҳои саволӣ ва калимаи *як* ё исм: ҳеҷ кӣ (никто), ҳеҷ чӣ (ничто), ҳеҷ кас (никто), ҳеҷ чиз (ничто), ҳеҷ гуна (никак), ҳеҷ кадом (ни один), ҳеҷ як (ни один) сохта мешаванд. Дар асоси мисолҳои аз романи «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ овардааш муаллиф нишон медиҳад, ки масалан бо ёрии ҷонишини инкории *ҳеҷ* ва шаклҳои таркибии он, ҷумлаи хабарӣ дар шакли инкорӣ ифода меёбад. Дар забони фаронсавӣ ин инкор асосан бо ёрии ҷонишинҳои инкории *personne, ne … rien, jamais, aucune* ифода меёбад. Қайд кардан лозим аст, ки дар ифодаи категорияи номуайянӣ, калимаи исмии *як* бештар дар нутқи гуфтугуӣ, афсонаҳо ва ҳикояҳои ҷолиб мавриди истифода қарор мегирад. Таҳлилҳои дар асоси мисолҳо овардашуда нишон медиҳанд, ки номуайянӣ дар забони фаронсавӣ бо артиклҳои гуногун ифода меёбад: агар исм ҷинси мардона бошад артикли ҷинси мардона ва агар занона бошад, артикли ҷинси занона истифода мешавад.

Калид вожаҳо: ҷонишини инкорӣ, забони тоҷикӣ, забони фаронсавӣ, шаклҳои таркибӣ, исм, забон, ҷумла.

ОТРИЦАТЕЛЬНЫЕ МЕСТОИМЕНИЯ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА И СПОСОБЫ ИХ ПЕРЕДАЧИ НА ФРАНЦУЗСКИЙ ЯЗЫК

В данной статье речь идёт об отрицательных местоимениях таджикского языка и способах их передачи на французский язык. Во всех языках мира, в том числе и в таджикском и во французском языках, отрицательные местоимения обозначают общее отрицание. Как отмечает автор, в таджикском языке составные формы отрицательных местоимений формируются из местоимение *ҳеҷ* (ничто), вопросительных местоимений и слова як (один) или существительного: ҳеҷ кӣ (никто), ҳеҷ чӣ (ничто), ҳеҷ кас (никто), ҳеҷ чиз (ничто), ҳеҷ гуна (никак), ҳеҷ кадом (ни один), њељ як (ни один). На основе приведенных примеров из романа Дж. Икрами «Дочь огня» автор показывает, что с помощью отрицательного местоимения, например, *ҳеҷ* и его составные формы, сказуемое предложения формируется в отрицательной форме. На французский язык это отрицание обозначается в основном отрицательными местоимениями *personne, ne … rien, jamais, aucune*. Следует отметить, в выражении категории неопределенности существительного слово *як* часто употребляется в качестве элемента живого разговорного языка, в частности, в сказках и интересных рассказах. Анализ приведённых примеров показывает, что неопределенность во французском языке выражается различными неопределенными артиклями: если существительное мужского рода, то употребляется артикль мужского рода и если используется существительное женского рода, то артикль соответствующего рода.

Ключевые слова: отрицательное местоимение, таджикский язык, французский язык, составные формы, существительный, язык, предложение.

NEGATIVE PRONOUNS OF THE TAJIK LANGUAGE AND THEIR EQUIVALENTS IN FRENCH

This article deals with the negative pronouns of the Tajik language and their equivalents in French. In all languages of the world, including Tajik and French, negative pronouns denote a common denial. As the author notes, in the Tajik language the compound forms of negative pronouns are formed from the pronoun њељ (nothing), interrogative pronouns and the word yak (one) or noun: ҳеҷ кӣ (none), ҳеҷ чӣ (nothing), ҳеҷ кас (none), ҳеҷ чиз (nothing), ҳеҷ гуна (any way), ҳеҷ кадом (none), ҳеҷ як (none). On the basis of the examples given in J. Ikrami's novel The Daughter of Fire, the author shows that with the help of a negative pronoun, for example, њељ and its compound forms, the predicate of the sentence is formed in a negative form. In French, these denials are denoted mainly by negative pronouns personne, ne ... rien, jamais, aucune. It should be noted that in the expression of the category of indeterminacy of the noun the word yak is often used as an element of spoken language, in particular, in fairy tales and interesting stories. An analysis of the examples cited shows that the uncertainty in the French language is expressed by various indefinite articles: if a noun is a masculine gender, then the article of the masculine gender is used and if a feminine noun is used, then the article of the corresponding kind.

Key words: negative pronoun, Tajik language, French, compound forms, noun, language, sentence.

Сведения об авторе: ***Назарова Мунира Ортукалиевна*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры европейских исследований факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-409-46-15**

Information about the author: ***Nazarova Munira Ortuqalievna*** – Tajik National University, the assistant of the Department of European studies, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: **(+992) 93-409-46-15**

УДК: 42-3:891.550-1

РОҲҲОИ ИФОДАИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ҲИКОЯГӢ ДАР «ЁДДОШТҲО» И С.АЙНӢ ВА УСУЛИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Қулматова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ феъл яке аз ҳиссаҳои муҳимтарини нутқ маҳсуб гардида, оид ба категорияҳои грамматикии он: сиға, шахсу шумора ва замонҳои феъли забони тоҷикӣ асару мақолаҳои олимон Розенфелд А.З. (Феъл), Расторгуева В.С, Керимова А. (Системаи феъли забони тоҷикӣ), Маъсумӣ Н.(Феъл), Ҷамшедов П. (Масъалаҳои омӯзиши муқоисавии феъл) ва дигарон ба табъ расида, паҳлуҳои гуногуни он таҳқиқ гардидааст.

«Асосгузори грамматикаи илмии забони англисӣ Ҳенрри Суит шакли замони гузаштаро (претерит: I called, I saw), ба шакли замони ҳозира (I call, I see) муқобил гузошта, шакли замони ояндаро (I will see) нишон дода, онҳоро замонҳои содаи феъл номидааст. Дар баробари ин, вай замонҳои мураккабро ҷудо менамояд, ки онҳо шаклҳои перфектии феъл буда, қобилияти амалро нисбат ба замонҳои ҳозира, гузашта ва оянда ифода менамоянд. Дар навбати худ ӯ ин шаклҳоро ба замонҳои асосӣ (**primary)** ва дуюмдараҷа (**secondary)** тақсим менамояд. Замонҳои содаро асосӣ ва перфектиро дуюмдараҷа меҳисобад. Ба назари ӯ, ин замонҳо амали комил (**complete**: the clock has just struck twelve) ва нопурраро (**incomplete**: I have lived here a good many years) ифода карда метавонанд. Пурра ё нопуррагии амал нисбат ба замонҳои асосӣ муайян карда мешавад» [11, с.93]. Ин хусусияти феъли забони англисӣ буда, дар забони тоҷикӣ замони феълро ба дараҷаҳо ҷудо намекунанд. Инчунин, дар забони тоҷикӣ замонҳоро аз ҷиҳати сохт ба содаю мураккаб тасниф намекунанд.

Категорияи замон дар феъл мавқеи махсус дошта, барои равшан баён кардани матлаб кумак мерасонад. Муҳаққиқ А.З. Розенфелд дар асараш оид ба категорияи замон чунин навиштааст: «Ба сабаби муқобил будани асоси замонҳои ҳозира ва гузашта, категорияи замон дар забони тоҷикӣ категорияи грамматикии возеҳ ифодаёфта ба шумор меравад. Аз асоси замони ҳозира шаклҳои содаи замонӣ таркиб меёбанд: замони ҳозира-оянда, сиғаи амрӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ; аз асоси замони гузашта шаклҳои замони гузаштаи феъл ва масдар сохта мешаванд. Қисми зиёди шаклҳои замонии феъл ба таври аналитикӣ, бо ёрии феълҳои гуногуни ёридиҳанда сохта мешаванд. Дар баробари ин, дар нутқи гуфтугӯӣ тамоили аз шакли мураккаби аналитикӣ ба шакли сода табдил ёфтан мушоҳида мешавад» [9, с.6].

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки замонҳои феъл дорои маъноҳои зиёди грамматикию услубӣ буда, ҳар як замони он дорои якчанд шакли замонист. Аз ин рӯ, мо

барои таҳқиқ ифодаи замони гузаштаи ҳикоягиро дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ ва тарҷумаи онро ба забони англисӣ интихоб намудем.

Замони гузаштаи феъл чи дар забони тоҷикӣ ва чи дар забони англисӣ бо роҳу воситаҳои гуногун ифода меёбад.

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» замони гузаштаи ҳикоягӣ чунин маънидод шудааст:

«Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузашта бо иловаи префикси **ме-** ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад.

Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ дорои тобиши зиёди маъноӣ ва грамматикӣ мебошад, ки ҳар яке аз онҳо дар матн вобаста ба равиши сухан равшантар зоҳир мешаванд. Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ амалеро мефаҳмонад, ки дар замони гузашта бардавом воқеъ шудааст, вале натиҷаи он, яъне анҷом ёфтан ё наёфтанаш, маълум нест [2, с.215].

1.Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ амал ё ҳолату вазъияти давомноки муттасил воқеъшударо мефаҳмонад.

Масалан:

Аммо писараш деҳ ба деҳ **мегашт** [13, с.38]. ~ His son **wandered** from village to village [14, с. 59].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **гашт** бо иловаи префикси **ме-** сохта шуда, амалеро мефаҳмонад, ки натиҷааш маълум нест. Дар забони англисӣ бошад, он дар мисоли боло ба воситаи феъли **to wander** дар замони гузашта **wandered** сохта шуда, амали дар замони гузаштаи ҳикоягӣ (The Past Indefinite Tense) иҷрошударо ифода мекунад. Феъли **гаштан** дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ» чунин маънидод шудааст: **to revolve, to rotate, to turn, to walk, to wander** [5, с.195].

Баъд аз баромада рафтани ӯ нафақаи Тӯтапошшоро хешон ва ҳамсоягон **медоданд** [13, с.39]. ~ After he left, Tuta - posho's neighbors and relatives **would provide** for her [14, с. 60].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ бо ёрии феъли **додан** аз асоси замони гузаштаи **дод** бо иловаи префикси **ме-** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ сохта шудааст. Дар забони англисӣ он бо ёрии феъли ёридиҳандаи **will** дар замони гузашта **would** ва феъли **provide** дар замони оянда дар гузашта (Future in the Past) сохта шуда, амали дар замони гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад. Феъли **додан** дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ» чунин зикр ёфтааст: **to give, to give back, to distribute, to hand out.** Дар «Standard English-Tajik diktionary» феъли **provide таъмин кардан, таҳия кардан, омода кардан** тарҷума шудааст [5, с.180].

Дар шабҳои тобистон ҳардуи инҳо дар суфаи худ **мехобиданд** [13, с. 48]. ~ On summer nights the two of them **would sleep** out on their sufas, which were next to each other [14, с.69].

Дар ин ҷумла замони гузаштаи ҳикоягии **мехобиданд** аз асоси замони гузаштаи **хобид** бо иловаи префикси **ме-** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **–анд** сохта шудааст. Дар забони англисӣ тарҷумаи он ба воситаи феъли ёридиҳандаи **will** дар замони гузашта **would** ва феъли **to sleep** дар замони оянда дар гузашта Future in the Past сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Шабҳо аз он ҷо ҳам овози нола ва ғурриш **мебаромад** [13, с.50]. ~ At night a noise of holing and wailing **could be heard coming** from there, too [14, с.70].

Дар мисоли боло замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **баромад** бо иловаи префикси **ме-** сохта шудааст. Дар забони англисӣ бошад, он ба воситаи феъли модалии **can** дар замони гузашта **could,** феъли ёридиҳандаи **to be**, сифати феълии замони гузаштаи **heard** дар тарзи мафъулии феъл ва сифати феълии замони ҳозира **coming** (The Past Indefinite passive voice) сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад. Феъли **баромадан** дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ» чунин маънидод шудааст: **to get out;** [5, с.90]. Феъли **were heard** дар «Standard English-Tajik diktionary» **шунида мешуд** тарҷума шудааст.

Бештарини вақти ман дар **ёбон мегузашт** [13, с.152]. ~ Most of my time **was** now **spent** in the field [14, с.171].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **гузашт** бо иловаи префикси **ме-** сохта шудааст. Дар забони англисӣ бошад, он ба воситаи феъли ёридиҳандаи **to be** дар замони гузашта **was** сифати феълии замони гузаштаи **spent** сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Кам **механдид** ва суханҳои пухтаи ҷиддӣ **мегуфт** [13, с. 161]. ~ He **laughed** little and **measured** his words seriously before speaking [14, с.179].

Дар ҷумлаи зикршуда замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асосҳои замони гузаштаи **хандид, гуфт** бо иловаи префикси **ме-** сохта шудааст. Дар забони англисӣ он бо ёрии феълҳои

дурусти **laugh** дар замони гузашта **laughed** ва **measur** дар замони гузашта **measured** сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Дар забони тоҷикӣ феълҳои сода ва таркибие ҳастанд, ки маънои луғавиашон тобиши давомнокӣ дорад. Онҳо ба шакли гузаштаи ҳикоягӣ омада, маънои давомнокии грамматикӣ пайдо мекунанд. Дар феълҳои сода пешванди шаклсози **ме-** ба феъл, дар феълҳои таркибӣ ба феъли ёвар васл мешавад, дар феъли таркибие, ки ду феъли ёвар дорад, ба феъли охирин васл мешавад. Масалан: **боридан-меборид, навохтан- менавохт, рақсидан –мерақсид, тарошидан –метарошид, хизмат кардан –хизмат мекард, нақл кардан-нақл мекард, тамошо кардан- тамошо мекард, бозӣ карда гаштан- бозӣ карда мегашт** [2, с.216].

Дар як гӯшаи суфа як нақорачӣ, як сурнайчӣ ва ду доирадаст **нишаста менавохтанд** ва доирадастҳо гоҳо бо ҳам ва гоҳо ҳар кадом ба танҳоӣ **ғазалхонӣ мекарданд** [13, с.15] ~ At one corner of the sufa a drummer, a sunray player, and two tambourine players **were seated playing** and the tambourine players **sang** together and in turn [14, с.38].

Дар ин мисол замони гузаштаи ҳикоягӣ аз феъли содаи **навохт** ва таркибии номӣ **ғазалхонӣ кардан** сохта шудааст. Феъли **менавохтанд аз** пешванди шаклсози **ме-**, асоси замони гузаштаи **навохт** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** сохта шудааст ва феъли таркибии номии **ғазалхонӣ мекарданд** аз исми **ғазалхонӣ,** префикси **ме-**, феъли ёвари **кард** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** сохта шуда, ба амале, ки ба замони гузаштаи давомнок далолат мекунад, сохта шудааст. Дар забони англисӣ он ба воситаи **were seated playing** феъли ёридиҳандаи **to be** дар замони гузашта **were**, сифати феълии замони гузаштаи **seated** дар тарзи мафъулии феъл ва сифати феълии замони ҳозира **playing** (The Past Indefinite passive voice) сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Ман ва бачагони дигар дар пеши созандагон ғун шуда, онҳоро **тамошо мекардем** ва нағмаву усулҳояшонро **гӯш медодем** [13, с.15]. ~ I was standing with the other boys in front of the musicians, **watching** and **listening** to them [14, с. 38].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ бо ду феъли таркибии номии **тамошо мекардем, гӯш медодем** ифода ёфтааст. Феъли таркибии номӣ **тамошо мекардем** аз исми маънии **тамошо**, префикси **ме-**, асоси замони гузашта **кард** ва бандаки феълии шахси якуми ҷамъ **–ем** сохта шудааст. Феъли таркибии номии **гӯш медодем** аз исми моддии **гӯш** ва пешванди шаклсози **ме-**, феъли ёвари **додан** ва бандаки феълии шахси якуми ҷамъ **–ем** сохта шуда, амали замони гузаштаи давомнокро ифода мекунад. Тарҷумаи он бо ёрии сифатҳои феълии замони ҳозира **watching, listening** сохта шудааст.

2. Феъли замони гузаштаи ҳикоягӣ давомнокии амали гузаштаро мефаҳмонад, ки чунин тобиши маъноӣ гоҳо аз мазмуни умумии нутқ (матн) маълум мешавад, баъзан бо ёрии калимаву ибораҳои алоҳида таъкид меёбад:

Хоҷагон, хусусан хоҷагони мираконӣ ва ғиждувонӣ, ба дуохонӣ ҳам **машғулӣ мекарданд**: мардум беморон ва девонагонро аз атроф ба хонаҳои онҳо **меоварданд** ва онҳоро ба сари беморони барҷомондаи худ **бурда мехононданд** ва бо ҳамин восита ба он беморон «**шифо**» **мечустанд** [13, с.9]. ~ The Khojas, especially the Mirakonis and Ghijduvonis, also **had a sideline** in prayer healing: the sick and crazed **were brought** from everywhere around to their houses, where they **recited** prayers over them in order **to cure** them [14, с.32].

Дар ин ҷумла амали замони гузашта пайиҳам воқеъ гардидааст. Замони гузаштаи ҳикоягӣ бо феъли таркибии номии **машғулӣ мекарданд,** ки аз исми амали **машғулӣ,** феъли ёвари **кардан**, пешванди шаклсози **ме-** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ **-анд** сохта шудааст. Феъли **меоварданд** аз асоси замони гузаштаи **овард** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ, бо илова кардани префикси **ме-**таркиб ёфтааст. Феъли **бурда мехононданд** аз сифати феълии замони гузаштаи **бурда**, асоси замони гузаштаи **хононд** бо иловаи префикси **ме-** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ –анд таркиб ёфтааст. Феъли таркибии номии «**шифо**» **мечустанд** аз исми **шифо,** феъли ёвари **ҷустан**, пешванди шаклсози **ме-** ва бандаки феълии шахси сеюми ҷамъ**-анд** сохта шуда, амали дар замони гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад. Тарҷумаи он ба воситаи феъли **had a sideline** аз феъли ёридиҳандаи **to have** дар замони гузашта **had,** исми **sideline** ва феъли **were brought** (The Past Indefinite Passive voice) аз феъли ёридиҳандаи **to be** дар замони гузашта **were,** сифати феълии замони гузашта **brought** ва феъли **recited,** аз феъли **recite** дар замони гузашта **recited** ва масдари **to cure** сохта шуда, амали дар замони гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

3.Шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ бо чунин маънои давомнокӣ истеъмол мешавад, ки ин маънӣ дар мавридаш бо шакли замони гузаштаи дур ва гузаштаи дури давомдор низ

ифода меёбад. Ин ҳолат бештар бо феъли **нишастан, истодан** ва баъзан бо феълҳои дигар низ рӯй медиҳад:

Дар рӯйи суфа болои кӯрпача мизбони мо –соҳиби ҳавлӣ, устои косагар чорзону зада **менишаст** [13, с.106]. ~ On a quilt atop the sufa **squatted** our host, the master potter of Ghijduvon [14, с.125].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **нишаст** ва пешванди шаклсози **ме-** таркиб ёфтааст. Тарҷумон онро ба воситаи феъли дурусти **to squat** дар замони гузашта **squatted** тарҷума кардааст, ки амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Қозӣ дар пеши ҳар гурӯҳ аз ҳашарчиён «монда нашавед» гӯён қадаре **меистод** [13, с.75]. ~ The Kadi **stopped** for a moment by each laboring gang of volunteers to call out a word of encouragement, and directed a special “bravo” or “well done, keep it up” [14, с.95].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **истод** ва пешванди шаклсози **ме-** таркиб ёфтааст. Тарҷумон онро ба воситаи феъли дурусти **to stop** дар замони гузашта **stopped** тарҷума кардааст, ки амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Ӯ дар меҳмонхона **менишаст** ва ба касе чизе **намегуфт**, ба рӯйи суфа фақат барои қазои ҳоҷат ва таҳорат **мебаромад** [13, с. 88].

He **used to sit** all day in mehmonhona **without saying** anything to anybody, and would only **emerge to go** to the lavatory or wash [14, с.59].

Дар мисоли боло ибтидо ва интиҳои амал маълум нест, вале амалҳо дар шакли замони гузаштаи давомдор воқеъ шудаанд. Дар мисоли боло замони гузаштаи ҳикоягӣ аз асоси замони гузаштаи **нишаст** бо иловаи префикси **ме**-сохта шудааст. Феъли сохтаи **мебаромад** аз асоси замони гузаштаи **омад**, префикси калимасози **бар-** ва шаклсози **ме-** таркиб ёфтааст. Феъли намегуфт аз префикси инкории на-, асоси замони гузаштаи **гуфт** ва пешванди шаклсози ме-сохта шудааст. Тарҷумон онро ба воситаи феъли **used,** масдари **to sit** ва сифати феълии замони ҳозираи **saying, (намегуфт-without saying)** ба ҷойи ҳиссачаи инкории **not** калимаи инкории **without** тарҷума шудааст, аз феъли **emerge** ва масдари **to go** сохта шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад. Дар забони англисӣ таркиби феълии **used to** барои ифодаи такроршавии амалу ҳолат дар замони гузашта истифода мешавад [12, с. 146].

4.Шакли гузаштаи ҳикоягӣ барои ифодаи тобишҳои маъноии амали воқеъшуда (шарт, хоҳиш, умеду орзу, имконпазирӣ, нобоварӣ) кор фармуда мешавад. Ин гуна тобишҳои маъноӣ вобаста ба мазмуни сухан, оҳанги гуфтор аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Баъзан дар шакли гузаштаи ҳикоягӣ тобиши маъноии замони ҳозира-оянда ё оянда ҳис карда мешавад ва маълум аст, ки барои ифодаи чунин маъниҳо шаклҳои дигари феъл низ хизмат карда метавонанд:

-Ман ҳам мадрасаро агар **тамом мекардам**, аҷаб набуд, ки ягон **чиз мешудам** [13, с. 95]. ~ “If I **had complited** the madrasa, I might well **have amounted** to something” [14, с.114].

Дар ин мисол замони гузаштаи ҳикоягӣ аз феъли таркибии номии **тамом мекардам** аз исми **тамом** ва феъли ёридиҳандаи **кардан**, бандаки феълии шахси якуми танҳо **– ам** ва пешванди шаклсози ме- сохта шудааст. Феъли **мешудам** аз феъли ёридиҳандаи **шуд**, префикси шаклсози **ме-** ва бандаки феълии шахси якуми танҳо –**ам** таркиб ёфтааст. Дар ин ҷумла шакли гузаштаи ҳикоягӣ барои ифодаи тобишҳои маъноии амали воқеъшуда, кор фармуда шудааст. Ин гуна тобишҳои маъноиро вобаста ба мазмуни сухан тарҷумон ба воситаи **had complited,** ки аз феъли ёвари **had** ва сифати феълии замони гузашта **complited** тарҷума карда, амали дар замони гузаштаи мутлақ (**Past Perfect Tense**) иҷрошуда ифода мекунад. Феъли **would have come of me** бо ёрии феълҳои ёридиҳандаи **have** ва сифати феълии замони гузашта **amounted** таркиб ёфта, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад. Аз мисолҳои боло маълум гардид, ки феълҳои мазкур тобиши замони ояндаро ифода мекунанд.

Ҳар қадар ки сарҳои ҷувориро бисёртар **шикаста мегирифтам**, ҷуворипояҳо ҳам ҳамон қадар бисёр шуда козаам ҳам ҳамон қадар **борону шамолногузар мешуд** [13, с.153]. ~ The more heads I **collected**, the more stalks I had to spare, and the more wind- and rain- proof my shelter **became** [14, с.173].

Дар ин мисол замони гузаштаи ҳикоягӣ бо ду феъли таркибӣ –таркибии феълӣ **шикаста мегирифтам** ва таркибии номӣ **шамолногузар мешуд** сохта шудааст. Феъли таркиби феълии **шикаста мегирифтам** -аз сифати феълии **шикаст +а** ва пешванди шаклсози **ме-**, асоси замони гузаштаи **гирифт** ва бандаки феълии шахси якуми танҳо –**ам** сохта шудааст ва феъли таркибии номии **шамолногузар мешуд** аз сифати мураккаби **шамолногузар** ва феъли ёвари шудан бо иловаи префикси **ме** - сохта шуда ба замони

гузаштаи ҳикоягӣ далолат мекунад. Тарҷумаи он бо ёрии феъли **collect** дар замони гузашта **(collected)** ва феъли нодурусти **become** дар замони гузашта **became** тарҷума шуда, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Дар «Ёддоштҳо» - и С.Айнӣ мисолҳоеро мушоҳида кардем, ки маънои шарт ба тариқи инкор омадааст.

Агар ҷасорат **намедошт**, ақли ӯ дар ин ҷо ба вай **фоида намерасонд** ва дар пеши аминҳои худписанд омада ба ман **маслиҳат дода наметавонист** [13, с. 74]. ~ If he **had been** too **shy to speak up**, his intelligence **would have availed** him nothing, and he **wouldn't have been able to advise** me in front of those smug amins [14, с. 94].

Дар мисоли мазкур замони гузаштаи ҳикоягӣ бо **ёрии** феъли **намедошт** аз ҳиссачаи инкории **на-**, пешванди шаклсози **ме-** ва асоси замони гузашта **дошт** таркиб ёфтааст. Феъли таркибии номӣ **фоида намерасонд** аз исми маънии **фоида**, ҳиссачаи инкории **на-**, бо илова кардани префикси **ме-**, асоси замони гузаштаи **расонд** сохта шудааст. Феъли таркибии номӣ **маслиҳат дода наметавонист** аз исми маънии **маслиҳат,** феъли ёвари **дода,** ҳиссачаи инкории **на-**, пешванди шаклсози **ме-** ва асоси замони гузаштаи феъли модалии **тавонист** таркиб ёфтааст. Дар забони англисӣ он бо ёрии феъли **had been shy to speak up** аз феълҳои ёвари **to have** дар замони гузашта **had**, **to be** дар замони гузашта **been,** исми **shy** ва масдари **to speak** сохта шудааст. Феъли **would have availed** аз феълҳои ёридиҳандаи **will** дар замони гузашта **would, have** ва сифати феълии замони гузашта **availed** сохта шудааст. Феъли **wouldn't have been able to advise** аз феъли ёридиҳандаи **will** дар замони гузашта **would,** ҳиссачаи инкории **not**, феълҳои ёридиҳандаи **have, to be** дар замони гузашта **been,** феъли модалии **able to** ва феъли **advise** таркиб ёфта, амали дар гузаштаи ҳикоягӣ иҷрошударо ифода мекунад.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Устод С. Айнӣ, ки донандаи хуби забони тоҷикӣ буд, дар офаридани образ, тасвири табиат, замони гузаштаи ҳикоягиро бо ёрии феъли мустақил ва феъли таркибии номӣ хеле хуб ифода намудааст.

2. Категорияи замон дар забонҳои муқоисашаванда категорияи аниқ ифодашуда мебошад. Бисёр шаклҳои замонии феъл бо роҳи аналитикӣ сохта мешаванд, яъне бо ёрии феълҳои ёридиҳанда.

3. Тарҷумон кӯшидааст, ки ҳангоми тарҷума матни асосии матлабро дар **шаклҳои замонӣ нишон диҳад,** аз имконоти воҳидҳои луғавӣ ва грамматикӣ фаровон истифода барад.

4. Дар забони тоҷикӣ замони гузаштаи ҳикоягӣ ба воситаи асосии замони гузаштаи феъл, бо иловаи префикси ме- ва бандакҳои феълӣ сохта мешавад, аммо дар забони англисӣ он танҳо бо ёрии феълҳои ёридиҳанда ва феъл дар замони гузашта сохта мешавад, яъне бе ёрии префиксу бандакҳои феълӣ.

5. Past Continuous Tense бо ёрии феъли ёридиҳандаи **to be** дар замони гузашта **(was, were)** ва сифати феълии замони ҳозира (**Present Participle**) сохта мешавад. I was (were) working.

6. Хулоса, шакли замони гузаштаи ҳикоягии забони тоҷикӣ бо шаклҳои замонии зерини забони англисӣ тарҷума шудаанд 1) **Past Continuous Tense** 2) **Past Indefinite tense**, 3)Present Indefinite Tense 4) **Past Perfect Tense**, 5)**Future In the Past**, 6)**Past Indefinite Passive voice**, 7)**Future Perfect in the Past 8) Past Perfect Continuous Tense.**

А Д А Б И Ё Т

1. Бонк Н.А. Учебник английского языка / Н.А. Бонк, Г.А. Котий, Н.А. Лукянова. - М., 2006. - 305 с.
2. Грамматикаи забони ҳозираи адабии тоҷик. Қ.І. Фонетика ва морфология. Душанбе: Дониш, 1985. - 355 с.
3. Ҷамшедов П. Проблемы глагольной типологии / П.Ҷамшедов. - Душанбе, 1984.
4. Ҷамшедов П.Фарҳанги тоҷикӣ ба англис / П.Ҷамшедов. - Душанбе, 2008.
5. Качалова К.Н. Практическая грамматика / К.Н. Качалова, Е.Е. Израилевич. – М.,2006.
6. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе, 2007.
7. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. - Сталинобод, 1959.
8. Расторгуева В.С. Система таджикского глагола / В.С. Расторгуева, А.А. Керимова. - М., 1964.
9. Розенфильд А.З. Глагол / А.З. Розенфильд. - Сталинобод, 1954.
10. Рустамов Ш. Забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов, Р.Ғаффоров. - Душанбе,1985. – Қ.1.
11. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англиси / К. Усмонов. - Душанбе, Худжанд: Нури марифат, 2010. - 236 с.
12. Шаҳобова М.Б. Забони англисӣ / М.Б. Шаҳобова. - Душанбе, 1982.
13. С.Айнӣ. Ёддоштҳо. - Душанбе, 1990. - Ҷ.1.
14. John R. Perry and Rachel Lehr. The sands of Oxus / R.John. -Mazda Publishers, 1998.

РОҲҲОИ ИФОДАИ ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ҲИКОЯГИ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ ВА УСУЛИ ИФОДАИ ОН ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар забони англисӣ андешаҳои олимон нисбати категорияи ҳолат гуногунанд. Дар ин мавзӯъ бисёри олимон кор кардаанд, ба монанди И.Смирнитский, М.А.Ганшина, Л.С.Бархударов, Д.А.Штейлинг, Б.А. Илиш ва дигарон. Ҳамаи онҳо дар бораи категорияи ҳолат фикру ақидаҳои худро доранд. Баъзеи онҳо дар забони англисӣ ду категорияи ҳолатро дармеёбанд ва баъзеашон чор категорияро. Масалан, олими англис Г.О.Керм чор намуди категорияи ҳолатро дарёфтааст, А.К.Корсаков бошад дар диссертатсияи доктории худ ду намуди ҳолат, яъне статикӣ ва динамикиро дарёфт намудааст, аммо И.Смирнитский, чи тавре ки дар боло зикр карда шуд, шаклҳоиContinuous ва Non-Continuous – ро ҷудо намудааст, ки дар бораи онҳо мо каме дар боло маълумот додем.

Феълҳои забони англисӣ дар навбати худ ба чор шакл ҷудо шудаанд – одӣ, давомдор, мутлақ ва мутлақи давомдор, ки баъзеи олимон онҳоро ба категорияи ҳолат ва баъзеашон ба категорияи замон мутаносиб кардаанд.

Ҳолати мутлақ амалеро ифода менамояд, ки он дар гузашта воқеъ гардида, бо вақти баъдтар (одатан бо ҳозира) пайваст мебошад. Ҳолати мутлақ бо ёрии феълҳои has, have, ё had ва past participle сохта мешавад. Ду шакли ҳолати мутлақба назар мерасад:

1. PerfectAspect, PresentTense – Ҳолатимутлақ, замониҳозира

History has remembered the kings and warriors, because they destroyed; art has remembered the people, because they created. Таърих шоҳон ва ҷанговаронро дар хотир дорад, чунки онҳо хароб карданд; санъат мардумро дар хотир дорад, чунки онҳо офариданд.

2.Perfect Aspect, Past Tense – Ҳолатимутлақ, замонигузашта

"At fifteen life had taught me undeniably that surrender, in its place, was as honorable as resistance, especially if one had no choice."

Ҳолати давомдор одатан омалеро ифода мекунад, ки дар ягон муддати маҳдуди вақт рух медиҳад. Ҳолати давомнок ба воситаи феъли tobe ва суффикси -ing сохта мешавад. Ҳолати давомдор низ ду намуд мешавад:

1. Progressive Aspect, Present Tense – Ҳолатидавомдор, замони ҳозира

"I don't know the key to success, but the key to failure is trying to please everybody."

2. Progressive Aspect, Past Tense – Ҳолати давомдор, замони гузашта

"I was reading the dictionary. I thought it was a poem about everything."

Ҳолати давомдори мутлақ маънои мутлақ ва давомнокро дар худ дорад ва умуман хеле кам вохӯрда мешавад. Ҳолати давомдори мутлақ амал ё ҳолатеро, ки дар ягон лаҳзаи маҳдуди гузашта воқеъ шудаву камее дар гузариш будааст, ифода менамояд.

1. I had been studying (the past perfect progressive tense)

2. Tony and Anne have been cleaning. (the present perfect progressive tense)

3. You will have been writing (the future perfect progressive tense)

Дар вақти тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, ҳолати давомдор ба ҳолати номукаммал рост меояд. Аммо гуфтан номумкин аст, ки ҳолати номукаммали забони тоҷикӣ ҳамеша ба ҳолати давомдори забони англисӣ мувофиқат мекунад.

Роҷеъ ба таносуби умумӣ ва ҳолати мутлақ, ки дар ин дарҳол далеле ба чашм мерасад, ки амали такроршаванда одатан дар забон бо ҳолати одӣ нишон дода мешавад. Дар забони тоҷикӣ бошад бо ҳолати бавуқуъомада ифода ёфта наметавонад, барои ҳамин вай тариқи ҳолати номукаммал ифода меёбад.

Дар забони англисӣ дар ҳолати умумӣ нақши муҳимро худи иҷрошавии амал мебозад, на лаҳзаи иҷроишаш. Лаҳзаи такроршавӣ дар чунин мавридҳо, лаҳзаи мукаммали иҷроишашро пок мекунад. Аз ин ҷо, чунин ҷумла ба монанди **The sunrises in the East– офтоб дар шарқ тулӯъ мекунад**, ки дар он сухан дар бораи амали одатан такроршаванда меравад ва дар забони англисӣ ҳолати умумиро дарҷ мекунад, дар забони тоҷикӣ тариқи ҳолати бавуқӯъомада тарҷума карда намешавад.

Мазмуни умумии ҳолати давомдор ва умумӣ, истифодабарии онҳоро муайян мекунад. Дуруст маънидод кардани мазмуни ҳолати давомдор ба мо кӯмак мекунад фаҳмем, ки барои чӣ чунин феълҳо ба монанди see (дидан), feel (ҳис кардан), hear (шунидан) ва монанди инҳо, бо чунин шакл гоҳ-гоҳ истифода мешаванд, ҳатто бо нишон додани амали муайян. Масалан: I see a lamp – ман чароғро мебинам. Гап дар он аст, ки дар ҷумлаҳои ба монанди I see him – ман ӯро мебинам, I he a ranoice – ман ғавғоро мешунавам, дар ин ҷо худи феълҳои see ва hear дуюмдараҷа мебошанд, яъне таваҷҷуҳи асосиро раванди объект нишон медиҳад. Дар ин ҳолатҳо на азхудкунии раванд, балки чӣ дида мешавад ё шунида мешавад, муҳим аст. Яъне дар чунин мавридҳо дуршавӣ аз раванди конкретӣ рух медиҳад ва ҳама диққат ба объекти он дода мешавад. Бо вуҷуди ин чунин феълҳо низ метавонанд дар ҳолати давомдор истифода бурда шаванд. Истифодашавии ин феълҳо дар ҳолати давомдор шиддатнокии раванд ва муҳиммияти онро таъкид мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо дар мазмуни феъл лағжиши луғавии муайян дида мешавад ва чунин феълҳо дар ҳолати давомдор раванди дигарро мефаҳмонад. Масалан: Iamhearing – манн мешунавам мазмунан ба I am listening – ман гӯш мекунам наздик аст. Чунин фарқияти грамматикии категорияи ҳолат ба фарқияти луғавӣ бурда мерасонад.

Воқеаҳои истифодабарии ҳолати давомдор бо зарфҳои ба монанди always– ҳамеша, барои ифода намудани амали одӣ ба худ хеле хоссанд. Масалан: he is always writing – Ӯ ҳамеша менависад, she is always grumbling – Ӯ ҳамеша ғур-ғур мекунад. Дар назари аввал чунин ҳолатҳо бемантиқ ба назар мерасанд, зеро ки дар чунин ҳолатҳо ихтилофоти муайян байни мазмуни конкретӣ ба вуҷуд меояд, ки тариқи шакли грамматики ҳолати давомдор ва мазмуни луғавии зарфи always ҳамин дарҷ шудааст. Аммо дар ин ҷо нақши муҳимро лаҳзаи луғавӣ иҷро мекунад.

Ҳамин тариқ, мазмуни асосии ҳолати умумӣ ва давомдор дар забони англисӣ метавонанд дар мавридҳои конкретии ҷудогона тақсим шаванд.

Ҳамин тавр, дар забонҳои муқоисашаванда, ҳолати давомдор мавҷуд аст, ки шакли муайянӣ ва таҳлилӣ дорад, ки амали давомдор дар замони ҳозира, гузашта ва ояндаро ифода менамояд. Дар забони тоҷикӣ дар доираи замони гузашта барои нишон додани амали давомдор ду шакли феъли бар муқобили як шакли забони англисӣ истифода мешавад. Дар доираи замони оянда бошад, холати мазмунии додашуда дар ин ҷо ба матн ё воситаи луғавӣ ифода мешаванд. Аммо дар нутқи гуфтугӯӣ барои ин мақсад шакли махсуси таҳлилӣ истифода мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. – Москва. 1969. – С. 608.
2. Бондарко А.В. Теория морфологических категорий / А.В Бондарко. – Ленинград,1976. – 248 с.
3. Джамшедов, П. Семантика видов в русском, таджикском и английском языках / П. Джамшедов. – Душанбе, 1989. – С. 176.
4. Блох М.Я. Теоретические основы грамматики / М.Я.Блох. – Москва,1999. – 356 с.
5. Иванова, И.П. Система видо-временных форм глагола / И. П.Иванова, В. В. Бурлакова, Г. Г. Почепцов. Теоретическая грамматика современного английского языка. – Москва, 1981. - 285 с.
6. Козлова Л.А. Теоритическая грамматика английского языка / Л.А. Козлова. – Барнаул, 2005. - 249 с.
7. Мирзоев А. Хелҳои алоқаи синтаксиси дар ибораҳо / А.Мирзоев. – Душанбе,1975. – 247 с.
8. СиёевБ. Очеркдойрбатаърихифеълизабони адабии тоҷик / Б.Сиёев. – Душанбе, 1968. – 198 с.
9. Смирницкий А.И. Морфология английского языка / А.И.Смирницкий. – Москва,1959. – 440 с.
10. Хамроалиев, Н. Глагольный вид в современном английском и таджикском языках / Н. Хамроалиев. – Душанбе,1979. – 160 с.
11. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб, Ҷ. II. – Душанбе,1988. – 466 с.
12. Abrahams, P. ThePathofThunder / P. Abrahams. - M.: Higher school publishing house, 1971. – 336 p.
13. Curme, G.O. Some characteristic features of aspect in English / G.O. Curme. JEGP vol. 31, № 2, Illinois, - 1928. – 386 p.

КАТЕГОРИЯИ ҲОЛАТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Аз ҷониби муаллиф дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хосси категорияи ҳолат дар забонҳои муқоисашаванда таҳлил шудааст. Дар ин ҷо миқдори категорияи ҳолат дар забони тоҷикӣ ва забони англисӣ нишон дода шудааст, чунки дар ҳарду забон, махсусан забони англисӣ, фикру ақидаҳои олимон гуногунанд. Баъзеи онҳо дар забони англисӣ ду намуди категорияи ҳолатро ҷудо менамоянд ва баъзеашон чор намуди категорияи ҳолатро. Ҳатто баъзеи олимон дар он ақидаанд, ки категорияи ҳолат ва замон дар забони англисӣ ба як категория таалуқ доранд ва мо дар матни мақола чанде аз ҷумлаҳоро овардем, ки ин аз вуҷуд доштани категорияи ҳолат дар забонҳои муқоисашаванда шаҳодат медиҳад. Дар натиҷаи таҳлилҳои зиёд аз ҷониби олимон онҳо якчанд категорияи ҳолатро дар забони тоҷикӣ ва якчанд категорияи ҳолатро дар забони англисӣ ҷудо намудаанд. Дар мақола инчунин оиди он сухан рафтааст, ки забонҳои мухталиф хусусиятҳои махсуси худро доранд ва ҳангоми муқоисакунӣ ва тарҷумаи онҳо ба забонҳои гуногун, махсусан забони тоҷикӣ, ба мушкилиҳо дучор мешавем, яъне баъзе ҷумлаҳо дар забони англисӣ, ки дар он категория ҳолат дар як замон оварда шудааст, на ҳамеша дар вақти тарҷума ба ҳамон замон рост меояд. Дар забонҳои

тоҷикӣ ва англисӣ, масоили категорияи ҳолат аз ҷониби олимон ва забоншиносон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: ҳолат, давомдор, мутлақ, муқоисакунӣ, зуҳурот, хосият, амал, равand, вусъатдиҳӣ лаҳза, мазмун, таҳлил, мукаммалӣ, махсус, шарҳдиҳӣ, аниқ, забоншинос, фарқият, феъл, пайвастшавӣ, мутлақи давомдор.

КАТЕГОРИЯ ВИДА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автором рассматриваются особенности категории вида и их анализ в сопоставляемых языках. Здесь указано количество видов в таджикском и английском языках, потому что в обоих языках, особенно в английском языке, мнения ученых разнообразны. Некоторые ученые находят в английском языке два вида, а другие ученые четыре вида. Даже есть ученые которые считают, что категория вида и времени в английском языке - это одно и то же, и мы в данной статье привели несколько примеров, доказывающих о существовании категории вида в сопоставляемых языках. В результате многочисленных исследований ученых выделены несколько категорий вида в английском языке и несколько категорий в таджикском. В статье также говорится, что разные языки обладают своими особенностями, в которых во время сопоставления и перевода на другие языки, особенно на таджикский язык, ученые сталкиваются с проблемами, то есть некоторые предложения английского языка котором категория вида переведена одним временем и не всегда она соотносится со временем. В таджикском и английском языках вопрос о категории вида исследуется учеными и языковедами.

Ключевые слова: вид, длительный, совершенный, сравнение, явление, характер, действие, процесс, развитие, момент, содержание, анализ, полнота, специфический, истолкование, конкретный, языковед, отличие, глагол, связывание, совершенно-длительный.

THE CATEGORY OF ASPECT IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In the present article the author has given the peculiarity of category of aspect and their analysis in compared languages. Here is pointed the number of category of aspect in Tajik and English languages, because in both languages, especially in English language, the opinions of scientists are different. Some scientists find two categories of aspect in English language and the other scientists find four categories of aspect. Even there are some scientists who consider that the category of aspect and tense in English language are the same and in the given article we brought some examples, which prove the existence of category of aspect in comparing languages. As a result of excessive researches by scientists, they identified several categories of aspect in English and several categories in Tajik. In the article is also discusses the possession of peculiarities of different languages in which during comparison and translation into other languages, especially into Tajik language have some problems, in other words some sentences in English language in which the category of aspect in it is in one tense, during the translation does not always correlation by tense with that language. In Tajik and English languages the category of aspect is researching by the scientists and linguists.

Key words: aspect, continuous, perfect, comparison, phenomenon, character, action, process, development, moment, content, analysis, completeness, specific, interpretation, concrete, linguists, distinction, verb, connection, perfect continuous.

Сведения об автора: ***Ниматова М.*** – Таджикский национальный университет, ассистент общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 985-93-60-14**

Information about the author: ***Nimatova M.*** - Tajik National University, assistant of the university-wide department of English. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17.
Tel.: **(+992) 985-93-60-14**

УДК: 491.55:87

АНТРОПОНИМИЯИ АРАБИИ «БАДОЕЪ - УЛ - ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Носирова О.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Номшиносӣ ё ономастика ҳамчун қисми забоншиносӣ мавзӯи баҳс ва омӯзиши худро дорад. Ономастика истилоҳи юнонӣ буда, маънояш илм дар бораи санъати ному номгузорӣ ва таърихи пайдоиши он мебошад. Зери мафҳуми ному номгузорӣ ин илм доираи омӯзиши фарох дошта, қисми ҷудонашавандаи лексикаи забони адабӣ ба шумор меравад.

Антропонимия қисми ономастика буда, номҳои ашхос ва топонимияи номҳои маҳаллу мавзеъҳои аҳолинишинро таҳқиқ менамояд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пажӯҳишҳои вобаста ба номшиносии тоҷик аз тарафи муҳаққиқон сурат гирифтанд. Таҳлилу баррасии антропонимҳои забони тоҷикиро аз рӯйи баромади этимологиашон тадқиқ намудан кори саривақтист. Антропонимияи таркиби луғавии забони тоҷикӣ доираи васеи омӯзиш дошта, аз қабатҳои гуногун иборат мебошад. Бинобар ин, таҳлилу омӯзиши

антропонимҳо ва баромади он дар асоси ин ё он мавод ва ё асари таърихӣ, бавижа «Бадоеъ-ул-вақоеъ», аз қисматҳои муҳим ва асосии илми забоншиносӣ ба шумор меравад. Номҳои одамон, лақабу тахаллусҳо ва баромади таърихии онҳо бо сабабҳои гуногун аз қабилӣ, воқеаву ҳодисаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ робитаи зич дошта, ин вожаҳо боиси инкишофу густариши хазинаи (фонди луғавӣ) ин ё он забон гардидаанд.

Боиси тазаккур аст, ки ки номҳои одамон ва ё антропонимҳоро дар забоншиносӣ **илми ономастика** меомӯзад. «Бо масъалаҳои ном ва номгузорӣ, хосиятҳои калимаҳои ифодакунандаи номҳо, баромади онҳо ва маънидоди илмии онҳо илми махсуси филология–ономастика [юн. **onoma**–**ном** ва **stilistika**–**усул ё санъати номгузорӣ**] машғул аст**. Ономастика** ба қисмҳои таркибии **антропонимика** [юн. antro–одам, onoma-ном], **этнотопонимика** [юн. etnos–халқ topos– мавзеъ, onoma– ном], **топонимика** [topos-маҳал, onoma-ном], **гидронимика** [юн. hidro-об, onoma-ном] ва монанди инҳо ҷудо мешавад» [8, с. 6].

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» яке аз ёдгориҳои қадимтарин ба [исоб меравад. Аз ин рӯ, он на фақат чун сарчашмаи таърихӣ аҳамияти илмӣ дорад, балки ҳамчун намунаи насри таърихии даврони аввали ташаккули забони форсии дарӣ ба шумор меравад. Аз он ҷое, ки дар ин асар номҳои зиёди одамон, ки ҳам ба даврони бостон ва ҳам замони пеш аз таърихи таълифи асар ва ҳам ба даврони таърихи таълифи ин китоби таърихӣ мансубанд зиёд вомехӯранд. Таҳқиқи номвожаҳои асар барои кумак расонидани бисёр масъалаҳои наомӯхта ва ташаккулу густариши таърихии суннати номгузории халқи тоҷик заминаи созгор хоҳад гузошт.

Мо дар ин мақола хостем роҷеъ ба баромади баъзе антропонимияи арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» сухане чанд гӯем.

Ҷараёни ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ ворид гардидани калима ва ибораҳои арабӣ аз асрҳои VII-VIII, яъне пас аз истилои арабҳо ба сарзамини паҳновари Хуросону Мовароунаҳр оғоз шуда, то оғози асри XX давом кард. Боиси тазаккур аст, ки иқтибосоти арабӣ, ки ба забони тоҷикӣ ворид шудаанд, калимаҳоеро дар бар гирифтаанд, ки ҳамаи онҳо дар истеъмоли забони тоҷикӣ тақрибан то ба замони мо омада расидаанд ва то кунун барои баъзе соҳибзабононони мо маъмул ва маълуманд. Чунончи; **айн, мадҳ, давлат фазл, хилофат, халифа, шеър, васл, ишқ, насиб, кошиф, анвар, анвор, ҷурм** ва монанди инҳо.

Номшиносии тоҷик, ки истилоҳи байналхалқиаш ономастика мебошад, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ (1920-1991) пайдо шудааст, ки дар забоншиносии тоҷик ҷойи асосиро ишғол менамояд. Дар гузашта таваҷҷуҳи муҳаққиқону муаррихон ва тазкиранависонро низ ин қисмати масъала ба худ ҷалб карда бошад ҳам, маъникушоӣ ба таври имрӯза дар нигоштаҳои онҳо ҳаллу фасл намегардид. Асосан, маълумоти онҳо дар луғату фарҳангҳо ва осори таърихиву ҷуғрофӣ бо зикри номи маҳал ба анҷом мерасид [2, с. 21].

Тадқиқотҳои ономастикӣ барои муайян намудани роҳҳои муҳоҷират ва маконҳои ҷойгиршавии қаблии мардумон, робитаҳои забонӣ ва фарҳангӣ, вазъу ҳолати қадимаи забонҳо ва таносуби шеваю лаҳҷаҳои онҳо баҳс мекунанд. Топонимия (махсусан гидронимия) баъзан ягона сарчашмае оид ба забон ва мардумони азбайнрафта буда метавонад.

Дар тадқиқотҳои соҳаи ономастика мафҳуми онима дар гардиш аст, ки ҷамъи исмҳои хосро дар бар мегирад. Онима-onima вожаи юнонӣ буда, маъноаш исми хос ё номҳо мебошад. Антропонимика бошад, як соҳаи ономастика маҳсуб меёбад. Бо эътирофи олимони ин соҳа «антропонимика (аз вожаи юнонии «антропос-antropos» - одам, инсон, шахс ва «оним» - ном) як қисми таркибии ономастика буда, номҳои шахс, насаб ва лақабу тахаллуси инсонро меомӯзад» [7, с. 33]. Таърихи ташаккулёбии антропонимика ҳамчун як қисми ономастика ба солҳои 60-70-уми асри XX рост меояд. Аз тадқиқоти ин солҳо маълум мегардад, ки дар онҳо мафҳуми ономастика ҷанбаи ҷомеӣ дошта, дар маҷмӯъ бар ивази истилоҳи антропонимика корбаст мегардид. Имрӯз бошад, антропонимика аз бахшҳои корхӯрдаи ономастика маҳсуб ёфта, дар баробари он, истилоҳи антропонимикаи бадеӣ ё китобӣ низ мавриди истифода қарор дорад, ки номҳои ашхоси дар осори хаттию бадеӣ корбастгаштаро ҳадафи пажӯҳиши хеш қарор медиҳад.

Дар илми забоншиносии тоҷик низ имрӯз ономастика ё номшиносӣ шакл гирифтааст, ки қабл аз ҳама, таъсири муфиди номшиносии шӯравию рус ба ҳисоб меравад. Дар ин бахш хидматҳои чанд тан олимони забоншиноси мо – Р. Х. Додихудоев, А. Л. Хромов, О. Ғ. Ғафуров Ҷ. Алимӣ, О. Фаридаев, О. Маҳмадҷонов, Ш. Неъматов ва дигарон басе бузург аст. Онҳо бо тадқиқотҳои бунёдии хеш тавонистаанд, ки дар ташаккули илми номшиносии тоҷик пояи қавӣ ва ояндасоз гузоранд.

Антропонимшинос О. Ғ. Ғафуров, топонимшиносон А. Л. Хромов, Р. Х. Додихудоев ва Ҷ. Алимӣ дар идомаи тадқиқотҳои олимони шӯравию рус масоили марбути исмҳои хос

(антропоним, топоним ва микротопоним)-ро дар заминаи маводи номҳои ашхоси тоҷик, топониму микротопонимҳои манотиқи ҷудогона (Зарафшон, Бадахшон ва минтақаи Кӯлоб) ба риштаи таҳлил кашида, ҳар яке дар соҳаи хеш ба ҳайси кашшофон эътироф шуданд ва баъдтар як зумра олимони ҷавонро ба тадқиқи масоили мубрами номҳои хос ҷалб намуданд. Ба гурӯҳи дуюму сеюми олимони номшиноси тоҷик зикри номҳои Ш. Ҳайдаров, А. Абдунабиев, Ш. Исмоилов, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, С. Сулаймонов, Н. Офаридаев, Р. Шоев, А. Насриддиншоев, С. Ю. Абодуллоева, Д. Майнусов, Қурбонмамадов, Шералиева С., Давлатов М., Гулаҳмадов Ш. ва дигарон зарур аст. Эшон дар тадқиқотҳои худ бештар ба таҳлили масоили мушаххаси номҳо, дар мадди аввал номҳои китобҳои ҷудогона ва минтақаҳои мухталифи кишварамон диққати махсус додаанд.

Антропонимҳои арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар байни дигар антропонимҳо мавқеи хосро ишғол мекунанд ва ин сабабҳои худро дорад. Профессор Ш. Ҳусейнзода менависад: - «Арабҳо, дар зери шиори дини ислом ба маданияти халқҳои кишвари мо (Эрону Осиёи Миёна) зарбаҳои хеле сахт заданд. Пас аз истило дар Мовароуннаҳр ва Хуросон дин ва оини ислом ва забони арабӣ расмӣ эълон карда шуд. Оҳиста-оҳиста забонҳои суғдӣ, хоразмӣ аз байн рафтанд. Ба ивази алифбои қадими суғдӣ, хоразмӣ алифбои арабӣ расм шуд ва ба ҷойи оташкадаю маъбадхонаҳо масҷид ва мадрасаҳо сохта шуданд. Таҳсил ва дониш бештар ба забони арабӣ гардид» [8, с.21]. Ҳамин тариқ, дар ин давра дар баробари антропонимияи тоҷик як зумра исмҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил гардиданд, ки аз рӯйи характерашон динӣ буда, онҳо оҳиста-оҳиста мустаъмал гардиданду ва дар забон чунон ҳазм шуданд, ки ҳатто соҳиби забон барои фаҳмиданашон мушкилӣ мекашид. Умуман, дар таърихи ономастика исмҳои динии исломӣ мақоми хоссаро доранд ва дар ин хусус номшинос А.В. Суперанская менависад, ки «Дар таърихи ономастика номҳои мусулмонӣ, ки тавассути ислом (дар асри VII солшумории мо) дар аксари мамлакатҳои Осиё, Африқо ва қисман дар Аврупо паҳн шудаанд, нақши беандоза калонро бозидаанд. Саҳми онҳо дар ономастикаи рус низ хеле калон аст, зеро номи бисёр мавзеъ ва насабҳои русӣ, ки ба воситаи забони тоторӣ иқтибос карда шудаанд, аз рӯи баромадашон арабӣ мебошанд» [6, с.29] Алалхусус, ҷойгоҳи исмҳои арабӣ дар антропонимияи тоҷик намоён ва феълан ақсоми муайяни онро исмҳои сарчашмаашон арабӣ ташкил мекунанд ва қисми ағлаби онҳо мағз андар мағзи забони тоҷикӣ дохил шудаанд (ба мисли вожаҳои иқтибосии арабӣ) ва кас фикр намекунад, ки ин номҳо баромади арабӣ доранд. Вожаҳои иқтибосӣ дар заминаи забони иқтибосшаванда вожаҳои нав месозанд. Яъне, вожаҳои иқтибосӣ ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосшаванда мувофиқ мегарданд ва чунон дар забон ҳазм мешаванд, ки соҳиби забон иқтибос будани ин гуна вожаҳоро баъзан дарк намекунад.

Антропонимҳои арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро аз рӯйи сохташон ба чор гурӯҳ ҷудо мекунем:

Корбурди антропонимҳои арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар қатори антропонимҳои ба дигар забонҳо тааллуқдошта ҷойи намоёнро ишғол мекунанд, чунки таълифи асари мазкур ба давраи ҷорӣ намудани дини Ислом дар Осиёи Миёна рост меояд ва дорои қиссаю ривоятҳои арабӣ мебошад. Дар баробари дигар қиссаву ривоятҳо шумораи зиёди онҳоро ҳикояҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Инчунин, корбурди исми шахсиятҳои бузурги олами ислом, пайғамбарон, саҳобаҳо ва ғайра дар асар дучор меояд.

Дар байни вожаҳои арабӣ калимаҳое мавҷуданд, ки бештар барои ифодаи номи одамон истеъмол меёбанд. Ин гурӯҳи вожаҳо дар таркиби луғавии забон хеле зиёданд. Масалан, пешванди «**Абд**», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо ва исме, ки дар заминаи сифат сохта шудааст, меояд.

Дар ин мақола мо танҳо ба татқиқи ду антропонимия мепардозем, зеро ин ду антропонимия серистеъмол буда, дар китоб зиёд истифода гардидаанд. Антропонимияе, ки мо ба таҳлили он мепардозем, ин антропонимияи Абдуллоҳ аст.

Абдуллоҳ [Abdullāh]: ин вожа мансуби забони арабӣ буда аз исми Аллоҳ ва пешванди «абд» сохта шудааст. Чуноне ки зикраш рафт, ин вожа бо изофаи пешванди Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар) сохта мешавад. Мисол: Абд-ул-лоҳ. Ин вожа аз нигоҳи сохт мураккаб буда, мансуби забони арабӣ аст, ки аз ду ҷузъ созмон ёфтааст. Префикси «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд. Аллоҳ [Allāh] [الله] – Исми аъзами Аллоҳ аз рӯйи сохт сода буда, ба маънои (Худо, Парвардгор, Офаридгор, Худованд) истифода мешавад. Дар ин ном вожаи «улло» шакли кӯтоҳшудаи вожаи «Аллоҳ» ҳаст [4, с.76]

Вожаи Аллоҳро ташкилшуда аз ду бахш: «ал» (алиф ва лом)+ «Илоҳ» (Худо ё Маъбуд) медонанд. Хешовандҳои вожаи «Аллоҳ» дар забонҳои сомӣ, монанди ибрӣ ва оромӣ мавҷуд аст. Баъзе фарҳангҳо вожаҳои муодили «Аллоҳ»-ро дар забони оромӣ

китоби муқаддас [אֱלָהָא- Ĕlāhā] ва забони суриёнии онро [ܐܰܠܳܗܳܐ ʔAlâhâ يا Ālōho] донистаанд. Бо ба ҳам часпондани «ал» ва «лоҳ» ва ташкили «Аллоҳ» (Худо) мушобеҳ бо ҳамчаспондани «ал» ва «илоҳӣ» «илот» аст.

Илоҳ дар ҷамъ «олиҳо» дар шеърҳои пеш аз исломӣ ба ғайри Худо, ба шахсияти хос пойдор шудааст. Агарчи ин унвон ҳамроҳи «ал» барои масеҳиён ва яктопарастон ба зоҳир маънои Худои якторо медодааст, барои шоирон танҳо маънои «кассе, ки ибодат мешавад»-ро медодааст.

Вожаи «Илоҳ» [אֱלָהָא] шакли густаришёфтаи «ил» ё «ийл» аст, ки дар забонҳои сомӣ роиҷ аст. Забоншиносон ва таърихшиносони араб ба таври муфассал дар бораи реша ва маънои аслии «Илоҳ» ва «Аллоҳ» баён накарда, балки баҳс кардаанд. Забоншиносони Басра иртиботе байни вожаҳои «Илоҳ» ва «Аллоҳ» намебинанд. Ба далели ин ки «Аллоҳ» ё «лоҳ» аз решаи «лаяҳа» аст, ки ҳарфи муаррифгари «ал» бо он часпидааст. Бархеи дигар вожаи «Аллоҳ»-ро вожаи ибрӣ ё суриёнӣ донистаанд, вале ағлаби исми хосси «Аллоҳ» баргирифта аз «ал илоҳ» дар назар гирифтаанд ва сайъ кардаанд, то вожаи «Илоҳ»-ро ба решаи сеҳарфа (салоса) рабт диҳанд. Ҳудуди даҳ сурати иштиқоқ пешниҳод шудаанд, чун:

1. Аз решаи «алаҳа», «сутудан», «ошиқ шудан», вале Замахшарӣ феъли «Илоҳ»-ро аз исми «улуҳа» ба маънои «саргашта шудан» маънидод намудааст.

2. Аз решаи «лаяҳа» аз он ҷо, ки «лаҳо» баландпоя шудан ба пинҳон шудан маъно медиҳад.

3. Аз решаи «лаваҳа» ба маънои «офаридан»

4. Аз решаи «аввал» ва «ил» решаҳое, ки ба аввалият будан далолат мекунанд.

Вожаи «Аллоҳ» дар замони пеш аз Ислом ба хубӣ шинохта шуда, (Барои Худои масеҳиён ва яҳудиён, ба унвони як худои будоӣ) мавриди истифода буд. Инчунин Ӯ яке аз худоёни Макка буд. Ба таври мисол метавон ба вуҷуди «Аллоҳ» ба номи Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб ишора кард [4, с. 76]. Аммо муҳаққиқ Аҳмад Дидот дар китоби худ «Библия дар бораи Муҳаммад чӣ мегӯяд?» менависад, ки «Уламои масеҳӣ дар хусуси «номи Худо» чизе гуфта наметавонанд. Чунки Худо ин ном нест. Падар низ ном нест», балки унвон аст [9, с. 87].

Вожаи "Аллоҳ" [Allāh] яке аз серистеъмолтарин калимот дар байни мусалмонон аст ва бар хилофи дигар вожаҳо аз вижагиҳои хос бархӯрдор аст. Вожаест, ки ҳатто ғайримусалмонҳо онро дар шакли бетағйири "Аллоҳ" [Allāh] мешиносанд ва тавассути он ба миллати Ислом тааллуқ доштани Одамонро фарқ мегузоранд.

Вожаи "Аллоҳ" [Allāh] дар асл "ал-илоҳ" будааст ва ҳамза ба хотири касрат (зиёд) аз истеъмол ҳазф (бартараф) гардидааст. Дар бораи луғати "аллоҳ" чанд назар вуҷуд дорад, аммо мо ин ҷо ба овардани як назар монанди китоб, ки ба маънои мактуб аст [3, с.65].

Пас "Аллоҳ" [Allāh], агарчи гирифта аз "илоҳ" аст, чун дар шакли "илоҳ" истифода шавад, мавҷуде, ки худаш махлуқи дигаре аст ва ё дорои нуқс аст, шоистаи парастиш нахоҳад буд. Пас ҳамин ки гуфта мешавад "ал-илоҳ", яъне он зоте, ки ба гунае аст, ки ӯро бояд парастиш кард ва зоте аст, ки ҷамеи сифоти камолия ва мубарро (покшуда) аз ҳар гуна нуқс [3, с.65].

Дар мавриди артикли "ал" мехостам каме таваққуф кунам. Чунки хатое, ки ин ҷо дар ғалат навиштани вожаи "Аллоҳ" [Allāh] сар задааст, маҳз аз огоҳии хуб надоштан аз ҳамин артикл аст. Инро бояд донист, ки ҳуруфи забони арабӣ ба ду қисм тақсим мешаванд: ҳуруфи шамсӣ ва ҳуруфи қамарӣ, яъне 14 ҳуруфи шамсӣ ва 14 ҳуруфи қамарӣ. Артикли "ал" қабл аз ҳуруфи шамсӣ навишта мешавад, аммо хонда намешавад, вале қабл аз ҳуруфи қамарӣ пурра хонда мешавад. Дар вожаи [ал-илоҳ] "аллоҳ", артикли "ал" қабл аз ҳуруфи қамарӣ, яъне ҳарфи "алиф" омадааст, бинобар ин дар шакли пурраи "ал" хонда мешавад, на "ол". Дар мисоли "Китоб-ул-шифо", ки шакли дурусташ "Китоб-уш-шифо" аст, артикли "ал" қабл аз ҳуруфи шамсӣ аст (ҳарфи "шин" аз ҷумлаи ҳуруфи шамсист), бинобар ин, талаффуз намешавад.

Аллоҳ [Allāh] - он чизе, ки дар адабиёти араб ва луғоти араб омада, чанд ваҷҳе дар бораи асли вожаи «Аллоҳ» [Allāh] аст. Лафзи Аллоҳ [Allāh], ки онро дар форсӣ ба вожаи «Худо» тарҷума мекунанд, исми хос ва ҷомеътарин номҳои Худованд аст. Аллоҳ [Allāh] муштақ аз решаи «лоҳ» ба маънои «таҳйир» ва ё «мутаҳайир» аст, зеро ки ақли инсон дар Зоти Ӯ мутаҳайир аст. Баъзе донишмандон вожаи «Аллоҳ» [Allāh] -ро аз решаи «олиҳ» ба маънои «ибодат» донистаанд ва дар асл «олилоҳ» ба маънои «танҳо маъбуди барҳақ» аст. Аллоҳро дар форсӣ ба маънои «Худо» тарҷума мекунанд, ки дуруст нест, зеро чунонки дар фавқ гуфтем, вожаи «Аллоҳ» исми хос аст. Мисол, касе ки бихоҳад вожаи «Довуд»-ро тарҷума мекунанд, чун он як исм аст. Чун вожаи «Аллоҳ» [Allāh] ба маънои «молик» аст, аммо вожаҳои «Худо» ва ё «Худованд» маънои «молик»-ро намедиҳад [7, с.76]

Аллоҳ [Allāh]: ал+лоҳ= Иллоҳ аст, ки аз вожаҳои ибрии «айлуҳа», «алвуҳо», «айлуо», «ил» ва «ийл» гирифта, ба маънои «Худо» омадааст. Вожаи «Ваҳит» низ аз ин калимот реша гирифтааст, ки ба маънои «осмон», «ситора» ва «Худо» мебошад, ки ба забони акадӣ «Илу» ва дар арабӣ «Аллоҳ» [Allāh] гуфта мешавад.

Ҷолиб аст бидонем, ки вожаҳои «Тангрӣ» ва ё «Тонрӣ» дар забони туркӣ ба маънои Худо аст. Дар асл ин вожаҳо ба маънои «осмон» аст, зеро инсон ҳангоми муноҷот бо Худо даст ба сӯйи осмон дароз мекунад [3, с.76].

Аллоҳ [Allāh] дар «Ғиёс-ул-луғот» ба маънии маъбуди барҳақ ва дар истилоҳ: «илмун лиззотилвоҷибилвуҷуд ва мустаҷмеъу биҷамеъиссифот». Ва дар асли ин ихтилоф аст. Назди Имоми Аъзам раҳматуллоҳи алайҳӣ, бар асли худ аст, зеро ки дар зоти Ӯ таоло тағайюр нест, пас дар лафзи исми зоти Ӯ ҳам тағайюр набояд кард. Ва назди Себавайҳ ду қавл аст: яке он ки асли он «алилоҳа» буд, ҳамзаро ба қоидаи ясил ҳазф карданд ва ломи аввалиро сокин карда, дар ломи дувум идғом карданд, «Аллоҳ» шуд. Ва дигар он ки асли он «илаҳ» буд, ҳамзаро ҳазф карданд хилофи қиёс, пас ивази у алифу лом даровардand, ду лом ҷамъ шуданд, аввалро дар сонӣ идғом карданд, «Аллоҳ» шуд. Ва ҳам назди Себавайҳ асли лафз «Аллоҳ» буда, аз «лайҳ» [билфатҳ], ки ба маънии «пӯшидан» ва дар «парда рафтан» аст, пас дохил карда шуд бар лоҳун алифу ломи зоиди лозимӣ ғайри ивазӣ ва баъдуҳу идғом ҷорӣ шуд ба маҳалли исми илм [2, с. 86].

Номи «Аллоҳ» аввалин номи Худо мебошад.

Дар вожаи [ал-илоҳ] «аллоҳ», артикли «ал» қабл аз ҳуруфи қамарӣ, яъне ҳарфи «алиф» омадааст, бинобар ин дар шакли пурраи «ал» хонда мешавад, на «ол» «Ва ҳазрати махдумӣ, истизҳорӣ, ифтихорӣ *Саййид Шамсуддин Муҳаммадро* муддати мадид буд, ки доияи такбили остони фалакошёни олиҷаноби накобатинтисоб, сайёҳи мизмору-л-ҳақиқа би азиммати-т-таҳқиқ, ғаввоси биҳору-т-тариқати би иъозатиҳи-т-тавфиқ, султонулавлиё, бурҳону-л-аткиё кутбу-л-автод ва-л-ақтоб *Амир Саййид Абдуллоҳ* ал-мулаққаб ба *Амири Араб,* ки дар вилояти Туркистон дар балдаи Саброн таваттун доштанд, мусаммам гардида буд [12, с.175].

Антропоними дигаре, ки дар асар ошкор гардид ин антропонимияи Шамсиддин аст. Шамсиддин мансуби забони арабӣ буда, аз нигоҳи сохт мураккаб аст. Вожаи шамс мансуби забони арабӣ буда, ба маънои «офтоб» меояд, аммо вожаи «дин» бошад мансуби забони арабӣ буда, ба маъноҳои гуногун зикр ёфтааст.

Вожаи «дин» решаи форсии эронӣ дорад ва дар форсии миёна низ «дин» будааст. Дар санскрит, готҳо ва дигар бахшҳои «Авесто» чун вожаи «диъно» омада ва дар котҳо ба маънои мухталифи «кеш», «хасоиси Рӯҳӣ», «ташхиси маънавӣ» ва «виҷдон» ба кор рафтааст. Вожаи «дин» аз вожаи авестоии «доино» реша мегирад. Худи вожаи «доино» корвожаи «до» ба маънои «андешидан» ва «шинохтан» мерасад. Дар Авесто вожаи «доино» ба маънои «дин» ва неруи эзидӣ, бозшиносии нек аз бад гузориш шудааст.

Дин аз вожаи фаронсавии «релиҷиё» [religion] ба маънои «ҷомеаи динӣ» ва вожаи лотинии «релиҷионем» [religionem] [исми religio] ба маънои «эҳтиром ба чизи муқаддас, эҳтиром ба олиҳаҳо» (робитаи байни башар ва олиҳаҳо) реша дар вожаи лотинӣ [religio] дорад, решаҳои аслии он номушаххас ҳастанд. Як эҳтимоли решаёбӣ аз вожаи мушобаҳи [le-ligare], «Lego », «хондан» re «дубора» ва «lego» дар мафҳуми «интихоб кардан», «дубора мурур кардан» ё «бо эҳтиёт андешидан»-ро ба ҳам муртабат месозад. Пажӯҳишгарони муосир решаёбӣ аз [Ligare] «пайванд доштан, робита доштан»-ро эҳтимолан аз решаи пешвандии «re-ligare», яъне «re» «дубора» ва «ligare» «робита доштан» медонанд. Ба ақидаи баъзе забоншиносон решаи вожаи англисии «religion», вожаи лотинии «religio» дар ибтидо танҳо ба маънои «эҳтиром ба Худо ва олиҳаҳо» ба кор мерафт. Аксар забонҳо дорои вожагоне ҳастанд, ки метавон онҳоро «дин» тарҷума кард, вале мумкин аст корбурдҳои мутафовите дошта бошанд. Баъзе забонҳо ҳеҷ вожае барои «дин» надоранд. Масалан, вожаи санскритии «dharma»-ро гоҳе «дин» тарҷума карданд, ки ба маънои шаръ аст. Дар ҷануби Осиёи бостон мутолиаи «шаръ» шомили мафоҳиме монанди «риёзат кашидан барои расидан ба тақво ва анҷоми одобу русуми ташрифоте» буд. Дар забони ибрӣ вожаи дақиқе барои "religion" вуҷуд надорад. Яҳудият байни ҳувиятҳои динӣ, миллӣ, нажодӣ ё қавмӣ тамоизе қоил намешавад. Яке аз мафҳумҳои аслии он «halakha» аст, ки гоҳе «шаръ» тарҷума мешавад, ки роҳнамои анҷоми таклифи динӣ ва этиқодӣ ва аксар ҷанбаҳои зиндагии рӯзмарра мебошад [6, с.87].

«Ва ҳазрати махдумӣ, истизҳорӣ, ифтихорӣ *Саййид Шамсуддин Муҳаммадро* муддати мадид буд, ки доияи такбили остони фалакошёни олиҷаноби накобатинтисоб, сайёҳи мизмору-л-ҳақиқа би азиммати-т-таҳқиқ, ғаввоси биҳору-т-тариқати би иъозатиҳи-т-тавфиқ, султонулавлиё, бурҳону-л-аткиё кутбу-л-автод ва-л-ақтоб *Амир Саййид Абдуллоҳ*

ал-мулаққаб ба *Амири Араб,* ки дар вилояти Туркистон дар балдаи Саброн таваттун доштанд, мусаммам гардида буд [12, с.87].

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯисҳоқи Иброҳим. Ал-маъони Қуръон вал эъроб. с 1342ҳ,1923 м, - 830 с.
2. Давлатов А. Н. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба дар «Қобуснома» / А.Н. Давлатов // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ) 4/3 (203), -Душанбе: Сино, 2016. 36-39 с.
3. Ғиёсуддин М. Ғиёсуллуғот / М. Ғиёсуддин. -Душанбе: Адиб, 1988. - Ҷ.1. - 416 с
4. Ғиёсуддин М. Ғиёсуллуғот. -Душанбе: Адиб, 1988. Ҷ.2. - 416 с.
5. Нуров А. Фарҳанги осори Ҷомӣ / А.Нуров. -Душанбе, 1983. - Ҷ. 1. - 405 с.
6. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А.Нуров. -Душанбе: Маориф, 1990. – 405 с.
7. Суперанская А.В. Общая теория имени Собственного / А.В. Суперанская. - М.: Наука, 1973. - 366 с.
8. Суперанская А. В. Теория и методика ономастических исследований / А.В. Сурперанская и др. Наука, 1986. - 255 с.
9. Хайдаров, Ш. Ономастика ираноязычных народов: [Библиогра-ф. указ. лит. с XVIII в. до 2012] / Ш. Хайдаров. - Худжанд, 2012. – 528 с.
10. Хусейнзода, Ш. Пирунаме: [Поэма о победи]. - Душанбе, 1969. – 439 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ Ҷ. 1. -М., 1969. –951 с.
12. Бартоломе Х. "Altiranisches Worterbuch" / Х. Бартоломе. - М.: Наука, 1977. - 456 с.
13. Зайниддин Махмуди Восифӣ**.** Бадоеъу-л-вакоеъ. - Д.: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. - 734 с.

АНТРОПОНИМИЯИ АРАБИИ «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф моҳият, мазмун ва ташаккули антропонимияҳои арабии “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-ро, ки як бахши ономастика ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлил қарор додааст. Инчунин, дар бораи ономастика худ ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ мулоҳиза ронда шудааст. Муаллиф дар мақола ба таҳлилу баррасии антропонимҳои арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз нигоҳи луғавӣ-маъноӣ пардохта, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ додааст. Инчунин, ӯ антропонимҳои арабии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, густариши онҳоро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ суҳан рондааст. Инчунин, муаллиф қайд кардааст, ки ҷойгоҳи исмҳои арабӣ дар антропонимияи тоҷик намоён ва феълан ақсоми муайяни онро исмҳои сарчашмаашон арабӣ ташкил мекунанд ва қисми ағлаби онҳо мағз андар мағзи забони тоҷикӣ дохил шудаанд (ба мисли вожаҳои иқтибосии арабӣ) ва кас фикр намекунад, ки ин номҳо баромади арабӣ доранд.

Калидвожаҳо: таҳлилу баррасӣ, номҳои одамон, маводи антропонимӣ, Шамсиддин, Абдуллоҳ, таҳлилу тадқиқ.

АРАБСКАЯ АНТРОПОНИМИЯ «БАДАИ –АЛЬ- ВАКАИ» ЗАЙНИДДИНА МАХМУДА ВОСИФИ

В данной статье исследуются сущность, содержание и формирование арабских антропонимов в произведении Зайниддина Махмуда Восифи **«**Бадаи –аль -вакаи», которые являются частью ономастики как самостоятельной части лингвистики. Автор, акцентируя основное внимание на анализе и исследовании арабских антропонимов “Бадаи-аль-вакаи”, со словарно- семантической точки зрения, коммментирует периоды развития данного раздела ономастики от времени его появления по настоящего времени. Кроме того, автором сравниваются различные периоды развития антропонимов” Бадаи-аль-вакаи” с периодами развития языкознания в целом, при этом даётся характеристика этмиологии, построения и семантики антропонимов, с опорой на достоверные научные источники. В том числе автор отмечает, что место арабских имён в таджикской антропонимии значительно и в настоящее время они составляют её определённую часть. Арабские анропонимы вошли в таджикский язык [например, арабские заимствования], но во многих случаях их происхождение становится неизвестным.

Ключевые слова: анализ и исследование, название людей, анропонимический материал, Шамсиддин Абдуллах, языкознание, исследователь.

ARABIAN ANTROPONYMY "BADAI -AL-VAKAI" ZAYNIDDINA MAHMUD VOSIFI

In this article, the essence, content and formation of Arab anthroponyms of the work of Zainiddin Mahmud Vosifi "Badai-al-wakai", which are part of onomastics and onomastics itself as an independent part of linguistics, is examined. The author, emphasizing the main focus of the analysis and research of the Arab anthroponyms "Badai-al-wakai" from a dictionary-semantic point of view, comments on the development periods of this section of onomastics from its appearance to the present. In addition, the author compares the different periods of the development of anthroponyms "Badai-al-wakai" with periods of development of linguistics in general, while characterizing the ethiology, construction and semantics of anthroponyms, with the support of reliable scientific sources. Including the author notes that the place of the Arabic names in the Tajik anthroponomy is significant and at the present time they constitute a certain part of it. Arab anroponims entered the depth of the Tajik language [eg, Arabic borrowings], that in many cases their origin becomes unknown.

Key words: analysis and research, name of people, anropropic material, Shamsiddin Abdullah, linguistics, researcher.

Сведения об автора: ***Носирова Оламби*** **-** Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, аспирант кафедры таджикского языка и методики его преподавания. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул Сафарова 16. E-mail: **nosirova 1986@list.ru.** Тел.: **(+992) 985-15-11-77**

Information about the author: ***Nosirova Olambi*** - Kulyab State University named after A.Rudaki, graduate student of the Tajik language department and methods of teaching. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Safarov Street 16. E-mail: **nosirova 1986@list.ru.** Tel.: **(+992) 985-15-11-77**

УДК: 891.1+008 (575.3)

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ УРДУ ДАР ҚОРАИ ҲИНД

Саидзода В.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳаёти фарҳангии ҳар миллат дар баробари ба эътиқодоту арзишҳои фарҳангии худи он қавм таъсир гузоштам, фарҳангу тамаддуни дигар миллатҳо низ ба он таъсир мегузоранд.

Таъсир ва нақши фаъоли ягон воқеаи адабиёти як мулк ба мулки дигар, бешакку шубҳа, амри воқеист, ки дар таърихи адабиёти мардуми дунё дида мешавад. Барои ҳамин, кушодани ин тавр падидаҳо на фақат қонунианд, балки дар ҳақиқат заруранд.

Урду забонест, ки имрӯз миллионҳо нафар дар кишварҳои гуногун ба он сухан мегӯянду менависанд, аммо бо ин ҳама ҳанӯз решаи асливу манбаъ ва ҳатто чигунагии оғози он ба унвони як забон мавриди баҳсу гуфтугӯи муҳаққиқин аст. Дар бораи пайдоиши он байни олимон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Бештари муҳаққиқин [4] муътақиданд, ки урду аз дарҳам омехтани забонҳои форсӣ, арабӣ, туркӣ ва санскрит ба вуҷуд омадааст, яъне онҳо забони урдуро падидаи баромада аз эъсори исломии шибҳи қора ва натиҷаи таҳаввулоту мавқеияти сиёсӣ ва фарҳангии он даврон медонанд.

Мардуми тоҷик чун дигар халқиятҳо бо ин ё он намунаи адабии халқҳои Ҳиндустон аз замонҳои хеле қадим шиносоиро шурӯъ намуданд ва оқибат дар Тоҷикистон ба илми ҳиндшиносӣ замина фароҳам омад.

Дар аввали ҳазорсолаи мо дар Ҳиндустон бисёр ҳодисаҳое ба миён омаданд, ки баъдтар ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми ин сарзамин таъсири калоне расониданд. Дар сохти сиёсии Ҳиндустон як гардиши куллие ба вуҷуд омад. Аҷнабиён рӯ ба ин сарзамин оварданд. Ҳамроҳи лашкар табақаҳои гуногуни аҳолӣ низ ба ин кишвар ҳиҷрат мекарданд. Ҳамаи ин воқеаву ҳодисаҳо на танҳо ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, балки ба ҷараёни адабӣ, илмӣ, фарҳангӣ таъсири худро боқӣ гузоштанд. Хусусан, дар адабиёт як таҳаввулоти назаррасе ба миён омад. Таъсири адабиёти аҷнабиён (асосан форсӣ-тоҷикӣ) ба адабиёти маҳаллӣ пайваста зиёд мешуд. Аҳли адаб чун дарбориён оҳиста-оҳиста ба забони форсӣ рӯ оварданд, вале ин ҷараён ба монеаҳо дучор шуд. Дар байни мардуми маҳаллӣ ва хориҷиён монеаи забонӣ ба вуҷуд омада буд. Аз ин хотир, барои онҳо забони миёна бояд пайдо мешуд. Ин забон забони ҳиндустонӣ (ҳиндавӣ, рехта, дакҳинӣ, урду) гашт. Ҳанӯз дар давраи пайдоиши ин забон адибони зиёде ба он рӯ оварданд.

Далели ин гурӯҳ ин аст, ки пас аз тулӯи нури Ислом мусалмонон хеле зуд исломро дар беруни ҷазираи Арабистон густариш доданд.

Минтақаи Балуҷистон ва Макрон дар замони ҳукумати Алӣ (а) шомили қаламрави Ислом шудаанд. Водии Синд ё минтақаи ҷанубии Покистони кунунӣ дар замони Уммавиён ба дасти Муҳаммад бинни Қосим, сардори лашкари «Ҳаҷҷоҷи Сақафӣ», тасхир шуд. Дар он замон лашкариёни ӯ бештар эронӣ ва турк буданд. Қабл аз вай низ тиҷори мусалмон, ки бештар эронинажод буданд, вориди шибаҳқора шуда буданд [6, с.67].

Ба ҳар ҳол, Ислом ба унвони дини ҷадид бо болу пари забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ вориди шибаҳқора шуд ва ба зудӣ нуфузи чашмгире ёфт ва тавонист илова бар тасаллути сиёсӣ, бар минтақа фарҳанг ва тамаддуни мардуми бумиро низ таҳти таъсир қарор диҳад.

Пас аз тасарруфи Ҳинд тавассути султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва ҳазимати ҳиндуҳову шикастани бутхонаи Суманот, ҳиндуҳо дар муқобили мусалмонон бисёр заиф шуданд ва ирфону адаби форсӣ-тоҷикиву андешаҳои исломӣ густариш ёфт.

Урафое монанди Алӣ бини Усмони Ҳуҷвирӣ, соҳиби китоби «Кашф ул-маҳҷуб», маъруф ба «Дото Ганҷбахш», Хоҷа Низомиддин Авлиё, Шоҳ Шамси Сабзаворӣ, Лал Алӣ Шаҳбози Қаландар, Мирсаид Алӣ Ҳамадонӣ ва бисёре аз бузургони дигар, ки эронӣ ё эронитабор буданд, дар густариши дини Ислом ва забони форсӣ нақши муҳиммеро ифоъ намуданд [8, с.38].

Сулолаи Темуриҳо дар авҷи нуфуз ва гул-гулшукуфоии худ дар Ҳиндустон мавзеъҳои нав ба нави ин кишварро зери ҳукумати худ медаровардand. Ба ҳамин тарз, дар охири асри XIII ва аввали асри XIV борҳо ба ҷануби мамлакат, яъне ба

Дакҳан ҳамла оварда, феодалҳои маҳаллиро мутеи худ карда, заминҳои онҳоро соҳиб мегаштанд. Агарчи ҳокимияти маҳаллӣ, гузаштагони салтанати Деҳлӣ, зоҳиран ба ҳукумати марказ тобеъ буданд, вале дар дил орзуи истиқлол мепарвариданд. Ин буд, ки дар охири асри XIV аз суст гардидани ҳукумати марказӣ истифода бурда, давлати Баҳманиҳои Гуҷаратро мустақил эълон карданд.

Як қатор омилҳои таърихӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ мусоидат намуданд, ки забони урду аз Шимол дида, маҳз дар Дакҳан (Ҷанубӣ Ҳиндустон) ташаккулу такомули бештаре ёбад. Артиши бисёрҳазорнафараи фотеҳони мусалмон, ки қисми асосии онро мардуми таҳҷоии мавзеъҳои ҳиндунишини Панҷоб ташкил медоданд, инчунин бисёре аз мулозимон, тоҷирон, ҳунармандону донишвароне, ки аз қисми шимол муҳоҷир карда буданд, забони ҳиндавиро фаровон истифода мебурданд.

Забони дакҳинӣ дар Шимоли Ҳиндустон дар асоси лаҳҷаи ҳиндустонӣ (*кҳари болӣ*)‡ ташаккул ёфтааст ва дар султонати Деҳлӣ бо номи «ҳиндавӣ» маъмул буд. Ин забон дар асоси шеваи *кҳари болӣ* пайдо шуда бошад ҳам, ғайр аз ин, дар он баъзе аломатҳои таъсири забонҳои бангару, брачҳ, бунделӣ ва дигар лаҳҷаҳои шимоли Ҳинд дида мешуд. Забони ҳиндавӣ дар ҳукумати Баҳманидҳо, Одилшоҳон ва Қутубшоҳон, ки ба Ҷануб оварда шуда буд, бар хилофи забони шимол, «дакҳинӣ», яъне «*ҷанубӣ*», «*дакҳанӣ*» номида шуд [3, с. 119].

Ҳамин тариқ, забони дакҳинӣ ҳамчун аввалин шакли адабии ҳиндустонӣ (*кҳари болӣ*) дар Ҷануб мавриди истифода қарор гирифт ва дар он минтақа роли забони байналмилалиро бозид. Дар рафти тараққиёти сесадсолаи анъанаҳои адабӣ барои ташаккули забони адабии урду ва ҳиндӣ дар асоси шеваи кхари болӣ ва ё ҳиндустонӣ замина тайёр карда шуд. Адабиёти ба забони дакҳинии классикӣ эҷодшуда боиси пайдо шудани адабиёти ҳиндустонӣ дар Шимол гашт

Бо гузашти рӯзгор мусалмонон касби қудрат карданд ва марзҳои қаламрави худро ба тадриҷ густариш доданд. Дар мақотеи мухталифи замонӣ хонаводаҳои турк, эронӣ ва афғонӣ бар манотиқи мухталифи шибаҳқораи Ҳинд фармонравоӣ карданд.

Бузургтарини инҳо ҳукумати сулолаи Темуриёни Ҳинд аст. Ғайр аз онҳо хонаводаҳои Туғлуқиён - Хилҷӣ ва ғайра низ бар манотиқи мухталифи ин сарзамин фармонравоӣ карданд. Ин фармонравоён забони форсӣ-тоҷикӣ ва фарҳанги мусалмонони Эрону Осиёи Миёнаро вориди шибаҳқора кардаанд. Ба тавре ки забони форсӣ-тоҷикӣ дар ҳудуди 800-сол забони расмии ин сарзамин буд ва дар канори он ҳунарҳои бумӣ низ аз ҳунари эронӣ таъсир гирифт.

Забони фармонравоён ва лашкариён бештар забони туркӣ- чағатоӣ ва форсӣ-тоҷикӣ буданд. Забони арабӣ низ чун забони динии мусалмонон асароте бар забонҳои маҳаллӣ ба ҷо гузошт.

Забони мардуми шибаҳқора дар он даврон санскрит ва ҳиндӣ буд. Бо мурури замон ин чаҳор забон бо ҳам омехта шуд ва аз таркиби онҳо забоне ба вуҷуд омад, ки онро дар солҳои баъд забони ҳиндӣ, ҳиндавӣ ё ҳиндустонӣ мегуфтанд. Баъдҳо исми ин забон урду шуд, чун ин забон бештар дар байни лашкариён ривоҷ ёфта буд.

Муҳаққиқине, ҳаммонанди адабиётшинос, профессор Муҳаммад Боқир бар ин ақида ҳастанд, ки забони урду, дар ҳақиқат, шакли ҷадиди яке аз забонҳои бостонии ориёӣ аст [6, с.15], яъне забони мардуми бумии манотиқи шимолу ғарбии шибаҳқора аз вуруди ориёиҳост, ки баъдҳо бо вожаҳои аз забонҳои ориёӣ, монанди форсӣ ва санскрит, омезиш ёфта, бо мурури замон ба шакли забонҳои панҷобӣ, бҳавалпурӣ ва дигар даромадааст. Ӯ вожаҳои мутародифи ин забонҳоро зикр кардааст. Манотиқи шимолу ғарбии шибаҳқора (Панҷоби кунунӣ) дар китоби «Авасто» бо номи «ҳапта ҳинду» зикр шудааст. Дар «Авасто» омадааст, ки «ҳапта ҳинду» яке аз сарзаминҳои шонздаҳгонаест, ки Аҳуро онро беҳтар офарид ва маънои он сарзамин «ҳафт рӯд» аст, яъне рӯдҳои Ровӣ, Сатлеҷ, Чиноб, Ҷҳелам, Биёс, Синд ва Кобул. Дар он замон минтақаи Панҷоб, дашти Пешовар ва ғарби сарҳади Покистони феълиро «ҳапта ҳинду» меномиданд.

Далели дигаре, ки доктар Муҳаммад Боқир меоварад, ин аст, ки урду дар фарҳангҳои қадими форсӣ бо исми ҳиндӣ ё ҳиндустонӣ наомада аст, балки онро забони аҳли Ҳинд меномиданд, чун решаи забони урду аз ҳиндӣ ҳам қадимтар аст.

Баъзеи дигарро ақида бар он аст, ки урду дар Деҳлӣ ва навоҳии атрофи он реша гирифтааст. Бархе низ аз қабили Ҳофиз Маҳмуд Шеронӣ ва худи Муҳаммад Боқир

‡Кҳари болӣ – шева (диалект), ки дар самти шимолу ғарбии Деҳлӣ ҳамчун забони гуфтугӯӣ паҳн шуда буд. Дар асоси он забонҳои адабии имрӯзаи ҳиндӣ ва урду ташаккул ёфтааст.

Панҷобро сарзамини аслии забони урду медонанд [6, с.17] ва гурӯҳе ҳам Даканро сарзамини пайдоиши он мешуморанд.

Дар фарҳангҳо маънии урду иборат аст аз «*Маҷмӯи сипоҳиён бо тамоми лавозими сипоҳигарӣ, ки ба ҷонибе гусел доранд*». Маҷмӯаи қӯшуну лавозим ва лашкари подшоҳонро, чи дар сафар ва чи дар ҳузур урду мегӯянд ва гоҳе ба «лашкаргоҳ» ва ё ҷамоати бисёр низ урду гуфта мешавад, аммо истилоҳан номи забонест, ки акнун дар Покистону Ҳиндустон ва қисмате аз Банглодеш баъзе кишварҳои дигар ривоҷ дорад. Теъдоди урдузабонон дар ҳоли ҳозир байни ҳудуди 250 то 300 миллион нафар тахмин зада мешавад, аммо бино ба гуфтаи бархе аз муҳаққиқон [7] ҳудуди 600 миллион нафар дар ҷаҳон забони урдуро мефаҳманд.

Аз ҷиҳати корбурди луғот ва ҳатто то ҳадде дар усули сарфу наҳв, урду аз забони форсӣ-тоҷикӣ ва арабӣ таъсир пазируфтааст ва шояд битавон гуфт, ки забони урду дар асари ихтилоти фарҳангии муътақидон ба ду мазҳаб – ҳинду ва ислом ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамлаи мусалмонон аз ҷониби Эрон, аносири увлияи шаклгирии ин забон дар Ҳинд эҷод шуд.

Тамоси доим байни мусалмонону ҳиндувон ва адами ошноии онон ба забони дигар дар забони тахотуби ду миллат муассир воқеъ шуд.

Гуфта мешавад, ки урду вожаест туркӣ ва чун дар лашкари султон эрониён, туркон ва ҳиндувон бо ҳам мезистанд, забони муштараки онон, ки таркибе аз забони ин се қавм буд, бо номи забони «аҳли урду» ё ба ихтисор забони урду хонда шуд. Дар он замон салотини мусалмони Ҳинд бо забони форсӣ, ки забони порсии дарӣ буд, сухан мегуфтанд, вале забони роиҷ миёни мардум ҳамон замон ҳиндӣ буд, ки аз «пракрит» ва он ҳам аз «санскрит» муштақ шуда буд.

Забони форсӣ-тоҷикӣ бо забони роиҷ миёни мардуми Ҳинд даромехта ва аз ин ихтилот «забони урду» падид омад. На танҳо бисёре аз луғоти форсӣ ба забони урду ворид шуд, балки шеър, наср, сабк, нигориш, мусталоҳоту киноёт, дастур ё сарфу наҳв ва бисёре хасоису зароифи забони форсӣ-тоҷикӣ дар урду роҳ ёфт.

Аммо дар байни муҳаққиқин ихтилофи назар вуҷуд дорад, ки урду ба маънои забон аз чӣ замоне ривоҷ гирифт, зеро забони мардуми Ҳиндро ҳиндӣ мегуфтанд ва баъзеи манобеи ин забонро ҳиндавӣ низ номидаанд. Ҳофиз Маҳмуд Шеронӣ ибтидо бар ин ақида буд, ки нахустин бор вожаи урду дар шеъри яке аз шуаро бо номи Шоҳмурод ба кор бурда шудааст. Ин шеър дар як нома навишта шуда, соли нигориши он соли 1203 (ҳ.қ.) аст. Шеъри мазкур ин аст:

Voh urdu kiya hei, yeh hindi zaban hei,
ki jis ka qayil ab sara jahan hei [8, с.67],

ки тарҷумаи он: «*Урду чист?, ин забони ҳиндӣ аст, ки акнун тамоми ҷаҳон онро мешиносанд» аст.* Маҳмуд Шеронӣ баъдан тибқи таҳқиқоте ба ин натиҷа расидааст, ки шеъри Мусҳафӣ қадимтар аз шеъри Шоҳмурод аст. Ӯ Мусҳафиро ба унвони аввалин касе, ки вожаи урдуро ба маънои забон ба кор бурда, муаррифӣ кардааст.

Доктор Муҳаммад Боқир ҳам бар ин ақида аст ва мегӯяд: «Наметавонем шеъри Шоҳмуродро нахустин шеър бидонем, ки вожаи урду ба маънои забон дар он омадааст, чун Ғулом Ҳамадонӣ Мусҳафӣ дар ҳамон замон мезист ва ӯ низ шеъре дорад, ки дар он вожаи урду ба маънои забон ба кор бурда шудааст» [6, с. 28]. Чунончи:

Huda rakhi zaban ham ne suni hi Mir-o Mirzayi,
Kahin kis munh si ham ei Mushafi, urdu hamari hei.

Тарҷума: «*Худо ба саломат нигоҳ дорад, мо забони Мир (Мир Тақӣ Мир) ва Мирзо (Ғолиб)-ро шунидаем, эй Мусҳафӣ, бо чи рӯйе бигӯем, ки урду забони мост».*

Тибқи таҳқиқоти Ҳофиз Маҳмуд Шеронӣ нахустин касе, ки урдуро ба маънои забон дар наср ба кор бурдааст, Муҳаммад Ато Ҳусейнхон Таҳсин аст.

Се маркази бузурги урду дар маҳдудаи Дакан вуҷуд доштааст, ки иборатанд аз Гулқанда – пойтахти сулолаи Қутубшоҳиён, Биҷопур – пойтахти сулолаи Одилшоҳиён ва Аҳмадобод дар Гуҷарат. Бояд донист, забонҳое, ки дар ин се марказ такаллум мешуда, бо якдигар ихтилофоти ҷузъӣ ва лаҳҷавӣ доштаанд.

Ба рағми ин, ки урду забони мустақил аст, аммо ҳузури деринаи забони форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинду Покистон ва даромехтагии он бо забони арабӣ мӯҷиб шуда, ки хешовандӣ ва қаробати худро, чи дар доираи вожагон ва чи дар сохтмони сарфиву наҳвӣ нишон диҳанд.

Аз ҷониби дигар, ҳамин ваҷҳ мумизи худомезаест аз дастовардҳои эътиқодии фикрӣ ва фарҳангии гуногун, ки бо якдигар даромехтаанду аз маҷмӯи онҳо шоқуллаи фикрӣ пояи арзаи ҳаёт ниҳода, ки бо так-таки аҷзои хеш тамойизу тафоруқ дорад. Чӣ

басо, ин аҷзои фарҳангӣ мутааллиқ ба худи он қавм нест, аммо онҷунон дар фарҳанги ҳар кишваре мазҷ шудаанд, ки инфикоки онҳо аз маҷмӯаи ҳаёти фарҳангӣ душвор менамояд ва дарвоқеъ, пас аз даромехтан бо фарҳанги ҳар марзу бум ҳувияти ҷадиде меёбанду дар маҷмӯаву манзумаи фарҳанги миллӣ аз онҳо ёд мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Баранников А.П. Хиндустани (хинди и урду) / А.П.Баранников, П.А. Баранников. – М., 1956. – 504 с.
2. Зограф Г.А. Языки Индии, Пакистана, Цейлона и Непала / Г.А. Зограф. – М., 1960. - 318 с.
3. Зограф Г.А. Вопросы формирования урду / Г.А. Зограф // Ученые записки ИВ АН СССР, Т. XIII. – М., 1958. – С. 113-138.
4. Избранные труды русских индологов-филологов. – М., 1962. – 387 с.
5. Мухаммад Афтаб, Урду забан. – Исламабад, 1980. – 420 с..
6. Муҳаммад Боқир. Урдуи қадим дар Дакан ва Панҷоб. – Лоҳур, 1992. – 336 с.
7. Мухаммад Зейнулабиддин. Айини урду. – Карачи, 1962. – 167 с.
8. Салим Ахтар. Мухтасартарин таърихи адабиёти урду. – Лоҳур, 1989. – 226 с..
9. Ҳасани Қодирӣ. Достони таърихи урду. – Карочӣ, 1966. – 292 с.
10. Ҷамил Ҷолабӣ. Таърихи адабиёти урду. – Лоҳур, 1980 .– 467 с.
11. Шаматов А.Н. Классический дакхини (южный хиндустани XVII в.) / А.Н. Шаматов. - М., 1974. – 245 с.
12. Языки Индии. – М., 1961. – 372 с.

ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЗАБОНИ УРДУ ДАР ҚОРАИ ҲИНД

Омили асосии инкишофи забон ва ҳусни сухан вазъу мақоми ҷомеа ва забон мебошад ва, албатта, мақому мартабаи забонро дар ҷомеа талаботи замон муайян мекунад. Дар мақолаи мазкур пайдоиш ва рушди яке аз забонҳои оилаи ҳиндуориёӣ-забони урду, дар қораи Ҳинд мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифта, муаллиф вожаи урдуро ҳам аз ҷиҳати луғавӣ ва ҳам аз ҷиҳати забонӣ шарҳ дода, кӯшидааст бо далелҳои асосноку илмӣ оид ба вуҷудияти забони мазкур ва мақоми он дар байни дигар забонҳои Ҳиндустон шарҳу тавзеҳ диҳад. Муаллиф, сараввал, оид ба замина фароҳам омадани омӯзиши илми ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон, сипас дар бораи омӯзиши забону адабиёти тоҷикзабони Ҳинд, ки дар замони ҳукмронии форсизабонҳо дар Ҳиндустон яке аз адабиёти ғанию сермаҳсули қораи Ҳиндустон ба шумор мераванд ва имкон медиҳанд, то аз вазъи забон, адабиёт, таърих, фарҳангу маданияти мардуми Ҳинд бохабар бошем, маълумот медиҳад. Қайд карда мешавад, ки Ислом ба унвони дини ҷадид бо болу пари забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ вориди шибаҳқора шуд ва тавонист илова бар тасаллути сиёсӣ, бар минтақа фарҳанг ва тамаддуни мардуми бумиро низ таҳти таъсир қарор диҳад. Ҳамчунин оид ба забони дакҳинӣ ҳамчун аввалин шакли адабии ҳиндустонӣ ва дар ҷануби Ҳиндустон мавриди истифода қарор гирифтан ва дар он минтақа роли забони байналмилалиро бозидани он сухан рафта, дар рафти тараққиёти анъанаҳои адабӣ барои ташаккули забони адабии урду замина тайёр карда шуданд ва адабиёти ба забони дакҳинии классикӣ эҷодшуда, боиси пайдо шудани адабиёти урду дар Шимоли Ҳиндустон аз ҷониби муаллиф шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Калидвожаҳо: Ҳинд, забони урду, ҳиндавӣ, дакҳинӣ, Ислом, Темуриёни Ҳинд, иқтибосот, шеваҳои маҳаллӣ, сарфу наҳв, осори адабӣ, иқтибосоти арабӣ-форсӣ-тоҷикӣ.

СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЯЗЫКА УРДУ НА ИНДИЙСКОМ КОНТИНЕНТЕ

Основным фактором развития языка и красоты речи является статус сообщества и языка, и конечно, статус языка в обществе определяется временем. В данной статье исследуются становление и развитие одного из языков индо-арийской семьи – язык урду. Автор дает формулировку слова «урду» как в словарном составе, так и в лингвистическом значении и пытается с помощью научных и обоснованных доводов анализировать существование этого языка и его официальный статус среди других языков Индии. Автор пишет об изучении индийского языка и культуры, о развитии индологии в Таджикистане, затем об изучении персоязычной литературы Индии, которая во время правления таджиков на Индийском континенте являлась одной из богатейших литератур Индии и приводит важные сведения о языке, литературе, истории и культуре Индии. Подчеркивается, что Ислам в качестве новой религии внес огромный вклад в персо-таджикскую литературу политическую ситуацию в империи, культуру и цивилизацию в регионе. Также в статье подчеркивается употребление языка дакхини как первого литературного индийского языка и его выступление в качестве международного языка на юге Индии. Автор анализирует, что в процессе развития литературных традиций литература, созданная на классическом дакхини, стали основой для становления литературного языка урду на севере Индии.

Ключевые слова: Индия, язык урду, хинди, язык дакхини, Ислам, Империя Моголов, заимствования, местные диалекты, грамматика, литературные памятники, персо-арабские заимствования.

APPEARANCE AND DEVELOPMENT LANGUAGE URDU IN INDIAN CONTINENT

The main factor in the development of language and the beauty of speech is the status of the community and the language, and of course, the status of the language in society is determined by time. This article explores the formation and development of one of the languages of the Indian family - the Urdu language. The author gives the wording of the word Urdu both in the vocabulary and in the linguistic meaning and tries with scientific and reasonable arguments to analyze the existence of this language and its official status among other languages of India. The author initially informs about the study of the Indian language and culture, the development of Indology in Tajikistan, then about the study of Persian-language literature of India, which during the rule of the Tajiks in the Indian continent was one of the richest linguistic and cultural literature of India and provide the richest information about the language, literature, history and culture of

India. It is emphasized that Islam as a new religion from Persian-Tajik literature made a great contribution to the political empire, culture and civilization in the region, and also emphasizes the use of the dakhini language as the first literary Indian language and its performance as an international language in southern India. The author analyzes that in the process of the development of literary traditions and literature created in classical Dakhini, the reason for the formation of the literary language Urdu in the North of India became the pretext.
Key words: India, urdu, hindi, dakhini, Islam, Mughal Empire, borrowing, local dialects, grammar, literary monuments, persian-arabic borrowings.

Сведение об авторе: ***Саидзода В.*** – Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры восточной филологии. **Адрес**: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru**. Тел.: **(+992) 939-99-60-65**

Information about the author: ***Saidzoda V.*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Candidate of Philology science, associate Professor, Department of Oriental Philology. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Muhammadieva, 17/6. E-mail: **vays.saidzoda@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 939-99-60-65**

УДК: 491.71-3 (03):491.550

ХАРАКТЕРИСТИКА ВАЛЕНТНОСТИ ГЛАГОЛОВ ОБОНЯНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

(на материале словарей, поэзии и прозы)

Холикова З.К.
Таджикский национальный университет

Валентность глагола продолжает привлекать внимание лингвистов по настоящее время. Глагол, как главный компонент словосочетания и предложения, имеет сложную структуру в таджикском и русском языках. Этим и объясняется его сложные и разнообразные валентностные потенции. Помимо того, что глагол играет решающую роль в организации предложения, от него зависит и дальнейшее распространение смысла предложения. В семантике глагола кроется суть предложения, об этом говорили и будут говорить, ссылаясь на материалы, извлеченные из художественной поэзии, прозы и словарей.

Организующую роль глагола для многих предложений в языках признают большинство языковедов. Согласно мнению исследователя А. М. Мухина, "первостепенная необходимость исследования его валентностей, которые должно проводиться на связанных текстах с привлечением статистических данных" [4, с. 63].

Валентность, как термин в области лингвистики, была введена в советском языкознании. Впервые этот термин был применен С. Д. Кацнельсоном – советским языковедом, который определил валентность как "способность слова определенным образом реализовываться в предложении и вступать в определенные комбинации с другими словами". Его определение далее становится более лаконичным: «валентность – это свойство определенных разрядов слов присоединять к себе другие слова. Каждое полнозначное слово способно сочетаться с какими-либо другими словами, но валентность – это нечто большее, чем способность вступать в синтаксические отношения, то есть, подразумеваемое значением слова или имплицитно содержащееся в нем указание на необходимость восполнения его словами определенных типов в предложении [3, с. 67].

В рамках данной статьи нами сделана попытка рассмотреть сочетаемость глаголов со значением «обоняния» в русском и таджикском языках. Для этого нами учтены грамматическая природа и закономерности русского и таджикского глагола, которые в сравниваемых языках отличаются. Их отличие, в основном, проявляется в категориях наклонения, вида, времени, которые в сравниваемых языках имеют свои характерные особенности. Разнообразна и структура глагола обоих языках. Известно, что русский язык принадлежит по своему грамматическому строю к языкам синтетического типа, исходя из этого, в глагольном словообразовании широко представлены суффиксальные, префиксальные, постфиксальные, префиксально-суффиксальные способы словообразования.

Таджикский глагол характеризуется незначительным количеством простых и первообразных видов. Простых и первообразных глаголов примерно насчитывается около 300. Более того, очень мало развито система образования глагола при помощи суффиксов и приставок. Для выражения всего разнообразия мыслей: действий, состояний, отношений необходимо было образование глаголов при помощи предлогов, существительных,

прилагательных и наречий. Грамматика таджикского языка их называет сложными и составными глаголами (*ќадри касеро донистан/ценить, дӯст доштан/любить, ба мувофиќа расидан/согласовать, гиромї доштан/дорожить, табрик гуфтан/поздравить* и др.).

Ощущение, получаемое органами обоняния, в русском языке обозначается с помощью глагола *нюхать* (в таджикском языке: *бӯ кашидан, бӯйидан)*, *пропахнуть (в тадж. яз.: бӯй кардан*), *благоухать* (в тадж. яз.: *бӯи хӯш додан, хушбӯй будан, атрафшонӣ кардан*). Ядерным среди всех глаголов со значением *обоняния* являются глаголы *нюхать* и *обонять* в русском, а в таджикском – *бӯй кашидан, бӯйидан* др. Итак, глагол *нюхать* обозначает активное целенаправленное восприятие запахов, а глагол *обонять* – результат этого восприятия.

Об особенности употребления глагола «обонять» Л.М. Васильев отмечает следующее: «В определенном контексте функцию глагола «обонять» могут выполнять глагол слухового восприятия «слышать/шунидан» и глаголы с общим значением чувственного восприятия: *чувствовать, чуять, воспринимать, замечать:* Собака хорошо *обоняет* (*«чувствует, чует, воспринимает, замечает»*) запахи. В таких случаях средства восприятия подсказываются объективной синтаксической позицией, так как запахи можно воспринимать (ощущать) только органами обоняния» [1, с. 15].

К сожалению, в Словаре сочетаемости слов русского языка отсутствует информация о сочетаемостных свойствах глагола *обонять* и его синонимах (нюхать, чуять). В Русско-таджикском словаре 1986 г. (далее РТС) этому глаголу соответствуют такие глаголы, как: *бӯй кашидан (кардан), бӯидан, шамидан* [6].

Итак, *обонять* означает «ощущать запах чего-либо; воспринимать обонянием: – Очи видят, уши слышат, *язык вкушает*, нос *обоняет*, осязание распростерто по всей поверхности тела [Радищев, 5]. – Чашмҳо мебинанд, гӯшҳо мешунаванд, *забон мечашад, бинӣ меошомад* – узвҳои ломиса тамоми бадани инсонро рӯйпӯш кардаанд.[§]

Другой пример, – Здешнее общество *имеет свой запах*, а свойство запаха, как вам известно, нельзя объяснить человеку, который никогда его не *обонял* [Салтыков-Щедрин, 5]. Љомеаи имрӯза *бӯйи махсуси худро дорад,* аммо, чи тавре ки маълум аст, хосияти бӯй њамин аст, ки шарњ додани он ба шахсе, ки *онро* њаргиз *набӯидааст*, ѓайриимкон аст.

В переносном значении: «воспринимать приметы, признаки или черты чего-либо»: Несмотря на свою тогдашнюю молодость и неопытность, я во всем этом *обонял* какой-то противный букет взятки... [Лесков, 5]. Аммо ба аз ҳад зиёд ҷавон ва бетаҷриба буданам нигоҳ накарда, дар ҳамаи ин амалҳо *ба димоғам бӯйи бади порахӯрӣ расид*...

При установлении моделей валентности глаголов *обоняния* мы, в основном, руководствовались моделями сочетаемости глаголов, выработанными Дорофеевой [2, с. 17].

Наш фактический материал показывает следующие валентностные модели глагола обонять в русском языке:

Субъект+Гл.: … ***Нос обоняет***

Субъект+Гл.+ Объект:

- **Я** во всем этом ***обонял*** какой-то противный букет взятки.

Обязательный компонент придаточной части в СПП: … а свойство запаха, как вам известно, нельзя объяснить человеку, который никогда ***его не обонял***.

Глагол *нюхат*ь (понюхать) обладает целым рядом синонимизированных производных. Синонимами глагола *нюхать* – «вдыхать носом воздух с целью воспринять, обнаружить, распознать какой-либо запах (запахи)» являются глаголы *чуять* и *обонять*: **Собаки *нюхали* её** долго и основательно…[Грин, 5]. Сагҳо ӯро дурудароз бӯй кашиданд.

Он первый приносил едва распустившиеся фиалки, незабудки, ландыши, радовался на них, давал всем *нюхать* [Бунин]. - Ӯ нахустин шуда, бо хурсандӣ гулҳои навшукуфтаи бунафша, гули барфак ва марзангӯшро оварда, ***ба ҳама бӯй мекашонид***.

Олень пугливо ***нюхает*** воздух [Горбатов, 5]. Оҳу бо ҳарос ҳаворо бӯй мекашид.

Ох, и вино! Такого отродясь пить не доводилось. Крепкое будто да густое, а дух от него: **век бы нюхал**. [Бажов, 5], Оњ, ин май! Чунин майро њељ гоњ нанӯшида будам. Чи ќадар майи зӯр: њозирам, ки як умр **бӯйи ин майро биошомам**.

Старик тщательно рассматривал эти письма и даже *нюхал* их, будто они могли пахнуть тропическими плодами [Паустовский, 5]. Пирамард ин ҳама мактубҳоро дида баромад, ҳатто **онҳоро бӯй мекашид,** гӯй, ки аз онҳо бӯйи меваҳои тропикӣ ба машом мерасид.

[§] Здесь и далее перевод примеров автор статьи.

...лекарская помощница расстегнула у девушки бюстгальтер, давала ей *нюхать* нашатырный спирт [Вересаев, 5]. Ёрдамчии табиб бюсгалтери духтаракро кушода ба ӯ спирти нашатир **бӯёнид**.

Кроме того, обращаю ваше внимание на кокаин, который вы опять *нюхаете* без меры [Пастернак, 5]. Ғайр аз ин таваҷҷӯҳи шуморо ба кокаин равона карданиям, ки **онро** беандоза **мебӯед**.

Прохор *нюхал* табак [Свирский, 5]. Прохор тамокӯ бӯй мекард.

Модели сочетаемости глагола **нюхать** в русском языке:

М.1. Субъект+Гл.+Сущ.в вин.п.+Наречие: + Собаки *нюхали* её долго и основательно.

М. 2. Субъект+Гл.+Сущ.в вин.п.: Прохор *нюхал* табак.

М. 3. Субъект+наречие+Сущ. в вин. п. (очень часто встречается).

В русской разговорной речи часто встречается глагол *обнюхивать,* который имеет значение «нюхать кого-, что-либо со всех сторон», а также глагол *внюхиваться* – «нюхать кого-, что-либо старательно, стремясь определить особенности какого-либо запаха»;

обнюхиваться – «нюхать вокруг себя», например: *Собака обнюхала меня. Я был обнюхан собакой.* Разговорные глаголы *нюхаться, обнюхиваться, снюхиваться* отличаются от данной группы только семой взаимности: *Собаки при встрече обнюхиваются.*

В таджикском языке данное микрополе обозначено глаголами *бӯй кардан, бӯй кашидан, шамидан, ба машом расидан.* Из них глаголы *бӯй кардан, бӯй кашидан* применяются в повседневной обиходной речи, а глаголы *шамидан, ба машом расидан* функционируют только в литературной речи. Например: Шоҳзодаи хурдакак ҳамеша гулҳои нозанинро мебӯйид [7] Перевод: Маленький принц всегда обонял нежные цветы.

В словаре “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (“Словарь таджикского языка», 1969 г.) под словарной статьей “бӯ (й)” приведены все глаголы, прямо или косвенно означающие «нюхать». Слову “бӯ (й)” дается следующий коментарий: “роиҳае, ки аз чизҳо, моддаҳои гуногун ҷудо шуда ба ҳаво паҳн ва ба воситаи димоғ (қувваи шомма эҳсос мешаванд)” [218].

При помощи вспомогательных глаголов гирифтан (бӯ гирифтан), кардан (бӯ кардан), шунидан (*бӯ шунидан* в значении “почувствовать запах”), бурдан (бӯ бурдан) и бӯи чизе аз куҷое омадан образовалась группа глаголов со значением «обоняние». В данном словаре (СТЯ, 1969. с. 218) приведены примеры из классической персидско-таджикской поэзии:

бӯ омадан:

Бӯи *пиёз аз даҳани хубрӯй*
Хубтар ***ояд****, ки гул аз дасти зишт (Саади);*

бӯ гирифтан, аз чизе бӯйидан, бӯй кардан, бӯйро ҳис кардан, бӯйи чизеро ҳис кардан, бӯйи чизеро дарк кардан;

На як шаб аз лаби лаълаш чашида таъми шакар,
На як дам аз сари зулфаш ***гирифта бӯи*** *бухор (Зоҳири Форёбӣ).*

Или:

Имрӯз сабо аз ҷигарам бӯй гирифтаст,
Зинҳор, к-аз он сӯш вазидан нагузоранд (Хусрави Деҳлавӣ).

бӯй кардан, бӯидан:

Ҷон ба дунболаи он бод равад бӯйкунон,
К-ин тараф гаҳ-гаҳе олуда ба бӯят гузарад (Хусрави Деҳлавӣ).

бӯй шунидан в значении *“почувствовать запах, аромат”*:

Ҳарчанд, ки кас надид рӯяш,
Лекин ҳама кас ***шунид бӯяш*** *(Ҳилолӣ).*

Также возможно употребление глагола **бӯй шунидан** в конструкциях типа: бӯи чизеро аз чизе шунидан, бӯи чизеро њис кардан:

Гар машом орӣ ба баҳри жарфи ман,
Бишнавӣ ту бӯи хун аз ҳарфи ман (Аттор).

Или, другой пример:

Зи бод мешунавам бӯйи нофаҳои татор,
Магар кулолаи мушкин зи сар кушуд нигор? (Шоҳин).

бӯи чизе омадан в значении *“признак или знак приближения кого-чего-л.”*:

Вафои худ магар сарфи рақибон кардаӣ, эй гул,
Ки ман ҷустам басе, бӯйи вафо аз ту намеояд (Фузулӣ).

Итак, как показывает материал, основанный на персидско-таджикской поэзии, мы имеем следующие валентные потенции глаголов “обоняние/бӯйидан” в таджикском языке: *Бӯйро њис кардан/почувствовать запах*:

М. 1. Сущ.+ Послелог (Ро)+ Гл.: Бӯйи бадро эҳсос кардан;

М. 2. Предлог (Аз)+ сущ.+ Гл. (бӯйидан): **Бӯй** Аз љануб **меояд**.

М 3. Предлог (Аз) + Мест. (ман, вай, ту) + Сущ. (бӯй)+сущ. Вспомог.гл. (омадан).

Характерной особенностью таджикского глагола заключается в том, что части сложно именных глаголов с компонентом «*бӯй*» (*бӯй кардан, б= гирифтан, бӯй ба машом расидан*) в предложении находятся в разных позициях. они могут находится в начале, посередине и в конце предложения:

Сравним примеры:

Бӯйи бад ба машомам расид/ Я **почувствовал** неприятный **запах**;

Аз куҷое **бӯйи** форам ба димоѓам **омад/**Откуда-то **доносился** приятный **запах**;

Ман он гулро то ба серӣ **бӯй кашидам/**цветок я **понюхал** досыто**.**

Такая разноместность нехарактерна русскому глаголу. Лишь в случаях пояснения или семантизации глагола «нюхать» приводятся сочетания с существительными *запах, аромат, вонь (почувствовал запах, доносился аромат)* и др.

Анализ эмпирического материала показывает, что модель Субъект (подлежащее)+Объект (сущ.или мест.) + РО + Гл. в таджикском языке является частоупотребительной. В русском и таджикском языках наблюдается полное грамматическое соответствие валентности данных глаголов. Так как грамматически переходный глагол «обонять» требует объект в вин.п. без предлога, в таджикском языке обязательным распространителем является объект, выраженный именем существительным, оформленным послелогом – РО, который является прямым доказательством этого соответствия [11, с. 123].

Как в таджикском, так и в русском языках, глаголы обоняния перекрещиваются по семе «запах» с группой глаголов, объединенных значением «издавать запах»: *бӯй доштан* – пахнуть, *бӯйи хуш паҳн кардан* – благоухать*, ба машом задан* – ударять в нос, *бӯйи бад кардан* – вонять и др.

Необходимо отметить, что в сравниваемых языках каждый из глаголов обоняния характеризуется своими оттеночными выражениями по принципу «пахнуть хорошо или плохо»: благоухать/ бӯи хуш додан, хушбӯй будан, атрафшонӣ кардан (книж.); пахнуть/бӯй кардан, бӯй баровардан (прост., нейтр.) вонять\бӯи бад баровардан, бӯй додан, бӯйнок шудан, тааффун кардан (разгов).

Итак, сравнительный анализ показывает, что в русском языке глаголы «обоняние» образуются от других частей речи и оформляются при помощи глагольных окончаний. В таджикском языке глаголы данной лексико-семантической группы, преимущественно оформлены в виде двух и более компонентных составных глаголов. Однако основная смысловая нагрузка обоняния ложится на вспомогательную часть глаголов “обоняние”.

Таджикский исследователь-лингвист Усмонов Дж. утверждает, что «Характерной чертой глаголов обоняния является то, что в отличие от других микрополей глаголов, глаголы ЛСГ обоняния таджикского языка не столь многообразны и вариативны, они не отличаются наличием собственных словообразовательных средств, выступающих источниками обогащения данного микрополя» [10].

На наш взгляд, таджикские и русские глаголы *обоняния* одинаково не столь многообразны и вариативны. Данную мысль можно обосновать через сравнение представленных глаголов в обоих языках:

- в русском: *обонять, нюхать, чуять;*
- в таджикском: *бӯйидан, шамидан, бӯй кашидан.*

Валентностное своеобразие глаголов *обоняние* в русском и таджикском языках, на наш взгляд, связано с построением системы языков, с их функционально-композиционным и стилистическим уровней. Данная проблема – проблема валентности глаголов, представляет собой одно из наиболее перспективных исследовательских направлений языковедческой науки и ее разработка на данный момент требует все новых и новых изысканий.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Васильев Л.М. Семантика русского глагола / Л.М. Васильев. – М.: Высшая школа, 1981. – 174 с.
2. Дорофеева Т.М. Синтаксическая сочетаемость русского глагола / Т.М. Дорофеева. – М., 1986. – С.17.
3. Кацнельон С. Д. К понятию типов валентности / С. Д. Кацнельон. ЛВУЯ, -№3, 1987.
4. Мухин А. М. Валентность и сочетаемость глаголов / А. М. Мухин. В/Я, -№6, 1987.
5. Национальный корпус русского языка (Интернет-ресурс).

6. Русско-таджикский словарь /под ред. М. С. Асимова. – М., 1985. – 1280 с.
7. Садои Шарк, 1985. -№5, -С.21-25.
8. Словарь сочетаемости слов русского языка; под. ред. П.Н. Денисова, В.В. Морковкина. - М.: Русский язык, 1983. – 685 с.
9. Таджикско-русский словарь; под. ред. Д. Саймуддинова. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 790 с.
10. Усмонов Д. К. Семантико-грамматическая характеристика глаголов ощущения в русском и таджикском языках (сопоставительный анализ) / Д. К.Усмонов.
11. Холикова З.К. Прямой объект при глаголах отношения в русском и таджикском языкам (научная статья) / З.К. Холикова // Вестник Таджикского национального университета серия филологические науки. – Душанбе, 2016. – № 4/5. – С. 86-92.

ХУСУСИЯТИ ВАЛЕНТНОКИИ ФЕЪЛҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ “ШОММА” ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

(дар мисоли фарҳангҳо ва асарҳои адабӣ)

Дар мақолаи мазкур хусусияти валентнокии феълҳои ифодакунандаи “шомма” дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли фарҳангҳо ва асарҳои адабӣ) мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Қайд карда мешавад, ки масъалаи валентнокии феъл дар маркази тавҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Чунки воҳиди забоние мебошад, ки захираи фаровон ва мушкилии ҳамнишинӣ дорад. Забоншиносон нақши калидии феълро дар банду басти ҷумлаҳо қоиланд. Дар мақола мафҳуми истилоҳи валентнокӣ ("валентность") мутобиқи фармудаҳои С.Д. Катснелсон изҳор гардидааст. Муҳаққиқ бо ақидаи ин олими шӯравӣ розӣ буда мегӯяд, ки "валентнокӣ – қобилияти вожаҳои алоҳидаи забон мебошад, ки якдигарро ба худ ҷазб мекунанд". Ҳар як вожаи комилмаъно қобилияти бо дигар вожаҳо ҳамнишин буданро дорост, аммо валентнокӣ аз қобилияти муносибати наҳвӣ доштан бештар аст. Минбаъд ба унвони мисол феълҳои шоммаи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба ҳайси далел муқоиса карда мешаванд. Тибқи ақидаи муаллифи мақола, таркиби феълҳои русӣ ва тоҷикии шомма чандон гуногунпаҳлу нестанд, далели он нишонаҳои грамматикии онҳо маҳсуб меёбанд.

Калидвожаҳо: валентнокӣ, феъл, забони русӣ, забони тоҷикӣ, муқоиса, таҳлилу баррасӣ, ҳамнишинӣ, луғот, истифодабарӣ дар забон.

ХАРАКТЕРИСТИКА ВАЛЕНТНОСТИ ГЛАГОЛОВ ОБОНЯНИЯ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

(на материале словарей и художественной прозы)

В статье предлагается характеристика глаголов обоняния в русском и тажжикском языках на материале словарей и художественной прозы. Отмечатся, что особое внимание лингвистов продолжают привлекать вопросы валентности глагола – языковой единицы, обладающей наиболее сложными и разнообразными сочетательными потенциями. Организующую роль глагола для многих предложений в языках признают большинство языковедов. Дается определение термина "валентность", согласно утверждению С.Д. Кацнельсона, который полагает, что "валентность - это свойство определенных разрядов слов присоединять к себе другие слова". Каждое полнозначное слово способно сочетаться с какими-либо другими словами, но валентность – это нечто большее, чем способность вступать в синтаксические отношения". Далее приводятся глаголы обоняния в русском и таджикском языках и показана где затрагивается их валентность в сопоставляемых языках. Согласно мнению автора статьи, таджикские и русские глаголы обоняния одинаково не столь многообразны и вариативны, что и обосновывается конкретными примерами.

Ключевые слова: валентность, глагол, русский язык, таджикский язык, сравнение, анализ, сочетание, обоняние, словари, частотность употребления.

CHARACTERISTICS OF THE VALENTITY OF THE OBJECTS OF THE OBJECTION IN THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

(on the material of dictionaries and artistic prose)

The article describes the characteristics of the smelling verbs in Russian and Tazhik languages on the basis of dictionaries and artistic prose. It is noted that special attention of linguists continues to attract questions of the verb valency - a language unit that has the most complex and diverse combination potentialities. The organizing role of the verb for most of the sentences in languages is recognized by most linguists. The definition of the term "valence" is given according to SD Katznelson's assertion, which states that "valence is the property of certain categories of words to attach other words to themselves." Every full-valued word can be combined with any other words, but valence is more than the ability to enter into syntactic relations. "The following are the verbs of smell in Russian and Tajik languages, where their valence is affected in the languages being compared.In the author's opinion, The Tajik and Russian verbs of olfaction are equally not so diverse and varied and justifies what was said by concrete examples.

Key words: valence, verb, Russian, Tajik, comparison, analysis, combination, smell, dictionaries, frequency of use.

Сведения об авторе: ***Холикова Зухро Кенджаевна*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, докторант кафедры общего языкознания и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **zyhra_2012@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-74-12-01**

Information about the author: ***Kholikova Zukhro Kendzhayevna*** – Tajik National University, doctoral candidate of the Department of General Linguistics and Comparative Typology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **zyhra_2012@mail.ru.** Tel.: **(+992) 935-74-12-01**

УДК: 491.155:491.550-3:2

ҶОЙГОҲИ КАЛИМАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР ҚУРЪОН

Саъдуллоев У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар Қуръон вожаҳои муарраби тоҷикӣ корбурд доранд, ки таҳқиқи этимологӣ, сохт ва ифодаи маъноии онҳо аз аҳамияти илмӣ бархӯрдор мебошад. Муҳаққиқон сабабҳои ворид шудани вожаҳои тоҷикиро ба забони арабӣ бо чандин далелҳо дар таълифоти хеш зикр намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқи эронӣ Ҳидоят Алии Алавӣ ин василаро чунин шарҳ додааст: «Ёдоварии ин нукта лозим аст, ки давлати арабии Ҳира (Ҳайра), ки манбаи тамаддуни араб ба шумор мерафт, ҳамсояи пойтахти силсилаи Сосонӣ ва аз ҷанбаи сиёсӣ тобеи ин силсила будааст ва тамосу иртибот миёни Арабистону Эрон дар даврai билофасл пеш аз ислом бисёр наздик будааст ва мамлакати мутамарказ дар перомуни Ҳира, воқеъ ба рӯйи Фурот, муддатҳои мадид зери нуфузи Эрон қарор дошт ва яке аз қонунҳои фарҳангии эронӣ дар миёни аъроб буд» [14, с.446].

Дар ин мақола ба таври мухтасар оид ба корбурди баъзе аз калимаҳои тоҷикиасл дар Қуръони маҷид сухан меравад. Вожаҳои тоҷикӣ дар давру замонҳои гуногун ба забони арабӣ иқтибос шуда, баъд аз гузашти муддати муайяне аз нав ба забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ пас баргаштаанд. Яке аз сабабҳои асосии тағйири овоз кардани вожаҳои тоҷикӣ иваз шудани фонемаҳои аслии тоҷикии **г, п, ж, ч** ба овозҳои **қ,ҷ,ф,ш** аст. Чунонки забоншинос М. Н. Қосимова зикр мекунад: «Дар осори асрҳои IX-X аз сабаби дар забони арабӣ набудани якчанд фонемаҳои забони тоҷикӣ ё ки дар забони арабӣ душворталаффуз будани як қатор калимаҳои забонҳои эронӣ як гурӯҳ калимаҳои забони тоҷикӣ муарраб шудаанд» [5, с. 85].

Масалан, калимаи тоҷикиасли **<u>аборик</u>** дар Қуръон мавриди корбаст қарор гирифтааст:

Аборик (اباريق**)**

{بِأَكْوَابٍ وَأَبَارِيقَ وَكَأْسٍ مِنْ مَعِينٍ}(الواقعة/**18**).

«Бо қадаҳҳову ибриқҳо ва ҷомҳое аз шаробе, ки дар ҷӯйҳо ҷорист» (Воқеа, 18).

Ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳамчун калимаи арабӣ ба маъниҳои «зарфи ҷунбаку дастадор барои об ё май, кӯзача; офтоба, зарфи майнӯшӣ» тафсир гардидааст [11, с. 464] ва Муҳаммад Ғиёсуддин меафзояд, ки ованди чармини лӯладор, бад-он вузӯъ кунанд ва ин муарраби обрез аст [8, с. 32]. Муарраб будани ин вожа дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ ишора шудааст [12, с. 533]. Дар Қуръон ба маънии зарф барои об нӯшидан корбаст шудааст.

Манбаъҳои дигар ва далелҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки калимаи мазкур аслан арабӣ нест. Масалан, дар «Луғатнома»-и Деҳхудо бо иттико ба сарчашмаҳои хаттӣ ва бахусус фарҳанги арабии «Тоҷ-ул-арӯс» ду шакли форсии ин калима آبری ва آبریز оварда шуда, «ибриқ» чун шакли муарраби он тавзеҳ гардидааст, ки «аборик» (اباريق) шакли ҷамъи арабии он аст. Ҳамчунин бояд зикр кард, ки дар «Луғатнома» ба ҷуз чанд маъние, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оварда шудааст ва ба мафҳуми «зарф» иртибот дорад, боз маъниҳои дигари маҷозии ин калима («Вазне муодили ду ман; шамшери неки тобон; камони дурахшон; зани бисёр соҳибҷамоли тобонбадан») низ бо истинод ба фарҳангу маъхазҳои марбута зикр гардидааст [1, с. 312].

Далели ҷолиби дигар ин аст, ки куҳантарин манбаъ, ки аксари фарҳангҳо ба он такя кардаанд, мисраи маъруфи як рубоии Хайём аст («Ибриқи майи маро шикастӣ…»), ки корбурди ин калима дар осори пеш аз асри XI то ҳол ба назар нарасидааст.

Дар сурате, ки **ибриқ** ҳамчун муарраби **обрез** пазируфта шавад, лозим меояд, то шакли роиҷи ин вожа дар замони иқтибоси он дар забони арабӣ муқаррар карда шавад, зеро имкони ба сурати **ibrīq** даромадани **ābrēz** амалан вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, шаклҳои қадимитари ин вожаро бояд ҷуст, ки аз рӯйи таҳаввули савтӣ ба шакли муарраби он наздиктар бошад. Шакли таҳаввули таърихии ин вожаро метавон ба сурати ***āp-rīka- > *ab-rīka- > *ab-rīk > ibrīq*** барқарор кард, ки калимаи таърихан мураккаб буда, решаи аввали он **āp- (> ap- > ab- > ib-) 'об'** аст. Муқ. шавад: авестоӣ **āpī-** f. 'Wasser' [16, с. 329], авестоӣ **ā/ăp-,** ҳиндии қад. **ápa-, ap-** [11, Ҷ. 1, с. 432]. Решаи дувуми ин вожа ***rīk- (> rīq)*** аст; муқ. шавад: авестоӣ **raēk- 'linquere'** [16, с. 1479];

Вожаи **обрез** аз ду реша иборат аст: **об** ва **рез** (рехтан). Вожаи об дар порсии қадим **api,** авестоӣ **ap,** суғдӣ **ap,** санскрит **āpa (āp)** [4, с. 63] ва дар калимаи мазкур (ибриқ) шакли «иб»-ро гирифтааст. Ҷузъи дуюм бошад, **рез** аз рехтан, дар форсии миёна **retin,** суғдӣ **wirēč,**

ки дар калимаи мазкур шакли **рик**ро гирифтааст. Сабаби шакли дигар гирифтан ин аст, ки вожаи **обрез**ро дар қолаби арабии ифъил ҷойгир кардаанд, ки дар натиҷа вожаи **обрез** ба шакли **ибриқ** мубаддал гаштааст.

Барзах (بـر ز خ)

{بَيْنَهُمَا بَرْزَخٌ لاَ يَبْغِيَانِ}(الرحمن/**20**).

«Миёнашон ҳиҷобест, то ба ҳам дар нашаванд» (Раҳмон, 20).

Вожаи **барзах** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маънӣ тавзеҳ ёфтааст: 1) чизе, ки дар миёни ду чизи муқобил; 2) гардана, гарданаи миёни ду баҳр, қитъаи борики миёни ду дарё [11, с. 146].

Вожаи мазкур дар Қуръон ба маънии фосила ва ҳастӣ корбаст шудааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» чунин шарҳ ёфтааст: «Барзах чизе, ки миёни ду чизи мутахолиф ҳоил бошад, хоҳ аз он ҳар ду мутахолиф дар худ муносибате дошта бошад, ё на, чунончи аъро барзах аст миёни биҳишт ва дӯзах… Ва барзах ба маънии замонае, ки вақти марг ва замони қиёмат аст» [8, с.123].

Аксари муҳаққиқон дар мавриди баромади вожаи **барзах** дар он андешаанд, ки **барзах** аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз ду ҷузъ **барз** (баланд) ва **ахв** (ҳастӣ) сохта шудааст. Бояд ин нуктаро ёдовар шуд, ки дар забони авестоӣ вожаи **barəzah** мавҷуд аст, ба маънии баландӣ, кӯҳ ва вожаи тоҷикии **боло** аз он маншаъ гирифтааст [9, с. 119].

Луғатнигори маъруф Муҳаммад Муин баромади вожаи зикршударо аз арабӣ медонад [6, с. 503].

Асли вожаи барзах аз **фарсах** (фарсанг ё парсанг) гирифта шудааст. Ин фикрро луғатнигор Ҳасани Анварӣ барҳақ қайд мекунад, ки **барзах** муарраби **фарсанг, парсанг**и форсӣ мебошад [13, с. 324]. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ онро муарраби «парзах»-и форсӣ медонад [2, с. 4]. Нуктаи дигарро бояд қайд кард, ки луғати **барзах** аз ***barza-ahū> * barz-axv** ба маънии «ҳастии мутаол» (дар муқобили дӯзах, лафзан ба маънии «ҳастии бад», дар форсии миёна **dōźaxv** «дӯзах» < авестоии **daoź-ahva** «дӯзах») маънидод мешавад [15, с. 188]. Аз **фарсах** ё **дӯзах** ва ё ба он аз як реша будани **барзах** дар як маврид саҳеҳ аст, ки ҳар ду мафҳум масофаи байни ду чизе, ду нуктаеро мефаҳмонад ва шояд ҳамреша будани онҳо аз эҳтимол дур нест. Нуктаи дигарро бояд қайд намуд, ки анҷомаҳои вожаҳои **барзах** ва **дӯзах** (-ах) ҳамгунталаффуз аст ва аз эҳтимол дур нест, ки «ахв» (-ах) ишора ба макон ва ҷойгоҳ бошад.

Бунён (بـنـيـا ن)

{إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الَّذِينَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِهِ صَفًّا كَأَنَّهُمْ بُنيَانٌ مَرْصُوصٌ}(الصف/**4**).

«Худо дӯст дорад касонеро, ки дар роҳи Ӯ дар сафе ҳаммонанди деворе, ки аҷзояшро бо сурб ба ҳам пайванд дода бошанд, меҷанганд» (Саф, 4).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» баромади вожаи **бунён**ро аз забони арабӣ зикр кардаанд. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» бошад, ба арабӣ будани ин вожа ишорае нест ва ба маъниҳои бунёд, поя, асос ва *китобӣ* сохти хона, сохти иморат ташреҳ ёфтааст [12, с. 260]. Мавриди зикр аст, ки дар забони тоҷикӣ вожаи **бун (**1) бех, реша, асос, бунёд; буни мӯ бехи мӯ; 2) қисми зерини ҳар чиз, поён, таг) корбаст мегардад [12, с. 260] ва дар забонҳои эронӣ (қадим, миёна ва нав - **bun**) собиқа дорад [17, с. 35]. Яъне аниқтараш вожаи ориёист, ки шакли қадимаи он **būna** аст (ба маънии асос, замина) [9, с. 186-187]. Дар мисоли забонҳои курдӣ **bun**, балучӣ **bunā**, сакоӣ **buna**, вахӣ **bəna**. Бе шак вожаи бунён аз решаи вожаи «bun»-и форсӣ сарчашма мегирад.

Бурҳон (بـر هـا ن) (Дар Қуръон 8 бор ба кор рафтааст).

{يَا أَيُّهَا النَّاسُ قَدْ جَاءَكُمْ بُرْهَانٌ مِنْ رَبِّكُمْ وَأَنزَلْنَا إِلَيْكُمْ نُورًا مُبِينًا}(النساء/**174**)

«Эй мардум, аз ҷониби Парвардигоратон бар шумо ҳуҷҷате омад ва барои шумо нуре ошкор нозил кардаем» (Нисо, 174).

Вожаи **бурҳон** дар Қуръон ба маънии ҳуҷҷат корбаст гардидааст. Муҳаммад Муин баромади вожаро арабӣ медонад [6, с. 516] ва Муҳаммад Ғиёсуддин ва Ҳасани Анварӣ перомуни баромади вожа хомӯшанд. Танҳо дар маънӣ илова мекунанд, ки бурҳон ба истилоҳи мантиқ қиёсест, ки мураккаб бошад аз муқаддамоти яқинӣ, то натиҷа диҳад муқаддимаи дигарро, ки яқинӣ бошад, на заннӣ, чунончи: кулли инсон ҳайвон ва кулли ҳайвон ҷисм. Баромади вожаи зикршударо аз калимаи **паруҳон**и форсӣ, ки ба маънии равшан ва ошкоро тавзеҳ шудааст, гӯйем, ба мақсад наздиктар аст.

Вазир (و ز يـر) (2 бор дар Қуръон истифода шудааст).

{وَاجْعَلْ لِي وَزِيرًا مِنْ أَهْلِي}(طه/**29**).

«Ва ёваре аз хонадони ман барои ман қарор деҳ» (Тоҳо, 29) .

{وَلَقَدْ آتَيْنَا مُوسَى الْكِتَابَ وَجَعَلْنَا مَعَهُ أَخَاهُ هَارُونَ وَزِيرًا}(الفرقان/**35**).

«Ба Мӯсо китоб додем ва бародараш Ҳорунро мададгораш сохтем» (Фурқон, 35).

Вожаи **вазир** дар Қуръон ба маънии ёвар, мададгор корбурд дорад. Дар фарҳангҳо мансабдори олимақоме, ки баъд аз подшоҳ (ё султон, малик) мақоми якумро ишғол мекард ва мутасаддии кулли корҳои дохилӣ ва хориҷии мамлакат ҳисоб мешуд, маънидод шудааст [11, Ҷ.1, с. 221]. Ба ҷуз ин маъниҳо: он, ки дар бардоштани бори касе шарик бошад, яке аз муҳраҳои шатранҷ, ки метавонад дар ҳамаи ҳолатҳо ҳаракат кунад ва аз назари қудрат қавитарин муҳраи шатранҷ аст.

Ҳасани Анварӣ вожаи **вазир**ро муарраб аз паҳлавӣ зикр кардааст [13, с. 2560] Вожаи **вазир** дар забонҳои эронии қадим собиқа дошт. Аз ҷумла, дар забони авестоӣ дар шакли **vičiro** корбурд дошт ва баъдтар дар забони порсии миёна дар шакли **vičir** истифода мешуд [11, с. 46]. Ин андешаро Муҳаммад Муин чунин тақвият мебахшад, ки **vazir** муарраби паҳлавии **vičir, vaĵir** – фатводиҳанда мебошад [6, с. 5020]. Омиле, ки дар дигаргунии шакл рӯй додааст, ин набудани ҳарфи «ч» дар забони арабӣ мебошад. Дар натиҷа вожаи **вичир** шакли **вазир**ро гирифт.

Варақ (و ر ق) (2 бор дар Қуръон истифода шудааст).

{فَأَكَلاَ مِنْهَا فَبَدَتْ لَهُمَا سَوْآتُهُمَا وَطَفِقَا يَخْصِفَانِ عَلَيْهِمَا مِنْ وَرَقِ الْجَنَّةِ وَعَصَى آدَمُ رَبَّهُ فَغَوَى}(طه/**121**).

«Аз он дарахт хӯрданд ва шармгоҳашон дар назарашон падидор шуд. Ва ҳамчунон барги (варақи) дарахтони биҳишт бар онҳо мечаспониданд. Одам дар Парвардигори хеш осӣ шуд ва роҳ гум кард» (Тоҳо, 121).

Дар Қуръон вожаи **варақ** ба маънии барг корбаст гардидааст. Баромади ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аз забони арабӣ қайд гардидааст ва ба маъниҳои 1) барг; гулбарг; варақи гул барги гул; 2) порчаи коғази ба шакли ду саҳифаи пушту рӯ буридашуда; варақаи дурӯяи китоб, дафтар маънидод шудааст [11, с. 224; 12, с.274]. Муҳаммад Ғиёсуддин ин вожаро барги дарахт ва коғази бурида маънидод кардааст ва ба муарраб будани вожа ишорае накардааст [8, с. 370]. Луғатнигорон Муҳаммад Муин ва Ҳасани Анварӣ баромади вожаи зикршударо аз арабӣ медонанд [6, с. 5007; 13, с. 2556]. Мавриди зикр аст, ки бо сабаби дар забони арабӣ набудани ҳарфи «гоф», ҷойи ин ҳарфро овози «қоф» ишғол кардааст. Овози «b» (б), ки лабулабӣ аст, ба овози лабудандонии «v» (в) бадал шудааст.

Вард (و ر د) (Танҳо як бор дар Қуръон корбурд дорад).

{فَإِذَا انشَقَّتِ السَّمَاءُ فَكَانَتْ وَرْدَةً كَالدِّهَانِ}(الرحمن/**37**).

1) «Он гоҳ ки осмон шикофта шавад, ранге сурх чун ранги чарм хоҳад дошт»;

2) «Он гоҳ ки осмон аз ҳам бишкофад ва чун гули сурх ва равғани гудохта бошад» (Раҳмон, 37).

Дар Қуръон вожаи **вард** ба маънии ранги сурх ба кор рафтааст. Дар луғат гул, гули сурх; гули сурх, ки аракӣ онро гулоб гӯянд, тавзеҳ ёфтааст [11, с. 225].

Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ вожаи **вард**ро ба маънои гули сурх аз забони порсӣ медонад [2, с. 5]. Ҳамчунин Ҳасани Анварӣ ин вожаро аз паҳлавӣ маънидод кардааст [13, с. 2553]. Муҳаммад Муин қайд мекунад, ки **вард** муарраби вожаи паҳлавии **varda** аз **vard** [6, с. 5000] аст.

Мавриди зикр аст, ки дар форсии бостон вожаи ***varda - > *vard** (чун вожаи иқтибосии форсӣ дар забони арабӣ) вуҷуд дошт, ҳамчунин дар арманӣ **Vardiris** – номи занона (= тоҷикӣ «Гулрӯ»), ки низ вожаи иқтибосии форсӣ аст, ба чашм мерасад. Шакли форсии калима ба сурати ***varda - >vard>gol (**گل**)** инкишоф ёфтааст.

Ғамза (غمز ه) (Фақат як бор дар сурати «ятағомазувн» ба кор рафтааст).

{وَإِذَا مَرُّوا بِهِمْ يَتَغَامَزُونَ}(المطففين/**30**).

«Ва чун бар онҳо мегузаштанд, ба чашму абрӯ ишора мекарданд» (Мутаффифин, 30).

Вожаи **ғамза** дар луғат ба маъниҳои 1) ишорат ба чашму абрӯ, нозу карашма ва ишорати чашм; 2) суханчинӣ, ғаммозӣ, наммомӣ тавзеҳ ёфтааст [12, с. 645].

Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ баромади вожаи мазкурро аз забони порсӣ қайд мекунад. Муаллифони «Фарҳанги форсӣ» ва «Фарҳанги фишурдаи сухан» Муҳаммад Муин ва Ҳасани Анварӣ [6, с. 2440; 13, с. 1608] баромади вожаи **ғамза**ро аз забони арабӣ медонанд, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» низ чунин нигошта шудааст. Муҳаммадҳусайни Бурҳон мегӯяд: «мижаи чашмро гӯянд ва ҳаракати чашму мижа бар ҳам задан бошад аз рӯйи ноз ва ба арабӣ низ ҳамин маънӣ дорад» [7, с. 284].

Дин (دين) (91 бор дар Қуръон корбаст гардидааст).

{وَوَصَّى بِهَا إِبْرَاهِيمُ بَنِيهِ وَيَعْقُوبُ يَا بَنِيَّ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَى لَكُمْ الدِّينَ فَلاَ تَمُوتُنَّ إِلاَّ وَأَنْتُمْ مُسْلِمُونَ}(البقرة/**132**).

«Иброҳим ба фарзандони худ васият кард, ки дар баробари Худо таслим шаванд ва Яъқуб ба фарзандони худ гуфт: «Эй фарзандони ман, Худо барои шумо ин динро баргузидааст, мабод бимиред, бе он ки бад-он гардан ниҳода бошед»» (Бақара, 132) .

Вожаи **дин** дар Қуръон ба ду маънӣ: 1) дин, мазҳаб ва 2) доварӣ, ҳукм корбурд дорад.

{مَالِكِ يَوْمِ الدِّينِ}(الفاتحة/**4**).

«Он фармонравои рӯзи ҷазо» (Фотиҳа, 4).

Дар забони арабӣ вожаи **дин** сериствъмол аст ва шакли ҷамъи ин вожаро «адён» сохтаанд. Нуктаи дигарро бояд қайд кард, ки баромади вожаи зикршударо дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» аз забони арабӣ медонанд ва ба ду маънӣ шарҳ додаанд: 1) мазҳаб, кеш; 2) тариқ, оин [11, с. 380; 12, с. 453]. Муаллифони «Ғиёс-ул-луғот» ва «Фарҳанги форсӣ» Муҳаммад Ғиёсуддин ва Муҳаммад Муин овардаанд, ки **дин** дар форсӣ номи бисту чаҳорум аз ҳар моҳи шамсӣ аст. Муҳаммад Ғиёсуддин меафзояд, ки **дин** дар арабӣ ба маънии подош додан; ва ба маънии ҳисоб, чунонки «молики явмуддин» (молики рӯзи ҳисоб) ва билфатҳ (яъне дайн) дар арабӣ маънои воме, ки дар фулон рӯз адо карда хоҳад шуд. Агар вақти адои он муайян набошад, онро қарз гӯянд [6, с. 352-353].

Деҳхудо зикр кардааст, ки **دين** калимаест, ки дар забонҳои мухталифи ориёӣ ва сомӣ ба маъноҳои гуногун роиҷ аст ва дар забони арабӣ вожаи иқтибосист, ки ба воситаи забони оромӣ аз забони аккадӣ ворид гардидааст [1, с. 11417].

Дар поварақи «Бурҳони қотеъ» вобаста ба манбаъҳои решашиносии эронӣ мавҷудияти калима ба суратҳои гуногун таъкид гардидааст: авестоӣ **daēna-,** паҳлавӣ **dîn,** позанд **dîn; dâēna-** аз масдари авестоии **dâ-** «шинохтан ва андешидан». **Дин** дар «Готҳо» ба маъниҳои мухталиф – «кеш, хасоиси рӯҳӣ, ташхиси маънавӣ ва виҷдон» ва ҳамчунин номи яке аз эзадони зардуштӣ, ки нигаҳбони рӯзи 24-уми моҳи боязид аст, омадааст. Зикр мешавад, ки Берунӣ мавҷуд будани калимаи **دين dīn**-ро ҳамчун номи ин рӯз дар забонҳои хоразмӣ ва суғдӣ ёд кардааст. Аммо «дин» дар арабӣ аз решаи дигар (< аккодӣ **dînu, dênu** «қонун, ҳақ ва доварӣ») аст, яъне баромади сомӣ дорад [7, с. 916].

Бояд зикр намуд, ки дар сарчашмаҳои илмӣ ба маънои «оин, мазҳаб» истеъмол гардидани ин калима низ ба мушоҳида мерасад. Дар бораи шакли авестоии ин вожа (**daēnā-** f. ‘Religion’) ва соири маъниҳои он Ҳ. Бартоломе иттилои муфассал додааст [16, с. 662-665] ва ҳамчунин Б. Қариб мавҷудияти ин вожаро дар забони суғдӣ (**δynh, δēn** «дин, оин, мазҳаб») баррасӣ намудааст [4, с. 149-150]. Ҳамчунин забоншиносони рус В.С. Расторгуева ва Д. И. Эделман зикр мекунанд, ки вожаи **«daina»** (боварӣ, дин) мавҷуд буд ва он аз решаи **dai, di** (дидан, вохӯрдан), **dei, diā, deiə** (дурахшидан, ҷило додан, нурпошидан) сарчашма мегирад [9, с. 297]. Муҳаққиқ Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ менависад: «Ин вожа ду маъниро ифода кунад: 1) дину мазҳаб; 2) доварӣ ва ҳукм. Дар маънии дину мазҳаб вожа аз решаи эронӣ гирифта шудааст. Дар забони паҳлавӣ мо вожаи **дин** ба маънои мазҳаб ва динро дорем, ки аз **динак** ба маънои қонуни динӣ, ҳамдин ба маънои ҳамдину ҳаммазҳаб ва **динок** ба маънои одами мазҳабӣ ва мутадаййин ва муъмин омадааст. (Ҳарчандки эҳтимол дорад, ки худи ин аз вожаи эломии **диэн** гирифта шуда бошад). Гузашта аз он вожаи **дин** дар форсии ҷадид аз он гирифта шудааст. **Дин** ба маънои доварӣ ва ҳукм гирифташуда аз оромӣ аст» [2, с. 6]. Ҷойи дигар меафзояд, ки «Ҷойи тааҷҷуб аст, ки вожаи авестоии **диэно** худ эҳтимолан аз вожаи эломии **дин** гирифта шудааст. Дар ҳақиқат вожаи **диэно** ҳамон вожаи санскрити деҳшност. Боре сурати саҳеҳи вожа дар паҳлавӣ **дин** аст» [2, с. 4-5].

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки ақидаҳои донишмандон дар атрофи вожаи **дин** мухталифанд. Мавриди зикр аст, ки вожаи **дин** дар порсии қадим дар шакли **daina** вуҷуд дошт [10, с. 29]. Дар забони порсии қадим ду дифтонг **ai** ва **au** истифода мешуд. Дар вожаи **«daina»** дифтонги **«ai»** ба назар мерасад. Агар дифтонги «**ai**» пеш аз овозҳои сонории **«m»** ва **«n»** ояд, ба овози **«i»** бадал мегардид. Дар натиҷа вожаи **«daina»** шакли **«din»**-ро гирифт, ба мисли вожаи **«saima» - «sim».** Дар забони форсии миёна дар шакли «дин» истифода мегардид (дар ин давра китоби динӣ бо номи «Denkard» мавҷуд буд).

Забония (زبانيه) (Танҳояк бор дар Қуръон истифода гардидааст).

{سَنَدْعُ الزَّبَانِيَةَ }(العلق/**18**).

«Мо низ коргузорони дӯзахро фаро хонем» (Алақ, 18).

Дар Қуръон вожаи **забония** ба маънии молики дӯзах, посбони дӯзах корбурд дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маънӣ 1) мансуб ба забон, шифоҳӣ; 2) молики дӯзах, посбони дӯзах шарҳ ёфтааст. Ҳасани Анварӣ аслашро арабӣ медонад ва молики дӯзах, фариштаи азоб маънидод кардааст [13, с. 1190]. Муҳаммад Ғиёсуддин **забония**ро шакли ҷамъи **забонӣ** қайд мекунад ва меафзояд, ки **забонӣ** маънии муваккилони дӯзахро дорад [8,

с. 389]. Аз ишораҳои луғатнигорону муҳаққиқон бармеояд, ки ба маънии молики дӯзах аз арабист. Ба маънии забон, шифоҳӣ аз забони тоҷикӣ манша мегирад. Забоншинос А. Каримов вожаи мазкурро дар порсии миёна дар шакли **uzvān** медонад ва меафзояд, ки дар ҳиндуи қадим **jihva**, курдӣ **azmān**, афғонӣ **žiba**, осетӣ **äzwag** омадааст [4, с. 52; 44, с. 5], дар забони имрӯзаи тоҷикӣ шакли **zabon**ро гирифтааст. Нуктаи дигарро бояд қайд кард, ки маънии забонро дар забони арабӣ вожаи «лисон» ифода мекунад.

Замҳарир (زمهرير) (Фақат як бор дар Қуръон ба кор рафтааст).

{مُتَّكِئِينَ فِيهَا عَلَى الأَرَائِكِ لاَ يَرَوْنَ فِيهَا شَمْسًا وَلاَ زَمْهَرِيرًا}(الإنسان/**13**).

«Дар он ҷо бар тахтҳо такя задаанд, на ҳеҷ офтобе мебинанд ва на сармое» (Инсон, 13).

Дар Қуръон вожаи **замҳарир** ба маънии сармо, сармои сахт истифода гардидааст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маъниҳои 1) сармои бисёр сахт, шиддати сармо; 2) ҷойи бисёр сард; **сармои замҳарир** маънидод шудааст. Чунончи, «Замҳарир ба маънои сармои сахт ва сармоест, ки бад-он кофиронро азоб хоҳанд кард. Ва мақоми он дар васати кураи ҳавост ва кураи ҳаво таҳти кураи нор аст ва фавқи кураи арз. Дар илми ҳикмат омадааст, ки бухороти дарё тасоуд намуда, чун ба табақаи замҳарир мерасад, аз бурудат мунҷамид шуда, абр мегардад. Ва дар «Бурҳон» навиштааст, ки **замҳарир** мураккаб аст, аз «зам», ки ба маънии «сармои сахт» ва «ҳарир» ба маънии «кунанда» аст» (7, с. 396). Дар нигоштаҳои Муҳаммад Муин низ ба форсӣ будани он ишора мешавад: «**Замҳарир - zam-harir** муарраб аст, ба маънии сармои бисёр сахт, шиддати сармо, ҷойи бисёр сард» [6, с. 1747].

Вожаи **зам** дар форсии қадим ***zima-,** дар авестоӣ **zyām – «зимистон» zəmaka – «барфбод»**; муқ. ҳиндии бостон **hima – «сармо, барф»** вуҷуд дошт ва дар забони порсии миёна дар шакли **zam** корбаст мегардид [19, 14096]. Мавриди зикр аст, ки аз ин реша дар забони форсии миёна то имрӯз вожаи **замистон** корбурд дорад (лафзи **зам** – ба маънии сардист ва лафзи **истон** - барои касрат ва низ барои зарфият бошад), ки серистеъмол аст.

Занк (ضنك) (Танҳо як бор дар Қуръон корбурд дорад).

{وَمَنْ أَعْرَضَ عَنْ ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنكًا وَنَحْشُرُهُ يَوْمَ الْقِيَامَةِ أَعْمَى}(طه/**124**).

«Ва ҳар касе, ки аз ёди Ман эъроз кунад, зиндагияш танг шавад ва рӯзи қиёмат нобино машҳураш созам» (То Ҳо, 124).

Вожаи **занк** дар Қуръон ба маънии **танг** корбаст шудааст. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ин вожаро муарраби **данг** ба маънои **ҳайрон** медонад [2, с. 9]. Муҳаммад Ғиёсуддин вожаи **занк**ро **танг, тангӣ** дар ҳар чиз маънидод мекунад, аммо ба муарраб будани ин вожа ҳарфе нагуфтааст [8, с. 19]. Ҳасани Анварӣ бе шак зикр мекунад, ки **занк** муарраби вожаи **танг**и форсӣ мебошад, ба маънии **танг, тангӣ** [13, с. 1501]. Ба монанди вожаи **чунд** (гунд) ҷойи ҳарфи «гоф» (گ)-ро дигар овоз ишғол кардааст ва ба забони арабӣ ворид шуда, шакли **занк**ро гирифтааст.

Албатта, дар доираи як мақола баррасӣ намудани корбурди вожаҳои тоҷикиасл дар Қуръон ғайриимкон буда, омӯзиши ин падидаи забонӣ, этимологияи ин навъи вожаҳо, дараҷаи корбасту сохт ва ифодаи маъноии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки тавассути он раванди таърихии забон бозгӯӣ хоҳад шуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиакбар Деҳхудо. Луғатнома. –Теҳрон, 1377. Ҷ.1. – 527 с.
2. Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Калимаҳои форсӣ дар Қуръони маҷид // Чашмандоз. 2000. -№1;2, – С. 4-9; - С.8-10.
3. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот.Ҷ.1-2. – Душанбе: Адиб, 1987.–398 с; -390 с.
4. Каримов А. Хрестоматияи забони паҳлавӣ / А.Каримов. – Душанбе, 1978. – 146 с.
5. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 9-10). Қисми 1 / М.Н. Қосимова. -Душанбе, 2003. - 490 с.
6. Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 1-8. – Теҳрон, 1375. – 1472 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷилди 1-2: Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1993.– 416; -424 с.
8. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ.1-2. –Душанбе: Адиб,1987,1988.–398; -390 с.
9. Расторгуева, Д. И. Эдельман. Этимологический словарь иранских языков / Д. И. Расторгуева. Т.1-3. b/d В. С. - М.: Вост. Лит., 2003; 502 с.; 2007. - 327 с.
10. Саймиддинов Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. - Душанбе, 2007. - 211 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М.: СЭ. 1969. Ҷ.1-2. –951 с; -949 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. Ҷ.1-2. - 950; -945 с.
13. Ҳасани Анварӣ. Фарҳанги фишурдаи сухан - Теҳрон: Сухан, 1386. Ҷ.1-2. – 6417с; -6479 с.
14. Ҳидоят Алии Алавӣ. Дар сафинаи таърих. - Теҳрон, 1377. – 568 с.
15. Ҳусайни Ҳасандӯст. Фарҳанги решашиноҳтии забони форсӣ. Ҷилди аввал. – Теҳрон, 1383. - С. 188.
16. Bartholomae Chr. Altiranisches Wörterbuch. Zusammen mit zum Altiranischen Wörterbuch von Christian Bartholomae.Mit einem persischen Vorwort von Badr al-zaman Gharib. –Teheran: Asatir, 2004.– 1999 p.
17. Nyberg N.S. Hilfsbuch des pehlevi / N.S. Nyberg. - Uppsala, 1928. -79 с.

18. Turner R.L. Acomparative dictionary of the Indo-Ariyan languages / R.L. Turner. - London, 1966. - 14096 p.
19. Turner R.L. Acomparative dictionary of the Indo-Ariyan languages-second impression / R.L. Turner. - London, 1973. - 9987 p.

ҶОЙГОҲИ КАЛИМАҲОИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР ҚУРЪОН

Забони форсии тоҷикӣ куҳантаърих буда, ҳазорсолаҳо боз фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ба таври гуногун аз он бахрабардорӣ менамоянд. Аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки доираи густариши ин забон васеъ буда, бо гузашти вақт ва вазъи рӯзгори мардуми форсизабон дар низоми забонӣ тағйироти шакливу маъноӣ ба миён омад. Таъсири забонҳои арабиву тоҷикӣ ниёз ба омӯзиш дошта, дар ин бахш масъалаҳои баҳсталаб зиёд ба назар мерасад. Дар забоншиносии тоҷик ба таври мукаммал масъалаи иқтибосоти тоҷикӣ дар забони арабӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дар ин мақола ба таври мухтасар оид ба корбурди баъзе аз калимаҳои тоҷикиасл дар Қуръони маҷид сухан меравад. Вожаҳои тоҷикӣ дар давру замонҳои гуногун ба забони арабӣ иқтибос шуда, баъд аз гузашти муддати муайяне аз нав ба забонҳои форсӣ ва тоҷикӣ пас баргаштаанд. Яке аз сабабҳои асосии тағйири овоз кардани вожаҳои тоҷикӣ иваз шудани фонемаҳои аслии тоҷикии **г,п,ж, ч** ба овозҳои **к,ч,ф,ш** аст. Мусаллам аст, ки араб бештар зери ҳукумати Форс қарор дошт ва дер замоне марказҳои бузурги араб чун Яман, Баҳрайн, Ҳира ва Ҳиҷоз дар тамаллуки форсҳо будааст. Аз даврони Ҳахоманишҳо то замони Яздигурд муддати 1200 сол қавми араб бастагии сиёсию бозоргонӣ бо Форс доштааст ва бисёре аз вожаҳои порсӣ дар ин муддат ба забони арабӣ ворид шуданд. Ба монанди вожаи «вард», ки номи гули сурх аст ва дар забони паҳлавӣ алакай шакли «гул»-ро гирифта буд. Қайд кардан ба маврид аст, ки забони арабӣ танҳо аз забони порсӣ вом нагирифтааст, балки вожаҳои забонҳои ҳабашӣ, румӣ, ҳиндӣ, суриёнӣ, ибронӣ, нибтӣ, қибтӣ, зангӣ, барбарӣ ва ҳатто аз забони туркӣ низ вориди забони арабӣ шудаанд. Дар мақола этимология, дараҷаи корбаст, ифодаи маъноии калимаҳои тоҷикиасли а**борик (**ابارىق**),барзах (**برزخ**), бунён (**بنيان**), бурхон (**برهان**), вазир (**وزير**), варақ (**ورق**), вард (**ورد**), ғамза (**غمزه**), дин (** دين**), забония (**زبانيه**), замҳарир (**زمهرى**), занк (**ضنك**)** дар Қуръон дар асоси сарчашмаҳои муътамад мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Албатта, омӯзиши ин падидаи забонӣ, этимологияи ин навъи вожаҳо, дараҷаи корбасту сохт ва ифодаи маъноии онҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад, ки тавассути он раванди таърихии забон бозгӯӣ хоҳад шуд.

Калидвожаҳо: этимология, калима, раванд, маъно.

МЕСТО ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ СЛОВ В КОРАНЕ

Таджикско-персидский язык, имея давнюю историю. Исследования исторических источников показывает, способы развитие языка широки и со временем системы языка подвергаются многим изменениям в значении и структуре слов. Влияние арабского и таджикского языков нуждается в исследовании и по данной тематике существуют много спорных вопросов. В таджикской лингвистике польностью не изучены таджикские заимствования в арабском языке. В данной статье глубоко изучено использование некоторых таджикских слов в Коране. Таджикские слова в различный период были заимствованы в арабский язык, и позже они были возвращены в таджикско-персидский язык. Одними из данных факторов являются изменения таджикских фонем г, п, ж, ч, на к қ, ч, ф, ш. Арабы находились под управлением персидского правительства, и в течение долгого времени крупными центрами арабов были Яман, Бахрайн, Хира ва Хиджоз. Со времени Ҳахоманишны ко времени Язгурды в течение 1 200 лет у арабов были политические и экономические отношения с Персией и многие персидские слова в это время, были заимствованы в арабском языке. Слова, такие как «вард», что означает красный цветок, и в языке пехлеви оно уже использовалось как «гул». Необходимо отметить, что арабский язык заимствовал слова не только из персидского языка, но и из африканских языков. Итальянского, сирийского, хинди и даже из турецкого языков. В статье были изучены этимология, степень использования и выражение значений исконно таджикских слов **барзах (**برزخ**), бунён (**بنيان**), бурхон (**برهان**), вазир (**وزير**), варақ (**ورق**), вард (**ورد**), ғамза (**غمزه**), дин (** دين**), забония (**زبانيه**), замҳарир (**زمهرير**), занк (**ضنك**)** в Коране, и они были изучены, опираясь научные источники. Конечно, исследования этого языкового явления, этимология этих слов, степень их использования и их выражениезначений играют главную роль в написании истории языка.

Ключевые слова: этимология, слова, процесс, значение.

THE PLACE OF TAJIK PERSIAN WORDS IN KORAN

Tajik Persian Language having the old history, world culture differently used it. From the study of the historical sourses it clears that the way of developing is wide and by the time the system of language has many changes in the meaning and structure. The influence of Arabic and Tajik languages needs to research and have many disputable issues. Tajik linguistic has not properly studied Tajik borrowings in Arabic language. This article properly shows the use of some Tajik words in Koran. Tajik words in different period were borrowed into Arabic and later they were come back into Tajik Persian language. One of the causes of it is the changes Tajik phonemes **г,п,ж,ч,** to **қ,ч,ф,ш.** It is clear that Arabs were under the reign of Persian government and for a long time the big center of Arab were Yaman Bahrain Hira and Hijoz. From the time of Hakhomanishin to the time of Yazgurdi, during 1200 years Arabs had political and economic relations with Persian and many Persian words in this time interred into Arabic language. The words like «vard», what calls a red flower and in Pahlavi language had already used like «gul». It is necessary to note that Arabic language has borrowed not only from Persian but it has also African, Rome, Syrian, Indian and even Turkish borrowing words. In the article was shown the etymology, use and the express of the meaning Tajik words a**борик (**ابارىق**),барзах (برزخ), бунён (**بنيان**), бурхон (**برهان**), вазир (**وزير**), варақ (ورق), вард (ورد), ғамза (غمزه), дин (** دين**), забония (**زبانيه**), замҳарир (**زمهرير**), занк (**ضنك**)** in Koran and they were studied on the base of science sources. Of course, the study of this language phenomenon, the etymology of these words, their stage of use and their meanings expression has the main role in writing the history of language.

Key words: etymology, words, process, meaning.

Сведения об авторе: ***Саъдуллоев Умеджон*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17. E-mail: **bejanumed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-88-88-32**

Information about the author: ***Sadulloev Umedjon*** **-** Tajik National University, Philological Faculty, associate professor, Departmentof history of language and typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: **bejanumed@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-88-88-32**

УДК: 491.550:494.362(575.3)(1-87)

ШАКЛҲОИ САЛОМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ТУРКӢ

Холиков Н.А.
Донишгоҳи Славянии Русия ва Тоҷикистон

Тарзи баён ва риояи одоби салом аз фазилатҳои неки инсоние аст, ки обрӯву манзалати ӯро баланд мебардоранд [3, с.30]. Дар вақти таҳлили амиқи мафҳуми салом салом додан ҳам дар маданияти суханварии тоҷикон ва ҳам туркон дида мешавад, яъне салом додан яке аз рукнҳои асосии одоби муошират ва хусусияти волои инсон маҳсуб меёбад. Дар замони пеш аз ислом мардуми аҷам ҳамчун рамзи меҳр ва эҳтиром ба ҳамдигар дуруд мефиристоданд ва ҳамдигарро бо дуруд гуфтан пешвоз мегирифтанд. Махсусан, ҳангоми ҷашнҳо дуруд гуфтан ва бахшоиши гуноҳи ҳамдигар яке аз сифатҳои неки ниёгони мо ба шумор меравад. Дар миёни мардум, бахусус дар айёми Наврӯз, дуруду шодбош гуфтан ба ҳукми анъана даромада буд ва одамон барои аз худ дур кардани кина ба ҳамдигар дуруд мегуфтанд. Ин амал аз дарбори шоҳ то мардуми одӣ ва ҳатто ба кӯдакон омада расида, аз тарафи коҳинони ҷомеаи ҳамон давра таблиғу ташвиқ карда мешуд [3, с.31]. Аз тарафи дигар, мафҳуми салом додан дар қабилаҳои қадимаи туркон низ яке аз рукнҳои асосии маданияти сухан шуморида мешуд. Дар байни қабилаҳои туркзабон маъмултарин калимаҳое, ки дар оғози муошират ё ки салом додан истифода мешуданд, инҳо буданд: ***Esen, Aman*** **ve** ***Sağ/Sav*** [5, с.132]. Маънои этимологии ин калимаҳо амну амон, осоиштагӣ ва саломатӣ буда, бо муҳтавои калимаи дуруд робитаи наздик доранд. Ба ақидаи устод Ё. Одинаев пас аз зуҳури ислом миёни тоҷикон эҳтиром гузоштан ба ҳамдигар тавассути риояи одоби салом боз ҳам густариш ёфта он ба одат ва суннат табдил ёфт ва ҳамчун рукни қадр кардани ҳамдигар шинохта шуд [3, с. 32]. Дар ҳақиқат таблиғоти дини ислом дар байни ҳарду мардум- тоҷикон ва туркон барои инкишоф ва интитутсиализатсияи он такони ҷиддӣ бахшид. Таълимоти китоби муқаддаси Қуъон ва ҳадисҳои паёмбари ислом Муҳаммад (с) амали салом додан ва одоби онро дар байни мусулмонон ба чорчубаи муайян дароварда, таблиғоти онро ба тамоми қишри ҷомеа ташвиқ кардааст. Ба ҳамаи мо маълум аст, ки забон бо маданият робитаи зич дорад ва асоси маданияти тоҷикон ва турконро, бахусус баъди асрҳои миёна, суннат ва одатҳои дини ислом фаро мегиранд. Аз ин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки этикаи саломдиҳии тоҷикон ва туркон ба ҳам хеле монанданд. Дар ҷадвали зер калима ва ибораҳое, ки дар ҷараёни саломдиҳӣ истифода мешаванд оварда шудаанд.

тоҷикӣ	**туркӣ**	**тарҷумаи русӣ**
Салом (ҳамаи шаклҳои он)	*Selam (tüm çeşitleri)*	*Мир вам (тебе)*
Марҳабо	*Merhaba*	*Добро пожаловат, Привет*
Чӣ навигарӣ (хабар)	*Ne haber*	*Что нового*
Рӯз равшан бод	*Gün aydın*	*Доброе утро*
Рӯз ба хайр	*Hayırlı (iyi) günler*	*Добрый день*
Субҳ ба хайр	*Hayırlı (iyi) sabahlar*	*Доброе утро*
Шом ба хайр	*Hayırlı (iyi)akşamlar*	*Добрый вечер*
Шаб ба хайр	*Hayırlı (iyi) geceler*	*Добрые ночи*
Кору бор чӣ хел	*Ne var ne yok*	*Как дела*
Зиндагӣ чӣ гуна зузашта истодааст	*Nasıl gidiyor*	*Как поживаете*

Калимаи **марҳабо.** Ин калима ба забони тоҷикӣ ва туркӣ аз забони арабӣ (**مرحبا**) иқтибос шудааст ва маънояш 1. хуш омадӣ: **марҳабо ба диёри зебо**. 2**.** *нидо* офарин, зиҳӣ; хеле хуб (*калимаи таҳсин*) мебошад [4, с.765]. Ба ақидаи М.Ю.Озенен *merhaba* дар забони туркии Туркияи имрӯза шакли умумӣ ва расмии салом ба шумор меравад. Аз ҳама аҷибаш он аст, ки *merhaba* шакли маъмултарини саломи ҷомеаи Туркияи имрӯза аст ва аз забони

арабӣ гирифта шудааст [7, с.277]. Гарчанде аз ҷиҳати этимологӣ вожаи *марҳабо* дар ҳарду забон ҳаммаъно бошад ҳам истифодаи он дар ин забонҳо гуногун мебошад.

Марҳабо ба диёри зебо [4,с.765]. *-Merhaba Amirim," diyor beni görünce.* *-Merhaba, ne var ne yok.*	-Ассалом (марҳабо) раисам, дида гуфт ба ман. Дар ҷавоб: -Марҳабо, хуб ҳастӣ [6, с.225].

Чӣ хеле ки дар мисолҳои боло мебинем, калимаи *марҳабо* вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад: дар мисоли якум ба маънои *хуш омадӣ* ва дар мисоли дуюм ин калима ба *шакли салом* омадааст. Одатан дар забони туркӣ ҷавоби шакли саломи *merhaba* такрори худи калимаи *merhaba* аст вале ҳастанд мавридҳое, ки дигар шакли салом низ истифода бурда мешаванд. Масалан:

Tahir Amcamın en güvendiği adamlardan biri: -Merhaba, diyorum. *-Günaydın, Sedat Bey, diyor saygılı bir tavırla...*	*Яке аз одамони бовариноки амаки Тоҳир:-Марҳабо мегӯям.* *-Субҳ ба хайр, ҷаноби Седат, эҳтиромона ҷавоб медиҳад...* [6, с.202].

Дар мавриди дигар, шахси ҷавобдиҳанда ба салом метавонад хомӯш бимонад, ки боиси сар задани вайронкунии одоби муошират мешавад ва барои роҳ надодан ба ин хатогӣ дар ин саҳифаи суҳбат элементи дигари эҳтиром истифода бурда мешавад:

"*Merhaba*," *diyorum yanlarına yaklaşarak. Sinan beni görünce anlamlı anlamlı süzerek ayağa kalkıyor*: "*Buyurun, hoş geldiniz*."	"***Салом***," *ба онҳо наздик шуда мегӯям. Синан маро дида даме бо диққат аз назар гузаронида аз ҷо бармехезад*: **Марҳамат, хуш омадед** [6, с.169].

Аз мисолҳои боло бармеояд, ки калимаи марҳабо дар забони туркӣ шакли салом маҳсуб ёфта дар муқоиса бо забони тоҷикӣ маъмултар аст. Дар баробари ин калимаи *марҳабо* дар забони туркӣ ба маънои "хуш омадед" истифода бурда намешавад, чунки ба ин маъно ибораи дигари форсӣ ***hoş geldiniz (хуш омадед)*** истифода мегардад.

Sinan beni görünce anlamlı anlamlı süzerek ayağa kalkıyor: **"*Buyurun, hoş geldiniz*."**	*Синан маро дида даме бодиққат аз назар гузаронида аз ҷо бармехезад:* ***Марҳамат, хуш омадед****"* [6, с.169].

Илова бар хамаи ин, калимаи ***Merhaba*** метавонад дар шакли ҷамъ (***merhabalar***) бо илова кардани суффикси *lar-и забони туркӣ* барои нишон додани эҳтиром ва арзи самимият низ истифода шавад.

Калимаи ***салом.*** *Салом.* 1 سلام . сулҳ, амну амон, амон. 2. дуруд, таҳният; **салому алайк** дуруд бар ту! (*ибораест, ки вақти вохӯрӣ бо касе гӯянд*) [4, с. 198]. Ин калима дар баробари забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ ба забони тамоми мардуме, ки мансубият ба динӣ ислом доранд, аз забони арабӣ иқтибос шудааст. Калимаи салом шаклҳои гуногун дорад ва маъмултарини он хусусан дар байни табақаи ҷавони ҷомеаи Туркияи имрӯза *selam* ба ҳисоб меравад. Шаклҳои *selamün aleyküm* ёки *es-selamü aleyküm (салом ба шумо)* аксаран миёни одамоне, ки якдигарро нағз ва муҳлати тӯлонӣ мешиносанд истифода бурда мешаванд. Ба қавли дигар, ин шакли салом миёни одамони ношинос истифода бурда намешавад [7, с.278]. Масалан:

Köy kahvesinde içeri giriyor: -"Selam!" -Selamünaleyküm Hilmi efendi! Baktı, Yusuf: -Aleykümselam, dedi	Ба чойхонаи қишлоқ даромада гуфт: -Салом! [8, с. 99]. -Саломуалайкум ҷаноби Ҳилмӣ! Нигоҳ карда дид, ки Юсуф: -Алайкумсалом, гуфт [8, с.455].

Ин шакли салом ҳам дар шакли танҳо *selam* дар шакли ҷамъ s*elamlar* бо иловаи суффикси *lar-* и забони туркӣ истифода бурда мешавад. Илова бар ин, калимаи салом шакли ғайрирасмӣ маҳсуб ёфта, одатан дар байни мардон маъмултар аст, чунки мардон дар шакли дастаҷамъӣ дар масҷидҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ зуд-зуд рӯ ба рӯ мешаванд [7, с. 278]. Аммо калимаи салом ва шаклҳои он дар забони тоҷикӣ маъмултарин шакли салом ба ҳисоб рафта, дар маданияти суханварии тоҷикӣ барои истифодаи он ягон мамоният пешбинӣ нашудааст.

- Ассалом, очаҷон! - гуфт.
- Ваалайкум ассалом! [1, с.11].
- Салом, модари нек, - гуфт ҷавон ба кампир.
- Салом, гуфт кампир... [1, с.50].
-*Салом бачагон!*
Онҳо саломи маро шунида, ҷавоб гуфтанд:
- *Ваалайкум ассалом!* [2, с.9].

Чи тавре ки дар мисолҳои боло дида мешавад, калимаи салом дар шаклҳои гуногун ва аз тарафи ҳам хурдсолон ҳам калонсол ва хеле латиф истифода бурда шудааст. Дар мисоли охирин салом аз тарафи омӯзгор ба хонандагон дода шудааст ва шакли расмӣ низ ба ҳисоб меравад.

Шакли саломи *Nasılsın / Nasılsınız, яъне Чӣ хел ту ё шумо*. Дар забони туркӣ ин шакли салом ҳам дар шакли танҳо *nasılsın,* ҳам дар шакли ҷамъ *nasılsınız* истифода бурда мешавад. Гарчанде дар забони тоҷикӣ саволи *чӣ хел ту ё чӣ хел шумо* ба маънои ҳолпурсӣ дар қисми дуюми суҳбат истифода шавад ҳам, дар забони туркӣ он ба маънои салом дар қисми якуми суҳбат истифода бурда мешавад:

Melike üzerime eğilmiş, şefkatle küçülen gözleri yaşlarla dolu. / "Nasılsın canım?.. İyileşeceksin… iyileşeceksin, merak etme." *-Merhaba, nasılsınız Madam* *-Teşekkür ederim, çoktandır görünmüyorsunuz.*	*Малика бо чашмони пуроб, ки аз ашк хурдакак шуда буданд, наздики ман шуд. Чӣ хел ту ҷонакам?.. Хуб мешавӣ... хуб мешавӣ, хавотир нашав* [6, с. 8]. *-Салом, Чӣ хел шумо мадам?* *-Муташаккирам, хеле боз камнамоед* [6, с.25].

Ҷавоб ба калимаи *nasılsın* ё ки *nasılsınız iyiyim (хубам), iyiyiz (хубем), iyi (хуб), fena değil (бад не), eh işte(чӣ хеле ки мебинӣ), şöyle böyle (ин хелу он хел(ба ҳар навъ),* ё ин ки арзи сипос *sağ olasın (саломат бошӣ), teşekkür ederim(муташаккирам), allah'a şükürler olsun (шукри худо), şükürler olsun(шукрона), çok şükür(шукри зиёд)* ва ғайра буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ин тарзи салом бештар дар қисмати аввали саломдиҳӣ истифода бурда мешавад. Дар ҷавобҳои дар боло омада ба саволи ***чӣ хел ту ё шумо*** ҷавоби аниқ ва муфассал дар бораи вазъи саломатии ҷавобдиҳанда дода намешавад [7, с.279]. Илова бар ин, гуфтан мумкин аст, ки ҷавоб ба саволи ***чӣ хел ту ё шумо*** дар забони тоҷикӣ низ ҷавобҳои ба забони туркӣ монанд ҳаст.

Тарзи саломи *Ne haber (Nâber)*. Решаи ин калима калимаи арабии *хабар* буда, бо илова кардани префикси *не-и* забони туркӣ дар шакли савол сохта шудааст. Тарҷумаи префикси *не* ба тоҷикӣ *чӣ* буда, маънояш *чӣ хабар* мебошад. Дар адабиётҳои тоҷикие, ки дар ин мақола истифода бурда шуданд, ба ин шакли салом вонахӯрдем. Ба ақидаи устод Муна Ӯзенен ин шакли салом дар забони туркӣ шакли ғайрирасмӣ буда, бештар дар байни ҷавонон ва рафиқони наздик истифода шуда, тазоҳури самимият ба шумор меравад ва ба ақидаи гурӯҳе аз одамон ин тарзи салом дағал ва шакли вайроншавии забон маҳсуб меёбад [7, с.279]. Ҷавоби саломи *Nâber (чӣ хабар) iyiyim (хубам), iyiyiz (хубем), iyi (хуб), fena değil (бад не), eh işte(мешавад), şöyle böyle (ин ту он ту), uğraşıyorum (машғулам), uğraşıyoruz (машғулем)* ва ғайра мебошад. Вариантҳои тарзи саломи *nâber* калимаҳои *ne var ne yok (чӣ ҳаст чӣ нест), nasıl gidiyor (чӣ гуна меравад),* буда дар муошират ба ҳамсолон ва шахсоне, ки дорои мавқеи насбатан поёнтаранд равона карда мешаванд [7, с.279].

Yukarı çıkıyorum, şanslıyım, Mustafa büroda. *-Merhaba Amirim, diyor beni görünce.* *-Merhaba, ne var ne yok.*	*Ба ошёнаи боло мебароям, бахтам омад мекунад, Мустафо дар идора.* *-Салом раисам, дида мегӯяд ба ман.* *-Салом, чӣ хел* [6, с.225].

Шаклҳои салом дар вақтҳои гуногуни рӯз

Субҳ бахайр	*Günaydın*
Рӯз ба хайр	*Hayırlı (iyi) günler*
Субҳ ба хайр	*Hayırlı (iyi) sabahlar*
Шом ба хайр	*Hayırlı (iyi) akşamlar*
Шаб ба хайр	*Hayırlı (iyi) geceler*

Тарзи махсуси салом дар вақтҳои гуногуни рӯз дар забонҳои тоҷикӣ ва туркӣ зиёд аст. Чи тавре ки дар ҷадвали боло мебинем, дар баёни саломи вақтҳои рӯз дар ҳарду забон калимаи ***хайр*** истифода мешавад***:*** дар забони тоҷикӣ *субҳ, рӯз, шом, шаб* ***ба хайр*** ва дар забони туркӣ ***hayırlı*** *günler, sabahlar, akşamlar, geceler*. Қайд кардан зарур аст, ки калимаи хайр вожаи арабӣ аст ва дар қиёс бо забони тоҷикӣ дар забони туркӣ калимаи ***iyi,*** яъне хуб, варианти забони туркӣ низ истифода бурда мешавад.

-*Maya Hanım, size iyi günler dilerim.* -*Хонум Майа, ба шумо рӯзи хуб хоҳонам* [9, с.193].

Варианти саломи *günaydın* (рӯз равшан бод) дар забони тоҷикӣ дида намешавад. Дигар чизе ки дар вақти пажӯҳиши мавзӯъ ба назар расид, ин истифодаи васеи ин шаклҳои салом дар забони туркӣ буд. Ин шаклҳои салом расмӣ буда на танҳо дар аввал, балки баъзеашон дар охири суҳбат пеш аз ҷудо шудани ҳамсуҳбатон низ, ба кор бурда мешаванд. Вале дар забони тоҷикӣ салом дар вақтҳои гуногуни рӯз бештар дар адабиёти хаттӣ ва аз тарафи ровиёни радио ва телевизион ба кор бурда шуда, дар муошират ҳаррӯза мардум калимаи *саломро* истифода мебаранд.

Дар охир метавон гуфт, ки салом ва одоби салом гуфтан инсонро ба қуллаҳои баланди одамӣ расонида, ботини ӯро бо фазилатҳои наку оро медиҳад. Ниёгони мо ба мафҳум ва маданияти ин амали шоиста аз қадим аҳамияти ҷиддӣ дода, ба наслҳои ҷадид онро хеле дақиқ омӯзондаанд. Тибқи маълумоти бадастоварда мо инъикоси аҳамияти саломро хеле равшан дар робита бо иди миллии тоҷикон наврӯз мебинем. Дар асрҳои миёна борои инкишофи ин амалӣ неки ниёгон дини мубини ислом такони назаррасе бахшида, чорчӯбаи одоби онро хеле бориз муайян кардааст. Ёдовар бояд шавем, ки аҳамияти салом додан дар маданият ва одоби муошират туркон низ хеле мавқеи муҳим дошта, одоб ва риояи он ба одоби саломи суннатии мардуми тоҷик шабоҳат дорад. Гарчанде аз ин лиҳоз маданияти ин ду мардум хеле наздик бошад, ҳам, ҳастанд мавридҳои фарқкунанда, ки дар онҳо тарзи истифодаи баъзе аз мафҳумҳои салом ба чашм мерасанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсонахои халқи тоҷик. (Адабиёти бачагона). – Душанбе: Забон, 1995. – 143 с.
2. Йордан Милев. Дили бузург / Милев Йордан // Садои Шарк. - Душанбе, 2018.-№ 3. - С. 9 –10.
3. Раҳмонзода А.А. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ. Китоби дарсӣ / А.А. Раҳмонзода ва диг. –Душанбе: Маориф, 2017. –207 с.
4. Назарзода С. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / С.Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М.Ҳ. Султон. – Душанбе, 2008. – 1895 с.
5. Ahmet Keskin. A General Assessment about “Greeting” and “Saying Good Bye” in Turkish Culture / Keskin Ahmet // TÜRK DÜNYASI Dil ve Edebiyat Dergisi. - Ankara: Türk dil kurumu yayınları, 2017. - P. 125-146.
6. Ahmet Ümit. Sis ve Gece / Ümit Ahmet. - İstanbul: Everest Yayınları, 2012. - 265 p.
7. Muna Yüceol Özenen.Greeting acts in Turkish / Özenen Muna Yüceol // International Journal of Language Academy. - Warsaw, 2017. -№ 5. - P. 266-299.
8. Orhan Kemal. Gurbet Kuşları / Kemal Orhan. - İstanbul: Varlık Yayınevi, 1973. - P. 480
9. Zülfü Livaneli. Serenad / Livaneli Zülfü. - İstanbul: Doğan Kitap, 2011. - P. 481.

ШАКЛҲОИ САЛОМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ТУРКӢ

Додани салом ва риояи одоби он аз ахлоқи некӣ инсонҳо буда, он дар маданияти суханварии тоҷикон ва туркон аз қадимулайём мавқеи хеле муҳим дорад. Гарчанде мафҳуми салом ва одоби он дар тамаддуни ин ду мардум мавқеи махсус дошта бошад ҳам, он дар давраи зуҳури дини мубини ислом ба чаҳорчӯбаи муайян даромад. Қайд кардан зарур аст, ки салом додан дар маданияти ориётабор ва туркон хеле пеш мавқеи худро пайдо карда буд. Дар адабиёти истифодашуда мо мушоҳида кардем, ки калимаи дуруд ва дуруд фиристодан ба иди милли мо-Наврӯз алоқаи зич дошта, яке аз рукнҳои ин ид ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, қабилаҳои гуногуни туркон дар вақти ба ҳам омадан вожаҳои esen, aman, sağ, sav-ро истифода мебурданд, ки маънои луғавиашон ба калимаҳои салому дуруд хеле шабоҳат дорад. Дар мақолаи мазкур мо дах шакли саломро дида баромадем, ки баъзеи онҳо дар забони тоҷикӣ ва забони туркӣ ҳаммаъноянд. Ба онҳо асосан дохил мешаванд: салом дар вақтҳои муайяни рӯз ба монанди *субҳ ба хайр-hayırlı sabahlar* ё ки *рӯз ба хайр-hayırlı günler* ва ғайра. Калимаи *марҳабо* дар ҳарду забон мавҷуд буда вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Илова бар ин, ҳаст шакли саломе, ки дар забони тоҷикӣ дар қисми дуюми суҳбат истифода мешавад, аммо дар забони туркӣ ҳам дар қисми аввал ҳам дар қисми дуюм бе ягон мамониат истеъмол карда мешавад ва баъзи шаклҳои саломи забони туркӣ дар забони тоҷикӣ ба вазифаи салом истифода бурда намешаванд. Худи калимаи *салом* ва ҳамаи шаклҳои он дар ҳарду забон, ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар муошират, фаровон истеъмол шуда, дар забони туркӣ ба баъзе нозукиҳо дучор мешавем. Дар забони тоҷикӣ салом ба таври расмӣ ва ғайрирасмӣ истифода бурда шавад ҳам, он дар забони туркӣ ғайрирасмӣ маҳсуб меёбад ва зиёдтар миёни мардон ва шахсони ба ҳам самимӣ маъмул аст. Ногуфта намонад, ки саломи вақтҳои гуногуни рӯз дар забони тоҷикӣ бештар аз тарафи ровиёни ВАО ва дар адабиёти хаттӣ истифода бурда мешавад, аммо дар забони туркӣ онҳо фаровон, ҳам дар адабиёти хаттӣ ва ҳам дар муошират ҳаррӯза, дида мешаванд.

Калидвожаҳо: одоби салом, ҷавоби салом, забони туркӣ, забони тоҷикӣ, маданияти суханварӣ, саломи расмӣ ва ғайрирасмӣ, салом дар вақтҳои гуногуни рӯз.

ФОРМЫ ПРИВЕТСТВИЯ В ТАДЖИКСКОМ И ТУРЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

Приветствие является важнейшем элементом речевого этикета таджикской и турецкой лингвокультуры. С древних времён приветствие и этика приветствия считалась высшем человеческим нравом в культурах двух народов, и после зарождение ислама оно приобрело высокий этический статус в исламском культурном ареале, в том числе и в таджикском и в турецком речевом этикете. В использованной литературе было выяснено, что приветствие в культуре таджикского народа тесно связано с народным праздником Навруз. Более того, тюркские племена с древнейших времён приветствовали друг друга словами *esen, aman, sağ, sav,* которые этимологически связаны с словом *салом* и *дуруд* в таджикском языке. В данной статье были проанализированы десять форм приветствия в таджикском и турецком языках. К ним относятся приветствия в разное время дня, такие как *субҳ ба хайр-hayırlı sabahlar* или *рӯз ба хайр-hayırlı günler* и т.д. Слово *марҳабо* в обоих языках имеет разную функцию. Кроме того, некоторые формы приветствия в турецком языке используются в первой и во второй фазе разговора, но которые не встречаются в первой фазе разговора таджикского языка. Слово «салом» можно считать формальной формой приветствия в таджикском языке, но в турецком языке оно является неформальным. Приветствия в разные время дня широко используются в ежедневной практике в турецком языке, однако в таджикском языке их можно встретить в литературе ведущих СМИ.

Ключевые слова: этика приветствие, ответ на приветствие, турецкий язык, таджикский язык, культура речи, формальное и не формальное приветствие, приветствие в разное время дня.

GREETING FORMS IN TAJIK AND TURKISH LANGUAGES

The greeting is the most important element of speech etiquette of Tajik and Turkish linguoculture. Since ancient times, greeting and ethics of greeting were considered the highest moral in the cultures of two nations, and after the birth of Islam, it acquired a high ethical status in the Islamic cultural area, including in Tajik and Turkish speech etiquette. In the literature used, it was found that the greeting in the culture of Tajik people is closely related to the national holiday Navruz. Moreover, since ancient times, the Turkic tribes hailed each other with the words *esen, aman, sağ, sav* which are etymologically related to the words *salom* and *durud* in Tajik language. There were analyzed ten forms of greetings in the Tajik and Turkish languages. These include greetings at different times of the day like *субњ бахайр-hayırlı sabahlar* or рўз *бахайр-hayırlı günler*, etc. The word *marhabo* in both languages has a different function. In addition, some forms of greeting in Turkish are used in the first and second phases of conversation, which are not found in the first phase of conversation in Tajik language. The word *salom* is a formal type of greeting in Tajik, but in Turkish it is considered informal. Greetings at different times of the day are widely used in daily practice in Turkish, however, in Tajik they are widely used by the speakers of mass media.

Key words: ethics of greeting, response to greeting, Turkish language, Tajik language, culture of speech, formal and non-formal greeting, greeting at different times of the day

Сведения об авторе: ***Холиков Насим Абдусамадович*** - Российско - Таджикский (Славянский) университет, аспирант кафедры теоретического и прикладного языкознания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзода, 30. E-mail: **nasimkholikov@gmail.com.** Тел.: **(+992) 987-69-99-29**

Information about the author: ***Khalikov Nasim Abdusamadovich*** - Russian - Tajik (Slavonic) University, graduate student of the Department of Theoretical and Applied Linguistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mirzo Tursunzoda, 30. E-mail: **nasimkholikov@gmail.com.** Tel.: **(+992) 987-69-99-29**

УДК: 491.550-3 (575.32)

КАЛИМАЮ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ХӮРОК ВА ХӮРОКВОРӢ ДАР ГӮИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ

(тадқиқоти этнолингвистӣ)

Шердилова С.Ф.

Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

Асару мақолаҳое, ки ба таҳқиқи ҷиҳатҳои мухталифи калимаҳо оид ба урфу одати мардуми Ғорон бахшида шудаанд, нишон медиҳанд, ки оид ба ин мавзӯъ як идда асарҳои олимони шинохта А.М Андреев, М.С. Грюнберг, А.З. Розенфельд, А.З. Раҳимов, И. Искандаров, Б. Назарова аз чоп баромада бошанд ҳам, ҳоло бисёр паҳлуҳои ин масъала ба таври дақиқ таҳқиқ нашудаанд [1, с.25]. Аз нуқтаи назари этнографӣ анвои хӯрок ва хӯрокворӣ то андозае таҳқиқ ёфтааст. Аз ҷумла, тавсифоти баъзе истилоҳоти марбут ба хӯрок ва хӯрокворӣ дар асари А.А. Семёнов ва Г.А. Арандаренко дода шудааст. Маълум аст, ки перомуни лексикаи марбут ба хӯрок ва хӯрокворӣ дар гӯиши тоҷикони водии Ғорон дар мақолаҳои илмии олимон шарҳу тавзеҳоти зиёд дучор шаванд, ҳам ба таври пурра кори илмӣ бурда нашудааст. Инро ба ҳисоб гирифта даст ба таҳлилу таҳқиқи этнолингвистии мавзӯи номбурда задем. Бори нахуст мувофиқи имкон кӯшиш намудем таркиби луғавӣ ва лексикии марбут ба истилоҳоти хӯрок ва хӯрокворио дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Е.М. Пещерева умуман хоҷагии имрӯзаи тоҷикони кӯҳистонро таҳқиқ карда, зимнан дар бораи навъҳои хӯроке, ки бо шир ё ҷурғот тайёр карда мешаванд, маълумот додааст [8, с.42]. Вале маълумоти нисбатан мукаммал ва конкрет роҷеъ ба навъҳои хӯрок ва хӯрокворӣ танҳо ба қалами муаллифони китоби «Таджики Каратегина и Дарваза» тааллуқ дорад. Шубҳае нест, ки тоҷикони маҳалҳои Қаротегин, Кӯлоб, Бадахшон ва водии Ҳисор дар бобати тайёр кардани хӯрок ва истифодаи масолеҳи он умумияти бисёре доранд. Аз ин ҷост, ки бисёр калимаҳои умумии лаҳҷаҳои ҷанубӣ вобаста ба терминологияи хӯрокворӣ ба фонди умумитоҷикӣ тааллуқ доранд [7, с.137]. Масалан, калима-терминҳои зеринро номбар кардан мумкин аст, ки дар қисми бештари лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ дучор меоянд **хамирмо//хамирмон-**хамиртуруш, **чапоти**-нони тунук, **фатирмаска**-номи як навъ хӯроке, ки аз фатири гарм ва равғани маска тайёр карда мешавад, мойник // мойнӣ // муни // **монук // монък** (Нут)-сафедӣ барои хобондани ҷурғот ё тухме, ки аз рӯйи одат ба зери мурғ мегузоранд ва ғайра [9, с.114]. Ба ин соҳа истилоҳоти марбут ба хӯрокворӣ мисол шуда метавонанд. Ин аст, ки дар ин бобат калимаю истилоҳоти фаровоне кор фармуда мешаванд, ки гурӯҳҳои зеринро дар бар мегиранд:

Дар асарҳои шевашиносӣ фақат тафсири баъзе номҳои хӯрокворӣ ва ё калимаҳои ба он алоқамандро дарёб кардан мумкин аст. Калима ва терминҳои хӯрокворӣ вобаста аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққатанд: 1. навъҳои хӯрок ва хӯрокворӣ 2. материали хӯрокворӣ 3. тарзи тайёр кардани хӯрокворӣ, 4. Таркиби хӯрок ва ғайра [7, с.136]

Соҳаи хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти мардум ба ҳисоб меравад. Бисёр аз вожаҳое, ки дар ифодаи номи хӯрокҳо истеъмол мешаванд дар лаҳҷаи Ғорон қадимианд.

1.Истилоҳоти соҳаи пазандагӣ. Пазандагӣ як бахши асосии фаъолияти соҳибони лаҳҷаро ташкил дода, қисматҳои гуногунро дар бар мегирад. Вобаста ба ҳар як қисмати он калимаву истилоҳоти махсус ба кор бурда мешаванд. Азбаски калимаву истилоҳоти риштаи пазандагӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон хеле зиёданд, онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо менамоем:

1.1. Калимаву истилоҳоти марбут ба нонпазӣ. Мардуми тоҷикро аз қадимулайём бо таомҳои болаззату нонҳои хушмаззаашон мешиносанду эҳтиром мегузоранд. Нон яке аз хӯрданиҳои маъмул ва асосии тоҷикон ба шумор меравад. Дастархони мардуми тоҷикро нонҳои бомаззае, ки занҳои тоҷик бо як меҳру муҳаббати хосса тайёр мекунанд, зебу зиннат мебахшанд. Беҳуда нест, ки тоҷикон вобаста ба оини деринаи худ пешвози меҳмонро бо нону намак то ҳол гум накардаанд [2, с.87]. Дар бораи пайдоиши вожаи **нон** профессор Маҷидов Ҳ дар китоби «Забони адабии муосири тоҷик» чунин овардааст: «Калимаи нон бошад аз таркиби эронии қадим ni-kan сарчашма гирифта, ба маънои «ба қӯри алов гӯр кардан» дар истеъмол будааст. Яъне, дар ибтидо хамири нонро чунонки имрӯз одати даҳмардаҳост, дар қӯри оташ гӯр карда мепухтанд» [6, с.37-38]. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон ҳоло чунин навъи нонро, ки дар **хамуч** (таги хокистар) мепазанд, **къмоч** мегӯянд, ки **къмоч** калимаи туркӣ-ӯзбекист. Вобаста ба тарзҳои пухтани нон дар Ғорон нонҳои **дигдони, танури, деки, духофкаги** мешаванд. Асосан дар Ғорон нонро аз ду навъи орд тайёр мекунанд: **орди осиёби ё тоҷики** (орде, ки дар осиёб аз гандуму ҷав истеҳсол мешавад). Ин ордро дар лаҳҷа орди **ҷойдорӣ** низ мегӯянд, орди магазинӣ ё русӣ (орде, ки дар комбинат истеҳсол мешавад). Ғайр аз ин, дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон вожаҳое ба кор бурда мешаванд, ки онҳоро хосси лаҳҷаи мазкур ҳисобидан мумкин аст. Аз қабили **орди алалаши** (орде, ки бо орди магазинӣ омехта карда мешавад), **орди сърх** (орди навъи сеюм), **орди мъчъкин** (орди аз аз нахуд тайёршуда). Дар лаҳҷаи мазкур синоними орд **«гард»** ба ҳисоб меравад. *Каптар гардворимон бдъе ки хамер кънем. (Шамбедеҳ).*

Дар Ғорон хамир навъҳои гуногун дорад, ки бо чунин истилоҳот ифода мешаванд: **хамери аз табақ сарзада** (хамири аз ҳад зиёд расида), **хамери фатир** (хамири нарасида), **хамери сангбарин** (хамири сахт хелидашуда), **хамери тършъда** (хамири аз ҳад зиёд расида), **хамери ба дигдон** (хамир барои дегдон), **хамери къмоч** (хамир барои қумоч), **хамери кълча** (хамири кулча), **хамери манту** (хамир барои манту), **хамери самбуса** (хамир барои самбӯса), **хамери булка** (хамири булка), **хамери бурсоқ** (хамири бурсоқ, орзуқ), **хамери ошък** (хамири макарони хонагӣ). Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон синоними макарон **ошък** мебошад. Маҳсули хамир нон ба ҳисоб меравад.

Хамери ба ошъка бхер тезтар бъбршки ба авқот дер мешад (Сист).

Калимаю истилоҳоте, ки ба нон ва тайёр кардани он алоқамандӣ доранд:

1. Номи ашёе, ки дар мавриди пухтани нон истифода мешаванд: табақ (табақи хамир), **ғалбел** (элак), **нонбандък** (рафида), **тахта**, **дасторхон** (дастархон), **парчък** (мухпар), **нонхолзаник** (мухпар).

2. Ифодагари мафҳуми танӯр: Дар лаҳҷаи мазкур ифодагари мафҳуми **танӯр** вожаи **дигдон** (дегдон) мебошад, ки синонимҳои **дигдон, чалики** низ дорад. Аз инҳо доираи истеъмоли вожаи **дигдон** васеътар аст.

3. Номи суннатҳое, ки ба нон вобастагӣ доранд. Ин навъи суннатҳо дар байни тоҷикони Ғорон бисёранд ва бо калимаву таркибҳои гуногун ифода меёбанд: **нон мондан** (дар таги болишти кӯдак нон гузоштан). Ин маънои онро дорад, ки нон кӯдакро муҳофизат мекунад), **кълчапазон** (дар мавриди тӯйи арӯсӣ барои духтар тӯша- кулча ва **бурсоқ** ҳамроҳаш омода мекунанд), **нон хъдои кардан** (дар вақти нохушӣ ё хоби бад дидан, садақа кардан).

Бади колаи сар кълчаву бурсоқи оруса тезтар пазем ки вақтмон кам.

Да хонаи апаи Ашам имруз кълчапазон уно туй доран-ку (Қозидеҳ).

Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон ва лаҳҷаҳои Қаротегин, вахиёи-қаротегин як қатор калимаву терминҳое мавҷуданд, ки навъҳои нонро аз рӯйи идҳо, маросимҳои тӯй ифода мекунанд. Масалан, **шогунқъмоч** (қумочи наврӯзӣ). Наврӯзро дар Бадахшон **Шогун (яъне, гунаи шоҳ)** меноманд. **Нонруған** (нонравған), **нонмаск**а, **кълчаи шогуни** (кулчаи наврӯзӣ), **холхолак** (Қаротегин).

Мъмом ба мо кълчаи шогуни овардаст. Да пъчръмшкани мо нонруған карда бъдем (Синиб).

4. Навъҳои гуногуни нон, ки бо истилоҳоти зерин ифода меёбанд:

4.1. Навъҳои нон: нони тънък (нони тунук пухташуда), **нони магазини (**нони аз бозор ё магазин харидашуда), **нони фатир** (нони норасида), **нони дигдони** (нони дегдонӣ), **нони деки** (нони дар дег пухташуда), **нони печкаги** (нони дар печка пухташуда), **нони тӯй** (нон барои тӯйи арӯсӣ).

4.2. Номи кулчаҳо: **кълчаи дигдони** (кулчаи дегдонӣ), **кълчаи танури** (кулчаи танӯрӣ), **кълчаи орус** (кулча барои арӯс), **кълчаи иди** (кулчаи идӣ), **кълчаи серуған** (кулчаи серравған), **кълчаи гандъми** (кулчаи аз орди гандум тайёршуда).

4.3. Навъҳои фатир: фатири тънък (фатири тунук), **фатири ба шир**, **фатири ба руған** (фатири ба равған), **фатири ба қрутоw** (фатир барои қурутоб), **фатирмаска** (фатир бо маска)

4.4. Масолеҳе, ки дар хамир андохта мешавад: **хамермо** (хамирмо, хамиртуруш), **руған (**равған), **шир, ҷағзък** (равғани гӯсфанд), чормағз.

Тъ алба да хамер хамермора кам дохта бъди ки хамер дер расид (Шамбедеҳ).

Вожаи **хамиртуруш, ки меъёрест** дар аксар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, бо вожаи **хамермо/хамирмо/хамирмоя** ифода карда мешавад ва он дар луғат чунин маънидод шудааст: хамири туруше, ки онро бо орду обу намак омехта хамир тайёр мекунанд; маҷозан асос, асл, моҳият [11, с.460]. Ҳоло бештар ба ҷойи ин вожаҳо дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон калимаи русии **дрож (дрож)-**ро истифода мебаранд.

2. Номи таомҳо: Мафҳуми ифодагари маънои умумии **таом** дар лаҳҷаи Ғорон вожаҳои **авқот** (ақвот) ва **хърок** мебошад. Хӯроки саҳар, нисфирӯзӣ ва шом бо калимаҳои иқтибосии русии завтрак, абед (обед) ва ужин ифода меёбанд.

Таомпазӣ асосан касби занон аст аммо хонадоне низ пайдо мешавад, ки мард ба ин ҳунар шуғл меварзад. Тоҷикони Ғорон зани пазандаро **кадбону, пазанда, awқотпаз, повр** меноманд. Дар шеваи ҷанубӣ дар ин маънӣ муодили **кайбону** истеъмол меёбад [7, с.259]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин калима ба ду маънӣ оварда шудааст: 1. соҳибхоназан, бонуи хона; 2. зане, ки маъмури пухтупаз аст, сардори занони ошпаз [11, с.525].

Маъмултарин хӯрокҳои болаззати мардуми Ғорон **палоw** (оши палов) ва **манту** мебошад. Вожаи **палов** дар Ғорон бештар маъмул аст. Дар лаҳҷаи Ғорон **оши палоw** исми сермаъно мебошад: **оши бърида** (оши бурида), **оши палов**, **калпалов** (оши бегӯшт), **макарон палов** (оши бо макарон).

Дина гушт надоштем нашъд калпалов ба вега пъхтем. Ба абеда макаронпалов мепазем мешад алба (Гармчашма).

Вожаи **ошро** мо дар таркиби номи расму русуме, ки аз аҷдодонамон боқӣ мондаанд, дарёфт карда метавонем: **оши ошти** (оше, ки ба муносибати оштӣ кардан, мепазанд), **оши сари хок** (шахсони азодор дар рӯзҳои ид ба сари қабристон ош мебаранд), **палови саршувон** (оши дар саршӯёни арӯсу домод пухташуда), **палови чъроғ** (оше, ки дар азодорӣ ва маросими чароғдаргиронӣ пухта мешавад).

Калимаву истилоҳоти ба анвои ош алоқамандро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: **палови авғони (оши авғонӣ)**, **палови ба дъмба** (оши бо думбаи гӯспанд пухташуда**)**, **палови ба зъғир** (оши бо зағир), **калпалов** (оши бегӯшт), оши як ба як.

1.Номи навъҳои атола: зъғератола (зағиратола), **ҷawзатола** (ҷавзатола), **қрутатола** (қурутатола**), дъмбаатола (**думбаатола), **талхъкатола** (атола бо донаи талхи зардолу), **чормағзатола**, **ширатола.**

Ҷиям имруз ба мо сари ширатола мепазад. Хъникитон кардаст месълфет ҷавзатола бъкнмтон ки сият бъшет (Баршор).

2. Номи навъи шӯрбо: **хомшурwo** (хомшӯрбо), **резашърwo** (резашӯрбо), **мърғшърwo** (мурғшӯрбо), **нахудшърwo** (нахудшӯрбо).

3. Номи таомҳои ҷӯшондагӣ: картошкаовҷуш (картошкаобҷӯш), **тъхми owҷуш** (тухми обҷӯш), **гушти owҷуш** (гӯшти обҷӯш), **бъринҷи owҷуш** (биринҷи обҷӯш).

4. Номи таомҳои бирёншуда: **тъхмбърён** (тухмбирён), **гуштбърён** (гӯштбирён), **картошкабърён** (картошкабирён), **ҷигарбърён** (ҷигарбирён), **моибърён** (моҳибирён).

5. Номи хӯрокҳои гиёҳӣ: **умочи алафи** (ӯмочи алафӣ), **самбусаи алафи** (самбӯсаи алафӣ), **самбусаи кадуин** (самбӯсаи кадугӣ), **шахък** (хӯроки алафӣ). *Кудако брет ай зъмино шахък бчинет шахък пазем (Дашт).*

6. Номи хӯрокҳои хамирӣ: манту, хонума, **қурутow, шакарow, қрути** (қурутӣ), **нонруған** (нонравған), **нонмаска, нонмолик** (нон бо равған).

Ай ами нонои гармът қатии руғани айлоқи як нонмолик бъкн ҷия (Вогз).

7. Номи хӯрокҳои ширӣ: **ширбъринҷ** (ширбиринҷ), **ширatола**, **ширруған** (ширравған), **кочи, ширкочи (кочӣ).** Вожаи **кочи** номи атолаеро мефаҳмонад, ки аз орду шир, шакар тайёр карда мешавад. Ин калимаро Савдо бо ҳамин маънӣ истифода кардааст:

Он чи аз атъима ошӯби курои шикам аст,
*Оши **кочист**, ки бешубҳа балои шикам аст (Савдо).*

Мъмом пешо кочши бамазаи мепъхт (Сист), **ширбат, дуғ** (дӯғ), **чака** (чакка), **ҷърғот** (ҷурғот), **чалow** (чалов), **ширфатир, қаймоқ, панир, шир**. Дар водии тоҷикони Ғорон вожаи **шир**-ро бо **ганҷ** иваз мекунанд, ин аз мақоми баланд доштани маҳсулоти ширӣ гувоҳӣ медиҳад.

Вақте ки сухан дар бораи хӯрокҳои ширӣ меравад, лозим медонем, ки аз калимаву истилоҳоти ифодакунандаи номи асбобҳои ба ширу ҷурғот алоқаманд ёдовар мешавем. Дар ҳаёти мардуми тоҷик анъанаи аз шир ҷудо кардани равған амали қадимист. Ин боиси он гардидааст, ки вобаста ба амали мазкур чандин калимаву истилоҳоти нав пайдо шаванд. Ин калимаву истилоҳот бо ибораи **болодъстеки говдуши** (катилоки говҷӯшӣ), ё **чалаки говдуши** (сатили говҷӯшӣ), оғоз меёбад. Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон истилоҳи **ширчахсзанък** ё **дасторък** (дока), барои полондани шир истеъмол меёбад, **табақи ширҷушони**, **табақи чъқурък** (табақи чуқурак), **мелок** (аз ресмон сохта шуда, дар он зарфи пур аз ширро меовезанд). Дар бораи пайдоиши вожаи мелок Ҳ.Маҷидов чунин овардааст: «Рехташавии калимаҳои сохта ва гум шудани қимати пасвандҳои калимасоз низ аз ҳодисаи чандон нодир нест. Масалан, дар калимаи **мелок** (овезаи зарфи шир) дар муқоиса бо калимаҳои сохтаи бо он мушобеҳи **пӯшок**, хӯрок реша пасванди –**ок**-ро ба осонӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар гузаштаи дур решаи **мел** ба маънои «шир» истифода мешудааст [6, с.92]. Калимаи **хъмбък** (хуме, ки дар он дӯғ мекашанд), **тасма** (тасмае, ки бо парак васл шуда, онро чарх мезанонад), **чахтък** (ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда), **парък** (чӯби сепояи махсус аст, ки чарх зада, равғанро аз ҷурғот ҷудо менамояд) низ ба ширу дӯғ ва истеҳсоли равған дахл доранд.

8. Номи хӯрокҳое, ки дар таги оташ пухта мешаванд: **картошкаи тайиалowи** (картошкаи тагиаловӣ), **тъхми тайиалowи** (тухми тагиаловӣ) **къкърузи тагйиалowи** (ҷувории тагиаловӣ), **рови тайиалowи** (растании кӯҳӣ). *Ами картошкора да таи алов бъмон бпазан ки бхремшон (Андароб).*

Гиёҳ ва растаниҳои кӯҳиро бештар барои тарзи табиӣ ва аз ҷиҳати гигиенӣ фоидаовар буданашон истеъмол мекунанд. Аз инҳо пахншудатаринашон калимаҳои **чъкри, торон, ров, ревзък, чигор** ва ғайра мебошанд, ки гиёҳ ва растаниҳои ифодакунандаи онҳо дар аксарияти маҳалҳои Тоҷикистон маъмул аст.

9. Номи хӯрокҳое, ки аз гиёҳҳо тайёр карда мешаванд: **чигорбирён** (хоч), ревзъкбирён (як навъи растанӣ), жарики ровин.

10. Номи гиёҳҳое, ки барои хушлаззат шудани хӯрок истифода мешаванд: зира, мурч, гашниз, укроб, пиёз, раён (райҳон), занҷабил, **шълх**а (шулха), **зардгълък** (зардгулак), пудина.

Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон дар баробари тайёр намудани хӯрок аз картошка, биринҷ, сабзавот, инчунин чанд намуди хӯрокҳое пӯхта мешаванд, ки ба онҳо мева ҳамроҳ мекунанд: **тутбат, зардолуатола**, **қоқъкатола** (зардолуатола). Ин истилоҳот дар лаҳҷаи тоҷикони Ишкошим ва Вахон ба ҳамин маъно истифода мешаванд. Аммо дар гӯиши

забонҳои помирӣ аз ҷумла дар Рӯшону Шуғнон ин истилоҳро вожаи **ношхухпа** иваз мекунад.

Да хонаи занемъкм тутбат хърдем. Апам зардолуатола пъхтаст амқа бамазаики (Хараг).

Дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон вожаҳои ифодагари навъҳои хӯрок аз нигоҳи баромад ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд.

а) истилоҳоти хосси лаҳҷаи Ғорон: **умоч, шахък, бат, нонмолик**, **ревзъкбирён** (растании кӯҳӣ).

б) истилоҳоти марбут ба забони туркӣ-ӯзбекӣ: **чърғот** (ҷурғот), **қаймоқ, қайла, къруt** (қурут).

в) истилоҳоти марбут ба забони русӣ-аврупоӣ: пирог, торт, мани каша, павидло, суп, винигрет, аливия, цезар, шуба, булъчка (булочка), салёни, карейски салат.

г) истилоҳи умумитоҷикӣ: картошкабирён, кабоб (гӯштбирён), ширбиринҷ, шула (шавла), ширкаду, ширчой, ош, шакарow, қурутow.

Бояд қайд намоем, ки дар бахши пазандагӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон вожаҳои умумитоҷикӣ ва иқтибосӣ бештар дида мешавад. Ҳамин тариқ, лексикаи хӯрокворӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон мавзӯи алҳол таҳқиқнашуда буда, таҳлилу таҳқиқи минбаъдаро талаб менамояд. Мардуми тоҷикро аз қадимулаём бо таомҳои болаззату нонҳои хушмазаашон мешиносанду эҳтиром мегузоранд. Нон яке аз хӯрданиҳои маъмул ва асосии тоҷикон ба шумор меравад. Дастархони мардуми тоҷикро нонҳои бомазаву хушлаззате, ки занҳои тоҷик бо як меҳру муҳаббати хосса тайёр мекунанд, зебу зинат мебахшанд. Беҳуда нест, ки тоҷикон бо оини деринаи худ пешвози меҳмонро бо нону намак то ҳол гум накардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Андреев М.С. Таджики долини хуф. Монография / М.С. Андреев. 1953. - 524 с.
2. Абдуллоева Г.З Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ. Монография / Г.З. Абдуллоева. - Душанбе, 2017. - 190 с.
3. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов. Монография / Н. Гадоев. - Душанбе: 2012. - 209 с.
4. Карамшоев Д, Оид ба муносибатҳои луғавӣ ва грамматикии забонҳои помирӣ ва тоҷикӣ / Д. Карамшоев, Т.Бахтибеков // Масъалаҳои забоншиносӣ. - Душанбе,1975, с.
5. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Монография / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 2007. - 92 с.
6. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ.Монография / Р.Л.Неменова, Ғ. Ҷӯраев. - Душанбе: 1980. - Ҷ.1. - 328 с.
7. Пещерева Е.М. Молочное хозяиство горных таджиков и некоторые связанные с ним обычаи / Е.М. Пещерева // По Таджикистану. - Ташкент, 1927. - 201 с.
8. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка / Монография / А.З.Розенфельд. - Л., 1971. - 192 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. – М., 1969. - 950 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. – М., 1969. - 950 с.

КАЛИМАЮ ИСТИЛОҲОТИ МАРБУТ БА ХӮРОК ВА ХӮРОКВОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ ҒОРОНИ НОҲИЯИ ИШКОШИМ

(тадқиқоти этнолингвистӣ)

Лексикаи хӯрокворӣ дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон мавзӯи алҳол таҳқиқнашуда буда, таҳлилу таҳқиқи пурраро талабгор аст. Маълум аст, ки перомуни лексикаи марбут ба хӯрок ва хӯрокворӣ дар гӯйиши тоҷикони водии Ғорон дар мақолаҳои илмии олимон шарҳу тавзеҳоти зиёд дучор шаванд, ҳам ба таври пурра таҳқиқоти илмӣ бурда нашудааст. Инро ба ҳисоб гирифта даст ба таҳлилу таҳқиқи этнолингвистии мавзӯи номбурда задем. Бори нахуст мувофиқи имкон кӯшиш намудем таркиби луғавӣ ва лексикии марбут ба истилоҳоти хӯрок ва хӯрокворирo дар лаҳҷаи тоҷикони Ғорон мавриди баррасӣ қарор диҳем. Мардуми тоҷикро аз қадимулайём бо таомҳои болазату нонҳои хушмазаашон мешиносанду эҳтиром мегузоранд. Нон яке аз хӯрданиҳои маъмул ва асосии тоҷикон ба шумор меравад. Дастархони мардуми тоҷикро нонҳои бомазаву хушлаззат, ки занҳои тоҷик бо як меҳру муҳаббати хосса тайёр мекунанд, зебу зинат мебахшанд. Беҳуда нест, ки тоҷикон бо оини деринаи худ пешвози меҳмонро бо нону намак то ҳол гум накардаанд. Ин хӯрокҳое, ки мо дар боло зикр намудем, баъзе аз инҳо дар айни ҳол дар ҳолати аз байнравиянд, чунки ин намуди хӯрокҳоро дар даврони пеш бибиву бобоёнамон истифода мебурданд. Дар натиҷаи пеш рафтани техникаву технологияи ҳозиразамон ҷойи ин намуди хӯрокҳоро хӯрокҳои ҳозиразамон гирифтаистодаанд.

Калидвожаҳо: хӯрок, шир, нони тӯй, лаҳча, кулча, хӯрокҳои гиёҳӣ, ширбиринҷ, ширравған, кочи, бат.

СЛОВА И ТЕРМИНЫ ПИЩИ И ПРОДУКТОВ ПИТАНИЯ В ГОВОРЕ (ДИАЛЕКТЕ) ТАДЖИКОВ ДОЛИНЫ ГОРОНА ИШКАШИМСКОГО РАЙОНА

(этнолингвистическое исследование)

Лексика пищи и пищевых продуктов в местном говоре (диалекте) таджиков долины Горона на современном этапе развитии страны все еще остается одной из неисследованных тем, несмотря на создавшие благоприятные условия для проведения научно-исследовательских работ в условиях государственной независимости. Таджикский язык в качестве государственного языка за годы независимости Республики Таджикистан стал развиваться бурно и преодолел путь, почти равный столетиям и, благодаря этому он сегодня по праву считается национальным языком, языком науки, техники, литературы и тд. Благодаря устойчивому развитию государственного языка и обеспечению условий для полноценного ведения научно-исследовательской работы,

сегодня как никогда появилась настоятельная необходимость исследовать всевозможные особенности местных говоров (диалектов) таджиков разных местностей, в том числе и долины Горона. Тем более, что в статьях некоторых ученых об использования слова и терминов пищи и пищевых продуктов в говоре (диалекте) таджиков долины Горона были высказаны определенные мысли, однако полноценных исследований в этом направлении до сих пор не проводилось. Учитывая это обстоятельство, мы решили провести этнолингвистическое исследование данной темы и впервые, в пределах своих возможностей, основываясь на научно - достоверных фактах, представляем свои суждения о лексическом составе и лексике, связанной со словами и терминами пищи и продуктов питания в говоре (диалекте) таджиков долины Горона, научной и широкой общественности. Нужно констатировать, что с древнейших времен представителей таджикского народа узнавали по их особым национальным блюдам и вкусным лепёшкам, так как кулинарное искусство таджикского народа формировалось в течение многих столетий. Наряду с другими блюдами, лепешка для таджиков также является одним из важных и основных продуктов питания. Таджикский дастархан всегда украшивался красиво запеченными лепешки, без лепешки за дастархан таджики никогда не садились. Всегда дастарханы с лепешками для таджиков обозначали не только праздник, но и общение в кругу семьи, близких людей, стариков, молодежи, гостей... Пекут таджики лепешки с особой любовью, и относятся к ним почтительно. Не случайно не потеряло еще свое значение встречать гостей хлебом (лепешкой) и солью. Однако следует отметить, что некоторые пищевые продукты, о которых шла речь выше, в настоящее время находятся в стадии исчезновения, так как эти виды национальных блюд использовались нашими предками (прапрадедами и …) с древнейших времен и сегодня они потеряли свою актуальность и по этой причине вытесняются из обихода. Этому способствует и бурное развитие науки, техники и технологии, глобализации, и ее влияние на все сферы жизни общества, в том числе и на изменение названий блюд и появление новых.

The study and study of language is one of the important tasks. Linguistics establishes the nature and essence of the language, examines the structure of the language, studies the development of the language in connection with the development of society; classifies languages, unites them according to the principle of their similarity. Linguistics provides information about the language and its social functions, the internal structure of the language, its historical development, and the classification of world languages. Comparison as a method of scientific knowledge has justified itself in many sciences and linguistics is no exception. At each stage of development of linguistics, the method of comparative study of languages has its own peculiarities. In this article, the author conducted a comparative analysis of grammatical categories of qualitative adjectives in the Tajik and English languages.

Key words: comparative typology of various languages, English, Tajik language, interlingual problems, analysis of independent parts of speech, the problem of studying adjectives, grammatical category of qualitative adjectives, typological evolution of languages.

Сведения об авторе: ***Нурова Зухро Абдулкаримовна*** - Кулябский государсвенный университет им. А.Рудаки, аспирант кафедры английского языка. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул Сафарова 16.
E-mail: **Zukhro.nurova.@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-49-89-75**

Information about the author: ***Nurova Zukhro Abdulkarimovna*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, a graduate student of the English Language Department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Safarov Street 16. E-mail: **Zukhro.nurova. @mail.ru.** Tel.: **(+992) 985-49-89-75**

УДК: 491.71.3 (575.3)

МЕЖКУЛЬТУРНАЯ АДАПТАЦИЯ ЯЗЫКА ДЕЛОВЫХ ПЕРЕГОВОРОВ

Ризоева Г. И.
Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода

Исследуя особенности перевода текстов деловых переговоров, сначала следует изучить определяющие деловую коммуникацию факторы и связанные с регистром речевого общения параметры лингвистических ситуаций.

Основополагающими принципами при изучении деловой коммуникации представляются стилеобразующие критерии, к которым традиционно относят социальную роль и соотношение говорящий - слушающий. Поскольку к основным характеристикам делового общения относятся наличие социальной дистанции между адресатом и адресантом и жесткая регламентация, то важным критерием является также и критерий официальности. Отметим, что статусные отношения между деловыми партнерами имеют четкие проявления в процессе общения, т.к. каждый из участников всегда выполняет определенную социальную роль. Он выступает как официальное лицо (даже если он единственный сотрудник данной фирмы), являясь либо клиентом, либо представителем фирмы, либо директором кампании, либо посредником и т. д. [2, с. 805-809].

Не отрицая первостепенного значения статуса и социальной роли в деловой коммуникации, заметим, что при личном знакомстве общающихся и в ситуации менее ритуализированной (как, например, прием) личные качества коммуникантов- не менее важны.

Наличие множества вариантов речевых ситуаций в сфере делового общения является причиной разнообразия стилистических планов речи. Причиной этого является также и то, что в устном деловом общении существенно изменяется степень официальности, зависящая от определенных взаимоотношений партнеров. И хотя деловая тематика данного вида коммуникации требует он участников применения определенных характеристик официально- делового стиля, непосредственность устной речи и явное присутствие партнеров коммуникации противоречат стилистическому единству речи, делая его практически невозможным. При этом естественным является использование разговорных фраз и выражений, которые сигнализируют об отклонении от нормы и тематики официальных переговоров, но не способствуют переходу устного общения на деловые темы из области специальной коммуникации в обиходно- разговорную сферу.

Заметим далее, что названные выше факторы, лежащие в основе делового общения, тесно взаимосвязаны с комплексом параметров определенной коммуникативной ситуации, которые обычно определяются в процессе моделирования языкового взаимодействия. С точки зрения коммуникативного контекста, специалистами определены традиционно четыре раздела:

Перечень тем в языковом взаимодействии, что связано в наличием или отсутствием определенного набора тем в данный временной промежуток, когда происходит языковое общение;

- цели и задачи партнеров по переговорам;
- сотрудничество партнеров, зависимость их друг от друга,
- доверительные отношения;
- заинтересованность собеседников в достижении целей- коммуникации и решении поставленных задач [1, с. 135-137].

Таблица 1.Речевые ситуации в зависимости от стадии переговоров

Стадии переговоров	**Речевые ситуации**
Установление контакта	Приветствие
	Знакомство
Подготовительный этап, предваряющий начало переговоров	Создание позитивной атмосферы с помощью вступительных фраз
Начальный этап переговоров	Определение цели переговоров
	Согласование повестки дня
	Выражение заинтересованности и описание ожидаемых результатов
	Смена темы
	Проверка понимания партнера, разъяснение в случае недопонимания Разъяснение ошибок или пропусков
	Достижение соглашения, сигналы согласия
Первая половина непосредственно самих переговоров; предложения	Выдвижение предложений
	Ответ на внесенное предложение или выдвижение встречного предложения
	Отклонение предложения
	Достижение соглашения, сигналы согласия
Заключение сделки, торг	Предложения с условиями
	Выяснение реакции партнера на уступки в виде гипотетических вопросов
	Уступки (предоставление и получение) Мягкий торг
	Жесткий торг
	Принципиальный торг
Соглашения	Достижение соглашения
	Обсуждение договоренностей о будущей встрече
	Завершение переговоров

Весь перечень возможных лингвистических ситуаций может быть проанализирован по трем основным параметрам, которые в совокупности определяют регистр речевого общения: событие; участники; роль языка.

Рассмотрим речевые ситуации в зависимости от стадии переговоров, выделяя в ходе данного процесса формы речи, формулы речевого этикета и этикетное поведение в двух исследуемых нами культурах: русской и английской [4, с.17]. Полученные данные представлены в таблице 1. Сравнение отдельных стадий переговоров и соответствующих речевых ситуаций дает следующие результаты.

Первую переговорную стадию, а именно: установление контакта проводят обычно в речевой ситуации приветствия. Регистр определяется как формальный.

Во время официальных встреч руководитель переговоров приветствует участников, при этом участники переговоров могут иногда не отвечать на это приветствие. В таблице 2 представлены речевые примеры, подтверждающие приведенное выше утверждение.

Таблица 2. Речевые примеры начала официальной встречи.

Английский язык	**Русский язык**
Welcome to Moscow, ladies gentleman	Добро пожаловать в Москву, дамы и господа
Let me begin by welcoming you to Moscow	Позвольте мне начать с приветствия Вас в Москве
Welcome to our Company. I hope well have a productive meeting today	Добро пожаловать в нашу компанию. Надеюсь, у нас будет плодотворная встреча сегодня

Следующая стадия переговорного процесса, именуемая как установление контакта, происходит в речевой ситуации знакомства, в формальном регистре.

Данная стадия характеризуется тем, что приглашенная сторона сама представляет себя и своих сторонников в случае отсутствия предварительных контактов с партнерами, т. е. если одна сторона ранее не контактировала с представителями другой стороны переговоров, о чем наглядно свидетельствуют примеры, приведенные в таблице 3.

Подготовительный этап, предваряющий начало переговоров, проходит в речевой ситуации создания позитивной атмосферы, прибегая к использованию вступительных этикетных выражений. Как в русской, так и в английской культуре до начала переговоров обычно обмениваются несколькими фразами или ведут короткие беседы с партнерами, целью этого является создание предварительного положительного, дружелюбного настроя.

Таблица 3. Речевые примеры представления

Английский язык	Русский язык
My name is Nill Evans. These are my colleagues, John Mills and Sam Swanson	Меня зовут Нил Эванс. Это мои коллеги, Джон Милз и Сем Свонсон
I'd like you to meet Dorothy Green from our Export Department	Хочу Вам представить Дороти Грин, сотрудницу нашего экспортного отдела
Let me introduce you to colleague, Nancy Taylor. Nancy, this is John Parker	Разрешите Вас представить моей коллеге, Нэнси Тейлор. Нэнси, познакомьтесь, это Джон Паркер

В подобных беседах (называемых в английской культуре small talk), проводимых до начала первой фазы переговоров, затрагивают обычно темы, общие для всех участников, не имеющие для них особого значения, например, погода, дорога на встречу, общие знакомые, интерес к городу и стране, где организована встреча. Обязательным при этом является проявление интереса к обсуждаемой теме и к сообщению партнера. Речевые структуры, применяемые в английской и русской культурах на данном этапе переговоров, приведены в таблице 4.

Таблица 4. Речевые примеры для создания благоприятной атмосферы

Английский язык	Русский язык
I hope you had a pleasant journey. – Yes, thank you. It was quick once I got on the motorway.	Надеюсь, Вы удачно добрались. – Да спасибо. После того, как я выехал на шоссе, я добрался довольно быстро.
Did you have a good flight? – Yes, thank you. It was fine.	Вы хорошо долетели? – Да, спасибо, хорошо.
Glad to see you. How was your flight? – Fine, thanks. Did you travel with British Airways? – No I came with Airflot.	Рад вас видеть. Как долетели? – Спасибо, хорошо. Вы летели British Airways? – Нет, я летал Аэрофлотом.

Следующей стадией является обсуждение и непосредственное начало переговоров, которое реализуется в речевой ситуации: определение цели переговоров в формальном регистре.

На этом этапе происходит обсуждение мнений, взглядов, позицией и объяснение партнерам желаемых от данной конкретной встречи результатов. Поскольку именно на этом этапе закладываются основы доброжелательной атмосферы, то эти первые моменты переговоров имеют большое значение. Партнерские стороны для избегания недопонимания стремятся удостоверить друг друга об осведомленности о теме встречи, о своем согласии с обсуждаемой темой. Успех переговоров возможен только при условии, если поведение обоих участников переговоров будет конструктивным, т.е. они будут проявлять стремление к соглашению, но будут рассматривать противоположную сторону как возможного оппонента или противника. Примеры, представленные в таблице 5, наглядно демонстрируют данный этап.

Таблица 5. Речевые примеры выражения заинтересованности

Английский язык	Русский язык
I'd like to begin with explaining the situation with the companies established abroad.	Мне бы хотелось начать с разъяснения ситуации с компаниями, учрежденными за рубежом.
I will begin with description of the objectives that we would like to reach.	Я начну с описания поставленных задач.
At first we have to consider and evaluate our possibilities.	Сначала мы должны оценить и рассмотреть наши возможности.

Следующий этап проходит в речевой ситуации выражения заинтересованности и описания ожидаемых от переговоров результатов в формальном регистре.

На этом этапе каждая из сторон актуализирует свое вступительное высказывание, которое обязательно включает в себя возникшие проблемы, обсуждение интересов противоположной стороны, выражение своих ожиданий от текущей встречи, озвучивание собственных интересов. Следует отметить, что здесь выражение интересующих вопросов и их первоочередность актуализуются в коротких простых предложениях. Для упрощения взаимопонимания участников переговоров используют простые грамматические конструкции, не используют идиоматические выражения.

Здесь также стремятся не обсуждать подробности и детали, которые становятся предметом обсуждения в процессе дальнейших переговоров. Речевой этикет переговоров предполагает внимательное выслушивание противоположной стороны. Рекомендуется не перебивать и начинать высказывать свое мнение только в том случае, если другая сторона уже закончила говорить и слушать в равной мере.

На следующей стадии переговоров реализуется первая половина процесса переговоров, которая осуществляется в речевой ситуации выдвижения предложений. По мнению Дж. Шермерорн, Дж Хант, Р. Осборн, предложения представляют собой традиционно стратегический прием и распространяются на различные сферы [5, с.335-336]. На этом этапе не следует обсуждать детали, необходимо открыто проявлять стремление к достижению устраивающего обе стороны соглашения. Здесь также рассматриваются все запланированные для этих переговоров вопросы, внимательно обсуждают позиции противоположной стороны, выясняют их позиции относительно озвученных участниками предложений.

В соответствии с правилами переговорного этикета, делают встречные или альтернативные предложения, обсуждение проходит до тех пор, пока не достигается устраивающее обе стороны соглашение. Заметим также, что достоинством опытных участников переговоров является определенная стратегия поведения, как, например, не высказывать моментальные встречные или новые предложения, поскольку их традиционно можно принять за несогласие с позицией противника.

При внесении предложений одним участником переговоров, следует внимательно наблюдать реакцию второй стороны и слушать замечания и комментарии. При отрицательном ответе другой стороны обычной является просьба по объяснению причин, на основании которых ею было не принято сделанное предложение.

Вместе с тем, следует заметить, что речевой переговорный этикет требует озвучивать позитивно партнерского предложения. На этой фазе используют вербальные знаки, речевые единицы, которые показывают наличие множества возможностей для ведения переговоров по данному предложению. Так, например, первая сторона озвучивает свое предложение, но при этом озвучивает свое намерения идти на уступки или согласие по какому – либо пункту обсуждаемого предложения. Сравнение речевых структур, применяемых в английской и русской культурах на данном этапе обсуждения, приведено в таблице 6.

Таблица 6. Речевые примеры речевого этикета

Английский язык	Русский язык
We propose that a team of experts should investigate into the problem and report back to us.	Мы предлагаем нанять экспертов для изучения данной проблемы и составления отчета.
I suggest that we produce a brochure about our services and send it to all our clients around the world.	Я предлагаю издать брошюру, буклет о предлагаемых нами услугах и разослать его нашим клиентам во всем мире.
I don't think we could accept that.	Я не думаю, что мы сможем согласиться.

Слово «этикет» во французский язык пришло из Греции.

Этимологически оно восходит к корню, означающему порядок, правило. Во Франции слово употреблялось для обозначения специальной карточки, на который были прописаны правила рассадки и поведения за королевским столом. Но во времена Людовика Четырнадцатого само явление этикета, конечно, не возникает, оно имеет гораздо более древнее происхождение. Правила речевого этикета, краткое содержание которых можно описать словосочетанием «успешное общение», начинают формироваться тогда, когда людям приходилось учиться налаживать отношения и договариваться друг с другом. Уже в глубокой древности существовали правила поведения, которые помогали собеседникам преодолеть взаимное недоверие установить взаимодействие. Так, кодекс

хорошего поведения описывается в текстах древних греков, египтян. Этикетные правила в древности были своеобразным ритуалом, который подсказывал собеседникам, что они «одной крови», что они не представляют угрозы. Каждый ритуал имел вербальную и невербальную составляющую. Постепенно первоначальное значение многих действий утрачивается, но ритуал и его словесное оформление сохраняется и продолжает воспроизводиться. [3, с. 205-207].

В заключении следует отметить, что важная роль в достижении целей и задач, поставленных во время переговоров, отводится переводчику, который должен сделать перевод деловой речи максимально адекватным, соответствующим замыслу участников переговоров.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Арутюнова Н.Д. Понятие пресуппозиции в лингвистике / Н,Д, Арутюнова // АН СССР. Серия лит. И яз .- М., 1976. - Т.XXXII. - Вып.1. - С.355.
2. Арутюнова, Н.Д. Фактор адресата (Теория речевых актов) / Н.Д. Арутюнова // АН СССР. Серия лит. яз.- М.,1981. - Т.40. - №4. - С. 356-367.
3. Барышева, А.Д. Этика и психология делового общения (сфера сервиса) / А.Д. Барышева, Ю.А. Матюхина, Н.Г.Шредер. - М.: Инфра, 2006. - 256 с.
4. Велтисова, А.В. Обращение в современном английском языке (в сопоставлении с русским): автореферат диссертации кандидата филологического наук / А.В. Велтисова. - Л., 1964.
5. Гольдин, В.Е. К проблеме обращения как лексической категории / В.Е.Гольдин // Язык и общество. - Саратов,1977. - Вып.4. - С.21-28.
6. Гольдин, В.Е. Обращение: теоретические проблемы / В.Е. Гольдин. - Саратов, 1987. - С.115.
7. Кузнецова, И.С. Методы исследования операций для экспресс-оценки бизнеса малого предприятия / И.С.Кузнецова // Международный экономический журнал «Экономика и предпринимательство». - М.: ”One book.ru”, 2016. - №10. - Часть 3. - С.805-809.
8. Речевой этикет. Правила этикета. Основные правила речевого этикета в различных речевых ситуациях. [Электронный ресурс] http://gulliverrus.ru/primer-pravil-jetiketa/
9. Солякин, А.В. Деловое общение: конспект лексий / А.В.Солякин, Н.А.Богатырева. -М.: Приор-издат, 2005. - 144 с.
10. Шермерорн, Дж. Организационное поведение / Дж. Шермерорн, Хант, Р.Осборн. - СПб.: Питер, 2004. – 412 с.

МУТОБИҚШАВИИ БАЙНИФАРҲАНГИИ ЗАБОНИ ГУФТУШУНИДҲОИ РАСМӣ

Махсусиятҳои тарҷумаи матнҳои гуфтушунидҳои расмиро таҳқиқ намуда, бояд дар аввал омилҳоеро мавриди омӯзиш қарор дод, ки иртиботи корӣ ва ҳолатҳои забониро муайян месозанд, ки бо номгӯйи муошират нутқӣ алоқамандданд. Принсипҳои асосӣ ҳангоми омӯзиши иртиботи корӣ маҳакҳои услубофарандагӣ мебошанд, ки ба онҳо чун анъана нақши иҷтимоӣ ва таносуби гӯянда – шунавандаро нисбат медиҳанд. Бартарияти вариантҳои гуногуни ҳолатҳои нутқӣ дар соҳаи муошират корӣ сабаби гуногуншаклии нақшаҳои услубии нутқ мебошад. Сабаби ин он аст, ки дар муошират шифоҳии корӣ дараҷаи расмиятчигӣ моҳмиятан тағйир меёбад, ки аз муносибатҳои муайяни мутақобилаи шарикони корӣ вобастагӣ дорад. Ҳарчанд мавзӯоти кории ин навъи иртибот аз иштирокчиёни он истифодаи тавсифотҳои муайян услуби расмӣ - кориро талаб менамояд, табиӣ будани нутқи шифоҳӣ ва ширкати бевоситаи шарикони иртибот ба ягонагии усулубии нутқ мухолифат менамоянд ва онро қариб ки имконнопазир мегардонанд. Дар мақола дар бораи муҳиммияти тарҷумаи гуфтушунидҳои расмӣ, ки бо қайдҳои муошират алоқаманд аст, мавриди баррасӣ қарор мегирад. Инчунин дар мақола чиҳатҳои тарҷума вобаста аз марҳилаи гуфтушунид дар муносибати шифоҳии забонҳои англисӣ ва русӣ дида мешавад. Муаллифи мақола инро ба якчанд марҳила тақсим менамояд: ҳамаи феҳристи мавҷудбудаи ҳолатҳои забоншиносӣ ба се равияи асосӣ таҳлил шудаанд, ки дар якҷоягӣ метавонанд руйхати муошират шифоҳиро муайян намоянд: рухдод, иштирокчиён ва нақши забон.

Калидвожаҳо: гуфтушунидҳои расмӣ, руйхат, ҳолатҳо, забон, иштирокчиён,забони англисӣ, забони русӣ,марҳила, нутқ, муошират.

МЕЖКУЛЬТУРНАЯ АДАПТАЦИЯ ЯЗЫКА ДЕЛОВЫХ ПЕРЕГОВОРОВ

Исследуя особенности перевода текстов деловых переговоров, сначала следует изучить определяющие деловую коммуникацию факторы и связанные с регистром речевого общения параметры лингвистических ситуаций. Основополагающими принципами при изучении деловой коммуникации представляются стилеобразующие критерии, к которым традиционно относят социальную роль и соотношение говорящий - слушающий. Наличие множества вариантов речевых ситуаций в сфере делового общения является причиной разнообразия стилистических планов речи. Причиной этого является также и то, что в устном деловом общении существенно изменяется степень официальности, зависящая от определенных взаимоотношений партнеров. И хотя деловая тематика данного вида коммуникации требует он участников применения определенных характеристик официально- делового стиля, непосредственность устной речи и явное присутствие партнеров коммуникации противоречат стилистическому единству речи, делая его практически невозможным. В статье исследуются особенности перевода деловых переговоров, связанные с регистром речевого общения. Рассматриваются ситуации в зависимости от стадии переговоров в речевых ситуациях английского и русского языков. Автор статьи подразделяет их на несколько стадий. Весь перечень возможных лингвистических ситуаций может бытт проанализирован по трем основным параметрам, которые в совокупности определяют регистр речевого общения: событие, участники и роль языка.

Ключевые слова: деловые переговоры, регистр, язык, события, участники, английский язык, русский язык, стадия, речь, общения, этикет, коммуникация.

INTERCULTURAL ADAPTATION OF THE OFFICIAL DOCUMENTS DURING THE MEETING

Investigating the peculiarities of the translation of business negotiations texts, you should first study the factors that determine business communication and the parameters of linguistic situations related to the speech communication register. The fundamental principles in the study of business communication are the style-forming criteria, which traditionally include the social role and the ratio of the speaker to the listener. The presence of many variants of speech situations in the field of business communication is the cause of the diversity of stylistic plans of speech. The reason for this is also the fact that in oral business communication the degree of formality changes significantly, depending on certain partner relationships. And although the business topic of this type of communication requires participants to use certain characteristics of the official business style, the spontaneity of oral speech and the obvious presence of communication partners contradict the stylistic unity of speech, making it almost impossible. The article is devoted to the official meeting of the talks between the two sides. The author propose to organize the team of experts who should investigate the problem and report back the results. The author of the article explains and brings examples some variants of the speech patterns for using during the meetings. Also the description of the objectives that they are going to reach the goal. The article also discusses the forms of introducing sides at the beginning of the meeting and speech patterns which should be used during the talk.

Key words: *intercultural, meeting, register, events, participants, language, pattern, English language, Russian language, speech, communication.*

Сведение об авторе: ***Ризоева Гулнора Икромовна*** **–** Таджикский государственный институт языков им. С.Улуғзода, ассистент кафедры романо-германских языков. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6. Тел.: **(+992) 918-78-64-55**

Information about author: ***Rizoeva Gulnora Ikromovna*** **-** Tajik State Institute of languages named after S.Ulughzoda, assistant of department roman-german languages. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Muhammadiev street 17/6. Tel.: **(+992) 918-78-64-55**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ
Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

УДК: 891.550:82 (09)

ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ДАР ЯК ТАРҶЕЪБАНД

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Соли 1993 дар Эрон бо номи «Ситеғи сухан» - тазкираи манзуме чоп шуд, ки ба қалами шоири тавонои ин сарзамин - Насруллоҳи Мардонӣ тааллуқ дорад. «Ситеғи сухан», ки дар ҳақиқат, таърихи адабиёти манзумро мемонад, дар асоси оҳанг ва услуби шеваи гуфтори устоди сухан - Фирдавсӣ таълиф шуда, дар навъи худ беназир аст. Ин китоб бо муқаддимае оғоз меёбад, ки дар он хусусиятҳои ҷудогонаи ин асар баён гардидаанд ва он, бешубҳа, кори хонандаро осон менамояд.

Манзума дар навъи шеърии тарҷеъбанд таълиф шуда, аз 27 банди ёздаҳбайтӣ, дар маҷмӯъ аз 297 байт иборат аст. Услубе, ки муаллиф дар иншои ин тарҷеъбанд ба кор бурдааст, дар адабиёти классикии форс-тоҷик собиқа надошт. Тамоми бандҳо ва байти тарҷеъ дар шакли маснавӣ (аа, бб, вв) буда, вазнаш Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур (фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъул ё фаъӯл v - - / v - - / v - - / v - (v ~) аст.

Чор банди аввали тарҷеъбанд хусусияти муқаддимавӣ дошта, шоир дар он дар хусуси шеър ва бурду бохти он баҳс мекунад. Ҳарчанд муқаддима мухтасар аст, шоир тавонистааст, ки дар он моҳияти шеър ва мартабаи онро нишон диҳад. Хонандаи хушзеҳн аз ин муқаддима ба саволи «Шеър чист?» ҷавоби мувофиқ гирифта метавонад. Дар бандҳои 5-23, яъне дар нуздаҳ банди дигар номи 2084 шоири порсигӯ аз ибтидои шеъру шоирӣ то имрӯз ва дар чор банди охир номи 156 тазкира ва асари адабӣ зикр ёфтааст. Дигар аз хусусиятҳои ин тарҷеъбанд он аст, ки шоир ҳангоми зикри номи ин ё он адиб хонандаро ба хусусият ва моҳияти эҷодӣ, шуҳрат ва мартаба, ҳодиса ва воқеаҳои машҳуре, ки ба зиндагии ҳамон адиб алоқаманд аст, ошно месозад. Муаллиф ҳангоми баёни хусусият ва шарҳи осори ин ё он адиб хеле мухтасар сухан меронад. Ба шарҳи ному мартабаи бузургони адабиёти форс-тоҷик - Фирдавсӣ, Мавлавӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз се байт, ба Рӯдакию Низомӣ бошад, ҳамагӣ ду байт ҷудо кардааст.

Дар баҳри Мутақориб рукни солим сеҳиҷоист ва дар авзони ин рукн ғунҷонидани калимаҳои мураккаб хеле душвор аст. Шоир бо назардошти ин калимаҳои мураккабро ба ҷузъҳо ҷудо карда, дар байт ҷой медиҳад. Масалан, номи тазкираи машҳури Муҳаммад Авфии Бухороӣ - «Лубоб-ул-албоб»-ро ба таври зерин овардааст:

Лубоби ту албобе аз рафъат аст,
Сафоят зи гулдастаи раҳмат аст.

Шоир барои он ки шеъраш аз ҷиҳати мазмун баланд шавад, баъзан номи чанд шоир ё чанд китобро бо ҳам омезиш медиҳад. Мисол:

Зи ту Фазли Афзал Фузунӣ гирифт,
Муъин омаду Сайфи Рунӣ гирифт.

Чи тавре ки мебинед, шоир дар ин байт, сарфи назар аз Фузунӣ ва Муъин, ки ҳар кадом номи шоирест, боз номҳои Фазлу Афзалу Сайфу Руниро дар таркиби изофӣ овардааст, ки онҳо низ номи чор тан шоир мебошанд. Инчунин, дар мавридҳои зарурат, яъне барои он ки номҳоро дар қолаби вазн гунҷонад, ҷузвҳои аввалу охири онҳоро пешу қафо менамояд, масалан, дар байти зерин номи шоир Ширинкор ба таври «Кори ширин» омадааст:

*Шифое, ки дар **Лаъли** нӯшини туст,*
*Дар он Шаҳде аз **Кори Ширини** туст.*

Азбаски дар ин тазкира номи зиёда аз ду ҳазор шоир зикр шудааст, Насруллоҳи Мардонӣ бо тақозои вазн гоҳе ҳарфҳои охири номҳоро мепартояд ва ё ҳарфҳои дигар ба охири номҳо илова менамояд. Чизи аз ҳама муҳим ва ҷолиби диққат он аст, ки шоир тамоми номҳоро тавре паиҳам мегузорад, ки иртиботи маънавӣ аз байн намеравад. Шояд баъзеҳо гумон кунанд, ки шоир ин корро фақат ба хотири ба назм даровардани номи шоирону тазкираҳо кардааст. Дар асл ин хел нест, баръакс, шоир номҳоро чунон дониста паиҳам мегузорад, ки иртиботи маънавии онҳо баръало мушоҳида мешавад. Ба ин абёт диққат диҳед:

Ба Фирдавси ту Пири бедори Тӯс,
Тирозовари Рустаму Ашкбӯс,

Ҳамовард овард номарду мард,
Зи Тӯрони ваҳшат баровард гард.
Ба шаҳномаат ахти теғи хирад,
Ҳакими сухан бар ситеғи хирад.

Дар ин байтҳо, дар баробари он ки «Фирдавс»,[**] «Пир»[††], «Бедор»[‡‡], «Тӯс»[§§], «Тироз»[***] ва «Рустам»[†††] ҳар кадом номи шоире аст, ибораи «Пири бедори Тӯс» сифати хеле муносибе ба Фирдавсӣ мебошад. Ба ҳама маълум аст, ки Тӯс номи шоири асри 16-Тӯсии Хуросонист, номи ҷоест, ки Фирдавсиро дар он ҷо гӯронидаанд, инчунин номи яке аз шоҳзодагону паҳлавононе дар «Шоҳнома» мебошад. Илова бар ин, ин шоҳзода, яъне Тӯс ҳангоми ҷанги Рустаму Ашкбӯс, ки номашон дар мисраи баъд меояд, фармондеҳии лашкари Эронро ба уҳда доштааст. Яъне вақте ки шоир номи Рустаму Ашкбӯсу Тӯсро паси ҳам дар як байт меорад, тамоми воқеа ва таносуби онҳоро ба назар мегирад. Чун дар мавриди Фирдавсӣ ибораи «Тирозовари Рустаму Ашкбӯс»-ро истифода мебарад, албатта, ҷанги Рустаму Ашкбӯсро дар назар дорад ва ба ҳама маълум аст, ки ҷанги Рустаму Ашкбӯс яке аз зеботарин саҳнаҳои тавсифӣ ва достонии «Шоҳнома» ба шумор меравад. Чизи аз ҳама муҳим он аст, ки дар ду байти боло калима ва таркибҳои «ҳамовард», «овард», «номард», «мард», «Тӯрон», «баровард гард», «охт», «теғ», «хирад»-ро паиҳам овардааст ва Фирдавсӣ онҳоро бештар истифода кардааст. Вақте ки ин калимаҳоро бештар талаффуз мекунед, беихтиёр пеши назар Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ намудор мегардад. Илова ба ин чун дар бораи шоире бо калимаҳои хоси ӯ, яъне бо сабки худи ӯ сухан мегӯед, албатта, лутфи сухан меафзояд. Калимаҳои «Тӯрон» ва «Ваҳшат», ки дар байтҳои боло омадаанд, байни ҳам таносуби аҷибе доранд. Маълум аст, ки дар достонҳои зиёди «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ душмани асосии эрониён тӯрониён мебошанд, яъне дар ин ҷо таносуби сухан хеле қавист. Илова бар ин, «Тӯрон» ва «Ваҳшат» ҳар кадом номи шоирест (Тӯрони **Паштӣ** яке аз шоирону донишмандони асри XIII ва Ваҳшати **Ардистонӣ** - шоири асри XVII, Ваҳшати **Бахтиёрӣ** - шоири асри 17, Ваҳшати Таҳонайсарӣ - муосири Бедил, Ваҳшати Лоҳурӣ шоири асри **XVII).** Аз ҷониби дигар, ибора ё мафҳуми **«Тӯрони ваҳшат»** баёнгари фазои куллии «Шоҳнома» ва ҷангҳои Эрону Тӯрон низ ҳаст. Калимаҳои «ҳаким» ва «хирад», илова бар он ки ҳар кадом номи шоир аст **(«Хиради Самарқандӣ** - шоири асри **XVI,** Хиради **Фанойӣ** - шоири асри **XVII, Хиради Мозандаронӣ** - шоири асри **XVIII, Хиради Маёнколӣ** - шоири асри **XVII, Хиради Балхӣ -** шоири асри **XVIII, Хиради Раштӣ** - шоири асри **XIX,** Хиради Шерозӣ соли вафоташ **1915** ва **Ҳакими Ғамнок** - шоири асри XI, **Ҳакими Майсарӣ** - шоир ва табиби асри **XIV, Ҳакими** Яздӣ - шоир ва табиби асри XIX, фарзанди **Висолии Шерозӣ, Ҳакими Теҳронӣ** - шоири асри XIX), дар маҷмӯъ лақаби Фирдавсӣ мебошанд. Ба ҳама маълум аст, ки вақте ки дар таърихи адабиёти форс-тоҷик сухан аз Абулқосими Фирдавсӣ меравад, ӯро бо номи «Шоири хирад» ёд мекунанд ва ҳеҷ ҷойи баҳс ҳам нест, ки беҳтарнн унсури шеърии «Шоҳнома» хирад аст. Ба мавриди аст таъкид бикунем, ки дар таърихи адабиёт кам шоироне ёфтан мумкин аст, ки ба ситоиши хирад ин қадар таваҷҷуҳ зоҳир карда бошад. Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса мебарояд, ки ба риштаи назм кашидани ин калимаҳо бемақсад ва тасодуфӣ нест. Балки дар зери ҳар номе, ки дар ин тарҷеъбанд омадааст, мақсаде ба олитарин таносубҳо дар назар дошта шудааст. Паиҳам овардани ин гуна калимот кори хеле мушкил аст, аммо ҳунару истеъдоди Насруллохи Мардонӣ имкон додааст, ки ӯ аз уҳдаи ин кор ба хубӣ барояд. Масалан, дар хусуси Низомии Ганҷавӣ менависад:

Низомӣ Ҳадисе зи ту нав навшит,
Зи Ширин Шакарганҷи Хусрав ***навишт.***
Суруде тар овард чун Рӯҳи об,
Ба Шодобии Чашмаи Офтоб.

Чи тавре ки мебинед, дар мисраи аввал шоир ба навоварии Низомӣ дар адабиёт ишора мекунад. Дар мисраи сонӣ илова бар он ки Ширин **(Шириии Деҳлӣ** - шоираи асри **XIX**, муаллифи маснавии «Юсуф ва Зулайхо», **Ширини Балхӣ** - шоири асри **XIX),** Шакарганҷ **(Шакарганҷи Деҳлавӣ-** яке аз шоирони асри **XIII)** ва Хусрав **(Хусрави**

[**] ***Фирдавси Мутриба*** яке аз шоираҳои асри XVIII аст, ки аз ӯ ашъори кам боқӣ мондааст. ***Фирдавси Шерозӣ,*** шоири асри XIX. ***Фирдавсии Сонӣ,*** шоири асри XIX.

[††] ***Пири Ҷамол*** - шоир ва орифи асри XVI. ***Пири Садсола*** машхур ба ***Пири Сӯфӣ*** ва ***Дарвеши Сӯфӣ*** - шоири асри 16, ки дар илми тиб машхур будааст.

[‡‡] Бедори Хиндӣ, *шоири асри XVII*. Бедори Акбарободӣ - *шоири асри XIX*.

[§§] ***Тӯсии Хуросонӣ*** - шоири асри XVI.

[***] ***Тирози Яздӣ*** - шоир ва нависандаи асри XIX.

[†††] ***Рустами Хуриёнӣ*** - шоири асри асри XIX. *Тирози* ***Хуросонӣ*** - шоири асри XVI. ***Тирози Самарқандӣ*** - шоири асри XVII.

Исфаҳонӣ - маъруф ба Носири Хусрав - шоири **асри XIII,** тарҷеъбанди машҳуре дорад ва баъзеҳо ӯро бо Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ иштибоҳ кардаанд, **Хусрави Самарқандӣ** - шоири асри **XVI, Хусрави Хуросонӣ** - шоири асри **XVI,** то соли **1550** дар қайди ҳаёт будааст, Хусрави **Мозандаронӣ** - шоири асри **XVIII,** Хусрави **Санандчӣ** - падари Ризоқулихони Ҳидоят - аз шоирони давраи Қоҷория) ҳар як номи шоир аст, дар ашъори Низомии Ганҷавӣ Ширин ва Шакар - ҳар ду аз маъшуқаҳои Хусрави Парвиз мебошанд. Илова бар ин, маълум аст, ки яке аз бузургтарин ва зеботарин асарҳои Низомӣ дар «Хамса» достони «Хусрав ва Ширин» ҳисоб меёбад. Дар байти дуюм низ илова бар ин ки Сурудӣ **(Сурудӣ** - шоири асри **XI**, Суруд**ии** Хуросонӣ - шоир ва мусиқадони асри XVII, Сурудӣ - шоир ва хаттоти асри XVII), Рӯҳ (Рӯҳи Шерозӣ - шоири асри **XV,** Рӯҳи Қазвинӣ - шоири асри **XI, Рӯҳи** Шаҳристонӣ - шоири асри XVII, Рӯҳи **Балгиромӣ** - шоири асри **XVIII,** Рӯҳи Синдӣ - шоири асри XIX), Шодобӣ (Шодобии Ҷунпурӣ - шоири асри XIX-и Ҳинд, Шодоби Самарқандӣ - шоир, асраш номаълум), Чашма (Чашмаи **Эрвонӣ** - шоири асри XIX), Офтоб (Офтоби **Деҳлавӣ** - шоири асри XVII, Офтоби Деҳлавӣ - шоири асри XVIII, Офтоби Ҳиндустонӣ - шоири асри XVIII, Офтоби Теҳронӣ - шоири асри XVIII) ҳар кадом коми шоирест, калимаҳое мебошанд, ки Низомии Ганҷавӣ дар достонҳои «Хамса» ба таври фаровон истифода кардааст. Ба таври дигар гӯем, вақте ки дар бораи шоире сухан меравад, рӯҳи калому оҳанги сухани ӯ ба назари эътибор гирифта мешавад. Дар байти

Муаттар зи ту Гулшани Рози дил,
Дар Ишроқи Шайхи ту Эъҷози дил.

илова бар он ки Муаттар, Гулшан, Роз, Ишроқ, Шайх ва Эъҷоз (Муаттари Кирмонӣ - шоири асри XIX, Муаттари Бавонотӣ - шоири асри XX, Гулшани Деҳлавӣ - шоири асри XVII, Гулшани Деҳлавӣ - шоири асри XVIII, Гулшани Бурҳонпурӣ – шоири асри XVII, муосири Абулқодири Бедил, Гулшани Ҷонпурӣ - шоири асри XVII, Гулшани Шерозӣ - шоири асри XVIII, падари Ҳаким Қоонии Шерозӣ, Гулшани Нойинӣ - шоири асри XIX, Гулшани Гулпойгонӣ - шоири асри XIX, Рози Исфаҳонӣ - шоири асри XVII, Рози Шерозӣ - шоири асри XIX, Рози Нишопурӣ - шоири асри XIX, Ишроқ - Шайхи Ишроқ - Абулфатҳ Шаҳобуддини Суҳравардӣ - донишманд ва шоир, мутаасибон вайро ба илҳод (бединӣ) муттаҳам карда куштанд, Ишроқи Исфаҳонӣ - шоири асри XVI, муаллифи маснавии «Машриқ-ул-анвор»; Ишроқи Бирҷандӣ - шоири асри XIX, Ишроқи Мароғаӣ- шоири асри XVIII, Ишроқи Буруҷирдӣ - шоири асри XIX, Шайхи Кирмонӣ - шоири асри XIII, Шайх Маҳмуди Шабистарӣ - шоири асри XIV, муаллифи «Гулшани роз», Шайхи Атъима - шоири асри XV, Шайхи Тӯронӣ - шоири асри XVI, Эъҷози Мозандаронӣ - шоири асри XII, Эъҷози Ҳиравӣ - шоири асри XVII, Эъҷози Шоҳиҷаҳонободӣ - шоири асри XVIII, Эъҷози Деҳлавӣ – шоир, асраш номаълум) ҳар кадом номи шоирест, «Гулшани роз» номи китоби Шайх Маҳмуди Шабистарист, ки дар ин байт ҳам номи «Гулшани роз» ва ҳам номи Шайх омадааст. Илова бар ин, Муаттар номи набераи Шайх Маҳмуд аст, ки худ низ шоир будааст. Ибораи «Ишроқи Шайх», ки дар шакли матлуб омадааст, низ талмеҳе ба номи мутафаккири номӣ - Шайхи Ишроқ (Суҳравардӣ) дорад, ки вай худ дар шеър даст доштааст.

Дар байти зерин:

Туро Тиргар Дод Санҷар *ба даст,*
*Муиззӣ аз он тири **Бедод** ҳаст.*[‡‡‡]

низ талмеҳоти аҷиб вуҷуд дорад. Ҳарчанд Тиргар, Дод, **Санҷар, Муиззӣ, Бедод** ҳар кадом номи шоирест **(Тиргари Ҳиравӣ** - шоири асри **XV, Доди Бағдодӣ** - шоири асри **XII,** Маддоҳи Султон Санҷар, **Санҷар** - шоири асри **XVI,** набераи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Санҷари **Кошонӣ** - шоири охири асри **XVII** ва ибтидои асри **XVIII, Муиззии Нишопурӣ-** шоири номии асри **XII, Муиззии Хуросонӣ** - шоири асри **XVI, Муиззии Ҳиравӣ** - шоири асри **XVI,** Бедоди **Бухороӣ** - шоири асри **XIX),** аммо асоси ин байтро талмеҳи зерин ташкил медиҳад, ки Муиззӣ шоири хеле номии замони худ - маликушшуарои дарбори Султон Санҷар ҳисоб мешуд ва ҳангоми шикор Султон Санҷар дар шикоргоҳ тасодуфан Муиззиро ҳадафи тир қарор дода, ӯро маҷруҳ кард. Мақсади шоир низ ҳамин воқеа мебошад. Ғайр аз ин, дар ин байт номи Дод зикр шудааст ва Дод яке аз шоирони замони султон Санҷар, яъне маддоҳи ӯ будааст.

Чи тавре ки мебинед, Насруллоҳи Мардонӣ дар қисми аввали тарҷеъбанд (дар чор банди он) дар бораи шеър ва таърихи адабиёт маълумот дода, дар қисми дуюм номи

[‡‡‡]Ин байт ишора ба маҷруҳ шудани Муиззӣ аз тире, ки Султон Санҷар дар шикоргоҳ ба ӯ андохта буд. Инчунин, Санҷар номи ду шоир аст ва Дод низ номи яке аз маддоҳони Султон Санҷар будааст.

шоирону китобҳо, дар поварақи ҳар саҳифа тавзеҳоти мухтасаре доир ба шоирону китобҳо ҷой медиҳад. Вақте ки дар тавзеҳнома шоирону китобҳоро шарҳ медиҳад, ҳар кадом вобаста ба тартибе, ки дар мисраъ ва байтҳо омадаанд, тавзеҳ дода шудаанд. Ҳангоми шарҳ додан муаллиф аввал калимаҳои сода, баъд калимаҳои мураккаб ва дар охир ибораҳоро тавзеҳ медиҳад. Масалан, дар ибораи «Пири Бедори Тӯс» аввал Пир, Бедор, Тӯс тавзеҳ дода мешавад ва дар охир ибораи «Пири Бедори Тӯс».

Насруллоҳи Мардонӣ ҳангоми эҷоди тарҷеъбанд агар номи шоиронро пасу пеш карда бошад, ҳангоми шарҳи ҳамон муаллиф аввал ҳамон шакле, ки дар шеър омадааст, меорад, сонӣ номи пурра ва дурусти онро дар қавсайн мегӯяд, мисли: «Баланд омад иқбол» (Баландиқбол) ё «Зи Тӯси ту номе Асад» (Асадии Тӯсӣ). Дар мавриде, ки ибора ё мафҳуме ишора ба номи шоире аст, ҳамин усули корро истифода намудааст, масалан: «Пири Бедори Тӯс» (Фирдавсӣ), «Ба Юмгон шуд овора марде раҳо» (Носири Хусрав), Пири Ҳирот (Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ).

Дар охири китоб мувофиқи тартиби алифбои арабӣ феҳристи номи шоирон ва китобҳо оварда шудааст, ки ин кори хонандаро барои ба зудӣ ёфтани номи дилхоҳаш осон менамояд. Ҳамин тариқ, «Ситеғи сухан» асари илмӣ-адабӣ ва таърихи адабиёти манзум буда, хонанда тавассути он метавонад бо номи беш аз ду ҳазор шоир ва 156 номи китоб ошно шавад. Азбаски китоб ба тариқи назм иншо шудааст, баробари аз ёд кардани абёти он хонанда метавонад, ки номи шоирон ва китобҳоро ба осонӣ ба хотир орад. «Ситеғи сухан» бо забони хеле содаю равон иншо шудааст ва аз он ҳам донишҷӯён ва ҳам алоқамандони адабиёт метавонанд истифода баранд. Матни пурраи тарҷеъбанд:

Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Гаҳе чун саробӣ саропо фиреб,
Гаҳе мондаӣ дар ҳақиқат, гариб.
Гаҳе бархурӯшӣ чу оташфишон,
Гаҳе нарм чун рӯҳи обе равон.
Гаҳе бишкуфад рӯҳи дарёият,
Гаҳе гул кунад хӯи саҳроият.
Гаҳе сабз тобӣ чу дар тоби ишқ,
Гаҳе сурх ҷӯшӣ ба меҳроби ишқ.
Гаҳе найсаворӣ ба саҳрои хун,
Гаҳе рақси хун кардаӣ вожгун.
Гаҳе дар лабат ханда ширин нишаст,
Гаҳе гиряат бугзи дерин шикаст,
Гаҳе хаста оӣ зи дарборҳо,
Гаҳе теғи размӣ ба пайкорҳо.
Гаҳе оташ аз най бурун оварӣ,
Гаҳе торе аз чанг хун оварӣ.
Гаҳе захм дорӣ зи номардумон,
Гаҳе илтиёмӣ[§§§] ба захми ниҳон.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ғарибона дар талхи даврони зӯр,
Гузаштӣ зи мавҷи ҳаводис сабур.
Наистони ту сабзу оташ дам аст,
Дамаш шуълаи хирмани Одам аст.
Ниҳон дар биҳишти ту Аҳриман аст,
Биҳиште, ки ҳар донааш раҳзан аст.
Ту хуррам дарахтӣ, ки дар боғи хок
Ҳазонат набошад зи боди ҳалок.
Барат ҳосили фикру дину дил аст,
Гули шохаат осмон манзил аст.
Агар ҷовидона ба ҷо мондаӣ,
Ба аъмоқи[****] чон реша афшондаӣ,
Туро офтобест ноёфта,
Ки он сӯи ҳастӣ ниҳон тофта.
Зи ту тофт бар Қоф андеша пур,

---

§§§ Илтиём – ба ҳам омада, васл шудан; дар ин ҷо ба маънои даво ва дармон омадааст.

**** ***Аъмоқ*** **-** чуқуриҳо, амиқиҳо.

Ба офоқи дил офтоби сурур.
Ба шоми ту сад каҳкашон кавкаб аст,
Ки равшан аз он рӯзгори шаб аст.
Сухан бо ту ҳар кас ҳакимона гуфт,
Ба боги ту гулҳои маънӣ шукуфт.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Рости ё дурӯг?
Сари сабзи дил бо ту бар дор шуд,
Забонаш ба коми ту хунбор шуд.
Зи ту киштии ишқ шуд беқарор,
Ба дарёи тӯфонии рӯзгор.
Зи ту рӯди андеша гавгогар аст,
Ба чанги ту таърих хунёгар аст.
Зи ту монда милоди ҳастӣ ба ёд,
Ба тӯфони бедод фарёд дод.
Зи ту қиссаи талх ширин шуда,
Ба хун рӯи Фарҳод озин[††††] шуда.
Зи ту пора шуд синаи Бесутун,
Бар он монда бар ҷой нақши Ҷунун.
Зи ту ишқ домони Лайло гирифт,
Ҷунун роҳи Маҷнун ба саҳро гирифт.
Зи ту ҳусни Юсуф ҷаҳонгир шуд,
Зулайхо зи афсуни ту пир шуд.
Зи ту ҷони Судоба оташ гирифт,
Тафи туҳматаш дар Сиёваш гирифт.
Зи ту рӯҳи илҳом шуд ҷилвагар,
Дар ойинаи тобноки ҳунар.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Рости ё дурӯг?
Уфуқ дар уфуқ ахтар афшондаӣ,
Зи дарёи дил гавҳар афшондаӣ.
Замон ба тулӯъи ту пӯё шуда,
Замон дар пагоҳи ту гӯё шуда.
Ту фарёди рӯҳӣ ба боми хурӯш,
Ба Қофи ту пар рехт симурғ ҳуш.
Саманди тахайюл зи бас тохтӣ,
Саворони андеша андохтӣ.
Ба дасте, ки дар осмон доштӣ,
Зи сар тоҷи хуршед бардоштӣ.
Чароғи сухан дар шабистони хок
Зи меҳри ту таъбиду шуд табнок.
Туро қуллаҳоест он сӯй ҳаст,
Ки кас бар ситегаш наёзида даст.
Расулони ту бо забони дарӣ
Суруданд оёти пайғамбарӣ.
Ба давре, ки бо ишқ пардохтанд,
Замину замоне зи нав сохтанд.
Каломи ту сарчашмаи ҳикмат аст,
Шукӯҳи ту ойинаи ҳайрат аст.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Рости ё дурӯг?
Нахустин Шаҳиди ту аз Балх буд,
Ки чун Ҳанзала Коми ӯ талх буд.
Зи Фирӯзият дар пагоҳи Зуҳур
Арӯзӣ Бадеъ омад аз Бӯшакур,
Зи ту Хусравӣ Хусравонӣ суруд,
«Дарего, дарего, ҷавонӣ» Суруд.
Туро ҳаст, Хотир, ки дар кӯдакӣ
Шукуфтӣ чу Гул бар лаби Рӯдакӣ.

[††††] ***Озин*** - зебу зиннат, ороиш.

Ба боғи Сухан ҷӯй аз Мӯлиён
Ту овардӣ аз Дур дасти замон.
Кисоӣ Амири ту дар Марв буд,
Сарахсӣ ба боғи ту чун Сарв буд.
Сухан бо Дақиқит шероза ёфт,
Зи Айюқият Мантиқи Тоза ёфт.
Ба Фирдавси ту Пири Бедори Тӯс
Тирозовари Рустаму «Ашкбӯс»
Ҳамовард овард номарду мард,
Зи Тӯрони Ваҳшат бар овард гард.
Ба «Шаҳнома»-ат охти‡‡‡‡ теғи Хурд,
Ҳакими Сухан бар ситеғи Хурд.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯғ,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯғ?
Зи «Тӯсӣ» ту Номе Асад омада,
Дабиру Насири Хирад омада.
Лабибиву бо Лайси Бурҳоният,
Рафеъанд дар Қутби Рӯҳоният.
Дубайтӣ ба Тоҳир ту омӯхтӣ,
Ба Урёниаш чашми Ҷон дӯхтӣ.
Ба Навъе, ки Завқе туро месуруд,
Ҷалолӣ, ба Маъруфиат мефузуд.
Туро Хотире талх аз Унсурист,
Ки Маддоҳи дарбор бебоварист.
Табиат Китобе ба дасти ту буд,
Манучеҳрияш Манзаре нав намуд.
Ту бо Фаррухӣ Шоири хушбаён,
Зи Дил ҳилла овардӣ аз «Систон».
Ту бо Фарқадӣ Асҷадӣ ёфтӣ,
Рашидӣ шудӣ Аршадӣ ёфтӣ.
Зи ту Фазли Афзал Фузунӣ гирифт,
Муайян ***омаду*** *Сайфи Рунӣ* ***гирифт.***
Хурӯше, ***ки*** *Масъуди Масрур* ***дошт,***
Ба дори ту Ҳаллоҷи **Мансур** *дошт.*
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯғ,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯғ?
Агар **Робиъа** *бо ту дар хун шигифт,*
Туро *Маҳситӣ гуфту гулгун шигифт.*
Хамӯшӣ Хамӯш омад аз Розиат,
Мунаввар шуд аз Бадр Хаббозиат.
Зи *Нақши ту Заргар Шукӯҳӣ гирифт,*
Ситеғи ту Бобои Кӯҳӣ гирифт.
Зи *Дарёи Тӯфоният Бӯсаид,*
Гуҳарҳои **Ирфон** *ба* **Соҳил** *кашид.*
«Муноҷот»-и шабҳои **Пири Ҳирот,**§§§§
Навои *ту буд аз наистони* **Зот.**
Имодию Амъақ зи ту тофтанд,
Бақоӣ чу ***Тойӣ зи*** *ту ёфтанд.*
Шуйабона Маншурӣ ***аз ростӣ,***
Зи *Башшору Аммора оростӣ.*
Зи роҳе, ки Яъқуби Собир гузашт,
Разӣ аз ту Розиву Шокир гузашт.
Зи ту **Азрақӣ Равнақи** *нав гирифт,*
Рашид *омаду теғи* **Хусрав** *гирифт.*
Ба Юмгон***** *шуд овора*†††††*марде раҳо,*

‡‡‡‡ Охт – баровардан, кашидан, баркашидан.

5.***Пири Ҳирот*** - Лақаби Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ва «Муноҷотнома» номи машҳуртарин асари вай аст.Пир ва Ҳирот ҳар кадом номи шоире аст.

Ки дар пои хукон нарезад туро.[‡‡‡‡‡]
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ту аз **«Нои»**[§§§§§] *Масъуди Саъд омадӣ,*
Хурӯшонтар аз бонги Раъд омадӣ.
Шудӣ *Шаҳриёре Зафар Офарин,*
Зи *Файёзи Фикре Ҳунарофарин.*
Туро **Тир** *гар* **дод Санҷар** *ба даст,*
Муиззӣ аз он тири **бедод** *хаст.*[******]
Фалак **Равшан а***з* **моҳи тобони** *туст,*
Назаргоҳи **Хуршеди** *Рахшони туст.*
Ба **«Гургон»** *Асад* **Фахри** *дини ту буд,*
Ки манзумаи **«Вису** *Ромин» суруд.*
Шаҳидӣ, ки **Рози** *ту лаб* **Ташна** *гуфт,*
Зулоле шуду **Ҷӯйборе** *шукуфт.*
Ба Масъудият бо забоне дарӣ,
Баланд омад Иқбол бо **Анварӣ.**
Зи тоби ту Хоқонии чирадаст,
Бар он қуллаи Равшаниҳо нишаст.[††††††]
Саноӣ зи ту осмонсайр шуд,
Аз он сӯи шар омаду Хайр шуд.[‡‡‡‡‡‡]
Камол аз Ҷамолат[§§§§§§] *Сафӣ тофта,*
Зи ту Ҳашмате Осафӣ ёфта.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Саҳои ту бо Кавкаби Минавӣ,
Саъид омад аз Сайиди Ғазнавӣ.
Туро Сӯзанӣ Захме афзуда кард,
Ба зиштӣ забони худ олуда кард.
Низомӣ Ҳадисе зи ту нав навишт,
Зи Ширин, Шакарганҷ, Хусрав[*******] *навишт.*
Суруде тар овард чун Рӯҳи об,
Ба Шодобии Чашмаи Офтоб.
Зи Ҷоми ту Сармаст Хайём шуд,
Рубоъиш Ҳарфе ба айём шуд.
Футӯҳиву Ҳашмат Муҷири туанд,
Бузургиву Шавкат Башири туанд.
Зи Баҳри ту омад бурун маснавӣ,
Дурахшиду шуд Гавҳаре Маънавӣ.
Ту дар Мавлавӣ Оташ афрӯхтӣ,
Ба «Найномааш»[†††††††] *Оламе сӯхтӣ.*
Чунон маст ба ҷон-ш омехтӣ,
Ки дарёи дурр аз лабаш рехтӣ.

[*****]***Юмгон*** **-** номи деҳаест дар Бадахшон, ки Носири Хусрав 25 соли охири умри худро дар он ҷо гузаронидааст.
[†††††]***«Овораи Юмгон»*** **-** лақабест, ки устод Абдулҳусайни Зарринкӯб дар китоби «Бо корвони ҳулла» ба Носири Хусрав додааст.
[‡‡‡‡‡]Ин мисраъ ишора ба ин байти машҳури Носири Хусрав аст:
Ман онам, ки дар пои хукон нарезам,
Мар-ин қиммати дурри лафзи дариро.
[§§§§§] «Ной», илова бар он ки номи шоире аст, номи қалъаест, ки Масъуди Саъди Салмон солҳо дар он зиндонӣ будааст. Ва аз назари луғавӣ «иҳом»-и диграе низ дорад.
[******]Ин байт ишора аст ба маҷрӯҳ шудани Муиззӣ аз тире, ки Султон Санҷар дар шикоргоҳ бад-ӯ андохт. Илова бар ин Санҷар номи ду шоир аст ва Дод низ номи яке аз маддоҳони Султон Санҷар будааст.
[††††††]Ин байт ишора аст ба алоқаи беш аз ҳадди Хоқонӣ ба вожаи субҳу рӯшноӣ, ки ба ҳамин ҷиҳат ӯро «шоири субҳ» низ номидаанд.
[‡‡‡‡‡‡] Ин байт ишора аст ба ду давраи зиндагии Саноӣ, ки нимаи аввал дар дарбори салотин ва нимаи дуюм дар узлати ирфонӣ гузашт.
[§§§§§§]«*Камол ва* Ҷамол» - ишора ба Камолуддин ва Ҷамолудлин - ду қасидасарои бузурги Эрон аст, ки падару писар будаанд.
[*******]*Ширин, Шакарганҷ, Хусрав* номи се шоир буда, Ширин ва Шакар номи ду тан аз маъшуқаҳои Хусрав аст.
[†††††††]*«Найнома»* - унвонест, ки баъзе шореҳони маснавӣ ба хотири абёти аввали ин китоб ба он додаанд.

Ту бо сӯфиён бода бегаш задӣ,
Шудӣ Шамсу дар хирқа оташ задӣ.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ба Қофи ту Аттори ошиқтабор,
Ба мантиқ шудаш тайри‡‡‡‡‡‡‡ ҷон Ошкор.§§§§§§§
Ироқӣ зи ту ончи донӣ гирифт,
*Зи Нақши******** ту Монӣ†††††††† маъонӣ гирифт.*
Ба чархе, ки метофт кайвони ту,
Суҳайлӣ барафрӯхт Қатрони ту.
Ҷалоли‡‡‡‡‡‡‡‡ ту бо ҷазбаи Ҷавҳарӣ,
Асир омад аз Дониши Ахтарӣ.
Заҳират Зуҳури Адибона дошт,
Фақеҳи ту Айши ба «Майхона»§§§§§§§§ дошт.
Амири ту он Хусрави Деҳлавӣ,
Балег омад аз Нағмаи паҳлавӣ.
Имомӣ Ҳумоми ту Маҷд Офарин,
Зи Саъди ту омад Басири Авин.
Ту бо корвони газал омадӣ,
*Ҳам овои Шайхи Аҷал********* омадӣ.*
Сафар кардию дар «Гулистон» шудӣ,
Ба Саъдӣ расидиву «Бӯстон» шудӣ.
Ҷаҳонгашта донад, ки оби Ҳаёт,††††††††
Сабуҳи ту буд аз хуми Тайибот.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Асирӣ, Асирӣ ба банди ту буд,
Хаёлӣ Хаёли баланди ту буд.
Далер омад аз «Сарбадорӣ»‡‡‡‡‡‡‡‡‡ Амин,
Амири Ясори ту Ибни Ямин.
Муаттар зи ту Гулшани Рози§§§§§§§§§ дил,
*Дар Ишроқи Шайхи********** ту эъҷози дил.*
Ту бо Нӯш аз пеш гуфтӣ, ба танз,††††††††††
Убайдона чун Гул шукуфтӣ ба танз.
Камоли Камол аз «Хуҷанди» ту дошт,
Ки Ширин лисоне зи Қанди ту дошт.
Ба Салмон саре Сармадӣ додаӣ,
Диле Равшан аз Авҳадӣ додаӣ.
Ту оварда Хоҷу зи ҷӯят газал,
Равон Наҳре аз Абрӯят газал.
Ғазал бо ту Ҳофиз ба Афлок бурд,
Ба ҷое, ки раҳ нест Идрок бурд.
Чӣ кардӣ ту бо Хоҷаи гайбҷӯ,
Ки дар арш хонад малак шеъри ӯ.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡

---

‡‡‡‡‡‡‡«*Мантиқ*» ва *«тайр»* ишора ба китоби «Мантиқ-ут-Тайр»-и Аттор аст. Мантиқ ва Тайр ҳар кадом номи шоире аст.

§§§§§§§*«Ошкор»* аз шоирони шефтаи Аттор буда, тамоми шеърҳои орифонаи худро дар пайравии ӯ сурудааст.

******** «Нақш» ва «*Маонӣ*» номи ду шоир аст ва «Боғи маъонӣ» номи тазкираест аз шоире ба номи Нақши Деҳлавӣ.

†††††††† «Монӣ» номи пайғамбар ва наққоши маъруф ва номи шоире, ки дар тасвиргарӣ устод будааст.

‡‡‡‡‡‡‡‡*«Ҷалол»* ишора ба Ҷалолуддин Алломаи Давр, файласуф ва донишманди қарни нуҳум, ки дар .. хам даст доштааст.

§§§§§§§§«*Майхона*» номи тазкираест дар аҳволи соқиномасароён аз Муллоабдуннабии Фахруззамони Қазвинӣ.

********* *«Шайхи Ачал»* илова бар ин ки лақаби Саъдӣ; Шайх ва Аҷал ҳар кадом номи шоирест.

††††††††††Ҷаҳон ва *«Ҳаёт»* ҳар ду аз занони шоира ва ду ҳамсари шоҳ Исмоили Сафавӣ будаанд. Ҷаҳонгашта номи шоире дигар аст.

‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡Ин байт ишора аст ба ҳамзабонию ҳамзамонии Ибни Ямин бо сарбадорон.

§§§§§§§§§*«Гулшани роз»* номи китоби маъруфи Шайх Маҳмуди Шабистарӣ ва Гулшани Роз номи ду шоир аст Муаттар номи шоирест аз наводагони Шайх Маҳмуди Шабистарӣ.

********** «Ишроқи Шайх» мақлуби «Шайхи Ишроқ»- лақаби Шайх Шаҳобуддини Суҳравардист.

†††††††††† *Танз* - тамасхур, пичинг.

‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡ Ин мисраъ ишора аст ба ин байти Ҳофиз:

Ба Девони ин ринди Софисифот
Ту ҳастӣ «Гуландом»-у «Шохи Набот».
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Вазири ту Сарбоза худ ёфта,
Рух аз Шоҳи Шатранҷият тофта.
Ба Асрорат Огаҳ на ҳар Кошифест,
Ризои ту Манзури ҳар Орифест.
Чи Дарди-т дар охирин Ҷом буд,
Ки хуш Ҷомӣ- ат то сар Анҷом буд.§§§§§§§§§§
*Ҳумоюн Ҳумои*********** *ту Фаррухнажод,*
Ба Иқболи Султон Гули Рух†††††††††††† *кушод.*
Амирӣ, ки аз ту Нишотӣ надошт,
Ба Авранги Шоҳӣ Бисоте надошт.
Зи ту Хушдил омад Гадое Ҳақир,
Ғанӣ шуд зи Файзи Илоҳӣ Фақир.
Ба Сайфӣ, ки афрохт Мири Шараф,
Сироҷат барафрӯхт Нури Шааф.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Табибӣ, ки Бемори чашми ту буд,
Зи худ Бехуд аз кори чашми ту буд.
Зи Хумхонаат Сархуш омад Ҳабиб,
Ва Вақде, ки буд аз Фақеҳе Аҷиб.§§§§§§§§§§
Ту бо Муҳташам Карбалое шудӣ,
Ки Човуши хуни Худое шудӣ.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ба Холи ту Фонӣ Хаёлӣ шуда,
Ҳазин аз Фиғонӣ Ҳилолӣ шуда.
Аниси ту Раҳбони Дайрӣ набуд,
Дили Ошно бо ту Ғайрӣ набуд.
Ба Рӯи ту Мойили Мавлавии Ғариб
Ғарибӣ зи Ғавғои Дил бе Шикеб.
Парешони Ишқи ту Ҳолӣ хуш аст,
Ба Ҳичрон расидан Висоли хуш аст.
Зи Шамъе, ки дар Анҷуман дошӣ,
Гули Ашк дар Шуъла мекоштӣ.
Саҳобат Замоне ба Зорӣ гирист,
Ки Маҳҷурат аз Беқарорӣ гирист.
Туро ҳаст Гумном Мискин басе,
Ки Жӯлидаҳоланд дар Бекасӣ.
Сукут аз Сафири ту Фарёд шуд,
Сабурӣ зи Сабри ту Ҳаддод шуд.
Ба Авҷе, ки Наҷме зи ту Ломеъ аст,
Фурӯге Фурӯғи ту дар Толеъ аст.
Равоқи Сипеҳрат пур аз Кавкаб аст,
Сипеҳре, ки Равшан зи Наҷми шаб аст.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Рафиқе Рафиқи Шафиқи ту буд,
Ба Ҷайҳуни Ҳиммат Ғариқи ту буд.
Чу Нутқе Фасеҳе зи Ғайрат шунид,

Субҳдам аз арш меомад хурӯше, ақл гуфт:
Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд.

[29]Ишора ба ақидаи баъзе аз соҳибназарон аст, ки Ҷомиро хотамушшуарои шеъри форсӣ донистаанд.

**********«***Ҳумоюн Ҳумо»* ишора дорад ба «Ҳумой Ҳумоюн»- асари Хоҷуи Кирмонӣ. Ва Ҳумоюну Ҳумо ҳар кадом номи шоирест.

††††††††††††*«Султон»* ва *«Гулрух»* номи ду шоир аст. Ва Гулрух тахаллуси яке аз салотин, ки шоир низ будааст.

‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡ ***Шааф*** - шодӣ; ошиқии гузаро.

§§§§§§§§§§**Ин** байт ишора аст ба истифодаи фаровони Мирзо Ҳабиби Хуросонӣ - фақеҳ ва олими олиқадр аз **вожаҳое монанди**: бода, май, мастӣ дар ашъори худ.

Ки Ибрат гиребони Ҳайрат дарид.
Зи Шарқе, ки Анқои Фикрат парид,
Муҳаббат ба Сарҳадди Рифьат расид.
Нигоҳе, ки парвои Парвона сӯхт,
Ба** Меъроҷи Шавқи **ту** Бегона **сӯхт.
Ба Базме, ки Ишрат ба **Шодӣ** *нишаст,*
Тараб бо ту **Махмуру Мастура Маст.**
Ба** Шавқе, **ки** Урфит Согар **шикаст,
*Хароби **ту** Мином **бовар шикаст.***
Зи Ҷоме, ки **Сӯфӣ Сабуҳӣ** *зада,*
Ҳарифи ту хуш роҳи Рӯҳӣ зада.
Дар он** Сели Ашке, **ки** Фарҳод **буд,
Туро** Шӯри Ширини Дилшод **буд.
Ба** Даште Насими **ту** Саргашта **гашт,
Ки** Маҷнуни Бетобу Шайдо **гузашт.
Зи **Оҳе,** *ки* **Мафтуни Маҳзун** *кашид,*
Шарорат **Шарар** *то ба* **Гардун** *кашид.*
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Зи** Нақше, **ки** Наққоши Фикрат **нигошт,
Ба** Гетӣ Назире Мусаввар **надошт.
***Ба теге** Ҳалолу Ҷамоле Ҷамил*
*Қитоле **туро** буду Фавҷе Қатил.*
Қатиле, *ки васли туаш Орзуст,*
Ҳаёте зи **Ҷовиди Ҷӯёи ӯ***ст.*
Азимо, Шукӯҳи Сулаймоният,
***Зиёе аз он** Бадри Нуроният.*
***Ба Мисрат** Азизони Соҳибҷамол*
Ҷалолеву Ҷоҳе бувад бе Мисол.
*Навоят **зи** Довуди Қудсӣ дам аст,*
*Халили **ту дар** Оташи Хуррам **аст.***
*Каримо, Ҷаҳон **гӯяд аз** Покият,*
***Зи** Рӯҳи Масеҳон Афлокият.*
***Зи** Синои ту Толиб омад Калим,*
*Калима, **ки дорад** Паёме Азим.*
***Ба** Бедил ту дил дар Азал бохтӣ,*
***Ҷаҳоне зи** байтулғазал сохтӣ.*
Ба Соиб Каримона додӣ нишон,
Мазомини ногуфтаи Бенишон.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ғизоле ба дашти ту **Озод** *буд,*
***Ки** Вориста Сайде **зи** Сайёд буд.*
***Сипоҳе** Музаффар **туро** Марзбон,*
Ба** Фазле Ҷаҳонгиру Арзе **гарон.
Фиребат гар аз чашми Соқӣ набуд,
Сурруре ба Саҳбои Боқӣ набуд.
***Чи гуфтӣ ба** Девонаи Оқилат,*
***Ки** Мадҳуш афтоду шуд Бисмилат.*
***Ҷунуне, ки** Маҷнунат Озурда ёфт,*
Фусуне ба **Афсӯс Афсурда** *ёфт.*
***Зи** Меҳри ту, **ай** Меҳрубони Муҳиб,*
Дилором шуд Бедиле Музтариб.
Зи ту ҳар ки Оне **Ниҳонӣ** *надошт,*
Ниҳоле ба «Боғи **Маонӣ»********** *надошт.*
Ту «тарҷеъ»-и Рӯҳонии Ҳотифӣ,††††††††††††
Баёне зи Ҳайрониии Ҳотифӣ.
*Хазонӣ **надорад** Баҳорони **ту,***

********** ***«Боғи Маонӣ»,*** номи тазкираест аз Нақши Деҳлавӣ.
††††††††††††Ба тарҷеъбанди маъруфи Ҳотифи Исфаҳонӣ ишора дорад.

Саломе ба *гулҳои Хандони ту.*
Ба Танҳоию Бекасиҳони дил
Ту дорӣ зи Бедил Таманнои дил.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ба Субҳе, ки Содиқ Сабоҳӣ дамид,
Тулӯъе Аёнӣ зи Мехри ту дид.
Зи Оҳанги рӯди Шабоҳанги туст,
Ғаное, ки дар Ҷӯши Фарҳанги туст.
Ба Офоқи ту Мавҷе аз Муштарӣ,
Кунад Ҷилва бо Партаве Ховарӣ.
Зи Ҳачри ту Яъқуб Дил Оҳ дошт,
Азизаш ба сар **Тоҷе** *аз* **Моҳ** *дошт.*
Ба Дастури ту Подшоҳе Фаҳим
Ба сар дошт **Деҳим Ҳуше** *Салим.*
Риёзат пур аз Андалеби Адаб,
Хирад бо ту дорад Уруҷе Аҷаб.
Ба Фирдавси ту Чашмаи Кавсарӣ,
Зулол омад аз Раҳмати Доварӣ.
Ҳокими ту он Пири Равшанзамир
Ба Шоми ту овард Моҳе Мунир.
Ту будӣ дар Огози субҳи Наҷот,
Қадимитарин Қиссахони Ҳаёт.
Сухан бе ту Лутфеву Обе надошт,
Замину Замон Офтобе надошт.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ба Офоқи ту Шоҳиде Шуҳра буд,
Шукӯҳаш ба Зебоии Зӯҳра буд.
Чи Рамзеву Розе дар Имои туст,
Ки Хомӯш чашмони Гӯёи туст.
Ба Доме, ки густурда Гесӯи ту,
Асиранд Мирони Абрӯи ту.
Ба ҷанги ту Пирони ҷангӣ Хамӯш,
Баромад зи Шерони Сангӣ хурӯш.
Хуҷастахисоле, ки Хизри ту дошт,
Ба Ойини Ҳолид Фаридат нигошт.
Насиме, ки Рози ту ногуфта рафт,
Барошуфт Зулфеву Ошуфта рафт.
Сироҷи Минири ту аз Рӯзбеҳ,
Зи Анвори Бадре шабафрӯз беҳ.
Ба Ризвони ҷон, ай Биҳиштӣ-тарин,
Туҳуреву Тӯбои боги Яқин.
Сабои ту Мушке тару Тоза бехт,
Гулистоне аз жола бар Лола рехт.
Ҷу Барге Литифӣ бар Обе равон
Равонӣ ҳамеша ба ҷӯи Замон.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Атое Сахӣ аз Сахои ту буд,
Навое Надими Нидои ту буд.
Агар аз ту Умеди Васле набуд,
Ҷудоӣ туро Майли Асле набуд.
Чи Сирре ниҳон дар Замири ту буд,
Ки Ваҳшиву Аҳлӣ Асири ту буд.
Фидоӣ Фидои Лиқои ту шуд,
Азизе Фано дар Бақои ту шуд.
Ғизоли ту бо Ғамзаи Бегамӣ,
Хиромӣ кунад Хуштар аз Хуррамӣ.
Ба бӯи, ту, ай Юсуфи Гулбадан
Басе Волаи Кушта дорад Сухан.

Чи Шӯрест дар Сӯзи Мазмуни ту,
Ки Ғамгин занад сози Мавзуни ту.
Чи Ҳузнест дар Нолаи Хастаат,
***Ки** Нолон шуда пои Бишкастаат.*
Туро дид Саҷҷод Танҳои Ишқ,
Ба Меҳробе аз Нури Мавлои Ишқ.
Ҳакиме зи Ҳикмат Хамӯш омадат,
Ҳарифе Суроҳӣ ба дӯш омадат.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Шифое, ки дар Лаъли нӯшини туст,
Дар он Шаҳде аз Кори Ширини туст,
Баҳори ту Бороний Лолаҳост,
Насимат Навозишгаре Ошност.
Туро Гулбуну Гулшаие пур Гул аст,
Риёзе пур аз Нагмаи Булбул аст.
Гулобе, ки дорад Гулистонаат,
Сиришкест аз чашми Девонаат.
Ба Кайҳони ту хандаи Ахтарон,
Гули Кавкаб Афшонда бар Ҳоварон.
Ба Рои ту Пирони Поянда пай
Ҳакимона карданд Тамкин ба май.
Ба «Майхона»-ат‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡ Пире аз Майкаш-он
Самоъи§§§§§§§§§§§ Хушӣ дошт бо Сархуш-он.
Зи Нағми ту Анҷуми Гул андохта,
Шиҳобе Самоъӣ ба шаб тохта.
Расули ту он Ақли Кул Аҳмад аст,
Паёмовари Эзидӣ Сармад аст.
Қиёмат Вуқӯъе, Қиёмат хурӯш,
***Ки** оварда Виҷдони Олам ба Ҷӯш.*
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Тариқе, ки Дарвеши Қобил гузид,
Ба Мақсуду Маънӣ-т Комил расид.
***Зи** Лаъле Нидои ту Матлуб буд,*
Ки Илҳоми Ғайбӣ зи Маҳбуб буд.
Ҳабиби ту дар баҳри Савдои дӯст,
Ба Миръоти Ҳақ Дида Симои дӯст.
Фузулӣ, ки Дарке зи Мастӣ надошт,
Ба ҷуз Нестӣ аз ту ҳастӣ надошт.
Ҳнҷоб-ат Гули чеҳра Маҳҷуб дошт,
Нағибона дар парда Ошӯб дошт.
***Зи** Донои Камгӯву Хушгӯи туст,*
Шамиме, ки дар Ёсуман Бӯ-и туст.
Ту Аксири Ҷонӣ, ту Ҷонона-ӣ,
Ту Матбӯъи Табъӣ, ту Райҳона-ӣ.
Саҳили ту дар Машриқе Бориқ аст,
***Ки** Шоиқ бар он Анҷуме Фоиқ аст.*
*Ба ҳар Қатра «Дарёи гавҳар»************ туӣ,*
Ба Ҷавлони ҳар Зарраи Ҷавҳар туӣ.
Ту Аршӣ, Замирӣ, зи Хокӣ магӯ,
Ҳаёти манӣ, аз Ҳалокӣ магӯ.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Зи **Ошуби** *чашмони Ягмоият,*
Барошуфта дилҳои Савдоият.
Шиҳоби ту бо Тавсанӣ аз Шитоб,

---

‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡Номи тазкираест аз Теҳронии Розӣ, ки дар соли 1040 ҳ. қ. (1662 м.) навиштааст.
§§§§§§§§§§§***Самоъ*** **-** ҳолати шавқу завқ.
**************Қатра, Дарё** ва ***Гавҳар*** номи се шоир аст, ки Дарё фарзанди Қатра ва «Дарёи Гавҳар» номи китобест аз Ҳамидии Шерозӣ.

Зи Дарёи Миррих оварда об.
Муриди ту он Қутби Олӣ Ҷаноб
Ливое бар Арошта з-Офтоб.
Зи Доге, ки месӯхт Пири Бадог,
Саҳар бо ту афрӯхт садҳо Чарог.
Зи ту Озарӣ Озар оварда буд,
Шароре аз он Миҷмар оварда буд.
Зи ту Абри Дил Гавҳар оварду рафт,
Хазон Гул, Баҳоре тар оварду рафт.
Зи ту монда аз Ошиқӣ Ёдгор,
Нишоне зи бадаҳдию Лутфи Ёр.
Ба нои ту Хотуни Қонуннавоз,
Навоест Дилсӯзу Ошиқгудоз.
Ба дашти Ҷунун сӯхт Маҷнуни ту,
Ҳамон Рӯҳи Маҷрӯҳи Маҳзуни ту.
Сурӯши ту дар Ҷилвагоҳи Бақо
Ба як Ҷуръа шуд Маст қолубало.[†††††††††††††]
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ба Сомон-т Уммон пури Гавҳар аст,
Сафоӣ-т зи Деҳқони Гул-парвар аст.
Ба Базме, ки орост Пири Мурод,
Виқори ту Фурсат ба Суҳбат надод.
Зи Ишқе, ки Муштоқи ту Сӯхта,
Шуъоат Сароҷӣ барафрӯхта.
Нишоти ту дорад Баҳори Висол,
Шамими ту орад Насими Шамол.
Каломе Расо дошт Қооният,
Адибе зи Мулки Фароҳоният.
Раҳиро, ки Шӯрида нодида[‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡] *рафт,*
Вафо дар Ғубори ту Ранҷи-да рафт.
Туро Шаҳриёре Шакаррез буд,
Ки Машҳуру Маҷзуби Табрез буд.
Даҳони ту бо Фаррухӣ дӯхтанд,
Зи хунат Чароғи Дил афрӯхтанд.
Ба чархи ту Шамсу Қамар хӯша кард
В-аз он хӯша Парвин сафартӯша кард.
Бурун ёфт Нимо зи авзон туро,
Ба Озодагӣ кард мизон туро.
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ту, ай Ганҷи Бодовари Шойгон,
Зафарномаат Номаи Хусравон.[§§§§§§§§§§§§§]
Ба ҳар Анҷуман Шамъи Равшан туӣ,
Чароғи Шабистони Гулшан[**********] *туӣ.*
Ҳақоиқ зи Миръоти ту тофта
***В-аз он** Хусравӣ Ганҷи **ҷон** ёфта*[†††††††††††††††]
*Лубоби **ту Албобе аз** Рафъат **аст,***
Сафоят зи Гулдастаи **Раҳмат** *аст.*[‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡]
Зи ту Навбаҳор аст Субҳи Ватан,
Баҳореву Борони гул дар Чаман.[§§§§§§§§§§§§§§]
Ба Бӯстони Ушшоқ Қудсихисол,

[†††††††††††††]*Қолубало*- аз ояти Қуръон...
[‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡]*Шӯрида* ва *Дида* номи ду шоир аст ва мисраъи аввали ин байт ишора дорад ба нобиноии Шӯрида - шоири қарни сенздаҳум.
[§§§§§§§§§§§§§]«Ганҷи Бодовар», «Ганҷи Шойгон», «Зафарнома», «Номаи Хусравон».
[**********]«Анҷумани Равшан», «Шамъи Анҷумани Шабистон», «Гулшани Маҳмуд».
[††††††††††††††]«Миръот-ул-ҳақоиқ», «Тазкираи Хусравӣ», «Ганҷи Бозёфта».
[‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡]«Лубоб-ул-албоб», «Тазкираи Рафъат», «Миръот-ус-сафо», «Ҳадоиқ-ус-сафо», «Гулдастаи Раҳмат».
[§§§§§§§§§§§§§§]«Навбаҳор», «Субҳи **Ватан», «Баҳори Борон»,** «Чамани Сарвар».

Шиҳоби ту Фонуси сабзи **Хаёл.*****************
Зи ту Дилкушо Ҳашт **Хулди** *Барин,*
Ҳамеша Баҳорат Суруфарин.††††††††††††††††
Равон дар **риёзи** *ту* **Оби Ҳаёт,**
Ба Фирдавси ту раста «Шоҳи Набот».‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Зи ту Дида **Ҷамшед** *дар* **Ҷоми Ҷам,**
Ки нав шуд **Табиат** *зи* **Шеъри Аҷам.**§§§§§§§§§§§§§§§
Зи Ойинаи Ҷоми **Искандарӣ**
Ба шаб Рӯзи **Равшан** *бурун оварӣ.****************
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Ту он Сарви Озод в-орастаӣ,
Ки дар Боғи **Фирдавс Гулдастаӣ.**††††††††††††††††
Гулафшон Сабо омад аз **Гулшанат,**
Маъонӣ зи Гулзори **Боғи** *танат.*‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ба Базми Сухан Базморо туӣ,
Гулистони Гулҳои Раъно туӣ.§§§§§§§§§§§§§§§
Мулистони Шавқат ба Гулбонги Гул,
Зи Гулзори Ҷовид оварда **Мул.*******************
Зи ту Субҳи Гулшан шуда дилфиреб,
***Ба Боғи Ирам** Нағмаи Андалеб.*††††††††††††††††
***Ҳунар карда** гул дар Гулистони ту,*
***Биҳишти сухан** сунбулистони ту.*‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
***Баҳори Бадахшони** ту Беназир,*
***Бадахшони Лаълат** Сироҷи Мунир.*§§§§§§§§§§§§§§§§
***Ба Иқди** Сурайёи Ҳафт* **Осмон,**
*Ба ҳар Зарра Хуршедат Оташфишон.*****************
Зи Таснифи Шоҳи Самарқанди туст,
Агар Порсӣ Қанд лабханди туст.††††††††††††††††††
Ба Хумхонаат Бодаи Бехумор
Баҳоре бувад аз Аҷам Ёдгор.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Сиротуссутури Самовот ту,
Кунад Каъбаи дил Хароботи ту.§§§§§§§§§§§§§§§§
Зи Меъроҷи Ушшоқи ту дар биҳишт,
*Фиришта ба Таърихи Фитрат навишт.******************
Ба Таърихи Вассофи дурсуфтагон,
Мусаввар зи ту Ёде аз рафтагон.††††††††††††††††††
Зи ту Субҳи Содиқ Дилафрӯз шуд,
Хазон аз Баҳори ту Наврӯз шуд.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ба Гулзорат Искандаре Аъзам аст,

***************«Бӯстон-ул-Ушшоқ», «Қудси Хисол», «Тазкираи Шиҳоб», «Фонуси Хаёл».
††††††††††††††††«Тазкираи Дилкушо», «Ҳашт **Хулди Барин», «Хулди** Барин», «Ҳамешабаҳор», **«Тазкираи Сурур».**
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Равони Афзо», «Риёз-ул-афкор», «Риёз-ул-ориф», «Риёз-ул-фусаҳо», «Риёз-уш-шуаро», «Риёз-ул-Фирдавс», «Оби Ҳаёт», «Фирдавси хаёл» *ва* «Шоҳи Набот» *номи маъшуқаи хаёлии Ҳофиз аст.*
§§§§§§§§§§§§§§§«Тазкираи Дида», «Ҷоми Ҷамшед», «Ҷоми Ҷам», «Тазкираи Табиат», «Шеър-ул-Аҷам».
***************«Ойинаи Искандарӣ», **«Рӯзи Равшан».**
†††††††††††††††«Сарви Озод», «Тазкираи Вораста», «Боғи Фирдавс». «Гулдаста», «Гулдастаи Нишот», «Гулдастаи Карнотак».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Гулшани Сабо», «Гулафшон», «Гулзори Маъонӣ», «Боғи Маъонӣ».
§§§§§§§§§§§§§§§§«Базми сухан», «Базморо», **«Гулдастаи Ирам», «Гули** Раъно».
******************«Мулистон»*. «Тазкираи **Шавқ,», «Гулбонги Туркӣ»,** «Гулзори Ҷовидон», «Гулу Мул».
†††††††††††††††††«Субҳи Гулшан», «Боғи ирам», «Нағмаи Андалеб».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Гулистони ҳунар», **«Биҳишти сухан»,** «Сунбулистон».
§§§§§§§§§§§§§§§«Баҳори Бадахшон», **«Тазкираи Назир», «Лаъли** Бадахшон», «Сироҷи мунир».
*****************«Иқди Сурайё», «Ҳафт осмон», «Зарра ва хуршед», «Оташфишон».
†††††††††††††††††«Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Қанди порсӣ».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Хумхона», «Бодаи бехумор», «Баҳори Аҷам», «Ёдгори баҳодурӣ», «Ёдгор».
§§§§§§§§§§§§§§§§«Сирот-ус-сутур», «Салм-ус-самовот», «Каъбаи ирфон», «Харобот».
******************«Меъроҷ-ул-ушшоқ», «Таърихи Фиришта», «Гулшани Фитрат».

††††††††††††††††††«Таърихи Вассоф», «Тазкираи Мусаввар», «Ёде аз рафтагон».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Субҳи Содиқ», «Дилафрӯз», «Баҳор ва Хазон», «Наврӯзнома», «Наврӯз ва Ҷамшед».

Туро Нуқли Маҷлис дури Шабнам аст.§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§
Дар Ойинаи зеҳни Донишварон,
*«Шуъоат» Шуъоияи Ховарон.***********
Сафири ту дар Ҳафт Иқлими Дил,
Кунад Мардуми Дидаро†††††††††††††††††††† *муштаъил.*‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ба Миръоти Олам Завоҳир туӣ,
Аҷоиб чароғи Ҷавоҳир туӣ.§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§
Туро ҳаст Ганҷина Ганҷи Сухан,
*Ҳадиси Дилорои ҳар Анҷуман.***********
Дурахшанда аз Меҳри ту Офтоб,
Чароғи Ҳидоят ба Олам Битоб.††††††††††††††††††††
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?
Зи ту сози Қонун ба Сӯзу Гудоз,
Ба Шоми Ғарибон Наво карда соз.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ба Миръоту Меъроҷи сабзи Хаёл
Ишороти Биниш туӣ дар Камол.§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§
Ба Гулзори Аброр Асрори туст,
Фурӯғи **Ҷаҳонгир** *Афкори туст.***********
Зи Шаҳди ту Ширин Мазоқи Сухан,
Чароғи ту Равшан ба ҳар Анҷуман.††††††††††††††††††††††
Садафҳои Баҳри ту пургавҳар аст,
Гуҳарҳои Тобон чун Ахтар аст.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Туро Достони хуш аз Дӯстон
Каломулмулук асту Хайрулбаён.§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§
Ба Базме, ки Хоқону Кай мезада,
*Зи Насри ту Обод шуд Майкада.***********
Суханҳои Хушгӯ ба Базми Висол
Ба «аҳли» ту омӯхтӣ Сеҳри Ҳалол.††††††††††††††††††††††
Биёр Озарин оби Оташкада,
Ки Зардушти Фарзонакон омада.‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡
Ба Майхона Паймонае Боқият,
«Дуои қадаҳ»§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§ *дорад аз соқият.***********
Ту, ай шеър, ай роҳи рӯҳу фурӯг,
Чӣ ҳастӣ? Бигӯ! Ростӣ ё дурӯг?

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод А. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри ХУ. – Душанбе: Дониш,, 1987. – 359 с.
2. Афсаҳзод А. Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе:Дониш, 1980. – 220 с.
3. Бартельс Е.Э. Избранные труды. Навои и Джами / Е.Э. Бартельс. – М.: ИВД, 1965. – 398 с.

§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§«Гулзори Искандарӣ», «Гулзори Аъзам», «Нуқли маҷлис», «Тазкираи Шабнам».
**********«Ойинаи Донишварон», «Тазкираи Шуъоия», «Тазкираи Ховар» ва Шуъоъ нависандаи «Тазкираи Шуъоия» аст.
††††††††††††††††††††«Сафири Дил», «Ҳафт иқлим», «Мардуми Дида».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡Муштаъил - шуълавар.
§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§«Миръот-ул-Олам»,- «Ҷавоҳири завоҳир», «Ҷавоҳир- ул-аҷоиб».
********** «Ганҷинаи сухан», «Ганҷи сухан», «Ҳадиси дил», «Анҷуманоро».
†††††††††††††††††††† «Офтоби дурахшанда», «Меҳри Ховарӣ», «Чароғи Ҳидоят», «Офтоби Оламтоб», «Чароги ҳидоят» - илова бар номи китоби Сироҷуддини Алихони Орзу ишора ба «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят низ дорад.
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡ «Қонун», «Қонун-ул-адаб», «Сӯзу гудоз», «Шоми ғарибон», «Тазкираи Наво».
§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§«Миръот-ул-ҳаёл», «Меъроҷ-ул-хаёл», «Ишороти биниш», «Меъроҷ-ул-камол».
**********«Гулзори Аброр», «Гулзори асрор», «Фурӯғи афкор», «Таърихи Ҷаҳонгирӣ».
††††††††††††††††††††«Мазоқи сухан», «Чароҷи анҷуман», «Анҷумани равшан».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Тазкираи Садаф», «Баҳри мавоҷ», «Баҳр-ул-улум», «Гавҳарнома» ё «Гуҳарнома», «Ахтари тобон»
§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§«Достони дӯстон», «Калом-ул-мулук», «Хайр-ул-баён».
**********«Базми Хоқон», «Тазкираи Насрободӣ», «Тазкираи майкада».
††††††††††††††††††††«Сафинаи Хушбӯ», «Базми висол», «Сеҳри Ҳалол».
‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡‡«Оташкадаи Озар», «Фарзонагони зартуштӣ».
§§§§§§§§§§§§§§§§§§§§«Дуои қадаҳ» - номи дуоест, ки гирди қадаҳ менависанд. Гӯянд ба маънии намози истисқост (масалан, намоз мехонанд, ки Худо борон диҳад).
**********«Тазкираи Майхона», «Тазкираи Паймона», «Тазкираи Боқӣ».

4. Мақсудов Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ / Б.Мақсудов. – Душанбе, 1994. – 163 с.
5. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. – Душанбе: Маориф, 1977. – 460 с.
6. Тоиров У. Офтобе дар миёни сояе. Қисми 1 / У.Тоиров. – Душанбе: Сино, 1999. – 164 с.
7. Тоиров У. Офтобе дар миёни сояе. Қисми 2 / У.Тоиров. – Душанбе: Сино, 1999. – 134 с.
8. Тоиров У. Меъёр ва андозаҳои шеър / У.Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – 240 с.
9. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. Иборат аз ду ҷилд. – Душанбе: Адиб, 1992. – 447 с.; 461 с.

ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ДАР ЯК ТАРҶЕЪБАНД

Дар мақола роҳҳои осони таълим додани ҳаёт ва фаъолияти адибони гузаштаи халқҳои форс-тоҷик таҳқиқ карда шудааст. Соли 1993 дар Эрон бо номи «Ситеғи сухан» - тазкираи манзуме чоп шуд, ки ба қалами шоири тавонои ин сарзамин - Насруллоҳи Мардонӣ тааллуқ дорад. «Ситеғи сухан», ки дар ҳақиқат, таърихи адабиёти манзумро мемонад, дар асоси оҳанг ва услуби шеваи гуфтори устоди сухан - Фирдавсӣ таълиф шуда, дар навъи худ беназир аст. Ин китоб бо муқаддимае оғоз меёбад, ки дар он хусусиятҳои ҷудогонаи ин асар баён гардидаанд ва он, бешубҳа, кори хонандаро осон менамояд.

Манзума дар навъи шеърии тарҷеъбанд таълиф шуда, аз 27 банди ёздаҳбайтӣ, дар маҷмӯъ аз 297 байт иборат аст. Услубе, ки муаллиф дар иншои ин тарҷеъбанд ба кор бурдааст, дар адабиёти классикии форс-тоҷик собиқа надошт. Тамоми бандҳо ва байти тарҷеъ дар шакли маснавӣ (аа, бб, вв) буда, вазнаш Мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур (фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъул ё фаъӯл v - - / v - - / v - - / v - (v ~) аст. Яке азз хусусиятҳои ин тарҷеъбанд он аст, ки шоир ҳангоми зикри номи ин ё он адиб хонандаро ба хусусият ва моҳияти эҷодӣ, шуҳрат ва мартаба, ҳодиса ва воқеаҳои машҳуре, ки ба зиндагии ҳамон адиб алоқаманд аст, ошно месозад. Муаллиф ҳангоми баёни хусусият ва шарҳи осори ин ё он адиб хеле мухтасар сухан меронад.

Калидвожаҳо: каломи бадеъ, назм, наср, адабиёти бадеӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҷомӣ, тазкира, девон, шоир, ғазал, қасида.

ИСТОРИЯ ЛИТЕРАТУРЫ В ОДНОМ ТАРДЖЕБАНДЕ

В статье приводятся сведения о несложеных способах изучения жизни и творчества представителей персидско-таджикской литературы прошлого. В 1993 году в Иране под названием «Ситеги сухан» («Вершина слова») была опубликована поэтическая антология, которая принадлежит перу великого иранского писателя - Насрулло Мардони. Данный труд воистину представляет собой историю поэтического произведения и составлена на основе следования поэтической манере мастера слова – Фирдоуси и в своем стиле является беспримерной. Данное произведение начинается с предисловия в котором разъясняются отдельные свойства данного произведения, что, конечно облегчает труд читателя. Данное произведение написано на основе стихотворного вида тарджеъбанд и состоит из 27 разделов, состоящих из 11 бейтов, которые в совокупности составляют 297 бейтов. Стиль, который использовал поэт при сочинении данного произведения, в классической персидской литературе не имеет аналогов. Все разделы и бейты тарджеъ написаны в форме месневи (аа, бб, вв), стихотворонй системы *Мутакориби мусаммани махзуф или максур* (фаъулун / фаъулун / фаъулун / фаъул или фаъул v - - / v - - / v - - / v - (v ~). Одним из свойств данного тарджеъбанда является то, что поэт при упомиании имени того или другого литератора знакомит читателя со всеми сторонами его жизнедеятельности. Автор при изложении особенностей и изложения наследия того или иного литератора подробно останавливается на них.

Ключевые слова: литературная поэтика, поэзия, проза, художественная литература, Рудаки, Фирдоуси, Носир Хусрав, Джами, тазкире, диван, поэт, газель, касыда.

HISTORY OF LITERATURE IN ONE TARGEBAND

The article provides information on simple ways of studying the life and work of representatives of the Persian-Tajik literature of the past. In 1993, a poetic anthology was published in Iran under the name “Sitegi Sukhan” (“The Top of the Word”), which was written by the great Iranian writer Nasrullo Mardoni. This work is truly a story of a poetic work and is based on following the poetic style of the master of the word — Firdousi, and in his style is unparalleled. This work begins with a preface in which the individual properties of the work are explained, which, of course, facilitates the reader’s work. This work is written on the basis of a poem of the Tarjaband and consists of 27 sections, consisting of 11 baits, which together comprise 297 bayts. The style that the poet used to compose this work is unique in classical Persian literature. All sections and bayts of tarje are written in the form of mesnevi (aa, bb, cv), the Mutakorib Musammani Makhzuf or Maksur system poetry (Fayulun / Fayulun / Fayulun / Fayul or Fayul v - / v - - / v - - / v - (v ~). One of the properties of this tardzheband is that the poet, when mentioning the name of one or another writer, acquaints the reader with all aspects of his life activity. The author dwells on them in detailing the features and presentation of the heritage of this or that writer.

Key words: literary poetics, poetry, prose, fiction, Rudaki, Ferdowsi, Nosir Khusrav, Jami, Tazkir, sofa, poet, gazelle, qasida.

Сведения об авторе: ***Урватулло Тоиров*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки 17

Information about the author: ***Toirov Urvatullo*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17

УДК: 891.550:82

ПАЙРАВИ МУВАФФАҚИ САБКИ ҲИНДӢ

Восиев К., Восиева Р.К.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Сабки ҳиндӣ ва замони густариши он дар шеър як давраи ташаккули адабиёти тоҷикии форсиро дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ва доираи адабии форсизабонони Ҳинд дар бар мегирад. Мусаллам аст, ки Эрон ва Ҳинд аз дер боз бо якдигар иртибот дошта, таҳти таъсири фарҳангу ҳунари ҳамдигар будаанд. Ҳинд таҳти таъсири адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва Хуросону Мовароуннаҳр таҳти таъсири ҳунари суратгарӣ ва меъмории Ҳинд будааст.

Сабки бедилӣ нисбат ба тамоми ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр маҳз дар Самарқанд ва Истаравшан ривоҷ ёфт ва ба мактаби адабии вуқӯъгароӣ расид. Аксари шуарои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар шаҳрҳои зикргардида пайрави сабки бедилӣ буданд. Зуфархон Ҷавҳарӣ низ аз ҷумлаи пайравони муваффақи сабки ҳиндӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ соли 1860 дар шаҳри Истаравшан ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифта, ҳамчунин аз падар, ки шоири намоёни замонааш будааст, ҳикмату забонро омӯхтааст. Сипас, дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил намуда, то 25 солагӣ забонҳои арабӣ, туркӣ, фалсафа, ҳикмат, адабиёт ва дигар илмҳои замонаашро аз худ кардааст. Пас аз хатми мадраса ба зодгоҳаш баргашта, то охири ҳаёташ дар ҳамон ҷо умр ба сар бурдааст.

Эҷодиёти Ҷавҳарӣ хеле барвақт – аз синни понздаҳсолагиаш сар шудааст. Истеъдоди Ҷавҳарӣ дар зери таъсири осори адибони классикии тоҷик ва сарпарастии падар парвариш ва ташаккул ёфта, дар муҳити адабии Бухоро ба камол расидааст. Ӯ бо се забон - форсӣ, туркӣ ва тозӣ шеър гуфтааст. Ҷавҳарӣ ҳанӯз дар охирҳои асри XIX маҳфили адабиеро таъсис додааст, ки дар он шоирони зиёде аз ӯ санъату маҳорати эҷодӣ омӯхтаанд. Баъзе аз инҳо дар васфи Ҷавҳарӣ қасидаҳо гуфтаанд. Масалан, Ҳашмати Бухороӣ чунин мегӯяд:

Эй, ки янбуи ҳама фазлу камолот туӣ,
Масдари макрамату ҳусни хисолот туӣ.
Ҳаст садри ту ниҳонхонаи асрори улум,
Яъне ганҷи ҳақу ганҷури рисолот туӣ.
Ҳал шуда мушкили аҳли талаб аз як назарат,
Ҳарф нокарда чи саллоли саволот туӣ.
Ҷавҳарӣ, аҳли сухан бо ту кунанд анҷуманӣ.
Аз ҳама лутфу асалло бамақолот туӣ [7, с.5].

Ҳамчунин Тамҳидии Самарқандӣ мадҳияе дорад, ки аз фазлу камоли ин суханвар ва мақому мавқеи эҷодиёти ӯ гувоҳӣ медиҳад:

Кай шавам, ё раб, шарафёби лиқои Ҷавҳарӣ,
То кунам сармашқи ҳайрат нақши пойи Ҷавҳарӣ.
Гар муҳити аъзамаш хонам ба ирфон месазад,
Дар тилисми ҳайратам аз нуқтаҳои Ҷавҳарӣ [7, с.5].

Перомуни далелҳои дар боло зикршуда Баҳодур Файзуллоев, ки ҳангоми ба чоп омода намудани девони Зуфархон Ҷавҳарӣ ин гуна мактуботро аз бойгонии шоир пайдо намудааст, иттилоъ медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ба ҳамин мазмун байтҳои зиёдро ҳамчун мисол овардан мумкин аст. Онҳо шаҳодат медиҳанд, ки мақоми Ҷавҳарӣ дар адабиёти пешазинқилобӣ то чӣ андоза баланд будааст. Инро аз таҳлили эҷодиёти ӯ боз ҳам хубтар метавон дарк намуд. Ҷавҳарӣ, пеш аз ҳама, шоири ғазалсаро аст. Вай анъанаи ғазалсароии гузаштагони адабиётамонро устодона давом дода, дар ин роҳ назар ба шоирони ҳамзамонаш маҳорати хубе нишон додааст. Ғазалиёти ӯ асосан аз мавзӯъҳои ишқӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ҳасби ҳол иборат аст. Дар маркази ин мавзӯъҳо ҳамеша ҳаёти инсон ва ҳолатҳои гуногуни рӯҳии он гузошта шудааст.

Дар эҷодиёти ӯ таъсири ашъори Ҳофиз, Соиб ва махсусан Бедил бештар ҳис карда мешавад. Ин аст, ки шоир умуман дар шеъри классикӣ аз тарафи муосиронаш ҳамчун устоди сухан, бедилшинос ё худ «ба мизони сухан ҳамсанги Бедил» эътироф карда шудааст. Чунки бештари ғазалҳои ӯ дар сабки бедилӣ иншо ёфта, дар ин ҷода назар ба бедилшиносони замонаш пешравие ба даст овардааст.

Ҷавҳарӣ охирин намояндаи мактаби Бедил дар Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад. Профессор Расул Ҳодизода дар китоби худ «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX»

дар бораи таъсири эҷодии Бедил ба адабиёти тоҷик сухан ронда, аз ҷумла навиштааст: «Дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX дар адабиёти тоҷик аз шоирони Ҳинд таъсири эҷодии Бедил ниҳоят зиёд шуд ва аксарияти шоирони ин давра бештар ба услуби эҷодкории ин шоир (махсусан дар ғазал) пайравӣ мекарданд. Ғайр аз ин, тавзеҳ ва тафсири осори Бедил дар доираи илму адаб расм шуд. Фаҳмидани Бедил дар шарҳ намуда тавонистани ашъори вай фазлу камолоти махсусе ба шумор мерафт ва шахсоне, ки ба ин кор машғул буданд, ҳамчун «Бедилхон» ва «Бедилрас» ба худ ифтихоре доштанд, вале дар байни илму адаб соҳиби эътиборе низ буданд. Таъсири эҷодиёти Бедил дар нимаи дувуми асри XIX ҳамчунон барқарор буд» [5, с.126].

Устод Айнӣ дар китоби худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» аз шоироне, ки дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX пайравии Бедил ба онҳо даст додааст, инҳоро номбар кардааст: «Аз шоирони тоҷики Осиёи Миёна Сарир, Сират, Исо (Бухорӣ), Асирии Хуҷандӣ, Ҷавҳарии Ӯротеппагӣ Бедилро бо муваффақият тақлид кардаанд» [1, с.116].

Бедилро тақлид карда ва бар ғазалҳои ӯ мухаммас бастани Ҷавҳарӣ аз як тараф, аз муҳаббати саршор нисбат ба шеъри ӯ сар зада бошад, аз тарафи дигар, ин як навъ озмоиши табъ ва боварӣ ҳосил кардан ба қудрати шеърофарии худ мебошад. Ва тамоми эҷодиёти Ҷавҳарӣ шоҳиди он аст, ки ӯ дар ин кор муваффақ шудааст.

Як сабаби дар тақлиди Бедил ба комёбӣ ноил гардидани Ҷавҳарӣ дар он аст, ки ӯ шоири бузургро ба таври амиқ омӯхта таҳқиқ намудааст, дар роҳи дарки маъниҳои сарбастаи ашъори ӯ ҷидду ҷаҳди зиёде ба кор бурдааст. Бинобар ин, Ҷавҳарӣ дар айни замон на танҳо чун пайрав, балки яке аз муҳаққиқони осори Бедил ҳам ба шумор меравад. Чунонки худаш гуфтааст:

Тақлиди ман аст рамзи таҳқиқ,
Гул карда ҳақиқат аз маҷозам [7, с. 6].

Ин гуна мисолҳо дар китоби ба эҷодиёти ӯ бахшидаи Н.Сатторӣ, мақолаҳо ва асари махсуси А. Сайфуллоев, Б.Файзуллоев доир ба шаҳру тавзеҳи ғазалиёти Бедил зиёд оварда шудаанд. Мисолҳои мазкур нишон медиҳанд, ки ӯ дар кушодани уқдаҳои ғазалҳои Бедил маҳорати том зоҳир намудааст ва дар доираҳои адабии Осиёи Марказӣ чун бедилшинос эътибори калон доштааст. Беҳуда нест, ки Ҷавҳарӣ навиштааст:

Ман он шаҳбози қудратошёни фитратам, к-ин ҷо
Намебошад раҳоӣ сайди маъниро зи чанголам [6, с.67].

Бедил мефармояд:

Қадаҳ аз шавқи лаълат чашми бехоб аст, пиндорӣ!
Гул аз шарми рухат оинаи об аст, пиндорӣ!
Надорад сози аҷзам чун нигаҳ сомони оҳанге,
Ба мижгонат, ки шӯхиҳои мизроб аст, пиндорӣ!
Нашуд қайфияти аҳволи худ бар ҳеҷ кас равшан,
Дар ин ибратсаро оина ноёб аст, пиндорӣ!
Хасисон бар ҷаҳони хушк доранд ин қадар гавго,
Сагонро устухони хушк маҳтоб аст, пиндорӣ.
Далели шӯхии ишқ аст маҳви ҳусн гардидан,
Нигаҳ густохие дорад, ки одоб аст, пиндорӣ!
Ба чандин печутоб аз доми ҳайрат бар намеоям,
Саропоям, нигоҳи чашми гирдоб аст, пиндорӣ...
Зи ҳастӣ ҷуз таносонӣ надорам дар назар, Бедил!
Ҷу махмал ҳар сари мӯям раги хоб аст, пиндорӣ! [1, с.209].

Бояд гуфт, ки ба ин ғазали Бедил шоир Ҷавҳарӣ бомуваффақият пайравӣ кардааст ва дар санъати ирсоли масал фикрҳои худро бештар пардапӯшона ва ба тарзи мисоловарӣ хеле хуб баён карда тавонистааст:

Дар ин маҳфил, ки созаш пардаи хуш аст, пиндорӣ,
Сару барги навояш пунбаи гӯш аст, пиндорӣ.
Назарҳо боз аммо, ку нигоҳи ибрате ин ҷо?
Ҷаҳон як чашми маҳви хоби харгӯш аст, пиндорӣ.
Мадеҳ домони ҳол аз каф, ки ёди фурсати мозӣ
Хаёли сурати хоби фаромӯш аст, пиндорӣ.
Зи иброми тараддуд ҳирсаш ороме намебахшад,
Дар ин сӯрохи дунё хоҷаро муш аст, пиндорӣ.
Хаёли зар чунон саргарми савдо карда мумсикро,
К-аз ин оташ димоғаш деги дар ҷӯш аст, пиндорӣ.
Бувад дил дар паноҳи дарду ғам аз офат эминтар,

Ту ин оина аз кулфат намадпӯш аст, пиндорӣ.
Бувад ҷамъияти дил орифонро дар парешонӣ,
Ки баҳр аз мавҷҳо гавҳар дар оғӯш аст, пиндорӣ.
Ба ҳусни аҳду сидқи ҳоли он соҳибвафо нозам,
Ки ҳар неши ҷафояш хуштар аз нӯш аст, пиндорӣ.
Дами ҳарфи касе к-аз ишқ нурафшон намебошад,
Чарогашро забони шуъла хомӯш аст, пиндорӣ.
Чӣ оташ, Ҷавҳарӣ, дар сина дорад он ки оҳашро,
Либосе аз шарар чун барқ бар дӯш аст, пиндорӣ [7, с.109].

Ҷавҳарӣ ба Бедил таклиди сарсарӣ накардааст. Ӯ тарзи образофарӣ ва суханпардозии Абулмаониро барои ифодаи мазмунҳои ба қалби худ наздик истифода бурдааст. Ҷавҳарӣ дар пайравии шоири бузург ба қавли устод Айнӣ «сохтакорӣ ва такаллуф ба кор набурдааст. Бинобар он, ба фасоҳати табиии забон зарари куллӣ надодааст» [3, с. 177]. Чунончи, ғазали зерини Бедил ва дар пайравии он ғазали сурудаи Ҷавҳарӣ баёнгари маҳорати шеърофаринии ин шоири мумтози мактаби бедилии тоҷик аст:

Бедил:

Шаб, ки тӯфончӯши чашми тарам омад ба ёд
Фикри дил кардам, балои дигарам омад ба ёд,
Нақши пое кард гул бетобиам дар хун нишонд,
Паҳлуе дар хок дидам, бистарам омад ба ёд,
Ҷуръатам аз хиҷлати бедастгоҳӣ дог кард,
Нола шуд парвоз, то аҷзи парам омад ба ёд [2, с. 195].

Ҷавҳарӣ:

Дӣ назар кардам ба гул, рӯйи туам омад ба ёд,
Чун шамидам бӯйфи гул, бӯйи туам омад ба ёд.
Ғунчаро дидам табассумофарин дар саҳни боғ,
Хандаи лаъли сухангӯи туам омад ба ёд.
Бар лаби ҷӯй аз назокат сарви гулшан сар кашид,
Қомати мавзуни дилҷӯи туам омад ба ёд...
Тӯтиеро маҳви нутқи хеш дидам, Ҷавҳарӣ,
Килки дурбори сухангӯи туам омад ба ёд [7, с. 56-57].

Ҳамчунин боиси тазаккур аст, ки баъзе муқаллидон дар кушодани маъноҳои амиқи байтҳои Бедил байни худ баҳсҳо мекарданд. Ҳар кадом аз аҳли фазл аз рӯйи фаҳм ва ҷаҳонбинии худ сухан меронд. Дар вақти баҳсу мунозираҳои зиёд ҳамоне ғолиб меомад, ки зеҳни тезу фикри расо дошта, рамзфаҳмиҳо зоҳир карда тавонад. Ҷавҳарӣ дар бисёр баҳсҳо ҳушмандии худро исбот мекард. Баъзеҳо истеъдоди ӯро санҷиданӣ шуда, барои кушодани мазмуни байтҳои мушкилфаҳми Бедил муроҷиат мекарданд. Ҷавҳарӣ, дар ҳақиқат, дар бораи эъҷоз будани назми Бедил тавоққуф намуда чунин мегӯяд:

«Тақлиди каломи Бедил осон набувад,
Ҳар муддаие ба рутбаи он набувад.
Аз тарзи каломи бедилӣ бигзар ту,
То худ сухани ту бар ту товон набувад [7, с.7].

Чунонки маълум аст, дар баъзе мухаммасҳои Туғрал низ оҳангҳои фалсафӣ эҳсос мешаванд, вале ашъори ӯ бештар лирикӣ буда, ба тасвири зебоии воқеӣ бахшида шудаанд.

Дар назарияи маърифат Ҷавҳарӣ андешаҳои Бедилро дар ҳамин сабк ба воситаи бадеӣ ва мазмуни фалсафаи ирфонӣ баён мекунад. Ҷавҳарӣ ҳиссу ақлро ҳамчун василаи шинохт ва таҳқиқи амали моддӣ ва моҳияти инсон эътироф дорад ва барои дарки ҳарчи бештар ба беҳтар нақши илмро ҳамеша таъкид мекунад. Тарғиби илм ба ҳайси заруртарин пешаи инсонӣ ва воситаи такомули дунёи маънавии ӯ як ҷиҳати муҳим ва арзишманди осори Ҷавҳарӣ аст. Ҳарчанд Ҷавҳарӣ худ мутааллиқ ба хонаводаи обрӯманд, гузаштагонаш олимону шоирони тавоно ва қозиҳои адолатпарвар буданд, ифтихори беилмро бо фазли аҷдод кори беҳуда ва номуносиб медонад. Аз ин ҷиҳат, ақидаи Ҷавҳарӣ дар бораи илм моҳияти иҷтимоӣ касб кардааст, яъне ӯ онҳоеро, ки ба аҷдод фахр карда, худашон дар пайи илму дониш набуданд ва ё ороиши зоҳирии ашрофии хосси асрҳои миёнаро сармашқи рафтори худ мекарданд, хеле зери танқиди сахт мегирад. Аз байтҳои зайл ин маънӣ комилан равшан мегардад:

Фазли аҷдод ту пирояи пиндор макун,
Кафани куҳна ба худ ҷомаву дастор макун.
Эй гирифтори ҳамоқат зи фусуни авҳом,

Риши гове матарошу ба сар афсор макун.
Нест ҷуз илм хати доираи иззу шараф
Хешро дур аз ин хат мафикан, хор макун [7, с.47].

Дар лирикаи ирфонии Ҷавҳарӣ маърифати маъшуқи азалӣ танҳо ба воситаи ишқ сурат мсгирад, Дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқат аз ваҳму хаёл, шакку тардид бояд даст кашид ва бо иродаи қавӣ, хоҳишу рағбати ботинӣ, ки ба туфайли фазли раббонӣ ба дили солики роҳи ҳақ ба вуҷуд меояд, ба шаҳодати дидор мушарраф гардидан имкон дорад. Ҷунуни ишқ, ки бегонакунанда аз ақл ва масткунанда аз шӯру ҳаяҷони висоли маъшуқ аст, одобу русуми маъмулию зоҳидонаро намеписандад, расмиёти мазҳабӣ барои ошиқ, кайду монеа мебошад, ки озод шуданро аз он вобастаи иҷрои мароми хештан медонад:

Ҷунунпарвардаи ишқам, маҷӯ оини фарҳангам,
Зи сомони адаб дурам, барӣ аз ному аз нангам.
Тилисми ҳайратам, оинаи доғам, гули ашкам,
Зи сар то пой тимсоли дилам, ё раб, чӣ найрангам?
Шикасти ранги ман он ҷо, ки рафъатофарин гардад,
Бисоти нуҳ фалак ҳамчун саҳар хоҳад шуд аврангам [7, с. 52].

Дар ин байтҳо, ки фалсафаи ирфонӣ комилан ҳувайдост, ибораҳои “тилисми ҳайрат”, “гули ишқ”, “тимсоли дил”, “шикасти ранг” ифодакунандаи мазмунҳои маърифати ирфонӣ буда, дар баробари олами илоҳӣ оҷиз ва нотавон будан ва дар ҳолати ҷудоӣ аз он олами аслӣ, яъне мабдаъ, ноқис будани инсонро таъкид мекунанд.

Ба ҳукми хулоса метавон гуфт, ки осори Зуфархон Ҷавҳарӣ аз нигоҳи адабӣ, фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии халқи тоҷик арзиши хосса дошта, таҳқиқи мукаммали алоҳидаро тақозо дорад. Осори арабию туркии ӯро ҷамъ ва нашр кардан барои дарки бештар ва беҳтари мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ин шоири тавоно ва ҳамчунин омӯхтани раванди умумии адабиёт ва афкори иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик ва мардуми Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX хеле муҳим аст.

Бояд таъкид намуд, ки Ҷавҳарӣ ҳамчун шоири лирик дар шакл, услуб ва тарзҳои баёни бадеӣ ба Бедил пайравӣ намуда ба сохтакорӣ роҳ надодааст. Ҳамин ҷиҳати хуби эҷодиёти Ҷавҳариро таҳқиқ намуда С. Айнӣ гуфтааст: «Аз шеърҳои Ҷавҳарӣ сар-сарӣ гузаштан дуруст нест. Мӯмиилайҳ шеърро устодона менигорад. Ҷавҳарӣ муқаллиди Бедил аст, аммо дар тақлид он қадар сохтакорӣ ва такаллуф ба кор набурдааст. Бинобар ин, аз ин тақлид ба фасоҳати табиии забон зарари куллие рӯй надодааст» [3, с.177].

Аз рӯ, метавон гуфт, ки Ҷавҳарӣ дар даврони пурталотуми таърихи миллати мо чароғи равшани сухани воло барои тамоми ҳаводорони шеъри ноби тоҷику форс будааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Мирзо Абдулқодири Бедил. - Душанбе, 1954. - 340 с.
2. Айнӣ, С. Куллиёт. Китоби дувум. - Душанбе: Ирфон, 1964. Ҷ.11.-322 с.
3. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. - Душанбе: Адиб, 2010. - 448 с.
4. Сатторӣ, Н.С. Ҳаёт ва эҷодиёти Зуфархон Ҷавҳарӣ. - Душанбе: Дониш, 1982.-151 с.
5. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. - 262 с.
6. Ҷавҳарӣ, Зуфархон. Асарҳои мунтахаб; тартибдиҳанда ва муҳаррир Суҳайли Ҷавҳаризода. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. -302 с.
7. Ҷавҳарӣ, Зуфархон. Девони Ҷавҳарӣ; ба чоп тайёркунандагон Н.Шанбезода ва Б. Файзуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 272 с.

ПАЙРАВИ МУВАФФАҚИ САБКИ ҲИНДӢ

Сабки ҳиндӣ як давраи ташаккули адабиёти тоҷикии форсиро дар ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр ва доираи адабии форсизабонони Ҳинд дар бар мегирад. Сабки мазкур аз тамоми ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр маҳз дар Самарқанд ва Истаравшан ривоҷ ёфта буд. Аксари шуарои охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар шаҳрҳои зикргардида пайрави сабки ҳиндӣ буданд. Зуфархон Ҷавҳарӣ низ аз ҷумлаи пайравони муваффақи сабки ҳиндӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ соли 1860 дар шаҳри Истаравшан ба дунё омадааст. Эҷодиёти Ҷавҳарӣ хеле барвақт – дар синни понздаҳсолагиаш сар шудааст. Истеъдоди Ҷавҳарӣ дар зери таъсири осори адибони классикии тоҷик ва сарпарастии падар парвариш ва ташаккул ёфта, дар муҳити адабии Бухоро ба камол расидааст. Осори Зуфархон Ҷавҳарӣ аз нигоҳи адабӣ, фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии халқи тоҷик арзиши хосса дошта, таҳқиқи мукаммали алоҳидаро тақозо дорад. Осори арабию туркии ӯро ҷамъ ва нашр кардан барои дарки бештар ва беҳтари мазмуну мундариҷаи эҷодиёти ин шоири тавоно ва ҳамчунин омӯхтани раванди умумии адабиёт ва афкори иҷтимоию сиёсии халқи тоҷик ва мардуми Осиёи Миёна дар охири асри XIX ва аввали асри XX хеле муҳим аст.

Калидвожаҳо: адабиёт, адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, сабк, сабки ҳиндӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, адабиёти асрҳои XIX-XX, Бедил, назарияи фалсафию ахлоқӣ.

УСПЕШНЫЙ ПОСЛЕДОВАТЕЛЬ ИНДИЙСКОГО СТИЛЯ

Индийский стиль заключает в себе период развития персидско-таджикской литературы в литературных кругах Мавераннахра и персоязычной литературы Индии. Данный стиль развивался и процветал именно в Самарканде и Истаравшане. Большинство поэтов конца XIX и начала XX в вышеперечисленных городах были

последователями индийского стиля. Зуфархон Джавхари также был приверженцем данного стиля. Он родился в 1860 году в Истаравшане. Его творческая деятельность началась в пятнадцать лет. Талант и его способности растут под влиянием произведений классиков и под руководством его отца, и в литературной среде Бухары он достигает своего совершенства. Произведения Зуфархона Джавхари, которые имеют особую ценность, требуют специального и полного научного исследования с литературной, философской и нравственной точек зрения. Сбор и издание его сочинений на арабском и тюркском языках может способствовать пониманию содержания творчества этого выдающегося поэта, а также важно в познании социально-политической мысли народов Средней Азии конца XIX и начала XX в общем и таджикского народа в частности.

Ключевые слова: литература, персидско-таджикская литература, стиль, индийский стиль, Зуфархон Джавхари, теория, Бедиль, филофия, нравственные мотивы.

AN OUTSTANDING FOLLOWER OF THE INDIAN STYLE

The Indian style includes a period of development of Persian-Tajik literature in the literary circles of the Transoxiana (Movarounnahr) and Persian-language literature of India. This style developed and flourished in Samarqand and Istaravshan. Most poets of the late XIX and early XX in the above cities were followers of the Indian style. ZufarkhanJawhari was also a supporter of this style. He was born in 1860 in Istaravshan. His creative activity began at the age of fifteen. Talent and ability is growing under the influence of the classics and the guidance of his father and in the literary circles of Bukhara reaches its perfection. The works of ZufarkhanJawhari, which has a special value, require special and complete research with literary, philosophical and moral point of view. The collection and publication of his works in Arabic and Turkic languages can contribute to the understanding of the content of the work of this outstanding poet, as well as important in the knowledge of socio-political thought of the peoples of Central Asia of the late XIX and early XX in general, and the Tajik people in particular.

Key words: literature, Persian-Tajik literature, styles, Indian style, ZufarkhanJawhari, poetry of XIX-XX cc., philosophical and moral points of view.

Сведения об авторах: ***Курбон Восеъ*** - Технологический университет Таджикистана, доктор филологических наук, профессор кафедры государственного языка и гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Карабаева 63/3

Восиева Рухшона Курбановна - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, доктор филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул.Ф. Мухаммадиева, 17/6. . E-mail: **v.rukhshona@mail.ru.**
Тел.: **(+992 37) 232-95-65**

Information about the authors: ***Kurbon Vose*** - Technological University of Tajikistan, doctor of philological sciences, professor of the department of the state language and humanities. **Address:** 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Karabaeva 63/3

Vosiyeva Ruhshona Kurbanovna - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, Doctor of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, F.A. Muhammadieva, 17/6. E-mail: **v.rukhshona@mail.ru**. Tel.: **(+992 37) 232-95-65**

УДК: 891.550-1

НАЗАРЕ БА ЯК АСАРИ МАЪРИФАТОИНИ УСТОД АЙНӢ РОҶЕЪ БА АДАБИЁТИ АТФОЛ

Ҳусейнзода Ф.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Барои кӯдак асар эҷод кардан аз эҷодкор тақозо мекунад, ки бо забони кӯдак бинависад ва дунёи онҳоро дарк карда тавонад. Шева ва сабки нигориш дар адабиёти кӯдак арзиши хоссе дорад, зеро яке аз ҳадафҳои ин адабиёт ба мутолиа ҷалб кардани хонандагон ва салиқаи адабии онҳоро инкишоф додан аст. Аз ин лиҳоз қаламкашро қаблан лозим аст, муайян намояд, ки чӣ гуна шеър, достон, қисса, манзума ё афсонаҳо, асарҳои дигари насрӣ барои хонанда таълиф менамояд. Бояд ӯ дар хотир дошта бошад, ки роҳи бад ва некро ба кӯдак дар миёни кӯдакон ва наврасон фаҳмонида тавонад. Дар ин самт силоҳи вай бояд забон, зебойии калом ва содагии баён бошад. Аз ҷониби дигар, хусусиятҳои равонӣ ва психологии кӯдакро низ бояд ба назар гирифт. Ҳар қадар кӯдак инкишоф меёбад, зарфияти фаҳмиш ва тавонмандии ақлонии ӯ низ рушд меёбанд ва аз ҳамин сабаб ҷумлаҳои печида, вожаҳову таркибҳои душвор дар назм ва насри кӯдак қобили қабул нест.

Инъикоси шахсияти воқеӣ бояд тарзе бошад, ки хонанда тавонад бо онҳо робитаи отифӣ (меҳрубонӣ, шафқат) барқарор созад. Чунонки адабиётшиноси афғон Муҳаммад Фозил Шарифӣ нигоштааст: “Нависанда бояд дар хотир дошта бошад, ки кӯдакон ва наврасон низ дар ҳадди дарк ва шинохти худ доварии вожаи худро доранд ва ё он ҷо ки баёни ҳузури як воқеият инҳоро маҷзуб ва мутаассир мегардонад, газофа (беҳуда, ҳарза) ё муболиға наметавонад писанди онҳо қарор гирад” [6, с. 89]. Аз ин бармеояд, ки ҳадафи

шоир ё нависандаи кӯдак бояд он бошад, ки асари офаридаи вай писанди хонанда гардад ва мавриди мутолиаи вай қарор гирад.

Адабиёти классикии тоҷикӣ - форсӣ ва фолклор заминаи боэътимод ва суннатии ин адабиёт аст, ки мутолиаи осори устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Балхӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Зоконӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камол Ҷомӣ, Кошифӣ, Низомии Ганҷавӣ, Аҳмади Дониш, Шоҳин ва даҳҳо дигар фарзонагони суханофарин далели ин гуфтаҳоянд.

Ин анъана баъд аз соли 1917 то ба ҳол дар адабиёти навини тоҷик идома ёфтааст, ки беҳтарини онҳо дар саҳифаҳои китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таълимашон бо усули нав таҳия мешуданд, дастраси кӯдакону наврасон мегардиданд. Ба ин асарҳои Сафаралӣ Валибоев" – Усули ҷадиди лисони форсӣ" (Тифлис, 1986), Саид Азиз – "Устоди аввал" (1900), Р. Афандизода – "Басират-ул-атфол" (Боку, 1901), А. Ш. Толибзода" – Гулшани адабиёт" (Боку, 1901), Алиаскар Калинен "Муаллими сонӣ" (1903), Вислӣ – "Баён-ул-ҳуруф" (1903), Сидқии Аҷзӣ – "Китоби қироат" (1903), Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ" – "Китоби савод" (1905), А. М. Наримонов – "Насиҳатулатфол" (Тифлис, 1907), Муин – "Раҳнамои савод" (1905), Абдулқодири Шакурӣ – " Ҷомеъ-ул-ҳикоёт" (Самарқанд, 1909), Садриддин Айнӣ – "Таҳзиб-ус-сибён" (Самарқанд, 1910), "Духтарча ё ки Холида" (Берлин-1924, Душанбе,1010), И. Раҳматуллозода – "Роҳбари мактаб" (1916), Нисормуҳаммад – "Алифбои забони тоҷикӣ" (Тошканд, 1924), Музаффаров Бурҳон, Садриддин Карим – "Алифбои тоҷикӣ" (Москва,1925, Самарқанд-Душанбе, 1925), Саидризо Ализода – "Соли нахустин" (Самарқанд, 1925), Маҳмудӣ ва Зеҳнӣ "Омӯзиш" (Самарқанд-Душанбе, 1928), Фаридун "Баҳори дониш" (Тошканд-Душанбе, 1982), Раҳим Ҳошим – "Соли севум" (Самарқанд-Тошканд, 1930), Раҳим Ҳошим – "Соли дувуми мактабҳои дарачаи якум" (Тошканд-Сталинобод, 1930), Ҳоҷизода ва Зеҳнӣ – "Китоби хониш" (Сталинобод-Тошканд, 1933), А. Ҳазратӣ – "Бачагони некбахт" (Сталинобод -Самарқанд, 1936) ва чанде дигар мисол шуда метавонанд, ки аз тарафи адабиётшиносони ватаниву хориҷӣ ҳаматарафа таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Академики равоншод Рачаб Амонов дар ҳамин маврид хуб гуфтааст: "Нияти ба вуҷуд овардани асарҳои махсус барои бачагон дар оғози асри XX, дар давраи бо таъсири инқилоб ва маданияти рус боло рафтани афкори иҷтимоии халқҳои Осиёи Миёна хеле пурқувват шуд" [4, с. 19].

Аз таҳқиқоти пажӯҳишгарон саҳеҳ аст, ки дар пешравии адабиёти кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон хизмати устод С. Айнӣ бесобиқа аст. Устод ҳам тавассути асарҳои бадеӣ ва ҳам ба восилаи китобҳои дарсии мактабӣ тавонистанд, ки ба ҷаҳонбинии бачаҳо тағйирот ворид намоянд. Яке аз самтҳои фаъолияти илмиву омӯзгории устод таҳияи китобҳои дарсӣ барои мактабҳои навусул будааст. Ба ин асари "Духтарбача ё ки Холида" мисол шуда метавонад, ин асар бо кӯшиши адабиётшиноси тоҷик профессор А. Маҳмадаминов тавассути нашриёти "Истеъдод" бо адади 500 нусха соли 2010 аз туркии ӯзбекӣ тарҷума шуда, дастраси хонандагон гардидааст. Адабиётшинос А. Маҳмадаминов дар оғози асар бо номи "Китоби пандомӯз" сабаби таълифи асарро бо забони дигар ва чопи онро дар хориҷи кишвар кушода додааст, ки баёни андешаҳои муҳаққиқи мазкур имрӯз ҳамчун шамъи фурӯзон дар таълим ва тарбияи насли наврас саҳмгузоранд. Профессор А. Маҳмадаминов нигоштааст: "Аз ёддоштҳои яке аз омӯзгорони собиқадор Г. К. Алмаев маълум мегардад, ки ҳанӯз пеш аз инқилоби Октябр дар Паволжие, Қазон, Оренбург, Уфа, Аштархон, Қрим ва дигар шаҳрҳои Россия мусулмонони тотору бошқирд, турку қазоқу ӯзбек дар тадрису таълим аз китобҳои дарсии устод Айнӣ "Тартил-ул-Қуръон", "Таҳзиб-ус-сибиён" истифода мебурдаанд... " [1, 5, 6]. Ин анъанаро устод С. Айнӣ дар асарҳои дигараш, аз ҷумла "Духтарбача ё ки Холида, "бо мақоми баланди маорифпарварӣ идома додааст. Аз мутолиа ва пажӯҳиши он бар меояд, ки устод Айнӣ дар парвариши кӯдакон дар мисоли Холида ба масъалаҳои зайл эътибор додааст:

1. Тарғиби одоби баланд доштани духтари тоҷик
2. Илмомӯзӣ ва аз илму адаб зебу зинат сохтан барои худ
3. Қаноат пеша кардан, танзим рӯзгордориро риоя кардан, аз пайи гирдоварии зару зевар нашудан.

Баҳри амиқ дарк кардани ин масъалаҳо моро лозим аст, ба матни асари зикршудаи устод таваҷҷуҳ намоем. Дар се ҳикояи аввал устод С. Айнӣ ба ҳайси муқаддима Холидаро ҳушдор медиҳад, ки духтари тоҷик бояд бо иффат ва ботамиз бошад. Аз пайи илм шавад ва зинати худро дар илму адаб бинад. Қаноат пеша карда, танзими рӯзгордориро риоя кунад ва аз пайи гирдоварии зару зевари зиёдатӣ нашавад. Холидаи шашсола нодуруст ба воя мерасад ва қадру қимати одамиро дар ороиш ва аз бар кардани либоси "шинам ва зебо" мебинад.

Духтари Ортиқ Машкоб – Фотима аз Холида бартарӣ дорад. Ӯ хатту савод дошт. Холида мехоҳад, ки бо либосҳои касмахараш алами Фотимаро биёрад ва ба ӯ гӯяд:

–“Магар ту чунин либосҳои нав надорӣ”

Фотима хоксорона ба китобхонӣ сар мекунад ва аз Холида ҳам хоҳиш мекунад, ки “Канӣ ту ҳам бихон”, Холидаи эрка чизеро хонда натавониста аз шарм гиря карда, роҳ ҷониби хонаашон пеш мегирад. Ӯ дарк мекунад, ки ғайр аз хатту савод ба чизи дигар ниёз надорад, Духтари Ортиқи Машкоб- Фотима аз ӯ баланд аст. Сабаби гиряи ӯро падару модараш нодида гирифта мегӯянд. ”Ҳар чӣ хоҳӣ, харида медиҳам, гиря накун, бачам”. Холида дар ҷавоб мегӯяд: “Ҳеҷ чиз намехоҳам, ба ман хатту савод харида диҳед...”. Падари Холида – Маҳмудбой дарк мекунад, ки хости духтараш бо пул ёфт намешавад ва дар бозор ҳам хариду фурӯш надорад. Маҷбур мешавад, ки Холидаро мактаб барад ва ба гурӯҳи нав, ки аз ӯ чанд сари сол хурданд ҳамсабақ кунад, то ин ки ӯ аз пайи омӯзиши савод шавад. Холида дарк мекунад, ки либос дар пешравии ҳаёти инсон ягон мавқеъ надоштааст. Ягон нафар ҳамсинфон ба сару тани ӯ, ки пур аз ороиш буд, эътибор намедиҳанд. Ҳатто хонандаи наве, ки бо ӯ баробар вориди мактаб шуда буд, дар саводомӯзӣ аз ӯ бартарӣ дорад. Масалан, вай имконият пайдо кард, ки дар рӯзҳои аввал нозукии ҳарфҳои “А ва Б”-ро омӯзад. Холида бошад, баръакс ҳеҷ чизро наомӯхт, дар ин лаҳзаи душвор мададрасони Холида хотунмуаллим ва модараш мегарданд. Бо хоҳиши Холида модараш ба ӯ аз карбосу чит либос медӯзад ва таъкид мекунад, ки аз пайи омӯзиши савод шавад. Дар мактаб муаллима пай мебарад, ки Холида на аз пайи зару зевар, балки аз дунболи савод шуда истодааст. Ба қавли устод Айнӣ, калимаҳои “падару модар”- ро бехато хонда менавишт ва он қадар шод шуд, ки “Аз худро шинохтан – инҷониб, чунин шодӣ накарда буд” [1, с. 24].

Услуби дарсдиҳии муаллима писанди умум гардида буд. Бар ивази заҳматашон дар ҷодаи сабақомӯзиву саводбарорӣ ба онҳо масъалаҳои гуногун, аз ҷумла “Меш ва барра”-ро нақл мекард, ки саршори ғояҳои тарбиявиву ахлоқӣ буданд. Аз ин пас, Холида ба гапи модараш гӯш медодагӣ шуд. Дарк кард, ки тамоми модарон баҳри ба камол расидани фарзанд ба роҳи дуруст, шабҳои дароз бедорхобӣ ва тамоми рӯз заҳмат мекашидаанд. Услуби дигари муаллима ин буд, ки ба хонандагон ҳунарҳои мардумиро меомӯхт. Холида онҳоро тез аз худ кард ва дар маҳалли зисти худ чевари чирадаст гардид. Реҷаи якрӯзаи корашро тартиб дода аз рӯйи он амал мекард, ба модари дилбандаш дар рӯбучин ва шустушӯйи ашёи рӯзгор ёрӣ мерасонад.

Холида аз мактаб бисёр чизҳоро омӯхт.

Аввал ин ки аз ғайбат даст кашид ва ба ҳамсолонаш мегуфт: “Дугоначон, дар дунё ҳеҷ кас бе айб нест, эҳтимол мо ҳам айбҳои зиёд дошта бошем. Худо насиб кунаду айбҳои худамонро ислоҳ кунем, аз ҳама хушбахт мешавем...” [1, с. 28].

Дуюм, то мактабравӣ дар зери таъсири хурофоти модараш монда буд. Модари ӯ рӯзҳоро ба саъд (нек) ва наҳс (бад) ҷудо мекард. Ҳатто ба шустушӯй иҷозат намедод. Аз пеши роҳ гузаштани гурба дар болои сар овоз баровардани зоғу аккаро фоли бад меҳисобид.

Холида аз муаллима бо далелҳои илмӣ фаҳмид, ки ҳамаи ин рафтори модараш ҷанбаи хурофотӣ дошта, асоси воқеӣ надоштааст. Устод Айнӣ дар “Ҳикоя дар бораи хурофот”, ”Фол” ва чанде дигар ҷаҳони ботинии Холидаро дигаргун мекунад ва ӯ мефаҳмад, ки тоифае ба номи фолбин ё ҷӯгӣ муфтхӯр будаанд. Онҳо баҳри манфиати худ ба қаллобӣ ва мардумфиребӣ даст мезадаанд.

Сеюм, муаллима дар ҷараёни дарс ба саломатии шогирдон эътибор медод. Ба онҳо шаш роҳи нигоҳ доштани бардамии инсон, аз қабили риояи муҳлати хӯрокхурӣ, либоспӯшӣ, покиза нигоҳ доштани узвҳои бадан ва дигар талаботи тозагиро бо мисолҳои воқеӣ фаҳмонида медод. Ба қавли устод С. Айнӣ “Касоне, ки ба ин насиҳатҳо амал мекунанд, бемор намешаванд” [1, с. 34]

Чорум, Холида пас аз баровардани савод ва пурра китобхон шуданаш шавқу завқ ба донишандӯзӣ пайдо мекунад. Барои худаш китобхонаи шахсӣ таъсис медиҳад, тавре устод С. Айнӣ нигоштаанд: ”Рафта-рафта китобҳояш чунон зиёд шуд, ки китоби як бор хондаашро бори дуюм хонданӣ шавад, бо душворӣ пайдо менамуд.

Барои ҳамин дар пушти ҳар китоб рақам гузошта, дар дафтари махсус ном ва рақами онро навишт. Баъд ҳамаи китобҳоро дар як ҷевон ба тартиб чида монд. Ҳар китобро хонданӣ мешуд, аз дафтар рақами онро ёфта, пас ҷевонро кушода, ҳамон китоби рақамдорро меёфт” [1, с. 36]

Мутолиаи китоби “Занҳои машҳур”, ки ба занони маъруф бахшида шуда ва ба қалами донишманди маъруфи тотор Ризоуддин ибни Фахриддин (1859-1936) тааллуқ дошт, соли 1903 дар Оренбург ба табъ расидааст, ба ҷаҳонбинии Холида таъсири зиёд

мегузорад. Ӯ симои якояки онҳоро, ки дар маҷмӯъ 254 нафарро ташкил медоданд, пеши назар оварда, мехост мисли онҳо ба халқу меҳан хизмат кунад.

Дар хусуси ба доираи хониши адабиёти кӯдакон ва наврасон дохил шудани асари “Духтарбача ё ки Холида”-и устод Айнӣ дар байни донишмандони ватаниву хориҷӣ ҳеҷ шубҳае нест. Дар навиштаҳои адабиётшиносон М. Шакурӣ, Р. Амонов, С. Табаров, Р. Ҳошим. А. Муҳаммаддинов, Н. Файзуллоев, Ҷ. Азизқулов, А. Ҳасанов ва дигарон нуқтаҳои ҷолиб ва андешаҳои илмии созгор мавҷуд мебошанд. Далели аз ҳама муътамад охирсухани худи устод С. Айнӣ, зери унвони “Як-ду сухан ба муаллим ва муаллимаҳо” хоҳад буд, ки устод дар ин маврид таъкид кардаанд. Ин китоб барои бачагон навишта шуда бошад ҳам, баъзе калима ва ҷумлаҳои барои бачагон номафҳум низ дар он дучор омаданашон мумкин аст. Масъулияти шарҳ ва фаҳмондани чунин калима ва ҷумлаҳо ба бачагон бар дӯши худи муаллим ва муаллимаҳо хоҳад буд.

Пеш аз дарсро ба бача хондан, мазмуни онро ба таври даҳонӣ (шифоҳӣ) бояд ба хонанда кард бозгуфт ва пас аз сарфаҳм рафтани бача, хондан усули беҳтарин аст. Агар ба ҳамин усул риоя карда шавад, бача аз дарс ҳеҷ дилгир нахоҳад шуд.

Дигар ин ки дар ҳар як дарс меш, саг, зоғ барин ҳайвонот, об, ҳаво ва боғ барин чизҳои аз табиат гирифташуда ва дигар калимаҳои ба инҳо монандбударо бо баъзе хусусиятҳои хоссашон ба бачагон фаҳмонда додан вазифаи муаллим аст [1, с.37]. Ҷалби кӯдакону наврасон ба мактаб, донишомӯзӣ ва ба нуқтаҳои лозимаи илм расиданро устод фазилати баланди одамӣ меҳисобад. Ӯ бо инсонҳо тавре суҳбат меорост, ки хоксорию фурӯтании ин абарфард баръало эҳсос карда мешуд. Аз хотираҳои донишмандон М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода, К. Айнӣ, Х . Асозода, Ҷ. Азизқулов, А. Набиев ва дигарон бармеояд, ки устод Айнӣ “чинори азиме дар боғи адабиёти мо мебошад” (ибораи Х. Асозода. – Ф.Ҳ).

Устод Айнӣ дар ғазали “Мактаб” аҳамияти ин даргоҳи муқаддасро ба кӯдакону наврасон кушода медиҳад ва бо ифтихори баланди меҳанпарастӣ мегӯяд:

Саъд аст мактаб, хайр аст мактаб,
Изз аст мактаб, шон аст мактаб.

Шоир ва адабиётшинос Муҳаммадалии Аҷамӣ дуруст таъкид кардааст:

“Устод С. Айнӣ барои шаҳомату балоғати андеша аз калимаҳои “саъд”, “хайр”, “из”, “шон” кор мегирад ва ин калимаҳост, ки байтро аз ҳар лиҳоз шукӯҳ додааст. ”Саъд” ба маънии хуҷаста бошад ва манзур аз “хайр” хубӣ, некуӣ, баргузидагист ва калимаи “из” азизу гиромӣ шудан, арҷманд гардидан аст ва мурод аз “шон” шавкату шукӯҳ, бузургӣ ва хонаи занбӯри асал бошад. Устод Айнӣ дар байт аз ҷамъи калимаҳои ёдшуда чӣ қадар дақиқу зариф, латиф, расо, болиғ, шоирона, ҳунармандонаву ҳушмандона суд бардоштааст. Ҳар калимаи байт дар робита ба мактаб аз бартариву зарурати илму дониш, аз аҳамияту ҷойгоҳи он барои башар башорат медиҳад. Устод мегӯяд, ки мактаб саъд аст, яъне хуҷаста, муборак ва он барои инсон ҳушбахтӣ меоварад. Мактаб ба инсон илму дониш, хубиву некуи медиҳад, пас мактаб хайр аст ва инсон аз он мақому мартаба меёбад, баргузидаву бузург мешавад. Ниҳояти ҳарф он аст, ки устод С. Айнӣ инсонҳоро аз ҷаҳолату бесаводӣ ба сӯйи равшанӣ, ба сӯйи бедориву ҳушёрӣ, ба сӯйи фарҳехтагӣ, ба сӯйи иззату саодат даъват мекунад, ки он ҳама дар мактаб аст [5;3].

Ба пиндори инҷониб, мутолиаи ин навъ асарҳо барои кӯдакону наврасон аз манфиат холӣ нест. Аввал ин ки ҳодисаю воқеаи рухдода бисёр ҷолиб тасвир шуда, пай дар пай нақл шудааст. Дигар ин ки ин гуна асарҳо робитаи мустақиме ба масоили саводу касбомӯзӣ ва зиндагии такрорнашавандаи айёми кӯдакӣ доранд, ки он барои ҳар як фард ҷолиб ва фаромӯшнашуданист. Дар ин қабил асарҳо ҷанбаъҳои муҳимми зиндагии кӯдакон ва наврасон мавриди таваҷҷуҳи доимии устод С. Айнӣ қарор гирифтаанд, ки омӯзиши онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Духтарбача ё ки Холида (аз туркии узбекӣ тарҷумаи Абдулҳай Маҳмадаминов). -Душанбе: Истеъдод, 2010, -46 с.
2. Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. -Душанбе: Шуҷоиён, 2010. -208 с.
3. Амонов Р. Адабиёт ва бачагон / Р. Амонов. -Душанбе: Ирфон, 1981. - 197 с.
4. Выходцев П. С. Русская советская поэзия и народное творчество / П. С. Выходцев. -М. -Л : Изд. А Н СССР, 1961. -549 с.
5. Муҳаммадалии Аҷамӣ Саъд аст мактаб. Адабиёт ва санъат 15. 02 .2018 №7 (1926).
6. Муҳаммад Фозил Шарифӣ. Адабиёти кӯдак дар Афғонистон. –Кобул, 1334. -257 с.
7. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н. Файзуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2010. – 664 с.
8. Ҳусейнзода Ф. Назаре ба достонҳои тамсилии адабиёти атфол. -Душанбе: - Деваштич, 2008. – 32 с.

НАЗАРЕ БА ЯК АСАРИ МАЪРИФАТОИНИ УСТОД АЙНӢ РОҶЕЪ БА АДАБИЁТИ АТФОЛ

Дар мақолаи мазкур асарҳои маорифпарваронаи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф воқеаи хеле ҷолибро мисол меорад: аз рӯи хотироти педагоги машҳур Г. К. Алмаев, то Инқилоби Октябр дар Қазон, Оренбург, Уфа, Астрахан, дар Поволже ва Қрим тотору башқирҳо, қазоқҳо ва ӯзбекҳо дар раванди таълим асарҳои Садриддин Айнӣ "Тартил- ул- куръон" ва "Тахзиб-ус-сибён"-ро (1909) истифода мебурдаанд, ки ба сифати китоби дарсӣ барои мактабҳои усули нави Бухоро мураттаб карда шуда буданд. Қайд мегардад, ки ба масоилҳои тарбияу таълими кӯдакон боз як китоби дигари Садриддин Айнӣ бо номи "Духтар ва ё Холида" бахшида шудааст, киаввалин маротиби дар соли 1924 г. дар Берлин ва баъд дар Душанбе ва Тошканд бо забонҳои тоҷикӣ впа ӯзбекӣ ба нашр расидааст.Дар ин китоб С. Айнӣ масъалаҳои мубрами таълим ва тарбияро мавриди таҳлил қарор додааст: ҷалби кӯдакон ва наврасон ба мактаб, омӯзиши илм ва азхудкунии касб, эҳтироми волидайн ва ғайра. Диққати махсус дар китоби Садриддин Айнӣ ба нақши мактаб дар таълиму тарбияи кӯдакон дода шудааст.

Калидвожаҳо: адабиёти бачагона, эҷодиёти Садриддин Айнӣ, асарҳои Садриддин Айнӣ барои кӯдакон, "Тахзиб- ус- сибён", "Тартил-ул-Қуръон" ,"Духтарак ва ё Холида".

НЕКОТОРЫЕ ЗАМЕЧАНИЯ ОБ ОДНОМ ДЕТСКОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ САДРИДДИНА АЙНИ

В статье анализируются просветительские произведения Садриддина Айни. Автор приводит очень интересный факт: по воспоминаниям известного педагога Г. К. Алмаева, еще до Октябрьской революции в Казани, Оренбурге, Уфе, Астрахани, в Поволжье и Крыму татары и башкиры, казахи и узбеки использовали в учебном процессе произведения С. Айни "Тартил- ул- Кур`он" ("Чтение Корана нараспев, 1909) и "Тахзиб-ус-сибён" ("Воспитание детей ", 1909), написанные в качестве учебников для новометодных школ Бухары. Подчеркивается, что проблемам образования детей посвящена еще одна книга С. Айни, ("Девочка или Халыда"), впервые изданная в 1924 г. в Берлине, а затем опубликованная в Душанбе и Ташкенте на таджикском и узбекском языках. В этой книге С. Айни анализирует актуальные проблемы образования и воспитания: привлечения детей и подростков в школу, изучение ими наук и освоение профессии, проявление уважения к родителям и и. т. Особое внимание в книге С. Айни уделяется роли школы и образования в воспитании детей.

Ключевые слова: детская литература, творчество Садриддина Айни, произведения Айни для детей, "Тахзиб- ус- сибён", "Тартил-уль-Кур`он" ,"Девочка или Халыда".

JOME REMACHS ABOUT ONE WORK FOR CHILDREN BY S. AINI

The article dwells on the enlightening works by Sadriddin Aini. The author adduces a very intereting fact: according to the recollections of the well- known pedagogue Y. K. Olmayev, before the October Revolution yet Aini`s literary productions «Tartil – ul- kur`an", («Reading the Koran in a Sing- Song voicess ", 1909) and "Tahzib- us- sibiyon" ("Upbringing of children", 1909) written as manuals for new methodical schools of Bukhare were used in educational process in Kazan, Orenburg, Ufa, Astrakhan, the Volga littaral region and the Crimea by Tatars, Bashkirs, Uzbeks and Kazokhs. It is underscored that one more book by Aini, that one titled as "Dukhtarbacha yo Halida" ("The little girl or Halida") deals with the problems of children`s education; for the first time it was published in 1924 in Berlin, then edited in Dushanbe and Tashkent in tajik and uzbek. In this book the writer analyzes actual problems of education and rearing: attraction of children and teenagers to school, their studies of sciences and reclamation of professions, display of respect for parents and ets. Special attention in S. Aini`s book paid to the role of school and education in fastering of children.

Key words. literature for children, Sadriddin Aini`s creatics Aini`s works for children, "Tahzib-us-sibion ", "Tartil-ul-kur`an", "The little girl or Halida" and other.

Сведения об авторе: ***Хусейнзода Фарход*** – Дангаринский государственный университет, заведующий кафедрой таджикского языка и литературы и официального делопроизводство. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, ул. Шарифова, 3. Тел.: **(+992) 92-753-87-65**

Information about the author: ***Huseynzoda Farhod*** - Dangara State University, Head of the Department of Tajik Language and Literature and Official Paperwork. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova Str, 3. Tel.: **(+992) 92-753-87-65**

УДК: 891.550+82

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД-ҶОМИШИНОС

Абдулқодири Наҷмиддин
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Аълохон Афсаҳзод ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ ба ашъори Мавлоно Ҷомӣ дилбастагӣ доштааст. «Агар хато накунам,-ёди айёми туфулияташ мекунад ӯ,-бояд баҳори соли 1945 бошад. Охирин соли ҷанг. Ҷабҳа дар Берлину кишварҳои дигари Аврупо. Мо дар деҳаи Варзи Канда. Падарам бригадири колхози «Озодии Шарқ». Мардум гурусна. Колхоз тухмӣ надорад. Чандин рӯз падарам набуданд. Он кас барои тухмӣ ба Муғиён рафта, чанд хар гандум ёфта оварданд. Модарам, гирифтори дарди шадиде, чандин рӯз боз бистарӣ. Шояд аз хурсандии омадани падарам бошад, имрӯз ба фароғат хобидааст. Падарам, ки табиати ниҳоят риндона доштанд, токии чоргули ӯротеппагӣ бар сар, камзӯли сусии наппа-нави модарам бофтаву дӯхтагӣ дар бар, мӯйи сар тарошидагӣ, ришу мӯйлаби ба қавли мардум майгунашон олуфта қайчизадагӣ, дутор дар даст суруд мехонанд:

Ҷон аз он лабҳо ҳикоят мекунад,

Тӯтӣ аз шаккар ривоят мекунад.
Ҳар кӣ мегӯяд ҳадиси салсабил,
З-он лаби нӯшин киноят мекунад…
Қатли Ҷомиро чӣ ҳоҷат захми тег,
Ғамзае ӯро кифоят мекунад.

Ин яке аз ғазалҳои дӯстдоштаи падарам аз эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ буд…Ғазалҳои дигари Ҷомиро низ дар меҳмонхона ва хона бисёр мехонданд. Аммо аз ҳама бештар барои ман ҳамди Ҷомиро сурудани он кас маъқул буд. Он шеър на бо маҳкамӣ, оҳанги пуртантана ва аркони устувор, ки ба кунҳаш намерасидем, балки бо айёният, образҳои равшан ва манзараи оламро пеши назар ҷилвагар карданаш мақбулам буд. Суханҳои он ба навои дутор ниҳоят ҷӯр меафтоданд:

Субҳона ман таҳайюра фӣ зотиҳи сивоҳ,
Фаҳму хирад ба кунҳи камолаш набурд роҳ!
Аз мо қиёси соҳати қудсаш бувад,чунон-к
Мӯре кунад ба соҳати гардун зи қаъри чоҳ…

Ҳамон солҳо модарам баъди панҷ фарзанд якбора бачамур шуда монд. Чаҳор фарзанди ӯ паси ҳам таваллуд шудаву мурдан гирифтанд. Падарам чӣ гуна ғам мехӯрданд ва ё сабр мекарданд, бароям маълум набуд... Аммо модарам месӯхт... Ҳамин ки бекор мемонд, гиря мекард ё рӯ ба китоб меовард. Марсия мехонд. Марсияҳои Ҷомӣ марҳами дарду доғи ӯ буданд. Хусусан, вақте ки модарам Тӯйчии 6-7- моҳаро баҳорон ба хок супурд, абёти зеринро мехонд, ки дар баҳори сабзу хуррами Варзи Канда оҳанги махсусе дошта, гӯё, маҳз дар марги ӯ суруда шуда буданд:

Зери гил тангдил, ай гунчаи раъно, чунӣ?!
Бе ту мо гарқа ба хунем, ту бе мо чунӣ?!
Силки ҷамъияти мо бе ту гусастаст зи ҳам,
Мо, ки ҷамъем, чунинем, ту танҳо чунӣ?!

Аз ҳама бисёр ин байтро, ки аз марсияи Ҷомӣ дар марги бародараш буд, такрор мекард:

Гулҳо шукуфту гулрухи мо зери хок хуфт,
Моро дар ин баҳор гуле бас аҷаб шукуфт!» [2, с. 5-7].

Ғараз аз нақли саргузашти адабиётшиноси пуркор ва иқтибоси нақли ӯ аз ҷониби мо он аст, ки «чӣ гуна мероси маънавии халқ дар муҳити як оилаи одӣ таркибан пайваста буда, дар лаҳзаҳои шодиву ғам ва ҷараёни муътадили зиндагӣ тазоҳур менамояд» [2, с.7].

Ба ҳукми тақдир ашъори рӯҳафзову тасаллибахши Мавлоно Ҷомӣ на танҳо дар овони бачагиаш, балки дар даврони донишҷӯии Аълохон Афсаҳзод низ аниси шаборӯзияш буданд. «Аз қазо,- ба ёд меоварад ӯ рӯзгори донишҷӯияшро, -дар имтиҳони фанни адабиёт, ки муаллимаш устод Шарифҷон Ҳусейнзода буданд, дар билети имтиҳониям савол «Эҷодиёти Ҷомӣ» буд. Чун бар замми гуфтаҳои муаллим, китобҳои Алиасғар Ҳикмат «Ҷомӣ», Е.Э.Бертелс «Джами» ва асари тозанашри «Интихоб аз асарҳо»-и Ҷомиро, ки соли 1956 аз тарафи Муҳаммадҷон Раҳимӣ чоп карда шудааст, хонда будам, аз имтиҳони муаллим Ҳусейнзода барин шахси ниҳоят сахтгир ба осонӣ гузашта, баҳои «аъло» гирифтам.

Баъди имтиҳонот бояд ба таътил мерафтам. Дар кӯча яке аз шахсони муътабар ва шиноси деринам-ветерани комсомол, апаи Қӯзигул Муҳаммадиеваро дучор омадаму аз аҳволашон пурсон шудам. Он кас дар рафти пурсупос аз камқувват шуданашон сухан ба миён оварда фармуданд, ки минбаъда дар нафақа ҳастанду дигар навбати хидмати ҷавонон аст. Ва чун одат дар насиҳат шеъри тӯлоние хонданд, ки ин байташ маро дар хотир нишаст:

Маро ҳафтод шуд солу туро ҳафт,
Туро меояд иқболу маро рафт!

Ин байт аз «Юсуфу Зулайхо»-и Ҷомӣ буд. Ва ин ду воқеа маро водоштанд, ки китобҳои Ҷомиро минбаъд ҳамеша дар манзил нигоҳ дорам. «Ҳафт авранг»-и чопи Тошкандро Ӯрун Кӯҳзод бароям ҳадя кард. «Баҳористон»-ро аз деҳа, аз китобхонаи хешованди дурамон Бонуи Мулло Файзӣ, овардам. «Куллиёт»-и нашри Тошкандро аз шоири он вақтҳо донишҷӯ Салимшо Ҳалимшо гирифтам» [2, с. 7-8].

Худ навиштаҳои Афсаҳзод далел бар он аст, ки ӯ то чӣ андоза ба осори безаволи Мавлоно Ҷомӣ муҳаббат дорад ва маҳз ин муҳаббат буд, ки Аълохонро ба дараҷаи муҳаққиқи тавонои ҳаёту эҷодиёти ин абармарди олами илму адаб расонид ва донишманд тамоми умр бо Мавлоно Ҷомӣ монд.

Аввалин тадқиқоти муфассали адабиётшинос «Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» ном дошта, ба ҳайси рисолаи номзадӣ соли 1967 ҳимоя шудааст, ки

бо такмилу таҳрири иловагӣ соли 1970 дар Душанбешаҳр дар шакли китоби алоҳида ба чоп расид. Дар бораи ин рисолаи олими дақиқназар профессор Худоӣ Шарифов барҳақ чунин менависад: “Китоби аввалини таҳқиқии Аълохон Афсаҳзод “Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”, ки соли 1970 чоп шудааст, ба иловаи таҳқиқ ва баррасии мавзӯъ ва ишколоти ҳунарии достон, як сайри таърихии мадиде дар таърихи ин мавзӯъ дар адабиёти форсӣ, боз нуктаҳои тозае дорад, ки дар муҳити адабии Тоҷикистон арзиши зиёди адабӣ ба худ касб кардааст” [11, с. 96].

Баъдан дар бораи шахсияту эҷодиёти Ҷомӣ Аълохон Афсаҳзод китобҳои «Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Душанбе, 1978), «Рӯзгор ва осори Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Душанбе, 1980), «Таҳаввули афкори Абдурраҳмони Ҷомӣ» (Душанбе, 1981), «Ҷомӣ-шоири ғазалсаро» (Душанбе, 1989), «Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир» (Душанбе, 1989)-ро таълиф кард, ки дар онҳо кам чизе монда ва ё намонда, ки муаллиф ба он даст назадаву назари худро иброз надошта бошад. Боз ҳам ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси тавоно, Узви вобастаи АУ Тоҷикистон Худоӣ Шарифов аст, ки фаъолияти илмиву адабии донишманди пуркори тоҷик Аълохон Афсаҳзодро зери назар гирифта, фаъолияти матншиносиву ҷомишиносияшро ба он зам намуда, навиштааст: “Омӯзиши осори Абдурраҳмони Ҷомиро аз таҳқиқи “Лайлӣ ва Маҷнун” шурӯъ карда, пас ба асарҳои дигараш гузашта, дар ниҳоят матни осори шоирро омода ва таҳқиқи умдае дар сари масоили гуногуни эҷодиёти шоир анҷом додааст, ки агар ҳамаи онҳоро ба доираи заҳмати як касе биёрем, аз тасаввури имконоти воқеӣ берун меравад ва дар ҳоли номумкин будани ин кор воқеияти мавҷуда ваҳмангез менамояд” [11, с.96].

Яке аз шогирдони Аълохон Афсаҳзод-Алӣ Муҳаммадӣ дар бораи заҳмати устодаш дар болои нашри интиқодии “Баҳористон” чунин менависад: “Ин шоҳасар...баробари эҷод гардиданаш мухлисону ҳаводорони бешуморе пайдо намуда, барои рафъи ниёзи мардум пайваста қаламӣ мешуд. Аз ин рӯ, нусхаҳои қаламии ин махзани панду ҳикмат... имрӯз хеле зиёданд. Танҳо дар марказҳои шарқшиносии мамлакати мо-Иттифоқи Советӣ, зиёда аз 200 нусхаи дастнависи “Баҳористон” маҳфузанд. Муҳаққиқ ва матншиноси пухтакор Аълохон Афсаҳзод муддати мадиде бо теъдоди бештари ин нусхаҳо ошноӣ пайдо намуда, аз байнашон панҷ нусхаи беҳтарину қадимтарини ба забони мусанниф наздики асарро асоси кори худ қарор дода, аввалин матни то ба имрӯз комили илмӣ-интиқодии “Баҳористон”-ро таҳия намудааст” [10, с.6].

Ҳамчунин Аълохон Афсаҳзод дар мавзӯи «Проблемаҳои матну шеърияти лирикаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» моҳи марти соли 1981 дар Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ рисолаи докторӣ дифоъ менамояд, ки сазовори баҳои баланди шарқшиносони тавоно, аз ҷумла А.Н.Болдирев ва И.С.Брагинский мегардад. Якумӣ рисоларо «тадқиқоти бунлодӣ» ва дувумӣ «саҳми арзанда» дар ховаршиносии ҷаҳонӣ шуморидаанд (9, с. 40). Месазад, ки баҳои арзандаи профессор Шарифмурод Исрофилниёро дар ин маврид иқтибос орем: “Лирикаи Абдурраҳмони Ҷомӣ кофист, ки мо ӯро (Афсаҳзодро-Н.А.) дар радифи бузургтарин матншиносон ва ҷомишиносони олам бигузорем. Устод анқариб кори як пажӯҳишгоҳро сомон додаву баробари даҳ академик тадқиқот бурда, вале унвони академикӣ надошт, ҳатто узви вобастаи Академияи улум ҳам набуд. Адабиёт барои ӯ касби талош буд, на манбаи маош” [11, с. 349].

Аълохон Афсаҳзод заҳмати зиёду тӯлонӣ кашидааст, то Абдурраҳмони Ҷомиро, ки аз назарҳо афтода буд таҳқиқу тадқиқ ва тарғибу ташвиқ кунад ва ҷойгоҳи воқеии ӯро дар сафи бузургон барқарор созад. Махсусан, дар замони шӯравӣ, ки ҷаҳонбинии бехудоиро пуштибониву талқин мекард, рӯйи кор овардани симо ва осори шахсияти бузурги динӣ, пешвои ҷараёни нақшбандия Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ осон набуд. Аълохон Афсаҳзод дар такя ба ақидаҳои маърифатпарвариву инсондӯстӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҷабру зулму ҷаҳолат ва хислатҳои ҳамидаи Мавлоно Ҷомӣ тавонист, ки дарёи нурро аз зулмоти асри понздаҳ ба тирашаби асри бист равона созад.

Ва низ ҳақ ба ҷониби адабиётшиноси эронӣ Лайлмо Сиддиқӣ аст, ки менависад: «Аълохон Афсаҳзод дар муддати бист сол дар ҷодаи тадвину таҳқиқи осори васеи яке аз ситорагони дурахшони адабиёти дарӣ, шоиру мутафаккири барҷастаи садаи понздаҳум, яъне Абдурраҳмони Ҷомӣ кор кардаву аз тарафи шарқшиносони шӯравиву хориҷӣ яке аз беҳтарин ҷомишиносони ҷаҳон шинохта шудааст» [9, с.42].

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (матни илмӣ-оммавӣ). –Душанбе: Адиб, 1987. -160 с.
2. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ-адиб ва мутафаккир. –Душанбе: Ирфон,1989. -380 с.
3. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ-шоири ғазалсаро. –Душанбе: Маориф, 1989. - 256 с.
4. Аълохон Афсаҳзод. Достони “Лайлӣ ва Маҷнун”-и Абдураҳмони Ҷомӣ. –Душанбе: Дониш, 1970. -204 с.
5. Аълохон Афсаҳзод. Абдураҳмони Ҷомӣ. –Душанбе: Маориф, 1978. -192 с.

6. Аълохон Афсаҳзод. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ. -Душанбе, Дониш,1980. -223 с.
7. Аълохон Афсаҳзод. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Дониш, 1981. -160 с.
8. Аълохон Афсахзод. Лирика Абд ар-Рахмана Джами. Проблемы текста и поэтики. –Душанбе: Дониш, 2014. -460 с.
9. Асрори Раҳмонфар. Ёқути сурх. –Душанбе: Деваштич, 2005. 112 с.
10. Алӣ Муҳаммадӣ. Шоҳасари панҷсадсола // Адабиёт ва санъат 14.07.1988. -16 с.
11. Хайрёди Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 2015. - 362 с.

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД-ҶОМИШИНОС

Аълохон Афсаҳзод ҳанӯз аз айёми кӯдакӣ ба ашъори Мавлоно Ҷомӣ дилбастагӣ доштааст. Худ навиштаҳои Афсаҳзод далел бар он аст, ки ӯ то чӣ андоза ба осори безаволи Мавлоно Ҷомӣ муҳаббат дорад ва маҳз ин муҳаббат буд, ки Аълохонро ба дараҷаи муҳаққиқи тавонои ҳаёту эҷодиёти ин абармарди олами илму адаб расонид ва донишманд тамоми умр бо Мавлоно Ҷомӣ монд. Аввалин тадқиқоти муфассали адабиётшинос «Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» ном дошта, ба ҳайси рисолаи номзадӣ соли 1967 ҳимоя шудааст, ки бо такмилу таҳрири иловагӣ соли 1970 дар Душанбешаҳр дар шакли китоби алоҳида ба чоп расид. Аълохон Афсаҳзод заҳмати зиёду тӯлонӣ кашидааст, то Абдурраҳмони Ҷомва осри гаронмояи ӯро таҳқиқу тадқиқ ва тарғибу ташвиқ кунад ва ҷойгоҳи воқеии ӯро дар сафи бузургон барқарор созад. Махсусан, дар замони шӯравӣ, ки ҷаҳонбинии бехудоиро пуштибониву талқин мекард, рӯйи кор овардани симо ва осори шахсияти бузурги динӣ, пешвои ҷараёни нақшбандия Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ осон набуд. Аълохон Афсаҳзод дар такя ба ақидаҳои маърифатпарвариву инсондӯстӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҷабру зулму ҷаҳолат ва хислатҳои ҳамидаи Мавлоно Ҷомӣ тавонист, ки дарёи нурро аз зулмоти асри понздаҳ ба тирашаби асри бист равона созад.

Калидвожаҳо: образ, манзара, аркон, матншиносӣ, афкор, мутафаккир, талош, сайри таърихӣ, шахсият, маърифат, инсондӯстӣ, ҷаҳонбинӣ;

Его научное исследование, получило особое признание среди научно-литературных кругов Ирана и Афганистана, говорящих с нами на одном языке и имеющих с нами общую культуру.

АЪЛОХОН АФСАХЗОД-ДЖАМИВЕД

Аълохон Афсахзод еще с детских лет проявлял большой интерес к изучению творчества Абдуррахмана Джами. Его сочинения свидетельствует о его огромной любви к наследию Джами и эта любовь послужила путеводной звездой для становления Аълохона Афсахзода как ученого и исследователя и достижения великих вершин науки. Аълохон Афсахзод до конца своей жизни был верен своей любви к бесценным творениям великого Джами. Первое подробное исследование литературоведа называлось «Поэма «Лейли и Меджнун» Абдуррахмана Джами" и как диссертационное исследование было защищено в 1967 году. В 1970 году это исследование после дополнительной доработки и редактирования была издана в форме отдельной книги в городе Душанбе. Аълохон Афсахзод внес огромный вклад в изучение творческого наследия Абдуррахмана Джами и научное исследование, проведенное им получило особое признание среди научно-литературных кругов и благодаря его изысканиям самые важные научно-литературные произведения Абдуррахмана Джами в качестве достоверных и надежных источников вошли в современную науку.

Ключевые слова: образ, вид, нравоучение, текстология, мнения, мыслитель, стараться, историческое обозрение, личность, познание, гуманизм, мировоззрение.

ALOKHON AFSAKHZOD-JAMIVED

Since his childhood, Alokhon Afsahzod has shown great interest in studying the work of Abdurrahman Jami. His writings testify to his great love for the heritage of Jami, and this love served as a guiding star for the development of Alokhon Afsakhzod as a scientist and researcher and the achievement of great heights of science. Alokhon Afsahzod until the end of his life was faithful to his love for the priceless creations of the great Jami. The first detailed study of the literary critic was called "The Poem" Leyli and Majnun "by Abdurrahman Jami" and as a dissertation research was defended in 1967. In 1970, this study after additional revision and editing was published in the form of a separate book in the city of Dushanbe. Alokhon Afsahzod made an enormous contribution to the study of the creative heritage of Abdurrahman Jami and the scientific research he conducted received particular recognition among the scientific and literary circles and thanks to his research the most important scientific and literary works of Abdurrahman Jami entered reliable science as reliable and reliable sources.

Key words: image, appearance, moral teaching, textology, opinions, thinker, to try, historical review, personality, knowledge, humanism, world outlook.

Сведения об авторе: ***Абдулкодири Наджмиддин*** - Пенджикентский педагогический институт**,** преподаватель кафедры таджикского языка и литературы. **Адрес:** 734000, Республика Таджикистан, г.Пенджикент, ул.Рудаки 108

Information about the author: ***Abdulkodiri Najmiddin*** - Penjikent Pedagogical Institute, teacher of the Tajik language and literature department. **Address:** 734000, Republic of Tajikistan, Penjikent, Rudaki St. 108

УДК: 891.550-1

ТАЪСИРПАЗИРИИ ШОИРОНИ ДАВРАИ НАВИ АДАБИЁТИ ТОҶИК АЗ ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ПАЖӮҲИШИ УСТОД ШАКУРИИ БУХОРОӢ

Набиева М.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пажӯҳиши даврањои мухталиф ва чеҳрањои гуногуни адабиёти классикии форсу тоҷик аз паҳлуҳои умдатарини адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Аксари муҳаққиқони таърихи адабиёти тоҷик ба мисли Е.Э.Бертелс, И.С. Брагинский, И.Бечка, Х.Мирзозода, Ш. Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода, А. Мирзоев, С.Табаров, А.Афсаҳзод, Х.Шарипов, Х.Асозода, А.Кӯчаров, Имомзода М.С., А.Маҳмадаминов ва садҳо адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, фаъолияти илмии худро ба пажӯҳиши осору аҳволи мутафаккирони адабиёти пургановати классикии форсу тоҷик ва ҳамчунин адабиёти давраи нави он бахшидаанд.

Дар ин радиф таҳқиқотҳои муҳаққиқи барҷастаи замони муосир Муҳаммадҷони шакурии Бухороӣ низ боарзиш мебошад.

Устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ дар ҷодаи фаъолияти адабиётшиносии хеш на танҳо ба таҳқиқу баррасии ашъори адибону мутафаккирони таърихи адабиёт машғул гардидааст, инчунин оид ба мавзӯъҳои халқияти адабиёти навини тоҷик, робитаи адабиёти навини тоҷик бо адабиёти халқҳои дигар, равияву ҷараёнҳои гуногуни услубӣ, методҳои адабӣ, тасвири воқеаҳои зиндагӣ ва маънавиёти ҷомеаи муосир, таъсирпазирии шоирону адибони давраи нави адабиёт аз ашъор ва симоҳои ҷолиби мондагори адабиёти классикӣ ва адабиёти шифоҳӣ, муборизаи беамони устод бо душманону бадхоҳони забону адаби мардуми тоҷик ва садҳо мавзӯъҳои вобаста ба забону адабиёт ва маънавиёту фарҳанги мардуми тоҷик таҳқиқотҳои умдаву бунёдиро ба анҷом расонидааст.

Дар ин бора муҳаққиқ Абдурраҳмон Абдуманнонов чунин ибрози андеша менамояд: “Таҳқиқи робитаҳои интернатсионалии адабиёти советии тоҷик, мубориза бар зидди душманону бадхоҳони маданият ва адабиёти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистии тоҷик дар аксари мақолоту асарҳои Муҳаммадҷон Шукуров мавқеи муҳим дорад” [1].

Ба таъбири адабиётшинос Х. Отахонова «Фаъолияти пурсамар ва бобаракати М. Шукуров, дақиқкорӣ ва дақиқсанҷии он кас дар таҳқиқи ҳодисаҳои адабӣ, ҷаҳду ҷадал ва муборизаҳояшон барои пешрафти адабиёт ва афкори бадеии халқамон, барои тозагии забони адабии тоҷик, иқтидори зоҳир намудани назари тоза ба ҳодисаҳои адабӣ ва ба миён овардани мулоҳиза ва ақидаҳои ҷамъбастӣ на фақат дар республикаи мо балки берун аз он низ маълум аст» [5, с.3].

Тамоюли таҳқиқи ҳунарии шеъри пешин саросари эҷодиёти ин донишмандро фаро мегирад.

Аз шоирони асрҳои X-XV таваҷҷуҳи адабиётшинос Шакуриро бештар Абдурраҳмони Ҷомӣ бо ашъори панду насиҳатӣ ва инсонпарваронаи хеш ба худ ҷалб намудааст. Ҳаёт ва осори ин шоир ва мутафаккири бузург солҳои зиёд дар мадди назари ӯ буданд.

Мақолаи ӯ “Ҷомӣ ва адабиёти советии тоҷик” соли 1965 дар маҷаллаи “Садои Шарқ” чоп шуд, ки дар он баъзе андешаҳои муҳаққиқ оид ба таъсири адабиёти классик ва хусусан осори мутафаккири барҷаста Абдурраҳмони Ҷомӣ ба адабиёти советии тоҷик мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар мақолаи “Ҷомӣ ва адабиёти советии тоҷик” устод Шакурӣ саъй намудааст, хусусиятҳои умдаи осори шоирро ба таври амиқ баррасӣ намояд. Тавре ки муаллиф таъкид мекунад, эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар инкишофи адабиёти тоҷик аз асри XVI то ибтидои асри XX нақши муайяне гузоштааст. Инчунин дар мақола таъкид гардидааст, ки Ҷомии бузург комёбиҳои адабиёти форсу тоҷикро аз Одамушшуаро Рӯдакию Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ва Низомии Ганҷавӣ то Абӯахлоқ Саъдию Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандиву Хусрави Деҳлавӣ ҷамъбаст намуда, осори бешуморе дар рӯҳи беҳтарин анъанаҳои гузаштагони мо офаридааст ва он анъанаҳоро такмил дода, ба онҳо қуввaҳои наве бахшидааст. Ҳамчунин, муҳимтарин қисми онҳо ба даври минбаъдаи тараққиёти адабиёти тоҷик бахшида шудаанд. Беҳтарин анъанаҳои адабиёти асрҳои X-XV ба даврaҳои минбаъда, аз ҷумла ба адабиёти давраи навини тоҷик, ба воситаи эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ гузаштаанд.

Содагию равонии осори Ҷомӣ, таъсирпазирӣ аз ғояҳои пешқадами адабиёти классикии форсу тоҷик дар осори ӯ, диққати адибони адабиёти минбаъдаро ба худ ҷалб намудааст.

Зимнан, бояд таъкид кард, ки устод Шакурии Бухорої чунин андешаро қоил аст, ки “дар асрҳои охир на танҳо лирикаи Ҷомӣ ба фолклор, ба “Шашмақоми классикӣ”, ба баёзҳои дӯстдорони адабиёт торафт бештар дохил мешуд, балки таваҷҷуҳи шоирон ҳам ба эҷодиёти ӯ зиёдтар мегардид. Дар назари шоирони асри XIX ва ибтидои асри XX достонҳои Ҷомӣ аз ҷумлаи беҳтарин достонҳои классикӣ ҳисоб мешуд, ғазалиёт, рубоиёт ва тарҷеоти ӯ намунаи ибрат ба шумор мерафт. Шоирон байтҳои ӯро тазмин мекарданд, ба ғазалҳояш назира мегуфтанд, “Лайлию Маҷнун”-и Шоҳин ва Туғрал низ қисман назираи “Лайлию Маҷнун”-и Ҷомист” [3].

Аз таҳқиқоти адабиётшинос бармеояд, ки яке аз аввалин чеҳраҳои намоёни адабиёти советии тоҷик, ки эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомиро ба таври пурраву комил омӯхтааст, Садриддин Айнӣ мебошад. Сипас, устод Шакурӣ зимни пажӯҳиш дар мақола ба таъсирпазирии устод Айнӣ аз эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ диққати махсус медиҳад. Маълум мешавад, ки аввалин таъсироти осори Ҷомӣ ба эҷодиёти Садриддини Айнӣ аз марсияи сурудаи устод Айнӣ дар марги яке аз фарзандони Шарифҷон-махдуми Садри Зиё соли 1916 зоҳир мешавад. Ба қавли адабиётшинос, хусусияти ҷолиби ин марсия он аст, ки устод Айнӣ марсияи таркиббанди Ҷомиро, ки ба марги фарзандаш Сафиуддин суруда будааст, гирифта, ба як банди он мусаддас бастааст:

Рафтӣ, эй гулбуни навруста, зи бӯстони падар,
Булбул омад ба фиғон аз дили нолони падар,
Зи фироқи ту зад оташ ба муҳиббони падар,
Дили бирёни падар, синаи сӯзони падар,
“Рехтӣ хуни дил аз дидаи гирёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар”...

Пас аз овардани ин байтҳо ва чанд байти дигар, устод Шакурӣ иброз медорад, ки чунонки дида мешавад, мусаддаси Айнӣ мисли марсияи Ҷомӣ ниҳоят ҷонгудоз аст, гарчанде ки худи Айнӣ доғи фарзандро надида буд [3].

Ба андешаи муаллиф, ин қадар ҷонгудоз будани мусаддаси устод Айнӣ якчанд сабабҳо дорад. Яке аз сабабҳояш ин аст, ки шояд марсияи Ҷомӣ Айниро илҳом бахшида бошад, “яъне он ҳама эҳсосоти Айнӣ то андозае сарчашмаи адабӣ дошта бошад”. Зеро ин марсияи Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз намунаҳои беҳтарини марсияҳои таърихи адабиёти классикии тоҷик аст ва қудрат дорад, ки дили ҳар хонандаро сахт ба ҳаяҷон орад, менависад устод Муҳаммадҷони Шакурӣ.

Яз як тараф, ба шеъри Ҷомӣ рӯ овардани Айниро муҳаққиқ ҳодисаи тасодуфӣ намеҳисобад, балки аҳволи рӯҳияи онвақтаи устод Айниро ба мазмуни ин шеъри Ҷомӣ мувофиқ медонад.

Ҳамчунин, адабиётшинос ибрози назар мекунад, ки ба як банди марсияи Абдурраҳмони Ҷомӣ мусаддас бастани устод Айнӣ дар назари аввал ҳодисаи тасодуфӣ ба назар мерасид. Вале аҳамияти умдаи он баъдтар (соли 1918) аён шуд, ки ин шеъри Ҷомӣ диққати Айниро ба таври ҷиддӣ ба худ кашидааст. “Айнӣ дар соли 1918 баъди ҷазои 75 чӯб маҷбур шуд, ки аз Бухоро ба Самарқанд муҳоҷират кунад. Дарду алами 75 чӯб ва дурӣ аз ёру диёр ҳанӯз таскин наёфта буд, ки хабари вафоти фоҷеонаи бародараш Сироҷиддин омад” [3].

Таъсирпазирии устод Айнӣ аз эҷодиёти Ҷомӣ аз назари устод Шакурӣ боз аз марсияи ба марги бародараш бахшидааш равшан мегардад. Яъне, аз назари муҳаққиқ ҳарду марсия, ҳам марсияи Ҷомӣ ва ҳам марсияи Айнӣ, ба ҳамдигар шабоҳати зиёд доранд: ҳам аз нигоҳи сохту ҳам аз нигоҳи мундариҷа.

Бояд ёдовар шуд, ки муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқ иброз медорад, ки аз нигоҳи мазмун дар марсияҳои устод Айнӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ дар баробари монандӣ инчунин ихтилофоте низ ба назар мерасад. Аз нуқтаи назари хусусиятҳои иҷтимоӣ, афзудааст адабиётшинос, агар дар марсияи Ҷомӣ оҳанги шикоят аз замонаву сохти давлатдорӣ пурқувват бошад, дар марсияи устод Айнӣ бештар аз шикоят аз замона дида, оҳанги қаҳру хашму ғазаб пурқувват аст. Ба қавли устод Шакурӣ, “шикоят аз фалаки ҷафопеша” дар шеъри Айнӣ як воситаи нишон додани сабабҳои иҷтимоии кушта шудани садҳо бегуноҳоне ба мисли бародараш, як воситаи фош кардани моҳияти иртиҷоии сохти амирӣ мебошад. Сабаби таълифи марсияи устод Айниро адабиётшинос сабаби иҷтимоӣ медонад, ки моҳияти баъзе воқеаҳои ҳаёти сиёсии Бухороро дар таълифаш устод Айнӣ ба хубӣ нишон додааст. Худи Айнӣ низ, аз нигоҳи пажӯҳишгар, дар он солҳо бошуурона ба муборизаи зидди сохти амирӣ ба по хеста буд.

Ба назари ин донишманд, устод Айнӣ ҳатто дар охири марсияаш низ чун Ҷомӣ хулосабарорӣ менамояд. Яъне, Ҷомӣ дар банди охири марсияи ҷонгудози хеш аз тасвири мусибати ба сараш омада хулоса мебарорад. Хулосаи ӯ пур аз андуҳ ва маъюсӣ буда, гӯё ӯ

низ худ мунтазири рӯзи аҷал аст. Шоир ба ин андеша аст, ки аз меҳри ин дунёи фонӣ дил канда, бояд сар ба гӯшаи хомӯшӣ гузошт:

Шарбати талх расад охир аз ин ҷом туро,
Ком нохуш кунад ин ҷуръа ба ном туро...
...Хок шав, хок, к-аз огоз дар ин даври сипеҳр,
Хок созад ба таҳи пой саранҷом туро...

Ва устод Айнӣ низ дар охирин банди марсияи хеш як навъ фикрҳои худро ҷамъбаст намуда, хулосабарорӣ мекунад. Вале, таъкид менамояд адабиётшинос, дар хулоса хашму ғазаби Айнӣ ба авҷи олӣ расида, ӯ оташи қаҳру ғазабашро ба сари золимону хунхорони давр мерезад ва дили хонандаашро ба интиқоми сангин шуълавар месозад:

Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷабр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда, бо хоки сияҳ яксон бод...
...Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод! [3].

Муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи ин масъала ба ин назар аст, ки дар адабиёти советии тоҷик зиёд ба чашм мерасад, ки аз адабиёти классикӣ шоирон шакли шеъриро гирифта, мазмунҳои нави иҷтимоии замони хешро дар он қолаб ҷой медиҳанд. Намунаи ин гуна мисолҳоро дар эҷодиёти шоирони гуногун, ба монанди С.Айнӣ А.Лоҳутӣ, А.Ҳамдӣ, П.Сулаймонӣ, М.Турсунзода, М.Миршакар, М.Раҳимӣ ва дигарон пайдо намудан мумкин аст. Ва ногуфта намонад, ки марсияи устод Айниро муҳаққиқ яке аз аввалин намунаҳои беҳтарини ин таъсипазирӣ, яъне дар қолаби анвои шеъри куҳна ҷой додани мазмунҳои нави иҷтимоию сиёсӣ ба қалам медиҳад [3].

Дар ин таҳқиқоти хеш муҳаққиқ таъсири ашъори шоирони адабиёти классикиро ба адабиёти советии тоҷик назаррас арзёбӣ намуда, ҳамчунин ба масъалаи назирасароӣ дар адабиёти советии тоҷик диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин замина адабиётшинос иброз медорад, ки дар адабиёти советии тоҷик ҳастанд шоироне, ки ба ашъори Ҷомӣ назира гуфтаанд ва дар ин назираҳо ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ матраҳ гардида, алоқаи байни адабиёти советиро бо адабиёти классикии тоҷик таъмин кардаанд. Барои тақвияти фикр аз як ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ ва як ғазали Садриддин Айнӣ, ки ба Инқилоби Октябр бахшида шудааст ва назира ба ҳамон ғазали Ҷомист, байтҳое мисол меорад:

Аз Ҷомӣ:

Рӯйи ту офтобро монад,
Лаъли ту шаҳди нобро монад.

Аз Айнӣ:

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад.

Устод Шакурӣ дар ин таълифоташ сари масъалаи истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, дар ғазалҳои мазкури Ҷомӣ ва устод Айнӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Масалан, муаллиф таъкид месозад, ки дар ҳар як мисраи ғазали зикршудаи Ҷомӣ як ташбеҳ омадааст, монанди рӯй, лаб, чашм, зулфи ёр, ки ҳама ҳолати ошиқро тасвир менамоянд. Аммо дар муқоиса ба ин дар ғазали Айнӣ низ чунин ташбеҳот ба кор рафтаанд, ки ҳамаи ин ташбеҳҳо на ҳолати ошиқ, балки Инқилоби Октябр ва самараҳои онро инъикос менамоянд. Масалан, Ҷомӣ агар рӯйи ёрро ба офтоб монанд карда бошад, устод Айнӣ офтобро барои ташбеҳи инқилоб истифода намудааст, ки дар ҳақиқат, ҷолиб баромадаанд.

Ҳамчунин, дар таҳқиқоти хеш адабиётшинос ташбеҳҳоеро мавриди арзёбӣ қарор додааст, ки муқоисаашон хеле ҷолиб аст. Яъне, Ҷомӣ равшанӣ ва баландии шеъри худро ба Парвин монанд карда бошад, афзудааст муҳаққиқ, Айнӣ дар ҷавоби ин ташбеҳи Ҷомӣ шуълапошии қалами буррои худро ба шуълаи инқилоб шабеҳ намудааст, ки ин ташбеҳи наве буда, моҳияти адабиёти нави советии тоҷик, моҳияти назми ҷанговаронаи Айниро ба таври олӣ ба риштаи тасвир кашидааст.

“Ба ин тариқ, аз ин назираи Айнӣ ҳамин чиз диққатро ба худ ҷалб месозад, ки ин ҷо вазифаи худро тамоман дигар кардани баъзе воситаҳои тасвири классикӣ, аз чорчӯбаи мазмунҳои ишқӣ берун рафта, ба тасвири воқеаҳои бузурги иҷтимоию сиёсӣ татбиқ шудани онҳо мушоҳида мегардад. Дар ин шеъри Айнӣ, аз як тараф, мазмуни нав пайдо кардани образҳои куҳна, ба вазифаҳои тозаи ғоявию бадеии назми замони Инқилоб тобеъ гардидани онҳо, аз тарафи дигар, ба вуҷуд омадани ташбеҳу истиораҳои наве дида мешавад” [3].

Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ нақши муассири осори Ҷомиро дар рушди адабиёти навини тоҷик муҳим арзёбӣ карда, аз ҷумла иброз доштааст, ки Мавлоно Ҷомӣ бо эҷодиёти худ ба адабиёти советии тоҷик барои ҳаллу баррасии мавзӯъҳои гуногун, шаклҳои шеърӣ ва симоҳои ҷаззобро пешниҳод кардааст. Устод ба гуманисти бузург будани Ҷомӣ махсусан таъкид намуда, афзудааст, ки андешаҳои инсонпарваронаи ӯ имрӯз ҳам қимати худро гум накарда, ба осори кулли нависандагону шоирони давраи нави адабиёт таъсир гузоштаанд.

Дар ин замина устод Шакурӣ ба ҳунари волои Мавлоно дар офаридани осори гуманистӣ таъкид карда, менигорад, ки дар аксари шеърҳои муҳимми шоир ситоиши инсону инсонпарварӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Ҷомӣ дар ашъори пурмуҳтавои хеш афкори ҷамъиятию сиёсӣ ва анъанаҳои пешқадами осори Фирдавсию Низомиро пайгирӣ намуда, ҷамъияти хаёлиеро тасвир намудааст, ки мисоли равшани он достони “Хирадномаи Искандарӣ” мебошад, андеша меронад адабиётшинос.

Ҳамчунин, зимни таҳқиқу баррасии ин мавзӯъ Ш.М. Бухороӣ заминаи пайдоиши достони “Қишлоқи тиллоӣ”-и Мирсаид Миршакарро дар радифи эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик тасвири деҳаи афсонавии достони “Хирадномаи Искандарӣ”-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ арзёбӣ мекунад.

Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ ин аст, ки олим тасвири чунин ҷамъияти “идеалӣ”-ро дар достони “Хирадномаи Искандарӣ” ва афсонаҳои халқӣ орзуи деринаи халқ шуморад, дар достони “Қишлоқи тиллоӣ” инро, аллакай, ҳақиқати воқеӣ, орзуи амалигаштаи мардум таъйид месозад, ки мардуми советӣ онро худ бо қувваи бозуи хеш бино кардаанд.

Сипас, дар ин асос донишманд ғояи асосии достони Миршакарро дар ҳаёти хушбахтонаи мардуми советӣ вобаста дониста, амалӣ гардидани ҳамаи ин орзуҳоро, ки асрҳо боз мардуми зулмдидаи тоҷик дар дили худ мепарвариданд, ҳосили озодӣ ва меҳнати ҳалолӣ онҳо медонад.

М.Миршакар бахшида ба рӯзҳои ҷашни Ҷомӣ шеъре бо номи “Баҳори орзуят гулбасар шуд” эҷод намудааст ва устод Шакурӣ ин шеърро тараннуми орзуҳои амалигаштаи Мавлоно муаррифӣ кардааст.

“Миршакар ... ба Ҷомӣ муроҷиаткунон ... бо ифтихори тамом эълон менамояд, ки он кишвари озодӣ, ки Ҷомиро илҳом мебахшид, ҳамин Тоҷикистони мост, ҳамин сарзамини советист:

Дар ин ҷо шуълавар хуршеди шоир,
Зи нураш дидаи дилҳо мунаввар.
Шукуфта гулшани уммеди шоир,
Димоғи дӯстон аз он муаттар.
Дар ин ҷо дасти шеъру ишқ болост,
Биё, Ҷомӣ, ҷаҳони назм ин ҷост” [3].

Дар ин замина Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ устодии Ҷомиро дар шаклҳои шеъри классикӣ ва офаридани симоҳои боризи адабӣ ва истифодаи бамавриди санъатҳои бадеӣ сад андар сад тасдиқ менамояд.

Муҳаққиқ дар ин замина ба хулосаи И.С. Брагинский оид ба ин ки «таркиби ҳамаи ғояҳо ва дастовардҳои бадеӣ дар эҷодиёти «хотиматушшуаро»-и бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ таҷассум ёфтааст» [2, с.137-149] ҳамфикр аст.

Ҳангоми таҳлил таъсири ғояи озодипарастии ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ:

Яке ба бозе ба бозе гуфт дар дашт,
Ки “то кай кӯҳу саҳро метавон гашт?
Биё то сӯйи шаҳр орем парвоз,
Ки бо шаҳзодагон бошем дамсоз”...
...Тамоми умр агар дар кӯҳсорон,
Ҷафои барф бинӣ, ҷаври борон
Кашӣ дар ҳар нафас сад гуна хорӣ,
Зи чанголи уқобони шикорӣ.
Аз он беҳтар, ки дар тахти зарандуд
Даме бояд ба фармони касе буд!

ба шеъри “Таронаи уқоби тиллоӣ”- и Мирсаид Миршакар:

Уқоб он дам шуморад хешро шод,
Ки дар банде набуда, бошад озод.
Зи озодӣ вале маҳрум будан
Барои вай бувад бадтар зи мурдан

низ аз зери назари интиқодии адабиётшинос берун намондааст.

Гарчанде ки муҳаққиқ маънои озодии дар шеъри Миршакар тараннумгардидаро аз озодии дар тасвири Ҷомӣ инъикосёфта васеътар медонад, бо вуҷуди ин хотирнишон месозад, ки ғояҳои олии инсондӯстонаву ватанпарастӣ ва озодихоҳии осори Мавлоно дар адабиёти давраи навини тоҷик зиндаанд ва шоирону адибони оянда аз он илҳом мегиранд.

Ҳамин тавр, хидматҳои ӯ дар боби таҳқиқ ва таблиғи осори чеҳраҳои намоёни адабиёти ғановатманди форсу тоҷик маҳдуд намешавад. Паҳлуҳои дигари пажӯҳиши пурвусъати устод Шакурӣ таҳқиқотҳои минбаъдаро тақозо доранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдурраҳмон Абдуманнонов. Донишманд / Абдурраҳмон Абдуманнонов // Маданияти Тоҷикистон. – 1981, 10 март.
2. Брагинский И.С. Поэзия иранского возрождения // И.С. Брагинский // Исследование по таджикской культуре. - М.: Наука, 1977. - С.137-149.
3. М.Шукуров. Ҷомӣ ва адабиёти советии тоҷик / М.Шукуров // Садои Шарқ, 1965. – С.104-110.
4. М. Шукуров. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он / М. Шукуров // Садои Шарқ, 1965. - №2. – С. 78-105.
5. Х.Отахонова. Инсони комил / Х.Отахонова // Комсомоли Тоҷикистон, 1986. 5 нояб. - № 131. - С. 3.
6. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / М. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1973. - 160 с.
7. Шукуров М. Пайванди замонҳо ва халқҳо / М. Шукуров // Маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 223 с.

ТАЪСИРПАЗИРИИ ШОИРОНИ ДАВРАИ НАВИ АДАБИЁТИ ТОҶИК АЗ ОСОРИ АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР ПАЖӮҲИШИ УСТОД ШАКУРИИ БУХОРОӢ

Дар мақолаи мазкур таъсирпазирии шоирони давраи нави адабиёти тоҷик аз осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пажӯҳиши муҳаққиқи барҷастаи замони муосир - Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Қайд гардидааст, ки тамоюли таҳқиқи ҳунарии шеъри пешин саросари эҷодиёти ин донишманд, яъне устод Шакурии Бухороиро фаро мегирад ва аз шоирони асрҳои X-XV таваҷҷуҳи адабиётшиносро бештар Абдурраҳмони Ҷомӣ бо осори пуарзиш ва инсонпарваронаи хеш ба худ ҷалб намудааст. Ҳамчунин, муаллиф иброз медорад, ки эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ дар инкишофи адабиёти тоҷик аз асри XVI то ибтидои асри XX нақши бориз дорад. Дар асоси пажӯҳиши муҳаққиқи барҷаста содагию равонии осори Ҷомӣ, таъсирпазирии ӯ аз осор ва эҷодиёти адибони пешин махсус таъкид шудааст. Дар баробари ин, муаллифи мақола дар заминаи таҳқиқотҳои муҳаққиқ Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ инъикоси ғояҳои пешқадами адабиёти классикӣ, хусусан осори Абдурраҳмони Ҷомиро дар мавриди навгонӣ ва тозакориҳояш оиди истифодаи жанрҳо ва мавзӯъҳои гуногуни адабиёти гузаштаамон ва таъсирпазирии адибони давраи навин махсус зикр намудааст. Зимнан қайд гардидааст, ки адибони давраи нав дар пайравӣ аз ашъори Ҷомӣ бо истифода аз шаклу усулҳои классикӣ мавзӯъҳои мубрами замони навро дар осори худ таҷассум намудаанд.

Калидвожаҳо: муҳаққиқ, адабиёти классикӣ, адабиёти давраи нав, таъсирпазирӣ, осор, жанр, мавзӯъ, ғояҳои пешқадам.

ОТРАЖЕНИЕ ВЛИЯНИЯ НАСЛЕДИЯ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ НА ТВОРЧЕСТВО ПРЕДСТАВИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКОЙ СОВРЕМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ШАКУРИ БУХОРОИ

В данной статье отражено влияние наследия Абдуррахмана Джами на творчество представителей таджикской современной литературы в исследованиях Мухаммадджона Шакури Бухорои. Отмечается, что тенденция художественного исследования поэзии предшествующих представителей персидско-таджикской поэзии охватывает весь процесс научной деятельности этого видного ученого и исследователя и из представителей поэтического круга X-XV веков внимание литературоведа больше всех привлекал Абдуррахман Джами своим бесценным гуманистическим наследием. Также автор отмечает, что творчество Абдуррахмана Джами сыграл важную роль в развитии литературы XVI и начала XX веков. На основе изучения и рассмотрения исследовательских работ Мухаммадджона Шакури Бухорои автор статьи особо отмечает простоту и плавность наследия Джами, его влияние на творчество и наследие предшествующих литераторов. Также автор статьи на основе исследования трудов Мухаммадджона Шакури Бухорои указывает на отражение передовых идей в классической литературе, особенно на нововведения в творчестве Абдуррахмана Джами при использовании различных жанров и тем предшествующей литературы, а также о влиянии его творчества на творчество представителей современной таджикской литературы. Вместе с тем, отмечается, что литераторы современного периода при следовании наследию Джами с использванием форм и методов классического стиля отражали в своих сочинениях актуальные темы современности.

Ключевые слова: исследователь, классическая литература, литература нового периода, влияние, наследие, жанр, тема, передовые мысли.

REFLECTION OF THE INFLUENCE OF THE HERITAGE OF ABDURRAHMHAN JAMI ON THE CREATIVITY OF REPRESENTATIVES OF TAJIK MODERN LITERATURE IN THE RESEARCHES OF SHAKURI BUCHOROI

This article reflects the influence of the heritage of Abdurrahman Jami on the work of representatives of the Tajik modern literature in the studies of Muhammadjon Shakuri Bukhoroi. It is noted that the trend of artistic study of poetry of previous representatives of Persian-Tajik poetry covers the whole process of scientific activity of this prominent scientist and researcher and from representatives of the poetic circle of the X-XV centuries. The author also notes that the work of Abdurrahman Jami played an important role in the development of literature of the 16th and early 20th centuries. Based on the study and consideration of the research work of Muhammadjon Shakuri Bukhoroi, the author of the article emphasizes

the simplicity and smoothness of the heritage of Jami, his influence on the work and heritage of previous writers. Also, the author of the article based on the study of works of Muhammadjon Shakuri Bukhoroi points to the reflection of advanced ideas in classical literature, especially on innovations in the works of Abdurrahman Jami using various genres and themes of previous literature, as well as the influence of his work on the works of representatives of modern Tajik literature. At the same time, it is noted that the writers of the modern period, while following the heritage of Jami with the use of the forms and methods of the classical style, reflected in their writings current topics of modernity.

Key words: researcher, classical literature, literature of a new period, influence, heritage, genre, theme, advanced thoughts.

Сведения об авторе: ***Набиева Мехрангез Назаровна*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **mehrangez2009@mail.ru**

Information about the author: ***Nabiyeva Mehrangez Nazarovna*** - Tajik National University, Researcher of the department of the theory and the newest Tajik and Persian literature **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **mehrangez2009@mail.ru**

УДК: 398.334.9

МАҚОМ ВА МАВЗЕИ ВОЖАҲОИ “ҲИНДУ” ВА “ҲИНДУСТОН” ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ МАРДУМИ ТОҶИКУ ФОРС

Юнуси Аҳтамшоҳ
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Ҳар як зарбулмасалу мақол таърихи пайдоиши хешро дошта, ба воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, рӯйдодҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ рабт дорад. Баъзе аз онҳо дар як маҳалли хурд ба вуҷуд омада, бинобар серистеъмол шудан дар дигар минтақаҳо паҳн мешаванд. Аз ин рӯ, дар хусуси бавуҷудоии зарбулмасалу мақолҳо достону қиссаҳои зиёде эҷод шуда, вобаста ба салиқаи истифодабарандагони онҳо гунаҳои мухталифи зарбулмасалҳо пайдо шудаанд. Робитаи кишварҳо ва рафту омади шаҳрвандон ба мамолики якдигар метавонанд дар зарбулмасалҳои якдигар инъикос шаванд. Бахусус, инъикоси номи миллату мамолики дигар, аз ҷумла Ҳиндустон, дар ин дурдонаҳои пандомез бинобар равобити наздики фарҳангиву иқтисодӣ бо ин кишвар ба таври равшан ба назар мерасад. Тавре ки адабиётшиноси тоҷик Бозор Тилавов дар китоби “Баёзи фолклори тоҷик” зикр менамояд: “Мавзӯъҳои шаҳру деҳот ва кишвару мавзеъҳо бошанд, аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки халқ ҳудуди васеи ҷуғрофиро ба доираи мушоҳидаю тасвир ва таҳлилу тадқиқи бадеӣ гирифта будааст. Дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ Ҳиндустон, Рум, Яман, Ироқ, Бухоро, Самарқанд, Кармина, Мадина, Машҳад, Намангон, Бағдод, Тошканд, Балх, Қундуз, Қӯқанд, Боғи Зоғон, Даҳбед, Қалъаи Баланд ва ғайра зикр шудааст, ки ин, албатта, заминаҳои амиқи таърихӣ дорад ва ишоратест ба робитаҳои иқтисодию мадании тоҷикон бо ин сарзаминҳо [8, с.11-12].

Лозим ба зикр аст, ки калимаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” дар байни номҳои зикршуда ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Истеъмоли ин вожаҳо нисбат ба дигар номи миллату кишварҳо дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ бештар ба назар мерасад. Теъдоди зарбулмасалҳои тоҷикӣ, ки дар онҳо вожаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” корбурд шудаанд, шояд зиёд бошад, вале аз таҳқиқе, ки болои он сурат гирифт, ҳудуди 20 адади онро пайдо кардем.

Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикиро, ки дар онҳо вожаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” корбурд мешаванд, бо назардошти истеъмолашон дар адабиёти шифоҳӣ ва бадеӣ метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард:

1) зарбулмасалҳои серистеъмол;
2) зарбулмасалҳои камистеъмол ё аз истеъмол баромада.

Ба гурӯҳи аввал теъдоди ками зарбулмасалҳо шомил мешаванд. Мавзӯи сарфаю сариштакорӣ, муҳаббат ба ватан ва ватандӯстӣ меҳвари асосии ин зарбулмасалҳоро ташкил медиҳанд. Зарбулмасали “Сарфаи сари оташдон- савдогари Ҳиндустон” маҳз ба ин мавзӯъ нигаронида шудааст. Ин зарбулмасал аз ду қисмат, яъне қисмати асосӣ ва хулоса иборат аст. “Сарфаи сари оташдон” қисмати асосӣ буда ва “савдогари Ҳиндустон” ба хулосаи он дохил мешавад. Дар ин зарбулмасал перомуни сарфаю сариштакорӣ сухан меравад. Сарфаи сари оташдон гуфта занонро дар назар доранд ва мақсад аз савдогари Ҳиндустон тоҷири муваффақ мебошад, яъне ҳамон тавре ки тоҷир барои хонаводаи худ даромади зиёд меорад, зани сариштакор низ метавонад бо сарфакорӣ ба оилаи худ даромади зиёде биёрад. Ҳадаф аз истеъмоли ин зарбулмасал дар гуфтугӯ пешгирӣ аз

исрофи беҳуда ва ҳидоят кардани мардум ба роҳи рост барои танзими маблағ ҷиҳати корҳои зарурӣ мебошад. Ин зарбулмасал дар шакли “Сарфагари сари оташдон-савдогари Ҳиндустон" низ корбурд мешавад: “Дар бораи сарфакории хушдоманатон бошад ҳаминро гуфтанием, ки аз ӯ рӯзгордориро омӯзед, дар оянда даркоратон хоҳад шуд. Дар урфият мегӯянд: “Сарфаи сари оташдон - савдогари Ҳиндустон”, ин маънои онро дорад, ки зани сарфакор мисли тоҷир ба оила фоида меорад. Ба гӯши хушдоманатон панд хонданро бошад, дигар ба гӯшаи хотиратон наоред, зеро он метавонад мушкилоти дигареро ба бор орад” [7, с. 3].

Зарбулмасали “Сарфаи сари оташдон-савдогари Ҳиндустон" дар худ маънои амиқеро ниҳон дорад. Агар оиларо ба як давлати хурд ташбеҳ диҳему зану мардро ба сарворонаш, пас, баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти ҳар як оила аз сарфаю сариштакор будани сарворонаш сахт бастагӣ дорад. Дар оилаҳои аънанавии тоҷикӣ мард ризқрасон ва зан нигоҳдорандаи гармию равшанӣ ва серию пурии хонадон ба ҳисоб мераванд. Пас, ғанӣ ё муфлис будани ҳазинаи оила аз бонуи он сарчашма мегирад, яъне зани камхарҷ ба буҷаи оилаи худ фоидае меорад мисли тоҷирони дунёгард. Ҳамин маъноро ин зарбулмасал дар худ ҷо додааст.

“Сарфаи сари оташдон-савдогари Ҳиндустон” ё “Сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон” дар китоби “Фарҳанги ибораҳои рехта” ба шакли зайл маънидод шудааст:

- Сарфа кунӣ, рӯзе ба муҳтоҷиат лозим мешавад, сарфа кунӣ, чизу чора андӯхта метавонӣ [13, с. 87].

Ман ҳар чизе, ки дорам ҳамаашро аз сарфакорӣ ёфтаам “сарфаи сари оташдон, савдогари Ҳиндустон” гуфтаанд [13, с. 88].

Устод Айнӣ ин зарбулмасалро дар асари худ “Ёддоштҳо” моҳирона истифода бурда, аз дурандешӣ ва сарфакории модараш тавсиф кардааст:

- Вақте ки, - гуфт модарам, - биринҷи тӯйро оварда будед, ман як халтаро аз вай биринҷ пур карда гирифта, дар сандуқ пинҳон карда монда будам, ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем. Акнун, ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамон биринҷро кор фармудан мегирем.

- Боракалло! - гуфт падарам, - бесабаб «Сарфаи сари оташдон - савдогари Ҳиндустон» нагуфта будаанд. Ман ба фаросат ва сарфакорию дурандешии ту ба хотири фарзандонамон қоилам [1, с. 21].

Адабиётшиноси тоҷик Бегматова С. дар мақолаи хеш “Тарҷумаи англисии зарбулмасалу мақолҳо дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ (дар асоси тарҷумаи Ҷон Р.Перри ва Рейчел Леер) перомуни тарҷумаи “Ёддоштҳо” ба англисӣ ва муқоисаи он бо тоҷикиаш сухан ронда, ин зарбулмасалро чунин маънидод намудааст:

“Маънои “Сарфаи сари оташдон-савдогари Ҳиндустон” ин аст, ки агар дар сари оташдон, яъне дар рӯзгордорӣ, сарфа кунӣ, кам-кам ҷамъ кунӣ, то ба дараҷаи савдогари Ҳиндустон расида метавонӣ, яъне бой, бадавлат мешавӣ [2, с. 71].

Ин зарбулмасал ҳатто дар шакли муқоисавӣ, яъне “Сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон” низ ба кор меравад. Ин вариант дар “Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикиву форсӣ” [10, с. 53] ва “Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ” [3, с.71] зикр гардидааст.

Фарғонӣ нависандаи тоҷик дар ҳикояи хеш “Маҳтоб ашк мерехт” аз забони қаҳрамони асар ин зарбулмасалро истифода бурда, ба оқилӣ ва дурандешии зан баҳо медиҳад:

Сарфаи сари оташдон –савдогари Ҳиндустон гуфтаанд. Ёфтаи Шуморо ман тофта гирех намекардам, ин катӯ кӯт аз кучо пайдо мешуд? [9, с. 12].

Тавре ки зикр гардид, ҳадаф аз корбурди ин зарбулмасал дар гуфтугӯ ва осори бадеӣ ташвиқи сарфаю сариштакорӣ ва камхарҷӣ дар хонавода мебошад. Сарфаю сариштакорӣ шахсро метавонад аз чанги фақру нодорӣ ва қарз халос намояд:

Агар ҳамин хел сарфакорӣ намекардам, ба Шумо ҳамин қадар пул ҳам дода наметавонистам, чунки “Сарфаи сари оташдон беҳ аз савдогари Ҳиндустон” гуфтаанд [13, с. 53].

Доираи истеъмоли ин зарбулмасал бештар дар кишвари Тоҷикистон сурат гирифта ва корбурди он дар кишварҳои форсизабон, назири Эрон ва Афғонистон, кам дида мешавад. Дар китоби “Амсоли ҳикам”-и Алиакбар Деҳхудо, ки беҳтарин зарбулмасалу мақолҳои форсӣ гирдоварӣ шудааст, ин зарбулмасал зикр нагардидааст.

Истифодаи ин зарбулмасал қариб дар осори тамоми рӯзноманигорону адибон низ ба чашм расида, яке аз серистеъмолтарин зарбулмасалҳо дар забони тоҷикӣ мебошад.

Зарбулмасали “Бо як даст ду ҳиндувона бардошта намешавад” гунаи аз ҳама роиҷи “Бо як даст ду тарбуз бардошта намешавад” мебошад. Он ба маънои дар як вақт ду кор иҷро намешавад, истеъмол мешавад. Маънии “ҳиндувона” тарбуз мебошад. Истифодаи ин зарбулмасал назар ба Тоҷикистон дар Эрон роиҷтар аст, зеро дар он ҷо ба ҷойи тарбуз ҳиндувона мегӯянд:

Як мард чӣ гуна меравад зери як бор,
“Бо як даст ду ҳиндувона натвон бардошт” [10, с. 192].

Собири Ҳамадонӣ:

Кори доно яке бувад пайваст,
Бурд натвон ду ҳиндувона бо як даст [10, с. 192].

Ин зарбулмасал дар шакли “Бо (ба) як даст ду харбуза (тарбуз, ҳиндувона) бардошта намешавад” низ ба чашм мерасад [10, с.243].

Дар байни мардуми тоҷик гунаи “Бо як даст ду харбуза бардошта намешавад” нисбат ба “Бо як даст ду ҳиндувона бардошта намешавад”, серистеъмолтар аст.

Инъикоси парандагону ҳайвонот дар зарбулмасалҳо, тавре ки медонем, хеле зиёд буда, онҳо ба маънои маҷозӣ ба кор бурда мешаванд. Бахусус, тасвири товусу фил дар зарбулмасалҳое, ки номи Ҳиндустон зикр мегардад, хеле зиёд ба чашм мерасад. Аз як тараф, нигоҳ кунем, ватани аслии товусу фил Ҳиндустон аст ва аз ин рӯ, бо он пайванди ногусастанӣ дорад. Зарбулмасали “Ҳар киро товус бояд, ҷаври Ҳиндустон кашад” маънои маҷозӣ дошта, “барои расидан ба мақсад ва ба даст овардани чизе бояд ранҷ ва сахтӣ кашид ва мушкилоти мавҷудбударо бо ҷон харид ва таҳаммул кард”-ро ифода мекунад.

Ин зарбулмасал дар китоби Муллоҷон Фозилов “Зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ” ба шарҳи зайл маънидод шудааст:

Ҳар касе, ки хоҳони чизе ё касе бошад азобу машаққати муяссар шудани онро бояд кашад:

Баъд аз гуфтугӯи бисёр хоҷаи бечора чун ошиқи беқарору шефтаи ӯ буд, ҷуз ҳамроҳ шудан ба ӯ чораи дигаре намебинад, бале “Ҳар киро товус бояд, ҷаври Ҳиндустон кашад”.

Ё:

Ҳар киро маҳбуб бояд, кунда дар зиндон кашад,
“Ҳар киро товус бояд, ҷаври Ҳиндустон кашад” [11, с. 479].

Дар китоби “Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони Афғонистон” зарбулмасалу мақолҳое гирдоварӣ шудаанд, ки бештар байни мардуми он макон серистеъмоланд ва зарбулмасали “Ҳар киро товус бояд, ҷаври Ҳиндустон кашад” [14, с. 161] низ ба ин қатор шомил гардидааст.

Доираи истеъмоли ин зарбулмасал низ дар ҳоли ҳозир камтар буда, бештар дар осори классикони тоҷику форс дида мешавад.

Зарбулмасалҳои “Фил ёди Ҳиндустон мекунад”, “Фил хоби Ҳиндустон дида”, “Филаш ба ёди Ҳиндустон афтода” ва “Тӯтӣ ёди Ҳиндустон кардааст” бо ҳам шабеҳ буда, бештар ба як маъно истифода мешаванд. Ҳангоми яъсу ноумедӣ ёди гузашта кардан, ба ёди ватан афтодан маънии ин зарбулмасалро ташкил медиҳад:

Камол, зулфи бутон гар хаёл мебандӣ,
Марав “ба хоб, ки Ҳиндустон бибинад фил” [11, с. 187].

Мавлавӣ дар бораи ғурбати инсон сухан ронда, дар бораи фил ва Ҳиндустон масале меорад. Вақте ки филро аз Ҳиндустон меоранд, ба сари ӯ мезананд, то фикри ватанашро накунад, вале аз задан боз меистанд, боз ба ёди ватанаш меафтад. Мегӯянд, вақте ки фил хоб меравад, Ҳиндустонро хоб мебинад. Чаро? Зеро асли фил аз Ҳиндустон аст:

Пил бояд, то чу хусбад, ӯ ситон,
Хоб бинад хиттаи Ҳиндустон [15, с. 756].

Гунаи “Пил ёди Ҳиндустон кардааст” низ мавҷуд буда, зикри он дар китоби Зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикӣ ва форсӣ” [11, с. 521] ва дар “Амсоли ҳикам” ба маънои хотироти гузаштаи худро ба ёд овардан, омадааст:

Пили мастам, магзам аз оҳан набошад,
Гар биосоям даме, Ҳиндустон ёд оварам [15, с. 756-757]

Бигардон пайи шер аз ин бӯстон,
Мадеҳ пилро ёди Ҳиндустон [15, 756-757].

Фурӯ мондам аз ҳасрати дӯстон
Чу пилон, ки дар ёди Ҳиндустон [15, 756-757].

Мавлавии бузург дар бораи тӯтӣ низ масале дорад, ки шояд пайдоиши он ба ин қисса рабте дошта бошад. Тоҷире тӯтие дошт. Нияти сафар ба Ҳиндро дошт. Пеш аз сафар ба Ҳиндустон аз баччаҳо ва тӯтӣ, ки он ҷо ҳузур дошт, пурсид: ҳар фармоише дошта бошед,

бигӯед, ичро кунам. Тӯтӣ низ хоҳиш кард, ки агар тӯтиҳоро дидед, бигӯед, як нафар аз ҳамҷинсҳоятон дар қафас ҳаст, чӣ ҷавоб доданд, ҳамонро ба ман бирасонед, кофист. Ҳангоми дар Ҳиндустон будан ин пайғомро ба тамоми тӯтиҳо расонд ва ногоҳ дид, ки тамоми тӯтиҳо пас аз шунидан афтода мурданд. Пас аз шунидани ин хабар тӯтӣ низ ҷон дод. Тоҷир маҷбур шуд, тӯтии мурдаро аз қафас партояд, вале тӯтӣ парвоз карда рафт. Ин як баҳонае буд, барои халос шудан аз қафас.

Дилам боз тӯтиниҳод омадаст,
Ки Ҳиндустон ба ёд омадаст [11, с. 167].

Аслан касе ногаҳон нороҳат шавад ва ғамгин шавад, ин зарбулмасалро ба кор мебаранд. Дар хусуси пайдоиши ин зарбулмасал дар китоби “Рози масалҳои мо” чунин нигошта шудааст:

“Медонед, ки тӯтиҳо дар машриқзамин аз Ҳиндустон ба ҷойҳои дигар рафтаанд. Ҳар ҷондоре маҳаллу зодгоҳи худро бештар аз ҷойи дигар дӯст медорад. Худи одамҳо низ ҳамин тавр ҳастанд. Барои ҳамин тӯтиҳо мехоҳанд ба ҳамон ҷое, ки ба дунё омадаанд ва калон шудаанд, баргарданд. Ин аст, ки ҳар кӯчое бошанд, рӯзе ба ёди ватани худашон меафтанд ва ғамгин мешаванд. Хулоса, мехоҳанд ба асли худашон баргарданд” [6, с. 123].

Ба гурӯҳи зарбулмасалҳои серистеъмол метавон ин се зарбулмасали болоиро шомил кард, зеро доираи корбурди онҳо дар адабиёти тоҷику форс бештар ба назар мерасад.

Дар баробари ин, зарбулмасалҳое ҳастанд, ки камистеъмоланд. “Аз хонаи ҳинду Қуръон баромад” ба ин гурӯҳ шомил мешавад. Ин зарбулмасал дар ҳолатҳое ба кор меравад, ки касе ки аз он интизори анҷоми кореро надоред, он ҳамон корро анҷом медиҳад ва дар ин ҳолат шумо ин зарбулмасалро ба забон меоред. Зеро ин табиист, ки дар хонаи ҳиндуҳо китоби муқаддаси Қуръон пайдо намешавад.

Аслан дар ин зарбулмасал ба амри маҳол будани коре ишора мешавад. Ба ин зарбулмасал дар китоби “Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони Афғонистон” ишора шудааст [14, с. 379].

Мақоли “Марав ба Ҳинд бо Худои хеш бисоз, ба ҳар ҷо, ки равӣ, осмон ҳамин ранг аст” ҷанбаи иқтисодӣ ва таърихӣ дошта, дар ҳоли ҳозир қариб истифода намешавад. Дар даврони қадим шоирону адибон барои пайдо кардани қутти лоямут ва мақому ҷой ба Ҳиндустон сафар мекарданд ва ин чиз ба дигарон низ сироят карда буд ва онҳо аз касбу кори худ даст кашида барои пайдо кардани сарват ба Ҳиндустон равон мешуданд. Аз ҳамин хотир, барои пешгирӣ аз ин амал ин мақол дар ҳамон давра эҷод шудааст.

Фароҳам омадани муҳити хуби адабӣ дар Ҳинд боиси ҳиҷрати бисёре аз шоирону адибони мо шуда буд, ки ин нуктаро адабиётшинос Содиқи Кашрудӣ дар мақолаи хеш “Сайидо, рӯй ба равшангуҳарон бояд кард” ба таври возеҳ зикр намудааст: “Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда бисёр шоирон ба ин кишвар ба хотири беҳдошти зиндагӣ ва мустафид гардидан аз муҳити хуби адабӣ сафар мекарданд” [5, с. 14].

Ин мақол дар шакли “Марав ба Ҳинд ва биё бо Худои хеш бисоз, ба ҳар ҷо, ки равӣ, осмон ҳамин ранг аст” низ корбурд мешавад. Аз лиҳози маъно ин мақол бо мақоли “Хурӯс дар ҳама ҷо баробар (як хел) ҷеғ мезанад” шабоҳат дорад [11, с. 197]. Ҳатто дар шакли “Ба ҳар ҷо равӣ осмон як ранг аст” [11, с. 197] ба кор бурда мешавад.

Марав ба Ҳинд бирав бо Худои хеш бисоз,
“Ба ҳар ҷо, ки равӣ, осмон ҳамин ранг аст” [11, с. 197].

“Кори ҳинду вожгуна аст” аз қабили он зарбулмасалҳое мебошад, ки дар осори классикон ба назар расида, алъон истеъмоли он дида намешавад:

Зи Ҳиндустон магар будаш намуна,
Ки “бошад кори ҳинду вожгуна” [12, с. 204-205].

Ё:

Лоғару фарбеҳанд халқи ҷаҳон,
Кори олам аз ин ду гуна бувад:
Лоғар аст он ки ӯ ғаме дорад,
Фарбеҳ он кас ки ғам дар ӯ набувад.
Ман, ки ҳар лаҳзаам ғаме бошад.
Фарбеҳам боз ин чӣ гуна бувад?
Ёдам омад, ки ин чунин бояд,
“Кори ҳинду чу вожгуна бувад [12, с. 204-205].

Мақоли “Пурсон-пурсон то Ҳиндустон” вобаста ба салиқаи мардум дар ҳар шакл эҷод шудааст:

Пурсида-пурсида Маккаро ёфтан
Пурсон-пурсон ба Каъба битавон рафт
Пурсида ба Каъба метавон рафт.

Пурсон-пурсон мераванд Ҳиндустон [12, с. 544].

Маънии мақол ин аст, ки шахс бо ҷустуҷӯ ва пурсиш ҳар ҷойи лозимро метавонад пайдо кунад:

Ҳоло бубинем ин якеро, ки худаш дидаву писандида ва моро “пурсон –пурсон то Ҳиндустон” ба дунболаш фиристода, чӣ гуна духтарест ва вазъаш чист? [12, с. 544].

Дар баробари ин, дигар зарбулмасалу мақолҳое ҳастанд, ки аз доираи истеъмол баромада, ба гӯшаи фаромӯшӣ афтодаанд. Ба ин гурӯҳ метавон зарбулмасалу мақолҳои “Аз Ҳиндустон умед ҳасту аз гӯристон не” ба маънои ночорӣ ва танҳоӣ [8, с. 57] ё:

Ҳиндустон равӣ, умед ҳаст.

Гӯристон равӣ, умед нест [3, с. 86].

“Ҳинду хун дид, лӯлӣ бача” ба маънои ҳинду гӯё аз хун ва лӯлӣ аз бача метарсад - қисмати танбалӣ, баҳонаҷӯӣ (истифодаи ин зарбулмасал дар байни мардуми вилояти Бухоро ва бухороиҳои Тоҷикистон роиҷ аст) [14, с. 8, 83], “Ҳинду дар Ватани худ чил газ ёзидааст” [14, с. 9, 20], “Аз маҷбурӣ ҳиндуро момоқӣ гурбаро бобоқӣ мегӯянд” [14, с. 19, 169], “Бо шоҳ шавла намехӯраду бо ҳинду фатир” [14, с.42, 169], “Дар хонаи ҳинду гӯшт пайдо намешавад” [14, с. 57, 169], “Кулояш ба масҷид бияфтад, бачаи ҳиндуро мегӯяд, биёр” [14, с. 85, 169], “Риш ҳиндуст, гоҳе ҳасту гоҳе нест” [14, с. 131, 169], “Хари ҳиндуро об бидеҳу пулашро бигир” [14, с. 151, 169], “Ҳинду ҳам давлат дорад” [14, с. 166, 169], “Ҳинду хун дид, бинеш пундид” (пундид-варам кард) [14, с. 166,169], “Ҳиндура хом, мусулмона пухта” [14, с. 166, 169], “Ҳиндуро гуфтанд: “Давлат зиёд, гуфт: “Худо нигаҳ дорад” [14, с.166, 169], “Ҳиндустон дуру пойгоҳаш наздик” [14, с.166, 169] ва “Чи ҳинду, чи мусалмон, пайса ҳасту имон”, [14, с. 169] шомил кард.

Тавре ки қайд намудем, вожаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми тоҷику форс истифода шуда, вобаста ба гурӯҳбандӣ ба зарбулмасалу мақолҳои сериستеъмол, камистеъмол ва маҳдуд ҷудо мешаванд. Теъдоди зарбулмасалу мақолҳои сериستеъмол назар ба камистеъмол ва маҳдуд кам буда, доираи истеъмоли онҳо дар омори адибон ва рӯзномаву маҷаллаҳо хеле зиёд аст. Қисмати бештари онҳо дар даврони қадим эҷод шуда, ҳамон замон мавриди истифода қарор мегирифтанд. Бо мурури таърих қисмате аз онҳо аз забон афтода, дар замони мо корбурд намешаванд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.
2. Бегматова С. Тарҷумаи англисии зарбулмасалу мақолҳо дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ (дар асоси тарҷумаи Ҷон Р. Перри ва Рейчел Леер) - Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик-маҷмӯи мақолаҳо / С.Бегматова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. -520 с.
3. Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ; зери таҳрири Турсунзода М. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1956. -100 с.
4. Иқболов О. Зарбулмасал, мақолҳо, афоризмҳо (муодилҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ) / О. Иқболов. - Душанбе: 2008. -190 с.
5. Кашрудӣ С. Сайидо рӯй ба равшангуҳарон бояд кард // Минбари халқ, 2 майи соли 2018, -№18 (1154).
6. Миркаёнӣ М. “Рози масалҳои мо”. –Душанбе: Рӯшан, 2012. -170 с.
7. Саидакбар Л. Сарфаи сари оташдон // Чархи гардун. -2012. -22 ноябр gazeta.tj/zm/6117-noma1203o.html (санаи истифода 14.04.2018)
8. Тилавов Б. Баёзи фолклори тоҷик / Б.Тилавов ва диг. –Душанбе: Адиб, 1990. -256 с.
9. Фарғонӣ М. Маҳтоб ашк мерехт / М.Фарғонӣ // Омӯзгор. -2013. – 4 октябр. - №40 (11901).
10. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М. Фозилов. – Душанбе: Ирфон, 1975. Ҷ. 1. – 367 с.
11. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ / М.Фозилов. –Душанбе: Камол, 2014. - 640 с.
12. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов.– Душанбе, 1963. Ҷ. 1. - 952 с.
13. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик / М. Фозилов.– Душанбе, 1964. Ҷ. 2. - 802 с.
14. Шаҳронӣ И. Зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони Афғонистон. -Душанбе: Дониш, 2014. - 100 с.
15. علی اکبر دهدخد، امثال و حکم ، جلد دوم، تهران، سال 1392، صفحه782

МАҚОМ ВА МАВЗЕИ ВОЖАҲОИ “ҲИНДУ” ВА “ҲИНДУСТОН” ДАР ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲОИ МАРДУМИ ТОҶИКУ ФОРС

Робитаи кишварҳо ва рафту омади шаҳрвандон ба мамолики якдигар метавонанд дар зарбулмасалу мақолҳои якдигар инъикос шаванд. Бахусус, инъикоси номи миллату мамолики дигар, аз ҷумла Ҳиндустон, дар ин дурдонаҳои пандомез бинобар равобити наздики фарҳангиву иқтисодӣ бо ин кишвар ба таври равшан ба назар мерасад. Дар ин мақола перомуни истеъмоли вожаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми тоҷику форс сухан рафта, вобаста ба корбурдашон ба зарбулмасалҳои сериستеъмол, камистеъмол ва маҳдуд ҷудо мешаванд. Теъдоди зарбулмасалу мақолҳои сериستеъмол назар ба камистеъмол ва маҳдуд кам буда, доираи истеъмоли онҳо дар осори адибон ва рӯзномаву маҷаллаҳо хеле зиёд аст. Қисмати бештари онҳо дар даврони қадим эҷод шуда, ҳамон замон мавриди истифода қарор мегирифтанд. Бо мурури таърих қисмате аз онҳо аз забон афтода, дар замони мо корбурд намешаванд.

Калидвожаҳо: равобит, зарбулмасал, мақол, ҳинду, Ҳиндустон, серистеъмол, камистеъмол, маҳдуд, корбурд мақом, мавзеъ.

РОЛЬ И МЕСТО СЛОВО “ХИНДУ” И “ХИНДУСТОН” В ПОСЛОВИЦАХ И ПОГОВОРКАХ ТАДЖИКСКОГО И ПЕРСИДСКОГО НАРОДОВ

Исторические связи стран и взаимоотношения народов могут отражаться в их пословицах и поговорках. Примером отражения этих экономических и культурных связей в назидательных жемчужинах может служить упоминание названия Индии и индийского этноса. В настоящей статье рассмотрено употребление лексем “хинду” ва “Хиндустон” в таджикско-персидских пословицах и поговорках, которые по степени их употребления нами подразделены на группы: широкоупотребляемых, малоупотребляемых и ограниченных паремий. Часть из этих пословиц и поговорок имеют широкое употребление, однако их количество, по сравнению с другими пословицами, невелико, и они часто встречаются в произведениях писателей, в газетах и журналах. Часть из них имеют древнюю историю и употреблялись лишь в старые времена, а ныне вышли из употребления.

Ключевые слова: отношение, пословицы, поговорки, хинду, Хиндустон, употребительные, малоупотребляемые, ограниченные, употребляемость, роль, место.

THE ROLE AND PLACE OF THE WORD "HINDU" AND "HINDUSTON" IN PROVERBS AND SAYINGS OF THE TAJIK AND PERSIAN PEOPLES

The historical ties between countries and the mutual relations of peoples can be reflected in their proverbs and sayings. An example of the reflection of these economic and cultural ties in the edifying pearls can serve as a reference to the name of India and the Indian ethnos in them. In this article we are talking about the use of words the Hindu and Hindustan in Tajik-Persian proverbs and sayings, which we have divided into groups of widely-used, narrowly-used and limited paremias regarding the degree of their use. Some of these proverbs and sayings are widely used, but their number is small in comparison with other proverbs, and they are often found in works of writers, newspapers and magazines. Some of them have an ancient history and were used only in the old times, and now they are out of use.

Key words: relations, proverbs, sayings, Hindu, Hinduston, used, little used, limited, use, role, place.

Сведения об авторе: ***Юнуси Ахтамшох*** - Таджикский государственный институт языков им. С.Улугзода, преподаватель. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе. ул.Мухаммадиева, 17/6.
E-mail: **Yunusi1970@mail.ru.** Тел.: **(+992) 908-90-20-45**

Information about the author: ***Yunusi Akhtamshoh*** - Tajik State Institute of Languages named after S.Ulugzoda, teacher. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe. 17/6 Muhammadiev st. E-mail: **Yunusi1970@mail.ru**. Tel.: **(+992) 908-90-20-45**

УДК: 891.550-1

БАДАЛШАВИИ СУТУҲИ РОВӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

Гулихандони Маликнеъмат
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Хусусияти барҷастаи назму насри ривоятӣ дар он ифода мешавад, ки ҳамеша касе онро ривоят мекунад. Мо дар ривоят ҷаҳонро тавассути ким-кадом як шуури муроқиб мешиносем [3, с.120], яъне дар он воқеа ё силсилаи воқеаҳо ғайримустақим, тавассути «садое» баён мешаванд. Маҳз бо ҳамин хусусият назму насри ривоятӣ аз драма фарқ мекунад. Ҳамин садое, ки қиссаро ривоят мекунад, ровӣ номида шуда, муҳимтарин категория дар ривоятшиносӣ ба ҳисоб меравад.

Дар умумитарин таснифоти ривоятшиносон ровӣ ду навъ мешавад: диегетикӣ ва ғайридиегетикӣ [10, с. 81]. Мабнои ин таснифот ба инобат гирифтани ҳузури ровӣ дар ду тарҳи ҷаҳони хаёлии (фиктивный мир) дар матн тасвиршаванда-тарҳи ҷаҳони ривоятшаванда (диегесис-повествуемый мир) ва тарҳи ҷаҳони ривояткунанда (экзегесис-повествующый мир) мебошад.

Ровии диегетикӣ ровиеро меноманд, ки дар бораи худ ҳамчун иштироккунандаи қисса нақл мекунад, яъне дар даруни қисса ҳузур дорад.Ровӣ дар ин ҳолат ҳам субъекти ривоят аст ва ҳам объекти он. Ровии диегетикӣ метавонад шоҳиди воқеа бошад ва ё қаҳрамони он. Ровие, ки қаҳрамони асосии асар аст, автодиегетикӣ номида мешавад.

Ровии ғайридиегетикӣ он аст, ки танҳо дар бораи дигарон нақл мекунад. Дар ин ҳолат ривоят дар мақоми сеюмшахс сурат мегирад. Ровии ғайридиегетикӣ дар осори ривоятшиносони ironӣ, чунСамиро Бомушкӣ, Тақӣ Пурномдориён, Ризо Таваккулӣ ва дигарон «***ровии донои кулл»*** номида мешавад. Истилоҳи *ровиидоноии кулл* бо истилоҳи ровии ғайридиегетикӣ аз ҷиҳати ифода баробар нест, балки ровии донои кулл фақат як навъи ровии ғайридиегетикист. Мувофиқи таснифоти В. Шмидт ровии ғайридиегетикӣ

ҳамчунин ровии донои чузъиёт, ровиидонои чузъиёти зиёди пароканда шуда метавонад. Дар чунин таснифоти ровӣ дараҷаи огоҳии ровӣ ба инобат гирифта мешавад [10, с.79].

Тарҳи асари бадеӣ ба унсури ровӣ, новобаста ба навъи он, сахт алоқаманд аст. Вобастагии тарҳи асар ба ровӣ ба таври рӯшан дар сохтори қисса андар қисса намудор мешавад.

Қисса андар қисса сохтореро меноманд, ки мувофиқи он як қисса қиссаҳои дигареро дар худ меғунҷонад. Ба ибораи дигар, сохторест, ки дар он қиссае дар даруни қиссаи дигар нақл мешавад. Шахсияти як қисса, ки қиссаи худ ё каси дигарро нақл мекунад, ҳам дар тарҳи қисса ва ҳам дар тарҳи ривоят қарор мегирад. Аммо онро наметавон ровии диегетикӣ номид, зеро он шахсияти як қисса ва ровии қиссаи дигар аст. Ин гуна шахсияти достонро, ки қисса нақл мекунад, ровии сатҳи дуюм меноманд. Агар шахсияти қиссае, ки аз забони шахсияти қиссаи меҳварӣ нақл мешавад, дар навбати худ қиссаеро нақл кунад, ровии сатҳи сеюм дониста мешавад. Ровӣ, новобаста аз он ки дар кадом сатҳ қарор дорад, бо назардошти ҳузураш дар диегесис ва экзегесис диегетикӣ ва ғайридиегетикӣ мешавад.

Дар осори қисса андар қиссаи суннатӣ қиссаҳои дарунӣ ҳамеша дар миёни гуфтугӯи шахсиятҳои достони меҳварӣ аз забони яке аз онҳо нақл мешаванд. Масалан, дар достони меҳварии «Ҳазору як шаб» аз забони Шаҳрзод, дар «Калила ва Димна» аз забони Димна, дар «Илоҳинома» аз забони Падар, дар «Мантиқ-ут-тайр» аз забони Ҳудҳуд ва дар «Мусибатнома» аз забони Пир. Яъне, дар ин осор қиссаҳои дохилӣ аз забони ровии сатҳи дуюм нақл мешаванд ва вобаста ба умқ пайдо кардани қиссаҳо қиссаҳои дохилӣ метавонанд аз забони ровии сатҳи сеюм, чорум… ва ҳатто ҳафтум нақл шаванд [1, с.256].

Яке аз вижагиҳои корбасти сохтори қисса андар қисса дар «Маснавии маънавӣ» он аст, ки аксари қиссаҳои дохилӣ аз забони ровии сатҳи аввал нақл мешаванд. Бояд ба он нукта таваҷҷуҳ зоҳир кард, ки аз назари ривоятшиносон ровӣ дар ягон сатҳ худи муаллиф нест. Кайзер ровиро тимсоли офаридашудае медонад, ки ба тамоми асари бадеӣ тааллуқ дорад [3, с. 251]. Барт бошад ровиро дар баробари қаҳрамон «мавҷуди қоғазӣ» мешуморад [10, с.124].

Ин ҳолат дар осоре, ки муаллиф мард аст, аммо ровии сатҳи аввал зан, ё баръакс, муаллиф зан аст ва ровӣ мард, ошкортар аст.

Аммо дар «Маснавӣ» мо наметавонем ровии сатҳи аввалро «мавҷуди қоғазӣ» ё «муаллифи сохта» номем, зеро баръакси назариёти ривоятшиносон дар «Маснавӣ» ровии сатҳи аввал худи муаллиф-Мавлоно аст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ва ишораҳои худи Мавлоно «Маснавӣ» дар ҳолати ваъзу вақд таълиф шудааст. Яъне Мавлоно ҳангоми таълифи «Маснавӣ» ба ин ё он образ надаромадааст, баръакс кӯшиш кардааст, тамоми системаи андешаҳояшро баён намояд. Аксаран ровии сатҳи аввал дар «Маснавӣ» ровии ғайридиегетикист. Аммо дар баъзе мавридҳо, вақте сухан аз ишқу аз Шамс меравад, ё Ҳисомуддин мухотаб қарор мегирад, ба ровии автодиегетикӣ иваз мешавад. Маҳз дар ҳамин мавридҳо ягонагии муаллиф ва ровии сатҳи аввали «Маснавӣ» рӯшан мегардад. Дар пораҳое, ки аз забони ровии диегетикии сатҳи аввал, яъне аз забони Мавлоно дар мақоми аввалшахс баён мешаванд, хусусияти ривоӣ камтар ва баёни шӯру ҳаяҷон бештар ба назар мерасад. Бо назардошти ҳамин нукта Пурномдориён онҳоро тағаззул меномад ва бартарияти «Маснавӣ»-ро нисбат ба маснавиҳои Аттору «Ҳадиқа»-и Саноӣ дар мавҷудияти ҳамин тағаззулҳо медонад [7, с.287]. Ин навъ тағаззулгунаҳо танҳо ҳамчун «гурез» аз қисса оварда мешаванд. Истилоҳи «гурез»-ро Тодоров барои ифода намудани мафҳуми «дур шудани ровӣ аз ривояти қисса ва пардохтан ба масъалаҳое, ки ба сужаи қисса дахл надоранд», пешниҳод намудааст.

Худи қиссаҳои аз забони ровии сатҳи аввал нақлшаванда аз забони шахси сеюм баён мешаванд. Яъне, ровии сатҳи аввали қиссаҳо ровии ғайридиегетикист.

Мувофиқи назари ривоятшиносон ривояте арзишманд шумурда мешавад, ки аз забони ровии диегетикӣ, махсусан автодиегетикӣ нақлшавад, зеро дар ҳолати нақли ривоят аз забони шахси аввал дараҷаи эътимоднокии ривоят афзун мегардад.Дар «Маснавӣ»қариб ҳамаи қиссаҳо аз забони ровии ғайридиегетикӣ нақл мешаванд, аммо ин ҳолат арзиши «Маснавӣ»-ро коҳиш намедиҳад. Баръакс, хонанда дар «Маснавӣ» дар баробари шахсияти ҳақиқӣ, яке аз бузургтарин нобиғаҳои ҷаҳон-Мавлоно қарор мегирад, на дар баробари қаҳрамони афсонавӣ. Яъне, эътимоднокии ривоятро дар «Маснавӣ» шахсияти худи Мавлоно таъмин мекунад.

Таҷрибаи Мавлоно нишон медиҳад, ки дар осори ҳакамӣ чунин тарзи корбурди категорияи ровӣ самарабахштар аст.

Умуман,аз 328 қиссае, ки дар «Маснавӣ» омадаанд, 275 қисса аз забони ровии сатҳи аввал ва 22 қисса аз забони ровии сатҳи дуюм нақл шудаанд. Дар 30 қиссаи боқимонда ровӣ хусусияти духӯрагӣ дорад.

Ин 30 қисса аз забони ровии ғайридиегетикӣ нақл шуда, баъд аз қиссаҳое меоянд, ки бо суханони қаҳрамон ба итмом расидаанд, аммо аз забони ровии сатҳи аввал ягон ишорае ба тамом шудани сухани қаҳрамон ва қисса вуҷуд надорад. Ин қиссаҳо чун аз суханони қаҳрамон тадоӣ шудаанд,давоми мантиқии суханони қаҳрамонанд. Аммо наметавон бидуни тардид ин қиссаҳоро тадоишуда дар зеҳни қаҳрамон ванақлшуда аз забони ӯ донист. Зеро дар «Маснавӣ» мавридҳои зиёде вуҷуд дорад, ки қиссаи баъд аз сухани қаҳрамони қиссаи қаблиомада аз забони ровии сатҳи аввал нақл мешавад. Дар ин ҳолатҳо унвони қиссаҳо сухани қаҳрамонро аз сухани ровии сатҳи аввал ҷудо мекунанд. Бо вуҷуди ин, духӯрагии ровӣ дар ин навъ қиссаҳо ҳам дида шуда, ба кадом сатҳ нисбат доштани он фақат дар миёна ё фарҷоми қисса ва ё дар оғози қиссаи баъдӣ ё дар оғози пораи қиссаи қаблӣ, вақте ровӣ андешаҳояшро пиромуни қисса ё як лаҳзаи он иброз мекунад, муайян мегардад.

«Қиссаи Одам (а) ва бастани қазо назари ӯро аз муроотӣ сареҳи наҳӣ ва тарки таъвил» [2, с.47], ки пас аз қиссаи «Ҳудҳуд ва Сулаймон (а) дар баёни он ки чун қазо ояд, чашмҳои равшан баста шавад» [2, с.46] дар дохили қиссаи «Шер ва нахчирон»[2, с. 38-51] меояд, ҳамин хусусиятро дорост. Ин қисса дар пояи байти зерин, ки аз забони Ҳудҳуд баён шудааст, тадоӣ гардидааст:

Чун қазо ояд, шавад дониш ба хоб,
Маҳ сияҳ гардад, бигирад офтоб [2, д.I,б.1241].

Қиссаи «Ҳудҳуд» чунин аст, ки рӯзе Сулаймон (а) саропарда мезанад, ҳамаи парандагон ба хидматаш ҳозир мешаванд ва ҳар як сифати ҳунари худ мекунанд. Вақте навбати ҳудҳуд мерасад, мегӯяд:

Гуфт: «Баргӯ, то кадом аст он ҳунар?»
Гуфт: «Ман он гаҳ ки бошам авҷ-бар,
Бингарам аз авҷ бо чашми яқин,
Ман бубинам об дар қаъри замин…» [2, д.I,б.1224-1225].

Вақте зоғ ин суханони ҳуд ҳудро мешунавад, баСулаймон мегӯяд:

Гар мар ӯро ин назар будӣ мудом,
Чун надидӣ зери муште хок дом [2, д.I,б.1232].

Пас Сулаймон дар тааҷҷуб мемонад:

Пас Сулаймон гуфт: «Эй ҳуд ҳуд, равост,
К-аз ту дар аввалқадаҳ ин дурд хост?»[2, д.I,б.1234]

Ҳудҳуд дар ҷавоб мегӯяд:

Гуфт: «Эй шаҳ, барманиуригадой
Қавли душман машнаваз баҳри Худой.
Гар ба бутлон аст даъво карданам,
Ман ниҳодам сар, бибур ин гарданам.
Зог, к-ӯ ҳукми қазоро мункир аст,
Гар ҳазорон ақл дорад кофир аст…
Ман бубинам домро андар ҳаво,
Гар напӯшад чашми ақламро қазо
Чун қазо ояд, шавад донишба хоб,
Маҳ сияҳ гардад, бигирад офтоб.
Аз қазо ин таъбия кай нодир аст?
Аз қазо дон, к-ӯ қазоро мункир аст[2, д.I,б.1236-1242].

Баъд аз ин суханони Ҳудҳуд қиссаи Одам (а) [байтҳои 1243-1271] бо байти зерин оғоз мешавад:

Булбашар, к-ӯ «Аллама-л-асмо баг» аст,
Сад ҳазорон илмаш андар ҳар раг аст.

Ва гуфта мешавад, ки бо вуҷуди он ки сирри номҳо барои Одам (а) рӯшан буд, вақте қазо омад, ба таъвил моил гашт ва меваи мамнуъро бихӯрд. Ҳангоме ки аз ҳайрат раст, дарёфт, ки гуноҳ кардааст.

Чунонки дида шуд, қиссаи мазкур метавонад ҳамчун далел ва исботи суханони ҳудҳуд аз забони худи ҳудҳуд нақл шавад ва Сулаймон дар мақоми мухотаб қарор гирад. Образи ровии сатҳи дувумро дар зеҳни хонанда махсусан интизории ҷавоби Сулаймон ба ҳудҳуд рӯшан мегардонад. Аммо байти 1271 наметавонад сухани ҳудҳуд бошад:

Ин сухан поён надорад, гашт дер,
Гӯш кун ту қиссаи харгӯшу шер [2, д.I,б.1271].

Пас, ба хулосае меоем, ки ровии қисса на ба сатҳи дувум, балки ба сатҳи якум нисбат дорад ва унвон нишонаи қатъи суханони қаҳрамони қиссаи қаблист.

Аммо наметавон унвонро дар тамоми маврид сарҳади нутқи қаҳрамону ровии сатҳи аввал донист ва дар такя ба ин ровии сӣ қиссаи мавриди назарро ба сатҳи аввал нисбат дод, зеро дар «Маснавӣ» қиссаҳои зиёде мавҷуданд, ки аз забони қаҳрамонон нақл шуда, дар матн аз дигар суханони қаҳрамон бо унвон ҷудо мегарданд.

Дар тамоми қиссаҳое, ки дар идомаи сухани қаҳрамон омада, бо унвон ҷудо карда мешаванд, хонанда ҳамеша ҷӯёи нишонаест, то ровиро ба ин ё он сатҳ нисбат диҳад, аммо дар 30 қиссае, ки мо ба як гурӯҳи алоҳида шомил донистаем, сатҳи ровӣ то ба охир номуайян боқӣ мемонад.

Дар ин 30 қисса агарчанд сатҳи ровӣ дақиқан муайян нест, аммо дар зеҳни хонанда образи ровии сатҳи аввал рӯшантар аст. Ин ҳолат дар қиссаҳои аз забони ровии сатҳи дувум нақлшаванда низ ба назар мерасад. Яъне агарчи ровии қисса ровии сатҳи дувум аст, дар зеҳни хонанда ба ровии сатҳи аввал бадал мешавад. Ин бадалшавиву тағйирпазирии сутуҳи ровӣ ба чанд омил вобастагӣ дорад.

Омили асосӣ набудани сарҳади мушаххас миёни сухани ровӣ ва сухани қаҳрамон мебошад.

Бояд қайд кунем, ки мувофиқи таснифоти ривоятшиносон ҳамчунин ровӣ ба маҳсус ва ғайримаҳсус ҷудо мешавад. Ровӣ ҳамон вақт маҳсус ҳисобида мешавад, ки андешаву ҳиссиёти худро нисбати ҳодисаву воқеоти нақлшаванда баён намояд. Ровии номаҳсус нисбати воқеоти нақлшаванда бетарафӣ нишон медиҳад ва ҳаллу фасл ва баҳогузории онро ба хонанда вомегузорад.

Ровӣ дар ҳамаи осори ҳакамии адабиёти классикии мо, аз ҷумла дар «Маснавӣ», маҳсус аст. Дар ривоятшиносии муосир ба номаҳсусии ровӣ бартарият дода мешавад. Аммо бартарияти «Маснавӣ» дар маҳсусияти фавқулодаи ровист. Дар осори таълимии дорои сохтори қисса дар қисса қиссаҳои илҳоқӣ барои расонидани як панд ё ҳикмат, ки дар поёни қисса ҳамчун натиҷаи он ифода меёбад, оварда мешаванд. Мавлавӣ барои натиҷа гирифтан ва ибрози андешаҳои худ поён ёфтани қиссаро интизор намешавад ва ҳар ҷо ки хост ё зарур донист, ҳатто дар чанд маврид аз ҳамон оғози қисса риштаи ривоятро гусаста, ба шарҳу тафсир ё таъвил мепардозад. Бартарияти «Маснавӣ» дар ҳамон натиҷаҳоест, ки Мавлоно аз қиссаву ҳикоёти он бармегирад; дар ҳамон натиҷаҳоест, ки хонанда наметавонад мустақилона ба онҳо даст ёбад.

Одатан, ин шарҳу тафсирҳо ғайриинтизор ва бидуни ҳеҷ муқаддимае баён мешаванд ва ҳеҷ хатту сарҳаде вуҷуд надорад, то онҳоро аз қиссаву аз суханони қаҳрамони қисса ҷудо кунад. Басомади ин гуна ҳолат чун дар «Маснавӣ» хеле зиёд аст, зеҳни хонанда ба ин сон ивазшавии мутакаллим одат кардааст ва дар мавридҳое, ки шарҳу таъвилҳо аз забони ровии сатҳи дувум нақл мешаванд, низ ба таври худкор образи Мавлоноро ҳамчун ровӣ қабул мекунад, то он лаҳзае, ки ба шахсияти мухотаб рӯшанӣ андохта шавад. Ба ин навъ бадалшавии ровӣ бисёрбуъдагии қиссаҳои «Маснавӣ» замина мешавад. Масалан, образи шоҳ дар қиссаи Султон Маҳмуд ва Аёз дар буъди аввал Султон Маҳмуди Ғазнавист. Дар буъди дувум намоди Худост ва мутаносибан Аёз дар буъди аввал бандаи хосси Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва дар буъди дувум намоди орифи комил аст. Аммо дар лаҳзаҳое ки Аёз Султонро ситоиш мекунад, «Маснавӣ» ба худ оҳанги муноҷот мегирад ва эҳсос мешавад, ки Мавлоно мустақиман бо Худо сухан мегӯяд. Дар ин маврид дар зеҳни хонанда образи Аёз ба образи Мавлоно бадал мешавад.

Ба ҷуз ин чанд омили дигар вуҷуд дорад, ки боиси бадалшавии сутуҳи ровӣ дар «Маснавӣ» мегардад.

Яке аз ин авомил ягонагии сабки баёни ривояти ровии сатҳи аввал бо ривояти ровии сатҳи дувум мебошад. Умуман, дар «Маснавӣ» 15 ровии сатҳи дуюм вуҷуд дорад. Сабаби ягонагии сабки ривояти тамоми қиссаҳои «Маснавӣ» дар он аст, ки ба истиснои як маврид, ҳамаи ровиёни сатҳи дувум дар мақоми ориф қарор доранд, ё худро ориф нишон медиҳанд. Дар «Маснавӣ» танҳояк қисса аз забони ровии сатҳи дувум, ки шахсияти манфист, нақл мегардад. Ин қиссаи «Харгӯшон ва Пил» [2, с.247] мебошад, ки аз забони аҳли Сабо баён мешавад. Дар ин қисса, чун оҳанги истеҳзо дорад, тағйирпазирии ровӣ сурат намегирад.

Омили дигар риоя нагардидани тартиби хронологӣ мебошад. Яъне, дар «Маснавӣ» гоҳо қаҳрамонҳо ҳодисаву воқеаеро нақл мекунанд, ки асрҳо баъд аз онҳо ба вуқӯъ омадааст. Масалан, дар дафтари чаҳорум Мӯсо барои Фиръавн ду қисса аз ҳаёти Муҳаммад (с) [2, с. 408] нақл мекунад. Аммо дар зеҳни хонанда барои тақвият бахшидани ҳақиқатмонандии қисса образи Мӯсо ба образи Мавлоно иваз мешавад.

Дар қиссаҳое, ки дар онҳо қаҳрамони тамсилӣ дар бораи шахсияти таърихӣ қисса нақл мекунад, низ образи Мавлоно нисбат ба образи ровии сатҳи дувум рӯшантар аст. Мисоли онро дар ҳикояти шайх Муҳаммад Сарразии Ғазнавӣ [2, с.514-518], ки дар миёни қиссаи «Хар ва Рӯбоҳ» [2, с. 506-521] омада, аз забони Рӯбоҳ нақл мешавад ва ҳикояти «Он зоҳид, ки таваккулро имтиҳон мекард» [2, с.507-508], ки аз забони Хар баён мегардад, метавон дарёфт.

Агар дар ин гуна ҳолатҳо бадалшавии сутуҳи ровӣ фақат дар зеҳни хонанда сурат гирад, дар ҳолатҳои дигар дар натиҷаи ба вуҷуд омадани Мавлоно ва тӯл кашидани шарҳу таъвилҳо аз ёди худи Мавлоно меравад, ки ибтидои сухан аз забони ровии сатҳи дувум буд ва худ мустақиман сухан мегӯяд. Дар ин мавридҳо дақиқан муайян кардани нуқтаи гузариши сухан аз забони қаҳрамон ба забони ровии сатҳи аввал номумкин аст, зеро гузариш тадриҷан сурат мегирад.

Аммо дар қиссаи «Гуфтани пайғамбар(с) ба гӯши рикобдори амирулмуъминин Алӣ, ки куштани Алӣ ба дасти ту хоҳад буд» [2, с.113-114] аз дафтари аввали «Маснавӣ» ивазшавии сутуҳи ровӣ хеле ногаҳонӣ ва ғайриинтизор сурат мегирад. Ин қисса дар дохили қиссаи «Худу андохтани хасм дар рӯйи амирулмӯъминин Алӣ ва андохтани амирулмуъминин Алӣ шамшер аз даст» [2, с.110-117] омада, дар он гуфтугӯи Алӣ бо чокараш пиромуни пешгӯии расул оиди он ки кушандаи Алӣ маҳз ҳамин чокар хоҳад буд, баён шудааст. Оғози ин гуфтугӯ аз забони қаҳрамони қисса-Алӣ, яъне ровии автодиегетикӣ нақл гардида, бо ибороти «ман ҳамегӯям», «ӯ ҳамегӯяд» идома меёбад.

Дар ин ҳол Алӣ дар мақоми гӯянда ва хасм дар мақоми шунаванда қарор мегиранд. Аммо дар байти 3869 гуфтугӯ ногаҳонӣ аз забони шахси сеюм баён мешавад ва Мавлоно дар мақоми гӯянда, Чалапӣ ва дар образи Чалапӣ хонандаи «Маснавӣ» дар мақоми шунаванда қарор мегиранд. Яъне, сухан аз забони ровии автодиегетикии сатҳи дувум ба ровии ғайридиегетикии сатҳи аввал мегузарад:

Ман ҳамегӯям: «Бирав, ҷаффа-л-қалам,
З-онқалам бас сарнагун гардад алам.
Ҳеҷ бугзе нест дар ҷонам зи ту,
З-он ки инро ман намедонам зи ту.
Олати Ҳаққӣ ту, фоил дасти Ҳақ,
Чун занам бар олати Ҳақ таъну дақ?»
Гуфт ӯ: «Пас, он қасос аз баҳри чист?»
Гуфт: «Ҳам аз Ҳаққу он сирри хафист…»[2, д.1, б. 3866-3869].

Чунин тарзи бадалшавии ровӣ дар адабиёт беназир буда, мисоли онро танҳо дар Қуръони карим метавон дарёфт. Бинобар ҳамин Пурномдориён шароити эҷоди асар, дар ҳолати вуҷуд нохудогоҳии шабеҳи ваҳйтаълиф шудани «Маснавӣ»-ро омили бадалшавии ғайримунтазири ровӣ медонад.

Хулоса, корбасти мақулаи ровӣ дар «Маснавӣ» дорои чунин вижагиҳост:

1. Ровии сатҳи аввал дар “Маснавӣ” худи Мавлоност.
2. Образи ровии сатҳи аввал, яъне Мавлоно дар «Маснавӣ» хеле рӯшан буда, дар партави он образи ровиёни сатҳи дуюм хира ба назар мерасанд.
3. Қиссаҳои дохилӣ аксар маврид аз забони ровии сатҳи дувум нақл мешаванд.
4. Дар “Маснавӣ” омезиш ва бадалшавии ғайримунтазир ва ногаҳонии ровӣ ба назар мерасад, ки ба омилҳои зерин вобастагӣ дорад: -дар ҳолати вуҷуд қарор доштани Мавлоно; -набудани сарҳади мушаххас миёни сухани қаҳрамон ва ровии сатҳи аввал; -ягонагии сабки баёни ровии сатҳи аввал ва ровиёни сатҳи дувум;

-риоя нагардидани тартиби хронологӣ; -аз забони қаҳрамони тамсилӣ нақл гардидани қиссаи шахсиятҳои таърихӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Герхардт М. Исскуство повествование (литературное исследование 1001 ночи) / М. Герхардт. -Москва: Наука, 1984. -456 с.
2. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. Маснавии Маънавӣ (бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила боб нусхаҳои дигар). -Теҳрон: Замон, 2001.-728 с.
3. Женнет Ж. Фигуры / Ж. Женнет. -М: Сабашныковы,1998. 2 том. -280 с.
4. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи “Маснавӣ”. -Теҳрон: Иттилоот, 1387. Ҷ.1. -1057 с.
5. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сирри най (Нақд ва шарҳи таҳлилию татбиқии «Маснавӣ»). -Теҳрон: Илмӣ 1386.-1154 с.
6. Избуллаева Г.В. Дидактические основы произведений великого мыслителя Джалаладдин Руми и их отражение в течение суфизма / Г.В. Избуллаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. -№3/2. -С.197-200.
7. Пурномдориён, Тақӣ. Дар сояи офтоб (шеъри форсӣ ва сохтшиканӣ дар шеъри Мавлавӣ). Сухан, 1380. -415с.
8. Салимов Ю. Ёдгори умр / Ю. Салимов. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. Ҷ. 1.-564 с.

9. Таваккулӣ, Ҳамидризо. Аз ишоратҳои дарё (Бутиқои ривоят дар «Маснавӣ»). -Теҳрон: Марворид, 1389.- 707 с.
10. Шмид В. Нарратология / В. Шмидт. -М.: Языки славянской культуры, 2003. -312 с.

БАДАЛШАВИИ СУТУҲИ РОВӢ ДАР «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

Дар мақола муаллиф дар асоси назариёти ривоятшиносони насли дувум чун Жерар Жаннет ва пайравони ӯ, ҳамчунин мунаққидону шореҳон ва такмилдиҳандагони назариёти ӯ вижагиҳои корбасти унсури ровиро ҳамчун муҳимтарин мақулаи ривоятшиносии муосир дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ба бадалшавии ғайримунтазиру ногаҳонии ровӣ ба унвони муҳимтарин вижагии корбурди ровӣ дар “Маснавӣ” диққати махсус дода шуда, омилҳои асосии чунин бадалшавии ровӣ дар «Маснавӣ» муайян гардидаанд. Ҳамчунин нақши муҳимми чунин бадалшавӣ дар арзишманд гардидани асар нишон дода шудааст. Дар мақола ягонагии муаллиф ва ровии сатҳи аввали “Маснавӣ”, ки бо назариёти ривоятшиносон татбиқшаванда нест ва духӯрагии образи ровӣ дар як қатор қиссаҳои “Маснавӣ” аз ҷумлаи мухтассоти корбасти ровӣ дар асар дониста шудаанд. Ба ҷуз таҳлили ривоятшиносона дар мақола равиши муқоисавӣ ба кор гирифта шуда, корбурди унсури ровӣ дар “Маснавӣ” бо корбурди унсури ровӣ дар дигар осори дорои сохтори қисса андар қисса, мисли “Ҳазору як шаб”, “Калила ва Димна”, “Синдбоднома” ва маснавиҳои Шайх Фаридуддини Аттор мавриди муқоиса қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: «Маснавӣ», бадалшавии сутуҳи ровӣ, ровии диегетикӣ, ровии ғайридиегетикӣ, ривоятшиносӣ, дараҷаи маҳсусияти ровӣ.

ЧЕРЕДОВАНИЕ СТЕПЕНИ НАРРАТОРА В «МАСНАВИИ МАЪНАВИ»

В статье автор на основе теории второго поколения нарратологов, таких как Жерар Жаннет и его сторонники, а также работ критиков и комментаторов теории, рассматривает характерные черты нарратора-важнейшую категорию нарратологии в «Маснавии маънави» Мавлоно Джалолиддин Мухаммада Балхи. В статье особенное значение придаётся неожиданному чередованию степени нарратора как значительной особенности применения инстанции нарратора в «Маснавии маанави» и определяются основные факторы формирования такого типа чередования степени нарратора. А также подчёркивается роль чередования степени нарратора и значимость произведения. В статье наряду с чередованием степени нарратора также определяется единство автора и нарратора первой степени, которое не соответствует теориям нарратологов, и колебающийся образ нарратора считается особенностью применения инстанции нарратора в «Маснави». Кроме нарративного дискурса в статье используется сопоставителный анализ и методы применения инстанции нарратора в «Маснави» сопоставляются методы использующиеся в «Тысяче и одной ночи», «Калиле и Димне», «Синдбодноме» и поэмах Шайха Фаридуддина Аттора.

Ключевые слова: «Маснави», трансформация нарратора, степени нарратора, диегетический нарратор, недиегетический нарратор, нарратология, степени выявленности нарратора.

INTERLIVING OF NARRATOR’S DEGREES IN “MATHNAVI-I MAANAVI”

In article the author on the basis of the theories of the second generation narratologists as Gerar Gannete and his supporters, critics and kommentatorsof its theories and those who have added its theories considers characteristic features of narrator-the major category narratology in «Masnavii maanavi» of Mavlono Jaloliddin Muhammad BalKhi. In article especial value is given unexpected degree alternation of narrator as considerable feature instance applications of narrator in «Masnavii маанави» and Are defined the basic faktorsof formation this kind alternations of narrator’s degrees. And alsounderlined a role of alternation of narrator’s degrees in the product’s importance. In article along with alternations of narrator’s degrees as unity of the author and narrator of the first degrees which does not correspond from the theory narratologists and a hesitating image of narrator are considered features application of instance ofnarrator in "Masnavi". Except of narrativ discourse in article is used the comparative analysis and methods applicationinstance of narrator in «Masnavi» are compared by methods applicationinstance of narrator in «Thousand and one night», «Kalila and Dimna», "Sindbodnoma" and поэми Shajha Fariduddina Attora.

Key words: «Mathnavi», transformation of narrator, narrator’s degrees, homodiegetic, heterodiegetic, narratology.

Сведения об авторе: ***Гулихандони Маликнеъмат*** - Таджикский государственный институт языков им. С. Улугзода, аспирант. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6 г.
E-mail: **malikfaridun@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-534-34-69**

Information about the author: ***Gulihandoni Maliknemath*** - Tajik State Institute of Languages. S. Ulugzoda, graduate student. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Mukhammadiyev 17/6. E-mail: **malikfaridun@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 93-534-34-69**

УДК: 811.411

ВАЗЪИ ЗАБОНУ АДАБИ АРАБӢ ТО ЗАМОНИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИН БАЛХИИ РУМӢ

Каримова Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз сарчашмаҳои таърихиву ҷуғрофии асрҳои миёна бармеояд, ки сарзамини Форс минтақаи беҳадду канори Эрони бостон буда, на танҳо бо табиати дилфиреб “ва ободиҳои

мутамайиз фарқ мекард, балки чун гаҳвораи илму адаб ва фарҳангу ҳунар, ки мардони боистеъдоду лаёқатмандеро ба воя расонидааст, шуҳрат дошт” [6, с.22].

Фарзандони неруманди ин сарзамин бо донишу ҳунари волои хеш номи Эронро дар арсаи олам машҳур гардонида, дар равнаку ривоҷ ва такмил додани илму адаби ҷаҳонӣ дар соҳаҳои мухталиф саҳми босазое мегузоштанд. Шуморидани номҳои ин бузургон ва қайди хидмати шоёну беназири ҳар яки онҳо дар таърих ва адаби Арабу Аҷам аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, мо бо ёдовар шудани номҳои чанде аз адибон, олимон ва шоирони Форс, ки осори илмию адабии худро ба забони арабӣ ва ё ба ҳарду забон: форсӣ ва арабӣ таълиф кардаанд, иктифо менамоем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки миёни ин донишмандон намояндагони илмҳои мухталиф ва ҳунарҳои гуногун буданд, аз ҷумла, шореҳон ва муфассирони Қуръони Карим ва муҳаддисон, олимон ва донандагони барҷастаи илмҳои сарфу наҳви забони арабӣ, фақеҳон ва орифони номдор, сиёсатмадорони донишманд, мутарҷимону мунаҷҷимон, хаттотон ва нависандагони варзида, ва адибону шоирони забардаст ва амсоли инҳо. Дар ҳамин замон дар сарзамини форснажодон ва дигар навоҳии атрофи он “раванди азхудкунии забони арабӣ, омӯзиш ва таҳлили қавоиди он, ошноӣ бо фарҳанг, хусусан шеъру адаби замони ҷоҳилият, ҳифзи Қуръон ва шарҳу тафсири он, ҷамъоварии аҳодиси набавӣ, рушду тарвиҷи фиқҳи исломӣ ва улуми дигар ҷараён дошт” [6, с.23] ва ин боис гардид, ки қариб ҳамаи донишмандони барҷаста аз нажоди ғайри араб, яъне аз форсизабонон ба майдони илму адаб биёянд, зеро онҳо аз оғози ташкили давлати Форс “тамаддуни росихе доштанд ва бар ин умур устувортару тавонотар буданд”[2, с.23].

Аз донишмандони барҷастаи эронинажод, метавон сараввал аз Абӯбишр Амр ибн Усмон ал-Форсӣ мулаққаб ба Сибавайҳро ном бурд, ки дар бунёди илми наҳви забони арабӣ асос гузоштааст ва бо асари комили худ “ал-Китоб” маъруф аст. Ӯ зодаи сарзамини Форс буда, дар Басра ба камол расидааст. Донишманди машҳури араб Абуусмон ал-Ҷоҳиз гуфтааст, ки “касе дар наҳв монанди “ал-Китоб” чизе нанавиштааст” [6, с.24].

Олими дигаре аз ин сарзамин, ки зиёда аз сад таълифот бо забони арабӣ дорад ва яке аз онҳо “Фазоил-ул-фурс” мебошад, Абӯубайда ибн ат-Таймӣ ал-Форсӣ ном дорад. Асари мазкури он ватанпарастӣ ва дӯстдории аҳли Форс ва форсинажодонро далолат мекунад. Дар радифи ин олимони машҳури ҷаҳон метавон чанд тани дигарро ном бурд, ки аз донандагони хуби забони арабӣ буданд. Аз ҷумла, Абӯмуҳаммад ибн Дурустуя ибн Марзбон ал-Форсӣ, Абӯалӣ ан-Наҳвӣ ал-Форсӣ, Абӯмуҳаммад Юсуф ибн ал-Ҳасан ас-Сайрофӣ, Абдуллоҳ ибн Аҳмад ал-Физорӣ, Қозӣ Абӯсаид ас-Сайрофӣ ва амсоли инҳо.

Ҳамчунин, аз фақеҳони маъруфи ин замон, ба монанди Абӯсаид Ҳасан ал-Истахрӣ, Аҳмад ибн Умар аш-Шерозӣ, Яъқуб ибн Суфён ал-Форсӣ, Вашима ибн ал-Фурот, Абӯлаббос ибн Аҳмад аш-Шерозӣ мебошанд. Дар хусуси Абӯлаббос ибн Аҳмад аш-Шерозӣ, ки “Бози ашҳаб” лақаб дошт, муаллифони асрҳои миёна “беш аз чаҳорсад асарро ба қалами ӯ нисбат додаанд ва таъкид намудаанд, ки ӯ “шеъри араб неку мегуфт” [6, с.25].

Аз шахсиятҳои маъруфи ин давра Ҳусейн ибн Мансури Ҳаллоҷ ба шумор меравад, ки ӯ низ аз форснажодони арабзабон аст. Таъсири эътиқодоти Мансури Ҳаллоҷ ва шиори “Ана-л-ҳақ”-и ӯ дар таърих ва адабиёти Арабу Аҷам то имрӯз эҳсос мешавад. Илова бар ин, ба қалами Ҳаллоҷ девони ашъори арабӣ ва 45 китобро мансуб донистаанд.

Донишмандони дигари ин замон Абулҳамид ал-Котиб, адиби номдор Ибн ал-Муқаффаъ, риёзидонон ва мунаҷҷимони барҷаста Абӯсаҳл Фазл ибн Навбахт, Абӯисҳоқ Иброҳими Физорӣ, Яҳё ибн Абӯмансури Форсӣ, пизишк ва ҷарроҳи машҳур Абулъалои Форсӣ ва устоди ӯ Абӯмоҳири Шерозӣ мебошанд, ки дар замони хеш маҳбубият ва маъруфияти хос доштанд. Масалан, дар бораи Абӯмоҳир гуфтаанд, ки ӯ натанҳо дар илми тиб ва олоти ҷарроҳӣ рисолаҳо навишт, балки осори тиббии юнониёнро ба забони арабӣ тарҷума кард ва соҳиби девони ашъори арабӣ низ буд.

Ибни Аҷими Форсӣ ва Аҳмад ибн Абулашъаси Форсиро низ аз зумраи табибон, мантиқдонон ва шоирони хуби замони худ меҳисобанд. Абулашъас илова бар илми тиб дар ҳикмат ва улуми исломӣ моҳир будааст ва бисёре аз китобҳои Ҷолинус ва Арастуро ба забони арабӣ тарҷума карда, шарҳи муфассал додааст.

Адиб ва мутафаккири шуҳратманди дигар, ки зодаи Шероз аст, Абуҳайён ат-Тавҳидӣ мебошад. Тазкиранависон мақоми ӯро дар адабиёти араб баробари ал-Ҷоҳиз ва ҳатто бартар аз ӯ мешуморанд. Ховаршиноси маъруфи аврупоӣ Адам Метс навиштааст, ки “ба таври куллӣ шояд Абӯҳайён бузургтарин насрнависи арабизабон бошад” [5, с.27]. Ғайр аз ин, шахсиятҳои бузурге мисли Абдуллоҳ ибн Хафифи Шерозӣ маъруф ба Шайхи Кабир, Абӯабдуллоҳ ибн Молики Арринҷонии Форсӣ, Абӯабдуллоҳ Бокуяи Шерозӣ машҳур ба Бобо Кӯҳӣ, адиб, шоир ва хаттоти забардаст Ибн Муқла, адиб ва шоири арабизабон Абӯбакри Шерозӣ мебошанд, ки дар ин давра зиндагӣ кардаанд.

Ҳамин тариқ, дар даврањои минбаъда низ олимону орифон ва адибону шоирон дар сарзамини Форс ва ҳам Мовароуннаҳру Хуросон осори худро бо забони арабӣ ва ҳам бо забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) менавиштанд.

Дигар аз олимону донишмандоне, ки баъдан ба майдони шеъру адаб қадам гузоштанд ва мумтозтарин орифони замони худ буданд, ба мисли Абулҳусайн Муҳаммад ибни Ҳусайн ал-Форсӣ ва Абӯисҳоқ Иброҳим ибн Шаҳриёри Козирунӣ мебошанд. Абӯисҳоқ Козирунӣ дар масоили мухталиф бо Абӯалӣ ибн Сино ва орифи машҳури Хуросон Абӯсаид Абулхайр мукотибаҳо доштааст. Аз ӯ ашъоре ба забони арабӣ ва форсӣ дар китоби “Фирдавс-ал-муршидия” боқӣ мондааст. Миёни ашъори форсии ӯ ғазале вуҷуд дорад, ки чун илҳом аз ғазали машҳури Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо матлаи: *“Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд, Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд”* баргирифта шудааст.

Ҳар бод, ки аз савби Яман сӯйи ман ояд,
Чун бӯйи Худо аз дами Вайси Қаран ояд.
Он бод муаттар кунад офоқи ҷаҳонро,
В-аз партави ин бӯй насими Яман ояд.
Ҳарчанд бикӯшам, ки ҳадиси ту нагӯям,
З-аввал суханам номи ту андар даҳан ояд [6, с.27].

Ба чеҳраҳои дигари номдори ин давра метавон Абӯисҳоқи Шерозӣ, Абулмуайяди Шерозӣ, Аҳмад ибни Заҳир машҳур бо Абӯалӣ ал-Форсӣ, Абӯбакр Аҳмад ибни Ҳусайн маъруф ба Қозии Арриҷониро илова намуд, ки ҳамагӣ таълифоти зиёде бо забонҳои форсӣ ва арабӣ доштанд. Масалан, Абӯисҳоқи Шерозӣ шоири нуктасанҷ буд ва аз худ девони ашъоре ба мерос гузоштааст. Абулмуайяди Шерозӣ аз лиҳози илму фазилат дар баёни афкор ва фасоҳату балоғат беназир буд ва дар адабиёти араб дар баҳсу мунозира ягонаи даврони худ маҳсуб меёфт. Ӯ тамоми осори таърихӣ ва фиқҳии худро ба забони арабӣ навиштааст, “ба ҷуз як китоб ба забони форсӣ бо номи “Бунёди таъвил”, ки гумон меравад он ҳам шояд тарҷумаи форсии китоби дигари арабии ӯ “Асос ат-таъвил” бошад” [6, с.29]. Азбаски ӯ дар эҷоди шеъри арабӣ устод буд, аз худ девони ашъоре низ боқӣ мондааст.

Донишманди дигар, ки зикри номашро дар боло кардем, Аҳмад ибни Заҳир ё Абӯалӣ ал-Форсӣ мебошад, ки дар илмҳои сарфу наҳв ва забони арабӣ, тафсиру ҳадис, тиббу фалсафа, нуҷум, риёзиёт, мусиқӣ, арӯзу қавофӣ ва шеъру адаби арабӣ беназир буд.

Абӯбакр Аҳмад ё ин ки Қозии Арриҷонӣ яке аз шоирони соҳибунвон ва тавонои арабзабони замони худ буд. Шеъри арабии ӯро ба ҳадде олӣ ва пурмуҳтаво маънидод кардаанд, ки “он барои истинод дар кутуби маонӣ ва баёни арабӣ ва форсӣ мавриди истифода қарор гирифтааст” [6, с.29]. Ягона асаре, ки аз ӯ боқӣ мондааст, девони ашъори ӯст, ки дар Бейрут ба табъ расидааст” [3].

Абӯмуҳаммад Рӯзбеҳон Фасоии Шерозӣ низ аз орифони машҳури Форс буд, ки ба қалами ӯ зиёда аз 40 асар ба забони арабӣ тааллуқ дошт. Ӯ рисолаҳои худро бо забони арабӣ, аммо ашъорашро бо забони форсӣ эҷод мекард. Баъдан Шарафуддин Умар ибн Закии Бушконӣ маъруф гардид, ки дар илмҳои ақлӣ ва нақлӣ моҳир буд ва китобҳои илмиро ба арабӣ ва шеърҳояшро ба ҳарду забон-форсӣ ва арабӣ менавишт.

Ҳамчунин, Шамсиддин Муҳаммад ибн Аҳмади Кишӣ бештари китобҳои худро ба забони арабӣ навиштааст, аммо ба ҳарду забон: форсӣ ва арабӣ аз ӯ ашъоре боқӣ мондааст. Вале “муосири онон Хоҷа Амидуддин Абӯнасри Абзарӣ, ки аз вазирони фозилу арҷманди Атобак Саъд ибн Зангӣ буд, баръакс асарҳои мансури худро ба форсӣ, вале қасидаҳои балиғе ба арабӣ меофарид” [6, с.30].

Ғайр аз онон, Абулмаолӣ Насруллоҳи Муншӣ яке аз мутарҷимони “Калила ва Димна” мебошад, ки забон ва адабиёти арабро ба хубӣ медонист. Донишманди дигар Аллома Қутбуддини Шерозӣ маҳсуб меёбад, ки таълифоти илмии худро ҳам ба арабӣ ва ҳам ба форсӣ эҷод мекард ва ашъори пурмуҳтавои фалсафӣ-ирфониро ба ҳарду забон ба қалам медод.

Олим, табиб ва фақеҳи машҳури сарзамини Форс Наҷмуддин Маҳмуд ибн Соинуддин Илёси Шерозӣ низ аз донандагони забардасти забон ва адабиёти араб буд, ки аз ӯ ашъоре ба забони арабӣ ва форсӣ ба мерос мондааст. Яке аз маъруфтарин муаррихони муътамад ва нависандагони лаёқатманд Вассофи Шерозӣ мебошад, ки асари машҳури таърихӣ ва адабӣ бо номи “Таърихи Вассоф” дорад, ки пур аз амсолу ашъор ва иқтибосоти арабӣ мебошад. Ӯ дар донистани забон ва адабиёти араб дониши мукаммале доштааст ва бархе аз асарҳои форсиро ба арабӣ тарҷума низ кардааст. Аз ҷумла, ашъори Саъдии Шерозиро ба арабӣ тарҷума намудааст.

Мулоҳизаҳо нишон медиҳанд, ки ҳунари тарҷума танҳо ба адибон ва шоирони дузабона ё худ зуллисонайн хос мебошад. Шоирони арабизабон ё дузабона “ба масобаи

миёнчии ду адабиёт – адабиёти Эрони бостон ва араб маҳсуб буданд, зеро онҳо агар аз ҷонибе фарҳангу адаби гузаштаи эрониро дар миёни аъроб тарғибу ташвиқ намоянд, аз ҷониби дигар, эрониёнро бо суннатҳову қавонини шеъри араб ва муҳтавои он шиносо мегардониданд ва ба ин васила саҳме дар рушду нумуи ҳар ду адабиёт ҳам доштаанд” [1, с.25-26].

Олимон ва адибони машҳуре, ки парвардаи сарзамини Форс буданд, аз орифони арабизабон ва ё зуллисонайн маҳсуб ёфта, осори илмиву адабӣ ва таърихии эшон дар таърихи илму фарҳанги форсу тоҷик нақши имконнопазир гузоштаанд ва осори арабии худро ба ганҷинаи бебаҳои тамаддуни форсу тоҷик ворид намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукури Абдусаттор. Фарҳанги арабӣ ва аҳди Ғазнавиён -Душанбе: Бухоро, 2015. -430 с.
2. Абдурраҳмон ибн Халдун.Муқаддима. [Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гунободӣ]. Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб.Ҷ.2. -Теҳрон, 1337. - с.23
3. Ал-Қозӣ Арриҷонӣ. Девон. -Бейрут: Матбаат ал-Ҷарида,1307.
4. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. Бо таҳия ва тавзеҳоти Саъдоншоҳ Имронов ва Бадриддин Мақсудов. - Душанбе: Ал-Ҳудо, 2003.-320 с.
5. Муродиён Худомурод. Маҷмӯаи мақолоти чаҳорумин кунгураи таҳқиқоти иронӣ. Муродиён Худомурод, Абуҳайёни Тавҳидӣ. - Шероз, 1354.
6. Тоҷиддин Мардонӣ. Саҳифаҳое аз равобити адабии Арабу Аҷам. (Гузашта ва имрӯз). - Душанбе: Ирфон, 2010. -236 с.
7. Таджиддин Мардони. Арабско-таджикские литературные связи. История и современность (Сборник статей). -Душанбе: Ирфон, 2006. -400 с.
8. Фрай Р. Наследие Ирана / Р.Фрай. -М.: Наука,1972. -468 с.
9. نصراللهپورجوادی. زبانحالدرعطاروموﻻوی./ جوادی پورنصرالله.- تهران، 1386. ص، 326- 328.
10. نفیسی سید. زندگینامهمولاناجلالالدینموﻻوی./ سیدنفیسی.- تهران، 1363. - 415 ص.

ВАЗЪИ ЗАБОНУ АДАБИ АРАБӢ ТО ЗАМОНИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИН БАЛХИИ РУМӢ

Адабиёти араб сар аз асри VI мелодӣ то асри IX марҳалаи тиллоии худро шоҳид шудааст ва санъатҳои бадеии назмиву насрии араб дар ин асрҳо ба авҷи худ расидааст. Вале бо интишори забони арабӣ дар Шарқу Ғарб, хусусан, дар сарзаминҳои форснишин адабиёти араб низ аз маҳдудаи Нимҷазираи араб берун шуда, ба дуртарин сарзаминҳои мусулмоннишин расид ва дар баробари адибони араб адибони арабнависи аҷамие ба майдон омаданд, ки бештар асолати форсии тоҷикӣ доштанд. Дар ин мақола маҳз сухан аз адибоне рафтааст, ки то асри XIII, ки замони зиндагонии Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ аст, умр ба сар бурдаанд ва таълифоти эшон бо ду забон: форсӣ ва арабӣ будааст. Баррасии мавзӯъ нишон медиҳад, ки ин адибону донишмандон дар баробари риштаи илмии худ боз донандаи хуби забони арабӣ будаанд ва бештари таълифоти хешро бо ин забон ба қалам додаанд, ки ҳанӯз дар адаби арабӣ ва адабиёти форсу тоҷик мавқеи густурда дошта, мавриди истифодаи аҳли илму адаб қарор доранд ва ниҳоят арзишманду беназиранд. Аз таҳлили мақола бармеояд, ки арабсароии Мавлоно Румӣ бо чунин зебоиву гӯшнавозӣ дар адабиёти форсу тоҷик нав набуда, то ӯ суханварони бузурги форсизабоне бо забони арабӣ асарҳои гаронарзиши худро тадвин намудаанд.

Калидвожаҳо: Ҷалолиддини Румӣ, адабиёти араб, форсии тоҷикӣ, асар, шеър, тарҷума, девон.

ПОЛОЖЕНИЕ АРАБСКОГО ЯЗЫКА И НАУКИ ДО ЭРЫ МАВЛЯНО ДЖАЛАЛАДДИНА БАЛХИ РУМИ

Арабская литература начиная с VI века до нашей эры до IX века нашей эры пережила свою золотою стадию, а художественное искусство арабской поэзии и прозы в эти века достигло своей вершины. Но с распространием арабского языка на Восток и Запад, особенно в страны персидскоязычного населения, арабская литература вышла из ограниченного арабского полуострова, и распространилась в далёкие мусулманские страны, помимо арабских писателей появились арабские писателей среди персидских учёных, которые во многом имели персидско - таджикское происхождение. В этой статье речь идёт именно о тех учёных, которые жили и писали на двух языках: персидском и арабском., т.е., до XIII века, времени жизни Мавляно Джалаладдина Балхи Руми. Рассмотрение темы показало, что эти учёные и мыслители, несмотря на свою научную направленность,также очень хорошо владели арабским языком и большое число своих произведений писали на арабском языке, который тогда в арабской поэзии и персидско - таджикской литературе был широко употребительным, до сих используется деятелями науки и литературы и по-прежнему считается очень ценным и популярным. Согласно проведенному анализу знание арабского языка Мавляно Руми красота и благозвучие его речи в персидско - таджикской литературе не являются чем-то новым, так как и до него были великие персидскоязычные мудрецы, которые сочиняли свою поэзию на арабском языке.

Ключевые слова: Джалаладдин Руми, арабская литература, персидско-таджикская литература, поэзия, стихи, перевод, диван.

THE STATUS OF ARABIC LANGUAGE AND SCIENCE TILL THE ERA OF MAVLAVI JALOLIDIN BALKHI RUMI

Arab literature beginning from the 6th century B.C. till the 9th century became witness of art’s gold stage and literary art of Arab poetry and prose in these centuries reached the top. But with spread of Arabic language on the East-West, especially in the countries of Persian-speaking people the Arab literature came out from the limitation of Arabic peninsula, it also reached in the far-away of muslin countries, besides Arabicwriters appeared Arabic writers among the Persian scientists who had Persian-Tajik origin. This article is devoted specially to those scientists who lived and wrote in two languages Persian and Arab., i.e., till the 13th century, times of Mevlyana Jalaladin Balkhi

Rumi'slife. Consideration of a subject showed that these scientists and thinkers without in spite of the scientific directions knew very well Arabic language and a set of their works wrote in Arabic language which then in Arabicpoetry and Persian-Tajik literature had expanded positions and still now they are used from scientists and literature and considered as very valuable and popular. From the analysis came out that knowing Arabic language Mavlavi Rumi with such beauty and the harmonious speech in Persian-Tajik literature is not new, before him there were great Persian- speaking wise-men wrote the their poetry in Arabic.

Key words: Jalolidin Rumi, Arabicliterature, Persian-Tajik, poetry, poetry, translation, divan.

Сведения об авторе: ***Каримова Дилором*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры арабской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17

Information about the author: ***Karimova Dilorom*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17

УДК: 891.550

ТАҲАВВУЛИ АДАБИЁТШИНОСӢ ВА УФУҚҲОИ НАВИ ТАҲҚИҚИ ОН

Раҳмонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таваҷҷуҳ ба масоили назарияи адабиёт аз мавқеи вижагиҳои методологии муосири маърифату шинохти он дар паҳнаи адабиётшиносии русӣ ва ғарбӣ ва имконоти татбиқи он коркардҳои назарӣ дар илми назарияи адабиёти миллӣ ва умуман адабиётшиносии тоҷик аҳамият ва арзиши баланд дорад.

Бояд гуфт, ки адабиётшиносӣ ҳамчун яке аз улуми бунёдии гуманитарӣ торафт дар таъсир ва равобити зичи ҳамдигарӣ бо илмҳои фалсафа ва эстетика, лингвистика, равоншиносӣ, этика ва мантиқ, бо истифода аз усулҳои илмию методии ҳатто улуми табиатшиносӣ ва дақиқ, чунонки таҳқиқотҳои бист соли ахир гувоҳӣ медиҳанд, хеле мураккаб шуда, барои маърифати он даҳҳо дастгоҳҳои нави равишшиносӣ рӯйи кор омадаанд.

Ин таҳавулот шаҳодати он аст, ки муҳаққиқон ба маърифату шинохти ҳар як асари бадеӣ, ки объекти асосии омӯзиши адабиётшиносист, ҳамчун ба падидаи тому яклухти фарҳангӣ муносибат карда, диди фалсафаи эстетикӣ, нигоҳи амиқ аз равзанаи дастовардҳои як силсила улуми гуманитарӣ ба осори бадеӣ ҳамчун навъи ҳунар афзалият пайдо кардааст. Таърихи адабиётшиносии садаи ахир гувоҳӣ медиҳад, ки баъди як навъе таназзул кардани фаҳму дарки марксистию сотсиалистии падидаву зуҳуроти адабӣ ҷойи онро даҳҳо равишҳои нави маърифати адабиёти бадеӣ ишғол кард. Ба эътибори як силсила таҳқиқотҳои солҳои ахир чунин нуқтаи назар мавқеъ пайдо кардааст, ки ба назарияи адабиёт ва таърихи адабиёт дар системаи улуми адабиётшиносӣ таҷдиди назар мебояд. Боистӣ, ки сохтор ва мундариҷаи ин илмҳо ба эътибори нуфуз пайдо кардани як идда равишҳо ва методҳои ҷадиди таҳқиқотӣ такмил дода шавад.

Вожаҳои калидӣ ё мақулаҳои асосӣ дар ин мухтасар метод ва методология (усул ва равишшиносӣ), рӯйкард ва ё бархӯрд ба маънои подходи русӣ аст, ки дар сурати рӯшан кардани онҳо манзараи баъдинаи гуфтор дақиқ хоҳад шуд. Метод ё усул ба маънии аслиаш – ҷараёни афкори таҳқиқӣ тавассути ин ё он мавод аст. Яъне маҷмӯи қоидаҳои муайян, воситаҳо ва меъёрҳои идрок ва амал, воситаи фаъолияти иҷтимоӣ дар шаклҳои гуногун мебошад. Методология ё равишшиносӣ бошад, назарияи метод ва таълимот дар бораи он аст. Ба таври хулоса, равишшиносӣ таълимот дар бораи сохтор, ҷанбаҳои мантиқӣ ва методу воситаҳои фаъолияти фикрист. Боз ҳам содатар гӯем, равишшиносӣ нуқтаи назар роҷеъ ба ташкили фаъолият аст. Ҳамин тавр, «равишшиносӣ сохтор ва рушди дониши илмӣ, воситаҳо ва методҳои таҳқиқоти илмӣ, роҳу усулҳои асосноккунии натоиҷи он ва механизму шаклҳои татбиқи донишро дар амалия ба таҳлил мегирад» [3, с. 168].

Дар муносибат ба адабиётшиносӣ бошад, методологияи он шохаи назариявии илмест, ки вазифаи он коркарди принсипҳои бунёди илм дар бораи адабиётшиносӣ ва фаслҳои мустақили он, омӯзиши роҳу усулҳои таҳқиқ аст. Дарк ва шарҳи падидаҳо, дарёфти сабабу омилҳои пайдоиш ва таъйини моҳият ва арзиши онҳо вазифаи асосии методологияи адабиётшиносист.

«Назди адабиётшиносӣ асосан ду масъала меистад, менависад олими маъруф Г.Н. Поспелов, - аввалан, чаро дар ҳар халқ дар марҳала дар радифи дигар анвои шуури ҷамъиятӣ инчунин каломи гуфтории бадеӣ (адабиёт) мавҷуд аст ва арзиши он барои

ин мардум ва кулли башар дар чист, чӣ моҳият, вижагӣ ва сабабу омилҳои пайдоиш дорад? Баъдан, чаро каломи бадеии ҳар мардум дар марҳала гуногну аст, ҳатто дар беруни марҳилаҳо ва барои чӣ адабиёт таърихан тағйир ва инкишоф меёбад, сабаби чунин тағйирёбӣ ва дигар навъи он дар чист?» [2, с. 15]. Аз ин пурсишҳо беихтиёр ба хулосае омадан мумкин аст, ки адабиётшиносӣ ба чунин равишҳо ё методологияе зарурат дорад, ки ба олимони соҳа дар фаҳму дарки қонунмандиҳои рушди таърихии адабиёти бадеии халқҳои гуногуни олам кумак расонида тавонад.

Ҳолиё ҳам дар мавзӯи усулҳои нави тадвини таърихи адабиёт ва ҳам адабиётшиносӣ ва назариёти адабӣ баҳсҳои ҷолибе миёни донишмандони ин улум ҷараён дорад, ки, мутаассифона, дар ҷомеаи илмии мо аҳён-аҳён аз онҳо ном бурда мешавад ва татбиқи амалии онҳо низ ангуштшумор аст. Сухан сари рӯйкардҳои гуногуни равишшиносӣ баҳри омӯзиш ва донистани фактҳои адабӣ меравад, ки дар суханшиносии русӣ ва ғарбӣ, аллакай, ин навъи пажӯҳишҳо аз тариқи равиши мифопоэтикӣ (осори гаронарзиши Е.М. Мелетинский ва В.Н. Топоров), ки тибқи он осори адабии бадеӣ аз нигоҳи ҳузури образу мотивҳо ва вазъиятҳои мифологию фолклорӣ омӯхта мешавад, аз тариқи равиши фарҳангшиносӣ ё културологӣ, ки тибқи он асари бадеӣ дар контексти мақулаҳои фарҳангу маданияти марҳилаи рушди он мавриди идрок қарор мегирад (С. Аверинтсев, Д.С. Лихачев), равиши интертекстуалӣ ё байниматният, ки мувофиқи дастури он муҳаққиқ ба алоқаҳо ва равобити ҳамдигарии матни аслӣ бо матнҳои дигар (Р.Д. Тименчик, Н.А. Фатеева ва диг.) таваҷҷуҳ мекунад, пайгирӣ мешавад. Илова ба инҳо, равишҳои шаклшиносӣ (структурализм), нарратологӣ (ривоятшиносӣ ва ё таҳкияшиносӣ), постструктуралистӣ, деструктивистӣ ва ғайраҳо кайҳост, ки дар амалияи таҳлилу баррасиҳои осори адабӣ таҷриба шудаанд.

Сухан роҷеъ ба муосиргардонии маърифат ва таҳқиқи адабиёти бадеӣ меравад, ба он далел, ки адабиёт ҳамчун ҳадафи маърифати илм роҷеъ ба эҷоди бадеӣ мавзӯъҳои зиёди таҳқиқ, аз қабили аломату нишонаҳои адабиёт ва осори адабӣ, таҳаввули таърихии адабиёт ва динамикаи он, равобити байниҳамдигарии адабиётҳои миллӣ ва истиқболи дуҷонибаи падидаҳои гуногуни адабӣ, сарнавишти таърихии асарҳои адабӣ ва таъсири онҳо ба фарҳангҳои ғайр, раванди эҷоди худи каломи бадеъро дорад. Дар ин заминаҳо илмҳои бунёдии адабиётшиносӣ – назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, адабиётшиносии қиёсию таърихӣ ва функсионалию таърихӣ, таърихи эҷоди асари бадеӣ ва ғайраҳо боястӣ бештар фаъол бошанд. Аз миёни улуми мазбур назария ва таърихи адабиёт ҷойгоҳи хосса доранд.

Аз сохторҳои мухталифи назарияи адабиёт – функсионалӣ, гносеологӣ, мантиқӣ мазмуну муҳтаво арзишмандтар аст, зеро маҳз аз ҳамин мавқеъ сохтусоз ва таҷзияи дохилии худи эҷоди бадеӣ матраҳ мешавад.

Мазмуну муҳтавои назарияи умумии адабиёт боиси тавлиди таълимоти зиёде оид ба ин ё он ҷанбаи адабиёт мегардад, масалан, аз фалсафаи адабиёт, ки мавзӯи баррасии он вижагиҳои умумии эҷоди адабӣ: функсия, табиат, мавод ва предмети эҷод аст, инчунин, аз худи назарияи асари бадеӣ, морфологияи адабиёт – гурӯҳҳои жанрӣ ва навъии осори адабӣ, аз назарияи дарки адабӣ – эстетикаи ретсептивӣ, назарияи амалкарди асарҳо ва назарияи рушди адабиёт бармеоянд. Дар навбати хеш, аз равияҳои номбурда назарияҳои комилан мустақил ба вуҷуд меоянд, чунончи, аз фалсафаи адабиёт назарияи раванди эҷодӣ, аз назарияи идрок – назарияи коммуникатсия ё иртиботи адабӣ, аз назарияи асари бадеӣ – нарратология ё ривоятшиносӣ (таҳкияшиносӣ) ҳосил мешаванд.

Чунин тақсимбандӣ ва шарҳи мухтасари илм ва назарияҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки адабиёти бадеӣ бо мурури замон хеле мушкилфаҳм ва гуногунҷанба гардида, дар олами ҳунар торафт мақоми баландтаре касб мекунад. Барои нақд ва назарияи адабии тоҷик равиши морфологии адабиёт ҳамчун таълимот дар бораи сохтмони дохилии олами ҳунар зарурат дорад, зеро ин таълимот миёни эстетика ва назарияи адабиёт иртиботи қавӣ ба вуҷуд оварда, сохтусози ботинии олами ҳунарро ҳамчун низоми гурӯҳҳо, навъҳо ва жанрҳо ошкор карда метавонад. Зимни ин равиши илмӣ мо дар ин маърӯза раванди тӯлонии дарки адабиёти бадеиро ҳамчун навъи вижаи ҳунар шурӯъ аз Юнони бостон (адабиёт ҳамчун дарки бадеии олам ва тафовути он аз шаклҳои дигари фаъолияти маърифатӣ), назариёти Афлотуну Арасту то ба асрҳои XVII-XVIII, қонунмандии таҷзияи осори бадеӣ ба навъу жанрҳо пайгирӣ намудем, ки ҳоло имкони муфассал баён кардани онҳо дар ин муддат нест.

Ба қавли О. Вайнштейн, ки дар мақолаи «Мухолифати назария ё этикаи мутолиа?» ироа шудааст, «ҳоло дар илм оид ба адабиёт на сохти умумии он, на анатомияи он, на равобити ҳамдигарӣ ва таносуби ҷузъҳои таркибӣ ва комплекси илмҳои он мафҳум нест. Он ба конгломерати илмҳое табдил шудааст, ки ҷудо намудани онҳо дар заминаи

принсипҳои ҷиддии илмӣ имкон надорад. Танҳо имконот ва тасаввуроти субъективии ин ё он муҳаққиқ мизони мустақим гардониданашон шудаасту бас» [1, с.88-92].

Аз ин хотир бархе донишмандон, масалан, В.В. Курилов бар ин андешаанд, ки силсилаи фанҳое зарурат доранд, ки ба таҳқиқи худи адабиётшиносӣ нигаронида шуда бошанд. Мавсуф ин сиклро фароадабиётшиносӣ (металитературоведение) номидааст, ки вазоифи он муайян намудани мақом, предмет, вижагиҳо, таъйинот, функсия, методҳо, таҳаввулот, забон, вазъи имрӯзу ояндаи худи адабиётшиносист. Ҷузъҳои таркибии ин силсила – назария, методология, таърих, терминология ва барномарезии адабиётшиносӣ буда метавонанд [4, с.14].

Ин илм аз сикли дигар фанҳое иборат аст, ки бевосита ба худи адабиётшиносӣ равона шудаанд. Мавзӯи омӯзиши он адабиётшиносӣ дар яклухтиву тамомият буда, вазифаҳояш – муқаррар намудани предмети он, баррасии ҷойгоҳи он – махсусият, асосҳо, функсияҳо, таъйинот, методҳо, таҳаввулот, забон, ҳоли имрӯзу ояндаи адабиётшиносист. Табиист, ки дар радаи аввали масъалаҳои баррасишаванда – назария, методология, таърих, истилоҳот ва барномасозии адабиётшиносӣ қарор мегиранд. Ба қавли аксар муҳаққиқон, назария предмет, сохтусоз ва вазоифи адабиётшиносиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аммо чун ба паҳнои адабиётшиносӣ назар афканем, ин масъалаҳо фаҳмиши маҳдуди соҳаҳои назарияи адабиётро дар бар мегиранд. Воқеан, назария боистӣ, ки табиати адабиётшиносӣ, хусусиятҳои дохилӣ, ҷойи онро дар миёни илмҳои дигар, робитаашро бо худи эҷодиёти адабию баделӣ ва масоили ба инҳо монандро фаро бигирад. Мавқеи асосиро дар назарияи адбиётшиносӣ систематикаи он ишғол мекунад. Муваккабӣ ва серпаҳлуии объекти мавриди дарку фаҳми адабиётшиносӣ, тафовути вазифаҳои дарки санъати сухан ва дигар авомил худ аз худ мавҷудияти соҳаҳои дигари омӯзишро тақозо мекунанд. Маҷмӯи онҳо ва муносиботи ҳамдигарии онҳо сохтор ё морфологияи адабиётшиносиро ташкил мекунанд, ки мавзӯи омӯзиши систематикаи он низ мебошад. Методҳо, принсипҳо ва меъёрҳои фаъолияти адабиётшиносӣ ба соҳаи методологияи он дохил мешаванд.

Масъалаҳои рушд ва таҳаввули адабиётшиносиро таърихи он меомӯзад. Таърихи адабиётшиносӣ мактабҳои гуногуни адабиётшиносӣ, таълифоти олимони алоҳида ва таърихи ташаккули ин ё он мафҳуми алоҳидаро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба қавли В.В. Курилов, он соҳаи фароадабиётшиносиро, ки ба таҳлили вазъи муосири адабиётшиносӣ машғул аст, номи аниқ ёфтан душвор аст, аммо ӯ истилоҳи «нақди адабиётшиносӣ»-ро пешниҳод кардааст. Баъдан, ба таркиби ин илм соҳаи махсусеро мавсуф ворид мекунад, ки он соҳа забони адабиётшиносиро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, яъне онро истилоҳотшиносии адабиёт ном бурдан ҷоиз аст. Ва ниҳоятан, ба фароадабиётшиносӣ таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва равияҳое дохил мешаванд, ки таҳқиқоти ояндаи соҳаи адабиётшиносиро дар бар мегиранд. Намунаи ин корҳо «Проблемаи матн дар лингвистика, филология ва дигар илмҳои гуманитарӣ», «Аз навиштаҷоти солҳои 1970-1971», «Ба методологияи илмҳои гуманитарӣ»-и М.М. Бахтин, мақолаи В.Е. Хализев «Роҷеъ ба перспективаи таҳияи поэтикаи таърихӣ», барномаҳои барои таҳқиқот таҳиякардаи Л.П. Егорова ба шумор мераванд.

Бояд зикр кард, ки дар масъалаи худи сохтори адабиётшиносӣ дар илми тоҷик асосан ду консепсияи маълуми адабиётшиносии русӣ то кунун нуфуз дорад. Тибқи консепсияи аввал, ки онро анъанавӣ гуфтан мумкин аст, ба адабиётшиносӣ – таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва нақди адабиро дохил мекунанд. Ин сохторро уламои маъруфи назарияпардози рус, аз қабили Г.Л. Абрамович, А.С. Бушмин, А.Н. Иезуитов, Б.С. Мейлах, А.С. Мясников, П.Н. Сакулин, А.Г. Цейтлин ҷонибдоранд.

Тибқи консепсияи дуюм, адабиётшиносӣ танҳо аз назария ва таърихи адабиёт иборат буда, нақди адабие, ки ба таҳқиқи объективии асарҳои адабӣ машғул нест, аз ин низом бароварда мешуд. Ин андешаро олимон В.Н. Перетс, Б.И. Ярхо ва Г.Н. Поспелов тарафдоранд. Аммо ин ду равия нуқтаи ҳамоҳангӣ доранд, яъне адабиётшиносӣ илм дар бораи адабиёт эътироф гардида, он ба фанҳои асосӣ ва ёвар (матншиносӣ, китобшиносӣ ва манбаъшиносӣ) ҷудо мешавад. Аммо баъзе муаллифон афкори дигаре пешниҳод карданд, чунончи, Ю.В. Манн фанҳои асосии адабиётшиносиро ба якумдараҷа (таърихи адабиёт, нақди адабӣ ва поэтика), ба гурӯҳи дуюм – назария ва таърихи адабиёт, таърихи поэтикаро мансуб донистааст [6, с.198].

А.В. Михайлов бошад, масъалаи марказии адабиётшиносиро поэтикаи таърихӣ номидааст, ки он кулли дигар соҳаҳоро дар худ синтез мекунад [7, с.18].

В.В. Прозоров мухолифи он аст, ки матншиносию китобшиносӣ ва манбаъшиносӣ ба гурӯҳи илмҳои ёвар дохил бошанд. Ба андешаи ин олим, чунин тақсимот нуфузи ин илмҳоро паст мекунад, зеро инҳо адабиётшиносиро бо далелҳо ва мавод таъмин мекунанд.

Ӯ пешниҳод кардааст, ки ин илмҳо (илмҳои ёвар) илмҳои такягоҳӣ ё ҳаёттаъминкунанда ва илмҳои асосӣ – болосохтӣ (надстройкавӣ) номида шаванд [9, с.28].

Бо вуҷуди ин, алҳол систематикаи муосири адабиётшиносӣ ба таҷрибаи ҷаҳонии адабиётшиносӣ чандон мувофиқ нест. Масалан, ба сохтори адабиётшиносӣ – адабшиносии қиёсӣ-таърихӣ ва функсионалию таърихӣ, ҳамчунин шарҳшиносӣ (герменевтика) дохил нашудаанд. То кунун масъалаи таносуби адабиётшиносӣ ҳамчун илм дар бораи адабиёт ва нақди адабӣ баҳснок боқӣ мемонад. Ақидаи аввал ин аст, ки модом нақди адабӣ адабиёти муосирро мавриди таҳлил қарор медиҳад, пас вай дар таркиби адабиётшиносӣ қарор дорад. Ва баъдан, нақде, ки ба пажӯҳиши илмии адабиёт машғул нест, набояд ба таркиби адабиётшиносӣ ворид шавад.

В.В. Курилов бар асоси ин гуногунрангии афкор навъҳои асосии таҷрибаи адабиётшиносиро, ки аз ҳам ҷиҳати масъалагузорӣ, мундариҷа ва натиҷаҳо тафовут доранд, дар панҷ қисм пешниҳод кардааст:

- фаъолияти илмию пажӯҳишӣ бар асоси омӯзиш ва дарки падидаҳои адабӣ ва дастрас намудани дониш аз он;
- фаъолияти фаҳмондадиҳию шарҳдиҳӣ, ки ба дарки моҳиятҳо ва маъниҳо нигаронида шудаанд;
- фаъолияти баҳодиҳӣ, ки ба мулоҳизот оид ба асарҳои адабӣ, оригиналӣ будани онҳо, аҳамияти иҷтимоию фарҳангии онҳо такя дорад;
- фаъолияти рефлексивию ташкилӣ, яъне фаҳму дарк, тасвия ва тасдиқи меъёрҳо, қонунмандиҳо ва принсипҳои адабиёти мавҷуда ва ё оянда аз ҷониби адибон, мунтақидон ва мутахассисони эстетика. Натиҷаи ин фаъолият поэтикаи меъёрӣ, барномаҳои эстетикӣ ва манифестҳо шуданаш мумкин аст;
- фаъолияти васеи матншиносӣ, ки ба он артибутика, санагузорӣ, нақди матн ва шарҳи он, омода кардани матн барои чоп ворид аст;
- фаъолияти таҳсилотӣ, ки ба омода кардани воситаҳои таълимӣ, хрестоматияҳо, барномаҳо ва дигар васоити донишомӯзӣ барои мутахассисони ояндаи соҳа алоқаманд аст [4, с.46].

Дар заминаи ин фаъолиятҳо соҳаҳои зерини адабиётшиносӣ ба вуҷуд меоянд:

- илм дар бораи адабиёт;
- герменевтикаи адабӣ;
- нақди адабӣ;
- адабиётшиносии рефлексивию ташкилӣ;
- адабиётшиносии таҳсилотӣ;
- матншиносӣ.

Вобаста ба функсияҳояшон онҳо соҳаҳои илмӣ, герменевтикӣ, нақдӣ, амалӣ ва техникии адабиётшиносиро ташкил медиҳанд. Ҳар яке аз ин соҳаҳо фанни худро хоҳанд дошт. Илм дар бораи адабиётро таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, поэтикаи таърихӣ, адабиётшиносии қиёсию таърихӣ ва функсионалию таърихӣ, таърихи эҷоди асари бадеӣ ташкил медиҳанд. Ба инҳо зерфанҳое насб мешаванд, ки дар маҳалли пайванди илм дар бораи адабиёт ва илмҳои ҳамсоя – ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, илм дар бораи забони адабиёти бадеӣ ва кишваршиносии адабӣ қарор доранд.

Дар заминаи ин мулоҳизот баррасии таносуби назария ва таърихи адабиёт хеле бамавқеъ менамояд. Назарияпардозони номии рус - Г.Л. Абрамович, Ю.Б. Борев, А.С. Бушмин ва чанде дигарон назарияи адабиётро ҳамчун илми мустақил, аммо Г.Н. Поспелов ва пайравони ӯ илми хидматгузор эътироф кардаанд. Тафовути назарияро аз таърихи адабиёт онҳо дар вазифаҳои маърифатии онҳо ба мушоҳида гирифтаанд. Вазифаи асосии таърихи адабиёт равшан намудани манзараи васеи рушди адабиёт дар ин ё он минтақа, кишвар ва ё ҷаҳон аст. Барои ин муҳаққиқон равиши таҳаввулоти адабиро дар кулл омӯхта, ба пуррагӣ ин таҳаввулотро аз рӯйи марҳалаҳо, равияҳо, ҷараёнҳо ва жанру сабкҳо фаро мегиранд. Марҳилаҳои таърихии ин ё он адабиёти миллӣ, алоқаи байниҳамдигарии онҳо, сабабу омилҳои бавуҷудоии онҳо фаро гирифта мешаванд, яъне таърихи адабиёт шакли табиии ҳаёти эҷоди адабиро инъикос мекунад.

Ҳадафи аслии назарияи адабиёт бошад, ошкор намудани моҳияти эҷоди адабӣ ва дар ягонагӣ баррасӣ кардани ҷузъҳои таркибии он аст. Назария бо кумаки низоми мафҳумҳо роҷеъ ба эҷодиёти адабӣ тасаввуроти умумии равобити воқеии аломату нишонаҳои онро пешниҳод мекунад. Вай ба суолҳое, аз қабили адабиёт чист, нақши он дар чӣ зоҳир мешавад, муносибаташ бо воқеият чӣ гуна аст, сохтмони дохилиаш чӣ навъ аст, посух мегӯяд, яъне назария ба аломату нишонаҳои умумӣ ва такроршавандаи падидаҳои адабӣ таваҷҷуҳ намуда, онҳоро ба мафҳумҳои образи бадеӣ, тахайюл, лирика, роман ва ғайраҳо ифода мекунад. Дар маҷмӯъ, назария аз таърихи адабиёт хосиятҳои асосии падидаҳои

адабӣ, қонунмандиҳои онҳоро пазируфта, воқеияти идеалӣ – низоми мафҳумҳо ва муқаррароту тасаввурҳоро ба вуҷуд меорад.

Аз ҷиҳати методологӣ назария ва таърихи адабиёт як объект – эҷоди адабиро баррасӣ мекунанд, аммо ҳар яке аз онҳо предмети маърифати хешро доранд. Предмети таърихи адабиёт – ҷараёни таърихию адабӣ бо ҳама мушаххасоташ буда, предмети назария – вижагиҳои умумӣ ва аҳамиятдори падидаҳои ҳунарист. Қаробати ин ду илми мустақил дар зимни омӯзиши эҷоди адабӣ ҳангоми пажӯҳишҳои омехта беҳтар ба назар мерасад. Масалан, ҳангоми таҳқиқоте, ки ба поэтикаи таърихӣ мансубият доранд, дар ин навъи баррасиҳо назария ва таърихи адабиёт ҳамчун мавод яксон мавриди истифода қарор мегиранд. Ё навъи дигар – омӯзиши типологии падидаҳои адабӣ буда метавонад. Якҷо намудани баррасиҳои назариявию таърихӣ ба аксар таҳқиқот роҷеъ ба системаҳои бадеӣ, назарияи сабкҳои адабӣ ва назарияи жанрҳои алоҳида хос мебошад.

Дар ҳамин мавқеъ бояд зикр кард, ки илми адабиётшиносии тоҷик ба назариёти нав ва илми наве оид ба адабиёт эҳтиёҷ дорад. Аз таълифи охирин ва комилтарин китоб оид ба назария – «Назарияи адабиёт» 28 сол сипарӣ мешавад [8]. Дар ин муддати тӯлонӣ назария ва амалияи адабиётшиносӣ бо назардошти таҷрибаи илмии адабиётшиносии ҷаҳонӣ хеле таҳаввул намуда, даҳҳо равияҳо ва ҷараёнҳои нав зуҳур намудаанд. Худи назар ва муносибат ба адабиёти бадеӣ ба куллӣ тағйир ёфтааст. Мо ҳаргиз иддао надорем, ки асари дар боло номбаршуда батамом куҳнагӣ пайдо кардааст, албатта, ин тавр нест. Ва умуман омӯзиши назарияи адабиёти даврони шӯравӣ, новобаста ба фишори мафкуравии ниҳоят пурзӯр бисёр ҷиҳатҳои мусбат дорад. Меросбарии идеяҳо ва принсипҳои адабиётшиносии пешин ва таҷрибаи тафаккури назарӣ, баррасии адабиёт ҳамчун падидаи фарҳанги маънавӣ, ки ба идеалҳои олӣ ва барои хонанда муносиб, таҷрибаи омӯзиши яклухти матни адабӣ-бадеӣ, кӯшиши сохтани назария дар асоси фалсафа, эътирофи алоқаҳои санъат бо контексти васеи иҷтимоию таърихӣ ва фарҳангӣ, муносибат ба адабиёт ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ, ниҳоят виҷдони поки адабиётшиносон ва садоқат ба объекти омӯзиш – ин ҳама аз накуиҳо ва беҳтарин фазилатҳои он адабиётшиносиест, ки даврони шӯравӣ ҳукми амал дошт.

Ба ҷиҳатҳои манфии ин даврон – сиёсатзадагии шадид, аксаран на аз табиати худи осори санъат, балки аз мавқеи материализми диалектикӣ ва таърихӣ баровардани хулосаҳо, меъёрият, догматизм, баста будани дари назарияи адабӣ ва ҷудо будани он аз афкори адабиётшиносии ҷаҳонӣ, устуракунонии муқаррароти пешбари эстетикаи марксистӣ ва ғайра, бешубҳа, монеаи рушди назариёти адабии пешқадам ва замонӣ будаанд. Метавон аз дастовардҳо ва ҷиҳатҳои манфии номбаршуда як идда усулу принсипҳое ба кор оварда, ки ба рушди илм дар бораи адабиёт дар марҳилаи кунунӣ ва баъд мусоидат хоҳанд кард, аз қабили объективият, мувофиқат кардан ба таҷрибаи адабии муосир, такя кардан ба эстетикаи фалсафӣ ва баррасии адабиёт дар контексти ҳастии башарӣ ва робитаи он бо таърихи фарҳанг, таърихият, гуногунрангии методологӣ, робита бо илмҳои дигари омехта ва ғайра.

Бояд дар ин замина зикр кард, ки дар соҳаи таълифи кутуби таърихи адабиёт солҳост, ки номутаносибиҳо идома меёбанд. Истифодаи усулҳои маъмули типологӣ, қиёсию таърихӣ ва таърихию назарӣ, сарфи назар шудани дигар методҳои таҳқиқи илмӣ – системавию сохторӣ, мифологӣ, равонковӣ, таърихию функционалӣ, таърихию назариявӣ ва ғайра, камэътиборӣ ба мақулаҳои калидии таҳлили ҷараёни адабӣ – равияҳо, ҷараёнҳо, методҳои бадеӣ, системаи жанрҳо ва сабкиёт дар таълифи кутуби таърихи адабиёт онҳоро камранг ва ба ҳам шабеҳ намудааст.

Ҳанӯз дар замонаш Д.С. Лихачев дар асари бунёдиаш «Рушди адабиёти рус дар асрҳои X-XVII: марҳилаҳо ва сабкҳо» аз зарурати консепсияи нави таърихи адабиёт – таърихи назариявии адабиёт дарак дода, ин навъи таҳқиқро ба навъи суннатӣ ё тасвирию эмпирикии таърихи адабиёт муқобил гузошта буд.

Чунин мулоҳизоти ин донишманди борикназар хеле ҷолиб аст: «Афкори муаллифон роҷеъ ба раванди инкишоф ва ё худи ҷараёни адабиёт дар кутуби таърихи адабиёт бо нақли мухтасари маводи маълум ва иттилооти сода марбут ба адибон ва осори онон омехта мегардад. Чунин иттилоот, албатта, бо мақсади таълим ва оммавӣ гардонидани адабиёт ва адабиётшиносӣ барои онҳое зарур аст, ки дониши худро дар бораи адибон ва осорашон дар перспективаи таърихӣ такмил кардан мехоҳанд. Аммо ҳадафи таърихи назариявӣ дигар аст. Дар хонанда як миқдор дониши зарурӣ, мутолиаи адабиёт дар назар дошта мешавад. Танҳо вижагиҳои раванди адабиёт, неруҳои ҳаракатдиҳандаи он, сабабу омилҳои пайдоиши ин ё он падидаву зуҳуроти адабӣ, махсусиятҳои ҷунбиши адабӣ – таърихии кишвар қиёсан бо рушди адабиётҳои дигар мамолик ба тадқиқ гирифта мешаванд» [5, с.24-25].

Ба ҳамин монанд намояндагони равиши системавию сохторӣ ё ба шеваи дигар, структурализм, олимони амрикоӣ Р. Уэллек ва О. Уоррен дар тадқиқоти фундаменталиашон «Назарияи адабиёт» низ изҳори назар кардаанд: «Назди таърихи адабӣ проблемаи зерин меистад: тибқи имкон аз тавзеҳи марҳилаҳои таърих, аз шарҳи ҳоли адибон ва ташхиси осори ҷудогонаи онҳо сарфи назар карда, таърихи адабиётро ҳамчун навъи санъат (ҳунар) таълиф кардан мебояд» [10, с.272].

Кӯтоҳи сухан, назару афкори бисёре аз муҳаққиқони назариёти адабӣ, аз қабили Д.С. Лихачев, И.Н. Неупокоева, Ж. Старобинский, Б.И. Пуришев, Вл. А. Луков, С.Н. Есин, А.Н. Иезуитовро метавон ба ин нукта хулоса кард, ки се таърихи адабиёт – таърихи раванди адабӣ, таърихи ашколи бадеӣ ва таърихи тимсолҳо ё моделҳои шахсиятӣ якҷо метавонанд тасаввуроти комилеро аз адабиёт ҳамчун падидаи томи фарҳангӣ ба вуҷуд биёранд.

Дар ин замина таърихи адабиёт дар шакли тимсолҳои шахсиятӣ хеле мароқовар аст, зеро барои дар ин сатҳ эътироф шудани ин ё он адиб эҷодиёти ӯ бояд барои фарҳанги муосир хеле пураҳамият бошад, баъдан, адиб боистӣ дар таносуб бо тимсолҳои шахсиятии пешин ва моделҳои умумии адабиёт қарор дошта, таъсир ва тақлиди моделҳои пешин мушаххас карда шаванд, ҳаёту осори нависанда дар таносуби дохилӣ ба эътибор гирифта шавад.

Гурӯҳе аз донишмандони Донишгоҳи давлатии гуманитарии Маскав бо сарварии проф. Вл. А. Луков назарияи моделҳои шахсии нависандагон ё тимсолҳои шахсиятиро ҳамчун унсури асосии таърихи адабиёт, яъне муаррифии таърихи адабиётро тавассути тимсолҳои аҳли эҷод, масалан, тимсолҳои Ҳомер, Анакреонт, Данте, Петрарка, Шекспир, Расин, Диккенс, Пруст, Камю, Ҳемингуэй, Брехт, Гарсиа Маркес, аз муаллифони рус - тимсолҳои Пушкин, Лермонтов, Гогол, Некрасов, Островский, Чернишевский, Тургенев, Лев Толстой, Достоевский, Чехов, Горкий, Есенин, Маяковский, Шолохов, Булгаков, Ахматова, Светаева, Твардовский, Солженитсин, Бродский, Набоков хеле қобили истифода дар таълифи кутуби таърихи адабиёт меҳисобанд. Аз адибони пешин ва садаи ХХ-и форсу тоҷик тимсолҳои Рӯдакӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, устодон Айниву Лоҳутӣ, С. Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев ва дигарон ба муқаррароти назариву амалии ин консепсия бояд мувофиқ бошанд.

Чунин назарияи аз ҳар ҷиҳат мароқангез барои таърихи нақди адабии тоҷик низ қобили истифода менамояд. Ба гурӯҳи мунаққидону суханшиносоне, ки ба ин гурӯҳ дохил мегарданд, шахсият ва осори А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Х. Шарифзода, А. Сатторзода мувофиқат хоҳанд кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Вайнштейн, О. Сопротивление теории или этика чтения? / О. Вайнштейн // Вопросы литературы. – 1990. - № 5.
2. Введение в литературоведение: Учебное пособие для филол. спец. ун-тов / Г.Н. Поспелов, П.А. Николаев, И.Ф. Волков ва диг. – М.: Высшая школа, 1988. – 528 с.
3. Кохановский, В.П. Философия и методология науки / В.П. Кохановский. – Ростов на Дону: Феникс, 1999. – 576 с.
4. Курилов, В.В. Теория литературы в системе литературоведческого знания: автореферат дисс. … докт. фил. наук: 10.01.08 / В.В. Курилов. Теория литературы. Текстология. -М., 2005. - 59 с.
5. Лихачев, Д.С. Развитие русской литературы X-XVII веков: Эпохи и стили / Д.С. Лихачев. Избранные работы. Дар 3 ҷ. - Ҷ. 1. – М.: Современник, 1987. – 333 с.
6. Манн, Ю.В. Литературоведение / Ю.В.Манн, Т.В. Петров // Литературный энциклопедический словарь / Под общ. ред. В.М. Кожевникова, П.А. Николаева. – М.: Советская энциклопедия, 1987. – 752 с.
7. Михайлов, А.В. Проблемы исторической поэтики в истории немецкой культуры // Очерки из истории филологической науки. – М.: Наука, 1989.
8. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.
9. Прозоров, В.В. О составляющих современного литературоведения / В.В. Прозоров // Филология. - Вып. 1. - Саратов, 1996.
10. Уэллек, Р. Теория литературы. Аз англисӣ тарҷ. А. Зверев, В. Харитонов, И. Ильин / Р. Уэллек, О. Уоррен. - М.: Прогресс, 1978. – 328 с.

ТАҲАВВУЛИ АДАБИЁТШИНОСӢ ВА УФУҚҲОИ НАВИ ТАҲҚИҚИ ОН

Адабиёт ҳамчун ҳадафи маърифати илм роҷеъ ба эҷоди бадеӣ мавзӯъҳои зиёди таҳқиқ, аз қабили аломату нишонаҳои адабиёт ва осори адабӣ, таҳаввули таърихии адабиёт ва динамикаи он, равобити байниҳамдигарии адабиётҳои миллӣ ва истиқболи дуҷонибаи падидаҳои гуногуни адабӣ, сарнавишти таърихии асарҳои адабӣ ва таъсири онҳо ба фарҳангҳои ғайр, раванди эҷоди худи каломи бадеъро дорад. Дар ин заминаҳо илмҳои бунёдии адабиётшиносӣ – назарияи адабиёт, таърихи адабиёт, адабиётшиносии қиёсӣ – таърихӣ ва функсионалию таърихӣ, таърихи эҷоди асари бадеӣ ва ғайраҳо амал мекунанд. Аз миёни улуми мазбур назария ва таърихи адабиёт ҷойгоҳи хосса доранд. Аз сохторҳои мухталифи назарияи адабиёт – функсионалӣ, гносеологӣ, мантиқӣ мазмуну муҳтаво арзишмандтар аст, зеро маҳз аз ҳамин мавқеъ сохтусоз ва таҷзияи дохилии худи эҷоди бадеӣ матраҳ мешавад. Муаллиф бо истинод ба таълимоти

профессор Вл.А. Луков, назарияи моделҳои шахсии нависандагонро ҳамчун унсури асосии таърихи адабиёт, яъне муаррифии таърихи адабиётро тавассути моделҳои аҳли эҷод (масалан, моделҳои Ҳомер, Анакреонт, Данте, Петрарка, Шекспир, Расин, Диккенс, Пруст, Камю, Ҳемингуэй, Брехт, Гарсиа Маркес, аз муаллифони рус - моделҳои Пушкин, Лермонтов, Гогол, Некрасов, Островский, Чернишевский, Тургенев, Лев Толстой, Достоевский, Чехов, Горкий, Есенин, Маяковский, Шолохов, Булгаков, Ахматова, Светаева, Твардовский, Солженитсин, Бродский, Набоков, аз адибони форсу тоҷик – моделҳои Рӯдакӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, устодон Айнӣ, Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев ва даҳҳо дигарон) хеле арзишманд ва қобили истифода дар таълифи кутуби таърихи адабиёт меҳисобад. Инчунин, дар мақола зарурати коркарди низоми категорияҳое зикр мешаванд, ки боиси бунёди низоми мустақил – назарияи таърихи адабиёт ва ҳамчунин ташаккули таърихнигории таърихи адабиёт ҳамчун шохаи махсуси илм дар бораи адабиёт мегарданд.

Калидвожаҳо: эстетика, назарияи адабиёт, жанр, навъи адабӣ, модели шахсӣ, иртиботи адабӣ, дарки бадеӣ, асари бадеӣ, раванди эҷодӣ.

ЭВОЛЮЦИЯ ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЯ И НОВЫЕ ГОРИЗОНТЫ ЕГО ИССЛЕДОВАНИЯ

Анализ теории литературы как научной дисциплины, ее задач, содержания, критериев выделения в самостоятельную область науки о художественной словесности, принципов ее построения - решающее условие дальнейшего развития теоретического литературоведения. В статье автор вкратце рассматривает соотношение теории и истории литературы как ведущих дисциплин. Теория обладает двойным статусом. С одной стороны - это особая форма знаний, соотносящаяся с гипотезой, а с другой - научная дисциплина, противостоящая истории. В методологическом плане теория и история литературы, осваивая один объект - литературное творчество, изучают его различные аспекты, то есть каждая имеет свой предмет познания. Предмет истории литературы - историко-литературный процесс во всей его конкретности и полноте, предмет теории - общие, существенные особенности поэтических явлений. Общеизвестно, что в литературе как объекте познания науки о литературном творчестве выделяются несколько предметов исследования. Это - существенные признаки литературы и художественных произведений, историческое движение литературы и ее динамика, взаимоотношение национальных литератур и различных явлений, историческая жизнь произведений и их функционирование в своей и инонациональных культурах, процесс создания самих словесных творений. В статье подвергаются анализу некоторые способы построения истории литературы и методологические походы к ней. Автором уделено особое внимание предложенной профессором Вл.А. Луковым теории персональной модели писателя как элемента истории литературы, т.е. представление истории литературы через понятие персональных моделей. Также в статье подвергается анализу мысль о необходимости разработки системы категорий, образующих самостоятельную систему - теорию истории литературы, а также формирование историографии истории литературы как особой области науки о литературе.

Ключевые слова: эстетика, теория литературы, жанр, литературные роды, персональные модели, литературные связи, художественное восприятие, художественное произведение, художественный процесс.

EVOLUTION OF LITERARY CRITICISM AND NEW HORIZONS OF ITS RESEARCH

Analysis of the theory of literature as a scientific discipline, its tasks, content, criteria for singling out the science of artistic literature and the principles of its construction into an independent field is a decisive condition for the further development of theoretical literary criticism. In the article the author briefly examines the relationship between theory and the history of literature as the leading disciplines. The theory has a dual status. On the one hand, this is a special form of knowledge that relates to the hypothesis, and on the other hand, a scientific discipline that opposes history. In theory, the theory and history of literature, mastering one object - literary creativity, study its various aspects, that is, each has its own object of knowledge. The subject of the history of literature is the historical and literary process in all its concreteness and completeness, the subject of the theory are the general, essential features of poetic phenomena. Well-known that in the literature as object of knowledge of a science about literary creativity some objects of research are allocated. These are essential signs of the literature and works of art, historical movement of the literature and its dynamics, mutual relation of national literatures and the various phenomena, historical life of products and their functioning in the cultures of foreign people, process of creation of the most verbal creations. In article in details is exposed to the analysis some ways of construction of history of literature and methodological campaigns to it. By the author it is given particular attention, offered by Professor Vl. A.Lukovym, theories of personal model of the writer as element of history of literature, i.e. representation of history of literature through concept of personal models. Also in article the thought on necessity of working out system of the categories forming independent system - the theory of history of literature, and also formation of a historiography of history of literature as to special area of a science about the literature is exposed to the analysis.

Key words: aesthetics, the literature theory, a genre, literary childbirth, personal models, literary communications, art perception, a work of art, art process.

Сведения об авторе: ***Рахмонов Х.А.*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-90-04-29**

Information about the author: ***Rahmonov Kh.A.*** - Tajik National University, the senior lecturer of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **hafizrahmon@mail.ru.** Tel.: **(+992) 900-90-04-29**

УДК: 891.550-1

МУЛОҲИЗАҲОИ А. ЛОҲУТӢ ОИД БА МАҲОРАТИ АДАБИИ С. АЙНӢ

Наимова Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар афкори адабию эстетикии А. Лоҳутӣ мулоҳизаҳои ӯ оид ба осори устод Айнӣ мавқеи умда дорад. Бори аввал андешаҳои А. Лоҳутӣ оид ба шахсият, фазилат ва фаъолияти адабӣ - эҷодии Айнӣ дар мулоқоти ин ду адиби забардаст, ки моҳи августи соли 1925 дар Самарқанд ба вуқӯъ пайваста буд, сурат гирифтааст.

Суханварони олимақоми адабӣ пас аз ин мулоқот бо якдигар ба мукотибот оғоз намуданд. Номаҳое, ки устод Лоҳутӣ ба устод Айнӣ навиштааст, то ҳол дар маҷмӯа пурра дастрас нашудаанд ва барои ҳамин як фикри қатъӣ гуфтан ҳам душвор, вале дар мактубҳое, ки бори охир соли 2003 нашри дуюми номаҳои устод Лоҳутӣ, он чи ки чоп шудааст, якчанд мавод доир ба ин масъала дида мешавад ва инчунин дар соли 2004 бо мураттибии академик Х. Отахонова мактубҳои ҷавобии А. Лоҳутӣ ба С. Айнӣ низ дарҷ гардидаанд, аз ҷумлаи инҳо мебошанд. «Аз номаҳо доир ба шахсияти нависанда, хислатҳои инсонии ӯ, таърихи эҷоди ин ё он асар, коргоҳи эҷодии адиб ва ҳодисаҳои дигар феълан маълумоте ба даст меояд, ки аз ягон асари бадеӣ, аз ягон мақолаи илмӣ дарёфтан мумкин намешавад, - навиштааст академик Х. Отахонова» [6, с. 3]. Мактубҳои ҷавобии А. Лоҳутиро доир ба маҳорати адабии устод Айнӣ мо ин ҷо бо тартиби (хронологӣ) таҳлил хоҳем кард, ки аз соли 1927 шурӯъ мешаванд. Дар ин мактубҳо А. Лоҳутӣ ҳам ба қалами устод Айнӣ, ҳам ба повестҳо, ба романҳову равиши кор ва ҳам ба фаъолияти илмии ӯ баҳо медиҳад. Лекин аввалин андеша ва нуқтаи назаре, ки А. Лоҳутӣ дар бораи устод Айнӣ ва маҳорати адабии ӯ изҳори ақида мекунад, сарсухани дар муқаддимаи «Намунаи адабиёти тоҷик» бо унвони «Садриддини Айнӣ» навиштаи ӯ мебошад.

А. Лоҳутӣ дар ҳамон ҳангом, ки устод Айнӣ саргарми тозанавис намудани «Намунаи адабиёти тоҷик» буд, меҳмони ӯ мешавад ва баъд аз омӯзиш ва баррасӣ намудани ин асар А. Лоҳутӣ муҳим ва зарур будани ин китобро ба хубӣ дарк мекунад ва барои ҳарчи зудтар нашр шудани он саъй ва ҷаҳди худро дареғ намедорад. А. Лоҳутӣ моҳи майи соли 1926 зери сарлавҳаи «Садриддини Айнӣ» ба ин асар сарсухани пурмуҳтавое менависад. Сарсухани А. Лоҳутӣ дар ин китоб аҳамияти калоне дорад, ки диққати хонандаро ба шахсияти устод Айнӣ бештар мекашад. Он бо суханони зерин оғоз меёбад: «Садриддини Айнӣ. Ман бо ин ном аз дере ошно будам. Тасаввури ин исм ба фаврият як шахсро ба назари ман меовард, ки оғози ҷавонӣ дар як муҳити зулму ҷавр дар роҳи озодии халқ хидмат карда, бар зидди истибдод ҷасурона мубориза намуда, бародари фозили худро шаҳид дода. Он вақт ҳайкали мубораки вай пеши чашм ҷилвагар мешуд: бемор, низор, занҷир дар гардан ва кунда бар по, дар зери тозиёна ва чӯби фаррошони амири Бухоро аз гардан то камар гӯшти пушташ рехта ба тавре ки ҳамаи устухонҳояш намоён аст.

Рӯзгор ба ин тарз шиносоии нодида гузашт. Як тасодуфи дигар шавқу ҳаваси маро дар дидани ин бузургвор зиёд кард, орзуи маро барои зиёрataш оташинтар намуд, дидани осори адабии ӯ. Пас аз хондани осори адабии Айнӣ ба он ширинӣ аз хотирам гузашт, ки амири Бухоро на танҳо золим ва мустабид, балки бисёр гӯсола ва безавқ ҳам буда» [1, с.7].

Ин сарсухани А. Лоҳутӣ ва мулоҳизаҳои ӯ доир ба коргоҳи эҷодӣ устод Айнӣ дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», як силсила матлабҳои муҳимро дар бар мегирад, ки хеле фавқулода ва қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар ин бора адабиётшинос А. Маҳмадаминов менависад, ки: «Дар сарсухани А. Лоҳутӣ оид ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили коргоҳи эҷодии С. Айнӣ дар таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик», усули омӯзиши мероси адабӣ, таърихи тамаддуни бой ва қадимаи халқи тоҷик, вазъи адабиёти солҳои 20 – ум, тарғиби адабиёти инқилобӣ ва тарбияи кадрҳои адабӣ, нақши «Намунаи адабиёти тоҷик», дар тараққии адабиёти бадеӣ ва ташаккули адабиётшиносии шӯроии тоҷик, мақом ва шуҳрати адабии С. Айнӣ мулоҳизаҳои хеле қобили таваҷҷуҳ ифода ёфтаанд» [4, с.24].

Дар ҳақиқат, гуфтори А. Лоҳутӣ нисбат ба устод Айнӣ оид ба осораш аз аҳаммият холӣ нест. Зеро ҷараёни таълифи ин асар, усули кор ва чӣ гуна ба ҷамъоварии мавод машғул шудани С. Айнӣ аз замири ӯ дақиқ баён аст. Аз ин ҷониб иттилооти А. Лоҳутӣ роҷеъ ба аҳволу вазъи омода намудани ин асар ҳуҷҷат ва далели арзишноке мебошад, ки менависад: «Моҳи августи соли 1925 дар шаҳри Самарқанд ба зиёрати фозили муҳтарам ноил шудам. Устод дар утоқи худ даруни садҳо китоб ғарқ буд ва нусхае дар даст дошт, ки менавишт. Он ҳамин «Намунаи адабиёти тоҷик» буд.

Садамоти дунё, занҷирҳо, зиндонҳо, чӯбҳо ва шиканҷаҳо устодро пир ва манҳӣ карда ва чашмонашро беқувват намуда. Бо вуҷуди ин, як сол буд, ки ба ҷамъ ва тартиби «Намунаи адабиёти тоҷик» пардохта буд. Он рӯзҳо китоб ба поён расида ва машғули покнависи он буданд. Ман онро мухтасаран мурур кардам...Устод Айнӣ барои ёфтани баъзе аз нусхаҳои хаттии шоирони тоҷик басо рӯзҳое, ки дар ба дар, кӯча ба кӯча рафта, то онро ёфта ва ба даст оварда ва дар натиҷа заминаи ҳозире барои танқид ва таҳлилоти адабии тоҷикон омода намуда» [1, с. 7].

Бояд қайд кард, ки машҳур будани ин китоб аз мактубҳо низ маълум аст, ки на танҳо дар мамлакати мо, балки берун аз хоки он низ шуҳрат пайдо карда будааст. А. Лоҳутӣ вақте ки ба мулоқоти С. Э. Бертелс сарфароз мегардад миннатдории хешро дар номааш, ки таърихи 22 августи 1927-ро дорад, ба С. Айнӣ баён намуда, мегӯяд: «Дар хидмати эшон махсусан аз мақоми фазлу дониши шумо гуфтугузор кардам. Бисёр шод аст ва аз шумо мамнун, ки ба воситаи «Намунаи адабиёти тоҷик» басо шоирони Осиёи Миёнаро шинохта ва аз чоп шудани чунин китобе бисёр розӣ ҳастанд» [2, с. 11].

А. Лоҳутӣ баъд аз шиносоии зоҳирӣ бо устод Айнӣ ба маҳорати адабӣ, қобилияти эҷодӣ ҳамчун санъаткор, олим, ҳамчун мутафаккир нисбати устод Айнӣ бисёр эътимоди комил пайдо карда, худашро шогирди ӯ меҳисобад, орзу мекунад, ки дар наздаш бошаду аз илму фаҳмиши ӯ баҳра гирад. Аз ҳамин сабаб дар номаи 12 ноябри 1929 навиштааш ба ӯ мегӯяд: «Устоди муҳтарам! Хатти азизи Шуморо гирифта, аз ёдоварии устодонаи Шумо мамнун шудам. Худатон, албатта, медонед, ки чӣ қадар орзу дорам дар Самарқанд бошам ва аз ҳузури Шумо дарки илму файз кунам. Аммо чӣ чора, ки беморӣ (дар натиҷаи хиёнат ва ҷинояти корҳои чоплусонаи душманони дӯстнамо) кори худро карда ва бар хилофи орзу маро ҳазорон фарсанг аз Шумо дуртар андохт. Хуб, бошад, дурии роҳ монеи наздикии дил намешавад. Иродати банда нисбат ба Шумо дар ҳадди камол аст ва ба қадри муҳаббати Камол нисбат ба Шумо» [2, с. 7-8].

А. Лоҳутӣ, ки аз осори адабии устод Айнӣ бисёр ба ваҷд омада буд, аз ҳамин сабаб ягон шеър ва асарашро, ки дар номаҳо ба мушоҳида мерасад, бе пешниҳоди устод Айнӣ ба чоп намесупорид. Ва ҳатто вақте ки «Шеърҳои тоҷикистонӣ» ном маҷмӯаи ӯ барои омодаи нашр тайёр мешавад, худи Лоҳутӣ хоҳишманд будааст, ки устод Айнӣ ба маҷмӯаи китобаш муқаддима нависад. 4 ноябри 1932 дар номаи дигараш менависад: «Ин шеърро, ки фиристодаам, марҳамат карда ба рафиқ Садрулин диҳед ва фармоед, ки бидуни хато чоп кунад. Ман махсусан ҷасорат карда барои Шумо мефиристам, чаро ки аз ҳама шеърҳое, ки то кунун гуфтаам, дар назари ман беҳтар аст. Мехоҳам фикри Шуморо дар ин (бора) бидонам. Албатта, худам айбҳои онро фаҳмида наметавонам» [2, с. 14].

Акнун номаи навбатиро дар ин бора мебинем, ки ғамхории устод Лоҳутӣ нисбати устод Айнӣ ва осори ӯ чӣ гуна мебошад. А. Лоҳутӣ 28 декабри соли 1932 ба устод Айнӣ дар асари беморӣ менависад: «Ҳар ду хатти шуморо бо рафиқ Бону дар як ҷо хондем. Акнун ҷавоби хатти якум: Аввало ҳамин, ки аз касал шудани Камол ва шумо бисёр дилтанг шудем. Аммо аз ин ки сиҳату саломат шудаед, хурсандиҳо кардем. Лекин аз ин бобат хурсанд шуда бошем ҳам, қисмати дигари хатти шумо ҳардуи моро ҳақиқатан мутаассир кард. Устодҷон, шумо дар хатти худатон аз мурдан, он ҳам бо ҳасрат гап задаед. Ин хел маъюсиҳо аз тарафи шумо, ки ранҷбарони тоҷик умедворӣ ба ёрдами адабиатон доранд, (мебахшед) дуруст нест. Акнун ҳама пролеториёти СССР ва аз он ҷумла меҳнаткашони Тоҷикистон ба зиндагонии нав, зиндагонии хушбахтию озодӣ қадам ниҳодаанд, чунин вақте аз мурдан гап задани шумо аз рӯйи инсоф -мӣ?

Не, шумо бояд зинда монед ва ба сохтани сусиёлизм дар Тоҷикистон дар қисмати адабӣ хизмат кунед. Мо аз тарафи хонандагони «Одина», «Дохунда» ва порчаҳои дигари адабии шӯроӣ ба шумо бар зидди ин настроение протест карда ва аз шумо талаб мекунем, ки бисёр зиндагонӣ кунед. Дохундаҳои мукаммалтар нависед. «Мо камбағалонем» барин таронаҳои ранҷбарӣ ба вуҷуд оваред ва дигар ин хел гапҳо нагӯед. Хуб - мӣ устодҷон?» [5, с. 18-19].

А. Лоҳутӣ ба фаъолияту машғулияти устод Айнӣ диққат медод. Ӯ дар ин ҷо қимати асарҳои устодро баҳо додааст ва мақсади ӯ аз чунин суханҳои маъюсонааш дар он аст, ки бо меҳнати ҳалол зинда бояд монду дар иҷрои онҳо ҳамеша фаъол будани устодро умед кардааст ва бо таъкид шунидани суханҳои устод Айниро дар нома аз имкон берун мехоҳад.

Ихлосмандии устод Лоҳутӣ ба осор ва маҳорати адабии устод Айнӣ дар номаҳо зиёд акс ёфтаанд. Ӯ на фақат тарбияи меҳнаткашони тоҷикро аз асари «Ғуломон» оқибатандешӣ мекунад, дар айни замон берун аз хоки Тоҷикистон низ эҳтироми чунин асарро нисбат ба тоҷиконе, ки дар соири кишварҳо низ умр ба сар мебурданд, манфиатнок

мебинад. Барои исбот ва тақвият додани ин боз номаи А. Лоҳутиро мебинем, ки ин ҷо таърихи рӯзаш маълум нест, аммо санаи соли 1935 - ро дорад ва ба устод Айнӣ доир ба романи «Ғуломон» некандешӣ намуда, барои чунин асари таърихӣ ӯро табрик мекунад. Дар ин бора низ чунин менигорад: «Романи «Ғуломон» - и Шумо на танҳо ба фарзандони озоди ҷумҳуриятҳои шӯроии Осиёи Миёна хизмат мекунад, балки ғуломони имрӯзаи мамлакатҳои Шарқи берунаро, ки бо забони Тоҷикистони фотеҳ гуфтугӯ мекунанд, барои расидан ба озодӣ тайёр менамояд. Қалами озоди нависандаи «Ғуломон» - ро аз таҳти дил табрик менамоям» [2, с. 14].

А. Лоҳутӣ лаззати осори устодро, ки чашида буд, ҳамеша пуштибони ҳам осор ва ҳам устод Айнӣ буд. Бояд тазаккур дод, ки балоҳое, ки солҳои 1935 – 1938, ки дар таърихи адабиёт возеҳ аст, ба сари С. Айнӣ омада буданд ва ӯро душмани халқ эълон карда буданд. А. Лоҳутӣ, ки дар Давлати Советӣ баъд аз Сталин ва Молотов шахси сеюм буд, бо онҳо мулоқот мекунад ва дар Иттифоқи нависандагони СССР маърӯза мехонад. Муҳиту фазои адабию илмии Москваро нисбат ба устод Айнӣ мусбат ҳал мекунад. Мактубе, ки устод Айнӣ ба А. Лоҳутӣ, барои тарҷума ба завҷаи ӯ Бону, ки дар он бо ноумедӣ устод Айнӣ сухан рондааст ирсол намуда буд, то ҳол пайдо нест. Ва баъд аз тарҷума суханҳои С. Айниро А. Лоҳутӣ паҳн мекунад ва аз шиканҷа номи неки ӯро бо эҳтиром нигоҳ медорад. А. Лоҳутӣ дар ҷавоби ин нома 4 апрели 1938 бо самимияти хос хабари муваффақ шудани худро дар ин бора иброз медорад, аз ҷумла мегӯяд: «Фозили муҳтарам! Мактуби аввалини Шуморо, ки гирифтам, бо забони русӣ тарҷума кунонда ба маҷлиси секретариат дода ва таклиф кардам, ки зудтар кори Шуморо расидагӣ карда як хотима диҳанд. Ман гуфтам, ки вақте роҷеъ ба як нависандаи машҳур дар сари забонҳо ва дар баъзе рӯзномаҳо нисбатҳои бад медиҳанд, ақидаи ман ин аст, ки бояд расидагии комил ва тафтиши сара дар он бора бишавад, ки: I. Агар он гапҳои забонакӣ ва навиштагӣ дурустанд, пас инро ошкор намуда ба он кас ҷазои даркорӣ диҳанд. II. Агар ин гапҳои кӯча ва баъзе матбуот асос надорад, бояд ба таври қатъӣ гӯянда ва нависандаи онҳоро фош намуда ва ҷазои даркорӣ диҳанд, ки обрӯи мардумро набурда бигузоранд хидмат кунанд.

Ҳаминро ба рафиқон Прутупуф ва Юсуфуф ҳам гуфтам. Р. Паустовский ба ҷамъияти нависандагон телегром фиристод, ки комиссия кунанд. Чанд рӯз пеш телегромми рафиқ Юсуфуф расид, ки муждаи дуруст шудани кори Шуморо медиҳад. Ин ҳамаро хушҳол кард, ки охираш кор ба хуррамият анҷом гирифт» [2, с. 15].

А. Лоҳутӣ бо суханони тасаллодиҳандаи худ ба устод Айнӣ дар идомаи ҳамин нома бештар қувваи адабӣ дода, барои боз ҳам содиқ будан дар фаъолияти адабӣ ва корҳои ҷамъиятӣ бисёр як неруи тоза мебахшад ва ихлосмандона қайд мекунад, ки: «Ман яқин дорам, ки ба сахтиҳо таслим нашуда, асарҳои хуби ба манфиати халқи фотеҳи шӯроӣ, ба манфиати Ҳукумати Советӣ ва Партияи Коммунистӣ хоҳед навишт. Шумо дар мактуби худатон гила кардаед, ки «одамони поёнӣ ҳарчи тавонистаанд, дар ҳаққи шумо бадӣ кардаанд».

Охир, домуллоҷон, одамони поёнӣ дар ҳаққи ки бадӣ накардаанд? Албатта, мо «поёнӣ» -ро нисбат ба сифат ва ахлоқи онҳо мегирем.

Шумо мебинед ба он марди бузурги замонӣ, ба Максим Горкий чиҳо кардаанд? Ва шумо медонед, ки то дақиқаи мурдан ба хидмати коргару деҳқон, ба хидмати ватани сусиёлистӣ машғул буд. Ин барои мо бояд дарс шавад. Агар хидмати мо ба халқу ба Партияи Коммунистӣ содиқона бошад, он вақт кори мо фоиданок, ҳаёти мо қиматдор ва асари мо ҷовидона аст ва аз ҳеҷ кас ва аз ҳеҷ чиз набояд битарсем. Мунтазири хондани асарҳои нави шӯроии шумо: мухлисатон Лоҳутӣ» [2, с. 15].

Устод Лоҳутӣ дар номааш ба устод Айнӣ нури умед бахшидааст, ки ҳам ба пешрафти ҷараёни адабиёт ва ҳам ба тобиши фаъолияти устод Айнӣ кӯшиш кардааст ҳаракати муҳташам диҳад. Албатта, чунин чораандешӣ роҳкушову роҳнамои адиб мегардад ва ӯро ба сӯйи тараққӣ ва эҷодиёташ бештар ҳидоят мекунад.

Барои исботи фикр аз 17 августи соли 1940 номаи дар бораи асарҳои устод Айнӣ баҳои арзишнокдодаи А. Лоҳутӣ аз манфиат холӣ нест, чунки мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ доир ба маҳорати адабии устод Айниро боз равшантар нишон медиҳад, ки чунин аст: «Рафиқи муҳтарам устод Айнӣ! Мактубу китобҳои Шумо чанд рӯз пеш ба Маскав расида бошанд ҳам, ман дирӯз онҳоро гирифтам.

Ба меҳрубониҳои Шумо ташаккур! Асарҳои наватон барои халқи тоҷик ганҷинаҳои наве ҳастанд, ки боигарии адабиёти тоҷикро афзун мекунанд. «Чашми бад дур!» Ҳанӯз як китоби шумо хонда нашуда, китоби дигар мерасад. Чӣ қадар бояд Тоҷикистон хурсанд бошад. Чӣ кунам?

«Зи дасти кӯтаҳи худ зери борам,

Ки аз болобаландон шармсорам» -
асари қобили ҳадя надорам, аммо умед ҳаст, ки «Девон» - и дуюм баъд аз як моҳ аз чоп барояд ва ба хизмати шумо бифристам» [5, с. 100].

А. Лоҳутӣ асарҳои устод Айниро барои халқи тоҷик махзани гаронбаҳо гуфтааст ва аз пай дар пай баромадани асарҳои ӯ ифтихор мекунад. Бо ғазали Ҳофиз суханони пурмеҳри худро қуватнок намуда, туҳфае дар баробари хурсандиаш китоби ба тозагӣ аз нашр мебаромадагии худро низ барои таҳрир ба устод Айнӣ мехостааст бифиристад.

Зимнан, вақте ки А. Лоҳутӣ таъсири тарбияи асарҳои С. Айниро аз рӯзномаҳо мушоҳида мекунад, аз он ҷумла болобардори шуҳрати илму адабиёти тоҷикро дарк мекунад ва тарбияи наслҳои наврову инкишофи минбаъдаи адабиётро низ аз устод Айнӣ бештар орзу карда, дар натиҷа 7 ноябри соли 1940 номае фиристода ӯро табрик намуда, дар ин замон бо эҳтироми комил менависад: «Устоди муҳтарам! Имрӯз аз рӯзномаҳои Тоҷикистон фаҳмидам, ки дар муқобили хидматҳои чандинсолаатон, хидматҳои пурбаҳо ва барои халқи советӣ зарур, ба номи шумо монанди олими хидматнишондода илова карданд. Мехоҳам бигӯям, ки хизматҳои илмии шумо, ки адабиёт, забон ва таърихи тоҷикро боигарии бузург додааст, баҳои ҳақиқӣ аз тарафи партия ва ҳукумати советӣ гирифт. Ин ба ҳамаи меҳнаткашони Тоҷикистон хурсандӣ медиҳад, махсусан ба дӯстони шумо шараф ва сарбаландӣ аст. Азбаски дер хабарро шунидам (чунонки дар боло навиштам, газетаҳоро ҳамин рӯз гирифтам), фиристодани телегрофро ҳам дершуда ҳисоб кардам. Албатта, мебахшед. Ман ба василаи ин хат табрики самимонаи худро ба шумо тақдим карда, аз дилу ҷон дасти шуморо фишурда, бисёр зиндагӣ кунед ва бешумор ба халқи советӣ фоидаҳои илмию адабӣ диҳед, мегӯям. Ин орзуи ҳақиқии ман аст. Риё нашавад гуфта аз ин чизе наменависам» [5, с. 105 - 106].

Хотиррасон бояд кард, ки 75 - солагии устод Айнӣ соли 1953 дар Тоҷикистон бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил гардида буд. А. Лоҳутӣ ба ин муносибат шеъре эҷод мекунад ва дар он доир ба ҳунари эҷодӣ, маҳорати адабӣ, азму суботи қавӣ ва фидокории устод Айнӣ дар роҳи хизмат кардан ба халқ чунин менависад:

«Ҳафтоду панҷ сол зи умри муборакаш,
Бигзашту боз ҳуши ҷавон аст ҳуши ӯ.
Ҳафтоду панҷ чӯби ситам хӯрду хам нашуд,
Пеши амири хоин мардона пушти ӯ.
В - имрӯз бори хидмати халқи азизи хеш,
Бо шавқ мебарад ба сари дӯш инчунин.
Ин навҷавони мӯйсафеди тавилсин,
Аз кӣ гирифта қудрате ин гуна!
Аз Ленин.
Умед ин ки аз асари табъи олияш,
Гардад китобхонаи тоҷик мол – мол,
Маънои дигаре ҳам дорад умеди ман –
Яъне расад ба синни ду ҳафтоду панҷ сол» [3, с. 16].

Ба ин тариқ, мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ оид ба осори устод Айнӣ, маҳорати адабӣ ва мақоми ӯ дар адабу фарҳанг арзишманд мебошанд ва паҳлуҳои гуногуни фаъолияти эҷодии ӯро равшан мекунанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Лоҳутӣ А. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. - М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. - 448 с.
2. Лоҳутӣ А. Номаҳо; мураттиб ва муаллифи тавзеҳот Х. Отахонова. -Душанбе: Адиб, 2004. -112 с.
3. Лоҳутӣ А. Ба муносибати 75 - солагии С. Айнӣ // Занони Тоҷикистон, 1977. - №6. - С. 16 -17.
4. Маҳмадаминов А. Абулқосим Лоҳутӣ – муҳаққиқи «Намунаи адабиёти тоҷик» / А.Маҳмадаминов // Сухан аз корномаи устод Лоҳутӣ. -Душанбе: Эҷод, 2007. - С. 8 - 24.
5. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ; ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот Х. Отахонова). -Душанбе: Деваштич, 2003. - 140 с.
6. Отахонова Х. Чанд сухан аз мураттиб / Х.Отахонова // Абулқосим Лоҳутӣ. Номаҳо. - Душанбе: Адиб, 2004. - С. 3 - 4.

МУЛОҲИЗАҲОИ А. ЛОҲУТӢ ОИД БА МАҲОРАТИ АДАБИИ С. АЙНӢ

Дар системаи афкори адабию эстетикии А. Лоҳутӣ андешаҳои ӯ оид ба маҳорати адабии С. Айнӣ мақоми марказӣ доранд. Зеро мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ роҷеъ ба эҷодиёти С. Айнӣ дар тӯли қариб чил соли дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии ин ду шахсияти бузурги адабию фарҳангӣ арзи ҳастӣ карда, муҳимтарин масъала ва муаммоҳои коргоҳи эҷодӣ, раванди адабӣ, арзёбии осор ва чигунагии афкори нависандаро бо ҳама ҷузъиёт ва тафсилоти зарурӣ дар худ фароҳам овардаанд. Иртиботи бевоситаи дӯстӣ, ҳамкориҳои эҷодии С. Айнӣ ва А. Лоҳутӣ аз моҳи августи соли 1925 оғоз ёфта, то вопасин рӯзҳои ҳаёт идома меёбанд ва осори мондагору баракати файзбор аз худ боқӣ мегузоранд. Аз нахустин шиносоӣ бо шахсияти наҷиб ва осори

пурбаҳои С. Айнӣ дар қалбу шуури А. Лоҳутӣ самимият, муҳаббати бепоён ва таассуроти фаромӯшнашаванда ба вуҷуд меояд ва минбаъд ҳарҷониба густариш пайдо мекунад ва дар зеҳну шинохти ӯ ҳамчун тимсоли ҳайкали бузурги адабу фарҳанг ҷилвагар мегардад. Осори гаронбаҳои С. Айнӣ, махсусан маҳорати адабии ин нобиғаи адабиёт А. Лоҳутиро сахт мафтун мекунад ва чунин ихлосу иродатмандӣ пайваста бештару муассиртар сурат мегирад ва ба маҳорати эҷодии ӯ баҳои баланд додааст.

Калидвожаҳо: А. Лоҳутӣ, С. Айнӣ, мактубҳо, ҳунари эҷодӣ, афкори адабӣ.

РАЗМЫШЛЕНИЯ АБУЛЬКАСЫМА ЛАХУТИ О ЛИТЕРАТУРНОМ МАСТЕРСТВЕ САДРИДДИНА АЙНИ

В системе литературно-эстетической мысли Абулькасыма Лахути его размышления о литературном мастерстве Садриддина Айни получило центральное место. Так как между ним и Садриддином Ани завязалась тесная творческая дружба, размышления относительно творчества Садриддина Айни в течении 40 лет дружбы и творческого сотрудничества этих двух великих личностей имели огромное место и охватывали различные вопросы относительно творческой мастерской, литературных процессов, оценки наследия и размышлений писателя со всеми его подробностями. Непосредственные дружественные отношения, дружба и творческое сотрудничество Садриддина Айни и Абулькасыма Лахути началось с августа месяца1925 года и продолжалось до последних дней жизни. С первых дней знакомства с этой великой личностью и его бесценным наследием в сердце и сознании Абулькасыма Лахути возникает великая любовь к личности и наследию Садриддина Айни, которые оставляют в его памяти незабываемые впечетления. Великое наследие Садриддина Айни, особенно его литературное мастерство очень сильно привлекают внимание Абулькасыма Лахути и корни их дружбы ставновятся более глубокими и крепкими и он даёт высокую оценку его творчеству.

Ключевые слова: Абулькасым Лахути, Садриддин Айни, письма, литературное мастерство, художественная мысль.

REFLECTIONS OF ABULKASYMA LAHUTI ABOUT SADRIDDIN AINI'S LITERARY MASTERY

In the system of literary and aesthetic thought of Abulkasym Lakhuti, his reflections on the literary mastery of Sadriddin Ayni received a central place. Since there was a close creative friendship between him and Sadriddin Ani, reflections on the creative work of Sadriddin Aini during 40 years of friendship and creative collaboration of these two great personalities had a huge place and covered various issues regarding the creative workshop, literary processes, heritage assessment and the writer's thoughts its details. The immediate friendship, friendship and creative cooperation of Sadriddin Aini and Abulkasym Lakhuti began in August 1925 and lasted until the last days of life. From the first days of his acquaintance with this great personality and his invaluable legacy, Abulkasym Lakhuti's heart and mind have great love for Sadriddin Aini's personality and legacy, which leave unforgettable impressions in his memory. Sadriddin Aini's great legacy, especially his literary prowess, greatly attracts the attention of Abulkasym Lakhuti and the roots of their friendship become deeper and stronger, and he praises his work.

Key words: Abulkasym Lakhuti, Sadriddin Aini, letters, literary skill, artistic thought.

Сведения об авторе: ***Наимова Фарзона*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 901-09-21-00**

Information about the author: ***Naimova Farzona*** **-** Tajik National University, post-graduate student of the Department of theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel.: **(+992) 901-09-21-00**

УДК: 891.550:82

НАВОВАРИҲОИ ЗАМАХШАРӢ ДАР БОБИ КИНОЯ

Очилова М.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Киноя, яке аз фунуни балоғист, ки бештар аз маҷозу истиора корбурд дорад. Ба ҳамин манзур балоғиён дар таърифу баёни қисмҳои он дар тӯли қарнҳо бо вуҷуди ихтилофи назарҳое, ки доштанд, талошҳои барҷастае карда ва осори мондагоре аз худ ба ҷой гузоштанд. Тафсири «Кашшоф» машҳуртарин манбаи тафсири балоғист, ки зебоҳои адабӣ ва маънии баланди қуръонӣ бад-ӯ ручӯъ дода мешавад. Назар ба аҳамияти зиёди киноя дар тафсири «Кашшоф», инчунин мафҳуми киноя дар ин тафсир, навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя, услубҳои вай барои баёни киноёти қуръонӣ ва таъсири мазҳаби Замахшарӣ дар баҳси киноя пардохта мешавад.

Замахшарӣ дар боби маънои истилоҳии киноя ва арзиши адабии он ва ақсоми сегонаи он ва фарқи он бо таъризу киноя дар муфрад ишора кардааст. Аз муҳимтарин баҳсҳое, ки дар боби киноя барои аввалин бор матраҳ шуда, мавзӯи зарурати имкони дар назар гирифтани маънои ҳақиқӣ дар киноя ва баҳси маҷоз аз киноя ва пардохтан ба фарқи дақиқ ва илмии киноя ва таъриз аст.

Замахшарӣ дар баёни услуби киноя мегӯяд: Киноя аз услубҳои балоғӣ аст ва аз ҷумла фавоиди он эҷоз аст, вай зайли ояти «فَإِنْ لَمْ تَفْعَلُوا وَلَنْ تَفْعَلُوا فَاتَّقُوا النَّارَ» *(Ва агар ин корро накарда ва ҳаргиз натавонед кард пас бипарҳезед аз оташе...)* (Бақара,24) мегӯяд: «Ибораи « فَاتَّقُوا النَّارَ» ба ҷойи тарк кардани мухолифат бо Паёмбар (с) омадааст. Барои ин ки тарки инод ва парҳез аз дӯзах, лозим ва мазлуми якдигаранд, зеро агар касе бихоҳад аз дӯзах парҳез кунад, аз мухолифат даст бармедорад, чунонки подшоҳе ба зердастони худ мегӯяд: Агар эҳтиром мехоҳед, аз хашми ман бипарҳезед. Манзураш он аст, ки аз ман фармон пазиред ва ба ҳукми ман гардан ниҳед ва чунин сухан гуфтан аз масодиқи киноя ва шохае аз балоғат буда ва фоидааш эҷоз аст ва эҷоз яке аз масодиқи зебоиҳои Қуръон маҳсуб мешавад» [3, с.77].

Дар ин оят киноя интиқол аз малзум ба лозим аст, зеро парҳез аз оташ гуфта шуда ва мурод аз он тарки инод ва ситеза аст ва тарки инод ва ситеза лозим ва парҳез аз оташ малзум аст.

Замахшарӣ зайли ояти «كَيْفَ تَكْفُرُونَ بِاللَّهِ وَكُنْتُمْ أَمْوَاتًا فَأَحْيَاكُمْ» *(Чӣ гуна кофир мешавед ба Худо ва ҳол он ки мурда будед)* (Бақара,28) гуфтааст: «Агар бипурсанд дар бораи «كيف», ки барои баёни инкори ҳолати куфрашон омадааст, чӣ мегӯед? Дар посух бояд гуфт: Ҳолати як зот тобеи худи он зот аст ва агар таҳаққуқи як зот ношуданӣ бошад, таҳаққуқи ҳолати он ҳам ношуданӣ аст… дар ин оят вақте ҳолат ва кайфияти куфри куфрон инкор шуда, пас худи куфр низ ба равиши киноя инкор мешавад ва ин равиш қавитарин ва балеғтарин роҳ барои инкори куфр аст, зеро ҳеҷ падидае нест, ки пас аз пайдоияш аз ҳолат ва сифате тиҳӣ бошад, пас баъд аз инкори ҳолат ва кайфияти куфр вуҷуди худи куфр низ ба равише истидлолӣ инкор мешавад» [3, с.97].

Замахшарӣ ба ин матлаб ишора мекунад, ки «مكنى به» ё «مكنى» ба ҷойи «مردوف» ё «مكنى عنه» менишинад: «يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ بُيُوتِكُمْ حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا» *(Эй аҳли имон, ҳаргиз ба ҳеҷ хона магар хонаҳои худатон то бо соҳибаш унс ва иҷоза надароед ворид нашавед ва (чун рухсат ёфта ва дохил шавед) ба аҳли он хона)* (Нур, 27). Вай зайли ин оят мегӯяд: дар бораи «تستأنسوا» ду назар вуҷуд дорад: Ё ин ки ин феълро вожаи «استئناس» ба маънии ором будан, ки зидди «استيحاش /нигарон будан» аст, гуфта шуда; зеро касе, ки дари хонаи шахси дигареро мезанад, намедонад, ки дарро бар ӯ хоҳанд гушуд ва ба ӯ изн хоҳанд дод, ё хайр? Ва ту гӯӣ ин шахс аз ҳайси пӯшида будани ҳол бар ӯ шабеҳ ба шахси нигарон аст ва агар дарро бар ӯ бигушоянд, ором мегирад; бинобар ин, маънои иборати «حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا» ,«يُؤْذَنَ لَكُمْ» хоҳад буд, чунонки мефармояд: «لَا تَدْخُلُوا بُيُوتَ النَّبِيِّ إِلَّا أَنْ يُؤْذَنَ لَكُمْ» *(дохили утоқҳои паёмбар машавед магар он, ки барои (хурдан) таъоме)* (Аҳзоб, 53), ки дар ин фарз киноя аст, зеро ин навъи ором гирифтан ба дунболи изн ва иҷоза ҳосил мешавад, аз ин рӯ, ба ҷойи изн ба кор рафтааст ва назари дувум ин ки истиънос (унс гирифтан) ба маънои истеълом (огоҳи ёфтан) ва истикшоф (кашф кардан) аст ва назари дувум ин ки истиънос ба маънои истеълом ва истикшоф аст [5, с.173].

Замахшарӣ, инчунин дар ояти «إِنَّمَا يَعْمُرُ مَسَاجِدَ اللَّهِ» *(Масҷиди Худоро танҳо касоне бояд обод кунанд, ки ба Худо ва рӯзи қиёмат имон доранд)* (Тавба, 18) мегӯяд: «Аммо касоне, ки ин вожаро ба сиғаи ҷамъ хондаанд, метавонад ду ҳолат дошта бошад: нахуст он ки мурод аз «مَسَاجِدَ» «Масҷидулҳаром» аст, аммо аз он рӯй масоҷид гуфтааст, ки Масҷидулҳаром қиблаи ҳамаи масоҷид ба шумор меравад… Дувум он ки манзур аз он ҷинси масоҷид аст ва агар сазовор набошад, ки ҳар ҷинсе аз масоҷидро обод кунанд, ба тариқи авло ин шоистагиро надорад, ки Масҷидулҳаромро, ки дар садри ин аҷнос қарор дорад ва пешинаи куҳантар аз онҳо дорад ва бар ҳамаи онҳо муқаддам аст ва ба ободонии он таъкиди бештаре шудааст, обод кунанд ва ин суханро ба равиши киноя баён мекунад, чунонки дар арабӣ мегӯянд: «فُلَانٌ لا يقرأ كُتُبَ الله» *(зеро онҳо китобҳои Худоро хонда наметавонанд),* ки ин иборат дар нафйи Қуръон хондан балеғтар аз тасреҳ ба он аст» [4, с.190].

Ин гуфтаи Замахшарӣ ошкоро ба ин матлаб ишора дорад, ки киноя дар маънои ҳақиқии худ ба кор рафта ва маънои киноӣ ба тариқи лузум (лозим, зарур) аз он фаҳмида мешавад. Яъне, дар ин ҷо «مَسَاجِدَ» ба ҷойи Масҷидулҳаром нанишаста, балки ба маънои ҷинси масоҷид аст ва фаҳми маънои киноӣ ба тариқи лузум ҳосил мешавад.

Замахшарӣ ба киноя аз нисбат ишора карда ва онро балеғтар аз баёни сареҳ дониста ва яке аз анвои киноя медонад. Вай дар тавзеҳи ояти: «أُولَئِكَ شَرٌّ مَكَانًا وَأَضَلُّ سَبِيلًا» *(онҳое, ки бадтарин макони шитофта ва сахтарин роҳи залолат ёфтаанд)* (Фурқон, 34) мегӯяд: «جعلت الشرارة للمكان و هى لأهله و فيه مبالغة ليست فى قولك: أولئك شرّ و أضلّ لدخوله فى باب الكناية التى هى أخت المجاز» *(Ин шамъи макон аст ва барои мардум ва дардовар аст, дар маъно нест: бадӣ ва бадӣ барои дохил шудан ба калисо, ки хоҳари масеҳият аст)* [3, с.507]. Ва монанди ояти « أَنْ تَقُولَ نَفْسٌ يَا حَسْرَتَا عَلَى مَا فَرَّطْتُ فِي جَنْبِ اللَّهِ» (*То мабодо касе фарёд воҳасрато барорад ва гӯяд, эй вой бар ман, ки ҷонибӣ амри Худоро)* (Зумар, 56), ки дар зайли он мегӯяд: «Ҷанб дар ин ҷо ба маънои

ҷониб аст ва дар арабӣ мегӯянд: «أنا فی جنب فلان و جانبه و ناحیته» ва «فلان لین الجنب و الجناب» ва низ мегӯянд: «فرّط فی جنبه و فی جانبه», ки мурод аз ҷанбу ҷониб дар чунин мавриде «فی حقّه»/дар бораи ӯ» аст [2, с.106].

Замахшарӣ баҳси маҷоз аз киноя ро низ матраҳ мекунад ва манзури вай аз он тасовире киноӣ аст, ки иродаи маънои ҳақиқӣ дар онҳо маҳол аст, аммо шарт дар киноя, сиҳати ҷавоз иродаи маънои ҳақиқӣ аст. Масалан, дар зайли ояти «وَلَا يَنْظُرُ إِلَيْهِمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ» *((Худо) ва дар рӯзи қиёмат на ба онон менигарад)*(Оли Имрон, 77) мегӯяд: Иборати « و لا ينظر اليهم» маҷоз аст, аз ин ононро хор хоҳад дошт ва бар онон хашм хоҳад гирифт. Чунонки араб мегӯяд: «فلان لا ينظر إلى فلان», яъне ба ӯ эътино ва некӣ намекунад. Агар бипурсанд: Корбурди ин вожа дар бораи касе, ки асноди феъли нигоҳ кардан ба вай раво нест, чӣ тафовуте бо ҳамдигар дорад? Дар посух бояд гуфт: Корбурди ин вожа дар бораи касе, ки асноди феъли нигоҳ кардан ба вай равост, дар асл киноя аст; зеро агар касе ба инсоне таваҷҷуҳ дошта бошад, ба ӯ менигарад, аммо бо мурури замон дар асари касрати истеъмол ба маънои эътино ва эҳсон (некӣ кардан ба касе) ба кор рафтааст, ҳарчанд назар ва нигаристане дар миён набошад ва ин таъбир барои касе, ки асноди феъли нигоҳ кардан ба вай ғайримумкин аст, маҷоз аз эҳсон кардан аст ва чун ин таъбири маҷозӣ, дар асл киноя буда ва аз киноя гирифта шуда, онро маҷоз аз киноя меноманд» [1, с.288].

Замахшарӣ дар оёти мушобеҳи ояти боло, инчунин бо тафсил дар бораи киноя ва маҷоз будани он сухан нагуфтааст; балки бархеҳоро маҷоз номида, бе он ки номе аз киноя биёварад ва бархеро киноя номида ва сухане аз маҷоз ба миён наёвардааст. Барои мисол дар зайли ояи «وَقَالَتِ الْيَهُودُ يَدُ اللَّهِ مَغْلُولَةٌ» *(Яҳуд гуфтанд, ки дасти Худо баста аст)* (Моида, 64) гуфтааст: «غلّ اليد» маҷоз аз «بخل» ва «بصط اليد» маҷоз аз бахшиш аст…» [3, с.509] ва дар зайли ояти «الرّحمن علی العرش اسوی» *(Худои раҳмон бар арш истило дорад)* (Тоҳо, 5) мегӯяд: «Аз он рӯй, ки истиво бар арш, ки сарири фармонравоӣ аст аз умуре аст, ки ба дунболи таҳаққуқи фармонравоӣ мумкин мешавад, онро киноя аз фармонравоӣ дониста ва мегӯянд: « استوی فلان علی العرش» ва муродашон таҳаққуқи фармонравоӣ аст. Ҳарчанд ки ба таври қатъ бар тахт, нанишаста бошад ва ҳамчунин аз он чунин гуфтаанд, ки корбурди ин таъбир барои ин маънӣ дар миёни мардум амре шинохташуда аст»; ҳарчанд ки ин таъбири киноӣ, рӯшантар ва дақиқтар бар мафҳуми мавриди назар далолат мекунад.

Дар зайли ояти «ليس كمثله شیء» *(Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Ӯ нест)* (Шуро, 11) мегӯяд: «Бо иборати «مثلک لا یبخل»، «بخل»-ро» аз мисл ва ҳаммонанди мухотаб нафй мекунанд, зимни он ки қасдашон, нафйи бухл аз худ мухотаб аст, чун қасди муболиға доштаанд, суханро аз тариқи киноя баён кардаанд, зеро вақте он сифатро аз касе, ки қоиммақоми ӯст ва аз вижатарин авсофи ӯ барҳӯрдор аст, нафй кунанд, чунон аст, ки аз худи ӯ нафй кардаанд…» [2, с.166-167]. Чаҳор ояти боло, ки ҳамагӣ аз назари далолат бар маъно, бо ҳам ҳамоҳанганд, оварда шуда ва Замахшарӣ ба шакли воҳиде тавзеҳ надодааст, балки дар аввалин оят баҳси маҷоз аз киноя, дар дувумӣ баҳси маҷоз ва дар севумин ва чаҳорумин оят баҳси киноя ро матраҳ кардааст. Барои намуна ояти «و قالت الیهود ید الله مغلولة» *(Яҳуд гуфтанд, ки дасти Худо баста аст)* мисоле барои киноя аст, аммо дар шарҳи он баҳси маҷозро матраҳ кардааст. Дар бораи тасовири ин оёт, ки бешак, ҳамагӣ аз фанни воҳиданд, возеҳтарин ва қобили қабултарин матлабе, ки метавон гуфт, сухани Шарифи Ҷурҷонӣ дар ҳошияаш бар «Кашшоф» аст, вай дар бораи ин ояти «و لا ینظر الیهم» *(ва на ба онон менигарад)* гуфтааст: «Корбурди ин вожа дар бораи касе, ки асноди феъли нигоҳ кардан ба ӯ равост, киноя аст, аммо корбурди он дар бораи касе, ки асноди ин феъл ба ӯ раво нест, маҷоз аз эҳсон накардан аст». Аз ин матолиб метавон ин гуна бардошт кард, ки агар иродаи маънои аслӣ имкон дошта бошад, киноя аст ва агар иродаи маънои аслӣ имкон надошта бошад, маҷоз мубтанӣ бар киноя аст ва ҷоиз аст, ки номи киноя ро низ бар он итлоқ кунем, зеро дар асл, киноя дар маънӣ аст, ки баъдан маҷоз дониста шуда ва ин тафовут, эътиборе аст. Ба ҳамин далел мо мебинем, «بسط الید و غلّها» дар сураи «Моида» маҷоз аз ҷуд ва бухл аст ва дар сураи «Тоҳо» «اسواء علی العرش» *(бар арш истило дорад)* киноя аст ва ҳеҷ мунофоте миёни ин ду сухан нест. Яъне, Замахшарӣ гоҳе дар киноя имкони маънои аслиро шарт дониста ва гоҳе шарт надониста баррасӣ накардааст» [2, с.119].

Замахшарӣ ба ин нукта ишора мекунад, ки гоҳе ба киноя чизе ба муносиби он аст, изофа мешавад ва бар зебоӣ ва таъсири он меафзояд. Вай зайли ояти « و یذکروا اسم الله فی أیام معلومات علی ما رزقهم من بهیمة الانعام» *(…бубинанд ва номи Худоро дар рӯзҳои муайян ба ҳангоми забҳи чорпоёне, ки Худо ризқи онҳо сохта, ёд кунанд…)* (Ҳаҷ, 28) гуфтааст: «Аз қурбонии мо ва забҳ дар ин ҷо ба зикри номи Худо таъбир шудааст, зеро вақте мусалмонон ин маносикро анҷом медиҳанд, ҳаргиз аз ёди Худо ғофил намешаванд ва вақте ду иборат « و یذکروا اسم الله»-ро ҳамроҳ бо «علی ما رزقهم» меоварад, зеброи иборат ба рӯшанӣ аз он маълум

мешавад ва агар мефармуд: «لينحروا فى ايام معلومات بهيمة الأنعام» ҳеҷ як аз ин зебоиҳо дар он дида намешуд» [5, с.120].

Гоҳе Замахшарӣ ба ҷойи баёни як киноя аз чанд таъбири киноӣ барои як масъала истифода мекунад ва ба балоғати он ишора менамояд ва ин равиши некуе дар чашидани зебоиҳо ва асрори забон аст. Вай дар зайли ояти «و يوم يعضّ الظالم على يديه» *(Рӯзе, ки кофир дастони худро ба дандон газад)* (Фурқон, 27) мегӯяд: Иборате монанди «عضّ الانامل و اليدين» *(газидани дасту ангуштон)*, «أكل البنان» *(хӯрдани сарангуштон)* ва «حرق الأسنان و الأرم» *(сӯзондан, хӯрдан ва кӯфтани оринҷ),* ҳама киноя аз хашму ҳасрат аст ва ин киноя бо зикри родиф ва дарвоқеъ ба шеваи зебо ва шигарф ба мардуф ишора шуда, ки каломро то мартабате аз фасоҳат мекашонад ва шунаванда дар худ эҳсоси шигарф ва зебоӣ мекунад, ки агар лафзи «мукнӣ ан ҳуро мешунид, чунин ҳолате ба ӯ даст намедод» [6, с.218].

Замахшарӣ ба киноя дар муфрад, ки дарвоқеъ киноя дар маънои луғавӣ аст, ишора мекунад. Вай дар зайли ояти «تخرج بيضاء من غير سوء» *(бе ҳеҷ айбе сафед берун ояд)* (Тоҳо, 22) мегӯяд: «Ба чизҳои пасту зишт» «سوء» мегӯянд ва дар ин ҷо «سوء» киноя аз песӣ аст, чунон ки «سوأة» ҳам киноя аз аврат аст. Ҳузайма (подшоҳи Ҳира) ҳамсари зебо (маликаи Ҷазира) ба песӣ дучор буд ва аз ин рӯ, ба киноя аз ӯ ба «Абрас» ном мебурданд. Ба ҳар рӯй арабҳо песиро беш аз ҳар чизе нохуш дошта ва аз он бисёр безор буданд. Онҳо аз номи песӣ дучори дилошӯба мешуданд ва аз ин рӯй аз он ба киноя ёд мекарданд ва ман барои баёни тафовутҳо, ҳеҷ суханеро некутар ва зарифтар ва буррандатар аз киноёт ва одоби қуръонӣ надидаам» [3, с. 463].

Аз навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя метавон чанд нуктаро қайд намуд: Вай ба маънои истилоҳии киноя, арзиши адабии он ва киноя дар муфрад ишора кардааст. Аз муҳимтарин баҳсҳое, ки дар боби киноя барои аввалин бор матраҳ шуда, мавзӯи зарурати имкони дар назар гирифтани маънои ҳақиқӣ дар киноя ва баҳсҳои маҷоз аз киноя ва пардохтан ба фарқи дақиқ ва илмии миёни киноя ва таъриз аст. Замахшарӣ ба киноя аз нисбат ишора карда, навъи киноя аз далолати сареҳро балеғтар буда ва онро яке аз анвои киноя медонад. Инчунин, ба ин матлаб ишора мекунад, ки гоҳе барои киноя муносибан оварда мешавад, ки зебоӣ ва таъсири он меафзояд ва гоҳе барои як мафҳум чанд таъбири киноӣ меоварад ва ба балоғати он ишора мекунад ва онро равиши некуе дар чашидани зебоиҳо ва асрои забон медонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абӯ Убайда, Муъаммар Ибни Муссано. Маҷоз-ул-Қуръон: таҳқиқи Фавоид Сезгин. - Қоҳира, 1954. -276 с.
2. Алавии Яманӣ, Яҳё ибни Ҳамза. Алтуроз-ул-мутазаммин ли асрор-ил-балоғати ва улуми ҳақоиқ-ил-эъҷоз.- Миср, 1914. - 560 с.
3. Замахшарӣ, Маҳмуд ибни Умар. ал-Кашшофу ан ҳақоиқи ғавомиз-ит-танзил ва уюн-ил-ақовил фӣ вуҷуҳ-ит-таъвил. Ҳошия: Сайид Шариф Ҷурҷонӣ.- Бейрут: Дорул-фикр, 2008. - 567 с.
4. Зубайдӣ, Муҳаммад Муртазо. Тоҷ-ул-арӯс. - Бейрут: Дору-л-содир, 1979. - 136 с.
5. Тафтозонӣ, Масъуд ибни Умар. Мухтасарот-ул-маонӣ.-Қум: Маншуроти Шариф Ризо ва маншуроти Зоҳидӣ. 1380. - 345 с.
6. Ҷурҷонӣ, Абдул Қоҳир. Асрору-л-балоға: таҳқиқи Аҳмад Мустафо Марағибек. - Қоҳира: Матбаи Истиқомат, 1947. - 296 с.

НАВОВАРИҲОИ ЗАМАХШАРӢ ДАР БОБИ КИНОЯ

Мақолаи мазкур ба баррасии навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя бахшида шудааст. Киноя, яке аз фунуни балоғист, ки бештар аз маҷозу истиора корбурд дорад. Ба ҳамин манзур балоғиён дар таърифу баёни қисмҳои он дар тӯли қарнҳо бо вуҷуди ихтилофи назарҳое, ки доштанд, талошҳои барҷастае карда ва осори мондагоре аз худ ба ҷой гузоштанд. Тафсири «Кашшоф» машҳуртарин манбаи тафсири балоғист, ки зебоҳои адабӣ ва маънии баланди қуръонӣ бад-ӯ ручӯъ дода мешавад. Назар ба аҳамияти зиёди киноя дар тафсири «Кашшоф», инчунин мафҳуми киноя дар ин тафсир, навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя, услубҳои вай барои баёни киноёти қуръонӣ ва таъсири мазҳаби Замахшарӣ дар баҳси киноя пардохта мешавад. Замахшарӣ дар боби маънои истилоҳии киноя ва арзиши адабии он ва ақсоми сегонаи он ва фарқи он бо таъризу киноя дар муфрад ишора кардааст. Аз муҳимтарин баҳсҳое, ки дар боби киноя барои аввалин бор матраҳ шуда, мавзӯи зарурати имкони дар назар гирифтани маънои ҳақиқӣ дар киноя ва баҳси маҷоз аз киноя ва пардохтан ба фарқи дақиқ ва илмии киноя ва таъриз аст.

Калидвожаҳо: Замахшарӣ, маҷозу истиора, муфрад, киноя дар тафсири «Кашшоф», зебоҳои адабӣ ва маънии баланди қуръонӣ, тафсири «Кашшоф».

НОВОВВЕДЕНИЯ ЗАМАХШАРИ ОТНОСИТЕЛЬНО ИНОСКАЗАТЕЛЬНОСТИ

Данная статья посвящена рассмотрению нововведений Замахшари в деле написания толкования к Корану и использования языковых приёмов в ней, в особенности иносказаний. Иносказание – это, выражение, заключающее в себе скрытый смысл; употребляется, как литературный приём. В широком смысле иносказание понимается как фундаментальная особенность искусства и, в частности, художественной речи. В отличие от других комментариев Корана, произведение «ал-Кашшаф» Замахшари является серьезнейшым трудом и памятником арабской литературы XII в.Замахшари раскрыл в нем все тонкости языка и стиля, риторики и красноречия и особое внимание уделил языковому разбору священной книги. Этот труд Замахшари является каноническим трудом в области комментария Корана, в которой ученый и писатель уделил большое внимание лексикологической части и

она является первым образцом научной критики текста. Очевидная мутазилитская направленность книги «ал-Кашшаф» проявляется в выражении идеи сотворенности Корана, В характерном для них стиле, он делает упор на тщательное языковое толкование текста Корана, используя это толкование для обоснования своих идейных позиций. Труд аз-Замахшари является единственным полным мутазилитским комментарием к Корану, сохранившимся до наших дней. Даже его противники восхищались его талантом и последовательности.

Ключевые слова: Замахшари, аллегория и метафора, муфрад, иносказательность в толковании «Кашшофа», литературные изящества и высокое кораническое значение, толкование «Кашшофа».

ZAMAHSHARI'S INNOVATIONS WITH RESPECT TO ALTERNATIVENESS

This article is devoted to the consideration of Zamahshari innovations in writing interpretations to the Quran and the use of language techniques in it, especially allegories. Allegory is an expression that contains a hidden meaning; used as a literary device. In a broad sense, allegory is understood as a fundamental feature of art and, in particular, artistic speech. Unlike other comments of the Quran, the work of al-Kashshaf Zamahshari is a very serious work and a monument of Arabic literature of the XII century. This Zamahshari work is a canonical work in the field of the Koran commentary, in which the scholar and writer paid great attention to the lexicological part and it is the first model of scientific criticism of the text. The apparent Mutazilite focus of the al-Kashshaf book is manifested in expressing the idea of the creation of the Koran. In their characteristic style, he focuses on a thorough linguistic interpretation of the text of the Quran, using this interpretation to substantiate its ideological positions. Labor az-Zamahshari is the only complete Muazilite commentary on the Quran that has survived to the present day. Even his opponents admired his talent and consistency.

Key words: Zamahshari, allegory and metaphor, mufrad, allegorical interpretation of “Kashshof”, literary graces and high Koranic meaning, interpretation of “Kashshof”.

Сведения об авторе: ***Очилова Мехринисо Илхомовна*** - Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры персидского и китайского языков. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проспект Мавлянбекова 1. E-mail: **ochilova.86@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 92-770-11-65**

Information about the author: ***Ochilova Mehriniso Ilhomovna*** - Khujand State University named after B. Gafurova, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Persian and Chinese Languages Department. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, prospect Mavlyanbekova 1.
E-mail: **ochilova.86@mail.ru**. Tel.: **(+992) 92-770-11-65**

УДК: 891.550-1:82

ТАЪСИРИ ТАЗКИРАИ “ХАРИДАТ-АЛ-ҚАСР ВА ҶАРИДАТ-АЛ-АСР”-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӣ БА ОСОРИ ДОНИШМАНДОНУ АДИБОНИ МУТААХХИР

Раджабова М.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз шоҳкориҳои адибу муаррихи забардасти қарни XII Имодуддини Исфаҳонӣ (519/1125-597/1201) дар заминаи адабиёт тазкираи “Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср” мебошад, ки ба шеваи гузиданависии шарҳи ҳоли олимони чаҳор минтақаи олами ислом, яъне Ироқу Араб, аҳли Форс ва билоди Аҷам, Шому Ҳиҷоз ва Яману Миср тадвин шудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки “Харидат ал-қаср” тазкираи шуарову бузургони арабигӯи охирҳои қарни XI то охирҳои садаи XII мелодӣ маҳсуб мешавад. Имодуддини Исфаҳонӣ дар он як гурӯҳ аз шуарои қарни XI ва теъдоди аъзами шоирони қарни XII мелодиро гирдоварӣ намудаву маълумоти он ба дарозои як садсола имтидод ёфтааст. Муаллифи тазкира дар баробари тазаккур сохтани ҳасби ҳоли шуарову адибони ин аҳд намунаи ашъори онҳоро низ мавриди арзёбӣ қарор додааст. Дар радифи ин, маълумоти арзишмандеро низ марбут ба ҳаводиси таърихии давр баён доштааст, ки ин вижагӣ қимати онро дар қиёс бо соири тазкираҳо афзудааст.

Бино бар мабнои маълумоти манобеи мутақаддим як мазияти тазкира дар он арзёбӣ мегардад, ки дар он Имодуддини Исфаҳонӣ ягон нафареро аз шуаро, ба ҷуз шахсиятҳои номаълум барканор нагузоштааст [6,Ҷ.5, с. 150; 13,Ҷ. 3, с. 492-494].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ин донишманди забардаст бо таълифи асари мазкур ва замимаи он силсилаи китобҳоеро, ки уламои қабл аз ӯ дар мавриди шуарои аҳди исломӣ тасниф намуда буданд, ба ҳам пайванд сохтааст.

Бо назардошти ҳамин вижагӣ бархе аз муҳаққиқон ин тазкираро “ҳалқаи мутавассита дар силсилаи таълифоти мантиқии қабливу баъдӣ” [3,Ҷ. 1, с.4] хондаанд.

Ҷойи зикр аст, ки Имодуддини Исфаҳонӣ дар асари мазкур ҷодаи вижаи хешро пайгирӣ намуд. Ин хусусият миёни таъриху ахбор ва баргузидаи ашъор алоқамандии

устуворро тавлид сохт. Бо ин амали хеш муаллифи тазкира ба шуарои муосираш умри ҷовидонӣ бахшида, намунаҳои зиёди ашъори онҳоро ҳифз намуд. Ин вижагии асар ҷиҳати дар мазмуну муҳтаво таъйин сохтани манзараи воқеии шеъри арабӣ дар адвори мутадовими таърихӣ ба пажӯҳишгарон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ба истиснои “Харидат ал-қаср” дар дарозои мадиди таърихӣ мо наметавонем асари дигареро пайдо кунем, ки таърифи комили шуарои арабизабони садаи дувоздаҳумро бо чунин шоистагӣ бароямон бозгӯ созад. Бар мабнои қисматҳои аз дастбурди ҳаводиси таърихӣ эминмондаи ин асар, муаррихон роҷеъ ба таърихи адабии замони муаллиф огоҳӣ ёфтаву онро ба ояндагон интиқол додаанд.

Арзиши адабиву таърихии тазкираи “Харидат ал-қаср” аз таваҷҷуҳу иноятӣ вижаи мутафаккирони барҷаста, муаррихону адибони фарҳехта ба китоби мазкур, тааммули амиқ дар матну батни он, баёни мадҳу санои асар дар кутуби хеш ва истифодаи фаровони он ба зуҳур омадааст. Шоёни диққат аст, ки нахустин пешоҳангони аҳли таҳқиқ, ки аз “Харидат ал-қаср” баҳрабардорӣ намудаанду ба ривояти асноду мадорики он саъю кӯшиш намудаанд, муҳаққиқони аҳди қадим мебошанд.

Бо ишора ба таъсири амиқи “Харидат ал-қаср” ба осори муаллифони баъдӣ пажӯҳишгари соҳибназари димашқӣ Шукрӣ Файсал чунин баён доштааст: “Ҳақиқат он аст, ки аслан мо тақвими “Харида”-ро маҳдуд сохтаем ва ба он танҳо ҳамчун маҷмӯаи баргузидаи ашъори шуарои қарни шашум назар дӯхтаем. Воқеият он аст, ки ба ҳукми ин таваҷҷуҳ ба теъдоди бузурги уламову адибон, муҳаддисону пешвоён, сарлашкарону ровиёне, ки шоир низ буданду шеър мегуфтанд, он ба ҳайси китоби ҳасбиҳолии мувассиқу густурда дар фазилати ҳамасронаш мақом пайдо кардааст, ки ин вижагӣ ба шарофати робитаҳои зиёди Имод барояш даст додааст. Вақте кутуби аз “Харида” ривояткардаро бармешуморем, дармеёбем, ки онҳо ҳамагӣ аз сарчашмаҳои муътабар маҳсуб мешаванд ва боз ҳам дар ин андешаҳои худ итминон пайдо мекунем. Аз зумраи он масодири боэътимод инҳо мебошанд: “Вафаёт ал-аъён”-и Ибни Халликон, “Фавот ал-вафаёт”-и Ибни Шокир, “ал-Вофӣ би-л вафаёт”-и Сафадӣ , “ар-Равзатайн” ва “Зайл ар-Равзатайн”-и Абӯ Шома, “Мӯъҷам ал-удабо”-и Ёқут, “ал-Муғриб”-и Ибни Саид, “ан-Нуҷум аз-зоҳира”-и Ибни Тағрибардӣ ва монанди инҳо, ки шумораашон бисёр аст” [3,Ҷ. 1, с. 4].

Аз ин ҷо метавон собит намуд, ки тазкираи мазкур дар эҷодиёти таърихнигорону адибони зиёде таъсири бориз гузоштаву дар офаридани осори эшон мусоидат намудааст, ки муҳимтарини онҳоро мавриди баррасӣ қарор медиҳем:

1. **“Муъҷам ал-удабо” ё “Иршод ал-ариб ила маърифат ал-адиб”-и Ёқути Ҳамавӣ (574/1178-626/1229).** Ин китоб фарогири зиндагиву тарҷумаи аҳволи наҳвиёну луғатдонон, қориёну муаррихон, насабшиносону котибон буда, зимни баёни рӯзгору осори донишмандони қарни дувоздаҳум “Харидат ал-қаср” ба касрат мавриди истифода қарор гирифтааст.

2. **“Вафаёт ал-аъён ва анбоъ абно аз-замон”-и Ибни Халликон (608/1212-681/1283).** Китоби мазкури Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳим Қозиюлқузот Бармакии Ирбилии Шофеӣ таърихномаи оммавии ҷомеъ мебошад, ки рӯҳи боризи адабиро низ соҳиб буда, ахбори шуарову донишмандонро дар бар гирифтааст. Дар он муаллиф ба таври фаровон маводи “Харидат ал-қаср”-ро ба кор гирифтааст.

3. **“Қалоид ал-ҷумон фи фароид шуаро ҳаза-з-замон”-и Ибни Шаъор (595/1198-654/1256).** Китоби мазкур таҳти унвони “Уқуд ал-ҷумон фи шуаро ҳаза-з-замон” низ маъруфият пайдо кардааст. Он ба қалами Камолуддин Абулбаракот Муборак ибни Шаъори Мавсулӣ мансуб буда, муаллиф дар пайи гирдоварии маводи китоб бештари умри хешро то замони вафоташ дар сафар гузаронидааст.

Ин тазкира дар пайравӣ аз “Харидат ал-қаср” дар даҳ муҷаллади калон таълиф гардида, ахбори шуарои қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (сенздаҳуми мелодӣ)-ро фаро мегирад. Асари мазкур идомаи мантиқии “Харидат ал-қаср” дар асри сенздаҳуми мелодӣ ва аз масодири асосӣ дар омӯзиши адабиёти ин давра маҳсуб мешавад [5,Ҷ. 1, с. 8].

То кунун ҳашт муҷаллади он боқӣ монда, ҷилдҳои дувум ва ҳаштум аз байн рафтааст. Дар он аҳволу осори 1250 шоирони охирҳои садаи XII (шашум) ва қарни XIII (ҳафтуми ҳиҷрӣ) аз тамоми манотиқи ҷаҳони исломӣ аз шарқ то ғарб гирд оварда шудааст. Тазкираи Ибни Шаъор зиндагинома ва осори теъдоди бузурги донишмандону олимони соҳаҳои мухталиф–луғатшиносону наҳвиён, муаррихону ҷуғрофидонон ва ҳамчунин фақеҳону мутасаввифонро низ дар бар гирифтааст. Он аз масодири асосӣ дар омӯзиши адабиёти қарни мазкур маҳсуб мешавад [5, Ҷ. 1, с. 8].

4. **“ал-Вофӣ би-л-вафаёт”-и Салоҳуддини Сафадӣ (696/1296-764/1363).** Мусаннифи он адибу муаррихи барҷаста Салоҳуддин Халил ибни Айбак ибни Абдуллоҳи Сафадӣ маҳсуб мешавад. Китоби мазкур яке аз муҳимтарин осори таърихӣ ва ахбори

бузургон ба шумор омада, аҳволу осори беш аз 12000 мутафаккирони ҷаҳони исломро дар бар мегирад. Сафадӣ китоби худро ба асри муайян маҳдуд насохта, вижаи тамоми таърихи ислом гардонидааст. Дар он ахбори хулафои рошидин, саҳобагону тобеин, салотину умаро, қозиёну вузаро, забоншиносону адибон, шоирону нависандагон, табибону ҳакимон аз рӯйи ҳуруфи муъҷам дар сӣ муҷаллад гирд оварда шудааст. Муаллиф зимни бозгӯи донишмандону шуарои қарни дувоздаҳум аз "Харидат ал-қаср" ба касрат истифода намудаву дар пешгуфтори асар ба он ҳамчун маъхази асосӣ дар нигориши хеш ишорат кардааст [10,Ҷ. 1, с. 61].

5. **"Фавот ал-вафаёт"-и Ибни Шокири Кутубӣ (686/1288-764/1363).** Китоби мазкур ба қалами Муҳаммад ибни Шокир ибни Аҳмад мулаққаб ба Салоҳуддин мансуб мебошад. Он яке аз масодири муҳимми ахбори адибону шуаро ба шумор меравад. Муаллиф китоби худро ба давраи муайян маҳдуд накарда, ахбори шуарои исломиро ба таври омехта аз ҳар аҳд баён намудааст [7, Ҷ. 1, с.5].

6. **"Миръот аз-замон фи таърих ал-аъён"-и Сибти Ибни Ҷавзӣ (ваф. 654/1256).** Он аз таълифоти Абулмузаффар Шамсуддин Юсуф ибни Амир Ҳусомуддин Қизӯғлӣ маъруф ба Сибти Ибни Ҷавзӣ мебошад. Ӯ набераи духтарии олими забардасти ҳанбалӣ– Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Ҷавзӣ маҳсуб мешавад. Сибти Ибни Ҷавзӣ китоби мазкури хешро дар чиҳил муҷаллад тасниф намудааст. Он таърихномаи бузург ба шумор рафта, муштамил ба таърихи инсоният аз замони офариниш ва ибтидои олами ҳастӣ то вафоти муаллиф дар соли 654/1256 ду сол қабл аз вуруди муғул ба Бағдод мебошад. Ибни Касир таърихномаи мазкурро "ҷомеътарин ва нофеътарини кутуби таворих" хондааст [4, Ҷ. 16, с. 711].

7. **"ал-Бидоят ва ан-ниҳоят"-и Ибни Касир (701/1301-774/1372).** Муаллифи асар Ҳофиз Имодуддин Абулфидо Исмоил ибни Умар ибни Касир Қурайшии Димашқӣ маҳсуб мешавад. Асари мазкур доиратулмаорифи бузурги таърихӣ ба шумор рафта, таърихи ҷаҳонро аз офариниши осмону замин, малоикаву Одам дар бар гирифтааст. Сипас қиссаҳои паёмбарон, ҳаводиси таърихии қабл аз исломро бо тартиби солҳо, баъсати Паёмбари акрам (с) ва дигар воқеоти таърихии аҳди исломиро то миёнаҳои қарни ҳаштуми ҳичрӣ (XIV мелодӣ) фароҳам овардааст.

8. **"Табақот аш-шофеият ал-кубро"-и Тоҷуддини Субкӣ (683/1285-756/1356).** Ин асар аз муҳимтарин таснифоти Тоҷуддин Абӯ Наср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ ибни Абдулкофии Субкӣ маҳсуб мешавад. Дар он маълумоти арзишманд доир ба улуми мухталиф, ахбори шахсиятҳои фарҳехта ҷой дода шудааст. "Табақот аш-шофеият ал-кубро" аҳволу осори 1419 нафар аҳли илму адабро фаро гирифтаву ахбори зиёдеро аз "Харидат ал-қаср" иқтибос намудааст [8, Ҷ. 3, с.618-619].

9. **"Маҷмаъ ал-одоб фи муъҷам ал-алқоб"-и Ибни Фуватии Шайбонӣ (642/1244-723/1323).** Муаллифи асар Камолуддин Абулфазл Абдурраззоқ ибни Аҳмад маъруф ба Ибни Фуватии Шайбонии Бағдодӣ маҳсуб мешавад. Муаллиф дар он асосан ахбори донишмандону олимон ва адибону шуарои қарнҳои XII- XIV мелодиро ҷой додааст. Ҳамзамон маълумоти арзишманде роҷеъ ба авзоъ ва арбоби давлатии аҳди Элхонии муғулӣ дода шудааст. Ибни Фуватӣ зимни баёни ҳаводиси садаи XII ва шарҳи аҳволу осори адибону шуаро аз "Харидат ал-қаср" истифодаи фаровон намудааст.

10. **"ар-Равзатайн фи ахбор ад-давлатайн ан-Нурия ва-с-Салоҳия"-и Абӯ Шомаи Муқаддасӣ (599/1203-665/1267).** Абдурраҳмон ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Усмон ибни Абӯ Бакр ибни Иброҳим ибни Муҳаммад Муқаддасии Шофеӣ маъруф ба Абӯ Шома ва мулаққаб ба Шиҳобуддин китоби мазкури худро вижаи таърихи давлатҳои Нурия ва Салоҳия намудааст. Дар он ҳаводиси аҳди мазкур то соли вафоти Султон Салоҳуддин дар соли 589/1193 бозгӯ шудааст. Мусаннифи китоб дар баробари осори таърихии Имод аз "Харидат ал-қаср" низ ба касрат истифода намудааст. Шоёни таъкид аст, ки таълифоти Имод аз масодири асосии Абӯ Шома ба шумор меояд.

11. **"ан-Нуҷум аз-зоҳира фи мулук аср ва-л-Қоҳира"-и Ибни Тағрибардӣ (812/1409-874/1469).** Асари мазкур аз таълифоти Ҷамолуддин Абулмаҳосин Юсуф ибни Тағрибардии Атобекӣ ба шумор меояд. Дар муқаддимаи китоб муаллиф перомуни таърихи фатҳи Миср аз ҷониби арабҳо дар соли 20/640 сухан намуда, сипас ба зикри маҳосину фазоил ва осори ин сарзамини куҳанбунёд мепардозад. Ҳамзамон аз таърихи қадимаи ин сарзамин, салотину умарои он, ҳаводиси муҳимтарини ҳар сол ахбор ҷой додааст. Маълумоти китоб фарогири ҳаводиси таърихӣ аз соли 20/640 то 872/1467 мебошад. Фузун бар ин, вобаста ба соли фавти фуқаҳову уламо ва адибону аъён аҳволу осори онҳоро матраҳ сохтааст.

Ибни Тағрибардӣ китоби мазкури худро талхис низ намуда, онро "ал-Кавокиб ал-боҳира мин ан-Нуҷум аз-зоҳира" мавсум намудааст. Аммо он то замони мо интиқол

нагаштаву дар шумори осори мафқудии муаллиф қарор дорад. Муаллиф зимни таснифи китоби хеш ҳам осори таърихӣ ва ҳам тазкираи “Харидат ал-қаср”-и Имодуддини Исфаҳониро хеле зиёд ба кор гирифтааст.

12. **“Иқд ал-ҷумон фи таърих аҳл аз-замон” -и Бадруддин Маҳмуди Айнӣ (762/1361-855/1451).** Муаллифи асар Маҳмуд ибни Аҳмад ибни Мӯсо ибни Аҳмад Абӯ Муҳаммад Бадруддин Айнии Ҳанафӣ маҳсуб мешавад. Китоби мазкур дар шумори доиратулмаорифи бузурги таърихӣ қарор дорад. Муаллиф таърихномаи худро пеш аз аҳди Одам шурӯъ намуда, то соли 850/1446 идома бахшидааст. Осори Имодуддини Исфаҳонӣ аз масодири муҳимми “Иқд ал-ҷумон” ба шумор рафта, истифодаи фаровони иқтибосот аз “Харидат ал-қаср” ба мушоҳида мерасад.

13. **“Шазарот аз-заҳаб фи аъён ман заҳаб”-и Ибни Имоди Ҳанбалӣ (1032/1622-1089/1679).** Китоби мазкур аз таснифоти Абулфалоҳ Абдулҳай ибни Аҳмад ибни Муҳаммад Аскарии Димашқии Ҳанбалӣ мебошад. Ибни Имод онро аз соли нахусти ҳичрӣ оғоз намуда, паси ҳам ҳаводиси муҳимтарини ҳар солро матраҳ сохтааст. Ҳамзамон арбобони барҷастаи илму адаб ва муҳаддисони дар ин сол вафот карда ва шарҳи кӯтоҳи аҳволу осори онҳо баён гардидааст. Ба ҳамин васила ахбори китоб даҳ қарни аввали ҳичриро фаро гирифта, ҳарбҳову ғазавот, ахбори зиндагиномаи чеҳраҳои маъруф, таърихи мавлуду фавт ва сирати онҳоро бозгӯ менамояд. Ибни Имод тазкираи Имодуддини Исфаҳониро масдари муҳимми кори хеш қарор додааст.

14. **“ал-Муғриб фи ҳилла-л-Мағриб”.** Китоби мазкурро ба қалами муаллифони шашгона мансуб медиҳанд, ки дар саргаҳи онҳо Абӯ Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Иброҳими Ҳичорӣ қарор дорад. Ӯ бо дархости соҳиби қалъаи Банӣ Саид–Абдулмалик ибни Саид (ваф. 562/1166) китоби “ал-Мусҳиб фи ғароиб ал-Мағриб”-ро таълиф намуда, онро барояш эҳдо намуд. Бо гузашти вақт Абдулмалик ба он изофоти худро мулҳақ сохту ҳамзамон қисматҳои ба ағрози ӯ номувофиқро ихтисор ва ё ҳазф намуд. Баъдан кори ӯро писаронаш Абӯҷаъфар ибни Абдулмалик ва Муҳаммад ибни Абдулмалик (ваф. 589/1193) идома доданд. Писари Муҳаммад–Мӯсо ибни Муҳаммад ибни Абдулмалик (ваф.640/1242) кори гузаштагони худро такмил дода, мавсум ба “ал-Муғриб фи ҳилла-л-Мағриб” намуд. Шакли ниҳоии китобро писари ӯ Нуриддин Абулҳасан Алӣ ибни Мӯсо маъруф ба Ибни Саиди Андалусӣ (610/1214-685/1286) омода сохтааст [3, с. 11-12].

“ал-Муғриб” дар давоми 115 сол таснифу такмил гардида, фарогири 15 китоб мебошад. Шаш китоби он вижаи Миср, се китоб вижаи Мағриб ва шаш китоб вижаи Андалус гардонида шудааст. Қисмати аъзами китоб то ба имрӯз дастрас нагардидаву мафқуд ба шумор меояд. “Харидат ал-қаср” яке аз масодири муҳимми асари мазкур ба шумор омада, муаллифони он аз тазкира истифодаи фаровон намудаанд.

15. **“Ҳусн ал-муҳозара фи ахбор Миср ва-л-Қоҳира”-и Ҷалолуддин Абдурраҳмони Суютӣ (849/1445-911/1505).** Китоби мазкур аз таълифоти Абдурраҳмон ибни Камол Абӯ Бакр ибни Муҳаммад Собиқуддини Асютӣ маъруф ба Ҷалолуддини Суютӣ мебошад. Муаллиф китоби худро бо зикри “Қуръон”-и маҷид дар бораи Миср ифтитоҳ намуда, сипас таърихи Мисрро дар аҳди қадим, даврони фиръавнҳо ва бинои аҳром, давраи исломӣ, ҳаводису воқеоти марбут ба он, натиҷаи имтизоҷи Миср бо арабҳо дар зери парчами ислом, намояндагони мазоҳиб, ҳофизону муаррихон, қориёну ровиён, шуарову аҳли адабро бо шарҳи кӯтоҳи зиндагиномаву осорашон мутазаккир шудааст. Дар канори ин, зикри масоҷиду мадорис ва хонақоҳҳои бунёдгаштаи Миср, ахбори волиён, ҳукамо, қозиён ва ҳукуматҳое, ки дар он арзи ҳастӣ кардаанд, мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Зимни баррасии масоили мухталиф дар фаслҳои китоб муаллиф дар мавриди расму одоти мисриён, иду маросимҳои онон, маҷолису доираҳои адабӣ низ маълумот додааст. Зимни бозгӯи ахбори хеш муаллиф тазкираи “Харидат ал-қаср”-ро хеле зиёд мавриди истифода қарор додааст. Дар пешгуфтори асар низ осори Имодуддини Исфаҳонӣ дар шумори мадорики асосӣ ба қайд омадааст [11,Ҷ. 1, с.4].

Аз баррасии осори мазкур аён мегардад, ки воқеан ҳам таъсиру нуфузи “Харидат ал-қаср” ба таълифи кутуби адабиву таърихии мутааххир назаррас буда, ба ҳайси масдари муътабар аз ҷониби адибону муаррихони забардаст ба кор гирифта шудааст. Таваҷҷуҳу иноятӣ вижаи мутафаккирони барҷаста, муаррихону адибони фарҳехта ба тазкираи мазкур, тааммули амиқ дар матну батни он, баёни мадҳу санои асар дар кутуби хеш ва истифодаи фаровони он худ шаҳодати боризи арзиши адабиву таърихии “Харидат ал-қаср” ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ал-Атабеки, Джамалуддин ибн Тагри Барди. Блестящие звёзды в государствах Египта и Каира . Исследование Мухаммада Хусайна Шамсуддина. Издательство научных книг-Бейрут-Ливан, первое издание 1992/1413. - 8 томов. - Том 6. - 344 с.

2. Ибн ал-Имод, Абулфалах Абдалхайй ал-Ханбали. Крупинки золота в сведении ушедших. Исследование Абдулкадыра ал-Арнаута и Махмуда ал-Арнаута. Издательство Ибн Касир-Дамаск-Байрут, первое издание 1986/1406. - 11 томов. - Том 6. - 600 с.
3. Имадуддин ал-Исфахани ал-Катиб. Жемчужина дворца и свиток современников. Часть сирийских поэтов. Исследование Шукрӣ Файсала. Издательство Хашимийя Дамаска (Ал-Матбаъат ал-Ҳошимийя би Димашқ), 1375/1955, 1378/1959 ва 1383/1964. - 3 томов. - Том 1. - 712 с.
4. Ибн Касир, Имадуддин Абулфида Исмаил ибн Умар. Начало и конец. Ценр арабского и исламского исследования и изучения при издательстве “Дор ал-Хучар”, первое издание 1419/1998. - 20томов. - Том 16. - 782 с.
5. Ибн ал-Шаъар, Камаладдин ал-Мавсили. Ожерелья жемчужин о выдающихся поэтов этой эпохи. Исследование Камила Салмана ал-Джабури. Издательство Научных книг (Дор ал-Кутуб ал-илмийя)-Бейрут, первое издание 2005/1426. – 10 томов. - Том 1. - 463 с.
6. Ибн Халликан, Абулаббас Шамсуддин Ахмед ибн Мухаммад. Кончина знатных лиц в сведениях современников. Исследование Ихсана Аббаса.”, Бейрут-Ливан: Издательство “Дор Содир. – 8 томов. - Том 5. - 439 с.
7. Аль-Кутуби, Мухаммад ибн Шакир. Происшествие кончин и её дополнение. Исследование Ихсана Аббаса. Издательство “Дор Содир”, Бейрут-Ливан, 1973. – 5 томов. - Том 2. - 458 с.
8. Ал-Макризи, Ахмад ибн Али. Большое созвучие. Исследование Мухаммада ал-Йаълави. Издательство “Дор ал-Мағриб ал-исломӣ”. - Тунис, первое издание 1411/1991. – 8 томов. - Том 3. - 864 с.
9. Ибн Саид ал-Андалуси, Нуриддин Абулхасан. Изумление в украшениях Запада. Исследование и примечание Шауки Зайфа. Издательство “Дор ал-маориф”. - Каир-Египет, 1964. – 2 томов. - Том 1. - 480 с.; - Том 2. - 584 с.
10. Ал-Сафади, Салахаддин Халил ибн Айбак ибн Абдаллах. Подробности кончинам. Исследование Ахмада ал-Арноута ва Турки Мустафа. Издательство возрождения арабских наследий (Дор Иҳйо ат-турос ал-арабӣ). - Бейрут-Ливан, первое издание 1425/2000. – 29 томов. - Том 1. - 284 с.
11. Ал-Суйути, Абульфазл Джалалуддин Абдаррахман. Красота публичной речи об истории Египта и Каира. Исследовано Мухаммадом Абульфазл Ибрагимом. (Дор Иҳйо ат-кутуб ал-арабийя). - Бейрут-Ливан: Издательство возрождения арабских книг, 1387/1967. - Первое издани. – 2 томов. - Том 1. - 616 с.
12. Ал-Хамави, Шихабуддин Аби Абдаллах Якут. Словарь литераторов. Исследование Ихсана Аббаса.. - Бейрут-Ливан: Издательство “Дор ал-Ғарб ал-исломӣ” 1993/1414. - Первое издание. – 7 томов. - 3441 с.
13. Ал-Яфеи, Абу Мухаммад Абдаллах. Зеркала райских садов относительно познания человеческих событий. - Бейрут-Ливан: Издательство научных книг, 1997/1417. - Первое издание. – 4 томов. - Том 3. - 382 с.

ТАЪСИРИ ТАЗКИРАИ “ХАРИДАТ-АЛ-ҚАСР ВА ҶАРИДАТ-АЛ-АСР”-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ БА ОСОРИ ТАЪРИХНИГОРОНУ АДИБОНИ МУТААХХИР

Муаллиф мақолаи мазкурро ба баррасии таъсири тазкираи “Харидат-ал-қаср ва ҷаридат-ал-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ба осори донишмандону адибони мутааххир ихтисос додааст. Пажӯҳишгар ҷиҳати даст ёфтан ба аҳдофи пешгузоштаи хеш ба бисёр мадорики боэътимоди асримиёнагӣ ва пажӯҳишоти муосир ручӯъ намуда, дар ин замина андешаҳои мусаннифони онҳоро перомуни мавзӯи таҳқиқшаванда бозгӯ намудааст. Дар канори ин, муҳаққиқ муҳимтарин осори адабиву таърихии бостониро, ки бевосита таҳти таъсири ин тазкираи маъруфи садаи XII тасниф гардидааст, мавриди баррасиву таҳқиқ қарор додааст. Дар пайгирӣ аз мавзӯи мавриди назар муҳаққиқ бо овардани далелу санадҳои мӯътамад чунин натиҷагирӣ менамояд, ки воқеан ҳам таъсиру нуфузи “Харидат ал-қаср” ба таълифи кутуби адабиву таърихии мутааххир назаррас буда, ба ҳайси масдари мӯътабар аз ҷониби адибону муаррихони забардаст ба кор гирифта шудааст. Ин вижагӣ худ шаҳодати боризи арзиш ва ҷойгоҳи баланди тазкираи фавқуззикр дар пешорӯи адабиёти арабизабони форсу тоҷик ва фарҳанги исломӣ ба шумор меравад.

Калимаҳои калидӣ: Имодуддини Исфаҳонӣ, Шукрӣ Файсал, Ибни Шокири Кутубӣ, Абӯ Шомаи Муқаддасӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Халликон, Салоҳуддини Сафадӣ, Ибни Касир, Ибни Фуватии Шайбонӣ, Бадруддин Маҳмуди Айнӣ, Ҷалолуддин Абдурраҳмони Суйутӣ, Ибни Тағрибардӣ, Ироқ, Ҳиҷоз, Яман, Миср.

ВЛИЯНИЕ АНТОЛОГИИ “ЖЕМЧУЖИНА ДВОРЦА И СВИТОК СОВРЕМЕННИКОВ” ИМАДУДДИНА АЛЬ-ИСФАХАНИ НА ТВОРЧЕСТВО ПОСЛЕДУЮЩИХ ИСТОРИКОВ И ЛИТЕРАТОРОВ

В данной статье автор рассматривает вопросы, касающиеся влияния антологии “Жемчужина дворца и свиток современников” Имадуддина Исфахани на творчество последующих историков и литераторов. Исследователь для достижения своих поставленных задач обращается ко многим средневековым достоверным источникам и современным исследованиям, аргументируя размышления их авторов относительно данной проблемы. В этой связи автор изучает множество древних исторических и литературных памятников, которые непосредственно были написаны под влиянием этой знаменитой антологии XII века. Исследуя данный вопрос, автор статьи цитирует достоверные доводы и доказательства и приходит к такому выводу, что поистине влияние “Жемчужины дворца и свитка современников” огромно в сочинении последующих литературных и исторических произведений. Выдающиеся литераторы и историки использовали антологию как достоверный источник. Эти особенности являются явным доказательством значения и большой роли данной антологии в арабоязычной персидско-таджикской литературе и исламской культуре.

Ключевые слова: Имадуддин аль-Исфахани, Шукри Файсал, Ибн Шакир аль-Кутуби, Абу Шама аль-Мукаддаси, Якут аль-Хамави, Ибн Халликан, Салахаддин аль-Сафади, Ибн аль-Касир, Ибн Фувати аль-Шайбани, Бадруддин Махмуд аль-Айни, Джалалуддин Абдуррахман аль-Суйути, Ибн Тагрибарди, Ирак, Хиджаз, Йемен, Египет.

INFLUENCE OF ANTOLOGY "PEARL OF PALACE AND SCROLL OF CONTEMPORARIANS" IMADUDDIN AL-ISFAHANI TO CREATIVITY OF FOLLOWING HISTORIANS AND LITERATORS

The author of the article touches upon the issues concerning the influence of Imaduddin al-Isfahanis anthology "The pearl of court and the scroll of contemporaries" on succeeding historians and litterateurs. In order to reach the supplied goals the author of the article appeals to reliable resources and contemporary researches, reasoning contemplation of their authors on the given problem. In relation to this theme, the author explores a big amount of historical and literal work, which were written directly under the influence of the famous anthology of XII century. Researching the given issue the author of the article quotes the arguments, evidences, and comes to conclusion that "The pearl of court and the scroll of contemporaries" made a great impact on writing subsequent historical and literal work. The most outstanding litterateurs and historians used the mentioned above anthology in their work. These features serve as a plain evidence of the given anthologys importance and possessing the high rank in Arabic Persian-Tajik literature and Islamic culture.

Key words: Imaduddin al-Isfahani, Shukri Faysal, Ibn Shakir al-Kutubi, Abu Shama al-Muqaddasi, Yaqut al-Hamawi, Ibn Khallikan, Salahaddin al-Safadi, Ibn al-Kasir, Ibn Fuwati al-Shaibani, Badruddin Mahmud al-Ayni, Jalaluddin Abdurahman al-Suyuti, Ibn Tagribardi, Iraq, Khijaz, Yemen, Egypt.

Сведение об авторе: ***Раджабова Мархабо Тухтасуновна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры арабской филологии. **Адрес:**734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. E-mail: **rajabova.marhabo**@mail.ru. Тел.: **(+992) 987-50-99-68**

Information about the author: ***Rajabova Marhabo Tukhtasunovna*** – Tajik National University, the candidate of philological sciences, associate professor of the Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **rajabova.marhabo**@mail.ru. Tel.: **(+992) 987-50-99-68**

УДК: 891.550-1:82

МУРУРЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА ЭҶОДИЁТИ АБӮ МУЗАФФАРИ АБЕВАРДӢ

Ризоева П.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Ташаккулу ривоҷи забону адабиёти араб то ҳадди зиёде ба шахсиятҳои илмиву адабии форсу тоҷик пайвастагии қавӣ дошта, маҳз онҳо пояҳои тамаддуни исломиро таҳким бахшидаву қисмати аъзаме аз осори арзишманди адабиёти арабро падид овардаанд. Яке аз ин шахсиятҳои намоён шоиру донишманди забардасти аҳди Салҷуқӣ Абӯ Музаффар Муҳаммад ибни Абулаббос Аҳмад ибни Муҳаммади Абевардӣ (ваф. 507/1113) ба шумор меравад. Дар манобеи муътабар ӯро бо лақабҳои ифтихории "Афзалуддавла, Тоҷи Хуросон" зикр кардаанд [3, с.217].

Бинобар ахбори манобеи мӯътамад Абевардӣ дар деҳаи Куфан, ки миёни Насову Абевард воқеъ гардида буд, ба дунё омадааст [2, Ҷ.2, с.384; 9, Ҷ.5, с.2361].

Баъдан дар айёми ҷавонии худ Абевардӣ ба Бағдод омада, дар он ҷо аз соли 451/1059 то соли 456/1064 ба таълими фарзандони Зайнулмулк Амир Бурсуқ, ки ноиби султони Салҷуқӣ дар Бағдод буд, машғул гардид [2, Ҷ.2, с.384].

Ахбори дигарро марбут ба ҳаёти шоир дар маъхазҳо хеле дертар соли 486/1093 дар Исфаҳон пайдо мекунем. Бар мабнои маълумоти мавҷуда дар ин сол Абевардӣ дар хидмати Муайядуддавла Убайдуллоҳ ибни Низомулмулк буд, ки вазорати Султон Маҳмуд ибни Маликшоҳи Салҷуқиро ба зимма дошт. Миёни Муайядуддавла ва вазири халифа Музтазҳир–Амидуддавла ибни Манучеҳр адоват пайдо гардид. Пас бо ташвиқи Муайядуддавла Абевардӣ Амидуддавларо ҳаҷв намуд. Амидуддавла пеши Музтазҳир хабар бурд, ки ӯ халифаро ҳаҷв кардаву султони Миср пешвои Фотимиён Музтансир ё худ Мустаълиро ситоиш намудааст. Дар робита ба ин давраи рӯзгори шоир маълумоти ҷолиби таваҷҷуҳро дар нигоштаҳои Ёқути Ҳамавӣ пайдо мекунем, ки аз ҷумла чунин омадааст: "Муҳаммад ибни Аҳмад Абевардӣ дар Бағдод хидмати Муайядулмулк ибни Низомулмулкро ба зимма дошт. Чун Муайядулмулк бо Амидуддавла Ибни Ҷуҳайр адоват пайдо кард, ӯро дар ҳиҷояш ташвиқ намуд ва Абевардӣ ӯро ҳаҷв намуд. Пас Амидуддавла ба халифа шикоят намуд, ки ӯро ҳаҷв гуфтаву султони Мисрро мадҳ кардааст. Пас халифа хунашро мубоҳ намуд ва ӯ ба Ҳамадон гурезон шуд [9, Ҷ.5, с.2360].

Бино ба маълумоти мавҷуда пас аз ҳаводиси фавқуззикр Абевардӣ ба Ҳилла рафт, то ки ҳокими он ҷо Абулҳасан Сайфуддавла ибни Садақаро мадҳ намояд. Аммо миёни онҳо хусни тафоҳум ба вуҷуд наомад ва шоир Ҳилларо тарк намуд. Пас аз ин Абевардӣ вориди Бағдод гардид ва дар он ҷо баъди вафоти Абӯ Юсуф Яъқуб ибни Сулаймони Исфароинӣ китобдори китобхонаи мадрасаи Низомия таъйин гардид.

Абевардӣ дар охирҳои умри худ вазифаи ишроф (назорат)-и мамлакати Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқиро дар Исфаҳон ба зимма гирифт. Дар ин хусус

Ёқути Ҳамавӣ чунин овардааст: “ Сунқур Кафҷик чун аз ӯ огоҳӣ ёфт, хостори он гардид, ки ба вазифаи туғроӣ Малик Аҳмадро таъйин созад, аммо Аҳмад вафот кард. Сипас, Сунқур Кафҷик ба Султон Муҳаммад дар бораи ӯ хабар дод ва султон вазифаи ишрофи мамлакатро ба зиммааш вогузор намуд [9, Ҷ.5, с.2361].

Аммо бо сабабҳои то имрӯз номаълум бар асари масмум гардидан риштаи умри Абевардӣ дар айни камолоти эҷодӣ канда шуд. Бар мабнои ахбори Имоди Котиби Исфаҳонӣ шоирро заҳр хӯронданду дар ҳоле ки пеши сарири султон қарор дошт, аз по афтид ва ӯро ба манзилаш равон сохтанд [3, с.219]. Дар робита ба масмум гардидани шоир муаллифи “Муъҷам ал-удабо” чунин зикр намудааст: “Ӯ бо Хатир ва Абӯ Исмоил ва Муин ва Шарафуддин ворид мегардид, ки ғайричашмдошт дар Исфаҳон рӯзи панҷшанбеи бистуми моҳи рабеъ-ул-аввали соли 507 ҳ. вафот ёфт ва дар Боб Тира мадфун гардид”[9, Ҷ.5, с.2360-2361]. Дар ағлаби масодири дигар ҳамин таърихро саҳеҳ шуморидаанд [6, Ҷ.3, с.49-52; 7, с.47-50; 2, Ҷ.4, с.449; 5, Ҷ.5, с.316]. Аммо дар тафовут аз масодири дигари зиндагии шоир Салоҳуддин Сафадӣ таърихи фавти шоирро соли 508/1114 дарҷ намудааст [8, Ҷ.2, с.66-67].

Аз ахбори болоӣ бармеояд, ки таърихи вафоти шоир ба 11 августи соли 1113 мелодӣ рост меояд.

Имоди Котиб дар мавриди ҳусни ахлоқи Абӯ Музаффари Абевардӣ ҳарф зада, ӯро рӯзона соиму шабонгаҳ шабзиндадор ба қалам додааст [3, с.217-218].

Қобили тазаккур аст, ки Абевардӣ яке аз қориёни забардасти “Қуръон” дар Абевард, баҳри беканори улуми арабӣ ва донандаи беҳтарини илми насаб ба шумор мерафт. Афзун бар ин, ӯ аз шоирону адибони шуҳратманди замони худ маҳсуб гардида, бо сабки матину устувор, маонии рақиқу латиф, табъи зарифу баёни фасеҳ миёни ҳамзамононаш мумтоз гардида буд.

Имоди Котиб дар “Харидат ал-қаср” қисмати аъзами фузалои аҳли Хуросон ва Ҳиротро ба шарҳи аҳволу осор ва бозгӯи ашъори шоир бахшидаву ӯро “ваҳиди замон, соҳиби иборoти фасеҳ ва истиороти малеҳ, маонии саҳеҳу мумтоз” муаррифӣ кардааст [3, с.217-218].

Ҷамолуддини Қифтӣ Абевардиро ягонаи замон, фариди даҳр дар маърифати забону ансоб ва соири улум муаррифӣ кардааст [6, Ҷ.3, с.49-52; 7, с.47-50].

Салоҳуддини Сафадӣ низ Абевардиро воҳиди асраш дар маърифати забону ансоб ба қалам додааст [8,Ҷ.2, с.66-67].

Воқеан ҳам эҷодиёти Абевардӣ хеле пурбору бовусъат буда, дар маъхазҳои муътабар китобҳои зеринро ба қалами ӯ мансуб донистаанд: “Таърихи Абевард ва Насо”, “ал-Мухталиф ва-л-муъталиф фи ансоб ал-араб”, “Табақот ал-илм фи кулли фанн”, “Мо ихталафа ва иъталафа фи ансоб ал-араб”, “Таиллит ал-мақрур” (дар васфи хунукӣ, гармӣ ва васфи Ҳамадон), “Қабсат ал-аҷлон фи насаб Ол Аби Суфён”, “Нуҳзат ал-Ҳофиз”, “ал-Муҷтабо мин ал-муҷтано”, “Таъиллат ал-муштоқ ила сокиний ал-Ироқ”, “Кавкаб ал-мутааммал” (дар васфи асп), “ад-Дуррат ас-самина”, “Саҳлат ал-қориҳ” (дар тардиди афкори Абулалоъ ал-Маарриӣ дар “Сақт аз-занд”) [6,Ҷ.3, с.49-52; 7, с.47-50; 8, Ҷ.2, с.66-67].

Таъкид ҷоиз аст, ки девони Абевардӣ ба “ан-Наҷдиёт” ва “ал-Ироқиёт” тақсимбандӣ шудааст. Бино ба гуфтаҳои Имоди Котиби Исфаҳонӣ ӯ девонашро мавсум ба “ал-Ироқиёт”, ғазалиёташро мавсум ба “ан-Наҷдиёт” ва ҳамчунин ашъори мутафарриқашро, ки аксараш тадвин нагардидааст, дар айёми ҷавонӣ қироат кардаву пас шамси фазоили ӯро дар фазои илм дурахшон дарёфтааст [3, с.219].

Салоҳуддини Сафадӣ ба ашъори шоир баҳогузорӣ намудаву аз ҷумла, чунин бозгӯ намудааст: “Ашъораш фаровон, осораш сершумор буда, шеъраш ба қисматҳо тақсимбандӣ шудааст. Аз зумраи онҳо “ан-Наҷдиёт” ва “ал-Ироқиёт” маҳсуб мешаванд... [8, Ҷ. 2, 66-67].

Мусаннифи “Вафайот ал-аъйон” дар баробари “ал-Ироқиёт” ва “ан-Наҷдиёт” роҷеъ ба мавҷуд будани девони шеърии шоир бо номи “ал-Ваҷдиёт” низ ҳарф задааст [2, Ҷ. 4, с. 445]. Оид ба нусхаҳои хаттии “ал-Ваҷдиёт” Карл Броккелман маълумот ҷой додааст [1,Ҷ. 5, с. 32].

Бино ба қавли Имоди Котиб ӯ ашъори Абевардиро аз Шамсуддин Абулфатҳ Натанзӣ дар Исфаҳон ба касрат шунидааст. Устоди мазкураш аз шахсияти шоир бо ҳиҷо ҳарф мезадаву аз шеъраш бо шодмонӣ сухан мерондааст.

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки Имоди Котиб арзиши шеъри Абевардиро баланд арзёбӣ намуда, дар тасбити андешоти хеш шеъри зерини шоирро иқтибос намудааст:

كلماتي قَلَائدُ الأعناق	سوف تفني الدُهور وهْي بواق
دَلَّ فيها الذهن الجَليُّ بألفاظٍ	رِقاقٍ على معانٍ دقاق
فقَريضي يَراهُ مَنْ ينقَد الأشعار	سَهل المرام، صَعْبَ المراقي

لم يشنه المعنى العويص و لا لفظ يكِدّ الأسماعَ مُرَّ المذاق

Гуфторам шаддаи марҷони гарданбанд аст,
Дунё фано хоҳад намуд, вале он боқӣ бимонад.
Ин ҳама бар заковати фасеҳ далолат намояд,
Ҳам алфози рақиқу маонии дақиқро бозгӯ созад.
Назми ман гар мунаққидони шеър бубинандаш,
Саҳл маром асту душворбаён.
Ҷорӣ нагардад маънии печидаву саргум,
Ҳам на каломи гӯшхароши қалбакӣ [3, с.219].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар масодири муътабар ашъори шуарои мухталиф дар ситоиши Абевардӣ низ сабт гардидаанд, ки аз онҳо метавон ҷойгоҳи ин шоири забардастро дар миёни муосирон ва адибони баъдӣ таъйин намуд. Чунин абётро дар маноқиби шоир Салоҳуддин Сафадӣ бозгӯ намудаву онро ба қалами Сайфуддин ал-Мишадд мансуб донистааст:

كيف خلاص القلب من شاعر دقت معانيه عن النقدِ
يصغر نثرُ الدرّ عن نثره و نظمه جلّ عن العقدِ
قد أفحم الواٰواءَ صُدغ له و الخدّ أودى بالأبيوردي
و شعره الطائل في حسنه طال على النابغة الجعد

Чӣ сон қалбро аз шоире барканам,
Ки маонии суханаш чӣ латиф аст.
Донаҳои гуҳар аз насри ӯ хурдтар аст,
Ҳам назми ӯ аз иқд бузургтар аст.
Хамӯш созад Воъвоъро бо шақиқа,
Ожанг бурда аз ҳаёт Абевардӣ.
Шеъри ӯ дар ҳусн соҳибқирон аст,
Бирасад ба Нобиғаи Ҷаъдӣ [8, Ҷ.2, с.67].

Ба андешаи донишманди араб Муҳаммад Зағлул Салом муҳаббат бар бодия дар дили шоир маскан гузидаву аз ин хотир, бо умарои араб иртиботи қавӣ дошт ва ҳамеша аз ин пайвандаш ифтихор мекард. Бино ба тасбити муҳаққиқи мавсуф дар ашъори Абевардӣ рӯҳи боризи шеъри Мутанаббиро метавон дарёфт [4, с.334].

Карл Броккелман шарҳи мухтасари зиндагиномаи Абевардиро бозгӯ намуда, ҳамзамон дар робита ба нусхаҳои хаттии девонҳои шеърии шоир, шореҳони онҳо ахбори арзишмандро матраҳ сохтааст [1, Ҷ.5, с.30-33].

Аз баррасии мавзӯи мавриди назар бармеояд, ки воқеан ҳам Абӯ Музаффари Абевардӣ аз зумраи чеҳраҳои фарҳехтаи адабиёти арабизабони форсу тоҷик ба шумор рафта, бо эҷодиёти ғановатмандаш дар тарвиҷи фарҳангу тамаддуни замони худ нақши бориз гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

14. Броккелман, Карл. История арабской литературы. - Издательство Исламских книг (Дор ал-Кутуб ал-исломӣ). – 6 томов. - Т.5. - 392 с.
15. Ибн Халликон, Абулаббас Шамсуддин Ахмад ибн Мухаммад. Кончина знатных лиц в сведениях современников. Исследование Ихсана Аббаса. - Бейрут-Ливан: Издательство “Дор Садир”. – 8 томов. - Т.2. - 557 с; - Т.4. – 501 с.
16. Имадуддин ал-Исфахани ал-Катиб. Жемчужина дворца и свиток современников. Часть превосходных учёных Исфахана. Предисловие и исследование Аднана Мухаммада Ол Туъма. – Тегеран: Издательство печати письменного наследия Зеркало наследия, 1999/1419. - 366 с.
17. Заглул Салам, Мухаммад. Литература в эпохе Айюбидов. – Александрия, 1990. - 595 с.
18. Ал-Зирикли, Хайруддин. Корифеи. Словарь автобиографий выдающихся мужчин и женщин среди арабов, арабистов и востоковедов. – Бейрут: Издательство “Дор ал-Илм лилмалойин”, 2002. – 15-ое издание. – 8 томов. - Т.5. – 336 с.
19. Ал-Кифти, Джамалуддин Абил Хасан Али ибн Юсуф. Знаменитые рассказчики среди известных грамматиков. Исследование Мухаммада Абулфазла Ибрагима. – Бейрут: Издательство “Дор ал-фикр ал-арабиййи”-Каир и “Муассасат ал-кутуб аль-сакафийя”, 1406/1986. - Первое издание. – 4 томов. - Т.3. - 395 с.
20. Ал-Кифти, Джамалуддин Абил Хасан Али ибн Юсуф. Поэты с именами Мухаммад и их поэзия. Исследование и предисловие Хасана Маъмари. - Парижский университет: факультет Литературы и гуманитарных наук, 1390/1970. - 462 с.
21. Ал-Сафади, Салахуддин Халил ибн Айбак ибн Абдаллах. Подробности кончинам; исследование Ахмада ал-Арнаута и Турки Мустафа. - Бейрут-Ливан:, Издательство Возрождения арабского наследия (Дор Иҳйо ат-турос ал-арабиййи), 1425/2000.- Первое издание. – 29 томов. - Т.2. - 302 с.
22. Ал-Хамави, Шихабуддин Аби Абдаллах Якут. Словарь литераторов. Исследование Ихсана Аббаса. - Бейрут-Ливан: Издательство “Дор ал-Ғарб ал-исломӣ”, 1993/1414. - Первое издание. – 7 томов. - 3441 с.

МУРУРЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДИИ АБӮ МУЗАФФАРИ АБЕВАРДӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба таҳқиқи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии шоиру донишманди забардасти аҳди Салҷуқиён Абӯ Музаффари Абевардӣ пардохтааст. Зимни омӯзиши масъалаи мавриди назар муҳаққиқ ба бисёр сарчашмаҳои адабӣ ва пажӯҳишҳои дар ин самт анҷомёфта руҷӯъ намудаву дар алоқамандӣ ба он нуктаҳои муҳимтарини ҳаёт ва эҷодиёти ин шоири забардастро бозгӯ намудааст. Бо овардани санадҳои боэътимоди илмӣ муаллифи мақола ба бисёр масъалаҳои рӯзгори Абӯ Музаффари Абевардӣ, фаъолияти илмиву адабии ӯ равшанӣ андохтааст. Ҳамзамон, муҳаққиқ бар мабнои ахбори маъхазҳои муътабари асримиёнагӣ ва пажӯҳишоти муосир дар робита ба осори адабиву илмии шоир маълумоти арзишмандеро ба қайд овардаву аҳамияти онҳоро собит намудааст, ки таҷассумгари мақоми баланди Абӯ Музаффари Абевардӣ арзиши баланди осори шоир дар адабиёти садаҳои XI-XII маҳсуб мешавад.

Калидвожаҳо: Абӯ Музаффари Абевардӣ, Имоди Котиби Исфаҳонӣ, Ёқут Ҳамавӣ, Салоҳуддин Сафадӣ, Ҷамолуддин Қифтӣ, Куфан, Зайнулмулк Амир Бурсуқ, Бағдод, Исфаҳон, Музтазҳир, Абулҳасан Сайфуддавла ибни Садақа, султони Салҷуқӣ, Ҳамадон, Низомия, Шамсуддин Абулфатҳ Натанзӣ, Муҳаммад Зағлул Салом, Карл Броккелман.

ОБЗОР ЖИЗНИ И ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АБУ МУЗАФФАРА АЛЬ-АБЕВАРДИ

В данной статье автором затронуты вопросы, касающиеся изучения жизни и деятельности знаменитого поэта и ученого эпохи Селджукитов Абу Музаффара аль-Абеварди. Исследуя данный вопрос, автор статьи приводит комментарии различных средневековых ученых, а также результаты исследований современных исследователей, касающиеся разных моментов из жизни Абу Музаффара аль-Абеварди, а также его научной и литературной деятельности. Основываясь на сообщения различных средневековых источников и современных исследований, о жизни и деятельности поэта, исследователь приводит ценные сведения с комментариями, которые поистине доказывают большую роль Абу Музаффара аль-Абеварди в арабоязычной персидско-таджикской литературе XI-XII вв. и значимость его произведений.

Ключевые слова: Абу Музаффар аль-Абеварди, Имад Катиб аль-Исфахани, Якут аль-Хамави, Салахаддин аль-Сафади, Джамалуддин аль-Кифти, Куфан, Зайнулмулк Амир Бурсук, Багдад, Исфахан, Музтазхир, Абулхасан Сайфуддавла ибн Садака, султан Салджукитов, Хамадан, Низамия, Шамсуддин Абульфатх аль-Натанзи, Мухаммад Заглул Салам, Карл Броккелманн.

SURVEY OF ABU MUZAFFAR AL- ABEVARDI'S LIFE AND WORK

The author of the article dwells on Abu Muzaffar al- Abevardi`s life and literary productions being the poet and scholar of the Seljuk period. Considering the relevant issue, the author of the article adduces the commentaries of the different medieval researchers concerning various moments of Abu Muzaffar al- Abevardi's life and literary and scientific activities. Designing on the premise of messages of diverse medieval resources and contemporary explorations related to Abu Muzaffar al- Abevardi's activity, the author of the article gives precious messages with commentaries, that truly prove his high position in Arabic Persian-Tajik literature referring to the XI- th – XII-th centuries and significance of Abu Muzaffar al- Abevardi's literary productions.

Key words: Abu Muzaffar al- Abevardi, Imodi Kotib Isfahani, Yaqut al-Hamawi, Salohuddin Safadi, Jamoluddin Qifti, Kufan, Zaynulmulk Amir Bursuq, Bagdad, Isfahan, Muztazhir, Abulhasan Sayfuddawla ibn Sadaqa, Seljuk Sultan, Hamadon, Nizomiya, Shamsuddin Abulfath Natanzi, Muhammad Zaglul Salom, Karl Brokkelmann.

Сведения об авторе: ***Ризоева Парвина*** **-** Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова, ассистент кафедры английского языка факультета языков Азии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр. Мавлянбекова 1. Тел.: **(+992) 93-101-31-41**

Information about the author: ***Rizoyeva Parvina*** - Khujand State University named after Gafurov, Assistant of the English Language Department, Faculty of Languages of Asia. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlyanbekova Ave. 1. Tel.: **(+992) 93-101-31-41**

УДК: 891.550 : 82

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ НАСРИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Ҳайдарова С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Эҷодиёти нависандагон муарррифгари афкору андеша, ҷаҳонбинӣ, малакаву салиқаи ҳунари онҳост, ки дар шакли жанрҳои бадеӣ зуҳур кардаанд ва ба ин васила муносибати эҷодкорро ба одаму олам муайян намудаанд. Маҳаки асосии омӯзиши ҳаёту фаъолияти адиб эҷодиёти ӯст. Муҳити фарогирифта, устодон, доираи фаъолият, омӯзиши пайваста ва талошу заҳматписандӣ омилҳои сайқали маҳорати бунии эҷодкорро таъмин месозанд. Шахс дар ҷамъият зиста, аз қонунҳои навиштаву нонавиштаи он берун буда наметавонад, зеро онҳо дар фаъолияти рӯзмарраи инсон омилҳои таъсиргузоранд. Ҳамовозии адибони тоҷик ба рӯйдодҳои замон, ба тақдиру сарнавишти инсон ва тасвиру тадқиқи бадеии он замина таҷассум мегардад.

Ҳар як нависанда эҷодиёти худро вобаста ба замони зиндагониаш офарида, бо талаботи давру замон фаъолият менамояд. Абдулҳамид Самад ҳам чун яке аз

нависандагони забардасти муосир тавассути офаридаҳои пурмазмуни худ муносибати хешро нисбати фалсафаи ҳаёти воқеӣ ба қалам медиҳад. Осори адиб гуногунмавзӯъ буда, масоили марбут ба инсонро ҳамчун меҳвари асосии ҳастӣ фаро гирифтааст. Вобаста ба такомули ҳунари эҷодӣ ва тағйирпазирии вазъи замони эҷодиёт марҳалаҳои рушди насри нависанда ба марҳалаҳои зерин тақсим карда шуданд:

1. Марҳалаи аввал аз солҳои 1970 то 1992
2. Марҳалаи дуюм аз солҳои 1992 то 2007
3. Марҳалаи сеюм аз солҳои 2007 инҷониб

Марҳалаи аввал аз ибтидои солҳои ҳафтодум сар шуда, ҳикояҳои “Ду гусел” (1972), “Субҳ медамад”(1974), “Нони гарм”(1974), “Шикор”(1975), “Қарз”(1976), “Ришта”(1976), “Навои най”(1977), “Модар”(1978), “Сафеду сиёҳ”(1978), “Боздиди падар”, Ҳазл”(1881), “Пиёлаи шикаста (1983), Гули наврӯзӣ (1983), “Акаи ошиқ” (1988), “Асп мерафт”, “Мурофиа”, қиссаҳои “Баъд аз сари падар”(1980)”, “Косаи давр”, “Паррончакҳо” (1983), “ Аспи бобом” (1986) маҳсули ин давраи эҷодиёти адиб мебошанд. Ҳар як офаридаи нависанда дорои сужет ва бандубасти устувору амиқ буда, дар онҳо хусусияти таъсирбахшоии пурқувват эҳсос карда мешавад, ки дар давраи муайян эҷод шуда, аз ҳам тафовут доранд.

Солҳои 1970-ум, ки давраи аввали эҷодиёти адибро ба он мансуб донистем, сохти сиёсии шӯравӣ ҳукмронӣ мекард, лекин насими бозсозиву ошкорбаёнӣ вазидан дошт ва дар мавзӯъ ва муҳтавои осори адибони давр дигаргуниҳо мушоҳида мешуд. Нависандагону шоирони тоҷик дар мавзӯъҳое, ки қаблан мамнуъ буд, офаридаҳои хондании ва мақбули завқи хонанда эҷод карданд. Шоироне чун Л. Шералӣ, Б. Собир, М. Қаноат, А. Сафар, Гулрухсор ва дигарон бо ашъори соф миллии худ дар васфи Ватан, забон, таърихи миллат ва арзишҳои маънавиву миллии мо, шурӯъ аз оғози солҳои бозсозӣ ва ошкоргӯӣ, бо ҳисси баланди миллатпарастиашон ашъоре ба вуҷуд оварданд, ки чун шоҳкорҳои худшиносии миллӣ эътироф гардидаанд.

Масалан, солҳои 70-ум рӯйи чоп омадани шеъри “Забони модарӣ”- и Бозор Собир шӯру шаре миёни мардум афканда буд, зеро он мавзӯъҳои мамнуи даврони шӯравиро дар бар гирифта, намунаи барҷастаи худшиносии миллист. Лоиқ Шералӣ низ дар шеъри “Китобҳои шаҳид” чӣ гуна несту нобуд кардани китобҳои қадимаро бо сӯз тасвир карда, таманно мекунад, ки ҳайкале ба сони ҳайкали аскари гумном ба хотираи ин китобҳои шаҳид гузошта шавад бо тарҳи “китоби даргирифта дар дасте, Зи ҳар сафҳааш шароре барҷаҳад ҷовид...”.

Нависандагоне чун Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, Ҷ. Одина, П.Толис ва дигарон низ дар асарҳояшон ба тасвири бадеии воқеият ва андешаҳои ботинии инсон бо нигоҳи ҷадид ва ормонҳои миллӣ шурӯъ карданд. Асарҳои “Ман гунаҳкорам”- Ҷ. Икромӣ, “Палатаи кунҷакӣ” – и Ф.Муҳаммадиев, “Тобистон” – и П.Толис, “Гузашти айём” – и Ҷ.Одина намунаҳои асарҳои барҷастае ҳастанд, ки ба арсаи адабиёт бо навгониҳои ҷолиб ворид шудаанд. Зуҳури навгониҳову тозапардозиҳо ва усули нави тадқиқи бадеии ботини инсон ва тасвири он торафт авҷ мегирифт.

Абдулҳамид Самад низ давраи аввали эҷодиёташро дар ҳамқадамӣ бо ин адибони тозагӯ ва чун яке аз шогирдони мактаби адабии Фазлиддин Муҳаммадиев шурӯъ намуд. Ба ақидаи муҳаққиқ Ҷ. Бақозода “ҳанӯз ҳамон солҳо, ҳатто, дар ҳикояҳои шогирдонаи ӯ нишонаҳои барои нависандаи баркамол хосро мушоҳида метавон кард” [2, с. 15]. Воқеияти зиндагии мардуми аз ҷиҳати касбу кор гуногун, тасвири манзараҳои табиати хушманзараи диёр, тавсифу ташвиқи хислатҳои неки инсонӣ ва накуҳиши аъмоли зишт, танзу ҳаҷви падидаҳои номатлуби ҳаёт асоси эҷодиёти ӯро ташкил доданд.

Аз оғози кор сабки хосси фардии нависанда зоҳир шуд ва баъд аз интишори маҷмӯаи аввали А. Самад бо номи «Шохи чанор» (1981) устодон С. Табаров, Х.Шарифов, А.Саъдуллоев, Ш. Исмоилов, Ҷ. Бақозода, А. Абдуманонов, М.Имомиён, К. Шукруллоев, Ҷ. Акобиров, А.Набавӣ ва дигарон осори А. Самадро мавриди тадқиқ қарор додаанд. “Ин равияи тару тозае, ки дар насри солҳои 70-80-ум А.Самад чи дар повест ва чи дар ҳикояҳояш пеш гирифтааст, – қайд кардааст С. Табаров, – бо талаботи давр, андешаҳои одамон роҷеъ ба ҳаёти ин замон ва амсоли онҳо ба вуқӯъ омадааст” [8, с. 196].

Нависанда саҳнаҳои зиндагӣ, тазодҳои рӯзгор, муносибати байниҳамдигарӣ, андешаву эҳсосоти инсон ва воқеиятро реалистона, дар тарозуи ақл санҷидаву баркашида, амиқу дақиқ ва ҳаққонӣ пешорӯйи хонанда мегузорад. Ҳангоми мутолиаи ҳикояҳои нависанда чунин ба назар мерасад, ки хонанда ин воқеаро дидааст ё бевосита вақти вуқӯи он иштирок доштааст, худро андаруни воқеаву ҳодисаҳои тасвиршаванда тасаввур мекунад. Дар симои қаҳрамонҳои онҳо шахсони ба худ шиносро меёбад. Чунин ҳиссиётро

образҳои типикунонидаи нависанда дар хонанда ба вуҷуд меорад. “Ман аз 10-20 характер як қаҳрамон меофарам” [5, с. 13].

Адиб дар натиҷаи омӯзиши ҳаёти даҳҳо нафар, хислату характери онҳо қаҳрамони худро меофарад. “Равияи тару тоза” ва рангорангии сабки фардии эҷодӣ, забони фасеҳу фаҳмо дар офаридани ҳақиқати бадеии воқеияти ҳаёт зуҳур карда, боиси ҷолибияти асарҳои А. Самад гаштаанд.

Маҳз ҳамин ҷиддият буд, ки яке аз аввалин ҳикояҳояш соли 1972 дар рӯзномаи “Тоҷикистони советӣ” (ҳоло Ҷумҳурият) чоп шуда, дар озмуни ҳамин рӯзнома ҷойи дуюмро гирифт ва ба нависандаи ҷавон илҳоми тоза бахшид. Ин ҳикоя дар маҷмӯаи осори нависанда нахустин асари асил шуморида шудааст. Дар ҳикоя матонату иродаи қавии қаҳрамони асосӣ – Зикамоҳ тасвир шудааст, ки бо вуҷуди зарбаҳои зиёди тақдир сарбаландонаву босубот, ҷигарбандони худро бо рӯҳи тавоно ва меҳри модарии беандоза ба майдони ҷанг гусел мекунад. Аз ду писари паҳлавон танҳо ду пора коғаз – хатти сиёҳ боқӣ мемонад. Ҳангоми гусели фарзанди дуюм модари дилреш ба ҷойи шевану нола ба даст дутор гирифта, сурудеро бо сӯзиши дилу ҷигар замзама мекунад, ки аз ин рафтори мардонаи ӯ тамоми аҳли деҳа сӯзи ботиниашро дарк намуда, ба риққат меоянд. Дар ҳикоя рӯҳи тавоно ва муҳаббати ҷӯшони модар дар мадди аввал меистад. Дили бузурги модар хунрез буду метапид, вале барои он ки рӯҳи сарбозон шикаставу қалбашон озурда нашавад, зоҳиран ӯ сӯзи ботинашро нишон намедод. Писаронашро бо сари баланд, вале дили хуншор ба ҷанги хонумонсӯз фиристод. Ғояи аслии ҳикоя ватандӯстиву мардонагист, ки нависанда ҳифзи ватану марзу бумро новобаста аз ҷинсу мартаба вазифаи ҷонии ҳар як инсони ватандор медонад.

Мунаққид Ҷ. Бақозода оид ба давраи аввали фаъолияти адабии А. Самад, сайри марҳалавии ҳунарии нависанда ва таҳаввули назаргоҳи вай чунин қайд кардааст: “Дар давраи аввали фаъолияти худ Абдулҳамиди Самад ба таҳқиқи бадеии мавзӯъҳои рӯзмарра хеле эҳтиёткорона наздик мешуд. Аз ҷиҳати сохт ин ҳикояҳо содаанд. Баҳсҳои адабиро гӯё аз канор истода мушоҳида мекард ва худ аҳён-аҳён ширкат меварзид. Пас аз ҳикояҳои “Мурофиа”, “Мактаби Шоҳтут”, “Пиёлаи шикаста”, “Ҳазл” ва махсусан баъди қиссаи “Баъд аз сари падар” назари нависанда ба одаму олам, ҳодисаҳои адабӣ, асарҳои тозаи адибон хеле дигар шуд ва ҷиддитар гардид. Дар асарҳои номбурда дахолати нависанда дар тасвири умдатарин масъалаҳои ҳаётӣ фаъол буда, ба эътибори сохт ва шакл низ печидаву мураккабтаранд” [2, с. 21]. Аз рӯйи таҳлилҳои мунаққид Ҷ. Бақозода фаъолнокии равиши кории нависанда дар офаридаҳои минбаъдааш авҷ мегирад. Мегӯянд, ки кори неку кардан аз пур кардан аст, вале аз аввалин ҳикояҳояш сифати характерноки эҷодиёти А. Самад баръало намоён буд, ки майлу рағбати ӯро ба ҳалли бадеии масоили гуногуни ҳаёт муайян мекард. Таҷрибаандӯзӣ дар ҷодаи нависандагӣ ва дар арсаи ҳаёт, таълифи силсилаи очерку лавҳаҳо ва ҳикояҳо маҳорати ӯро сайқали бештар доданд. “Танқиди адабӣ камолоти эҷодии Абдулҳамид Самадро ба охири солҳои ҳафтод ва даҳаи ҳаштоди қарни бисти милодӣ нисбат медиҳад. Ин марҳалае мебошад, ки адиб ба навиштани қисса-повест мепардозад, аммо ҳамоно ҳикоянависияшро идома медиҳад. Дар ин боб маҷмӯаи ҳикояҳои “Мурофиа” (1979), “Ҳазл” (1981), “Зодрӯз” (1982), “Пиёлаи шикаста” (1983), “Гули наврӯзӣ” (1983), “Шаҳсутун” (1988) ва ғайра хеле ҷолиби диққат мебошанд” [1, с. 602]. Шояд мунаққид Х. Асозода ин давраи эҷодиёти адибро оғози камолоти эҷодии ӯ дар назар дошта бошад, зеро баъдҳо А. Самад асарҳои зиёде, чи аз назари мазмуну мундариҷа ва чи аз назари банду басти ғоявӣ пуркувватро офарид, ки дар назари хонандаи закитабъ комилтару босифаттар ҷило медиҳанд. Дарунмояи асари бадеӣ ё бораи дигар, ҷилои ҷавҳари он аз ҷаҳонбинӣ ва дониши амиқи нависанда дарак медиҳад. Асарҳои бадеӣ, мақолаҳои А.Самад дар бораи раванди адабиёт, мақолаҳои публитсистии фаровонаш гувоҳи дониши зиёд ва андешаҳои бикру огоҳии амиқи ӯ дар соҳаи офариниши сухани бадеӣ мебошанд. Ин давраи эҷодиёти А. Самадро, барҳақ, метавон ба ҳайси оғози кӯшишҳои собитқадамона ва бурдборонаи вай дар иртибот бар қареҳаи устувораш дар эҳёи арзишҳои миллӣ дар қатори маъруфтарин адибони он даврон ҷой дод.

Ба давра ё марҳалаи дигари эҷодиёти А.Самад осори солҳои 90-уми садаи XX ва ибтидои садаи XXI эҷодкардаашро ворид кардан мумкин аст. “Маҳбус”, “Сарлашкар”, “Рӯдапо”, “Талош”, “Ҳавои тирамоҳ”, “Шаҳдрези садо” (1996), ҳикояи “Ҷигарсӯхта” маҳсули ин давраи адибанд. Ба қавли нависанда: “Марҳалаи дувуми эҷодиётам, шурӯъ карда аз қиссаи “Маҳбус” (1992), бештар армонҳои миллиро фаро гирифт. Яъне ман аз дигаргун шудани рӯзгор истифода карда, кӯшидам, ки ба армонҳои миллӣ, ба таҳқиқи бадеии рӯзгори миллат машғул шавам” [5, с. 12]. Таҳқиқи бадеии рӯзгори миллат, тасвири ботинии қаҳрамон дар муносибати ӯ ба рӯйдодҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, муносибати

байниҳамдигарии одамон дар лаҳзаҳои мухталиф ва ҳолатҳои психологиву андешаҳои таҳлилии онҳо тавассути тасвири воқеӣ аз усулҳои нигориши адиб ба шумор меравад.

Ин давра оғози пошхӯрии Иттиҳоди абарқудрати Шӯравӣ буда, қайди нависанда ҳам дар мавриди "аз дигаргун шудани рӯзгор..." ишора ба табодулоти сиёсӣ мебошад. Ин айёми ҳассос аз хонанда, адиб умуман аз ҷомеа худшиносу миллатдӯст ва зираку огоҳ буданро талаб мекард. Кишварҳои истиқлолбадастоварда мебоист ҳомии арзишҳои милливу муқаддасоти худ бошанд. Армонҳои миллиро фаро гирифтани эҷодиёти адиб низ ба ҳамин маънист, зеро ба тоҷики азияткашида ин дафъа ҳам ҷафои таърих домангир шуд. Зарур буд, ки ҳама сарҷамъона барои ободиву пешрафти давлати дар вартаи ҳалокат қарордошта бархезанд, то давлату миллатро аз чанги нобудӣ халос кунанд. Бо кӯшишу ҷонталошиҳои Президенти ҷавони кишвар оҳиста-оҳиста ба бадани дардманди Ватан ҷони тоза дамид, захмҳо рӯ ба шифоёбӣ ниҳоданд. Аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ Сарвари давлат ва ҳукумати кишвар бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали баъди ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилиҳо дар танзиму идораи давлати ҷавони соҳибистиқлол, дар самти эҳёи таърихи гузаштаи миллати тоҷик, гиромидошти фарзонафарзандони миллат ва ёдгориҳои таърихӣ ташаббусҳои зиёди шоёни таҳсин ба анҷом расониданд, ки ҳадаф аз ин тадорукот дар замири насли наврас бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ ва талоши зинда гардонидани ҳофизаи таърихӣ буд. Огоҳӣ аз таърих ва фарҳангу маданияти хеш шарти муҳимми худшиносиву худогоҳист.

Давраи дуюм, ки ба даврони дигаргуниҳои куллии сиёсиву иҷтимоӣ дар кишвар рост меояд, дар эҷодиёти А.Самад давраи сифатан наве буда, бештар армонҳои миллиро фаро мегирад. Ӯ ба таҳқиқи бадеии рӯзгори миллат дар мавриди дигаргун шудани армонҳои миллӣ шурӯъ менамояд. Акнун баъди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон арзишҳои миллии тоҷикон дигаргуна буданд, ба таърихи гузаштаву фарҳанги қадима бо нигоҳу фаҳмиши тоза баҳо медоданд. Даври дуюм ба даврони эҳёи миллат баъд аз ҳазор сол рост меояд.

"Маҳбус"(1992) натиҷаи мушоҳидаҳои чандинсолаи нависанда ва бозёфти нодири вай аст. Нависанда қаҳрамонҳо, персонажҳо, образҳои қиссаро дар даврони донишҷӯияш, ки дар маҳаллаи Хиштгарони шаҳри Душанбе, дар наздикии ҳабсхонаи шаҳр воқеъ буд, зери мушоҳида гирифта буд. Ҳамарӯза ба коргоҳҳо бурдану овардани онҳоро бо мошинаҳои махсуси ҳабсхона медид, аз ҳамсояҳояш, ки дар ҳабсхона дар вазифаҳои гуногун кор мекарданд, дар бораи ҳаёти маҳбусон қиссаҳои аҷоиб мешунид. Ин маълумотҳо дар дили нависандаи оянда хоҳиши дар бораи ин қишри ҷомеа чизе эҷод карданро пайдо мекарданд. Ин мақсади худро А.Самад замоне ба амалӣ кардан шурӯъ кард, ки, аллакай,дар адабиёти муосири тоҷик чун нависандаи сермаҳсул шинохта шуда буд. Ӯ имконият пайдо кард, ки донишу таҷрибаашро дар ин мавзӯъ пурра кунад, баъзе маҳбасҳои шаҳри Душанберо бубинад, аз ҳаёти дохилии зиндониён бохабар гашта, бо баъзеи онҳо ҳамсуҳбат шавад. Ва тавонист дар интиҳо қиссае биофарад, ки "мислаш дар таърихи адабиёти шӯравӣ вуҷуд надорад..." [7, с.325]. Мунаққид А. Сайфуллоев қиссаи "Маҳбус"-ро таҳлили ҷиддӣ ва доманадор кардааст. Нависанда Маҷид Салим ҳам дар бораи ин қисса андешаҳои ҷолиб дорад: "Қаҳрамонҳои қиссаи нави Абдулҳамиди Самад "Маҳбус" дар байни мову шумо мебошанд, вале мо баъзан онҳоро нодида мегирем. Ана ҳамин мазмунро нависанда пайгирона ба риштаи тасвир кашидааст..." [3, с.5].

Дар ин маврид ҳақ бар ҷониби Маҷид Салим аст. Ин воқеияти ҳаёт аст, ки чун шахс маҳбасӣ шуд, аллакай, фикрҳо, андешаҳо, назарҳо ба сӯяш дигаргуна мешаванд, ба рӯяш хатти батлон кашида мешавад. Гӯё ӯ дигар асолати инсон будан, эҳсос доштанашро аз даст медиҳад, ба сурати либоси сиёҳдор табдил мегардад. Таҳлили бадеии ин мавзуи ҳассос дар асарҳои адибони зиёди хориҷӣ низ баррасӣ гардидааст. Аз ҷумла, дар асарҳои Ҷ. Лондон "Межзвёздный скиталец", О.Уалд "Из глубин тюремная исповедь", А. Дюма "Граф Монте Кристо", В. Набоков "Приложение на казнь" ҳаёти пасипанҷарагии сокинони зиндон ба таври муассир тасвир ёфтааст.

Яке аз дастовардҳои А.Самад дар таълифи "Маҳбус" дар он аст, ки дунёи ботинии образи Филро бо вуҷуди тамоми касифӣ, хунсардӣ ва бераҳмияш яктарафа не, балки ончунон мекушояд, ки ҷиҳатҳои мусбати характераш ошкор шуда, дар қалби хонанда бо вуҷуди тамоми гуноҳҳояш нисбати ӯ ҳисси дигаре, мисли дилсӯзӣ ё раҳмхӯрӣ пайдо мешавад. Чунки Фил бо вуҷуди рафторҳои ваҳшиёна доштанаш як ҳайвони ваҳшӣ нест, даруни сина дил ҳам дорад, андешапарвар аст, ба дигарон ошкор накунад ҳам, умри гузаштаи худро таҳлил ва худашро ботинан сарзаниш мекунад, ки "солҳои ҷавонӣ ишқ ба ёдат нарасид, сарсарӣ, кӯр-кӯрона зистӣ" [6, с. 65]. Фил ба умри барабас рафтааш нафрат дорад. Ба гуфтаи устод Сотим Улуғзода, "нависанда бояд ҳангоми иншои асар ҳафт ранги камони рустамро баҳунарона истифода бурда тавонад". Истифодаи рангҳои ҳархела дар

офаридани асари бадеӣ – моҳияти воқеаро аз ҷиҳати мусбату манфияш кушодан, инсонро бо тамоми хӯву хислаташ табиӣ офаридан, ҳунару заҳмати сангин талаб мекунад. Инсони пок ҳам, мутаассифона, метавонад амали норавое ба анҷом расонад ва мешавад, ки аз шахси бадрафторе амали солеҳе ба манфиати ҷомеа сар мезанад. Сабақҳои зиндагӣ, маҳрумиятҳои зиёд, ошноӣ ва шиносоӣ бо одамони гуногун, ҳамсуҳбатӣ бо онҳо боис гардидааст, ки Фил ҳам дар доираи фаҳмиши худ дар бораи тақдири худу дигарон, муҳити маҳбасу фалсафаи ҳаёт пайваста андеша кунад.

Қиссаи “Маҳбус” мисли қиссаҳои “Баъд аз сари падар” ва “Паррончакҳо” қиссаи таҳкиявӣ аст. Образҳои қисса Фил (номи аслияш Сафар), Бебок, Муш, Носеҳ, Аждаҳор, Дарвозабони дӯзах ва дигарон - сокинони маҳбаси деворҳояш симхорпеч мебошанд. Ҳар кадоми инҳо лақаб доранд. Фил образи мураккаб аст, ӯ умри худро дар маҳбасҳои гуногуни даврони шӯравӣ гузаронидааст. Таҷрибаи рӯзгор Филро хеле андешаманд, пухтаву солор гардонидааст. Ӯ шахсони дурӯғгуву нопокро чашми дидан надорад. Баръакс, ашхоси асилу ҳақиқиро эҳтиром менамояд, ба қадри онҳо мерасад. Нависанда паҳлуҳои гуногуни ин образи мураккабро чун рӯҳшиноси дақиққор ба тадриҷ мекушояд. Ин амалро ӯ ба воситаи муносибати Фил бо дигар образҳо – бо ҳаммаҳбасҳояш ва кушодани андешаҳои фардии ӯ анҷом медиҳад. Муносибати ӯ бо дигарон, хотираҳояш дар бораи айёми кӯдакӣ аҷибанд. Ба ин васила нависанда ба тадриҷ дарунмояи ин симоро мекушояд, ӯро пеши хонанда муаррифӣ мекунад, заминаҳои ба ин гуна махлуқи бераҳм табдил ёфтани инсонро нишон медиҳад. Муҳити носолими оила, падари маишатпарасту бераҳм, модаркалони шаттоҳи берӯ, модари бемору дастнигар-инҳо манзараҳое буданд, ки барои Сафар (Фил) ба хотир оварданашон хеле дардноку ҳавлангез буд, зеро сабабгори ба чунин рӯзҳои мудҳиш гирифтор шуданашро аз инҳо медонист. Ӯ акнун падари маишатдӯст ва нисбати писараш бепарво ва модаркалонеро, ки як вақтҳо барои пуштибонии набераи ҷангарааш тайёр буд бо тамоми мардуми дунё дастбагиребон бошад, бадтарин душманони худ медонист, чунки бо вуҷуди хунсардияш аз рӯзгори алҳол доштааш ботинан нафрат дошт. Агарчи ӯ ”шоҳи маҳбас” буду дар атрофаш хушомадгӯёни зиёд дошт, бо шуури авбошонааш дарк мекард, ки дар қатори пасти мардум қарор дорад.

Дар “Маҳбус” А.Самад маҷмӯи хислатҳои разилонаи одамиро таҳлил кардааст. Ӯ ҳушдор медиҳад, ки инсон бо мураккабии тинати хеш қодир аст корнамоиҳои беназир, амалҳои шоистаро анҷом диҳад ва ҳамзамон ҳамин инсон, баръакс, метавонад бераҳмтар, хунхортар ва касифтар аз ҳайвони ваҳшӣ бошад. Аз ин рӯ, аз қадимулайём то кунун шинохти ботини инсон, ташхиси рӯҳияи ӯ яке аз мушкилтарин амалҳо ба шумор меравад.

Нависанда дар охири қиссаи мазкур чунин менависад: “Ниҳоят аз кашокаши сангини “Маҳбус” озод шудам. Намедонам ин қисса ба дили касе роҳ меёбад ё не. Ба ҳар ҳол, ҳадаф аз иншои “Маҳбус” он аст, ки хонандаи гиромӣ баъди мутолиа дар ин рӯзҳои пуршарру шӯр (Ҷанги шаҳрвандӣ дар назар аст – Ҳ.С.) ба оинаи ботину зоҳири худ бингарад ва аз пайи раҳидан аз маҳбаси хеш шавад...” Маҳбаси хеш, ба ақидаи ӯ, ҷаҳолат, кина, хирс, касифию палидӣ, бефарҳангӣ, умуман хислатҳои ношоиста мебошанд, ки аз кулли маҳбасҳо метавон раҳид ба ҷуз аз маҳбаси бадтинатиҳо. Умре ғуломи нафсу хислатҳои номатлуби хеш шудан маънои маҳбуси якумрӣ буданро дорад.

“Рӯдапо” низ маҳсули давраи дуюми эҷодиёти нависанда мебошад. Номи қисса - “Рӯдапо” тамсилист. Рӯдапо номи ҳайвони асотирӣ аст, ки дар биёбонҳо маскан дошта, пойҳои рӯдамонандаш василаи печонида гирифтани туъмаи ӯст. Яъне, маҳз пойҳояш василаи ба даст афтондани сайди ҳайвонанд, барои қонеъ намудани нафс. Нависанда ашхоси мансабдӯсти гурусначашмро ба рӯдапо монанд кардааст, ки аз онҳо ҷуз ҳарисӣ ва тангназарӣ чизе барнамеояд, манфиати мардум ва хизмат ба онҳоро дар гӯшаи хаёл ҳам надоранд. Одами калон ва лаганбардорони ӯ ҳамеша дар фикри фоидаву осоиши худ буда, бо хислатҳое чун мардумфиребӣ, сӯйистифода аз мансаб, ришвахӯрӣ, ғуруру такаббур барин хислатҳои худ умр ба сар мебаранд. Ин хислатҳои нолоиқ ҳамқаторони Одами калонро чун тори анкабут печонидаанд, ҷуз манфиатҳои шахсии худ дигар чизеро намебинанд, ба қавли мардум “чашмашон равған гирифтааст". С.Табаров дар номаҳояш ба нависанда навиштааст: “«Рӯдапо» давоми мантиқии ҳамаи ҳикояҳои навоварона, санъаткорона ва махсусан воқеии Шумост. Вале дар ин роҳ Шумо ихтироъкори бомаҳорате мебошед, ки дар новелистикаи советии тоҷик ин ихтироъкорӣ нодир аст» [9, с. 115].

Фазлиддин Муҳаммадиев “Косадум” ном памфлет дорад, ки дар он ҷо нависанда ашхоси манфиатҷӯву бахилро ба ҳайвони захрдор – косадум монанд мекунад, ки бо тақозои табиати худ ба мардум зарар мерасонанд ва аз ранҷи онҳо ҳаловат мебаранд. Монандии ин ду образ - Косадум ва Одами калон дар тинати ифлос ва муқтазои

табиаташон мебошад, ки зарар расондан ба касон ҳадафи онҳост. Адиб дар қисса Одами калон ва балегӯёни ӯро мазаммат карда, дар охир аз забони ҷавони ронанда онҳоро “мазори бешафоат” хондааст. Одами калон танҳо баъд аз ба нафақа баромаданаш мефаҳмад, ки ӯ ба касе лозим нест, зеро дар муддати зиёди сарварияш дар ҳаққи касе амали неку савобе ба анҷом нарасонидааст. Фил аз қиссаи “Маҳбус” ва Одами калон аз қиссаи “Рӯдапо” образҳои манфианд, онҳо бо сабаби иҷрои аъмоли нолоиқи худ чунин ном гирифтаанд, вале чун нек назар андозем, Филе, ки қариб тамоми умри худро дар зиндонҳо гузаронидааст аз Одами калон, ки онҳоро аз ҳашароти зараррасон ҳам пасттар мешуморад, бартарӣ дорад. Аҷаб, ки Фил як дасташро ба корҳои савоб, дасти дигарашро ба гуноҳ мезанад. Чунки агар Филро муҳити иҳотакардааш ба пастӣ тела диҳад, Одами калон худаш муҳитро ба пастӣ мебарад. Дар феълу атвори Фил бо вуҷуди вазъияти сангини маҳбас гоҳ-гоҳ нишонаҳои одамигарӣ зоҳир мешавад, вале дар Одами калон бо вуҷуди дар муҳити орому осуда, болои сарвату давлат зистанаш аз нишонаҳои мамнуниву хушрафторӣ ё хушзабонӣ – инсонигарӣ дараке нест. Такаббуру ғурур, сӯйистифода аз мансаб, нописандӣ нисбати зердастон ӯро аз маҳбуси одамкуш ҳам зиштрӯву тирадилтар гардонида буданд.

Муборизаи баҳамзидҳо аз замони пайдоиши тафаккуру фаҳмиш дар рӯзгори инсоният мушоҳида мешавад. Ин мавзӯъро адибон олимон, носеҳон, воизон, умуман, одамон бо тарзу намудҳои гуногун ифода мекунанд. Дар адабиёт ҳам тасвири ин мавзӯъ бо роҳҳои мухталиф ба чашм мерасад. Шоирон дар ашъори худ, носирон дар насри хеш ба умқи ин мавзӯъ назар карда, ба аҳли башар муроҷиат мекунанд, ки аз аҳли некукорон бошанд ва кас “аз дасту забони хеш наёзоранд”. Дар эҷодиёти А.Самад низ ин мавзӯи ҷовидона мавқеи хосса дорад ва гуфтан мумкин аст, дар ҷойи аввал меистад. Мо дар ҳамаи ҳикояву қиссаҳояш мебинем, ки ӯ ба мавзӯи муборизаи некиву бадӣ мароқи хосса зоҳир мекунад. Ҳамеша ғолибияти аввалиро ба баъдӣ салоҳ медонад.

Чунонки мушоҳида мешавад, нависандаи закитабъ дар ин марҳалаи эҷодиёти хеш ба дастовардҳои назаррасе дар тасвири ҷомеаи даврони худ, яъне реаливу воқеъбинонаи ҳолати ботинии образҳои мусбату манфии асарҳояш даст ёфта, тавонистааст бо ин васила дунёи ҳаққонии даврони мазкур ва шахсони алоҳидаро ба рӯйи хонандаи худ бикушояд.

Давраи сеюми эҷодиёти адибро мо аз романи “Гардиши девбод” ҳисобидем, ки ин роман дар даврони ҷавлони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст. Вале он васфи навсозиҳову пешравиҳои Ватанро не, балки мушкиливу дар вартаи ҳалокат қарор доштани онро дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ дар бар мегирад. Ба қавли худи нависанда, мақсад аз ин мавзӯъро матраҳ карданаш аз он иборат аст, ки насли нав бо мутолиаи ин роман аз бадбахтиҳои ба сари мардум омада огаҳ шуда, ба қадри ин неъмати бебаҳо – Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бирасад, шукронаи ободиву озодӣ ва осудагии давлату кишвари хеш намуда, дар роҳи бунёдкориву созандагӣ саҳмгузор бошанд. Роман аз рӯзҳои нахустини нашри он таваҷҷуҳи аҳли адабро ба худ ҷалб карда тавонист. Дар тақризҳои муфассали Худоӣ Шарифов бо номи “Даври печопеч” ва Замира Ӯлмасова бо номи “Тадқиқи бадеии воқеияти таърихӣ” хусусиятҳои мундариҷавӣ ва услубию бадеии асар мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Марҳалаи сеюмро аз романи “Гардиши девбод” қарор доданамон низ дар асоси гуфтаҳои адибанд, ки навиштааст: “Вақте ки он ҷумлаҳоро (интиҳои роман дар назар аст-Ҳ.С.) менавиштам, роман ба анҷом расида буд. Ин марҳилаи аз ҳама беҳтарин ва зебои зиндагии ман аст. Китоби дуюми романи “Гардиши девбод” як навъ таҷриба ҳам ҳаст ва таҷрибаи ниҳоят душвор. Ин асар гуё ҷамъбасти як марҳилаи муҳимми эҷодиёти ман аст” [5, с. 12].

Роман тадқиқи бадеии таърихи якасраи халқи тоҷикро дар ҳаҷми ду китоб – китоби аввал соли 2007 ва китоби дуюм – соли 2016 дар бар мегирад. Дар роман воқеаҳои аз инқилоби соли 1917 – вожгуншавии аморати Бухоро, ба сари давлат омадани Давлати Шӯравӣ, давраи таъқибот ва ҷанги шаҳрвандии тоҷикон тасвири бадеӣ шудаанд. Воқеаҳои пурмоҷарои аввал ва охири садаи ХХ барои мардуми тоҷик дар баробари бурдҳо бохтҳои зиёдеро ҳам ба бор оварда.

Қиссаҳои “Асрори Хоҷамуъмин”, “Майдони савдо”, ҳикояҳои “Мистер”, “Мурофиа”, эссе ва сафарномаҳои ҷолиби адиб низ дар ин давра эҷод шуда, хонандаро умедвор мекунад, ки адиби дӯстдоштаашон минбаъд низ бо офаридаҳои мақбулаш хотирашонро мусаффо хоҳад гардонид.

Ҳамин тариқ, меҳвари асосии эҷодиёти А. Самадро мавзӯи ахлоқу одоби писандида ва ҷилавгирӣ аз хислатҳои ношоиставу падидаҳои номатлуб ташкил додааст. Дар тамоми офаридаҳои ӯ, хоҳ ҳаҷман хурд бошанд хоҳ калон, панде, ҳикмате, ҳушдоре ё паёме ниҳон аст. Ӯ хонандаро барои ислоҳи худ, барои зиёд кардани сарвати маънавии худ ташвиқ мекунад. Образҳои мусбии офаридааш маҷмӯи хислатҳои ҳамидаи инсониянд. Васли

дирӯзу имрӯз ва иморати фардоро барои банни башар фарз медонад. Аз ҳамин лиҳоз, ба хонанда таъкид мекунад, ки гузаштаи худро омӯзад, ҳифз кунад ва гиромӣ дорад, то имрӯзу фардояшро обод карда тавонад. Дар романи “Гардиши девбод” ноҳақиҳои ба сари миллат омадаро нависанда баръало рӯнамо месозад, бонги хатар мезанад, ки мабодо инсон асли хешро фаромӯш кунад. Чун муҳимтарин сифати адабиёти даврони Истиқлолият, пеш аз ҳама, тарғибу тасвири ғояҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ аст, Абдулҳамид Самад низ чун нависандаи миллатдӯсту ватанпарвар мекӯшад, то дар таҳкими худшиносии миллӣ ва зинда нигоҳ доштани ҳофизаи таърихӣ саҳмгузор бошад. Дар эҷодиёти солҳои 2007 ба баъд А. Самад ба ҳайси як мунодӣ ва ҳушдордиҳандаи миллат, бахусус, ҷавонон, ки гурӯҳи ҷомеъатарин ва сершумортарини ҷомеаи Тоҷикистон мебошанд, намудор мегардад.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 11 / Х. Асозода, А.Кучаров. - Душанбе: «То Рус», 2001. - 400 с.
2. Бақозода Ҷ. Гузашти айём ва таҳаввули адабиёт. - Душанбе: Деваштич, 2009. - 302 с.
3. Маҷид Салим. Нигоҳе аз миёни сабзаҳо // Ҷаҳони паём, 12 майи 2000.
4. Самад А. Санги маҳак ва тарозуи ҳунар. (Андешаву бардошт ва ёдномаву ёдовардаҳои адабӣ). – Душанбе: Адиб, 2013. - 368 с.
5. Самад А. Куҷо равам бо ин матои касмаёбу касмахар (мусоҳиба бо хабарнигор Одили Нозир) // Тоҷикистон. 30.08 2017. -№35. - С.12-13.
6. Самад А. Шаҳдрези садо, киссаҳо. - Душанбе: Адиб, 1997. - 144 с.
7. Сайфуллоев А.Ҷону ҷаҳони наср / А.Сайфуллоев. - Душанбе: Ирфон, 2007. - 542 с.
8. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. К.5 / С. Табаров. - Душанбе: Адиб, 1989. - 208 с.
9. Табаров С. Даҳ нома / С.Табаров // Садои Шарқ, 2017. - №1.

МАРҲАЛАҲОИ РУШДИ НАСРИ АБДУЛҲАМИД САМАД

Абдулҳамид Самад дар насри муосири тоҷик ҳамчун нависандаи навовар ва сермаҳсул ҷойгоҳи худро дорад. Муаллифи мақола зимни тафриқаи марҳалаҳои эҷодии нависандаи мумтози тоҷик Абдулҳамид Самад ба эҷодиёти адиб ва мақолаҳои ӯ такя кардааст. Муаллиф вобаста ба такомули ҳунари эҷодӣ ва тағйирпазирии вазъи замони эҷодиёт марҳалаҳои рушди насри нависандаро ба даврaҳои муайян тақсим намуда, дар бораи ҳар кадоми онҳо маълумоти мухтасар пешниҳод мекунад. Ҳадафи муаллифи мақола аз тақсимбандии эҷодиёти нависанда, муайян намудани рушди сифатии ҳунари нависанда дар марҳилаҳои мухталиф ва таҳаввули услубии ӯ дар такомули жанрҳои адабӣ мебошад. Марҳалаи аввали фаъолияти эҷодии адиб ба солҳои 70-уми садаи бист рост меояд ва он маҷмӯаи ҳикоёт ва қисссаҳои марғуби ӯро фаро мегирад. Марҳалаҳои дуюму сеюми нависанда бошад, дар замони соҳибистиқлол гардидани давлати тоҷикон аз солҳои 90-ум шурӯъ шуда, ба эҳёи маънавии миллат баъд аз ҳазор сол марбут мебошад. Солҳои 90-ум бо барҳам хӯрдани давлатдории муқтадири Иттиҳоди шӯравӣ дар тақдири халқи тоҷик низ чун дигар халқҳо марҳалаи нави зиндагӣ оғоз шуд, ки дар осори Абдулҳамид Самад тасвири бадеии ин тағйиротҳои сиёсӣ, фарҳангӣ ва миллӣ инъикоси худро ёфтааст.

Калидвожаҳо: Абдулҳамид Самад, нависанда, марҳалаҳои эҷодӣ, қисса, роман, гардиши девбод, насри муосири тоҷик.

ЭТАПЫ РАЗВИТИЯ ТВОРЧЕСТВА АБДУЛХАМИДА САМАДА

Абдулхамид Самад занимает большое место в развитии современной таджикской прозы. Его творчество в основном изображает жизнь простых людей, так как прозаик считает их «настоящим людьми». Автор статьи пытается разделить творчество Абдулхамида Самада на творческие этапы и передает краткое содержание каждого из них. Индувидальный стиль и качество произведений писателя оценили многие специалисты этой сферы. Цель автора - определить качество творческих работ писателя, определить творческое развитие писателя на разных этапах творчества и его стиль в разных литературных жанрах. Первый этап его творчества начинается в 1970-72-х годах XX века, когда был опубликован первый его рассказ, который в конкурсе занял первое место. После распада Советского Союза и обретения государсвенной независимости Таджикистаном в творчестве писателей наблюдаются большие перемены, и в текстах, и в отношении национальной ценности. Начиная с 1990- х годах в творчестве писателя появляется совсем другой взгляд на тему национальных ценностей. Ряд творческих работ по этой темы свидетельствует, что эта тема в его творчестве занимает важное место.

Ключевые слова: Абдулхамид Самад, таджикская проза, творческая эпоха, вихревая воронка, роман, повесть.

STAGES OF DEVELOPMENT OF CREATIVITY OF ABDULHAMID SAMAD

Abdulhamid Samad has a modern novelist and novelist novelist in the modern Tajik poetry. The author of the article, based on the distinction of the composers of Tajik poetry, Abdulhamid Samad, relied on his writings and articles. The author is divided into a variety of phases and creates a brief summary of each of them. The author's goal is to determine the quality of writing of the writer to determine the qualitative development of the writer in different stages and his style of evolution in literary genres. The first term of his creation began in 1970-72 years, on 20th centuty, when was published, the first his story which placed the first place in completion. After the broking the soviet Union and state independent of Tadjikistan, it was some interval in his creation connection to national values. The author is divided into a variety of phases and creates a brief summary of each of them. Beginning from 1990 years thea is quiete different mild on his creation in theme of national values. The number of his works in this sphere shows that this them takes an important place in his creation.

Key words: Abdulhamid Samad, modern novelist, Tajik poetry, Exhaust funnel, new tadjik literature.

Сведения об авторе: ***Хайдарова С.А.*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры теории и новейшей персидско- таджикской литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17

Information about the author: ***Khaidarova S.A.*** - Tajik National University, the applicant of the Department of Theory and Latest Persian-Tajik Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

УДК: 82-1/29

ВИЖАГИҲОИ МУНДАРИҶАВИЮ ШАКЛИИ ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

(дар мисоли эҷодиёти Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб)

Қосимов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърих гувоҳ аст, ки адабиёти бадеӣ мудом бо рушди ҷомеаи инсонӣ ҳаммаром буда, ҳамагуна дигаргуниҳои марбут ба иҷтимоъ ва моддиёту маънавиётро беҳтар ва муассиртар аз дигар анвои ҳунар инъикос мекардааст. Давраи истиқлолият барои Тоҷикистон аҳамияти фавқулода бузург дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра имкони эҳёи давлати миллӣ ва арзишҳои миллӣ муяссар гардид. Адабиёти ин давра ҳама паҳлуҳои инкишофи ҷамъият, давлат ва рӯҳияи инсонҳоро дар навъу шаклҳои гуногуни адабию бадеӣ оинавор таҷассум намуд. Рушди адабиёти умумимиллӣ тавассути эҳёи фаъолияти ҳавзаҳои адабӣ дар ҳама манотиқи кишвар муттасил ҷараён гирифт.

Маҳз истиқлолияти сиёсӣ имкон фароҳам овард, ки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва бахшҳои дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Истаравшан, Хоруғ ва Бохтар қарордоштааш дар инкишофи ҳаёти адабии мамлакат саҳми босазое дошта бошанд. Бахусус, бахшҳои минтақавию ноҳиявии Иттифоқи нависандагон, ки бо сарварии адибони маъруф Аҳмадҷони Раҳматзод (Хуҷанд), Ҳақназар Ғоиб (Кӯлоб), Неъмат Бобоҷон (Истаравшан), Лаълҷубаи Мирзоҳасан (Хоруғ), Озар (Бохтар) фаъолият доранд, сол то сол аз ҳисоби адибони ҷавону умедбахш пурра гардида, дар баробари ҳавзаи адабии марказ адабиёти тоҷикро берун аз хоки Тоҷикистон низ муаррифӣ мекунанд. Муҳаммад Субҳон дар мақолаи «Суханварони Суғд» дар хусуси фаъолияти шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон сухан ронда, аз ҷумла, менависад: «Шуъбаи вилоятӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки асарҳои мунтахаби 10-ҷилдаи Атахон Сайфуллоев, 8-ҷилдаи Аъзам Сидқӣ, 6-ҷилдаи Муҳиддин Хоҷазод ва девони Нурмуҳаммад Ниёзиро барои чоп омода созад. Шуъба тавонист, ки сомонаи адибонро ташкил диҳад ва зиёда аз 150 нафар шоиру нависандагони вилоятро тавассути интернет ба оламиён муаррифӣ намояд» [9, с.3].

Дар тарбия ва ба воя расондани адибони соҳибҳунару лаёқатманд маҳфилҳо ва вохӯриву нишастҳои адабие, ки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ ҳамвора баргузор мегарданд, аҳамияти калон доранд. Ба қавли Низом Қосим, истеъдод агар тарбия ёбад, дар ҳама муҳит камол меёбад: «Агар истеъдоди омӯзишу маҳорат бошад, дар «ноҳия» ҳам «ҳама чиз шудан» (агар мақсад шоири хубу манзури алоқамандии шеър шудан бошад) мумкин аст. Мисоли равшани ин иддао Фарзона, Муродӣ, Озар ва Озарахш буда метавонанд» [7, с.19].

Рӯз ба рӯз густариш ёфтани робитаҳои адабӣ бо қавмҳои форсизабон низ боиси такомулу рушди ҷанбаи ҳунарии шеъри тоҷик гардид. Алҳол шеъри тоҷик бо ҷилваҳои тозаи худ таввақҷуҳи нақди адабии кишварҳои ҳамзабонро беш аз пеш ҷалб карда истодааст. «Имрӯз шеъри тоҷик, - қайд кардааст М. Аҷамӣ, - бидуни муболиға дар бахшҳое пешгомтар аз шеъри ҳамзабонон ҳаст ва ин эътироф аз худи онҳост, чунончи, воқеиятнигорӣ, ҳақиқатнигорӣ ва ҳинҷорҳои забонӣ дар шеъри шоирони тоҷик рангу бӯйи хосси худро дорад» [3, с. 5].

Умуман, дар замони истиқлолияти Тоҷикистон дар баробари насли калонсоли шоирони тоҷик чун Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор, Ҳадиса, Аскар Ҳаким, Меҳмон Бахтӣ, Ҳақназар Ғоиб, Саидалӣ Маъмур, Алимуҳаммад Муродӣ, Доро Наҷот, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Ширин Бунёд… насли дигари шоирон, ба мисли Низом Қосим, Фарзонаи Хуҷандӣ, Ато Мирхоҷа, Сиёвуш, Сайёд Ғаффор, Абдулқодири Раҳим, Парда Ҳабиб, Салимӣ Хатлонӣ, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғоиб, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Рустам Ваҳҳобзода, Меҳринисо, Амирхон Сафархон, Салими Зарафшонӣ, Абдуллоҳи Раҳнамо ва даҳҳо тани дигарро метавон ном бурд, ки дар ҷодаи шеъри асил бо қадамҳои устувор ва кӯлбори пур равона мебошанд. Як зумра шуарои дигари боистеъдод, аз қабили Ворис, Гулноз, Нуралӣ Нурзод, Хусрав,

Суруш, Шаҳзода ва дигарон бо нашри маҷмӯаҳои тоза ба тоза ойинаи завқ сайқал медиҳанд ва ин аз ояндаи шеъри асили тоҷик дарак медиҳад. Солҳои 80-уми садаи гузашта як идда навқаламон ба арсаи шеъру шоирӣ қадам ниҳода, аз қавӣ будани иродаашон дар шеъру шоирӣ дарак доданд. Низом Қосим, Фарзона, Муҳаммад Ғоиб аз зумраи навсафарони ҷодаи шеър дар он солҳо буданд, ки ҳоло ҳар кадоме ба маснади устодӣ расидаанд. Озар, Давлати Раҳмониён, Рустами Ваҳҳобзода ва чанде дигарон низ имрӯз чун шоирони шинохта ва комилҳунар эътироф ҳосил намуда, шеъри имрӯзаро ба маҷрои нав ворид мекунанд. Ҳамаи номбурдагон парвардаи ҳамон мактабе ҳастанд, ки солҳои 80-ум асос ёфта буд. Ҳоло ба мухтассоти шакливу мундариҷавии ашъори бархе аз пайвандони ин мактаб - Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб рӯ меорем, то бубинем, ки чӣ дастовардҳое дар кӯлбори шоирӣ доранд.

Низом Қосим соли 1958 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳозира Бохтар) ба дунё омада, соли 1979 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро (ҳоло Донишгоҳи миллӣ) хатм кардааст. Аввалин шеърҳояш дар солҳои донишҷӯӣ ба табъ расида, нахустин маҷмӯааш бо номи «Хӯшаи шеър» (Ирфон, 1984) зевари табъ ёфтааст. Баъдан маҷмӯаҳои дигари Низом Қосим бо номҳои «Хуни ситора» (Адиб 1988), «Паровар» (1990), «Қаламҳой» (1997), «Барги саломи сабз» (2002), «Тафсири панҷ оҳ» (2008) «Маҳвора дар гаҳвора» (2008) пай дар пай ба табъ расидаанд. Соли 2010 маҷмӯаи мукаммали шоир бо номи «Кӯҳи садо» бо ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ нашр шуд. Низом Қосим соли 2005 барои маҷмӯаи ашъори «Барги саломи сабз» бо Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сарфароз гардонида шуд.

Низом Қосим бо ҳунари воло ва ҷидду ҷаҳди тамом ба адабиёт ворид гардид. Омӯзиши пайдарпаю ҷустуҷӯи бардавом боис гардиданд, ки шоир дар муддати кутоҳ таваҷҷуҳи устодони суханро ба худ ҷалб намояд ва бо ёрию дастгирии онҳо истеъдоди худро сайқал диҳад ва дар ҷодаи шеъри асил мавқеъ пайдо намуда берун аз хоки Тоҷикистон низ шуҳратёр гардад. «Низом Қосим замоне пой ба арсаи шеър ниҳод, ки бузургоне, монанди Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар ва дигарон шеъри тоҷикиро ба авҷи камоли худ расонида ва шоирони дигар дар зери сояи номи онон гумном монда буданд, қайд кардааст адабиётшиноси эронӣ Алиасғари Шеърдӯст. – Аммо Низом Қосим, ки дастпарвардаи ҳамин мактаб буд, тавонист ба мадади истеъдоди дурахшони худ ҷӯйи сабқатро аз ҳамсабақони худ бирабояд ва аз чунон шуҳрате бархӯрдор гашт, ки овозаи ӯ марзҳои кишвари худро низ дарнавардид ва бисёре аз осори ӯ мавриди таваҷҷуҳи ақвоми милали ҷамоҳири собиқ шӯравӣ, Эрон, Афғонистон ва форсизабонони ҷаҳон гардид» [13, с.11].

Шеъри Низом Қосим бозгӯи ҷавҳари ҳастии инсон ва зиндагии маънавӣ мебошад, ки бидуни ин ҷавҳар зиндагии моддӣ ноқису бебор мемонад. Тараннуми ҳастии маънавии инсон масъалаест, ки муҳтавои кулли ашъори шоирро (чи дар шеърҳои суннатӣ ва чи дар шеърҳои нав) фаро гирифтааст. Аз ҷумла, ин маънӣ дар ғазалҳои шоир бо рангу бӯйи хос, хеле сода ва табиӣ ифода ёфтааст:

Дар гулистони ҷаҳон бо хор одат кардаам,
Буда беозору бо озор одат кардаам.
Ҷорасозӣ кардаам якчанд андар орзу,
Гарчи бо бечорагӣ ночор одат кардаам.
Дида афзун ёрии агёру агёрии ёр,
Бо хаёли ёр бо ноёр одат кардаам [8, с. 211].

Шоир дар ифодаи маънӣ аз калимаҳои зидмаъно (гулистон, хор, озор, беозор, ёр, агёр) кор гирифтааст ва тавассути рамзҳои мазкур хонандаро аз коста гардидани ҷавҳари маънавии инсон дар зиндагии шароити бозаргонӣ ва оқибатҳои нохуши он ҳушдор медиҳад. Қаҳрамони лирикӣ аз ночорӣ ба каму кости зиндагӣ, ба зоҳирпарастиҳо одат кардааст, вале ҳамеша хоҳони гулистон будани ҷаҳон, яъне зиндагии маънавӣ ва огоҳона мебошад.

Низом Қосим суханвар аст ва ба дарунмояи шеър эътиқод дорад ва навиштаҳои худро ҳам дар ҳамин равиш идома медиҳад. Ӯ шеъри мондагор офариданист ва ин навъ шеър ғайр аз истеъдод боз машаққати эҷодро низ тақозо дорад. Чунонки дар маснавии «Нома ба шоҳ дар поёни «Шоҳнома» гуфтааст:

Суханро дар ин нуқта кутаҳ кунам,
Шаби гуссаамро саҳаргаҳ кунам.
Ки бар ҷо на мову на ман монданист,
Сухан будануву сухан монданист [8, с. 52].

Низом Қосим дар сурудани шеъри нав низ муваффақ аст, ҷилои шеър баъзан ба ҳаракат иртибот гирифта, маънӣ меофарад. Дар шеъри «Шитоб мекунам» такрори хабари

шитоб мекунам ва пайвандаки **чунонки** ба матн ҳаракат мебахшад, ҳаракате, ки дар қаъри худ фарёдҳо ва ормонҳо дорад. Тамоми панҷ банди ин шеър аз ҳаракати маъно ва мафҳум иборат аст ва ин ҳаракати маънавӣ шеъри шоирро шевотар, гӯётар ва пурбортар мегардонад:

Шитоб мекунам,
Ба сӯйи ту шитоб мекунам,
Ба сӯйи офтоби рӯйи ту шитоб мекунам.
Чунонки рӯз меравад ба сӯйи шом,
Чунонки рӯд ба сӯйи дашт меравад мудом,
Чунонки офтоб меравад ба хонаи шафақ,
Чунонки ҳақталаб кунад шитоб ба сӯйи ҳақ,
Ба сӯйи ту шитоб мекунам [8, с. 334].

«Шеър барои Низом Қосим танҳо баёни тамсил, ташбеҳ, маҷоз, таъбир ва тасвир нест, - навиштааст М. Ачамӣ. – Шеър барои ӯ як ҳақиқат, як воқеият аст, ки дар ин воқеият, дар ин ҳақиқат зиндагӣ ҷараён дорад» [2, с.166]. Дар ҳақиқат, тамоми лавозимоти шеър, аз ҷумла воситаҳои тасвир ва вазну оҳангро низ шоир барои ҳарчи возеҳтару муассиртар нишон додани ҳақиқати воқеӣ истифода мекунад, чунонки дар шеъри «Бими ба зер омадан» аз талмеҳоти Самарқанду Бухоро ва Хоҷаи Шероз бармеояд:

Дӣ дар ҳама ҷо сад дари бозам нигарон буд,
Ҷуз хотира имрӯз даре боз намонда.
Атре зи Самарқанду Бухорои ман имрӯз
Ҷуз дар газали Хоҷаи Шероз намонда [8, с.197].

Ашъори Низом Қосим аз зиндагии мардуми тоҷик, аз боварӣ, эътиқод ва маънавиёту суннатҳои ахлоқии халқи некандешаш сарчашма мегирад ва ба обу хоки ватани азизаш решапайванд аст ва дар ҳамин поя хусусиятҳои миллӣ ва инсонии сурудаҳои шоир бозгӯ мешавад. Дар шеърҳои «Рӯ ба боғ», «Ароба», «Пуштибон», «Такягоҳ», «Ба ҳамзабон», «Эй азизон» рӯҳи миллӣ ва суннатҳои инсонии халқи тоҷик батамом эҳсос мешавад.

Гирди номи падар чи мегардӣ?
Падари хеш шав агар мардӣ.

Ин ҳикмати Шайх Саъдӣ одамонро ба худшиносӣ, озодандешиву масъулиятшиносӣ водор мекунад. Махсусан, «Ба ҳамзамон» ном шеъри Низом Қосим, ки панди мазкури Саъдии бузургворро ба хотир меорад, дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол басе омӯзанда ва созанда мебошад:

Арзандаи номи хеш бошед,
Қоим ба мақоми хеш бошед.
Сарсон зи пайи касон нагардед,
Дар даст зимоми хеш бошед.
Аз пушти баландҳо манозед,
Худ зинаи боми хеш бошед.
Бо назми Низом ҳам набошед,
Бо назму низоми хеш бошед [4, с.145].

Низом Қосим ба ҳар мавзӯе, ки даст занад, хоҳ ишқу муҳаббат, хоҳ ватандорӣ, хоҳ иҷтимоӣ ва хоҳ панду ахлоқӣ, бо диди пурвусъат ва услуби хосси баён ба он муносибат мекунад, бинобар ин, суханаш рехта, баёнаш пухта ва устувор аст ва зуд қалбу рӯҳи хонандаро тасхир мекунад:

Осмоно, ахтаронро ҳар кӯҷо рушан бидор,
Аз само ахтар марез, аз хокдон ахтар магир.
Корвонкуш ахтаронро, эй хирад, пайрав мабош,
Раҳзанонро дар раҳи тақдири худ раҳбар магир [8, с.151].

Шеъри тоҷик тавассути ин суханвари тозакору навҷӯ оянда ҷойгоҳи боз ҳам муносибтаре пайдо мекунад.

Дигар аз эҷодкорони асил, ки дар замони истиқлол боиси таҳаввули чашмраси шеъри тоҷик гардидааст, Фарзона мебошад. Фарзона соли 1967 дар шаҳри бостонии Хуҷанд дар хонаводаи зиёӣ ба дунё омада, соли 1985 Донишгоҳи давлатии Хуҷандро хатм кардааст. Фарзона аввал дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» ва баъд дар ДДХ шуғл меварзад ва ҳоло дар маҷаллаи «Хуҷанд» фаъолият дорад. Шеъри Фарзона аз соли 1982 дар матбуоти даврӣ ба табъ мерасад ва нахустин маҷмӯаи шоира соли 1987 бо номи «Тулӯи хандарез» дастраси хонанда гардидааст. Баъдан маҷмӯаҳое чун «Шабохуни барқ» (1989), «Ояти ишқ» (1994), «Абай» (1995), «Паёми ниёгон» (Теҳрон, 1996), «То бекарон» (1998), «Муҳри гули мино» (2006) нашр гардидаанд. «Бархе аз ашъори Фарзона дар солҳо

1990 дар матбуоти Эрон, Аврупо ва Амрико ба табъ расидаанд ва куллан зиёда аз се маҷмӯаи ашъораш ба форсӣ дар Эрону Ҳиндустон ба чоп расидаанд» [12, с. 628].

Фарзонаи Хуҷандӣ дар ибтидои солҳои 80-уми садаи XX ба ҷаҳони шеър ворид гардид ва дар аввал шоира дар шаклҳои суннатӣ ва классикӣ эҷод мекард. Вақте ки ба шеъри нав ва равияҳои гуногуни он ошно гардид, дар эҷодиёти ӯ навъҳои гуногуни ин шакли шеърӣ низ мавқеъ пайдо намуд.

Фарзона дар аксари жанрҳои суннатӣ, чун ғазал, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ шеър эҷод карда бошад ҳам, дар осори суннатишакли ӯ ғазал мавқеи аввалин дараҷа дорад. Ғазалҳои Фарзона басо зебо, нозук ва бо латофати хаёл суруда мешаванд ва дар онҳо «рӯҳи шарқӣ ва рӯҳи миниётурии Шарқ ҷорӣ аст» [2, с.81]. Ба қавли мунаққиди эронӣ Алиризои Қазва, «пуризтиробии ғазалҳои Фарзона аз назми пуршӯри Мавлоно, аз ғазалҳои Шамс сарчашма мегирад, вале шоира комёбиҳои бузурги мероси назми классикиро такрор намекунад, балки аз онҳо илҳом гирифта, ба тарзи нави эҷод ва ифодаҳои озоди поэтикӣ кор мегирад» [6, с.23].

Дар ҳақиқат, ғазалҳои Фарзона вижагиҳои худро дорад ва ӯ бо ҳунармандии хосса дар қолаби суннатии ғазал маъноҳои нав ва тасвирҳои тозаву нобро ҷой медиҳад. Ин аст, ки дар ҳар ғазал қуввати баён ва фасоҳату балоғати суханпардозии ӯ равшан эҳсос мешавад:

Эй ишқ, баро аз вақт, тақвимдаронӣ кун,
Бемавсиму бетақвим сад қарн ҷавонӣ кун.
Шамсӣ куну маҳтобӣ, тақвими ду чашматро,
Кулли санаро бар мо иди ҳамагонӣ кун…
Ҷабрилсифат пеш о, хуршедсулули ман,
Дилро, ки ба ту додам, ҳар чӣ битавонӣ, кун [10, с.243].

Чунин усули баён ва чунин тарзи нигориш дар рубоӣ ва дубайтиҳои Фарзона низ мушоҳида мешавад. Забони ашъори суннатии шоира басо содаву равон буда, дар ҳар шеър як фикр, як масъалаи басо муҳимми зиндагӣ мавриди тасвири бадеӣ қарор мегирад. Шоира ба талаботи мундариҷавӣ ва бадеии шаклҳои шеър риоя мекунад ва дар рубоиҳояш масъалаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро бештар ба хонанда пешкаш менамояд. Масалан, яке аз масъалаҳое, ки дар ҷомеаи инсонӣ дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошад, маърифати нафс мебошад ва ҳатто маърифати нафс ба худшиносӣ ва худошиносӣ мебарад. Ҳамин маънӣ дар рубоии зерин басо табиӣ ва омӯзанда тасвир ёфтааст:

Парҳез намо, ки нафсро чора кунӣ,
Шайтони ниҳони хешро пора кунӣ.
Бо нафс ҳамеша наҳс ҳам меояд,
Гар хизмати меъдаи ҷаҳонхора кунӣ [10, с.362].

Фарзона шоираи сермутолиа аст ва дар баробари шеъри классикии форсу тоҷик аз адабиёти русу Ғарб, махсусан аз эҷодиёти А.С. Пушкин, М. Ю. Лермонтов, Сергей Есенин ва Анна Ахматова огоҳии комил дорад. Ҳамчунин, ба назми муосири Эрон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунад. «Дар 16-солагӣ ба мутолиаи ашъори Фурӯғи Фаррухзод сахт таҳти таъсир қарор гирифт, - қайд кардааст Алиасғари Шеърдӯст, - ба гунае, ки худ мегӯяд, бо чароғи Фурӯғ ба роҳи шеъри сафед низ по гузошт» [12, с.629].

Натиҷаи чунин истиқболи эҷодист, ки ӯ дар эҷоди шаклҳои нави шеърӣ низ шоири муваффақ аст ва дар шеърҳои нимоияш низ услуби хосси нигориши шоира, нигоҳи тоза, тасвири равшан ва тафаккури фарогири ӯ баръало мушоҳида мешавад. Вақте ки ба ин таровишҳои тасвири маънӣ ва таносубҳои маъноӣ тасаллут мекунад, матн қуввати маърифатӣ пайдо мекунад, чи хеле ки аз шеъри «Ҳақиқати сода» бармеояд:

Ду навъи инсонҳо
Пеши ман сахт азизанд:
Нахуст хайрнисорон, ки накуиҳоро
Бе орзуи подош,
Бо муқтазои рӯҳи худ эҷод мекунанд.
Дувум сипосгузорон, ки он накуиро
То абад ёд мекунанд [10, с.275].

Фарзона метавонад беҳтарин тасвирҳоро, ки шоистаи шеър аст, истифода кунад ва метавонад як тасвирро дар назари хонанда бо чандин ранг ҷилвагар созад, ки ин ҳунари волои шоирист. Масалан, тасвири баҳор дар чанд шеър ба чанд ранг ҷилва медиҳад:

Эй баҳор, эй баҳори оламзӣ,
Дар ман имрӯз офтоб шукуфт,

Дар имрӯз ханда зад гули себ [10, с.25].

Ту ҳамчун пайкараи пурбаҳори ишқи манӣ
Ки аз хамӯшият оҳанги сабз мехезад [10, с.99].

Тавре ки таъкид шуд, се маҷмӯаи Фарзона дар Эрону Ҳиндустон ба чоп расидааст, ки ин гувоҳи эътирофи ашъори Фарзона дар байни форсизабонони ҷаҳон мебошад. Аз ин рӯ, чи хеле ки академик Муҳаммадҷон Шакурӣ низ таъкид мекунад, нодида гирифтани истеъдоди шоирии Фарзона асоси воқеӣ надорад. «Оқои Қазва, - менависад М. Шакурӣ,- таъкид кардааст, ки маҷмӯаи Фарзонаи Хуҷандӣ ба қалами як шоири эронӣ вироиш шуда буд ва ба шарофати ҳамин вироиш мақбул афтод. Аз муқоисаи нашри тоҷикӣ ва эронии шеърҳои Фарзона маълум мешавад, ки оқои Қазва боз ҳам ба муболиға майл дорад» [11, с.390].

Фарзонаи Хуҷандӣ аз мактаби эҷодии шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералӣ сабақ гирифта, худ низ дар шеъри муосири тоҷик нақши зудуданошуданӣ гузоштааст ва бо ҳамин имкон фароҳам овардааст, ки назми имрӯзаи тоҷик дар миёни осори бадеии форсизабонон ҷойгоҳи муносиберо ишғол намояд.

Муҳаммад Ғоиб низ аз ҷумлаи шоирони муваффақ ва соҳиби сабку услуби ба худ хосси нигориш мебошад. Ӯ соли 1954 дар ноҳияи Данғара ба дунё омада, соли 1972 омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва соли 1977 факултаи риёзиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Кӯлобро хатм кардааст. Дар муассисаҳои гуногуни фарҳангии ҷумҳурӣ фаъолият намудааст.

Мавсуф аз солҳои мактабхонӣ ба шеъргӯӣ оғоз карда, маҷмӯаи аввалинаш – «Турнаҳо» соли 1980 рӯйи чопро дидааст. Баъдҳо чун маҷмӯаҳои «Роҳи деҳа» (1983), «Мехргиёҳ» (1985), «Хирмани моҳ» (1989), «Сад ғазал» (1989), «Лолаи чашм» (1993), «Фарёди ёдҳо» (1998), «Мавҷи нур» (2010)… зиёда аз сӣ китоби шоир ба табъ расидаанд. Соли 2009 бо ибтикори Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ–тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон чопхонаи «Пайванд» Девони Муҳаммад Ғоибро дар ҳаҷми 63 ҷузъи чопӣ пешкаши хонанда намуд. Муҳаммад Ғоиб Шоири халқии Тоҷикистон ва барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Ашъори ӯ ба чандин забонҳо, аз ҷумла ба забонҳои русӣ ва қирғизӣ ба табъ расидааст.

Эҷодиёти Муҳаммад Ғоиб, чунонки аз девони шоир бармеояд, ҳам аз нигоҳи жанр ва ҳам аз нигоҳи мавзӯъ басо фароҳу фарогир мебошад ва шоир дар баробари назм ба эҷоди асарҳои насрӣ ва саҳнавӣ низ солҳои охир пардохтааст ва дар шеър асосан ба жанрҳои суннатӣ ва чаҳорпора таваҷҷуҳ дорад. Шоир барои атфол низ шеър гуфта, маҷмӯаҳо мураттаб намудааст ва худи адиб ба навъҳои гуногуни адабӣ майл намуданашро чунин ба қалам медиҳад: «Ба гумонам, дар олами эҷод маънӣ жанрро интихоб мекунад, на жанр маъниро ва эҷодкор маҷбур мешавад, ки бо он талабу фармон хома ронад, аз роҳи ҳидояткардааш берун қадам намонад. Агар бар хилофи он амал кунад, офаридаашро касе намехонад, хонад ҳам, дар ёдаш чизе намемонад» [5, с.11].

Аз мулоҳизаи мунаққидони ашъори шоир низ бармеояд, ки шеъри Муҳаммад Ғоиб муассир, пӯянда ва пурмуҳтаво мебошад ва қалбу рӯҳи хонандаро зуд тасхир карда, ӯро ба амалҳои хайр ҳидоят менамояд. Зиё Абдулло, яке аз шоирони баркамоли тоҷик, Муҳаммад Ғоибро шоири дардошно, нозукбаён, ҳадафманд ва рӯҳшинос номидааст, ки дар ҳар шеъраш муҳаббат ва самимият мечӯшад [1, с.54]:

Хӯшаи иқболам аз дони алам рӯйидааст,
Лолаи мақсудам аз саҳрои ғам рӯйидааст.
Ранги мӯйи сар дигар шуд аз фишори зиндагӣ,
Ин сафедӣ аз намакзори ситам рӯйидааст.
Роҳи кӯйи орзу саргаштатар аз мо надид,
Ҷойи ҳар як нақши по садҳо қадам рӯйидааст [5, с.654].

«Аз дони алам рӯйидани хӯшаи иқбол, аз саҳрои ғам рӯйидани лолаи мақсуд, аз намакзори ситам рӯйидани сафедӣ, рӯйидани қадам - ҳама таркибу ибораҳои нави шоиронаанд» [1, с.55]. Чунин таркибҳои марғуб дар ҳама шеърҳои М. Ғоиб, махсусан дар ғазалиёти ӯ басо воқеӣ ва табиӣ мушоҳида мешавад.

Дар шеъри Муҳаммад Ғоиб фурӯғи андеша ҷойгоҳи муносиб дорад ва ин фурӯғи андеша ба қолабҳои куҳнаи шеърӣ рӯҳи нав ва рангубори тоза мебахшад ва хонандаро ба андешаи амиқ водор месозад. Ҳар як банди шеъри аз 13 банди чаҳормисраӣ иборатбудаи «Тоҷик» як фикр, як андешаро пешниҳод мекунад, ки ба таърихи будубоши ин халқи азияткашида, вале сарбаланду эҳёшаванда иртиботи комил дорад:

Тегу шамшери сухан ҳар ҷо ба имдодам расид,
Сар ба зери дор будам, ҳукми озодам расид.

Гарчи хӯрдам зарбаи садҳо табар дар рӯзгор,
Боз сабзидам чу нахли решаҳоям бешумор [5, с.239].

Дар ҳақиқат, дар тӯли таърих дар дасти тоҷик шамшери сухан буд ва ҳамин илму дониш ва фарҳангу ҳунар имкон дод, ки «ибратомӯзе ба дунёи адаб бошад» ва худро аз нобудӣ ҳифз намояд.

Муҳаммад Ғоиб дар мавзӯъҳои гуногун шеър гуфтааст ва дар шеърҳои ӯ ду мавзӯъ – муҳаббат ба Ватан ва ишқ ҷилои бештаре дорад. Аз ҷумла, шеърҳои ватанхоҳонаи ӯ, ба таъбири шоиронаи Зиё Абдулло, «як тумори муҳаббат ба гардани Ватан аст» [1, с.58]. Дар шеъри «Пайванд» қаҳрамони лирикӣ худро беватан тасаввур карда наметавонад ва ҳамин пайванди ногусастании Ватану ватандор ба шеър қувваи баланди ифоданокӣ ва муассирӣ бахшидааст:

Ҳарду дар боғи ҷаҳонем ба ҳам нахли умед,
Барги ман барги туву барги ту ҳам барги ман аст.
Ай Ватан, ҳарду ба сад ришта ба ҳам пайвандем,
Марги ман марги туву марги ту ҳам марги ман аст [5, с.412].

Шеърҳои ватанхоҳонаи Муҳаммад Ғоиб, ки «рамзи сарбаландӣ, садоқат, оромиш, номус ва озодиву озодагӣ» [2, с.177] мебошанд, махсусан дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон аҳамияти бештар касб мекунанд, зеро Ватан аз ватандор имрӯз, дар марҳалаи ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо, масъулияти бештареро тақозо дорад.

Дар ташаккули лафзӣ ва мундариҷавии шеърҳои М. Ғоиб мавзӯи ишқ саҳми муносиб гузоштааст. Ишқ меъёри аслӣ ва муҳтавои зиндагии қаҳрамони лирикӣ мебошад, ба дараҷае ки дар дили ӯ танҳо мафҳуми ишқ вуҷуд дораду халос. Шоир дар ин гуна шеърҳояш тамоми ашёи олами мавҷудро бо ченаки ишқ муайян мекунад ва ранҷу дарди ишқ ба ошиқ нуру зиё ва хушҳоливу шодмонӣ мебахшад:

Ғунчаи чашмам шукуфт аз офтоби рӯйи ту,
Дидаи умед чун вартоқ дӯзам сӯйи ту.
Бар машомам аз ту бӯйи нарми борон мерасад,
Абри боронист дар пиндори ман гесӯи ту.
Камсамар чун ток умри бебаҳоям мегузашт,
То насозад хадраҳоямро қалам абрӯи ту.
Чун ту дар кӯйи вафо сарчашмаи иқбол нест,
Ташнагӣ охир Муҳаммадро барад бар кӯйи ту [5, с.582].

Эътиқод ба жанрҳои суннатӣ ва махсусан ба ғазал аз он ҳам бармеояд, ки дар аксари ғазалиёти шоир ҳусни тахаллус – Муҳаммад риоя шудааст ва дар ин ғазалҳо мавзӯи ишқ мавқеи меҳварӣ дорад. «Ишқ пуртавонтарин вожа аст дар шеъри шоир» [2, с.183] ва тавассути ин калима беҳтарин орзую омоли хешро дар зиндагӣ иброз медорад ва роҳҳои зиндагии оқилонаву огоҳонаи инсониятро меҷӯяд ва вақте ки ин муҳтаво бо забони содаву ширин ва нарму латофатбор ифода меёбад, тири андешаву ранҷу дарди шоир, албатта, ба нишон мерасад:

Дилам аз баҳри ту аз сина бурун меояд,
Аз дараш соҳиби ганҷина бурун меояд.
Хотири меҳр бузург аст, ки аз хотири меҳр,
Ноилоҷ аз дари дил кина бурун меояд.
Чашми мешиш туро гургсифат ҳам бинад,
Тарки хӯ карда зи гургина бурун меояд [5, с.417].

Шеъри Муҳаммад Ғоиб, чун шеъри Низом Қосим ва Фарзонаи Хуҷандӣ гувоҳ бар он аст, ки назми тоҷик дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон тавассути озодандешӣ ва ворастагӣ неруи тоза гирифта, аз лиҳози жанру мавзӯъ ҳам мукаммал гардидааст. Ҳам дар шеърҳои суннатӣ ва ҳам дар шеъри нави шоирони ҳунарманду асил вусъати нигоҳ, тафаккури бадеӣ ва маърифату дарёфти шоирона комилтар гардида, боиси боло рафтани сатҳи фарҳанги ҷомеа мегарданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулло З. Шеъри зиндаи зиндагӣ // Чароғи андеша. - Душанбе, 2007. - С. 54-62.
2. Аҷамӣ М. Тафаккур ва ҳис дар шеър. – Душанбе: Адиб, 2008.
3. Аҷамӣ М. Балоғати нигоҳ ва асолати шеър // Салими Хатлонӣ. Мунтахаби ашъор.– Душанбе: Истеъдод, 2010. Ҷ. 3. – 415 с.
4. Баёзи меҳр (Намунаи шеърҳои тоҷикӣ-форсӣ дар садаи ХХ). -Душанбе: Матбуот, 2005. – 460 с.
5. Ғоиб М. Девон. - Душанбе: Пайванд, 2009. – 1015 с.
6. Казва А. Жанр газели в современной таджикской поэзии: автореферат дисс…канд. фил. наук: 10.01.03 - Литература народов стран зарубежья (таджикская литература) / А. Казва. – Душанбе, 2012. – 26 с.
7. Қосим Н. Меҳру сеҳри нақди шеър // Садои Шарқ. - 2012. - № 6. - С.10-23.

8. Қосим Н. Кӯҳи садо. – Душанбе: Пайванд, 1389 ҳ. – 412 с.
9. Субҳон Н. Суханварони Суғд // Адабиёт ва санъат. – 2009. - 30 апрел.
10. Фарзона. Мӯҳри гули мино. - Хуҷанд: Ношир, 2006. – 400 с.
11. Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи ХХ. – Душанбе: Маориф, 2006. – 456 с.
12. Шеърдӯст А. Таърихи адабиёти навини Тоҷикистон. – Теҳрон, 1380 ҳ. – 758 с.
13. Шеърдӯст А. Таҳаввули шеъри форсӣ // Н. Қосим. Кӯҳи садо. - Душанбе: Пайванд, 1389 ҳ. – 412 с.

ВИЖАГИҲОИ МУНДАРИҶАВИЮ ШАКЛИИ ШЕЪРИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

(дар мисоли эҷодиёти Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб)

Адабиёти даврони истиқлол дар таърихи фарҳанги Тоҷикистон марҳилаи ҷусторҳои тоза дар ҳама анвои каломи бадеъ, аз ҷумла дар шеър, ба шумор меравад. Ибтидои рушду нумӯи шеъри муосири тоҷик дар адабиёти солҳои 80-90-уми қарни гузашта қарор дорад ва маҳз дар ҳамин давра ба майдони шеър як зумра қаламкашоне ворид шуданд, ки баъдан дар замони истиқлолият ба маснади устодӣ расида, шуҳрати шеъри тоҷикро берун аз марзҳои Тоҷикистон паҳн карданд. Адабиёти ин давра ҳама паҳлуҳои инкишофи ҷамъият, давлат ва рӯҳияи инсонҳоро дар навъу шаклҳои гуногуни адабию бадеӣ оинавор таҷассум намуд. Рушди адабиёти умумимиллӣ тавассути эҳёи фаъолияти ҳавзаҳои адабӣ дар ҳама манотиқи кишвар муттасил ҷараён гирифт. Мухтассоти шакливу мундариҷавии шеъри замони соҳибистиқлолиро метавон аз эҷодиёти адибони шуҳратманди муосир – Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб ҷустуҷӯ ва муқаррар кард, зеро маҳз дар осори ин шоирон дар умум аксари масоили марбут ба ҳунари шоирӣ ва роҳу равияҳои тозаи таҷассуми воқеият ва гирудорҳои олами ашё мавриди таҳқиқи бадеӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола кӯшиш шудааст, ки мухтасаран ҳусниёти шеъри замони истиқлол дар офаридаҳои бадеии адибони зикршуда таҳқиқ гардад. Ҳар пораи фикр бо мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти шоирони фавқуззикр ба ҳукми исбот расонида шуда, дар маҷмӯъ баъзе масъалаҳои мазмуну муҳтаво, шаклу мундариҷа ва вижагиҳои поэтикии осори адибон дар маркази баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф бар ин хулоса аст, ки маҳз дар эҷодиёти Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб беҳтарин фазилат ва бартариҳои шеъри даврони истиқлолияти Тоҷикистонро метавон ба мушоҳида гирифт.

Калидвожаҳо: шеър, истиқлолият, шакл, мундариҷа, мавзӯъ, ғоя, тасвир, андеша, сувари хаёл, тахайюли бадеӣ, образнокӣ, равия.

ОСОБЕННОСТИ ФОРМЫ И СОДЕРЖАНИЯ ПОЭЗИИ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

(на примере творчества Низома Косима, Фарзоны и Муњаммада Гоиба)

Художественная литература, как важнейшая часть общенациональной культуры, всегда выражала думы и чаяния народа во все времена и эпохи. Таджикская литература периода независимости Таджикистана является уникальной в том плане, что именно в этот период бурно развивались все ее жанровые разновидности. С учетом тесного сотрудничества художников слова стран всего персязычного пространства и укрепления межлитературных связей появились новые виды поэтического творчества и новые направления исследований в таджикском литературоведении. Однако, следует отметить, что литература эпохи независимости стала значимой и содержательной, благодаря поэтическим школам, возникшим ещё в 80-ые годы прошлого столетия. В это время впервые печатали свои творения такие ныне видные поэты, как Низом Косим, Фарзона, Мухаммад Гоиб, Рустам Ваххобзода, Ахмадджон Рахматзод, Озар, Давлт Рахмониён, Абдукадир Рахим, Суруш и ряд др. Благодаря им, таджикская поэзия получила признание за рубежом, в том числе в тех странах, где распространяется персидский язык и литература. Автор статьи придерживается того мнения, что важнейшие особенности таджикского стиха, в том числе его формы и содержания, а также новаторства и нововведения, можно обнаружить в поэтическом творчестве таких выдающихся поэтов современного Таджикистана, как Низом Косим, Фарзона, Мухаммад Гоиб. Каждый из них имеет свои особенности в поэзии, однако, в совокупности в их творчестве выявляются характерные черты формирования и развития таджикской поэзии, ее художественно-эстетических закономерностей. В статье предпринята попытка исследовать некоторые вопросы писательского мастерства, идейно-жанровых и содержательных особенностей творчества вышеназванных ярких представителей современной таджикской поэзии.

Ключевые слова: поэзия, независимость, форма, содержание, тема, идея, изображение, мысль, образность мысли, художественное воображение, образность, направление.

FEATURES OF THE FORM AND CONTENT OF POETRY OF THE PERIOD OF INDEPENDENCE

(on the example of the creative work of Nizom Kosim, Farzona and Muhammad Goib)

Fiction, as an important part of the national culture, has always expressed the thoughts and aspirations of the people at all times and eras. The Tajik literature of the period of independence of Tajikistan is unique in the sense that it was during this period that all its genre varieties flourished. Taking into account the close collaboration of the artists of the word of the whole peregular space and the strengthening of inter-literary relations, new types of poetic creativity and new directions of research in Tajik literature appeared. However, it should be noted that the literature of the era of independence has become significant and meaningful, thanks to the poetic schools that emerged as early as the 80s of the last century. At this time, such prominent poets as Nizom Kosim, Farzona, Muhammad Goib, Rustam Vahhobzoda, Ahzmadjon Rakhmatzod, Ozar, Davlt Rakhmoniyon, Abdukadir Rahim, Surush and a number of others first published their creations. including in those countries where the Persian language and literature is distributed. The author of the article is of the opinion that the most important features of the Tajik sikh regarding its form and content, as well as innovations and innovations can be found in the poetic works of such eminent poets of modern Tajikistan as Nizom Kosim, Farzona, Muhammad Goib. Each of them has its own characteristics in poetry, however, in the aggregate, in their work, the characteristic features of the formation and development of Tajik poetry, its artistic and aesthetic patterns are revealed. The article attempts to explore some issues of writing skills, ideological, genre and content features of the above-mentioned prominent representatives of modern Tajik poetry.

Key words: poetry, independence, form, content, theme, idea, image, thought, imagery of thought, artistic imagination, imagery, direction.

Сведения об авторе: ***Косимов Солех Салимович*** **–** Таджикский национальный университет**,** кандидат

филологических наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **soleh_76@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-837-67-76**

Information about the author: Solekh Salimovich Kosimov - Tajik National University, candidate of philological sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **soleh_76@mail.ru**.
Tel.: **(+992) 935-837-67-76**

УДК: 891.550 (55)

НИГОҲИ ИҶМОЛӢ БА ЗИНДАГӢ ВА ЭҶОДИЁТИ НОЗИК АЛ –МАЛОИКА

Шарипова Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оғози қарни бистуми мелодӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон таҳаввулоти азиме дар тамоми соҳоти иҷтимоӣ ба вуҷуд омад. Аксари ин таҳаввулот, ки заминаҳои амиқи сиёсӣ доштанд, пас аз истеҳкому инсиҷом пайдо намудан ба адабиёт низ сироят карданд.

Албатта, дигаргуниҳо ва инқилоботе, ки дар кишварҳои мухталиф ба вуқӯъ пайвастанд, ҳам заминаҳои дохилӣ доштанд ва ҳам хориҷӣ. Перомуни авомили дохилӣ чизе намегӯем. Вале дар бораи сабабҳои берунии ин тағйирот ҳаминро бояд гуфт, ки омили аслӣ ошноии мардуми ҷаҳон аз пешрафтҳо ва комёбиҳои якдигар дар ҳама заминаҳо буд. Ҳадафи мо дар ин мақола ба ҷанбаи адабии ин таҳаввулоти кайфӣ равона аст. Гап дар ин аст, ки дар саросари ҷаҳон дар ин мақтаи замонӣ шеър дучори тағйироти шигарф шуд. Ҷараёнҳои тозаи шеърӣ ба вуҷуд омаданд. Бархе аз ин ҷараёнҳо бар асари такмилу камоли замонӣ ба мактабҳои алоҳида табдил шуданд ва хатти сайри адабиётро комилан дигаргун карданд.

Агар нигоҳе ба таърихи адабиёти муосири рус андозем, шоири пешгомро дар ин росто дар симои В.Маяковский мебинем. Мазкур бо шеваву шигардҳои хоссе ба майдони адабиёт омад. Дар эҷоди шеър, махсусан дар сохтмони шаклии он, дигаргуниҳои боризе ворид сохт.

Дар адабиёти Эрон Нимо Юшиҷ буд, ки зарбаҳои сангине ба пайкари шеъри куҳани форсӣ зад ва роҳи тозаеро дар қаламрави адабиёти муосир боз намуд. Аслан дар таърихи адабиёти ҳар қавму миллате шахсони маъруфе ҳастанд, ки бо осори ғанию пурмуҳтавои худ, бо ибтикороте, ки дар майдони адабиёту ҳунар ба зуҳур расонидаанд, дар дили мардум ҷой гирифтаанд. Яке аз ин чеҳраҳо, Нозик ал-Малоика шоири бузурги араб мебошад, ки дар адабиётшиносии ҷаҳон мавсуфро барҷастатарин шоираи муосири навпардози араб мешиносанд.

Яке аз муҳаққиқони адабиёти муосири Эрон изҳор медорад «Нозик ал-Малоика бонуи шеъри муосири араб ба сони Нимо Юшиҷ дар шеъри форсӣ нахустин касе аст, ки занҷири арӯзи классикро дарҳам шикаста ва дар арӯзи озод шеър сурудааст. Сабк дар адабиёти як кишвар наметавонад амре тасодуфӣ бошад. Пас натиҷа мегирем, ки ин шоираи муваффақ бо тааммулоти қабливу ошноӣ бо адабиёти Ғарб ва бахусус мутолиаи шеъри англисӣ муваффақ ба анҷоми чунин коре гаштааст. Ин масъала ҳамон чизе аст, ки Нимо Юшиҷ дар шеъри форсӣ арза доштааст ва он бардоштани қайди тасовии камии мисроъҳои шеър аст. Албатта, Нимо Юшиҷ дар амал муқаддам аз Нозик ал-Малоика аст. Дар ҳоле ки нахустин шеъри Нозик ал-Малоика (Ал-Кулиро) буда, ки тақрибан даҳ сол баъд суруда шудааст» [1, с. 53-72.] Номи аслии шоира Нозик Содиқ ал-Малоика буда, дар таърихи адабиёти муосир бо номи Нозик ал-Малоика шуҳрату маҳбубият пайдо намудааст. Номбурда 23 августи соли 1923 дар маҳаллаи Оқулияи шаҳри Бағдод, дар хонаводае, ки ҳама аъзояш аҳли фарҳанг буданд, чашм ба олами ҳастӣ кушод. Модараш шоир ва падараш нависандаи соҳибқалам буданд.

Нозик ал-Малоика баъд аз хатми мактаби миёна ба донишсарои Бағдод шомил гашта, дар риштаи адабиёти араб ба таҳсил машғул шуд. Соли 1954 таҳсилоти худро дар риштаи мусиқӣ дар донишгоҳи ҳунарҳои зебои Бағдод ба итмом расонид. Баъд аз анҷоми таҳсилоташ дар ин бахш барои идомаи таҳсил роҳии ИМА шуд. Шоира дар Амрико дар донишгоҳи Васкинсон дар риштаи забони англисӣ ва адабиёти татбиқӣ дарс хонд. Даврони таҳсил дар Амрико имконоти фаровонеро барои Нозик ал-Малоика фароҳам сохт. Замон фурсати муғтанаме буд барои омӯзишу ошноии амиқи адабиёти ҷаҳонӣ. Шинохти ҷаҳони андешаи адибони ҷаҳон баъдан таъсироти амиқе дар кори эҷоду офаринандагии ӯ гузошт. Таъсири ин ошноиро метавон дар ашъори шоира эҳсос намуд. Пас аз бозгашт аз Амрико дар соли 1957 номбурда муддате дар донишгоҳи омӯзгории

шаҳри Бағдод ба таълиму тадрис машғул гардид ва хеле зуд барои иқомати дусола аз Бағдод ба Бейрут рафт. Баъдҳо бори сеюм ба Ироқ баргашт ва дар донишгоҳи Басраву Мосул аз забон ва адабиёти араб дарс гуфт. Нозик ал- Малоика муддате дар донишгоҳи Қувайт низ машғули фаъолияти таълимӣ буд.

Бояд зикр намуд, ки мавсуф пас аз бозгашт аз Бейрут дар соли 1961 бо доктор Абдулҳодӣ Маҳбуба, ки дар гурӯҳи адабиёти араб бо ӯ ҳамкорӣ дошт, ошно шуда, издивоҷ мекунад. Ҳосили ин издивоҷ як фарзанд - писар аст. Ӯ аз соли 1990 дар пайи ҷанги халиҷи Форс ба Қоҳира муҳоҷират кард ва то охири умр он ҷо монд.

Нозик ал-Малоика 20 июни соли 2007 дар синни 85 солагӣ дар Қоҳира даргузашт ва дар ҳамон ҷо ӯро ба хок супурданд.

Дар таърихи адабиёти муосири араб вайро ҳамчун модари шеъри адабиёти имрӯз медонанд. Агар дар адабиёти муосири Эрон манзумаи «Афсона» номи Ниморо сари забонҳо намуда бошад, дар адабиёти араб қасидаи “Кулиро”, яъне “Вабо” буд, ки номи Нозик ал-Малоикаро дар саросари кишвар маъруф гардонид. Нуктаи дигаре, ки зикраш муносиб аст, ин аст, ки ноқидони араб бар ин назаранд, ки мувашшаҳ фатҳи бобе буд, барои озодӣ аз қайди вазну қофия. Донишманди фозил М.Ш. Кадканӣ дар китоби арзишманди «Мусиқии шеър» ин амалро инқилобе дар адабиёти араб мешуморад. Зеро бо авзони тоза ва қофияҳои гуногунаш офоқи тозаеро дар баробари шоирони араб боз мекунад [4, с.211].

Аслан «мувашшаҳ навъи шеър аст, ки хориҷ аз чорчӯби арӯзи Халил бинни Аҳмад аст. Агарчи баъзе аз мувашшаҳот мутобиқи арӯзи бинни Аҳмад даромадаанд, бидуни шак мувашшаҳот шакли ҷадиде аз шеър ба ҳисоб меояд ва роҳи тозаеро пеши рӯйи шуаро гушодааст. Аммо воқеият он аст, ки мувашшаҳот бо шеъри нав мутафовут аст. Агарчи мумкин аст, шоирони пешгом дар шеъри нав аз мувашшаҳ илҳом гирифта бошанд. Вале мувашшаҳот услубе ҷудогона дар шеър ба ҳисоб меояд ва шеъри нав низ услубе дигар» [6,с.60]. Бояд изҳор дошт, ки дар адабиётшиносии муосири Эрон ҳар ҷо, ки аз Нозик ал-Малоика сухан дар миён гузошта шудааст, бо назардошти тозакориҳои ӯ дар шеъри муосир вайро ҳамсангу ҳамрадифи Нимо Юшиҷ, бунёнгузори шеъри нави Эрон донистаанд. Аз лиҳози эҳсосу авотифи занона бошад, шоираро бо шоираи бузурги муосири Эрон, Фурӯғи Фаррухзод қиёс карданд. Аз муҳаққиқони муосири Эрон беш аз ҳар каси дигаре доктор Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ ба эҷоду сабки шоирии Нозик ал-Малоика таваҷҷуҳ доштааст. Мазкур дар мақолоте, ки ба баррасии шеъри ӯ ихтисос дошта, таъкид намуда, ки шеъраш шеъри маҳин ва то ҳадди зиёде романтик аст. Шеъраш равшан ва дур аз ҳар гуна ибҳому печидагӣ аст. М.Ш.Кадканӣ муътақид аст, ки шоираро метавон дар радифи Бадр Шокир ас-Сайёб ва Абдулваҳҳоб ал-Баёнӣ ҳамчун бунёдгузори шеъри нави арабӣ баршумурд.

Нозик ал-Малоика танҳо як шоир нест, корномааш гувоҳ бар ин аст, ки ӯ мунтақиди нозукандеши адабӣ низ ҳаст. Маҳзи хотири ин, мероси ӯро ба ду даста, яъне осори нақдӣ ва адабӣ тақсим мекунанд. Дар имтидоди замон маҷмӯаҳои зиёде аз ашъори ӯ ба чоп расида, ки намунааш ба шарҳи зер аст:

1.Ошиқи шаб “عاشقة الليل" – (1947с.)

2.Шарора ва хокистар "شظايا و رماد"(1949с.)

3.Зери мавҷ “قرار الموجة" (1957с.)

4.Дарахти моҳтоб"شجرة القمر" (1968с.)

5.Душвориҳои ҳаёт ва шеър барои инсон

"مأساة الحياة و أغنية للإنسان"(1945-1965с.)

6. Барои намоз ва инқилоб « للصلاة و الثورة» (1978с.)

7. Баҳр тағйири ранг мекунад " يغير ألوانه البحر " (а чоп шудякчанд маротиб)

8. Корҳои комил “الأعمال الكاملة” (ногуфта намонад, ки маҷмӯаи мазкур аз ду ҷилд иборат аст ва то ба имрӯз чанд маротиб таҷдиди чоп шудааст).

Ҳамон гуна ки зикр шуд, Нозик ал-Малоика мақолоту нақдҳое дар перомуни шеъру шоирӣ ба чоп расонида, ки дар китобҳои зерин гирдоварӣ ва мунташир гаштаанд:

1.Китоби “Қазияҳои шеъри муосир» «قضايا الشعر المعاصر» (1962с.)

2.Ибодатгоҳ ва пешайвони сурх "الصومعة و الشرفة الحمراء"(1965с.)

3. Шеъри равоншиносӣ "سيكولوجية الشعر"(1993с.)

4.Таҷзия дар ҷомеаи арабӣ "التجزيئيه فى المجتمع العربى"(1976с.)

Бояд гуфт, ки Нозик ал-Малоика бештар бо унвони назарияпардози шеъри нав дар ҷаҳони араб шинохта шудааст. Мазкур нахустин девони худро бо номи «Ошиқат ул-лайл» (Ошиқи шаб) соли 1947 мунташир намуд ва хеле зуд мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи адабӣ қарор гирифт. Мурури ин девон бозтобдиҳандаи рӯҳи саркаш ва ғамини Нозик дар фазои комилан романтикӣ ва дар доираи шеъри суннатӣ мебошад. Дарду андуҳ, фирор аз марг,

вижагиҳои барҷастаи қасидаҳои Нозик аст, ки дар ин девон фароҳам омада. Қобили зикр аст, ки маҳз дар ҳамин сол бо эҷоди шеъри “ал-Кулиро” дар адабиёти муосири араб ҷараёни шеъри озод оғоз гардид.

“Шозиё ва рамад” (Шарора ва хокистар) девони дуюми Нозик ал-Малоика мебошад, ки дар соли 1949 мунташир гардид. Дар аксари ашъори девони мазкур, Нозик шоирони муосирро ба сурудани шеъри нав даъват менамояд. Дар муқаддимаи китоб чунин изҳор намуда: «Ба назари ман имрӯз, шеъри араб дар остонаи дигаргунӣ қарор дорад. Аз таърихи гузашта чизе боқӣ нахоҳад монд ва пояи тамоми вазнҳо, қофияҳо, таърихи гузашта ва мактабҳо ҳама ва ҳама дучори ларзиш ва вожагунӣ хоҳад шуд. Ғунҷоиши вожаҳо ба андозае вусъат меёбад, ки битавонад уфуқҳои тоза ва паҳноваре аз қудрати баёнро дар пеши рӯйи мо бикшояд. Самт ва сӯйи таҷриботи шоирона-маъниҳо, баъд аз ин ки муддате аз дурдаст ба гирди инсон мечархид; акнун ба даруни ӯ кина пайдо хоҳад кард. Ҳамаи инҳоро бар асоси мутолиоти иҷмолии хеш ба рӯйи шеъри муосирамон ва ҷиҳатгириҳои ояндаи он баён мекунам. Чаро ки ҳамаи ин самтҳоро паёмади мантиқии бархӯрдҳои мо бо адабиёти Аврупо, мутолиаи тозатарини теорияҳо, назариёти фалсафӣ, ҳунарӣ ва илми равоншиносии онҳо медонам. Дар воқеъ, касоне, ки мехоҳанд, миёни фарҳанг ва тамаддуни навин бо ашъори гузашта ҷой иваз кунанд, бисёр шабеҳи касоне ҳастанд, ки мехоҳанд либоси мардуми қарни аввали ҳичриро имрӯз ба тан кунанд. Ва мо дар ҳоли ҳозир миёни ин ду ҳастем, ё ин ки теорияҳои ҷадидро бипазирем ва онҳоро бар худ мутобиқ созем ва ё ин ки аслан ба фарогирии онҳо напардозем».

Бояд изҳор дошт, ки ҳар девоне аз Нозик фарогири дарунмояҳои вижаест. Масалан, девони сеюми ӯ бо номи “Қарор ул-мавҷ” (Зери мавҷ) соли 1957 ба нашр расид ва шоир дар саҳафоти он аз дунёи танҳоии шахсии худ ва масоили занон ва маҳрумиятҳои онон дар кишварҳои шарқӣ сухан мегӯяд. Масалан, дар шеъри “النائمة فى الشارع” «Ноимату фи шореъ» духтари ёздаҳсоларо тасвир мекунад, ки на хона дораду на хонавода ва дар хиёбони зери регборсӯзи сармои зимистон, бемор ва гурусна, шабро саҳар мекунад. Мурури девони дувуму савум нишон медиҳад, ки шоира аз фазои романтикии девони аввал берун омада ва бештар дар ҷаҳони фаровоқеият ва рамзгароӣ гом бармедорад. Истифода аз рамзу тамсил махсусан дар девони савум ба авҷи аълои худ мерасад.

Нозик шеърро василае ҷиҳати баёни ғамҳои худ, воситаи дарди дил, ранҷҳо ва меҳнатҳояш мешуморад. Ошноӣ бо девонҳо ва сайр дар қаламрави рангини сурудаҳои Нозик дар зеҳн чунин натиҷаеро тавлид мекунад, ки номбурда бидуни шак аз аввалин шоироне буд, ки дигаронро ба сурудани шеър ба тарзи нав даъват мекард ва метавон гуфт, ки худи ӯ ҷасуртарини онҳо дар ин исёни адабӣ бар муқобили пояҳои устувори шеъри классик ва поягузорӣ ба ҷараёни шеъри озод будааст.

Нахустин шеъри ӯ зери унвони « مأساة الحياة و اغنية للانسان» дар соли 1945 суруда шуда ва дарбаргирандаи абёти зиёдест. Дар ин шеър Нозик оиди ҳаёту зиндагӣ, маргу нестӣ ва асрори миёни онҳо сухан мегӯяд. Шоир дар ин шеър бадбинӣ ва ҳиссиёти ноумедонаи худро нисбат ба ин, ки зиндагӣ тамоман ранҷу дард буда, марг коми бадбахтиҳои башарӣ аст, нишон медиҳад. Мисоли бориз дар таъйиди андешаҳо ваҳшати ҳосил аз ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, харобаҳо ва бадбахтиҳое дар пайи он аст. Зимнан шоира ҳамаро ба сулҳ ва оштӣ фаро мехонад. Ӯ аз саодатмандӣ, хушиқболӣ ва хостаҳои якҷояи инсонҳо ҳарф мезанад, аммо дар охир боз ҳам дучори сархӯрдагӣ ва ноумедӣ мешавад, чаро ки саодат ва хушбахтиро дар рӯйи замин намеёбад. Ин афкор ва андешаҳо бори дигар дар шеъри “ مأساة الحياة و اغنية للانسان” такрор мешавад, ки ин бор дар ин шеър мақсуди суханро адо мекунад ва дар поёни он ба саодат даст меёбад. Чунин ба назар мерасад, ки шоир дар як дунёи махсуси худ мезистааст, ҷаҳоне, ки бар пояҳои ноумедӣ, дард, ранҷ, танҳоӣ, ғурбат ва зиндагӣ бо хотироти гузашта устувор будааст.

Дар поён лозим ба таъкид аст, ки омӯзиши шеваҳои эҷодии Нозик ал-Малоика дар бахши шеъри нав замони бештару мавориди дигареро тақозо мекунад. Ҳамчунин гуфтан лозим аст, ки дар адабиётшиносии тоҷик ҳарчанд дар атрофи шеъри Нимо ва вижагиҳои шоирии ӯ мутолиоте сурат гирифта, вале, мутаассифона, Нозик ал-Малоика то ба ҳол чеҳраи ноошност. Ба андешаи мо қиёси шеъри Нимо ва ашъори навпардозонаи мазкур метавонад бисёре аз нукоти норавшанро дар шинохти адабиёти навпардозонаи форсиву арабӣ равшан созад.

А Д А Б И Ё Т

1. Беҳдорванд Армуғон. Ин рӯзҳо, ки мегузарад. -Теҳрон, 1388. – 288 с.
2. Вафоӣ Аббосалӣ. Сафар дар ойина. - Теҳрон, 1387. - 471 с.
3. Зарқонӣ. Чашмандози шеъри муосири Эрон. Нашри Солис. - Теҳрон, 1386. -739 с.
4. Кадканӣ Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1383. - 311 с.
5. Кадканӣ М.Ш. Мусиқии шеър. - 1373. - 680 с.

6. Қосимӣ Абузар Оронӣ. Пешгомони шеъри муосири форсӣ ва арабӣ // Фаслномаи илмӣ пажӯҳишии забон ва адабиёти форсӣ. - Донишгоҳи озоди исломӣ, № 32, соли 7-ум,баҳори соли 1394 – С. 53-72.
7. Пурномдориён Тақӣ. Хонаам абрист. - Теҳрон: Суруш, 1377. – 410 с.

НИГОҲИ ИҶМОЛӢ БА ЗИНДАГӢ ВА ЭҶОДИЁТИ НОЗИК АЛ –МАЛОИКА

Мақолаи мазкур ба омӯзиши зиндагӣ ва масири эҷодиёти яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири араб шоираи навпардоз Нозик –ал- Малоика ихтисос дорад. То ба имрӯз бо қалами шоираи мазкур беш аз даҳ дафтари ашъор ва китобҳое дар заминаи мабонии назарии шеъри муосир мунташир шудааст. Аксари ноқидони шеър Нозик –ал- Малоикаро дар халқи осори адабӣ намояндаи шеваҳои тозаи модернистӣ шинохтаанд. Маҳзи хотири ин, дар адабиётшиносии араб барҳақ ӯро бунёнгузори «шеъри нави арабӣ» мешуморанд. Нозик –ал- Малоика ба таври комил дорои мероси ғании адабӣ мебошад, ки осораш саршори андешаҳои арзишманду дидгоҳҳои нодир аст. Мутаассифона, бисёре аз ҷанбаҳои фаъолияти ӯ то ба ҳол аз доираи таҳқиқ берун монда ва ба таври лозим нақду арзёбӣ нашудааст. Қобили зикр аст, ки бисёре аз масоили фаъолияти эҷодии ӯ мисли дидгоҳҳои назариаш дар иртибот бо шеър, нақши шоир дар адабиёти муосири ҷаҳон мавриди арзёбии шоиста қарор нагирифтааст. Гузашта аз ин, назариёти интиқодии ӯ, мақолоти назариявиаш дар атрофи шеъри нав таҳлил нагаштааст. Бо назардошти ин ки ашъори Нозик –ал-Малоика умумиятҳои зиёде бо бунёнгузори шеъри нави Эрон Нимо Юшиҷ дорад, дар мақола таҳлили муқоисавии эҷодиёти онҳо сурат гирифтааст.

Калидвожаҳо: адабиётшиносии араб, шеър, Нозик-ал-Малоика, нақд, дидгоҳ, модернизм.

КРАТКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА НОЗИК –АЛ-МАЛОИК

Статья посвящена изучению жизненного и творческого пути видной поэтессы современной арабской литературы Нозик ал- Малоик. Перу Нозик ал- Малоик принадлежат более 10-и поэтических сборников. Исходя из особенностей художественного творчества, она считается последователем нового модернистского стиля. Поэтому в арабском литературоведении её считают основоположником новой арабской поэзии. Одним словом, Нозик ал-Малоик обладает богатым литературно – художественным наследием, которое содержит бесценные мысли и воззрения. К сожалению, многие аспекты жизне деятельности Нозик ал- Малоик до сих пор не изучены и не получили соответствующей оценки и надлежащего признания. Следует отметить, что недостаточно исследованы и оценены такие важные вопросы творчества поэтессы, как теоретические воззрения на поэзию, роль поэта в современном литературном мире. Кроме этого, не анализированы её критические заметки, теоретические статьи относительно новой поэзии. Поскольку поэзия Нозик ал- Малоик имеет много общего с творчеством основоположника новой поэзии Ирана Нимо Юшиджа, в статье подвергается сравнительному изучению некоторые аспекты творчества вышеупомянутых поэтов.

Ключевые слова: арабское литературоведение, поэзия, Нозик –ал- Малоик, критика, воззрение, модернизм.

A GLANCE TO THE LIFE AND WORKS OF NOZIK-AL-MALAIK

The article considers the study of the life – creative way of the prominent poetess of modern Arabic literature Nozik-al-Malaik. To the pen of Nozik-al-Malaik applies more than 10 collections of poetry. In the creation of artistic creativity, she is considered a follower of the new modernist style. Therefore, in Arabic literary studies it is considered to be the founder of the new Arabic poetry. With other words Nozik-al-Malaik has a rich literary heritage, which contains invaluable thoughts and opinions. Unfortunately, many aspects of life activities Nozik-al-Malaik still not been reviewed and has received the appropriate assessment and appropriate recognition. It should be noted that such important issues of the poet's creativity as theoretical views on poetry, the role of the poet in the modern literary world are not sufficiently analyzed and evaluated. In addition, her critical notes theoretical articles on new poetry are not analyzed. Since the poetry of Nozik-al-Malaik has much in common with the work of the founder of the new poetry of Iran, NimaYushij, the article is subjected to a comparative study of some aspects of the creativity of the above mentioned poets.

Key words: the arab literary, poetry, Nozik- al- Maloika, the critic, view, modernism.

Сведения об авторе: ***Шарипова Гулноз Бахтиёровна*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры арабской филологии факультета языков Азии и Европы **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: **farzod- 2013@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-40-00-95**

Information about author: ***Sharipova Gulnoz Bakhtiyorovna*** - Tajik National University, postgraduate of department of arabic philology of Asia and Europe languages faculty. **Adress:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ave. Rudaki 17. E-mail: **farzod-2013@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-40-00-95**

УДК: 891.550:82 (575.3)

САМОЪИ ОРИФОН ДАР АҚВОЛИ БУЗУРГОН

Раҷабова М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ

Дар мавзӯи самоъ мутафаккирони улуми исломӣ назароти ҷолиб ва дақиқеро зимни тасвиркашӣ ва баҳсу мубоҳисоти зиёде назокат ва аҳамияти ин масъалаи васеъро ҷавлон бахшидаанд. Самоъ дар рисолаҳои ирфонии қисман мавриди таваҷҷуҳи ин ҷониб қарорёфта басо марғуб ва дилкаш ифода гардидааст, ки ҳар хонандаро мутаассир ва хусусан, равандагони роҳи тариқатро ошно ва ҷолиб ба назар мерасад.

Самоъро навъи рақси сӯфия бо чархиши бадан барои ҳадафи маънавӣ донистаанд. Самоъ пешинаи куҳани таърихӣ дошта, аз ибтидои пайдоиш ва рушд мувофиқону мухолифони хешро доштааст. Таҳти таъсири овози даф, най, танбӯр ва шеърҳои оҳангин гурӯҳи шефтагони самоъ ва сӯфиён дар маҷолиси самоъ ба маҷрои ҳаракат мепардохтанд [9].

Баррасии мавзӯъ. Самоъ аз дидгоҳи бузургони сӯфия хеле тасвири ҷолиб дорад: самоъ ба малакут роҳ дорад ва бо шунидани ашъор ва нағмаҳои мавзун дилҳои сӯфиён мутаваҷҷеҳ ба боргоҳи Ҳақ таъоло мегардад. Шайх Шабистарӣ дар ин мавзӯъ фармуд: Самоъ ҷони на охири савт ва ҳарф аст..., ки дар ҳар пардае сирре нуҳуфта аст. Зununи Мисрӣ оиди самоъ чунин ҳукм намудааст, ки: «Самоъ вурудест, Худое, ки дилҳоро бадон барангезад ва бар талаби Ӯ ҳарис кунад. Ҳар кӣ онро ба ҳақ шунавад, ӯ ба Ҳақ роҳ ёбад ва ҳар кӣ бо нафс шунавад, дар зиндиқа афтад» [9].

Шайх Наҷмуддини Розӣ дар «Мирсод-ул-ибод» дар радифи мавзӯоти мушаххаси тасаввуф «Самоъ»- ро ба нақши қалами сеҳрангези хеш даровардааст. Шаммае аз нақши орифи муътабар мусаннад бар ин аст, ки мақоми нафсро ибтидову интиҳоест. Ибтидоан, солик ба завқи илҳомоти Ҳақ расида, ба сирри тақвову фуҷур расад, аз яке пайравӣ, аз дигаре иҷтиноб кунад. Яке он ки вақте нафс аз сифоти замима мурд, арӯсии ӯро самоъ кунанд ва ин аз он ҷост, ки чун азизи сӯфиён фавт кунад, самоъ кунанд. Дигар барои таҳнияти дил, ки ӯро бо маонии ғайб издивоҷ ба амал омад, сифоти ҳамида гирифт, дар эълони никоҳ самоъ суннат аст (даф задан), сеюм чун нафсро дидаи Ҳақ, гӯшро самъи Ҳақшунавӣ падид ояд, завқи илҳомот ёбад. «Он касоне, ки ба сухан гӯш медиҳанд ва ба беҳтарини он пайравӣ мекунанд, онҳоянд, касоне, ки Худо ҳидояташон карда ва онҳо хирадмандонанд» [2, с.39, 18]. Ва бо ақволи мавзуни шунидааш аз олами ғайб... ҷунбиши шавқ ба сӯйи Ҳақ падид оварад. Ва ҳамин тавр...мурғи рӯҳоният қасди ошёни аслӣ кардан шуда, парвоз кардан хоҳад, вале дар қайди қолаби рӯҳ аст, чун завқ хитоб ёфт, мурғи рӯҳ ором натавонад шуд, дар изтироб воқеъ гардида, хостори шикасти қафаси ҷисму пайвастан ба олами хеш кунад:

Он булбули маҳбус, ки номаш ҷон аст,
Дасташ ба шикастани қафас менарасад [4, с. 364].

Қафаси қолаб ба табаъийят ба изтироб ояд, ки рақс иборат аз он изтироб аст:

Рақс он набувад, ки ҳар замон бархезӣ,
Бе дард чу гард аз миён бархезӣ.
Рақс он бошад, к-аз ду ҷаҳон бархезӣ,
Дил пора кунӣ, в-аз сари ҷон бархезӣ [4, с. 364].

Шайх дар идомаи мавзӯъ музаккир ба ин натиҷа аст, ки аҳли маҷлиси самоъ воқеъ дар хидмати шайх набояд бо ҳаракат такаллуф намояд, балки мунтазири илҳоми ғайбӣ бошанд. Ин гуна Шайх андешаҳо ва назари ҷолиби хешро дар фасли дувум, боби чоруми «Мирсод-ул-ибод» оиди ваҷду самоъ дар истишҳоди оёту аҳодис баён дошта ва бо суханони ".. дар самоъ одоб бисёр аст, ки ин мавзӯъ таҳаммули он накунад.." ба мавзӯи аслии ин фасл, ки «Дар маъоди нафси муқтасид» ном дорад, мепардозад [4, с. 364-366].

Ҳаким Сӯҳравардӣ низ оиди самоъ дар китоби «Авориф-ул-маориф» фаслеро оид намудааст, ки марбут ба муҳтавои мавзӯи рисола аз фароварди он мутазаккир шудан бамаврид аст. Соҳиби самоъ аз ҷазаботи лутфу карами Илоҳӣ ва шуълаи ваҷд ба камол расад, «..хоҳад, ки қафас пардозад, то шаҳбози ҷон ба маркази аълои худ тайрон кунад, чун аз он оҷиз ояд, хирқа пора кунад ва ин абёт вирд созад». Байт:

Гуфтам, ки магар васли туро чора кунам.
Ишқи ту мабод, к-аз дил овора кунам.
Гар баъди вафоти ман ба хокам гузарӣ,
Бӯят чу ба ман расад, кафан пора кунам [10, с. 52,53].

Самоъи орифон мавриди баҳси ҳукамои исломӣ қарор гирифта, атрофи он аҳкоми шаръии ислом тибқи Қуръону ҳадис ақволу асноди ҷолибе муқаррар намудаанд, ки тазаккури қисмате аз он дар мақола бамаврид ба назар расидааст.

Муаллифи китоби «Ҳукми мусиқӣ дар ислом» Мавлоно Муҳаммад Шафеъ (раҳ) бо раводиди Қуръону аҳодис ақволи фуқаҳои уммат ва сӯфиёни киром мустанад ва асҳоби тариқати шаръӣ ҳайсияти мусиқиро возеҳ фармудаанд, ки мусиқӣ бе равшании Қуръону Аҳодис ноҷоиз аст ва фикри чаҳор макотиби фуқаҳои уммат бар ин масъала муттафақ аст [7, с. 9].

Самоъро ҷоиз донистан ва ё дар аксари маҷолиси сӯфия шунидан дар асрҳои нубуғи ирфон (асрҳои XI-XIII) маъмул буд. Вале аксари орифон аз шунидани он иҷтиноб варзида, аз иштирок дар ин ҷалоис худдорӣ менамуданд. Дар дигар маворид сӯфиён аз ҷаласаҳои

самоъ файзи рӯҳонӣ мегирифтанд. Чунон ки фармуданд: «Агар самоъ Қуръон ва насиҳат бувад, на сирф ҷоиз, балки мустаҳаб аст ва агар самоъ суруд бувад, ҳаром аст, зеро ки бар ҳурмати шунидан ва хондан суруд иҷмои уламо аст... ва он баъзе сӯфиёни машоих, ки инро ҷоиз гуфтаанд, он ҳам барои сирф он мардумоне, ки аз хоҳишоти нафсонӣ дур бошанд ва ба тақвову парҳезгорӣ музайян бошанд ва чунин муҳтоҷи самоъ бошанд, тавре ки мариз муҳтоҷи даво аст» [7, с. 242, 243].

Олимони фоқеҳи аҳли суннат иттифоқ бар ин ақида доранд, ки «мусиқиро ғизои рӯҳ қарор додан ҳеҷ гуна дуруст нест.., ҳайсияти мусиқӣ барои рӯҳ ҳамон аст, ки барои ҷисм афюн аст, тавре ки истеъмоли афюн ба таври муъқатеъ фароғат мебахшад ва инсонро шоиқи худ месозад, як бор даҳон зад, бозраҳоии он душвор мешавад, ғафлат ва бешуурӣ ба интиҳо мерасад, ҳар ки мехоҳад, ки нуқсоноти рӯҳонии мусиқиро мушоҳида намояд, бояд он мардумонро бинад, ки бо мусиқӣ иштиғол доранд, зеро ки бединӣ, илҳод, қасовати қалбӣ, беғайратӣ, беҳаёии эшон кадом чиз пинҳон нест. Дигар ин ки мусиқӣ барои рӯҳ, на балки барои нафс фарҳатбахш аст. Тафсири ин иҷмол ин аст, ки мардуми мусиқиро ғизои рӯҳ қарордиҳанда аз илми амиқ ва ҳақиқии инсоният маҳруманд ва бар эшон ин ҳам маълум нест, ки аз мусиқӣ иктисобкунандаи лаззат кист? Оё лаззатгиранда нафс аст, ё рӯҳ»? [7, с. 343, 345].

Муаллиф бо асноди олимони абарқудрат нисбати мусиқӣ бар ин ақида омадааст, ки мусиқӣ ҳаргиз ғизои малакутӣ нест, балки ғизои он сирф зикри илоҳӣ аст, чуноне ки Қуръон иршод фармудааст: «Огоҳ бошед, ёди Худо он чизест, ки тавассути ин бар қалбҳо итминон насиб мешавад» [13, с. 28].

Агар мусиқӣ ғизои рӯҳи инсон мебуд, ҳайвон аз он фароҳат намегирифт. Имом Муҳаммади Ғаззолӣ дар китоби муътабари хеш «Эҳё-ул-улумаддин» ҳикоятеро аз даврони саҳобагон дар бахши мавзӯи самоъ матраҳ фармудааст, ки хеле ҷолиб аст. Дар ин ҳикоят аллома Имом Муҳаммади Ғаззолӣ мутазаккир гаштааст, ки бо шунидани мусиқӣ шутур тезрафтор мешавад. Яъне, ин хулосаи ҳикояти Имом шоҳид ба қавли болост, ки мусиқии нафсонӣ ба рӯҳи инсон созгор нест [1, с. 243]. Ҳамчуноне ки фармуд, аҳли илм барои исботи даъвои ин ки ҳар чизе, ки мусиқиро шунида ба ҳаракат меояд ва мастӣ, он нафси ҳайвонист, на нафси инсонӣ, ё рӯҳи малакутӣ, бо маҳфуз шудани парандаву чарранда бо шунидани созу суруд истидлол мекунанд [7, с. 351].

«Албатта, биҳиштиён он рӯз ба шодмонӣ машғул бошанд» [2, с. 36,55] шуғли эшон дар ҷаннат самоъ аст, бандаи муъмин дар биҳишт орзуи самоъ кунад. Шайх Рашидуддин – муаллифи тафсири форсии ирфонии Қуръони маҷид - «Кашф-ул-асрор» менигорад, ки Раббулъиззат Исрофил (а) фиристад, то бар ҷониби рости вай Қуръон хондан гирад, Довуд (а) бар ҷониби чапи вай Забур хонад, банда то хуш гаштан самоъ мекунад, дилаш фарои нишот ояд...ҷон дар вуҷуд мустағрақ гардад, орзуи дидори Зулҷалол кунад, дил орзуи шароби Таҳур кунад, ҷон орзуи самоъи Ҳақ кунад, Раббулъиззат пардаи Ҷалол бардорад, дидор бинмояд, бандаро ба ҷоми шароб бинвозад, Тоҳо ва Ясин хондан гирад, ҷони банда он гаҳ ба ҳақиқат бар самоъ ояд:

Ҷӯяндаи ту ҳамчу ту фарде бояд,
Озод зи ҳар иллату дарде бояд [8, с. 2406].

Муқаррабон ва хосони Ҳазрат мушоҳидат аз мутолиаи шуҳуд ва истиғроқи вуҷуд як лаҳза бо наъими биҳишт напардозанд, ба забони ҳол мегӯянд:

Рӯзе, ки маро васли ту бар чанг ояд,
Аз ҳоли биҳиштиён маро нанг ояд [8, с. 2406].

Вале ба қавли уламои дин ҳалол будани чиз дар ҷаннат ин лозим намеояд, ки он дар дунё низ ҳалол бошад. Магар дар Қуръон наомад, ки ба аҳли биҳишт шароб нӯшонда мешавад. Дар дунё ҳамчунин пӯшидани либоси абрешим барои мардон ҳаром аст, дар ҷаннат абрешим мепӯшанд [7, с. 358].

Садои ғайбӣ ва нидои самовӣ бо исми самоъ танҳо насиби он сӯфиёне мегашт, ки аз ин ҷаҳон риштаи сабт барканда, ба ресмони илоҳӣ пайвастаанд. Самоъ ҳолоте буд, ки сӯфиёну орифон бо табдили ҳолоти ваҷди рӯҳӣ партави зоти илоҳиро мушоҳида мекарданд. Бинобар ҳамин, онро наметавон як базми дилхушӣ ва маҳфилороӣ дар он замон ба қалам зад. Ҷаласоти Абӯсаиди Абулхайр, умуман маҷолиси аксари сӯфиёни Мовароуннаҳру Хуросон бе рақсу самоъ намегузашт. Самоъи сӯфиён аз шунидани савту навои мардуми авом бо он мутафарриқанд, зеро яке бо рӯҳ дигаре бо нафс, фақат ба гӯши тан мешунаванд, вагарна бо нафс шунидани он шахсро ба гуноҳ мекашад. Он ки самоъи ҳақиқиро дарк мекунад, аз олами ҷисм берун мегардад. Самоъро сӯфиён пайки муборак аз

олами қудс ва зуҳури асрори макнуни қалби инсонӣ, донистаанд, ки Аллоҳ таъоло дар ниҳоди Одам гузоштааст.

Бо назардошти бархе аз маълумотҳо «Орифон дар мусиқӣ, дар навои асбоби мусиқӣ дар лаҳни суруду таронаҳо оташеро медиданд, ки дилҳои бедори онҳоро ба шавқи мушоҳидаи дидори ёр, рӯҳи онҳоро аз ин олами сифлӣ ба дунёи улвӣ, осмонӣ, ба қурби ҳамнишинии Ҳазрати Илоҳӣ мебурдааст», ки он асосан дар ду тариқат: Чиштия ва Мавлавия чун василаи расиши ҳақ бештар мавриди истифода қарор дошта, вале тариқати Қодирия аз он сарфи назар менамудааст [3, с. 180].

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, ки инсонро бузургтарин муъҷизаи офариниш шумурда, ягонагиву иттифоқ ва иттиҳоду ҳамбастагии онҳоро талқин ва тарғиб намудааст, дар васфи самоъ чунин фармуд:

Имрӯз самоъ асту самоъ асту самоъ,
Нур асту шуоъ асту шуоъ асту шуоъ.
Ин ишқ матоъ асту матоъ асту матоъ,
Аз ақл видоъ асту видоъ асту видоъ.

Ё:

Сад мавҷ занад баҳри дил аз ёди самоъ
Ҳар дил набувад лоиқи ашҳоди самоъ
Ҳар дил, ки бипайваст ба баҳри дилҳо
З-ин бода биҷӯшаду диҳад додии самоъ [5, с.1049, 1050].

Одатан, Мавлоно шеърро ба овози баланд қироат мекард, ки оҳанги он ӯро ҷазабаи улвӣ бахшида, чарху фалак дар назари рӯҳаш зуҳур менамуд. Албатта, ваҳйи нахустин ба Паёмбари ислом - Муҳаммад Мустафо(с) аз калимаи «Иқраъ» ибтидо гирифта, решаи он «қараъа» аст ва Қуръонро дар назар доштааст [3, с. 180].

Самоъро, ки дар «Лубоб-ул-албоб» «ороми дили ошиқон ва сурури синаи содиқон ва ғизои ҷони соирон ва давои дарди соликон» ба қалам додаанд, сабаби ҷамъияти ҳоли соликон шумурдаанд, зеро одам дорои нафсу ҳаво ва ақлу рӯҳ аст. Одам аз ин чаҳор насибе мерасад, ки вобаста аз ғизоҳост ва ҳар як аз ин чаҳорро ғизое бояд ва ҳар чӣ ба одамӣ мерасад, аз он берун набошад, ки ғизои яке аз он чаҳор аст, номуътадилии яке аз ин чаҳор ғизо боиси парешонӣ дар вуҷуди инсон мегаштааст. Бо насиб гаштани он чаҳор ғизо эътидол пайдо гашта, ҳар кадом ба ғизои хеш дастёб ва ҳамдигарро такмил сохта, ин чаҳор он вақт маҳфуз мегардад, ки дар самоъ сухан бо овози хуш шунида шавад.

«Ва самоъ бар се қисмат аст: Аввал самои ом ва эшон ба нафс мешунаванд ва он чаҳор навъ аст: табиӣ, ҳавоӣ, шаҳвонӣ ва бидъатӣ. Ва ин ҳама ҳаром аст. Дувум самои хос ва эшон ба дил шунаванд ва он се навъ аст: риҷоӣ, хавфӣ ва амалӣ. Ва ҳар се навъ писанддида аст. Савум самои хос ва эшон ба рӯҳ шунаванд. Ва дар ин ҳеҷ иллат нест ва эшон ҳар чӣ шунаванд, аз Ҳақ барҳақ шунаванд» [6, с. 17,18].

Пас, ҳолоти сӯфиён вақти самоъ ва сурудани ашъори орифона, мадҳушиву сайри рӯҳонӣ намудани онон, дур гаштан аз олами шаҳодат ва пайвастан ба олами ғайб, берун шудан аз тааллуқоти дунёӣ ва ороста гаштан бо зеварҳои уқбоӣ, аз назари зоҳир ба кашфи ботин, аз роҳи ақл ба ишқу маъшуқ ва дар ниҳоят ба алтофи ғайбӣ ба муқтазои ботин аҳамияти хос дорад.

Сӯфиёну орифон берун шудан аз олами шаҳодат, сайри рӯҳонӣ ва ҳатто маргро хуш пазироӣ кардаанд, ки ин афкор дар «Кашф-ул-асрор» тавассути шеъри сӯфиёна басо ҷолиб ифода гардидааст:

Гар з-он ба шорате бихоҳӣ зи раҳе,
Дарҳол фиристаму таваққуф накунам [8, с. 160].

Во ҳузно! Мегуфт аёлаш дар назъи Билоли Ҳабашӣ. Билол гуфт: ин хел магӯ, бигӯ: тарабо! Абдуллоҳи муборак дар вақти марг мегуфту механдид. Шиблӣ бошад дар сакарот ин байт мегуфт:

Он шаб, ки рухи ту шамъи кошонаи мост,
Хуршеди ҷаҳонфурӯз парвонаи мост [8, с. 160].

Самоъ бо исми Абӯсаиди Абулхайр бо барпо намудани маҷолиси самоъ, ки бидуни шеър бемаъно буд, мутааллиқ будааст. Аз ин лиҳоз, шеъру самоъро дар таърихи пайдоиш ҳамқадам донистаанд. Аз таърихи тасаввуф ва маҷолиси самоъ бармеояд, ки маҳз ашъори ирфонӣ ва ё ишқии маҷозӣ низ ба аҳли нишаст бетаъсир наемонд. Зеро оҳанги шеър бо хусусияти ҷаззоб ва дилкаш ошиқонро беқарор ва дилҳои ғафлатзадаро ҳушёр менамуд. Яъне, шеър ва каломи муқаффо нисбат ба наср дар ироаи шурӯҳи калом муассиртар ба вуқӯъ мепайваст. Аввалан, маҷолиси самоъ бо ҷамъи гурӯҳе бо шеърхонӣ иҷро гардида,

сӯфиён аз таъсири он савти хуш ва маънии калом ба бехудӣ расида, пойкӯбӣ мекардаанд. Самоъро табиӣ, рӯҳӣ ва қалбӣ донистаанд. Самои табиӣ инсонро ба маъосӣ ва иштиёқи зинатҳои дунё ва шаҳват водор мекунад, аммо самои рӯҳӣ рӯҳ аз олами малакут аст, бо тараққии илму дониш афзоиш мекунад ва самои рӯҳӣ ба сӯйи неъматҳои охират олами ҳур мебарад. Савту лаҳни музайяни мавзуни самои қалбӣ муҷиб ба контрол кардани нуфус, расидан ба Ҳақ ва ҳақиқат ва мунтаҳо ба мушоҳидаи ҷамоли Худованд мегардад.

Самоъе, ки бо риояи ахлоқу одоби шаръӣ баргузор мегашт, аз сидқу хушӯъ ва хузӯъи қалбӣ воқеъ шуда, сӯфиро ба олами ғайб ва шавқи висол ва асрори малакутӣ мепайваст. Ба қавли орифон, бо дидану шунидани чашму гӯши ғайбӣ метавон ба мушоҳида расид, ки ситорагон низ дар шуоъи анвори Ҷалол мерақсанд. Чуноне ки Мавлавӣ фармуд, дар баҳорон шохҳои тар ба рақс омадаанд:

Омад баҳори ҷонҳо, эй шохи тар, ба рақс о,
Чун Юсуф андаромад, Мисру шакар ба рақс о.
Эй шоҳи ишқпарвар, монанди шири модар,
Эй шир ҷӯш, даррав, ҷони падар ба рақс о.
Чавгони зулф дидӣ, чун гӯй даррасидӣ,
Аз пову сар буридӣ, бе пову сар ба рақс о.
Теғе ба даст хунӣ, омад маро, ки чунӣ,
Гуфтам: биё, ки хайр аст, гуфто ки шар, ба рақс о.
Аз ишқи тоҷдорон, дар чарх ӯ чу борон,
Он ҷо қабо чӣ бошад? Эй хушкамар ба рақс о.
Эй масти ҳастгашта, бар ту фано набишта,
Руқъи фано расида, баҳри сафар ба рақс о.
Дар даст ҷому бода омад бутам пиёда,
Гар нестӣ ту мода, з-он шоҳи нар, ба рақс о.
Поёни ҷанг омад, овози чанг омад,
Юсуф зи чоҳ омад, эй беҳунар, ба рақс о.
То чанд ваъда бошад? В-ин сар ба саҷда бошад?
Ҳаҷрам бибурда бошад, дангу асар ба рақс о.
Кай бошад он замоне? Гӯяд маро фалоне,
К-эй бехабар, фано шав, эй бохабар, ба рақс о.
Товуси мо дарояд, в-он рангҳо барояд,
Бо мурғи ҷон сарояд, бе болу пар ба рақс о.
Кӯру карони олам, дид аз Масеҳ марҳам,
Гуфта Масеҳи Марям, к-эй кӯру кар, ба рақс о.
Махдум Шамси дин аст, Табрез рашки Чин аст,
Андар баҳори ҳуснаш, шоху шаҷар, ба рақс о[5, с. 74, ғ.189].

Гуфтаанд, ки Мавлавӣ гирди дарахти ҳавлии хеш давр мезад, ба олами бехудӣ ва ошёни малакутӣ мерасид, мадҳуш мегашт ва он айём дар ғалаёни ишқи Илоҳӣ ашъор месуруд...

Ҳамин тавр, шеъру каломи манзум дар самоъи орифон мавриди истифода қарор гирифта, воситаи тақарруб ба Худованд маҳсуб мегаштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ғаззолӣ, Муҳаммад. Эҳё-ул-улум-ад-дин; тарҷумаи Муайядуддин Муҳаммади Хоразмӣ. Ҷилди 2. Рубъи ибодот. – Теҳрон: Ширкати интишоротии Илмӣ ва фарҳангӣ, 1351 (1973 м.). – 816 с.
2. Қуръони карим. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 640 с.
3. Занҷири гусаста. Маълумотномаи панду ҳикматҳо. – Душанбе: Адиб, 2010. – 284 с.
4. Розӣ, Наҷмуддин. Мирсод-ул-ибод; ба эҳтимоми Муҳаммадамини Риёҳӣ. – Теҳрон, 1387 (1966 м.). – 798 с.
5. Румӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Куллиёти Шамси Табрезӣ: бо муқаддимаи Фурӯзонфар. – Теҳрон: Зуҳра, 1378 (2009 м.). – 1492 с.
6. Чархӣ, Мавлоно Ёқуб. Рисолаи Ноия: бо таҳшия ва таълиқоти устод Халилуллоҳ Халилӣ. – Душанбе: Боргоҳи сухан, 2005. – 132 с.
7. Шафеъ, Муҳаммад. Ҳукми мусиқӣ дар ислом: бо шарҳу таҳқиқи Муҳаммад Абдулмуғийра. Мутарҷим Абдуллоҳи Мансур. Мактабаи Ғавсия. – 430 с. Бидуни таърихи нашр.
8. [Захираи электронӣ] http://kashfol-asrar-kamel.pdf-Adobe Reader
9. [Захираи электронӣ] https://fa.m.wikipedia.orq
10. [Захираи электронӣ] http://avarifol-maorif.pdf-Adobe Reader

САМОЪИ ОРИФОН ДАР АҚВОЛИ БУЗУРГОН

Дар мақола мавзӯи самоъ аз нигоҳи донишмандони илми исломӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифи мақола кӯшидааст, ки самоъро дар заминаи рисолаҳои ирфонӣ ва дидгоҳи бузургони аҳли сӯфия, аз ҷумла Шайх Наҷмуддини Розӣ, Ҳаким Сӯҳравардӣ, Мавлоно Муҳаммад Шафеъ Абӯсаиди

Абулхайр ва баъзеи дигарон шарҳу тафсир намояд. Самоъ як навъи рақси сӯфия бо чархиши бадан барои ҳадафи маънавӣ буда, дорои таърихи куҳан аст ва аз ибтидои пайдоиш ва рушд мувофиқону мухолифони хешро доштааст. Дар мақола ҳамчунин самоъ дар мавриди баҳси ҳукамои исломӣ дар асоси аҳкоми шаръии ислом ва тибқи Қуръону ҳадис нишон дода шудааст. Самоъ ҳолоте буд, ки сӯфиёну орифон бо табдили ҳолоти вақди рӯҳӣ партави зоти илоҳиро мушоҳида мекарданд. Аз ин рӯ, онро наметавон як базми дилхушӣ ва маҳфилороӣ дар он замон нисбат дод. Таъкид мешавад, ки мақлисҳои Абӯсаиди Абулхайр, умуман мақлисҳои аксари сӯфиёни Моваруннаҳру Хуросон бе рақсу самоъ намегузашт. Самоъро сӯфиён пайки муборак аз олами қудс ва зуҳури асрори мақнуни қалби инсонӣ, донистаанд, ки Аллоҳ таъоло дар ниҳоди Одам гузоштааст.

Калидвожаҳо: самоъ, ориф, сӯфӣ, рақс, вақд, рӯҳ, ислом, ҳадис.

РАДЕНИЕ ДЕРВИШЕЙ СУФИЕВ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СВЯТЫХ

В статье рассматривается радение дервишей суфиев (с музыкой и пением), с точки зрения исламских учёных. Автор статьи пытается представить определение и толкование радения дервишей на основе мистических произведений и взглядов суфиев, таких как Шейха Наджмуддини Рази, Хаким Сухраварди, Мавлоно Мухаммад Шафе, Абусаид Абулхайр и др. Радение дервишей-это один из видов танцев с движением по кругу для достижения духовности, имеющее древнюю историю, и изначально, с древних времен своего развития, оно имело своих почитателей и противников. Также в статье радение дервишей представляется даром на основе дискуссий исламских мудрецов и согласно Корану и хадисам. Радение дервишей является состоянием суфиев и мистиков, в котором наблюдается изменение положения духовного экстаза в свете Всевышнего. Следовательно, данный вид танцев невозможно называть радостным и украшением пиршества того времени. В статье аргументируется то, что собрания Абусаида Абулхайра, в общем, большинство суфийских собраний Мавераннахра и Хорасана не проходили без пения и танцев. Радение дервишей считают благословенным посланием из священного мира и проявлением тайны человеческого сердца, которое вставлено Всевышнем в основу Адама.

Ключевые слова: радение дервишей, мистика, суфии, танец, экстаз, дух, ислам, хадис.

THE EFFORT OF THE SUFI DERVISHES IN TERMS OF THE SAINTS

The article deals with the effort of Sufi Dervishes (with music and singing) in terms of Islamic scholars. The author tries to present the definition and interpretation of dervishe's efforts on the basis of mystical works and Sufi views such as Sheikh Najmuddin Razi, Hakim Suhrawardi, Mavlono Muhammad Shafei, Abusaid Abulkhairetc. The effort of the dervishes is one of the types of dances move in a circle for the attainment of spirituality with an ancient history and originally since ancient times of its development had its admirers and opponents. Also in the article the Dervishe's effort is presented a gift based on the discussions of Islamic ages and according to the Quran and hadith. The effort of the Dervishes is a state of Sufis and mystics in which there is a change in the position of spiritual ecstasy in the light of the Supreme. Therefore, this type of dance cannot be called a joyful and a feast of the time. The article argues that the meeting of Abusaid Abulkhair, in general, the majority of Sufi meetings of Movarounnahr and Khorosan did not pass without singing and dancing. The effort of the Dervishes is considered to be a blessed message from the Holy world and a manifestation of the mystery of the human heart, which is inserted into the basis of Adam by the Almighty.

Key words: effort of dervishes, mystic, Sufi, dance, ecstasy, spirit, Islam, hadith.

Сведения об авторе: ***Раджабова Марям –*** Институт языка и литературы им. А.Рудаки АН РТ, соискатель. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 21. E mail: **maryam-rajabova@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 935-26-11-99**

Information about the author: ***Maryam Rajabova*** - Institute of Language and Literature. A. Rudaki AS RT, the applicant. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 21. E mail: **maryam-rajabova@mail.ru.**
Tel.: **(+992) 935-26-11-99**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

УДК: 070 (575.3-25) (575.3)

ВИЖАГИҲОИ МУСТАҚИЛГАРДИИ ВАО-И ТОҶИК

Абдуҷаббори Сафаралӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

Нисбати ҳолати таҳаввулоти ҷиддии ҷаҳонии солҳои 1980-1990-уми асри XX, ки, пеш аз ҳама, вобаста ба тағйиротҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, дар ҷаҳон муносибатҳое мавҷуд буданд, ки марбут ба муқовиматҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотии кишварҳои сармоядорӣ ва кишварҳои низоми сотсиалистӣ ба вуҷуд меомаданд. Чунин муносибатҳо аксаран дуқутба номида мешуданд, зеро дар асосу заминаи онҳо рақобати ду давлати абарқудрат - ИМА ва ИҶШС меистод.

Аз харитаи сиёсӣ ва ҷуғрофии ҷаҳонӣ нест гаштани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати ягона ба нузулу суқути олами дуқутба, интиҳои мукобилияту мухолифати шадиди блоки давлатҳо, замони диктати кишварҳои бузург ва ҷудошавии минбаъдаи кишварҳои ба онҳо вобаста оварда расонид. Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ воқеан ҳам ба кишварҳои собиқ низоми сотсиалистӣ имкон фароҳам овард, ки ба истиқболи Аврупо ва тарзи зисти аврупоӣ бароянд, ки, аллакай ба майлу хоҳиши онҳо созгор ва мутобиқ буд.

Мунтаҳо, ҳаракат ба сӯйи Ғарб на фақат ба он вобаста буд, ки собиқ кишварҳои сотсиалистӣ берун аз соҳаи нуфузу таъсироти Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ монданд, балки бо он алоқаманд буд, ки суқути низоми сотсиалистӣ ба табдили шакли ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисоди бозаргонӣ оварда расонид.

Солҳои 1991-2000-ум низоми ВАО- и давравии нашрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи фаъолона аз низоми марказонидашуда, ки мабнӣ бар нуктаю ҳолатҳои маъмурӣ-фармонӣ буданд, ба худмухторият мегузаштанд, ки ба усулҳои муосири демократӣ созгор ва мутобиқ буданд. Рӯзномаю маҷаллаҳо дар ин давра ба моликияти коллективҳои редаксионӣ интиқол меёфтанд, аммо дар онҳо васоиту васоили нақдинаи кофӣ барои идомаи нашру пахши маҳсулоти худ мавҷуд набуд, биноан, онҳо ба ҷустуҷӯи маблағгузорони дохилию хориҷӣ мепардохтанд. Интиқоли нашрияҳои даврии мустақил ба моликияти тоҷикӣ ва маблағгузорони хориҷӣ ба тиҷоратӣ гаштани матбуот оғоз бахшид, аммо дар Тоҷикистон нисбати дигар кишварҳо вобаста ба якчанд сабабу омилҳо ин раванд оҳистаю заъифтар мегузашт.

Аввалан, солҳои 1992-1997 ҷанги шаҳрвандӣ шуда гузашт, ки барои ташаккул ва таҳаввули ВАО-и миллӣ зарбаи сахт расонид, раванди гузариш ба иқтисодӣ бозаргонии пурра бо монеаю мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гашт. Ҳатто мустақилияти ҷумҳурӣ низ зери суолу хавфу хатар қарор гирифта буд.

Сониян, баъди ҷудошавии Тоҷикистон аз таркибу ҳайати ИҶШС ислоҳоти иқтисодӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд, ки ба ин баъзе ҳамсоякишварҳо низ халал мерасонанд. Дар дохили кишвар фақат якчанд рӯзномаҳои муътабару бонуфуз мавриди маблағгузорӣ қарор мегирифтанду халос.

Давраю марҳилаи ҷиддӣ ва сарнавиштсоз барои мардум ва ВАО-и Тоҷикистон аз соли 1997 баъди бастани шартномаи мусолиҳаи миллӣ бо мухолифини мусаллаҳ оғоз ёфт ва маҳз баъди ҳамин падида дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар тағйиротҳои ҷиддии мусбат зуҳур кардан гирифтанд. Асосу заминаи қонунгузориҳои наве, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шудан гирифтанд, барои воридшавии минбаъда ба ҷаҳони мутамаддин ва коҳиши хавфҳои инвеститсионӣ мусоидат карда, ба матбуот имкон фароҳам оварданд, ки дар роҳ ба сӯйи тиҷоратӣ гаштан тадриҷан рушд кардан гиранд.

Дар матбуоти умумимиллии тоҷик нашрияҳои сифатан нави хусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ пайдо шуд, ки мавриди талабу манфиатмандии шаҳрвандон низ қарор гирифт. Рӯзномаю маҷаллаҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсӣ тадриҷан ва оҳиста-оҳиста матбуоти давлатиро маҳдудтар кардан гирифтанд. Барои он ки дар бозори ВАО-и нашрии тоҷик рӯзномаю маҷаллаҳои давлатӣ амал намоянд, онҳо на фақат аз ҷамъиятӣ-сиёсӣ ба ҷомеӣ мубаддал гаштанд, балки иҷборан дар саҳафоти худ маводи фароғатӣ ва рекламавиро ҷой медоданд. Дар буҳрони амиқи молиявӣ-иқтисодӣ рӯзномаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуданд, ки қисмате аз онҳо дар ҳайати худ таҳлилгарону публитсистҳои қавӣ ҳам доштанд. Дар баробари матбуоти ҷиддӣ, ки хеле ҷолиб ҳам барои рекламадиҳандагон гашта буданд, дигар навъҳои рӯзномаҳои соҳавӣ ҳам нашр шудан мегирифтанд (нақлиётӣ, занона, тандурустӣ ва ғайра).

Ҳамаи ин равандҳо аксаран вобаста ба ҷаҳонигардии ВАО-и нашрӣ буданд. Маҳз матбуоти калони хориҷӣ яке аз омилҳои таъсирбахши рӯзномаҳои хусусӣ ва ҷамъиятӣ-сиёсии тоҷик мегарданд ва тавонистанд, ки барои ташаккули амсилаи муосири тиҷоратии матбуоти тоҷик мусоидат намоянд.

Вижагиҳои матбуоти минтақавии тоҷик аз он иборат аст, ки на фақат ба масъалаю мушкилоти маҳаллию минтақавӣ, балки даст ба баррасии масъалаҳои умумимиллӣ ва ҷаҳонӣ зада, як навъ рақиби рӯзномаҳои умумимиллӣ ҳам гашта мондаанд. Солҳои охир, вақте ки тамоюли коҳишёбии теъдоди хонандагони матбуоти даврӣ вобаста ба густариш ёфтани шабакаи интернет сурат мегирад, тамаркуз ёфтани ВАО дар дасти ноширони калон ба вуҷуд меояд, нашрияҳои хурди тоҷик аз байн рафтан мегиранд, зеро ожонсиҳои рекламавӣ манфиатманди маблағгузориҳои бештар мебошанд.

Табиист, ки яке аз афзалиятҳои шабакаи интернет-фаъолият «фаврӣ» ва «лаҳзавӣ» будани он аст. Масалан, муҳаққиқ, профессор И. Усмонов оид ба интернет ҳамчун «навъи босуръаттарини журналистика» мулоҳиза меронад [10, с.242].

Муҳаққиқи тоҷик, профессор Ҷовид Муқим оид ба афзалиятҳои интернет мулоҳиза ронда, чунин мегӯяд: «Ба дастрас будани худ такя карда, шабакаи умумиҷаҳонии интернет индустрияи матбуотро ончунон тағйир дод, ки зуҳури ҳаммонандҳои нашрияҳои электронии худро ба бор овард [4, с. 2].

Коҳиш ёфтани аудиторияи хонандагон ноширони калонро водор ба он мекунад, ки фаъолияти рӯзномаҳои хурдро аз бозори матбуот маҳдудтар намудан гиранд. Масалан, солҳои охир ноширони қавитар ба тариқи фаъолнок вижагиҳои умуман матбуот ва нашрияҳоеро, ки ба гурӯҳи шахсони манфиатманд нигаронида шудаанд, маҳдуд менамоянд. Гузашта аз ин, онҳо ба сифати рӯзномаю маҷаллаҳои махсусгардонидашуда баромад мекунанд, ки нашри онҳо қаблан афзалияти муассисаҳои касбӣ ва ҷамъиятӣ маҳсуб мешуданд. Бо дарназардошти бештар аз пештар намудани теъдоди хонандагони худ, ноширону нашрияҳои гуногун кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки шаклҳои электронии рӯзнома ва маҷаллаҳои худро дар шабакаи интернет пуркувваттар намоянд. Муҳаққиқи журналистикаи тоҷик, профессор Ҷ.Муқим, оид ба бартариятҳои шабакаи интернет мулоҳиза ронда, чунин зикр мекунад: «Аз рӯзи пайдоиши интернет дар соли 1969 вақти зиёде нагузаштааст, аммо дар ин давра шабака ба як воситаи пуркудрати алоқаю муошират мубаддал гаштааст. Бо такя ба дастрасии худ, шабакаи умумиҷаҳонӣ индустрияи матбуотро ончунон тағйир додааст, ки аналогҳои нашри электронии худро ба вуҷуд овардааст» [4].

Оид ба зуҳури самти нави рӯзноманигорӣ, хоссатан рӯзноманигории шаҳрвандӣ, сухан ронда, бояд тазаккур дод, ки новобаста ба ақидаи иштибоҳӣ, шабакаи интернет ба пайдоиши чунин самт мусоидат накардааст. Мувофиқи маълумотҳое, ки Википедия пешниҳод намудааст, аллакай, солҳои 60-уми асри XX дар ибтидо дар Фаронса ба истилоҳ як навъ маҷаллаҳои «худсохта» пайдо шудаанд, ки аз онҳо шахсони доираҳои муайяни иҷтимоӣ истифода мекарданд [20]. Ба ин ҷо метавон амалияю таҷрибаеро низ мансуб донист, ки, аллакай, замони салтанати шӯравӣ вуҷуд дошт ва он вақт мутахассисони соҳаҳои гуногуни фаъолият бо такя ба таҷрибаи худ, мақолаҳои тавсиявӣ менигоштанд, ки баъдан дар матбуоти шӯравӣ нашр мешуданд.

Аз шумораи зиёди ожонсиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолмандии бештарро дар инъикоси ҳаёти муосири Тоҷикистон чунин ожонсиҳо нишон медоданд: Ожонсии милли иттилоотии «Ховар», «Азия-Плюс», «Озодагон», «Tojnews» ва «Авасто». Барои ВАО-и миллӣ дар муҳиту шароити муассиру корагари сомонаҳои интернетии русӣ ва англисӣ, бо дарназардошти проблемаҳои демографии кишварҳои ҳамҷавор, бояд мутобиқан сиёсати иттилоотӣ тағйир дода шавад. Ба андешаи мо эҷоди сомонаҳои миллии тоҷикӣ пурра ба рӯҳияи замони муосир мувофиқ аст ва метавонад ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Гузашта аз ин, зарурати воқеии афзоиши иттилоот оид ба кишварамон бо забонҳои хориҷӣ ба миён омадааст.

Вазъу ҳолати ҳозираи матбуоти тоҷик аксаран вобаста ба он аст, ки дар шароиту муҳити иқтисоди бозаргонӣ нашри матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавӣ яке аз навъу намудҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат гашта мондааст, ки барои даромад ба даст овардан нигаронида шудааст. Зуҳур ва ё ғайб задании ин ё он навъи матбуоти нашрӣ дар бозори матбуоти тоҷик аксаран вобаста ба манфиатҳои тиҷоратии ноширон мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. История журналистики зарубежных стран (на тадж. языке) / И.К. Усманов [и др.]; под общ. ред. И. К. Усманов. -Душанбе: Сино, 2011. - С.300.
2. Калмыкова, А.А. Интернетжурналистика / А.А. Калмыкова, Л.А. Коханова. -М.: Юнита-Дана, 2005.- 384 с.

3. Медеуова, Д. СМИ в условиях глобализации / Д.Медеуова. -Алматы: ИД «Жибек жолы», 2003. -136 с.
4. Дж. Муким. Влияние финансовой кризис в развитие электронной печаты США (на тадж. языке) //www.jovidmuqimwordpress.com
5. Ҷ.Муқим. Таъсири буҳрони молиявӣ ба рушди матбуоти электронии ИМА //www.jovidmuqimwordpress.com
6. Набавӣ, А. Нахустин рузномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ. - Душанбе: Эҷод, 2007. -61 с.
7. Орлова, В.В. Глобальные телесети новостей на информационном рынке/ В.В. Орлова. - М.: Изд-во. «РИП-холдинг», 2003. - 104 с.
8. Саъдуллоев, А. Рангҳои зиндагӣ / А.Саъдуллоев. -Душанбе: Адиб, 2007. -341 с.
9. Саъдуллоев, А. Жанрҳои журналистикаи радио / А.Саъдуллоев, А. С.Гулов. -Душанбе, 1997.- 66 с.
10. Табаров, С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши С. Айнӣ.Ҷустуҷӯҳои адабӣ. К. 3 / С. Табаров. -Душанбе: ДДМТ, 1999. – 124 с.
11. Усмонов, И.К. Журналистика. / И.К.Усманов. -3-е изд. -Душанбе, 2008.- -448 с.
12. Усмонов, И. Журналистика. Қ. 1/ И.Усмонов. -Душанбе: Империал Групп, 2005.- 477 с.
13. Усмонов, И. Журналистика. Қ,.2 / И.Усмонов. -Душанбе: Империал Групп, 2005. -200 с.
14. Усмонов, И. Журналистика. Қ,.3 / И.Усмонов. - Душанбе, 2008. - 448 с.
15. Усмонов, И. Матбуот ва озодии занони точик / И.Усмонов // Тоҷикистони советӣ. 1975, 20 май.
16. Усмонов, И. Асосгузори публитсистикаи точик / И.Усмонов // Ҳақиқати Узбекистан. 1977, 10 август.
17. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И.Усмонов. -Душанбе: Шарқи озод, 1999. -98 с.
18. Усмонов, И. Таронаи Юлиус / И.Усмонов // Тоҷикистони советӣ. - 1985, 8 сентябр.
19. Усмонов, И. Таърихи матбуоти тоҷик / И.Усмонов, Д.Давронов. - Душанбе: Маориф, 1997. -156 с.
20. Якубов, Дж. К. Глобализация и проблемы информационной безопасности / Дж. К. Якубов [Захираи электронӣ] //http://tsulbp-journal. narod. ru/jurnal/matn_2/yakubov_ch_k. htm l
21. [Захираи электронӣ] http://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%93%D

ВИЖАГИҲОИ МУСТАҚИЛГАРДИИ ВАО-И ТОҶИК

Мақола ба вижагиҳои раванди мустақилгардии ВАО-и даврӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, нисбати ҳолати таҳаввулоти ҷиддии ҷаҳонии солҳои 1980-1990-уми асри XX, ки, пеш аз ҳама вобаста ба тағйиротҳои Иттиҳоди Шӯравӣ буданд, дар ҷаҳон муносибатҳое мавҷуд буданд, ки марбут ба муқовиматҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотии кишварҳои сармоядорӣ ва кишварҳои низоми сотсиалистӣ ба вуҷуд меомаданд. Чунин муносибатҳо аксаран дуқутба номида мешуданд, зеро дар асосу заминаи онҳо рақобати ду давлати абарқудрат - ИМА ва ИҶШС меистод. Муаллиф меафзояд, ки аз харитаи сиёсӣ ва ҷуғрофии ҷаҳонӣ нест гаштани Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамчун давлати ягона ба нузулу суқути олами дуқутба, интиҳои мукобилияту мухолифати шадиди блоки давлатҳо, замони диктати кишварҳои бузург ва ҷудошавии минбаъдаи кишварҳои ба онҳо вобаста оварда расонид. Пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ воқеан ҳам ба кишварҳои собиқ низоми сотсиалистӣ имкон фароҳам овард, ки ба истиқболи Аврупо ва тарзи зисти аврупоӣ бароянд, ки, аллакай, ба майлу хоҳиши онҳо созгор ва мутобиқ буд. Бино бар ақидаи муаллиф, аз шумораи зиёди ожонсиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолмандии бештарро дар инъикоси ҳаёти муосири Тоҷикистон чунин ожонсиҳо нишон медоданд: Ожонсии миллии иттилотии «Ховар», «Азия-Плюс», «Озодагон», «Tojnews» ва «Авасто». Барои ВАО-и миллӣ дар муҳиту шароити муассиру корагари сомонаҳои интернетии русӣ ва англисӣ, бо дарназардошти проблемаҳои демографии кишварҳои ҳамҷавор, бояд мутобиқан сиёсати иттилоотӣ тағйир дода шавад. Ба андешаи мо эҷоди сомонаҳои миллии тоҷикӣ пурра ба рӯҳияи замони муосир мувофиқ аст ва метавонад ба манфиати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Гузашта аз ин, зарурати воқеии афзоиши иттилоот оид ба кишварамон бо забонҳои хориҷӣ ба миён омадааст. Мулоҳизаҳои худро ҷамъбаст намуда, муаллиф таъйид мекунад, ки вазъу ҳолати ҳозираи матбуоти тоҷик аксаран вобаста ба он аст, ки дар шароиту муҳити иқтисоди бозаргонӣ нашри матбуоти рӯзномавӣ ва маҷаллавӣ яке аз навъу намудҳои соҳибкорӣ ва тиҷорат гашта мондааст, ки барои даромад ба даст овардан нигаронида шудааст. Зуҳур ва ё ғайб задании ин ё он навъи матбуоти нашрӣ дар бозори матбуоти тоҷик аксаран вобаста ба манфиатҳои тиҷоратии ноширон мебошад.

Калидвожаҳо: вижагиҳо, ношир, нашрия, васоити ахбори омма, матбуот, иттилоот, замони муосир, шароит, проблемаҳои демографӣ, иқтисод, соҳибкорӣ, тиҷорат.

ОСОБЕННОСТИ ПРИОБРЕТЕНИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ ТАДЖИКСКИХ СМИ

Статья посвящена особенностям процесса приобретения самостоятельности СМИ в Республике Таджикистан. По мнению автора, до серьезных мировых преобразований 1980-1990 гг. XX века, прежде всего связанных с коллапсом СССР, в мире существовали отношения, относящиеся к экономическим, политическим и информационным аспектам капиталистических стран и стран социалистической системы. Такие отношения в большинстве своем назывались биполярными, поскольку они строились на основе конкуренции двух сверхдержав - СССР и США. Автор отмечает, что с исчезновением с политической и географической карты СССР как единого государства произошло прекращение существования двухполярного мира, конец серьезного сопротивления блоков определенных государств, эпоха диктата великих держав и дальнейшее отделение зависимых от них стран. Коллапс Советского Союза в действительности представлял возможность бывшим странам системы социализма идти навстречу Европе и европейскому образу жизни, уже соответствовавшим их желаниям. Согласно мнению автора, из большого числа агентств Республики Таджикистан наибольшую активность по отражению современной жизни Таджикистана проявили такие агентства, как «Ховар», «Азия-Плюс», «Озодагон», «Tojnews» и «Авасто». Для национальных СМИ в эффективной среде русских и английских интернет-сайтов, с учетом демографических проблем соседних стран, необходимы изменения соответствующие информационной политике. Согласно нашему мнению, таджикские национальные сайты всецело соответствуют современному духу и могут быть значимыми по отношению к интересам Республики Таджикистан. Помимо этого, возникла реальная необходимость увеличения объема информации по нашей стране на иностранных языках. Суммируя свои суждения, автор констатирует, что современная ситуация таджикской печати связана с тем, что в условиях рыночной экономики, тиражирование газетных и журнальных изданий превратилось в одним из видов предпринимательства и коммерции,

направленных на получение прибыли. Появление или исчезновение того или другого вида периодической таджикской печати во во многом связано с коммерческими интересами издателей.

Ключевые слова: особенности, издатель, издание, средства массовых информаций, пресса, информация, современное время, условия, демографические проблемы, экономика, предпринимательство, коммерция.

FEATURES OF ACQUISITION OF INDEPENDENCE OF THE TAJIK MEDIA

Article is devoted to features of process of acquisition of independence of media in the Republic of Tajikistan. According to the author, to serious world transformations of 1980-1990 of the XX century, first of all connected with collapse of the USSR, in the world there were relations relating to economic, political and information aspects of the capitalist countries and countries of a socialist system. Such relations in the majority were called bipolar as they were constructed on the basis of the competition of two super states - the USSR and the USA. The author notes that to disappearance with political and the map of the USSR as uniform state there was a termination of existence of the bipolar world, the end of serious resistance of blocks of certain states, an era of dictatorship of great powers and further office of the countries, dependent on them. Collapse of the Soviet Union in fact presented an opportunity to the former countries of a system of socialism to go on a meeting of Europe and to the European way of life, already corresponding to their desires. According to opinion of the author, from a large number of the agencies of the Republic of Tajikistan the greatest activity on reflection of modern life of Tajikistan was shown by such agencies as «Hovar», «Asia-Plus», «Ozodagon», "Tojnews" and «Avasto». For national media in the effective environment of the Russian and English websites taking into account demographic problems of neighboring countries, are necessary in compliance of information policy of change. According to our opinion, the Tajik national websites entirely correspond to modern spirit and can be significant in relation to the interests of the Republic of Tajikistan. In addition, there was a real need of increase in volume of information on our country in foreign languages. Summarizing the judgments, the author notes that the modern situation of the Tajik press is connected with the fact that in the conditions of market economy, replication of newspaper and journal editions turned to one of types of business and commerce directed to receiving profit. Emergence or disappearance of one or other type of the periodic Tajik press in it is in many respects connected with the commercial interests of publishers.

Key words: features, publisher, edition, means of mass information, press, information, modern time, conditions, demographic problems, economy, business, commerce.

Сведения об авторе: ***Абдуджаббори Сафарали*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки, ассистент кафедры начального обучения. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru**. Тел.: **(+992) 918-13-01-54**

Information about the author: ***Abdujabbori Safarali*** - Kulob State University named after A.Rudaki, assistant to department of elementary education. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S.Safarov St.-16.
E-mail: **alimi-62@mail.ru.** Tel.: **(+992) 918-13-01-54**

УДК: 07:347.8 (575.3)

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ «ТЕАТРИ ЯК ҲУНАРМАНД» ДАР ГУФТОРҲОИ АДАБИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

(дар мисоли хонишҳои манзум ва мансури Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов дар радио)

Саидзода О.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Радиои тоҷик дар масири зиёда аз 88 соли фаъолияти худ маҳалли зуҳур ва дурахши як зумра ҳунармандоне будааст, ки рисолати ҳунарро дарк карда, барои таблиғи санъат, адабиёт ва фарҳанги асил баробар заҳмат кашидаанд. Абдусалом Раҳимов, Ҳабибулло Абдураззоқов, Маҳмудҷон Воҳидов, Ато Муҳаммадҷонов ва дигаронро бояд ном бурд, ки фаъолияти ҳар кадоми онҳо як давраи тиллоӣ дар инкишофу густариши натанҳо санъати театрӣ, балки дар пешрафти барномаҳои адабию драмавии радиои «Тоҷикистон» мебошад. Онҳо "Театри як ҳунарманд"-ро дар назди микрофон асос гузоштанд. Ин гуна барномаҳо натанҳо то ба айёми мо, балки чанд даҳсолаи дигар хидмат хоҳанд кард.

Яке аз ҳунармандоне, ки дар инкишофи гуфторҳои адабӣ-драмавии радио саҳми бузург дорад - Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов аст. Чун ҳунарманди ҷавон вай бо радио аз солҳои 1956-1959, аз давраи муҳассили Донишгоҳи давлатии санъати шаҳри Маскав ба номи Анатолий Василевич Луначарский буданаш, ҳамкориро сар кардааст. Тавре худи ҳунарманд дар яке аз суҳбатҳояш дар барномаи адабии "Ҷилои ҳунар"-и радиои «Тоҷикистон» (муаллиф Соҷида Раҳмонова, 1996) гуфтааст: "Солҳое, ки донишҷӯйи донишгоҳи Маскав будам, ҳангоми таътил ба Ватан меомадам. Он вақт ман ва дигар ҳамсабақонамонро касе намешинохт, касе намедид, вале Ҳалима Насибулина моро кофта, ёфта, ба радио меовард. Ман аввалин шеър ва асарҳои насрӣ хонданамро ҳанӯз аз давраи донишҷӯйӣ бо таклифи Ҳалима-апа сар кардам…" [1, с. 45].

Солҳои 1960 дар радиои тоҷик давраи авҷи таҳия ва пахши гуфторҳои адабӣ-драмавии "Радиотеатр" ва "Театр дар назди микрофон" буд. Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, коргардони радио Ҳалима Насибулина яке аз асосгузорони ин барномаҳо, аз аввалинҳо шуда, садои бунёдгузорони саҳнаи театри тоҷик, овози нависандаҳо, шоирон, журналистонро сабт мекард. "Ин садоҳо, ин хазина, ҳоло не, баъди 40-50 сол ба кор меоянд, арзиш пайдо мекунанд, барои миллати тоҷик лозим мешаванд",- мегуфтааст Насибулина [1, с. 45]. Намоишномаҳои Театри Лоҳутӣ, Театри шаҳри Хуҷанд, Театри шаҳри Кӯлоб ва Театри шаҳри Хоруғро, ки ба шаҳри Душанбе бо сафари ҳунарӣ меомаданд, вай мустақим аз саҳнаи театр ё дар студияи радио сабт мекард. Худи Ҳ. Абдураззоқов ҳамчун иштирокчии доимии ин гуфторҳо мегӯяд: "Вақте ки нашриёт ё газетаҳо аз устодон С. Айнӣ, Ҷ. Икромӣ, С. Улуғзода, Р. Ҷалил, М. Миршакар, А. Шукӯҳӣ, Ф. Муҳаммадиев ва аз дигарон ягон асарҳои нав чоп мекарданд, дар матбуот тақризҳо чоп шуда, асар мусбат арзёбӣ мегардид. Ҳалима-апа фавран он асарҳоро ёфтаву хонда, баъди чанде инсенировка навишта, мо ҳунармандонро даъват ва ба лентаи овоз сабт мекард. "Бигзор, ин асарро ҳама донад, ҳама шунавад!",- мегуфт. Барои мо, ҷавононе, ки солҳои 60-уми асри гузашта ба саҳна омадем, махсусан барои ман, барои Ҳошим Гадоев, Маҳмудҷон Воҳидов, Ато Муҳаммадҷонов, Марям Исоева аввалин машваратчӣ ва устоди ғамхор Ҳалима Насибулина буд. Ӯ аввалин бор моро муаррифӣ кард, моро машҳур кард, моро ба мардум шиносонд. Ин ҳама хизмати Ҳалима-апа буданд. Ба миллати тоҷик хизмати калон кард. Хазинаи тиллоии радиои «Тоҷикистон»-ро бунёд кард. Барои радио як қатор коргардонҳо, муаззимони овоз ва як силсила ровиёнро тарбия кард" [1, с.45].

Мо имрӯз дар гуфторҳои бешумори драмавии «Хазинаи тиллоӣ»-и радиои «Тоҷикистон» нақшҳои назди микрофонии Ҳ. Абдураззоқовро мешунавем, ҳар кадоми он гуфторҳо, нақшҳо, таърихи радио, саҳифаҳои санъати тоҷик ва хазинаи худи ҳунарманд аст. Ҳиссаи Ҳ. Абдураззоқов дар радиотеатрҳо калон аст. Нақши Доремаи вай дар "Шоҳ Гавазн"-и Карло Готси дар гуфтори "Театр дар назди микрофон" аз нахустин нақшҳои хатмкунандагони ГИТИС-и ш. Маскав ба номи Луначарский мебошад, ки соли 1960 дар студияи радио сабт шудааст. Баъдан нақшҳои Тарасов дар "Камбағалӣ айб нест", (1961), писари калони муаллима дар "Ҳукми модар", (1962), духтури касалхона дар радиоинсенировкаи "Шаҳло", (1962), Файзуллоҷон дар "Иродаи зан", 1963, Анвар дар "Ман гунаҳгорам", (1963), Бахтиёр дар "Ниссо", (1965), нақши Рустам дар радиотеатри "Бежан ва Манижа", (1969) ва ғайра аз ҷумлаи гуфторҳое аст, ки ҳунарманд дар назди микрофон ба самъи шунавандагон расонидааст.

Ҳ. Абдураззоқов ҳангоми офаридани нақш дар ин ё он радиоспектакл, радиоинсенировка ва ё хонишҳои бадеӣ чун ба нақши дар намоиши театру кино иҷрокардааш муносибат кардааст. Санъатшиноси тоҷик Н. Нурҷонов дар китоби "Маҳмудҷон Воҳидов" дуруст қайд кардааст, ки "Кори актёр дар радио хусусияти хос дорад. Ӯ дар театр, кино, телевизион нишонаҳои зоҳирии худро истифода мебарад. Аслиҳаи ӯ чашм, имову ишора, ҳаракати дасту по аст. Ба ӯ инчунин мизантсенаҳои эҷодкардаи худаш ё коргардон, ороиш, рӯшноӣ кумак мерасонад. Дар радио бошад вай аз ҳамаи ин маҳрум аст. Ягона василаи тасвир овоз ва маҳорати иҷро аст. Мусиқӣ, агар лозим шавад, садои одамони дигар ё худ овози чизи дигар кумак мекунад. Аммо актёр ва маҳорати ӯ дар мадди аввал аст" [2, с.159-160].

Соли 1963 романи нависандаи маъруфи тоҷик Ҷалол Икромӣ "Духтари оташ" ба нашр расид. Коргардони барномаҳои адабӣ-драмавии радио - Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Ҳалима Насибулина китобро хонда, ба мазмуни асар шинос шуда, ба иборае, ба он "ворид мешавад". Сенарияи барномаро тартиб дода, пеш аз сабти гуфтор барои маслиҳат назди муаллиф меравад. Сенарияро муаллиф хонда, онро меписандад ва ҳатто ба тақсим кардани нақшҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Дар ниҳоят барои иҷрои яке аз нақшҳои асосии роман - Дилором-каниз Хайрӣ Назарова ва дар дигар нақши марказӣ - Ҳайдарқул Ҳабибулло Абдураззоқов интихоб мегарданд [1, с.57-58].

Образи Ҳайдарқул дар гуфтор нақши ниҳоят мураккаб аст. Хатти сужаи он чунин аст: дар набуданаш духтарашро дуздида, ба бой тақдим мекунанд. Духтари норизо ба бой тан намедиҳад ва худро ба ҳавз партофта, ғарқ мекунад. Занаш аз ин ҳодиса хабар ёфта, аз ақл бегона шуда мемирад. Баъди бозгашт Ҳайдарқул аз ин ҳодисаи даҳшатнок хабар ёфта, мақсад мегузорад, ки аз бой қасос гирад. Ҳайдарқул гумон мекард, ки бойро кушта, ба ҳама бадкирдориҳо хотима мегузорад ва сохти мавҷударо тағйир медиҳад. Ҳарчанд вайро фаҳмониданд, ки бо ин роҳ сохти мавҷуда тағйир намеёбад, ҳамоно Ҳайдарқул якравӣ мекард. Сӯиқасди аввалини вай бебарор анҷом меёбад. Ин нокомӣ ӯро дар пайгард қарор

медиҳад. Ҳайдарқул ниқоб пӯшида, кӯшиш менамояд, ки дар чашми миршабҳо намоён нашавад, ҳатто худро ба девонагӣ меандозад.

Дар иҷрои нақши Ҳайдарқул аз ҷониби Ҳабибулло Абдураззоқов ба тадриҷ ташаккул ёфтани характер ҳис карда мешавад. Ҳар як сужаи он аз пештара ба куллӣ фарқ мекунад. Мисол, кӯшиши аввалини ӯ дар мавриди сӯиқасд ба ҷони бой, дар тӯйи зангириаш ба сифати ошпаз меояд. Актёр худро фармонбардор вонамуд карда, кӯшиш мекунад, ки ҳамаи супоришҳои ба вай додаро иҷро намояд. Аз рӯйи оҳанги гуфтугӯяш ҳеҷ кас гумон намекунад, ки вай нияти куштани бойро дорад. Лаҳзаеро, ки баъди сӯиқасди бебарор вай паноҳгоҳ меҷӯяд ва билохира, баъди нимашаб худро ба ҷойи бехатар мегирад. Аз ҳуш меравад ва ӯро назди табибони бемориҳои рӯҳӣ мебаранд.

Ҳабибулло Абдураззоқов дар нақш саъю кӯшиш менамояд, ки муҳит, одамони гирду атрофро ба хубӣ ифода намояд. Ба садои вай гӯш карда, шумо аз ҷиҳати маънавӣ пухта шудан ва ташаккул ёфтани андешарониашро пай мебаред. Саҳнаи девонагӣ аз тарафи Абдураззоқов хеле моҳирона иҷро карда шудааст. Ӯ бисёр ҷидду ҷаҳд кардааст, то ки аз иҷрои нақши одами солим якбора ба офаридани симои шахси девона табиӣ барояд. Баъди бозгашт аз бадарға Ҳайдарқул тамоман одами дигар шуда, дар ниҳоди ӯ тағриба, фаҳмиш, дурандешӣ ва кордонӣ ҳис карда мешавад. Ҳалима Насибулина барои он ки ба актёр ҷиҳати фаҳмонидани хусусияти нақши девонагӣ ва муҳити девонахона муваффақ шавад, чанд муддат шахсан бо духтурони бемориҳои равонӣ шинос шуда, аз онҳо маслиҳатҳо пурсида рафтори беморони рӯҳиро мушоҳида кардааст. Аз ҳунарманд иҷрои ин гуна характерро дар назди микрофон талаб кардааст.

Баъд аз шунавонидани радиоинсенировкаи "Духтари оташ" ба идораи радиои «Тоҷикистон» мактубҳои зиёд омад. Ҳама талаб доштанд, ки радиоинсенировка такроран шунавонида шавад. Дар ин мактубҳо дар ҳаққи муаллифи роман, таҳиякунандагон ва иҷрокунандагони нақшҳо суханҳои нек ва самимӣ гуфта шудаанд. Қисме аз он мактубҳо дар ҳафтаномаи "Маориф ва маданият" соли 1963 таҳти номи "Мақсади мо - хизмат ба халқ" чоп шуданд [3, с.4].

Бояд ёдовар шавам, ки хонишҳои бадеии Ҳ. Абдураззоқов низ аз қисмати муҳимми осори савтии радиои тоҷик ва ҳунарманд аст. Сабти хониши силсилавии бадеӣ бошад, соли 1975 ба романи "Дохунда"-и Садриддин Айнӣ рост омада, он бо садои Ҳ. Абдураззоқов дар сӣ гуфтори 30-дақиқагӣ таҳия карда шуд [4]. Ин гуфторҳо низ аз ҷониби шунавандагон пазируфта шудаанд, аз ҷумла ба назари академик М. Шакурӣ хониши "Дохунда"-и Абдураззоқов яке аз рӯйдоди муҳим дар ҳаёти фарҳангии кишвар гардид [5, с.12]. Хондани асар барои беҳтар фаҳмидани асар кумак мекунад. Хушбахтона, шумораи ин гуна хонишҳои ҳунарманд дар радио хеле зиёд аст ва аз бахши таҳқиқнашудаи осори савтии вай аст.

Дар ниҳоят гуфтанием, ки саҳми Ҳабибулло Абдураззоқов на танҳо дар инкишофи санъати драмавӣ, кинои тоҷик, телетеатр, балки дар инкишофи гуфторҳои "Театр дар назди микрофон", радиотеатҳо ва "Театри як ҳунарманд"-и радиои «Тоҷикистон» ҳам назаррас аст. Вай ба василаи гуфторҳои радиоӣ дар тарғибу ташвиқи ҳунари театрӣ, ғояҳои зебоипарастӣ ва гуманизми ҷомеа саҳми арзанда дорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Саидзода, О. “Умре бо радио”. - Душанбе: Бухоро, 2017. - 96 с.
2. Нурҷонов, Н. “Маҳмудҷон Воҳидов” / Н. Нурҷонов. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. -384 с.
3. Мақсади мо - хизмат ба халқ // Маориф ва маданият. - 1963. -19 октябр. -№127 (2265).
4. Бойгонии радиои Тоҷикистон, бахши барномаҳои адабӣ, гуфтори якум № 1585.
5. Саидзода О. Театри як ҳунарманд // Адабиёт ва санъат. -2018. -27 сентябр. -№39 (1958).

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ «ТЕАТРИ ЯК ҲУНАРМАНД» ДАР ГУФТОРҲОИ АДАБИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН»

(дар мисоли хонишҳои манзум ва мансури Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов дар радио)

Дар мақола масъалаи осори савтии радиои «Тоҷикистон» таҳқиқ шудааст. Муаллиф менависад, ки радиои тоҷик дар масири зиёда аз 88 соли фаъолияти худ на танҳо маҳалли зуҳури журналистони радио, балки боиси дурахши як зумра ҳунармандоне будааст, ки рисолати ҳунарро бо назардошти пахши эфирӣ дарк карда, барои инкишофи гуфторҳои адабӣ, таблиғи санъат, адабиёт ва фарҳанги асил баробар заҳмат кашидаанд. Фаъолияти ҳар кадоми онҳо як давраи тиллоӣ дар инкишофу густариши на танҳо санъати театрӣ, балки дар пешрафти барномаҳои адабию драмавии радиои «Тоҷикистон» мебошад. Онҳо "Театри як ҳунарманд"-ро дар назди микрофон асос гузоштанд. Яке аз ҳунармандоне, ки дар инкишофи гуфторҳои адабӣ-драмавии радио саҳми бузург дорад - Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов аст. Чун ҳунарманди ҷавон вай бо радио аз солҳои 1956-1959, аз давраи муҳассили Донишгоҳи давлатии санъати шаҳри Маскав ба номи Анатолий Василевич Луначарский буданаш, ҳамкориро сар кардааст. Ба назари муалифи мақола солҳои 1960 дар радиои тоҷик давраи авҷи таҳия ва пахши гуфторҳои адабӣ-драмавии "Радиотеатр" ва "Театр дар назди микрофон" буд. Асосан, намоишҳои Театри Лоҳутӣ, Театри шаҳри

Хуҷанд, Театри шаҳри Кӯлоб ва Театри шаҳри Хоруғ мустақим аз саҳнаи театр ё дар студияи радио сабт мешуд. Мо имрӯз дар гуфторҳои бешумори драмавии «Ҳазинаи тиллоӣ»-и радиои «Тоҷикистон» нақшҳои назди микрофонии Ҳ. Абдураззоқовро мешунавем, ҳар кадоми он гуфторҳову нақшҳо, таърихи радио, саҳифаҳои санъати тоҷик ва хазинаи худи ҳунарманд аст. Аз таҳлили гуфторҳо маълум мегардад, ки Ҳ. Абдураззоқов ҳангоми офаридани нақш дар ин ё он радиоспектакл, радиоинсенировка ва ё хонишҳои бадеӣ чун ба нақши дар намоиши театру кино иҷрокардааш муносибат кардааст.

Калидвожаҳо: Радиои «Тоҷикистон», «Театри як ҳунарманд», радиотеатр, «Театр дар назди микрофон», гуфторҳои адабӣ-драмавӣ, пайдоиш, инкишоф, Ҳабибулло Абдураззоқов.

О СТРУКТУРЕ И РАЗВИТИИ «ТЕАТРА ОДНОГО АКТЁРА» НА СТРАНИЦАХ ЛИТЕРАТУРНЫХ ПРОГРАММ РАДИО «ТАДЖИКИСТАНА»

(на примере прозаических и поэтических чтений на радио народного артиста Таджикистана Хабибулло Абдуразакова)

В статье исследовано музыкально - литературное наследие радио Таджикистана. Автор пишет, что таджикское радио за более 88 лет своего существования не только стало площадкой для профессионального диалога журналистов, но и было культовым местом, для многих деятелей искусств, актеров в освещении литературно-музыкальных произведений современной прозы. Именно этот необычный сплав их деятельности стал золотым периодом в развитии не только театрального искусства, но придал новый толчок развитию литературных программ на радио которые внесли огромный вклад в открытие «Театра одного актёра». Народный артист Таджикистана Хабибулло Абдуразаков является одной из тех, кто внес значительный вклад в развитие литературно-драматических программ на радио «Таджикистана». Будучи молодым актером, он начал свою деятельность на радио в 1956-1959 годах, со студенческой скамьи. Он был тогда студентом Государственного университета искусств имени А. А. Луначарского города Москвы. По мнению автора статьи, 1960 годы для таджикского радио были этапом зарождения, самым бурным периодом, когда передавались литературно-драматические программы «Радиотеатр» и «Театр у микрофона». В те годы все те представления, которые готовили театры, а именно: Театр им. Лахути, Театр города Ходжента, Театр города Куляба, Театр города Хорога, их прямая трансляция записывались со сцен театров или же непосредственно в самом студии радио. В настоящее время, прослеживая программы «Золотого фонда» радио, его литературно драматические программы, записанные голосом Хабибулло Абдуразакова, можно отметить, что она охватывает всю палитру его ролей, историю радио, литературное чтения исполненные своеобразно.

Ключевые слова: Радио «Таджикистана», «Театр одного актёра», «Радиотеатр», «Театр у микрофона», литературно-драматические программы, происхождение, развитие, Хабибулло Абдуразаков.

FORMATION AND DEVELOPMENT of " THE THEATRE OF ONE ARTIST" IN THE LITERARY PAGES OF "TAJIKISTAN"'S RADIO

(readings of people's Artist of Tajikistan Habibullo Abdurazzoqov in poem and prose in radio)

The issue of audio work of the radio of "Tajikistan" researched in this article. The author writes that Tajik radio in the period of its activity, during 88 years was not only the place of the work of the radio journalists, but also it became the reason of the fame of the number of artists, who realized their profession by live broadcast. They worked hard equally for the development of literary pages, propaganda of art, literature and real culture. The activity of each of them was like the golden period not only in the development and prosperity of theatric art but also in the development of literary and drama programs of the radio of "Tajikistan". They based the "Theater of one artist" in front of the microphone. One of the actors who made a great contribution in the development of literary and drama pages in radio – is the people's Artist of Tajikistan Habibullo Abdurazzoqov. As the young artist he began to cooperate with the radio from 1956-1959, when he was the student of State Art University of Moscow named after Anatoliy Vasilevich Lunacharsky. The author of the article considers, that 1960th in Tajik radio was the period of edition and broadcasting of literary and drama pages "Radio-theater" and "The Theater in front of the microphone". Mainly the performances of Lohuti Theater, the Theater of Khujand, the Theater of Kulob and the Theater of Khorog were recorded directly from the theater stage or in the studio of radio. Today we listen the number of drama pages by H. Abdurazzoqov from the "Golden fund" of "Tajikistan" radio, each of them, the roles, the history of radio, and the page of Tajik art are from the personal fund of the artist. According to the consideration of these pages, H. Abdurazzoqov treated to each of his role in this or that radio play, radio performance as he treated in the theatre and cinema.

Key words: Radio of "Tajikistan", "The Theatre of one artist", radio theatre, "Theatre in front of the microphone", the literary and drama pages, appearance, development, Habibullo Abdurazzoqov.

Сведения об авторе: ***Саидзода Обиджон Саид*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры телевидения и радио. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.
E-mail: **obid_@mail.ru**

Information about the author: ***Saidzoda Obidjon Said*** – Tajik National University, the aspirant of the department of TV and radio. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **obid_@mail.ru**

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ - Я З Ы К О З Н А Н И Е

Хоҷаев Д. Асосҳои таърихии дастурҳои забони тоҷикиро устувор мебояд кард..... **5**
Саидов Х. А., Саидзода Ф.С., Талабова Т. Грамматические особенности научной лексики в английском языке..... **13**
Ҷумъаев М.О. Калимаҳои ифодакунандаи тоату ибодати динӣ дар насри бадеии Ҷомӣ..... **17**
Назаров А.Н. Развитие речи при изучении союзов на нефилологических факультетах..... **22**
Шарипова Ф.Х. Вижагиҳои корбурди бархе аз вожаҳои форсии миёна дар забони адабии муосир... **27**
Бобомуродов Ш. Нақши пасвандҳои исми шахссози ифодакунандаи касбу ҳунар дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ..... **31**
Шарифова Г.Дж. Особенности формирования официально-делового стиля..... **37**
Шафоатов А.Н. Истилоҳоти тоҷикиасли соҳаи варзиш..... **40**
Рахимова Т.Р., Хошимова Н.М. К вопросу о лексико - семантических особенностях синонимов в таджикском и английском языках..... **44**
Раҳимов Ф. Рушди забоншиносии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... **47**
Иматшоева М. Категория рода имен существительных в шугнанском, таджикском и английском языках..... **50**
Қурбонов С.Ҳ. Ифодаи аломат дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ..... **55**
Толибова Г.Дж. Модальный глагол **тавонистан** в таджикском языке и способы его передачи в немецком языке..... **59**
Муҳитдинова М.А. Самтҳои ҳалли мушкилот дар раванди тарҷумаи матнҳои илмӣ-техникӣ..... **66**
Яо Цзян. Оптативные предложения с модальными глаголами в китайском языке и их передача на русский язык..... **69**
Тағаймуродзода С.Т. Исмҳои хосси сода ва сохта дар «Таърихи Систон»..... **73**
Давлатов А.Н. Сохти ҷумлаҳои дутаркибаи тафсилии номӣ дар «Қобуснома»..... **77**
Назарова М.О. Отрицательные местоимения таджикского языка и способы их передачи на французский язык..... **80**
Қулматова Г. Роҳҳои ифодаи замони гузаштаи ҳикоягӣ дар «Ёддоштҳо» и С.Айнӣ ва усули ифодаи он дар забони англисӣ..... **84**
Афзали М.К. Преодоление межъязыковой интерференции в процессе перевода и передачи смыслового содержания научно-технического текста..... **89**
Маҳсудинов Р.И. Баъзе хусусиятҳои истифодашавии сиғаи амрӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ... **94**
Ниматова М. Категорияи ҳолат (aspect) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ..... **98**
Носирова О. Антропонимияи арабии «Бадоеъ - ул - вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ..... **101**
Саидзода В.С. Ташаккул ва рушди забони урду дар Қораи Ҳинд..... **107**
Холикова З.К. Характеристика валентности глаголов обоняния в русском и таджикском языках (на материале словарей, поэзии и прозы)..... **111**
Саъдуллоев У. Ҷойгоҳи калимаҳои форсии тоҷикӣ дар Қуръон..... **116**
Холиков Н.А. Шаклҳои салом дар забонхои тоҷикӣ ва туркӣ..... **122**
Шердилова С.Ф. Калимаю истилоҳоти марбут ба хӯрок ва хӯрокворӣ дар гӯйиши тоҷикони Ғорони ноҳияи Ишкошим (тадқиқоти этнолингвистӣ)..... **126**
Охунова С. К вопросу о переводе таджикских сложных слов на русский язык..... **131**
Шарипов Н.Н., Ҳикматов Ҷ.Ҳ., Умарова Б.М. Модалнокӣ ҳамчун категорияи функсионалӣ-семантикӣ (ҷанбаи назариявӣ)..... **136**
Ашрапова М.К., Шерматова Ш.М. Мубрамияти тарҷумаи истилоҳоти иқтисодӣ..... **139**
Абдуллоева С. Ш. Исследование системных отношений синтаксиса русского языка..... **143**
Нурова З. Таҳлили муқоисавии категорияи грамматикии сифати аслӣ дар забонҳои тоҷики ва англисӣ..... **148**
Ризоева Г. И. Межкультурная адаптация языка деловых переговоров..... **155**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ - Л И Т Е Р А Т У Р О В Е Д Е Н И Е

Тоиров У. Таърихи адабиёт дар як тарҷеъбанд..... **161**
Восиев К., Восиева Р.К. Пайрави муваффақи сабки ҳиндӣ..... **177**
Ҳусейнзода Ф. Назаре ба як асари маърифатоини устод Айнӣ роҷеъ ба адабиёти атфол..... **181**
Абдулқодири Наҷмиддин. Аълохон Афсаҳзод-ҷомишинос..... **185**
Набиева М.Н. Таъсирпазирии шоирони давраи нави адабиёти тоҷик аз осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пажӯҳиши устод Шакурии Бухороӣ..... **189**
Юнуси Аҳтамшоҳ. Мақом ва мавзеи вожаҳои “ҳинду” ва “Ҳиндустон” дар зарбулмасалу мақолҳои мардуми тоҷику форс..... **194**
Гулихандони Маликнеъмат. Бадалшавии сутуҳи ровӣ дар «Маснавии Маънавӣ»..... **199**
Каримова Д. Вазъи забону адаби арабӣ то замони Мавлоно Ҷалолиддин Балхии Румӣ..... **204**
Раҳмонов Ҳ.А. Таҳаввули адабиётшиносӣ ва уфуқҳои нави таҳқиқи он..... **208**
Наимова Ф. Мулоҳизаҳои А. Лоҳутӣ оид ба маҳорати адабии С. Айнӣ..... **215**
Очилова М.И. Навовариҳои Замахшарӣ дар боби киноя..... **219**
Раджабова М.Т. Таъсири тазкираи “Харидат-ал-қаср ва ҷаридат-ал-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ба осори донишмандону адибони мутааххир..... **223**
Ризоева П. Мурурe ба зиндагинома ва эҷодиёти Абӯ Музаффари Абевардӣ..... **228**
Ҳайдарова С.А. Марҳалаҳои рушди насри Абдулҳамид Самад..... **231**
Қосимов С. Вижагиҳои мундариҷавию шаклии шеъри замони истиқлол (дар мисоли эҷодиёти Низом Қосим, Фарзона ва Муҳаммад Ғоиб)..... **238**
Шарипова Г. Нигоҳи иҷмолӣ ба зиндагӣ ва эҷодиёти Нозик ал-Малоика..... **245**

Раҷабова М. Самоъи орифон дар ақволи бузургон..... **248**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

Абдуҷаббори Сафаралӣ. Вижагиҳои мустақилгардии ВАО-и тоҷик…….. **254**
Саидзода О.С. Ташаккул ва инкишофи «Театри як ҳунарманд» дар гуфторҳои адабии радиои «Тоҷикистон» (дар мисоли хонишҳои манзум ва мансури Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов дар радио)…… **257**

ТАРТИБИ ТАҚРИЗДИҲӢ БА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИЕ, КИ БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН. БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ» БАРОИ ЧОП ПЕШНИҲОД МЕГАРДАНД

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, аз ташхиси пешакӣ гузаронида мешаванд (ташхис аз ҷониби аъзоёни ҳайати таҳририя – мутахассисони соҳаи дахлдор анҷом дода мешавад) ва сипас дар доираи тартиботи ҷорӣ барои чоп қабул мегарданд. Талабот барои тартиб додани шакли ниҳоии матни мақола дар ҳар як шумораи маҷалла чоп карда мешавад.

Ҳангоми қабули шакли дастнависи мақола, корбарони маҷалла нисбат ба мундариҷа ва риояи талаботи асосӣ ба муаллиф хабар медиҳанд ва он норасоиҳое, ки дар мақола ҷой доранд, то оғози ташхис аз ҷониби муаллиф бояд бартараф карда шаванд.

Сипас мақолаи илмӣ, дар доираи талаботи ҷорӣ, барои ташхис ба аъзоёни ҳайати таҳририя ва ё мутахассисони соҳаи дахлдор (номзадҳо ва докторони илм) равон карда мешавад.

Дар тақриз бояд хусусиятҳои муҳимми мақола асоснок карда шаванд. Аз ҷумла, навоварии илмӣ, муҳиммияти омӯзиши масъала, арзиши таърихӣ ва фактологии мақола, дурустии иқтибосҳои нишондодашуда, услуби матн, истифодаи адабиёти солҳои охир ва камбудию норасоиҳои мақола. Дар охири тақриз ба мақола баҳои умумӣ дода мешавад ва ба ҳайати таҳририя дар мазмунҳои зерин хулосаи муқарриз пешниҳод мегардад: ба чоп тавсия карда шавад; баъди ислоҳи камбудиҳо ба чоп тавсия карда шавад; барои тақриз иловатан ба мутахассиси дигари масъалаи дахлдор фиристода шавад; барои чоп тавсия карда намешавад. Ҳаҷми тақриз бояд аз як саҳифа кам набошад.

Мақолаҳои илмии барои чоп қабулгардида, аммо ба тағйирот ниёздошта, бо нишон додани тавсияҳои муқарриз ва муҳаррир ба муаллифон фиристода мешаванд. Муаллифон бояд камбудию норасоиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, шакли ниҳоии матни чопӣ ва электронии мақоларо бо дастхати пештарааш ба маҷалла пешниҳод намоянд. Баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта мақолаи илмӣ такроран барои тақриз супорида мешавад ва сипас аз ҷониби ҳайати таҳририя барои чопи он иҷозат дода мешавад.

Мақолае, ки ба он тақризи мусбӣ дода шудааст ва чопи он аз ҷониби ҳайати таҳририя ҷонибдорӣ гардидааст, барои нашр қабулгардида ба ҳисоб меравад.

Раванди тақриздиҳӣ ба мақолаҳои дастнавис ошкоро намебошад. Паҳн намудани хабар дар бораи раванди тақриздиҳии мақолаи дастнавис боиси поймол гардидани ҳуқуқи муаллиф мегардад. Муқарризон барои нусхабардорӣ намудани матни мақола ва истифода намудани он барои эҳтиёҷоти худ ҳуқуқ надоранд.

Муқарризон, инчунин аъзоёни ҳайати таҳририя то нашри мақола иттилооти дар матни мақолаи дастнавис ҷойдоштаро ба манфиати худ истифода бурда наметавонанд.

Тақризҳо дар нашрияи маҷалла ба муддати 5 то сол нигоҳдорӣ мешаванд.

Идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия ирсол менамояд.

Инчунин идораи нашрия ҳангоми дархости дахлдор нусхаҳои тақризҳоро ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ирсол менамояд.

ПОРЯДОК
РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА. СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН
Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ» пешниҳод мегарданд

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

–номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;

–матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО
НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук» основан в 2012 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим группам специальностей: 10.01.00 – Литературоведение и 10.02.00 – Языкознание. Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

2018. №8. Ч.2

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: М.Н.Набиева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 29.12.2018 г. Заказ №2018/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.